**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКӢ**

# Паҳлуҳои як истеъдод

**Душанбе**

**2021**

*Бо қарори ҷаласаи Шӯрои илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ(протоколи № 3, аз 09.03.2021) ба чоп тавсия шуд.*

**Паҳлуҳои як истеъдод**. – Душанбе : Дониш, 2021. − .... саҳ.

**Зери назари**
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
академик, Фарҳод Раҳимӣ

**Муқарризон:**
Кароматулло Олимов, академик, доктори илмҳои фалсафа,
Шамсиддин Солеҳов, доктори илмҳои филологӣ

**Муҳаррир:**
Шамсиддин Муҳаммадиев

**Мураттиб:**
Олим Бухориев

**Паҳлуҳои як истеъдод.** Маҷмӯа ба ифтихори 75-умин солгарди зодрӯзи доктори илмҳои филология, адабиётшиноси машҳур, мунаққиди варзида, тарҷумон ва Шоири халқии Тоҷикистон – Аскар Ҳаким интишор гардида, дар он мақолаҳои илмии адабиётшиносон, адибон, муҳаққиқони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ, монанди Р.Ҳамзатов, А.Раҳмонзода, М.Диноршоев, Т. Зулфиқоров, С.Золотсев, В.Орлов, А.Сагратян ва дигарон, ки дар бораи осори илмии адабиётшиносӣ, накди адабии ин донишманди шинохта ва шеъри шоири номвари тоҷик изҳори назар намудаанд, гирдоварӣ шудаанд.

**Грани одного таланта.** Сборник издан в честь 75-летия Аскара Хакима, доктора филологических наук, известного литературного критика, выдающегося переводчика и Народного поэта Таджикистана, в него вошли научные статьи литературных критиков, писателей, известных отечественных и зарубежных исследователей, таких как Р.Гамзатов, А.Рахмонзода, М.Диноршоев, Т.Зулфикаров, С.Золоцев, В.Орлов, А.Сагратян и других, о научных произведених, литературной критике и поэзии этого известного ученого и замечатеьного таджикского поэта.

**Facets of one talent.** The collection was published in the 75$^{th}$ anniversary of Askar Hakim, Doctor of Philology, a famous literary critic, an outstanding translator, and volk poet of the Tajik people. It includes scientific articles of literary critics, writers, famous local and foreign researchers, such as R. Ghamzatov, A. Rahmonzoda, M. Dinorshoev, T. Zulfikorov, S. Zolotsev, V. Orlov, A. Sagratyan and other’s comments on scientific works. It also contains literary criticism and poetry of this famous scientist and remarkable Tajik poet.

*Фарҳод Раҳимӣ,*
*Президенти Академияи*
*миллии илмҳои Тоҷикистон*

# ПАҲЛУҲОИ ЯК ИСТЕЪДОД

Вақте ки як шахс ҳам шоир асту ҳам олим, ба миён омадани суоле, ки кадоме аз ин фаъолиятҳои зеҳнӣ барояш муқаддамтару дар кадоме аз онҳо бештар ба тавфиқ даст ёфтааст, табиӣ ба назар мерасад. Вале ба ин суол дар ҳамин аввал ҷавоб гуфтан нашояд, зеро мавсуф на фақат шоиру адабиётшинос, балки публисисту тарҷумони хуб ҳам ҳаст ва намунаҳои ин навъи асарҳояш дар “Маҷмӯаи осор”-и ҳафтҷилдааш ҳам гирд оварда шудаанд. Аскар Ҳаким Шоири халқии Тоҷикистон, Барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ, доктори илмҳои филологӣ, адабиётшинос, мунаққид буда, асарҳояш дар соҳати адабиёти муосири тоҷик ва илми он ҳамчун як падидаи муҳимми илмӣ ва адабию бадеӣ пазируфта шудаанд.

Аскар Ҳаким эҷодиёти худро аз шеър сар карда, аввалин шеърҳояшро дар солҳои шасти асри гузашта гуфтааст. Аммо шуҳрату мақоми ӯ дар Тоҷикистон ва берун аз он, хусусан дар кишвари Русия, нахуст аз рӯйи мақолаву рисолаҳои илмиаш ба даст омадаанд, бинобар ин, ҳоло дар ин ҷо аввал доир ба ашъори шоир сухан хоҳем ронд. Аз маҷмӯаи нахустини ашъори ӯ “Раҳнавард” (с. 1983) то “Маҷмӯаи осор”-и ҳафтҷилда (с.2017), ки дар ду ҷилди аввали он дар баробари шеърҳо аз китобҳои пешин, шеърҳои нави бисёре ҷой гирифтаанд, бештар аз понздаҳ китоби шеъраш ба чоп расида, чеҳраи шоирии ӯро равшан муҷассам намудаанд.

Ду ҷилд ашъор, бешубҳа, дар бораи чигунагии шоир тасаввуроти мукаммале медиҳанд ва агар зарур ояд, ки дар аввал хусусияти боризи онҳо қайд карда шавад, бояд аз тавъам омадани эҳсосоти фарогир бо андешаи амиқ,

мустаҳкамии заминаи шайъиву воқеӣ, фарохии доманаи тасвир, ба ҳам омехтагии лиризму драматизм, бардоштҳои фалсафӣ аз зиндагӣ сухан ронд, зеро ки онҳо сифатҳои асливу афзалиятноки ин ашъор мебошанд. Дар баробари ин, рӯйдодҳои муҳимму таърихии ҷомеа, ки дар гузаштаву имрӯз ба вуқуъ омада, дар зиндагии мардуми кишвар нақши сарнавиштсоз доранд, ҳамеша дар мадди назари шоир буда, дар шеърҳояш бозтоби шоирона пайдо кардаанд. Аз ҷумла, дар маснавии шукрияи "Номаи фахру сипос", ки ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст, шоир моҳияти сиёсати давлатдории ӯро ҳаққониву бадеъ баён менамояд:

*...Гуфтӣ: «Ин таъриху ин фарҳанги туст,*
*Ҳеҷ медонӣ, ки сад ман санги туст.*
*Фахри дирӯзи Аҷам ту будаӣ,*
*Равшании ҷоми Ҷам ту будаӣ.*
*Ор бошад зистан дар бандагӣ,*
*Боядат тасхир кардан зиндагӣ.*
*Боядат дар даҳр қад афрохтан,*
*Хешро тоҷики тоҷик сохтан.*
*Рустаме бояд шудан, бархез мард,*
*Ҷойи мардон аст майдони набард.*
*Арсаи мо арсаи оре бувад,*
*Арсаи нангу ватандорӣ бувад.*
*Ҳар кӣ дар ин арса хезад, мард ӯст,*
*Ҷонфидоёни ватанро фард ӯст.*[1]

Шоир дар ин шеър дар бораи хидматҳои бузурги Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, ки саҳми ӯ дар бунёди сохтори давлатдории навини соҳибихтиёру ягона,

[1] Аскар Ҳаким. Маҷмӯаи осор. Иборат аз 7 ҷилд . Ҷ.1. −Хуҷанд: Ношир, 2017. − С. 15-16.

ҳуқуқбунёду демократӣ ва озоду дунявии тоҷикон беназир мебошад, бо самимият сухан ронда, онро бо сувари хаёли зебо пироиш кардааст. Ин маснавии шукрия дар арҷгузории шахсият ва фаъолияти давлатдории Президенти мамлакат яке аз беҳтаринҳо мебошад, ки дар хонанда оид ба гузаштаи пуршаъну шони халқи худ эҳсоси ифтихор парварида, ӯро имрӯзу фардо ба эҷоди корномаҳои бузурги зиндагисоз ташвиқу тарғиб менамояд.

Мавзӯъ ашъори Аскар Ҳаким доманаи фарохе дорад. Ҳам дар ақидаҳои ӯ дар бораи шеър ва ҳам дар таҷрибаи шоириааш, ҳамеша таъкид бар он аст, ки зиндагӣ бо тамоми зуҳуроти оливу ғайриолияш низ мабҳаси шеър шуда метавонад. Дар ин маврид дидгоҳи шоир муҳимм аст, ки ҳастиро бо чӣ нигоҳе мебинад ва бо чӣ забоне баён менамояд. Бинобар ин, агар ҳам гуфта шавад, ки мавзӯъ ва муҳтавои шеъри ӯ сиёсиву иҷтимоӣ, панду ахлоқӣ, фарҳангиву фалсафӣ, маънавию ошиқона аст, ҳоло ҳам ҳамаро дар бар нагирифтааст, зеро он хеле фарохтар аз ин номгӯ мебошад, ки табиист, зеро зиндагӣ боз бисёр ҷиҳатҳое дорад, ки шомили ин зикр нест. Аскар Ҳаким ҳамеша кӯшидааст, ки гуногунтарин ҳодисаҳои зиндагиро бо чашми шоирона бубинаду шеърияташро кашф бикунад. Ин азми ӯ дар шеърҳои “Дарё, маро бигир!”, “Чӣ эҳсоне?!”, “Эъҷози парвоз”, “Шод бояд буд”, “Пайки озодӣ”, “Ситораҳои рӯз” ва силсилаи ғазалу рубоиву дубайтиҳои ӯ равшан ба назар мерасанд, ки паҳлуҳои мухталифи воқеияти ҳастиро ба тасвир гирифтаанд. Шоир, масалан, фалсафаи зиндагии инсонро дар шеъри “Эъҷози парвоз” ба воситаи мафҳуми парвоз баён намуда, талқин мекунад, ки инсон танҳо ҳангоми озод будан рисолати инсонии худро ба ҷо оварда метавонад, зеро ба ақидаи ӯ осмону кайҳон барои парвози инсон офарида шудааст, вагарна ҳатто офаридани онҳо маъно надошт. Албатта, дар ин ҷо парвоз маънои расидан ба асолати хеш ва иҷрои рисолати инсонии худро дорад. Ва ин маъниро ӯ хеле шоирона чунин иброз медорад:

*Ҳар куҷо дому қафас ҳаст,*
*шикастан бояст*
*Ва ҷаҳонро ба пару бол ороcт,*
*На, ки бепарво*
*миқроз задан*
*Атласи боли кабӯтарҳоро,*
*К-осмон шефтаи болу пар аст*
*Ва ба ҷон*
*ошиқи парвози кабӯтарбачаҳост.*

*Баски дар муъҷизи эҷоди замину кайҳон*
*Осмон бошаду*
*парвозе на,*
*Осмон бемаъност.*[2]

Ҳамон тавре ки болотар дида шуд, шеъри "Номаи фахру сипос" дар шакли суннатии маснавӣ буд ва ин шеър дар шакли арӯзи озод аст, ки ҳар ду ҳам муваффаққона эҷод шудаанд, яъне Аскар Ҳаким дар анвои гуногун – ҳам суннатӣ ва ҳам навпардозона дасти тавоно дорад. Ӯ ҳамеша, ҳам дар шеър ва ҳам дар накдҳояш, барои ташвиқу тарғиб ва густардагии тозакориҳо ҷаҳду талош мекунад, аз қолабҳои нав бештар истифода карда, дар ин кор муваффақ будааст. Ашъоре, ки ӯ дар шаклҳои гуногуни арӯзи озод сурудааст, масалан, "Замини сабзи боварҳо", "Наврӯзи фарвардин" ва амсоли инҳо, ки таъриху фарҳанги ҳазоронсолаи тоҷикро тамҷиду арҷгузорӣ мекунанд, аз беҳтарин намунаҳои шеърӣ дар ин мавзӯъ ба шумор мераванд, ки андешаҳои амиқро бо эҳсосу таассуроти фарогир ва сувари хаёли рангин баён намудаанд. Вале барори эҷодии ӯ танҳо бо ҳамин навъҳои шеър маҳдуд нашуда, паҳнои бештаре дошта, мухаммасу мусаллас, ғазалу рубоӣ, қитъаву дубайтӣ ва дигар навъҳоро

[2] Аскар Ҳаким. Маҷмӯаи осор. Ҷ.2. – С. 6.

низ дар бар мегирад. Масалан, маснавии “Имони саг”, ғазали “Ойинаи нур” ва рубоиву дубайтиҳои бисёреро метавон ба забон овард, ки онҳо ҳам бо диди жарф, сувари хаёли тозаву маонии писандида ба хотир менишинанд. Дар ин бора рубоии зеринро мисол овардан кофист, ки имрӯзҳо дар забони мардум ҷорист:

Аз миллату аз забони худ ёд кунед,
Арвоҳи гузаштагони худ шод кунед.
То ҳарф занад ба тоҷикӣ тифли шумо,
Дунйии варо тоҷикӣ бунёд кунед.

Доманаи мавзӯъ, муҳтаво ва гуногунии анвои шеър ҳар қадар фарох бошад, ба ҳамон андоза забони бою қудратманд талаб дорад, то ки онро ба дараҷаи зарурӣ бадеъ ва комил тасвиру ифода карда тавонад. Шеъри Аскар Ҳаким комилан ҷавобгӯи ин талабот аст, забони ӯ сарватманд, фахим, фасеҳ буда, ҳамчун намунаи забони меъёре, ки имрӯз шеъри ҳавзаи форсизабонон хостори он аст, шинохта мешавад. Ин андешаро гуфтаҳои шоирону донишмандони ҳавзаи адабиёти форсизабонон, аз ҷумла Алиризои Қазва, Сайид Алии Мӯсавии Гарморӯдӣ, Муҷиби Меҳрдод, Алиасғари Шеърдӯст, Шамсулҳақи Ориёнфар ва дигарон низ собит менамоянд, ки дар мақолаҳояшон баён кардаанд.

Дар таҷрибаи шоирии Аскар Ҳаким он чиз ҳам писандида ва қобили пайравист, ки ӯ дар баробари дар анво (жанрҳо)-и гуногун шеър гуфтанаш, аз вазнҳои мухталифе, ки ашъорашро аз якнавохтӣ раҳо карда, ба онҳо тозаоҳангӣ мебахшанд, низ истифода мекунад. Ин ҷиҳати эҷодиёти ӯро дигар муҳаққиқон ҳам ҳамчун сифати хуб арзёбӣ кардаанд, ки комилан дуруст аст. Ба ин ғазалҳое, ки бо мисраъҳои “ Зи рафоқати камондорон ба дили рамида ғамгинам”, “Абр хушкид аз гиря, то чӣ бар тори ман гиряд”, “Ҳамчу ҷоми тиҳӣ аз май кӯча шомгаҳон холист”, “Чӣ хатои даврон аст, ки туро забон дода” оғоз мешаванд, далел мебошанд. Ин

ғазалҳо бисту панҷ-сӣ сол қабл аз ин гуфта шудаанд ва вазни онҳо он вақт аввалин бор дар шеъри муосири тоҷик ба истифода рафта буд.

Аскар Ҳаким дар баробари анвои гуногуни ашъори ғиноӣ достону манзумаҳо низ эҷод кардааст, ки "Достони Нону Имон", "Санги ман – алмос", "Чакомаи ризои модар" аз ҷумлаи онҳо буда, бо муҳиммии мавзӯъю муҳтавои худ, ҳарчанд дар бораи онҳо мақолаҳо навишта шудаанд, боз ҳам гуфтугӯйи алоҳидаро мехоҳанд, вале дар ин ҷо шояд ҳамин қадар таъкид кардан кофист, ки онҳо ба хазинаи мондагори адабиёт ворид шуда, муҳаққиқон онҳоро дастовардҳои шоёни шеъри муосир номидаанд. Агар мақоми шеърро дар эҷодиёти Аскар Ҳаким ва муносибати ӯро ба шеър хулосатан баён карданӣ шавем, ҷой дорад, ки аз ин суханони устоди бузурги шеъри муосир Расул Ҳамзатов истифода кунем: "Аскар Ҳаким шеърро ҳамсони ниёиш меофарад. ...худи ӯ ҳам ба шеър бо изтироби ибодату ниёиш ва эҳтироми комил муносибат дорад. Ва азбаски ҳар гуна ниёиш кори муқаддасест, ки рӯҳро мусаффою баландпарвоз мекунад, шеър ҳам ба ақидаи ӯ, ба тозагӣ ва фарозрафтанҳои рӯҳ мададгор бояд бошад. Бисёре аз навиштаҳои Аскар Ҳаким маҳз барои амалӣ гаштани ҳамин гуна таблаботи олӣ хидмат мекунанд"[3] .

Аввалин мақолаи ҷиддии адабиётшиносии Аскар Ҳаким "Нӯшбоди шоир", ки дар бораи маҷмӯаи "Нӯшбод"-и Лоиқ баҳс мекард, соли 1971 ҳангоми аспиранти донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов буданаш дар маҷаллаи "Садои Шарқ" ба чоп шуда, ҳамоно мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаб қарор мегирад ва ба шуҳрати мунаққидии ӯ оғоз мебахшад. Далелаш ин аст, ки пас аз чопи ин мақола устоди зиндаёд Муҳаммадҷон Шакурӣ ба ӯ мактуб навишта, ӯро баъди хатми аспирантура ба шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти Академияи илмҳо ба кор

[3] Аскар Ҳаким. Маҷмӯаи осор. Ҷ.1. – С.12.

даъват мекунанд, ки он замон ба ин гуна даъват сазовор шудан ба ҳар кас муяссар намешуд. Аз ҳамон давра рисолаву мақолаҳои илмӣ ва нақди адабии ӯ муттасил ба чоп мерасанд, ки оид ба масъалаҳои муҳимтарини шеъри муосири тоҷик – тимсоли инсон ва шеъру шоир, мақоми вожа ва тасвир, таҳаввули арӯз, суннату навгароӣ, равандҳои шеър ва худогоҳии шоир ва монанди инҳо баҳс мекунанд. Рисолаҳои “Вожа ва тасвир”, “Таҳаввули арӯз”, “Аз ғазал то шеъри озод”, ки дар китоби пешини муҳаққиқ “Шеър ва замон” (с.1978) ба чоп расида буданд, дар замонаш аз ҷониби нақди адабии тоҷик ва рус хуш пазируфта шуда, тарҷумаи онҳо дар нашрияҳои муътабари Маскав ба чоп расида буд. Мақолаҳои “Тазодҳои фаровонии шеър”(дар тарҷума ба русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва чанд забони дигар), “Ҳарфи хеш аз даври хеш” (ба русӣ), “Равандҳои шеър ва худогоҳии шоир” (ба инглисӣ), “Навбаҳори ҳамрангӣ”, “Аз хаёл то висол”-ро низ нашрияҳои илмиву адабии Русияву Эрону Амрико чоп карда буданд. Ин амр гувоҳи он аст, ки дар ин рисолаҳо масъалаҳои муҳимми (адабиву бадеӣ) ҳаётӣ ба таҳқиқи амиқи илмиву адабӣ баррасиву таҳқиқ шудаанд. Қобили қайд аст, ки ин рисолаву мақолаҳо шеъру адаби тоҷикро ба аҳли адаби ҷаҳон муаррифӣ кардаанд.

Ба қалами Аскар Ҳаким мақолаҳои сершумори хурду бузург, чеҳраҳои адабӣ, мусоҳибаю мубоҳисаҳо тааллуқ доранд, ки дар онҳо масъалаҳои назму насри адабиёти муосири Тоҷикистону кишварҳои ҳамҷавор, ҳамчунин масъалаҳои маънавиёту ҷомеа, талаботи замону адабиёт ва дигар соҳаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Дар рисолаву мақолаҳои ӯ аз осори устод Айниву Лоҳутӣ сар карда, то эҷодиёти ҷавонтарин насли адибони имрӯз Мубашшири Акбарзоду Сурайёи Ҳаким баррасӣ гардидаанд, ки далели вусъати назари муаллиф дар фарогирии шахсиятҳо ва ҳодисаҳои адабӣ мебошад. Дар мусоҳибаву мубоҳисаҳои худ адиб оид ба гуногунтарин масъалаҳои адабиву бадеӣ, арзишдоварӣ ба адабиёт,

ҳақиқати нақди адабӣ, равандҳои шеъри муосир, меъёри истифода аз захираи вожагонии забон ва монанди инҳо изҳори назар намудааст.

Шеъри муосири тоҷик дар садаи бист ва махсусан дар нимаи дувуми он дастовардҳои шоёне дошт, ки онро на танҳо дар кишвари мо, балки дар соири кишварҳо ҳам соҳиби эътибори махсус гардонида буд. Вале ҳақиқати ҳол чунин рагн дошт, ки дар он замон нақду баррасии назариву адабиётшиносонаи шеър ба дараҷаи зарурӣ анҷом напазируфта буд. Дар ин бора баъд аз рисолаи "Шеър ва замон"-и Аскар Ҳаким, ки соли 1978 ба нашр расида буд, асари илмии дигаре ба вуҷуд наомад. Ҳоло таҳқиқоти муфассали тозаи илмии ӯ "Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми садаи XX)" чоп шуда, ин камбудро бартараф кард, ки аз ҷониби донишмандони зубдаи илми адабиётшиносӣ Абдуҷаббор Раҳмонзода, Матлубаи Мирзоюнус, Абдушукури Абдусаттор, Абдунабӣ Сатторзода, Шамсиддини Солеҳ ва дигарон баҳои баланд гирифтааст. Дар ин асар эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Фарзона ва дигарон ба таҳлил гирифта шудааст. Аз зикри номи шоирон ва давраи ба таҳлилгирифта ҳам маълум аст, ки доманаи ин тадқиқот аз назари фарогирии мавод ва замон хеле фарох аст. Ҳамчунин, агар ба ин илова шавад, ки шеъри ин замон бо дарназардошти панҷ намуди вижагӣ ба тариқи хронологӣ аз аввали эҷодиёти ҳар шоир то охири сада ба баррасӣ кашида шудааст, пас вусъати ин кори илмӣ дақиқтар муайян мешавад.

Муаллиф дар панҷ боби ин тадқиқот шеъри ин давраро аз рӯи панҷ навъ – шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ, шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ, шеъри ғиноии тавсифиву тасвирӣ, шеъри ғиноии шахсиятӣ ва шеъри ғиноии ҳикоятӣ таҳлил карда, ҳамзамон вижагиҳои мавзӯиву муҳтавоӣ, сабкӣ, ҳунарӣ, забонии онро мушаххасан дар эҷодиёти ҳар шоири мавриди таҳқиқ қарордошта нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, “Анвои шеъри ғиноӣ” (нимаи дувуми садаи XX) ҳоло ягона таҳқиқоти муфассале мебошад, ки ин давраи пурмаҳсули шеъри тоҷикро фаро гирифта, муҳимтарин дастовардҳои ашъори даврро аз ҷиҳатҳои моҳиятноктарини он – нақши андешаҳои отифиву эҳсосоти фард, ашё, тасвир, мақоми шахсият, ҳикоят таҳлил намуда, дар баробари он маҳорати шоириро дар баёну ифодаи онҳо бо мисолҳои дақиқу равшан баррасӣ меканад.

Аскар Ҳаким муддати 25 сол дар оғоз ба сифати яке аз котибон, пас аз чанде сардабири ҳафтавори “Адабиёт ва санъат” ва баъдан Раиси Иттифоқи нависандагони кишвар фаъолияти пурмаҳсули илмиву адабӣ намудааст. Табиист, ки дар он солҳо оид ба ҷараёни умумии адабиёт, масъалаҳои умдаи он, нақду адабиётшиносӣ маърӯзаву гузоришу мақолаҳои бисёре навиштааст, ки бархе аз онҳо ҳамчун “Адабиёт аз дидгоҳи замони нав”, “Адабиёт ва истиқлол”, “Масъалаҳои адабиёт масъалаҳои танқиданд” дастовардҳои умдаи адабиёту адабиётшиносиро ба таҳқиқ гиранд, баъзеи дигари онҳо ҳамчун “Шеъри замонӣ ва ҷустуҷӯҳои маънавию ахлоқӣ”, “Равандҳои шеър ва худогоҳии шоир” оид ба масъалаҳои махсуси онҳо баҳс мекунанд, ки ҳар кадом дар ҷои худ арзишу аҳаммияте доранд.

Назари Аскар Ҳаким ҳамчун роҳбари собиқи ташкилоти эҷодӣ ва ҳамчун як нафар эҷодкор оид ба масъалаҳои муносибати тарафайни ташкилоту адиб, масъалаҳои мубрами зиндагӣ ва адабиёт, арзишҳои маънавию ахлоқӣ, мавқеи адабиёт дар иҷтимои кишвар, мақоми адабиёти тоҷик дар байни адабиётҳои дигар, ки дар мақолаи “Уфуқҳои тозаи андеша” баён шудааст нд, хеле арзишманд буда, истифодаи онҳо дар ҳаёти адабӣ манфиати назаррасе бор хоҳад овард.

Аскар Ҳаким ҳамеша дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвар ҳузури фаъолона дошта, дар зинаҳои гуногун вакили маҷлисҳои ноҳиявиву шаҳрӣ ва муовини Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии кишвар буд. Ин чиз на фақат ба

хусусияти ҷаҳонбинӣ ва осори ӯ таъсири давлатмеҳварии худро гузоштааст, балки ӯ дар ин бора мақолаҳои махсус ҳам навиштааст, ки мисолаш мақолаи “Ҷомеа, Президент, Парламент, Қонун” мебошад. Ӯ дар он масъалаҳои давлату давлатдориро мавриди баррасӣ муқаррар карда, муҳиммтарин ҷиҳатҳои онро, ҳамчун уҳдадории ҷомеа, мақоми Президент, Парламент ва Қонунро дар умури давлат ба андеша гирифта, мулоҳизаҳои худро баён менамояд, ки хеле санҷидаву манфиатнок мебошанд. Муаллиф, аз ҷумла дар бораи чигунагии хосияти қонунҳо менависад: “Таҷрибаи чандҳазорсолаи башарӣ нишон медиҳад, ки қонунҳо ҳар қадар дар заминаи ахлоқию маънавии мустаҳкам омода шуда, нармтару инсонпарваронатар бошанд, ҳамон қадар камтар вайрон карда шуда, амалашон ҳам комилтар мегардад ва ё аз назари илми қонуншиносӣ бигӯем, сахтии қонунҳо барои риояи онҳо мамониат пеш меорад... Бинобар ин, ҳамаи қонунҳо, новобаста аз соҳаашон, барои он ки ба беҳбуди авзои ҷомеа мадад расонанд, бояд моҳияти ахлоқӣ ва таъсири пурқуввати маънавӣ дошта бошанд”. Ин мақола баёнгари он аст, ки муаллиф дар масъалаи давлату давлатдорӣ вуруди комил дошта, онро ба масъулият ва тахассуси тамом ба қалам меоварад.

Таҷрибаи адибони муваффақ собит намудааст, ки онҳо на фақат мероси адабиёти худ, балки адабиёти ҷаҳонро ҳам омӯхтаву тарҷумаҳо карда, ба дастовардҳо ноил шудаанд, ки Аскар Ҳаким ҳам истисно нест. Ба қалами ӯ тарҷумаҳои “Мазҳакаи илоҳӣ” (фасли “Дӯзах”)-и А. Данте, достони “Хазинадорзани тамбовӣ”-и М. Лермонтов, китоби ашъори шоири арман Геворг Эмин “Аср. Замин. Ишқ”, қиссаи “Сотников”-и Васил Биков, намоишномаи А. Коломиетс “Фариштаи ваҳшӣ” ва ашъори як силсила шуарои машҳури муосир Ярослав Смеляков, Емилиан Буков, Мухтор Шаханов, Муҳаммад Алӣ, Карло Каладзе тааллуқ доранд. Ин тарҷумаҳои Аскар Ҳаким, ки аз назм, наср ва намоишнома иборатанд, ҳама забони фасеҳу сарватманд ва

сабки корхӯрдаву салис доранд, ки далели дар ин ҷода ҳам маҳорату дасти тавоно доштани ӯст. Мусаллам аст, тарҷумаи "Дӯзах" аз "Мазҳакаи илоҳӣ"-и Данте, ки шоҳкори адабиёти ҷаҳон аст, заҳмати беандозае мехоҳад. Дар бораи сифати ин тарҷума мутахассисон фикру ақидаи худро навишта, онро арҷгузорӣ карда буданд, аммо тарҷумон бо кори пешини худ қаноат накарда, кори худро боз як бори дигар аз қалами таҳрир гузаронида, ба чоп расонидааст, ки, бешак, бар манфиати асар анҷом пазируфта, далели заҳматписандии ӯст.

Аз тарҷумаи қиссаи машҳури "Сотников" маълум мешавад, ки тарҷумони он қалами расои насрнависӣ ҳам доштааст, ки қиссаи ёддоштии "Гуфтор дар бораи худ"-и ӯ далели ин суханҳост. Дар он Аскар Ҳаким ёддоштҳои худро дар бораи муҳимтарин воқеаҳои фаъолияти эҷодиву хидматиаш интихобану мухтасаран нақл кардааст. Ӯ қайд менамояд, ки барои навиштан фурсати кам дошта, хеле воқеаҳоро сарфи назар кардааст ва дар оянда умед дорад, ки агар фурсат даст диҳад, онҳоро навишта ба ёддошт ворид хоҳад кард. Агар ҳамин гуна ёддоштҳои муфассале ба қалам ояд, асари арзишманде хоҳад буд, зеро дар он на фақат дар бораи худи муаллиф, балки дар бораи ҳамкорону ҳамсафону ҳамсуҳбатони ӯ, ки аҳли адаб ҳастанд, маълумоти ҷолибе ҷой хоҳад дошт.

Ҳамчунонки осори адибони сершуморе мавриди таҳлилу таҳқиқи Аскар Ҳаким қарор гирифтаанд, дар бораи эҷодиёти ӯ ҳам адибону донишмандон рисолаву мақолаҳои арзишманде навиштаанд, ки рисолаи "Бозтоби фалсафа дар шеъри Аскар Ҳаким"-и академик Мӯсо Диноршоев, мақолаҳои Атахон Сайфуллоев, Аҳмад Абдуллоев, Ҷумъақул Ҳамроев, Абдухолиқ Набавӣ ва дигарон аз ҷумлаи онҳо буда, вежагии ҷиҳатҳои гуногуни эҷодиёти ӯро баррасӣ кардаанд ва бархе аз онҳо дар маҷмӯаи мақолаҳое, ки ба муносибати 75-солагии шоир нашр мегардад, оварда шудаанд.

Ҳоло агар ба оғози мақола баргардем, бояд таъкид кунем, ки соҳибҷашни мо истеъдоди серпаҳлуе дорад, ки маҳсули он асарҳои илмии таҳқиқотӣ, мақолаҳои сершумори нақди адабӣ, шеъру достонҳои баландпоя, тарҷумаҳои арзишманди назму наср буда, ҳар яки онҳо дар ҷараёни илму адабиёти муосири тоҷик нақши мондагори дурахшон доранд.

*Расул Ҳамзатов,*
*Шоири халқии Доғистон*

## МИСРАЪҲОИ ПУРИЛҲОМИ ШОИР

Дар баландтарин кӯҳҳо, дар он ҷойе, ки гӯё аз об нишоне нест, амиқтарин, тозаву булӯринтарин чашмаҳо меҷӯшанд. Дар чунин ҳолатҳо, ҳамчунонки дар шеър аст, баландӣ аксаран мутаносиби амиқист. Парвози баланди қуллаҳои асроаср ҷовидони сухан ҳамчун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Мавлавӣ, Ҳофиз дар жарфои зиндагӣ, эҳсоси миллии ҷаҳоншиносӣ, рӯҳу равон, фарҳанги халқ решаҳои амиқ дорад.

Шеър дар кӯшиши баландӣ ва амиқии хеш як мақсадро пайгирӣ мекунад, ки он дарёфти рӯҳи инсон мебошад, зеро нест чизе аз он баландтар ва амиқтар. Ва шеър дар ҳамгироии ҳар дуи ин муқобилафтодаҳо ба зуҳур меояд, чунонки баландӣ нест бе амиқӣ ва баръакс.

Шеър таҳаррук, таҳарруки андеша ва эҳсосот аст, ки бидуни он на парвоз вуҷуд дораду на ҷараён.

Тоҷикон дар гузашта яке аз адабиёти бузургро офариданд, ҳарчанд адабиёти асил наметавонад гузашта бошад, он на танҳо дар ҳоло ҳозир, балки дар оянда ҳам муосир аст ва ҳамин адабиёт дар замони мо ҳам силсилаи номҳои дурахшонеро, ба монанди Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода пеш овард, ки ҳар яки онҳо бо худ қуллаи махсусеро муҷассам мекунад.

Маро бо Мирзо Турсунзода дӯстии деринсолае буд. Ман ӯро ҳамчун шоири оличаноб, донишманди бузурги фарҳанги маънавии Шарқ, ходими ҷамъиятии маъруф дар саросари қитъаи Осиёву Африқо, роҳбари ҳунарманди Иттифоқи нависандагон ва, албатта, ҳамчун як инсони самимӣ, дилкушод, хирадманд қадр мекардам. Шояд табиати пурҷӯшу хурӯши қафқозии ман дар ӯ таскину оромиш меёфт ва дӯстии мо дар тазоди хулқу атвор, вале дар ягонагии мақсад устувор гашта буд. Мо аз қутбҳои гуногун

ба сӯйи хатти истивои дӯстӣ ҳаракат мекардем. Худо шоҳид, ки мо ба он даррасидем ва онро дар тамоми тӯли умрамон бо шоистагӣ бо худ бурдем.

Бинобар ин, ҳоло дучандон шоду хурсандам, ки ман китоби шогирди ӯ, Аскар Ҳаким, давомдиҳандаи кори ӯро на танҳо дар арсаи шеъру шоирӣ, балки дар фаъолияти бузурги ҳаёти ҷамъиятию давлатии кишвараш – Тоҷикистон муаррифӣ мекунам. Охир, ӯ боз муовини Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ман Аскар Ҳакимро кайҳо, аз даврони Мирзо Турсунзода, аз замоне мешиносам, ки ӯ ҳанӯз тамоман ҷавон буд ва ҳамчунон ки мегӯянд, дар зумраи нависандагони ҷавоне ба ҳисоб мерафт, ки умедҳои бузург мебахшанд. Умедҳо бор оварданд, ҳоло ӯ яке аз шоирони пешбари тоҷик аст. Ва на фақат тоҷик, зеро ӯ ба забони тоҷикӣ менависад, ки бо форсию дарӣ, ки дар Эрону Афғонистон забони модарӣ мебошад, як аст. Бинобар ҳамин ҳам шоиру донишмандони ин кишварҳо дар баррасии манзумаи ӯ «Санги ман – алмос», ки дар Маскав дар Созмони байналмилалии иттифоқҳои нависандагон дар соли 2000 баргузор шуда буд ва ба ман ҳам даст дод, ки дар он ширкат варзида, аз муваффақияти ӯ бо ҷону дил шод гардам, дар бораи саҳми ӯ ҳамчунон дар шеъри муосири форсӣ сухан мегуфтанд. Охир ширкаткунандагони хориҷии баррасӣ соҳибони фарҳанги маҳз ҳамон забоне буданд, ки Аскар Ҳаким бо он менависад ва бинобар ин эътирофи онон махсусан муҳим, асил буд. Онҳо дар бораи ӯ, ҳамчунон дар бораи шоире, ки ҷараёни тозаро дар шеъри муосири форсӣ инкишоф медиҳад, ҳарф мезаданд. Интишори ҷилди калони ашъори мунтахаби ӯ дар Теҳрон ин қазияро бори дигар ба исбот мерасонад.

Дар бораи шеъри Аскар Ҳаким мешавад, ки ҳамчун дар бораи воқеияти асили забони русӣ ҳам сухан гуфт, зеро он аз ҷониби устодони сухан, ҳамчун Владимир Солоухин, Яков Козловский, Станислав Золотсев, ки асосан классикаи шеъри

муосири халкҳои бародарро тарҷума мекарданд, ба забони русӣ баргардон шудааст.

Аскар Ҳаким шеърро ҳамсони ниёиш меофарад. Ин маҷмӯаро хонда бовар ҳосил кардан мумкин аст, ки худи ӯ ҳам ба шеър бо изтироби ибодату ниёиш ва эҳтироми комил муносибат дорад. Ва азбаски ҳар гуна ниёиш кори муқаддасест, ки рӯҳро мусаффою баландпарвоз мекунад, шеър ҳам ба ақидаи ӯ, ба тозагӣ ва фарозрафтанҳои рӯҳ мададгор бояд бошад. Бисёре аз навиштаҳои Аскар Ҳаким маҳз барои амалӣ гаштани ҳамин гуна талаботи олӣ хидмат мекунанд.

Ба ин, махсусан, манзумаи охирини ӯ, «Санги ман – алмос» мисол шуда метавонад, ки ӯ дар он ба ҳама шакли тазоҳури ҳастӣ бо эҳтиром ва шавқу завқ муроҷиат карда, дар баробари андешаҳояш дар сари асрори Олам ва қисмати башарият барои ба мавҷудияти ҳар зарра муҳофизакор будан даъват ба амал меорад:

*Осмон дорад агар панҷаи оби раҳмат,*
*На фақат бар сари сарву гулу райҳону тамишк*
*Ба сари газна, шутурхору ғумой,*
*Ба сари хори хасак ҳам борад.*

Шоир ба моҳияти ҳодисаҳо ва зуҳурот андар рафта мекӯшад, дарёбад, ки:

*Фарқи парвозу хазидан дар чист,*
*Гар паридан нарасонад ба савойи хуршед.*

«Ман»-и лирикӣ, ғиноии ӯ сифатҳои шахсию маҳрамона ва шаҳрвандию шахсиро бисёр ҳам табиӣ ба ҳам меорад. Ва ба ҳамин тариқ ҳамаи ғаму шодиҳои олами атроф, ки моро фаро гирифтааст, ба муҳити ҳамдилии «шахсӣ»-и ӯ мубаддал мешавад.

Ва саросари ин китобро дурахши ҳамчун ситора мисраъҳои муҳаббати муқаддас ва олӣ дар зуҳуроти гуногунаш фаро гирифтааст, ки он муҳаббати фарзандию падарӣ, зану мард, муҳаббат ба халқи хеш ва умуман ба мардум, ба тамоми ҳастӣ ва ба Офаридгори оламҳо мебошад.

Рисолати шоир аз рӯи ақидаи эҷодии Аскар Ҳаким бо шеър барои сафо ва улвияти рӯҳ мадад кардан аст, дар ҳамин аст сабаби ифодаи дурахшони башардӯстӣ дар ашъори ӯ, ки новобаста ба ҳамаи сахтиҳое, ки халқи тоҷик аз сар гузаронд, ҳамеша зарур боқӣ мемонад.

Ёд кардан аз фоҷиаҳое, ки душманон ба сари кишвари ӯ оварданд, ҳар қадар дарднок, дар бораи шароити носозгори ҳозираи иҷтимоӣ фикр кардан ҳар қадар вазнин бошад ҳам, ӯ ба монанди баъзе адибон, ки аз манфиатҳои маҳдуди сиёсӣ ва даъвоҳои шахсии худ фаротар рафта натавонистанд, ба бераҳмӣ дода намешавад. Эҳсоси тоқатнопазирӣ дар шоир ба ҳамаи он чизе, ки барои инсон ва умуман башарият, ҳалокатовар аст, маҳз аз замони бачагӣ, бо сабаби аз тири ярокбадасти маст ба марг расидани модар ташаккул меёбад:

*Шуд аз он рӯз яқин*
*мастию тиру туфангам манфур.*
*«Санги ман – алмос»*

Шоир аз ҳамон замони тифлӣ дарёфта буд, ки истифодаи ярок бо мақсадҳои ҷиноӣ, майхорагӣ, ки харобкори рӯҳ аст, ҳаргиз қобили қабул нест ва ӯ на дар асоси дарки таҷрибаи талхи дигарон, балки таҷрибаи худ фаро меравад, то инсонро дар миқёси ҷаҳон аз ин фоҷиа қаблан огоҳ кунад.

*Шӯри ҷанг аст ба ҳар бонги ситез,*
*Нури сулҳ аст ба ҳар ҳарфи салом.*
*«Санги ман – алмос»*

Ин байт, ки ҳамсони панду ҳикмат аст, тоҷи ҳамаи он чизе мебошад, ки Аскар Ҳаким бар зидди ҳама гуна хунрезиҳои байниҳамдигарӣ навиштааст. Ва ҳар қадар ки башарият аз нутфаи ҳамин гуна сулҳу салоҳ обастан мешавад, ҳамон қадар зудтар он чизе, ки ба шоир дар асари дигари ӯ «Достони Нону Имон» рух менамояд, амалӣ мегардад:

*Ҳар гаҳе ки модари тоҷик мешӯрад хамир,*
*Гӯиё мешӯрад ӯ моро зи нав аслу замир.*
*Гӯиё мегӯяд ӯ моро, ки насли одамед,*
*Модари гетӣ агар розист,асли одамед.*
*Модари инсону гетӣ хоҳад аз фарзанди хеш,*
*То кунад худро раҳо ӯ аз худу аз банди хеш…*
*То ҳама майдони машқу посгоҳи аскарон*
*Сабз гардад ҳамчу гандумзорҳои бекарон…*
*Дорам уммеде, ки халқи гушнаю сери ҷаҳон*
*Гирди ҳам оянд акнун гирди як дасторхон.*
*Чун замин дасторхони сабзи аҳли олам аст,*
*Рӯйи дастархон баробар ҳиссаи ҳар одам аст.*

Ин мисраъҳои ба ин дараҷа саршори илҳоми шоирро хонда, ба амалӣ шудани пешбинии шоири оличанобӣ тоҷик бовар накардан мумкин нест. Фикр мекунам, ки хонандагон некбинии хуршедии ин китоби тозаро комилан эҳсос хоҳанд кард.

*(Сарсухан аз китоби*
*«...И снова взойдет солнце». Москва:*
*«Советский писател», г. 2004.)*

*Абдуҷаббор Раҳмонзода,*
*академик, доктори илмҳои*
*филологӣ, профессор*

## НАЗАРЕ БА ШЕЪР ВА АНДЕШАИ АСКАР ҲАКИМ

Нашриёти “Ношир” «Маҷмӯаи осор»-и шоир ва адабиётшиноси шинохта Аскар Ҳакимро дар ҳафт ҷилд [3, 16-18] аз нашр баровард. Дар ҳар ҷилди он ашъори дар давраҳои мухталиф эҷодкардаи шоир, нақду баррасиҳои мунаққид ва мақолаву гузоришҳои адабиётшинос ҷамъ омадаанд. Махсусан, дар ашъораш дунёи ниҳоят рангини инсони заҳматкашу ватандӯст тасвир ёфтааст. Нигоҳи пурвусъати адиб ҷаҳони андешаҳои қаҳрамони лирикии ӯро дар фосилаҳои замонию макониии дирӯз, имрӯз ва фардо фаро мегирад.

Шоири некусияр дар ҷилди аввал пас аз меҳрномаи муаллиф ва ишораҳои шоири шинохтаи Доғистон Расул Ҳамзатов шеъри васфиеро бо номи “Номаи фахру сипос” эҳдо ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ − Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷой дода, муҳаббат ва самимияти худро ба шахсияти роҳбари маҳбуби халқ баён мекунад. Шоир нақши Роҳбари давлати тоҷиконро дар таҳкими ваҳдати миллӣ, эҳёи суннатҳои волои пешин ва арҷ гузоштан ба таъриху фарҳанги халқ самимона тасвир карда, баъди шарҳи чанд лаҳзаи таърихии замони муосир ва руҷӯъҳои инсондӯстонаи Пешвои миллат ба мардуми тоҷик хулосаҳои адиб бо чунин мисраъҳо ҷамъбаст мегарданд:

*Баъд аз ин донистамат ҷону ҷигар,*
*Чун туӣ, дидам, Ватанро чорагар,*
*Чорасози ҷумлаи дарди Ватан,*
*Аз ватандорон абармарди Ватан.*
*Чун ту давлатмард камтар мерасад,*

*Гар бувад раҳ рост, раҳбар мерасад.*
*Дар ту ҳукму меҳр бо ҳам омада,*
*Ҳукм маҳкам, меҳр марҳам омада...*
*Номи ту бо номи тоҷик зинда бод,*
*Рамзи иқболи Ватан поянда бод* [3, 68].

Шоир дар ин номаи ифтихоромези манзум, аввалан, тавассути ҳофизаи таърихии ровӣ ду фоҷеаро аз сарнавишти бузургони миллат – Рӯдакӣ ва Айнӣ пеши назар меоварад, сониян, бо тариқи гузариш руҷӯи лирикии Эмомалӣ Раҳмонро баён карда, муносибати Пешвои миллатро ба масъалаи ҳифзу ҳимояи давлатдории тоҷикон тасвир месозад ва сипас, муҳаббати халқро нисбат ба сарвараш ифода менамояд. Дар мурочиати Сарвари давлат ба халқи тоҷик маълум мешавад, ки вай бо гузаштаи хеш ифтихор дорад, аз арзишҳои миллиаш дифоъ мекунад ва истиқлолияти давлаташро ҳифз менамояд. Ин манзумаи ифтихория ҷанбаи баланди ватандӯстона дошта, ғояи асосии онро дарки худшиносӣ ташкил медиҳад.

Дар ин ҷилд Аскар Ҳаким инчунин шеърҳоеро, ки дар даҳ маҷмӯаи пешин чоп намудааст, гулчин карда, онҳоро аз рӯи мавзӯъ ҷобаҷо гузоштааст. Дар ин шеърҳо вазъи рӯҳиву равонӣ ва дунёи отифии қаҳрамони лирикии шоир ифода ёфта, шӯру такопӯ, умеду орзу, нишоту хурсандӣ ва меҳру муҳаббаташ ба зиндагӣ бозгӯ гардидааст. Бахше аз ин шеърҳо ҷанбаи ишқӣ, ғинойӣ дошта, гурӯҳи дигар дорои заминаи нерӯманди отифию фалсафӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Махсусан, Аскар Ҳаким ба мавзӯи ишқ ва дунёи рангини ошиқон бо диди хосса назар андӯхта, ҷаҳони рангину дилкаши онҳоро самимӣ ва табиӣ тасвир месозад. Аз дидгоҳи шоир нуру зиёе, ки аз дурахши ахтарони осмон ба падид меояд, нишони ишқи бепоён аст ва ишқ меҳри одамиро устувор мегардонад. Ин ҷилд бо шеъри «Асри бист» оғоз гардида, беҳтарин шеърҳои ватандӯстонаи маҷмӯаи “Раҳнавард”-и шоирро фаро мегирад. Дар ин шеърҳо шоир ҳолати қаҳрамони лирикии худро тасвир

карда, дар чаҳордевори ҳастӣ мурғи зеҳни ӯро ба таҳарруку парвоз медарорад ва ӯ бо андешаҳои рангинаш вазъи дунёи меҳрпарвари худро нисбат ба Ватан, Тоҷикистон, марзу буми он ва дунёи ҷавонӣ ифшо месозад.

Пасон, шоир олами зебо ва пур аз шодию нишоти ошиқонро тасвир карда, дар шеъру ғазалҳои “Ашки ишқ”, “Бо баҳори сабзу мурғони сафед”, ”Ба ту имшаб баҳорон...”, “Дигар кай мерасад дида ба дидор”, “Аз навбаҳори рӯят”, “Атри муҳаббат”,”Ба зери осмон як осмони дигаре хоҳам” ва ғайраҳо шӯру ишқи ҷавониро ситоиш ва васф менамояд. Мақсади асосии шоир дар ин шеърҳо ифодаи розу ниёз, дарду ҳасрат ва ғами ҳиҷрони дунёи ҷавонӣ буда, самимият ва садоқати ошиқон бо шаклу шеваи хос бозгӯ мешавад. Чунончи:

*Ханда мекардӣ ту дар оғӯши ман,*
*Бо ҳавасҳою ҷавониҳои хеш.*
***
*Мӯйҳоят дар бару дар дӯши ман*
*Мавҷ мезад чун хаёли ман париш...* [3, 98].

Аскар Ҳаким дар дар шаш чаҳорпора, аз як тараф, симои зоҳирии маъшуқаро тасвир месозад, аз ҷониби дигар, ҳолати ҷавон ва қалби саршор аз меҳру муҳабати ӯро таҷассум мекунад, ки ҳар ду дар талоши расидан ба “баҳори сабз” чун “мурғони сафед” дунболи ҳам мебошанд.

Аз маҷмӯаи “Тарозуи офтоб”, ки ба ин осор ворид шудааст, шеъри “Тоҷикистон” мазмуни баланди ватандӯстона дорад. Дар ин шеър ҳастии шахсияти ғиноиро муҳаббати Ватан ташкил медиҳад ва тамоми вуҷудашро меҳри беандоза ба сарзамини аҷдодӣ фаро гирифта, аз ситоиши манзараҳои зебою табиати форами он дил канда наметавонад:

*Тоҷикистон, обу хокам обу хоки поки туст,*
*Ту маро ҳам ҷои ҷон, ҳам ҷои дил, ҳам ҷои чашм.*

*Ман қадам чун мениҳам, дар зери поям хоки туст,*
*Гарди хокатро табаррук мениҳам болои чашм,*
*Гар касе як гарди ту дар баҳру бар гум мекунад,*
*Ӯ на гарди хоки покат, балки сар гум мекунад....* [3, 246].

Устод Аскар Ҳаким аз пайи ин шеър пай дар пай ашъори ватандӯстонаи худро ҷой дода, сифатҳои неки мардуми тоҷик ва табиати зебои кишвари тоҷиконро бо ҳунари воло ва табъи саршор васф месозад.

Як қисми зиёди шеърҳое, ки дар ин ҷилд ворид шудаанд, шеърҳои тасвирианд. Шоир дар ин гуна ашъораш бештар бо сабки нимоӣ арзи дил намуда, ҳиссиёти фарди ғиноиро нисбат ба табиат ва ашё ифода менамояд ва ҳолати ботинии ӯро зебою дикаш васф месозад. Масалан, шеърҳои «Оҳанги шаб», “Камарбанди кӯҳистон”, “Чашми оҳу, ту маро ёд макун”, “Ду шодӣ” ва ғайраҳо аз ҳамин қабиланд. Дар ин шеърҳо баёни ҳолат ва вазъи равонӣ боз ҳам бештар эҳсос шуда, зиндагӣ бо тамоми пастию баландиҳояш тасвир мешавад. Қаҳрамони ғиноӣ диди пурвусъат ба табиату ашё дорад, аз миёни ин муҳит зиндагии осуда ва пур аз меҳру муҳаббатро орзу мекунад ва дар гирдоби пурталотум андешаҳои дилкашаш дар ҳаракату такопӯ аст. Тасвирҳои рӯъёии ашё, нолаи мурғон, анбуҳи бешазорону кӯҳсорон, оҳи дарёву рӯдхонаҳо ҳамчун сели мавҷ ба ҳам омада, инсонро ба шӯр меоваранд ва дар ӯ эҳсоси шодмониву саодатмандӣ эҷод мекунанд. Шеъри “Оғӯш” ин ҳолатро равшан ифода мекунад:

*Меравӣ,*
*Рафтани ту рафтани маҳ дар гардун.*
*Осмонат, ки манам,*
*Ҳар куҷое, ки равӣ,*
*Натавонӣ равӣ аз ман берун* [3, 492].

Дар ин шеъри тасвирӣ зиндагӣ бо накҳати шаҳдбораш ифода ёфта, мафҳумҳои «маҳ» бо «осмон», «ту» ва «ман» дар

мисоли ошиқу маъшуқа таносуби нозук ва муносибати мутавозии мантиқиро ба вуҷуд овардааст. Ҳамин тавр, дар ҷилди якум шеърҳо дуруст интихоб шуда, дунёи шоири отифасароро хело дилкашу зебо ифода мекунанд ва гувоҳи онанд, ки устод Аскар Ҳаким ба ҷаҳони шеър бо кулбори пур омада, дар рушди назми муосири тоҷикӣ саҳми арзишманд гузоштааст.

Дар китоби дувум Аскар Ҳаким шеърҳоеро ҷойгир кардааст, ки аксарашон аз хотираву бардоштҳои зиндагии дуру наздики муаллиф интихоб гардидаанд. Дар чунин шеърҳо шоир бештар аз қолабҳои гуногуни шеъри модерн, шеъри сафед ва гоҳо шеърҳои кӯтоҳ, ки дар адабиёти имрӯзи мо ба гунаи шоиста шинохтаву пазируфта нашудааст, кор мегирад. Ҳамин тарзи тасвирро дар шеърҳои "Эъҷози парвоз", "Шод бояд буд", "Ба як паранда", "Шабу фардо", "Зимистон", "Ду ситора", "Гавҳорабахши эҷод", "Гули хандону гирён", "Кӯҳи дилҳо", "Фосилаи шабу рӯз" ва рубоиву дубайтиҳо, ки таҳти унвони "Чамани ишқу андеша" ҷамъ омадаанд, баръало эҳсос кардан мумкин аст. Дар ин шеърҳо инчунин корбурди рамзу тамсилҳо низ ҷолиб мебошад. Гарчи корбурди ин воситаҳои тасвир нав набошад ҳам, шоир бо таъсири анъанаи адабиёти пешин кӯшидааст, ки дар корбурди санъатҳои тасвир ҳунари эҷодии хешро санҷад ва ба ин мактаб пайравӣ намояд. Аскар Ҳаким дар чунин мавридҳо ҳамеша талош варзидааст, ки ба таъбирҳои суннатӣ мазмуни нав илова намояд ва қадаме фаротар аз марзҳои шинохта бигзорад. Касрати баҳрагирӣ ва ҷовидонагии бархе аз сувар мисли «шамъу парвона» ӯро ба таammul во медорад. Мазҳари зиндагии ин ду ба ишқ пайванди дерсолу ногусастанӣ дорад, вале суоли матраҳ барои ҳунарманд ҷанбаи омӯзандагӣ ва ибрат аст, ки равшан нест дар кадоме аз ин ду сувар боризтару равшантар аст. Чуночи, дар шеъри "Дар ишқ" мегӯяд:

*Дар ишқ*
*Шамъ об мешаваду*

*Парвона месӯзад,*
*Аммо кӣ мегӯяд,*
*Кадоме аз инҳо*
*Ишқ аз дигаре бояд биомӯзад?* [4, 46].

Дар шеърҳои кӯтоҳу мансур кор гирифтан аз сохтори забонӣ, тағйири ҷойгоҳи вожагон дар ҷумла ва сохтани саҳнаҳову фазоҳои шигифту андешабор яке аз хусусиятҳои дигари шеваи офаринандагии Аскар Ҳаким аст. Дар чунин шеърҳо шоир нахуст аз замони вуқӯи падидае хабар медиҳад ва пасон аз пайи дарёфти он шуда, манзараи дилкашеро пеши назар меоварад, ки саропо ҳиссиёти зебоист:

*Фасли омаданат*
*Фасли ошиқии гулҳо буд.*
*Дунё чӣ қадар зебо буд* [4, 43].

Воқеияти андешаи зебоӣ қаҳрамони ғиноиро ба оянда дилгарм месозад, ба ӯ умеди дигар мебахшад. Вай ба зиндагӣ, ишқу муҳаббат боварӣ пайдо мекунад ва барои расидан ба дарки мазмуни ин таъбирҳо рӯҳан талош менамояд. Чунин таркибсозӣ ва ҷойгузинсозии калимот ба Аскар Ҳаким имкон додааст, ки сохтори шеърашро такмил диҳад ва қолабҳои навро дар таркиби он ҷой намояд. Дар банди поёни ҳамин шеър адиб ба «зебоии дунё» бовар доштанро ҷанбаи ҳамагонӣ дода, мақсадашро чунин ҷамъбаст мекунад:

*Ва ҳоло дилам*
*мутасалло хоҳад шуд,*
*ки шояд касе ҳаст, ки барояш*
*дунё зебоист.*

*Вагарна*
*ин дунё*

*дунё*
*Ва зиндагӣ*
*зиндагӣ набуд* [4, 43].

Адабиётшинос Комёр Обидӣ менависад, ки «зебоӣ вақте ки дар чашмони мо мутароким шавад, ба ишқ меанҷомад». Ин хусусиятро дар аксари шеърҳои Аскар Ҳаким дидан мумкин аст. Шоир дар дунёи пурэҳсоси худ зебоиро тавассути ишқ тараннум карда, арзиши ишқро барои инсон муҳим мешуморад ва онро василаи баҳамоӣ, дӯстӣ, меҳру вафо ва сидқу сафо медонад. Роҳи расидан ба ишқро шоир тавоноии бузуруг دониста, инсони ҳамзамонашро барои парастидани ин ҷавҳари ҳастӣ даъват менамояд.

Дар баъзе ғазалҳояш устод Аскар Ҳаким ишқу зебоиро ба ҳам тавъам сохта, пайванди андешаву ҳисро дар мисоли ошиқу маъшуқ бозтоб месозад. Аз 29 ғазали дафтари дуюм аксарашон маҳз ба инъикоси ҳамин мавзӯъ равона шудаанд.

Шоир ишқу ошиқӣ, меҳру муҳаббатро ситоиш карда, лаҳазоти ширину нотакрори ҳаёт, умеду эътиқод, хушбинию хушназарии қаҳрамони ғиноиро хело зебо тасвир месозад. Дар ин гуна ғазалҳо ҳолу ҳавои шодиангез бештар ба мушоҳида расида, таркибу ибораи тоза ҳолати қаҳрамони ғиноиро дуруст ифода менамоянд Дар ғазали «Дигар ҷонам ба лаб омад...» шоир мегӯяд:

*Дигар ҷонам ба лаб омад, ки лаб дар лаб шавад бо ту,*
*Талаб бо толибон бигзораду матлаб шавад бо ту…..*
*Фақат равшан шавад оё ба як назораат гардун,*
*Ки ҳар санги сияҳ ҳам дар замин кавкаб шавад бо ту*
*Агар дил баҳра гирад аз саводи чашми ҷодуят,*
*Китоби ишқ во бигзораду мактаб шавад бо ту.*
*Ман аз тадриси чашмонат фақат як дарс мехоҳам,*
*Ки омӯзад шаби ман рӯзу рӯзам шаб шавад бо ту* [4, 74].

Дар китоб бахши бузургеро дубайтиҳову рубоиёт ташкил медиҳанд. Маҳз дар домани ин жанрҳои шеърӣ шахсияти эҷодии Аскар Ҳаким бештар равшан мегардад. Шоир дунёи андешаву афкори хешро дар дарунмояи байтҳои тараннумӣ ҷой карда, рафтору кирдори инсонҳоро якҷо бо фалсафаи зиндагиашон инъикос менамояд. Чуночи, дар рубоие мегӯяд:

*Гар дона ба хирман надиҳӣ, хору хасӣ,*
*Гар лона ба мурге надиҳӣ, худ қафасӣ.*
*Дар дашт, ки қатраро бувад қимати ҷон,*
*З-он қатра гузаштан натавонӣ, чӣ касӣ?!* [4, 400].

Дар ҷилди дуюм инчунин достони «Нону имон», манзумаҳои «Санги ман − алмос», «Чакомаи ризои модар», «Анушервон дар додгоҳи адл» ҷойгир шудаанд, ки онҳо барои муайян кардани таҳаввули тафаккури бадеии Аскар Ҳаким ва таҳким ёфтани ҳунари адабии ӯ нақши асосӣ мебозанд. Ба андешаи мо, аз миёни осори манзуме, ки дар даврони Истиқлолият таълиф шудаанд, манзумаи «Санги ман – алмос» бо фарогирии мавзӯъ ва нигоришу биниши ҳунарӣ намунаи олии назми тоҷикӣ ба шумор меравад.

Дар ин достон шоир дар домани зиндагӣ гӯё дубора ба дунё меояд ва тавассути рӯъёву хотираи бадеӣ ба дунёи кӯдакӣ боз мегардад. Ин ёдвораҳо ва шаклгирии зеҳният дар замону макони бадеӣ боиси васеъ шудани воқеаву манзарҳои ҳаётӣ дар таркиби сужети достон шудаанд. Шоир бо ин тарзи баён гоҳо аз пайванди олами ашё, мавҷудоти табиат, шеваи зисту амали онҳо изҳори назар мекунад ва гоҳо зиндагии парандагону хазандагони табиатро ёд оварда, андешаву зеҳнашро бо ин роҳ ба ҳаракат медарорад. Бо ин тарзи тасвир манзумаи «Санги ман – алмос» оҳанг ва равиши баёни манзумаҳои «Ораши камонгир»-и Сиёвуши Касроӣ ва «Садои пойи об»-и Сипеҳриро пеши назар меоварад. Гарчанде шабоҳату ҳамсониҳо миёни ин манзумаҳо дида шаванд ҳам, дар маҷмӯъ манзумаи Аскар

Ҳаким бо тарзи тасвири худ аз ин ду тафовутҳои зиёд дорад. Шоир ба бисёре аз масъалаҳои ҳаёт аз диди нав назар дӯхта, муносибати инсонро ба табиат, иҷтимоъ ва ҳаёти ҳаррӯза воқеӣ тасвир месозад. Вай ба ин хотир пос доштани «сухан» ва арҷ гузоштан ба «қалам»-ро муҳим шуморида, онҳоро воситаи баёни мақсадаш медонад ва бо самимият менависад:

*…Дӯстдори суханам,*
*Сабз гардад ба кафам шохи қалам,*
*Баски ҳам ишқ ба шудгори хазонӣ дорам*
*Ва дар ин дам ки маро нест замину испор*
*Рӯйи марзи вароқи тоза қалам меронам,*
*Ки баногаҳ гияҳе сабз шавад,*
*гандум ё ҷав рӯяд*
*Ва аз он қитъаи шудгори қалам, дасти кам,*
*Мӯр бар хонаи худ дона кашад*…[4, 451-452].

Пас аз ин ишора шоир рӯйдодҳои солҳои охирро пеши назар оварда, одамонро бори расидан ба қадри сулҳу субот даъват менамояд ва ифротгароию аҳриманманиширо маҳкум месозад.

Дар ҷилди сеюми осор рисолаи илмии устод Аскар Ҳаким таҳти унвони «Вижагиҳои анвои шеъри ғиноӣ» ҷойгир шудааст. Қобили зикр аст, ки ҳарчанд дар атрофи шеъри ғиноии муосири тоҷик ва навъҳои он аз ҷониби донишмандони адабиёт ва муҳаққиқон осори зиёде таълиф шуда бошад ҳам, вале дар адабиётшиносии имрӯза асари алоҳидаву комиле ба мисли рисолаи устод Аскар Ҳаким мавҷуд нест. Муҳаққиқи фозил талош варзидааст, ки дар заминаи таҳқиқу ҷустуҷӯҳои анҷомшуда оид ба шеъри муосири тоҷик як асари фарогири дорои ҳамаи ҷанбаҳои назариро таълиф намояд. Мавсуф қабл аз вуруд ба масъалаи аслӣ бо диди муҳаққиқона ҷанбаҳои назарӣ ва истилоҳии масъаларо дар асоси дид ва андешаи назарияпардозони пешину муосир мавриди таҳлил қарор медиҳад. Баъдан ба шинохту нақди шеър гузашта, мушкилоти дар ин самт

мавҷударо мавриди муҳокима қарор медиҳад. Ба андешаи муҳаққиқ, адабиётшиносии муосири тоҷик дар қиёс бо адабиётшиносии ҷаҳон дар бахши назарияи шеър, шеваву тарзҳои накду таҳлили шеър каме қафо мондааст. Бинобар ин пешниҳод менамояд, ки ба накду баррасии шеър ҷиддӣ муносибат карда шавад.

Мушкили дигаре, ки зимни накду таҳлили шеър мунаққид эҳсос мекунад, дуруст истифода карда натавонистани истилоҳоти адабӣ дар жанрҳои ғиноӣ мебошад. Дар адабиётшиносии тоҷик замони тӯлонӣ танҳо аз истилоҳи «қаҳрамони лирикӣ» истифода мекарданд, ки он ҳам бар асари тарҷума аз адабиётшиносии рус буд. Вале бо мурури замон маълум гардид, ки дар матни як шеъри ғиноӣ гоҳо чанд чеҳра зуҳур мекунад, ки шинохти шахсият ва эҳсоси андешаи ӯ осон набуда, танҳо ҳангоми ворид гардидан ба умқи шеър ва андешаи шоир имкони муайян кардани онҳо муяссар мешавад. Ҳамин ва дигар масъалаҳои назариву методологии назми муосири тоҷик пояи таҳқиқоти устод Аскар Ҳакимро ташкил медиҳад.

Дар боби нахустини рисола «Шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ» осори шоирони насли аввал, дувум ва сеюми тоҷик интихоб шуда, дар оғози фасл доир ба хусусиятҳои шеъри ғиноӣ, шеваи шаклгирӣ ва тафовути он аз дигар анвои шеърӣ ишораҳои кӯтоҳ баён гардида, пасон бо мисолҳои мушаххас ҷанбаҳои мухталифи шеъри ғиноӣ таҳлил мешавад. Муҳаққиқ барҳақ хотирнишон месозад, ки шеъри ғиноӣ ҳарчанд инъикосгари андешаву эҳсосоти фардист, вале дар як чаҳорчӯба боқӣ намемонад, балки бо муҳити иҷтимоӣ якҷо пеш меравад.

Мавзӯи дигаре, ки рӯйи он таъкиди бештар шудааст, аз таъсири сиёсати замон берун баромада натавонистани адибони ин давра мебошад. Дар ин замон оҳанги иҷтимоӣ ва сиёсии шеър боло рафта, тасвири ҳиссу андеша заиф гардидааст. Ҳамин ҷиҳати масъаларо муҳаққиқ бо далелҳои равшан таҳқиқ карда, камбудиҳои назми мосири тоҷикро пай дар пай ошкор кардааст. Ба андешаи донишманд, бар

асари сиёсати давр, шеър тарзи тасвири худро тағйир дод, бештар оҳанги иҷтимоӣ ва сиёсӣ касб намуд ва ба шеъри мавзӯӣ табдил ёфт. Ин ҳолат шеърро аз заминаҳои худӣ, аз суннатҳои устувору комил дур кард ва ҷанбаи тасвирию оҳанги бадеии онро заиф гардонид.

Ба андешаи пажӯҳанда, аз нимаи дуюми солҳои панҷоҳум дар шеър таҳаввулоти сифатӣ оғоз шудааст. Дар сурудаҳои устод М. Турсунзода, Ғ.Мирзо, А.Шукӯҳӣ, баъдан дар ашъори М.Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ, Бозор Собир ва Фарзона шахсияти ғиноӣ ва ё фарди ғиноӣ бештар ба баёни ҳолату ҳиссиёти ботинии инсон рӯ оварда, дунёи отифонаи ӯро зери таҳқиқи бадеӣ гирифтааст. Ин ҷиҳати масъала дар мисоли ашъори шоирони фавқуззикр ба таври густарда таҳқиқ шудааст.

Аскар Ҳаким дар рисолааш бар ин назар аст, ки шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ метавонад ақлгароёна ё ҳисгароёна бошад. Дар робита ба ин мунаққид ашъори шодравон А. Шукӯҳиро, ки ҷанбаи нерӯманди ҳисгароёна дорад, дар муқоиса бо ашъори шоирони ҳамзамонаш ба таври васеъ таҳлил менамояд.

Мавзӯи шахсияти ғиноӣ дар ашъори Ғаффор Мирзо ва Муъмин Қаноат низ аз ҷониби Аскар Ҳаким амиқу ҳамаҷониба дар пояи баҳсу пажӯҳишҳои адабиётшиносони муосири тоҷик мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Диди муҳаққиқ дар таъйину шинохти шахсияти ғиноӣ дар шеъри муосир ниҳоят фароху доманадор аст. Масалан, зимни таҳлили ҷойгоҳи шахсияти ғиноӣ дар ашъори Ғаффор Мирзо ба унсурҳои забонии шахсияти ғиноӣ ишорат намуда, мунаққиди нуктасанҷ чунин изҳор медорад: «Ин шахсияти ғиноӣ, ки худро забони адолати мардум медонад, табиист, ки бештар ба забони мардум суҳбат мекунад «дар баъзе маврид забон ва шеваи баёни ӯ ба ширинӣ ва шевоии забони мардум мерасад»[5, 55]. Шахсияти ғиноӣ ба ақидаи донишманд дар шеъри Муъмин Қаноат, бар хилофи Ғаффор Мирзо, вижагиҳои дигар дорад. Ин шоир дар шеърҳои ғиноии хеш бештар ба ҷаҳони ашё такя карда, дунёи

ботинии инсонро рангин бозтоб менамояд, ки мисолаш дар ашъори ин адиби соҳибзавқ хело зиёд аст.

Донишманд дар шинохти назарии шеъри ғиноии отифӣ, нақши тасвир дар он, инчунин масъалаи истифодаи мафҳум ва истилоҳоти шеъри ғиноӣ бо бисёр донишмандони рус ва тоҷику эронӣ ба баҳс баромада, хулосаҳои худро нисбат ба истилоҳоти шеъри муосир васеъ ва асоснок баён кардааст. Ба пиндошти мо, вақти он расидааст, ки сари ин масъала адабиётшиносон ва мунаққидони тоҷик мизи мудаввар ташкил намоянд ва дар асоси заминаҳои илмӣ тарзи корбурди истилоҳоти ғиноиро дар шеъри нав муайян намоянд ва ҷойи истилоҳоти ашъори ғиноиро барои нақди адабӣ равшан созанд. Масалан, бо он ки донишманиди некназар Ризои Бароҳанӣ истилоҳи «шайъ»-ро барои шеъри ғиноии тасвирӣ авлавият медиҳад [5, 29], ҷойи баҳс нест, аммо барои назарияи шеъри тоҷикӣ корбарии мафҳуми «шайъ» мақбул ва маъмул нест. Зеро дар нақди тоҷикӣ истилоҳи «ашё» маъмул шудааст. Чунин тарзи фаҳмиши истилоҳоти ғиноӣ ҳангоми нақду баррасии шеъри муосир зиёд ба чашм мерасад. Агар мо дар доираи баҳсҳои илмӣ ин истилоҳотро ба тартиб дарорем, беҳтар аст.

Ба ақидаи Аскар Ҳаким, дар баёну инъикоси андешаҳои отифии шахсияти ғиноӣ тарзи тасвир низ нақши муҳим мебозад. Зеро дар зеҳни инсон ҷаҳони ашё, олами рангини табиат дар ҳаракату робита буда, бо ин роҳ тасвирҳо зода мешаванд. Ин тасвирҳо, ки аз ҷаҳону воқеияти айнӣ гирифта мешаванд, андешаи отифии фарди ғиноиро дилкашу ҷозиб месозанд. Дар боби дувуми рисола ҳамин ҷиҳати масъала мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар мисоли ашъори шоирони шинохтаи тоҷик, бахусус Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Ғоиб Сафарзода ва дигарон қувват гирифтани шеъри андешаро дар назми муосири тоҷик таҳлил карда, бо мисолҳои равшан таҳаввули онро воқеъбинона таҳқиқ менамояд.

Устод Аскар Ҳаким пажӯҳиши худро ҷамъбаст карда, ба хулосае меояд, ки «дар шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ фарди ғиноӣ на фақат эҳсосот ва андешаҳои отифии худро баён медорад, балки ба олами хориҷ рӯй оварда, аз он ашё ҷузъиётеро интихоб намуда, барои ифодаи маҳсусу малмуси он эҳсосоту андеша ба кор мебарад. Ин ашё ва ҷузъиёт заминаи воқеии шеърро муҳайё намуда, тарҳи олами ҳастиеро, ки дар он фарди ғиноӣ эҳсосу андешаву зиндагӣ мекунад, ба вуҷуд меорад»[5, 100-101]. Паҳлуҳои мухталифи масъалаи мазкур дар асоси ашъори М. Турсунзода, А. Шукуҳӣ, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Б. Собир, Лоиқ ва Фарзона таҳлилу арзёбӣ гардидаанд.

Ба ақидаи устод Аскар Ҳаким, дар шеъри ғиноӣ инчунин тавсифу тасвири унсурҳои воқеияти айнӣ мақому ҷойгоҳи хосро доро мебошад. Дар чунин ашъор ҳузури фарди шеър замоне эҳсос мешавад, ки мо ба тавсифу тасвирҳои мавҷуд дар матни шеър сару кор мегирем. Аслан масъалаи тасвир дар шеър яке аз мавзӯъҳои доманадоре мебошад, ки вобаста ба он дар адабиёти классикии тоҷикӣ маводи фаровон вуҷуд дорад. Муҳаққиқи арҷманд дар доираи тадқиқоти анҷомшуда масъалаи мазкурро баррасӣ карда, аз пажӯҳандагони шеър ишораҳои кӯтоҳ оварда, дар доираи баҳсу муҳокимаронӣ доир ба услҳои тасвир ва диди шоирон ба он хулосаҳои зарурӣ пешниҳод намудааст.

Дар идомаи рисола, дар боби чаҳорум, сухан аз навъи дигари шеъри ғиноӣ, яъне шеъри ғиноии шахсиятӣ меравад. Ин мафҳумро, ки тарҷумаи комили истилоҳи русӣ мебошад, донишманд шаҳр дода, корбарии онро дар нақди адабии тоҷикӣ қобили қабул донистааст. Ба ақидаи муҳаққиқ шеъри ғиноии шахсиятӣ ашъорест, ки шоирон ба шахсиятҳои муайяну номдори замони худ бахшидаанд. Дар ин бахш таърихи таҳаввули шеъри ғиноии шахсиятӣ таҳлил шуда, мисолҳо аз адабиёти халқҳои гуногун, аз ҷумла осори адабии шоирони классик пешниҳод гардидаанд. Барои бозтобу баёни шеъри ғиноии шахсиятӣ мунаққид инчунин аз эҷодиёти шоирони муосир М. Турсунзода, Ғ. Мирзо, М.

Қаноат, Қ. Киром, Л. Шералӣ, Б. Собир, Фарзона намунаҳо оварда, бо мисолҳои мушаххас таҳаввули ин навъи шеърро дар назми муосири тоҷик таҳлил намудааст.

Тадқиқи ҷанбаҳои шеъри ғиноии ҳикоятӣ мавзӯи боби панҷуми рисолаи мазкур аст. Дар адабиётшиносии рус ашъори мазкурро навъи алоҳидаи шеъри ғиноӣ шинохтаанд. Манзур аз чунин навъи шеър эътирофи унсурҳои ривоятӣ ё ҳикоятӣ дар шеъри ғиноӣ аст. Албатта дар ашъори ҳамосӣ вуҷуди ривоят ҳодисаи маъмул аст. Вале сабки ҳикоятӣ дар ашъори ғиноӣ ба андозае нест, ки битавонад, вижагиҳои ғиноӣ ё ҷанбаҳои ҳиссӣ-отифии онро аз байн бибарад.

Ба ақидаи муаллифи рисола «онҳо (яъне, аносири ривоӣ) дар ин навъи асарҳо инкишоф наёфта, сурати комили фардӣ пайдо намекунанд ва танҳо ҳамчун тарҳ монда, барои ибрози андешаву эҳсосоти муҳтавои асар мадад расонида, нақши ёридиҳанда доранд. Ба замми ин, дар асарҳои навъи ғиноии ҳикоятӣ бо вуҷуди ҷой доштани нақлу ҳикоят, шахсиятҳои гуногун ҳамеша мақоми андешаву эҳсосот бештар аст» [5, 426]. Дар рисола анъанаи шеъри ғиноии ҳикоятӣ ба таври васеъ таҳқиқ шуда, ҳамзамон такъид мегардад, ки шоирон зимни эҷоди чунин навъи шеърӣ бо сабаби ёфтани қофияҳои мувофиқ бештар тарзи қофиябандии маснавиро истифода менамоянд. Ҳамзамон муаллиф доир ба тафовути шеваи баёни ривоят ё ҳикоят дар осори ҳамосӣ ва шеъри ғиноии ҳикоятӣ изҳори назар карда, дар ин навъи шеър бардошти ҷомеъи отифиву ҳиссиро муҳим мешуморад. Муҳаққиқ қувват гирифтани ин навъи шеърро ба даҳаи шастуми қарни бистум мансуб дониста, хусусиятҳои сабкиву услубӣ, бадеиву тасвирии онро дар солҳои баъдӣ то даврони Истиқлолият мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Дар хулосаи рисола устод Аскар Ҳаким андешаҳои назарии хешро доир ба таҳаввули шеъри муосири тоҷик дар асри XX ва аввали асри XX1 баён карда, аз нигоҳи сифатӣ ташаккул ёфтани баъзе навъҳои шеърро воқеъбинона муайян кардааст. Дар баробари ин сари истилоҳоти навъҳои

шеъри муосир андеша баён карда, хусусиятҳои тасвирию бадеии онро дар муқоиса бо далелҳои илмию адабӣ дуруст ошкор намудааст.

Рисолаи устод Аскар Ҳаким «Вижагиҳои анвои шеъри ғиноӣ» дар ҳақиқат падидаи нодири адабиётшиносии тоҷик мебошад. Нақши он дар шинохти таърихи раванди зуҳуру шаклгирии шеъри муосир, гироишҳои тозаи он ниҳоят судманду пураҳамият аст.

Дар ҷилди чаҳоруми осори устод Аскар Ҳаким маҷмӯаи мақола, пажӯҳиш, накд ва бардоштҳои илмие, ки ин донишманди заҳматкаш солҳои 1971 то 2014 доир ба адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик таълиф кардааст, ворид шудаанд. Агар дар мақолаҳои “Тимсоли шеър ва шоир дар шеъри ғиноӣ”, “Вожа ва тасвир”, “Таҳаввули арӯз”, “Аз ғазал то шеъри озод” доир ба ҷанбаҳои назарии шеър баҳс карда бошад, дар маколаҳои “Адабиёт аз дидгоҳи замони нав”, “Адабиёт ва истиқлол”, “Уфуқҳои тозаи андеша” доир ба тамоюли рушди назми муосири тоҷик андеша ронда, дар мақолаҳои “Танқид ва ҷараёни адабӣ”, “Масъалаҳои адабиёт масъалаҳои танқиданд” масъалаҳои умдаи накди адабии тоҷик ва нақши он дар ташаккули адабиёт изҳори назар намудааст. Бештари ин мақолаҳо ҷанбаи баланди илмӣ, фалсафӣ ва назарӣ дошта, дар онҳо биниши муҳаққиқ доир ба бурду бохти адабиёти тоҷик дар давраҳои муайян ифода гардидааст.

Дар ҷилди панҷуми осор устод Аскар Ҳаким бештар мақолаҳеро ҷой додааст, ки хусусияти муаррифисозии чеҳраҳои адабиро доранд. Дар ин қисмат мунаққид ҷустуҷӯ ва маҳорати эҷодию адабии намояндагони наслҳои гуногуни адабиётро мавриди таҳқиқ қарор дода, хулосаҳои худро доир ба ҳар як адиб мушаххас баён менамояд. Ин мақолаҳо аз соли 1971 то соли 2015 интишор шуда, дар он муаллиф доир ба бурду бохти шоирону нависандагони тоҷик изҳори назар менамояд. Як қисми дигари осорро мусоҳибаҳо ва памфлету баҳсҳои илмиву адабии муаллиф ташкил медиҳанд. Мусоҳибаҳои Аскар Ҳаким, ки бо шоирону

муҳаққиқон ва хабарнигорони нашрияҳои мухталиф сурат гирифта, дар шинохту маърифати ҷараёнҳои адабӣ, равияҳои марсуми замон, вазъи адабиву эҷодӣ, вазъияти шеъру шоир ниҳоят муҳиму зарурианд.

Дар ин суҳбатҳо Аскар Ҳаким кӯшиш кардааст, ки боз накди ашъор намояд ва таҳаввули назму насри тоҷикро дар давраҳои мухталиф шарҳ диҳад ва дастовардҳои адибони тоҷикро накду баррасӣ намояд. Дар мақолаҳои “Эҷодкори саодат”, “Умри пурмаъно”, “Ҳосили таҷрибаи рӯзгор”, “Шохаи райҳон ва себҳои шукуфта”, “Хотираи Аминҷон Шукӯҳӣ”, “Сухане аз устод Лоиқ”, “Гузаштаи зинда ва рӯҳи замон” доир ба шахсияти М. Турсунзода, Раҳим Ҷалил, Аминҷон Шукӯҳӣ, Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром дида дӯхта, мақоми онҳоро дар адбиёти тоҷик дуруст муайян кардааст. Корномаи илмӣ-таҳқиқии устод Аскар Ҳаким дар ҳақиқат фарогири накдҳо, мақолаҳо, маърӯзаҳои ҷолибе мебошанд, ки барои шинохти адабиёти муосири тоҷик хидмати шоиста менамоянд.

Устод Аскар Ҳаким дар давоми умри пурбаракати хеш ба кори тарҷума низ машғул шуда, дар ин ҷодаи ниҳоят мушкил ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст. Ҷилди шашуми осор маҳз тарҷумаҳои шоирро дар бар гирифтааст.

Адиб ба тарҷумаи шеър сидқан машғул гардида, на танҳо дар ифодаи мазмуни асар комёб шудааст, балки дар интихоби таъбиру ибораҳои дилкаш маҳорат нишон дода, ҳар як мафҳуму калимаро ба мазмуни шеър мувофиқ корбандӣ намудааст. Бо баракати тарҷума Аскар Ҳаким тавонистааст, ки хонандаи тоҷикро бо арзишҳои фарҳангию таърихии халқҳои гуногуни олам ошно намояд ва олами бадеии шоиронашро барои муосирон муаррифӣ созад. Шоир бо ин мақсад ба тарҷумаи осори адибони шинохта, аз ҷумла офаридаҳои Алигери Данте, Михаил Юревич Лермонтов, Геворг Эмин, Ярослав Смеляков, Емилиан Буков, Мухтор Шаханов, Муҳаммад Алӣ, Карло Канадзе, Васил Биков, А. Коломиетс ва дигарон машғул шуда, хонандаи тоҷикро ба дунёи отифонаи онҳо шинос кардааст.

Шоир, махсусан қисмати “Дӯзах”-и «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Дантеро бо завқи баланд тарҷума карда, дар сиву чор суруд, ки ҳамчун боб меояд, ҷаҳони мурракаби шоирро бозгӯ сохтааст. Ин достон қиссаву ривоятҳо, устураву афсонаҳоеро, ки ба рӯзгори мардуми Итолиё алоқаманданд, дар бар гирифтааст ва дар он рӯйдодҳо ба шакли нав бо завқи баланди бадеиву фалсафӣ тасвир гардидаанд. Дар ин сарчашмаҳои адабиву таърихӣ таассуроти амиқи шоири ҳикматписанд бозтоб шуда, достони мазкур ба шахсияти адиб умри ҷовидона бахшидааст.

Аскар Ҳаким аз се қисми ин достон: “Дӯзах”, “Барзах” ва “Биҳишт” танҳо қисми “Дӯзах”-ро тарҷума карда, ба мазмуну муҳтавои он диққати ҷиддӣ дода, барои ҳар як суруд шарҳ ва луғатнома низ таҳия кардааст. Бо ин роҳ хонандаи тоҷик ба моҳияти мафҳумҳо, таъбиру ибораҳо сарфаҳм рафта, ба симою чеҳраҳои асотириву ривоятӣ, таърихиву фалсафӣ ошноӣ пайдо менамояд.

Бешак, “Дӯзах” аз тасвирҳои ҷолибу дилкаш иборат буда, дар он гунаҳкорон бо оҳу надомат андешаҳои худро баён месозанд. Шоир дар тасвири дузахи нуҳтабақа, раҳгум заданаш дар бешазори бузурги он ва тавассути раҳнамоии шоир бузурги Рум - Верҷил роҳ ёфтан ва бозтоби даҳҳо устураҳои мардуми итолиёӣ маҳорати бемисл нишон дода, бо иловаи инъикоси ишқи рӯҳонию муҳаббати афлотунӣ ва оташи фироқ аз ишқи Биатрис ба мазмуни достон “мазҳари илоҳӣ” ҳамроҳ кардааст. Ҳамин тасвири зебои ҷовидонагии ишқ достонро дар қатори шоҳкориҳои безаволи адабиёти ҷаҳонӣ ворид карда, ба он умри абадӣ бахшидааст. Аскар Ҳаким тавонитааст ҳамин паҳлуи достонро ба хонандаи тоҷик бо маҳорати баланд муаррифӣ намояд.

Устод Аскар Ҳаким достони манзуми “Хазинадорзани тамбовӣ”-и М.Ю.Лермонтовро низ бо завқи баланд тарҷума карда, ба муҳтавои он диққати ҷиддӣ дода, маҳорати манзараофаринии шоири русро ба хонандаи тоҷик равшан кардааст. Ҳамчунин Аскар Ҳаким ашъори адиби рус Ераслав Семляков, адиби арман Геворг Эминро тарҷума

карда, завқи баланди ин шоирон ва ҳунари муҳокотофаринии онҳоро ба дӯстдорони шеъри ноб муаррифӣ намудааст. Баробари назм инчунин Аскар Ҳаким ба тарҷумаи наср машғул шуда, қиссаи адиби белорус Василий Биковро ба тоҷикӣ тарҷума намудааст. Ин қисса дар адабиёти сермиллати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз асарҳои ниҳоят арзишманд дар мавзӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ буда, корномаи фарзандони белорусиро дар мубориза ба муқобили фашизм дар бар мегирад. Тарҷумон дар тарҷумаи асар ба комёбӣ ноил шуда, ҷаҳони ботинии қаҳрамонони асарро саҳеҳ тарҷума карда, ба таъбиру ибораҳои равониву руҳӣ эътибори хоса дода, бадеияти қиссаро пурра ба инобат гиритфтааст.

Шоир дар тарҷумаи мазҳакаи “Фариштаи ваҳшӣ”-и адиби украин А. Коломиетис низ заҳмати зиёд кашида, дар баёни ҳолату вазъияти персонажҳои мазҳака Уляна, Таня, Лида, Оля, Клава, Виля ва дигарон маҳорати баланд нишон додааст. Забони тарҷума хело сареҳ буда, қонунмандии тарҷума дар ифодаи таъбиру ибораҳо ба инобат гирифта шудааст. Бояд гуфт, ки устод Аскар Ҳаким ба сифати тарҷумон хидмати шоиста карда, дар муаррифии чеҳраҳои адбии халқҳои ба мо дӯст саҳми шоиста гузоша, хазинаи адабиёти тоҷикро бо осори адибони оламшумул ғанӣ гардонидааст.

Ҷилди ҳафтуми осори шоирро хотирот, нақд ва мақолаву очеркҳое, ки ба Аскар Ҳаким бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Инчунин ҳамкасбони шоир ба шахсияти ӯ арҷ гузошта шеърҳои хешро ба васфи шоир бахшидаанд, ки қисме аз онҳо дар ин осор ҷамъ омадаанд. Дар мақолаҳои Мӯсо Диноршоев, Абдухолиқ Набиев, Ҷӯрахон Бақозода, Шоҳзамон Раҳмонов, Атахон Сайфуллоев, Сергей Сухонян, Абдусалом Самадов, Ҷумабой Ҳамроев ва дигарон шахсияти эҷодии шоир ва мақоми ӯ дар адабиёти муосири тоҷик муфассал таҳлил шуда, ҳар кадоми он барои шинохти маҳорати эҷодии Аскар Ҳаким хидамати шоиста менамояд.

Умуман, интишори осори ҳафтҷилдаи Аскар Ҳаким иқдоми хубе буда, дар шинохти ҷаҳони отифонаи адиб ва мақоми ӯ дар рушди адабиёти муосири тоҷик нақши назаррасро иҷро менамояд. Умедворем, ки хонандаи тоҷик тавассути ин осор ба шахсияти шоир шинос шуда, ба маҳорати эҷодии вай баҳои воқеӣ медиҳад.

Устод Аскар Ҳаким, дар ҳақиқат дар давоми умри пурбаракати хеш ба халқ хидмати шоиста намуда, бузургию тавоноии онро васеъ ва аз сидқи дил тараннум намудааст. Аз ин рӯ, мақоми вай дар пешрафти адабиёт ва фарҳанги тоҷик беназир мебошад.

## КИТОБНОМА


1. Жирмунский В.М.Теория литературы. Поэтика, стилистика / В.М.Жирмунский. – Ленинград: Наука, 1977. – 260 с.
2. Лихачев Д.С. Избранное: Воспоминания/ Д.С. Лихачев. – СПб.: Logos, 1997.
3. Ҳаким А. Вежагиҳои анвои шеъри ғиноӣ (дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикии нимаи дуюми садаи XX) / А.Ҳаким // Маҷмӯи осор. Ҷ. 3.. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 492 саҳ.
4. Ҳаким А. Маҷмӯи осор. Ҷ. 1. / А.Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 424 саҳ.
5. Ҳаким А. Маҷмӯи осор. Ҷ. 2. / А.Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 512 саҳ.

*Мӯсо Диноршоев,*
*академик, доктори илмҳои фалсафа*

# БОЗТОБИ ФАЛСАФА ДАР ШЕЪРИ АСКАР ҲАКИМ

Ман мунтақиди адабӣ нестам, аммо меҳр ба адабиёт дорам, махсусан ба шеър. Ин шояд аз он сабаб бошад, ки риштаи асосии фаъолияти ман фалсафа аст ва дар дарозои таърих фалсафаи тоҷик ҳамеша бо шеър чунон қаробати наздик доштааст, ки гоҳо намешавад фарқ кард, ки куҷо фалсафа асту куҷо шеър. Дар ин ҷо ман, албатта, мазмуну мундариҷа, муҳтаво, аслу моҳиятро дар назар дорам, на тариқи ифодаи онҳоро.

Маълум аст, ки тарзи ифодаи фалсафа забони илму андеша асту тариқи баёни шеър шеваи отифаву сувари хаёл. Вале ҳақиқат ин аст, ки олитарин асарҳои илму адабиёт дар натиҷаи ба ҳам ҷӯш хӯрдани ин ду сарчашмаи ҳастии инсон – эҳсосу тафаккур офарида шудаанду офарида хоҳанд шуд. Хуллас, ки ман дӯстдори шеърам ва шеъре, ки дорои фикру андеша буда, онро бо отифаи муассиру фарогир ва сувари хаёли рангин ба ҷилва оварад, зеро ман дар фалсафа андешаи сатҳиро намеписандам ва дар шеър баёни урёнро ва ҳоло, ки манзури ин навишта пажӯҳиши шеър аст, бояд сараввал таъкид кунам, ки маро танҳо шеъре, ки андешаи амиқ ва бозтобе аз фалсафаи ҳастӣ дошта, онро бо муаассиртарин отифаву тасвирҳои шоирона бозгӯ мекунад, ба худ машғул медорад.

Ҳафт-ҳашт сол қабл аз ин банда ба зиёфате даъват шуда, каме барвақттар омада будам ва ҳамроҳи файласуф Нодири Одил ва шоир Аскар Ҳаким дар арчазори паси тарабхона гашту гузор мекардем. Дар он ҳангом сухан аз арчаҳо рафту Аскар Ҳаким ба мо шеъре бо номи «Дарахти арчаи кӯҳам...» хонд, ки моро бо диди батамом нав ва бардошти амиқи фалсафияш аз зиндагӣ сахт мутаассир кард.

Хоҳиш кардем, ки боз ягон шеъри дигар хонад. Ғазале хонд, бо номи «Оинаи нур». Бисёр хуб буд. Хонданаш ҳам. Нодири Одил фикри ҷолибе гуфт, ки танҳо шоири хуб шеърро хуб мехонад. Ман ба Аскар Ҳаким гуфтам, кайҳо мехостам ба Шумо гӯям, ки худро аз мансабҳо фориғ карда, вақтатонро танҳо барои эҷод сарф кунед, аммо меандешидам, ки шояд мақбулатон нашавад. Ҳоло, ки дар ҳамин ҳол ҳастед, Шуморо бо ин шеърҳо ва ҳам бо озодиатон муборакбод мекунам. Аз он рӯз дар дилам хоҳише пайдо шуда буд, ки чун фурсате мусоид ба даст ояд, дар бораи дарк ва таассуроти худ аз шеъри ин шоири шинохта андешаҳоямро ба қалам орам.

Ба ҳар ҳол риштаи асосии ман фалсафа аст, вале умрест, ки андешаҳои фалсафии ман аз сарчашмаҳои саршори ашъори ҳакимонаи устод Рӯдакиву Низомӣ, Фирдавсиву Хайём, ғазалҳои сӯфиёнаи Мавлавиву орифонаи Ҳофиз, ошиқонаи Ҳилолӣ ва маъниофарину мӯшикофонаи Бедил об хӯрдааст, яъне мехоҳам бигӯям, ки ман бо такя бар завқи худ шоирро на ҳамчун моли фалсафа, яъне андешаю тафаккур, балки муқаддаман ҳамчун моли адабиёт дарк мекунам, зеро шеър аввалан моли адабиёти бадеист, ки дар он отифаву тахайюлу суварнигорӣ мақоми нахустиндараҷа дорад. Бинобар ин ман ба худ иҷоза медиҳам, ки оид ба мақоми ин ҳар ду – андешаву тафаккур ва тахайюлу суварнигорӣ дар шеър суҳбат кунам, зеро андешаи ман беэҳсосот нест ва эҳсосоти ман беандеша.

Табиист, ки ман дархӯри ин завқи худ – андешаи ҳиссиётманд ва ҳиссиёти андешаманд доштанам, ашъореро мехонам ва меписандам, ки ба завқи ман ҷавобгӯ бошанд. Масалан, монанди он ду шеъре, ки дар боло аз онҳо ном бурдам. «Дарахти арчаи кӯҳам…» шеърест, ки масъалаи мақоми инсонро дар ҷомеа бо отифитарин шакл ва сурату забони муносиб ба маърази андеша мегузорад, ки дар назари аввал гӯё ба фалсафа ҳеҷ иртиботе надорад, аммо дар он ба ғайр аз масъалае, ки қайд кардам, боз масъалаи пайванди инсону табиат бисёр моҳирона ба воситаи ташхисонидани

арча ё дақиқтараш, ба арча табдил ёфта, аз номи он сухан гуфтани шоир таҷассуми бадеии худро ёфтааст.

*Дарахти арчаи кӯҳам, на сарв дар лаби ҷӯй,*
*Маро ба қомати маъшуқагон шабоҳат нест.*
*На ноз мекунаму мекашам на нози касе,*
*На боғ мераваму на хиром донам чист...*

*Ба решаҳои амиқам ба хок панҷа занам,*
*Ки устувор бидорам замини сабзи диёр.*
*Зи тафси тобаи ҳар санг об ҷамъ орам,*
*Ки дар тамуз нагардад гиёҳу гул хасу хор…*

Дар ин шеър боз чизи ҷолиб он аст, ки гоҳ инсон сифати арчаро ба худ мегираду гоҳ арча сифати инсонро ва ин ҳар ду чунон ноаёну табиӣ ба вуқӯъ мепайвандад, ки кас онро ҳис намекунад ва баъзан аз он ҳам бештару амиқтар, масалан, вақте ки ӯ «Ба решаҳои амиқам ба хок панҷа занам, Ки устувор бидорам замини сабзи диёр» мегӯяд, ин суханон ба ҳар ду тааллуқ мегиранд ва чӣ зебою баҷо. Воқеан ҳам дар доманаҳои кӯҳ арча мешиноananд, ки замини онро собит нигоҳ дорад ва вақте ки ин суханонро арча ба забон меорад, онҳо ба шоир ҳам тааллуқ гирифта, маънои муҳаббати ӯро ба Ватан, ки барои сарсабзӣ ва пойдории он мекӯшад, ифода менамоянд. Ин намунаи барҷастаи пайванди инсону табиат аст, ки онҳо ба ҳамдигар табдил гашта, ҳар ду ҳам марому мақсади ягона доранд. Ин сифати нодирест ва дар натиҷаи таъсири амиқи ангезаҳои айниву зеҳнӣ дар равони шоир ҳосил гашта, дар ӯ ҳолатҳои муассири рӯҳиро ба вуҷуд меоварад, ки ин ё он ҳодиса ва ашёро дар заминаи маҳсус ва таҷрибаи шахсӣ барои ифодаи ин ё он муҳтаво омода месозад, ки онро отифа меноманд, агар он ҳаст, шеър ҳаст ва агар нест, шеър ҳам нест.

Тавсифи робитаи инсону табиат ва ашё дар бисёр шеърҳои Аскар Ҳаким ҷой дорад, ки барои гуногуну рангин баён намудан ва ё ба тасвир гирифтани муҳтаво хидмат

мекунад. Ин сифатро донишманди эронӣ Алиасғари Шеърдӯст ҳам пай бурда, дар сарсухани «Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким», ки дар Теҳрон нашр кардааст, чунин навиштааст: «Гоҳ хешро бо аносир ва ашёву падидаҳои табиӣ ҳамзабон мешавад (месозад-М.Д.) ва бо онҳо дармеомезад ва ин гиреҳхӯрдагӣ чунон бо устодӣ ва маҳорат сурат мегирад, ки хонанда амиқан аз он мутаассир мешавад. Шеъри «Дарё, маро бигир…» дар зумраи ин гуна офаринишҳои шоир ба шумор меравад»[4].

То ин ҷо аз се шеър суҳбат шуд, ки ҳар яке мушаххасоти шоиронаи худро дошта, ҳолатҳои гуногуни ҳаёти рӯҳии шоирро бо мувофиқтарин воситаҳои тасвири бадеӣ, маҷозу истиораҳои тару тоза ба қалам оварда, намунаҳои олии шеъре мебошад, ки дар ҳеҷ ҷое аз онҳо кас фармудагии қаблии зеҳниро эҳсос намекунад, яъне онон ҳамчунон табиӣ мисли арчае, ки тасвир шуд, сабзидаанд ва ё монанди дарёе, ки мавриди руҷӯъ ва даромехтагӣ буду мавҷ мезад, аз дили шоир фурӯ рехтаанд. Кулли шеър ҳамин тавр бояд бошад, шеъри фалсафӣ ҳам, зеро фалсафа дар шеър на аз мақулаҳои фалсафӣ, мафҳуму истилоҳоти он, балки аз нигоҳи фалсафӣ доштан ба табиат, ашё, ҳодисот ва лаҳазоти зиндагӣ ҳосил мешавад. Дар зоҳири ин шеърҳо аз мақула ё мафҳуму истилоҳоти фалсафӣ аломате ба назар намерасад, аммо чун бар мазмуни шеър меандешем, мебинем, ки саршори андешаҳои фалсафӣ ҳастанд ва муҳиммтарин масъалаҳои он, аз ҷумла масъалаҳои иртиботи инсон бо олам, табиат, ҷомеа ва инсонро дар бадеътарин андешаҳои худ ифода менамоянд.

То ҷое ки ман хабар дорам, Аскар Ҳаким аз фалсафаи умумибашарӣ, аз фалсафаи Юнону Рум то Ҳинду Чин огоҳии хуб дорад ва ман инро на танҳо аз асарҳояш, ки поёнтар аз онҳо сухан хоҳад рафт, балки аз суҳбатҳое, ки бо ӯ доштам, низ эҳсос кардаам, вале ман ҳаргиз иддао

---

[4] Алиасғари Шеърдӯст. «Муқаддимаи ношир».Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким. –Душанбе: «Ал-ҳудо», 1373. саҳ. «д».

надорам, ки ӯро тарафдор ё мубаллиғи ин ё он назарияи фалсафӣ муаррифӣ намоям, зеро дар асл ҳам ин тавр нест ва ин тавр буданаш ҳам зарурат надорад.

Дар ин маврид муносиб медонам, ба суханони Н. Добролюбов истинод кунам, ки чӣ гуна шоирон тавассути фарҳанги баланди тафаккури шоирона ҳокими афкори ҷомеаи соҳибмаълумот мегаштанд, зеро шеър андешаҳои мутараққии замони худро беҳтар аз ҳама ифода менамуд, ки шуури ҷомеаи рушдкунанда онро қабул мекард. Ӯ навиштааст: «ҳақиқатҳоеро, ки файласуфон танҳо дар назария пай мебурданд, нависандагони нобиға дар зиндагӣ пайдо намуда, дар амал нишон дода метавонистанд… Онҳо аз нақши хидматгории адабиёт фаро рафта, дар қатори симоҳои таърихӣ ҷой мегирифтанд, ки ба инсоният барои дарки қувваҳои зинда ва майлу хоҳишҳои табиии ӯ мадад мекарданд»[5].

Назария ва таълимоти фалсафӣ, ки то имрӯз интишор гаштаанд, дар бораи масъалаҳое, ки мавриди баҳс мебошанд, натиҷаву хулосаҳои худро доранд, ки ба мо маълуманд, аммо адабиёт ва аз ҷумла шеър аз воқеа ва лаҳзаҳои зиндагӣ ҳар дафъа хулосаи тоза ва нотакрори худро ироа мекунад ва барои ҳамин адабиёт аст. Хулосаи фалсафӣ аз асари бадеӣ ҳар дафъа аз тааммуқ бар ҳодиса, ашё, лаҳазоте, ки он ба тасвир мегирад ва ё баён медорад, яъне муҳтавову мундариҷаи он бароварда шуда, хосатан мансуби маҳз ҳамон асар ва бинобар он нотакрору тоза мебошад, ки шеваи кори Аскар Ҳаким ҳам дар ҳамин аст.

Вале ба ҳар ҳол бояд қайд кунам, ки Аскар Ҳаким дар яке аз муътабартарин марказҳои илм Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов дар аспирантура таҳсил карда, рисолаи илмӣ навишта дифоъ кардааст, ки дар он омӯзиш ва имтиҳони фалсафа аз талаботи ҳатмӣ ба шумор мерафт. Бинобар ин ӯ фалсафаро на фақат ба воситаи асарҳои

---

[5] Добролюбов Н.А. Собр.соч. в 3-х томах, т.3. М.,Гослитиздат, 1952, стр.171.

адабиву бадеии нависандагони бузург, балки ҳамчун илм ҳам ба таври муназзам омӯхтааст.

Огоҳӣ аз фалсафа назари шоирро бар зиндагӣ ва зуҳуроти гуногуни он амиқу пурмаънотар гардонида, барои шинохти маҳз ҳамон лаҳза ва зуҳуроти он, ки метавонад бар шинохти мо аз оламу одам чизи тозаеро илова намояд, мадад мерасонад. Зеро, ба қавли шоири файласуфи ҷаҳонӣ Иоҳаннес Ҳуте, адабиёт инъикоси олитарин лаҳзаҳои зуҳуроти зиндагист. Ва ҳоло расидем ба ҷое, ки аз ин гуна лаҳза, ки дар ғазали «Оинаи нур»-и Аскар Ҳаким ҷой дорад, суҳбат кунем, ки онро бо ҷаззобтарин шева барои ҳамеша баёну тасвир кардааст. «Оинаи нур» ғазалест, ки аз олитарин лаҳзаи зиндагии ду шахсияти нотакрори фарҳанги маънавӣ - Ҷалолиддини Балхӣ ва Шамси Табрезӣ бардоште дорад, лаҳзае, ки он аввалиро Мавлавӣ, гӯяндаи «Девони Шамс»-у «Маснавии маънавӣ» ва ба ин васила номи дуюмиро ҳам абадӣ гардонду муъҷизаи шеъру шоирии ҳамаи давру замонҳои башариятро ба вуҷуд овард.

Бешубҳа, дарки фалсафии ҳастӣ ва замон аст, ки шоир ба дарёфти нотакрорӣ ва азимушшаънии ин лаҳза расидааст ва онро бо лаҳне, ки сазовори он аст, пур аз шавқу шӯр, ҳиссиётмандтарин андешаҳо, бедору нохудогоҳ ба қаламрави абадият кашидааст. Боре худи шоир дар яке аз маҳфилҳои эҷодиаш гуфта буд, ки ин ғазалро ҳангоми таби баланд доштанаш навиштааст, ин ҳолат суханҳои болои маро ба тариқи дигар собит менамояд, ки дарки фалсафии замону макон дар замири шоир ҳамеша ҷой дорад, ки ҳангоми зарурӣ ногаҳон буруз мекунад ва ин ғазал далели он аст. Сазовор аст, ки ин ғазалро пурра биёрем, то хонанда ҳам тавонад, бар сари он андеша кунад ва худ хулоса бигирад:

*Ин оинаи нур кӣ будаст, кӣ будаст,*
*К-аз оби рухаш чашмаи хуршед намудаст.*
*Оҳ, ин чӣ гузаштан зи бари мо ба хамӯшӣ,*
*Хомӯш, ки хомӯшии ӯ авҷи суруд аст.*

*Дар ғунчаи лабҳо-ш агар бӯйи баён нест,*
*Шаҳр ин хабари тозаи ишқ аз кӣ шунудаст.*
*Хуш меравaду рафтани ӯ нест видое,*
*Ӯро, ки ба ҳар мақдами падруд дуруд аст.*
*Ӯ масҷиду дайреву куниште нашиносад,*
*Аммо ҳама афтода ба пояш ба суҷуд аст.*
*Гар дасти сахо мояи ноз аст башарро,*
*Ин ӯст, ки аъзои вуҷудаш ҳама ҷуд аст.*
*Ин банда, Худоё, чӣ Худоест, ки банда-ш*
*Буддоиву тарсову мусалмону яҳуд аст.*
*Як бор, ки бар боми фалак рафт, дигар рафт,*
*Оини ҷаҳон гарчи фароз асту фуруд аст.*
*Он аст, ки аз рӯзи азал нест суқуташ,*
*Роҳе, ки кунад азм, сууд асту сууд аст.*
*Моро ҳама ин дидаи ҳайрон зи қафояш*
*Бо шавқу хитобе, ки кӣ будаст, кӣ будаст?!*

Ин ғазалест аз зуҳур ва муъҷизаи ду нобиға – Шамс ва Мавлоно, ки аз равобити онҳо – натиҷа дарёи беканори ғазалиёте пайдо шуд, ки ҷовидона ба шӯру ғалаён мавҷ мезанад, бо зеботарин калимоту таъбироту истиораҳо суҳбат кардааст. Дар ҳар байти ин ғазал он дунёи мунаввари ин ду нобиға ба ҷилва омада, моро шефтаи худ мекунад. Ҳар таъбиру вожае, ки дар ин ғазал омадааст, дар баробари тасвири бадеии авзоъ ва шахсияти ин ҳар ду боз бар таълимоти тасаввуфии онон ишора дорад, аз қабили оинаи нуру чашмаи хуршед, ишқу хомӯшӣ, масҷиду дайру куништ, суҷуду ҷуд, суқуту сууд ва ғайра, ки далели маҳорат ва устодии шоир дар истифодаи пурмазмуни воситаҳои баёну тасвир аст.

Ҳоло зарур нест, ки дар бораи маънӣ ва паҳлуҳои гуногуни ин калимоту таъбирот дар тасаввуф ва шеъри тасаввуфии мо сухан ба миён оварда шавад, зеро онро аз фарҳангу асарҳои ба ин мавзӯъ бахшидашуда метавон пайдо кард, вале он чизро мехоҳам қайд кунам, ки ба ин шева истифода кардани онҳо, ки ҳам ба таълимот ишора дошта

бошаду ҳам чеҳраву ботини намояндагони барҷастаи онро ба мо маълум намояд, аз дасти касе меояд, ки онро, чунонки зарур аст, шинохта бошад.

Тасаввуф бахши бузурги фалсафаи мост ва шоироне, ки тавонистанд онро бо шеъри худ шоирона даромезанд, маҳсуле ба даст оварданд, ки ба шеърашон жарфои беқаринаи маъно ва болҳои бесобиқаи гардунсайри эҳсосотро эҳдо кард. Мехоҳам таъкид кунам, ки ин шеваи кор, агар ба он боз эҳсоси замони нав ва масъулияти шаҳрвандӣ илова гардад, ки бе онҳо умуман фарҳангу адабиёти муосирро тасаввур кардан мумкин нест, натиҷае ба даст меояд, ки дар радифи фарҳангу адабиёти ҷаҳонӣ қарор хоҳад гирифт. Мо дар шеър намунаи ин гуна асарро дорем, он достони «Санги ман – алмос»-и Аскар Ҳаким аст. Дар бораи ин достон аз ҷониби донишмандони адабиёт ва шоирон мақолаҳои бисёре навишта шудааст, вале ман дар ин ҷо мехоҳам дар бораи дарки шоиронаи фалсафаи ҳастӣ дар он чанд сухан гӯям, зеро ба ақидаи ман он намунаи болотарин дастовардест, ки шеъри муосир дар ин ҷода дорад.

Бояд гуфт, ки Искра Денисова дар баррасии ин манзума дар Созмони байналмилалии иттифоқҳои нависандагон дар Маскав бар ин нукта таъкид карда, навиштааст: «Шояд, хусусияти ба худ хоси достон аз он иборат бошад, ки ҳар мисраи он аз ақоиди пантеистӣ – ягонагии Худову Табиат саршор аст, ки эҳтимол аз таълимоти Зардушт, аз Суғди бостон сарчашма мегирад. Ин пантеизм заминаи асосӣ, пойдеворест, ки дар болои он бинои ҷустуҷӯҳои маънавии шоир бунёд мешавад. Доираи ҷустуҷӯҳои маънавии шоир хеле фарох аст ва он ҳамаи дину мазҳабҳоро фаро мегирад. Ва дар айни ҳол тафаккури ӯ аз ҳамаи ин дину мазҳабҳо мағзи онҳо – адолат, инсоф, пиндори нек ва, албатта, муҳаббат ба ҳамаи мавҷудот ва пеш аз ҳама, муҳаббат ба инсон, ба оне, ки ба китфони то хуншоршавӣ хӯрдашудаи хеш осиёсанги зиндагиро мекашад, интихоб карда мегирад. Ба назари ман чунин менамояд, ки ин гуна ифодаи фавқулодаи зебоӣ, тавоноӣ, қудрати

маънавии ин достон дар натиҷаи ба ҳам овардани тафаккури олӣ, фарҳанги олӣ ва решаҳои асили бостонӣ, бутпарастӣ, зардуштӣ, ҷавҳари табиӣ ва модарзодӣ ба вуҷуд омадааст»[6]. Ва ман ба ин гуфтаҳои ҳаққонӣ илова мекунам, ки дар он тафаккуроти исломӣ ҳам бозтоби дурахшони худро доранд, масалан:

*Дил ибодатгаҳи ман*
*Ҳамди ислом аст*
*он сура, ки ман мехонам…*
*Ва ба ҳар кас, ки ба дил маъбади имонаш ҳаст,*
*Оварам рӯйи намоз.*

*Ва дуо мегӯям,*
*Бехи имони маро дорад сабз*
*Он Худое, ки туро сабз нигаҳ медорад.*
*Рӯ ба абре, ки равон аст ба дарёи само, мезорам,*
*То барад хайру савобаш ба қабули хуршед.*

Донишманди афғонистонӣ Ғулом Сахии Ғайрат дар бораи муҳтавои достон, аз ҷумла чунин навиштааст: «…достони Аскар Ҳаким достони хеле олист ва суханони он қудсӣ ва дар айни замон сурурбахшанд. Дар он ҳаёт бо тамоми пуррагию паҳноварияш ҷӯш мезанад. …Чизе, ки Аскар Ҳаким навиштааст, инкишофи тозаҷӯиҳои Нодири Нодирпур… ва … Сӯҳроби Сипеҳрӣ мебошад, ки нобиғаи шеъри муосири форсӣ маҳсуб мешавад. Достони Аскар ҳамоҳанги достони ӯ «Садои пойи об» аст… Ман ҳар дуи ин достонро шоҳкории адабиёти муосири форсу тоҷик мешуморам»[7].

Ҳамчунон ки мебинем, ин донишмандон сифати волои фалсафӣ доштани ин достонро таъкид кардаанд, ки худ ба

---

[6] Денисова, Искра. Обсуждение новой поэмы А. Хакима «Мой камень – алмаз» на творческой встрече в Москве, в МСПС, 6 апреля 2000 г., «Памир», №1-6, 2000 г., стр. 126.

[7] [7] Гайрат Гулом Сахи. «Обсуждение …», ст. 129.

худ ҳам далели дар пояи баланд будани он аст, вале ба ҳар ҳол ба назари шоире, ки ӯро аз ҷумлаи бузургтарин шоирони русзабони замон мешиносанд – Темур Зулфиқоров рӯй меорем, ки дар сифати шеър будани он мегӯяд: «Аскар Ҳаким достоне шаффофу булӯрин, тозаву тар ҳамчунон Уолт Уитмен эҷод кардааст. Бешубҳа, достони нави Аскар Ҳаким на танҳо сухани тару тозае дар шеъри тоҷик, балки умуман дар шеър мебошад»[8].

Ин ду навъи баҳо, ки ҳам мухтавои фалсафӣ ва ҳам ҳунари шоиронаи онро дар бар гирифтааст, ба мо имкон медиҳад, ки бо итминони комил дар бораи ҳар ду ҷиҳати он ҳамчун дастоварди бесобиқаи адабиёти муосир суҳбат кунем. Мунсифона, бояд қайд кунам, ки ин маъниро ҳам пеш аз банда дар ҳамон баррасии зикршуда шоири рус Станислав Золотсев, ки достонро ба русӣ тарҷума кардааст, таъкид намуда, гуфтааст: «Ман ин асарро ҳамчун як падидаи мутлақан нав пазируфтам»[9]. Зимнан мегӯям, ки ин достонро шоираи хушзавқи русзабони тоҷик Нисо Ҷӯраеваи шодравон ҳам аз рӯи муҳаббате, ки ба он дошту эътиборе, ки ба он медод, ба русӣ тарҷума карда буд, ҳарчанд медонист, ки он тарҷумаи русӣ дорад ва ҳар дуи он тарҷума ҳамроҳ дар маҷаллаи «Помир» барои баррасӣ ва мубоҳиса чоп шуда буд.

Масъала дар сари бардоштҳои фалсафии достон аст, ки дар он масъалаҳои фалсафии робитаи фарду ҷомеа, маргу зиндагӣ, азалияту абадият ва амсоли онҳо ба чӣ дараҷа бо отифа ва тахайюлот дар перояи рамзу маҷоз ва ташбеҳу истиороти дилчасп ифодаи бадеии худро ёфтаанд. Ба оғози достон таваҷҷуҳ кунед:

*Ман киям,*
*Одаме ангори дарахт,*
*Решаам рафта дар оби дили деҳ,*
*Шохаам сабз шуда дар тани шаҳр,*

---

[8] Зулфикаров , Тимур. «Обсуждение…», ст.128.

[9] Золотцев, Станислав. «Обсуждение…», ст. 123.

*Ки бад-ин ҳол на шаҳрӣ, на деҳотӣ бошам,*
*Кандам аз хеш, чӣ сон бо дигаре пайвандам?!*

Бубинед, ки дар ҳамин чанд мисраъ муҳиммтарин масъалаҳои ҳастии фалсафии инсон ба чӣ устодии шоирона матраҳ шудаанд. «Ман киям, аз куҷо омадаам ва ба куҷо меравам?» – суолҳои ҳамешагии фалсафии инсони огоҳеанд, ки ба худ медиҳад, то рисолати инсонии хешро муайян кунад. Инҳо суолҳоеанд абадӣ, вале барои ҳар наслу ҳар инсон тоза, ки ба онҳо ҷавоби худро бояд бигӯяд. Дар мисраи дуюм боз масъалаи муҳимми дигари фалсафаи ҳастии инсон матраҳ аст, ки он пайванди ӯ бо табиат аст ва дар чаҳор мисраи баъдина боз ҳам масъалаҳои дигари аз он ҳам муҳиммтари муносибати шаҳру деҳ ва инсоне, ки дар байни ин ҳар ду бояд шахсияти худро муайян намояд, ба миён гузошта шудаанд. Вале хонанда агар ҷиддан фикр накунад, ҳеҷ пай намебарад, ки шоир дар баробари изҳори ҳиссиёти шахсӣ ва отифии хеш масъалаҳои ҳастии фалсафии инсонро ба маърази андеша мегузорад, зеро ин масъалаҳо на чун масъалаи фалсафӣ бо забони мантиқӣ ба миён гузошта шудаанд, балки мавзӯи баён ва тасвири шоирона қарор гирифта, монанди шохаҳои дарахт табиӣ ноаён мерӯянд ва дар достон баррасӣ мегарданд. Ин аст маҳорати баёни шоиронаи масъалаҳои фалсафӣ, ки забонаш пур аз маҷозу истиора буда, дар айни замон муҳиммтарин нуктаҳои фалсафаи ҳастии инсонро ифода менамояд.

«Санги ман – алмос» бо фаро гирифтани масъалаҳое, аз қабили инсону табиат, инсону инсоният, адолату разолат, ишқу муҳаббат ва нафрату адоват, озодию асорат, достонест, ки ҳамеша тару тоза ва мавриди қабули хотир боқӣ хоҳад монд, зеро ҳар насли башар бо масъалаҳое, ки дар он матраҳанд, рӯ ба рӯ омада, ба сари он андеша хоҳад кард ва ба ӯ ҷавобҳое, ки як инсони дилогоҳ дар ин бора додааст, на фақат шавқангез, балки мададгор ҳам хоҳанд буд, ки ҷавобҳои худро ба он ёбад ва ин хусусият ба ин асар фазилати фаромаконию фарозамонӣ медиҳад.

Ин достонро барҳақ метавон симфунии зебои ҳаёт номид, зеро дар он зуҳуроти гуногуни ҳаёт бо самимитарин суханҳо, шӯрангезтарин ҳиссиётҳо, хаёлангезтарин суратҳо ва дилнишинтарин маъниҳо ифодаву тасвиру тавсиф шудаанд:

*Дӯст дорам фаварони гули шафтолуро,*
*Ишқи занбӯри асалро ба арӯси гули себ,*
*Ки ба як бӯсаи ширин кунадаш обистан*
*Ва ман обистани гулро*
*ба қалам об диҳам,*
*То ки дар дафтари ман шохаи себ орад бор.*

Ва ин яке аз зуҳуроти ҳаёт аст, ки ишора ба сарчашмаи ҳамаи зебоиҳо будани он дошта, аз ҷумла ба эҷоди бадеъ – обистани гулро ба қалам об додан, ки шохаи себ бор орад , яъне ба кори шоир, эҷод ҳам тааллуқ мегирад.

Ва зуҳуроти дигари ҳаёт ишқ аст, ки бе он зиндагӣ маъно надорад. Азбаски ишқ дар зиндагӣ маъно ва моҳияти амиқ дорад, пас метавон ҳаётро ҳамчун зуҳуроти дигари ишқ шинохт, зеро моҳияти ҳастии бошуурона дар ишқ аст. Ҳоло сухан на дар бораи ашъори ошиқона мебошад, ки дар он шоир аз лаҳзаҳои гуногуни ғалаёни ишқ дар ҳастии худ сухан мегӯяд, на, балки дар бораи худи чигунагии ишқ ҳамчун навъи эҳсосоти инсонист. Ҷойи тааҷҷуб ҳам нест, ки шеъри ошиқона дар эҷодиёти шоирон нисбат ба ашъоре, ки ишқро ҳамчун навъи эҳсосоти инсонӣ ситудаанд, ба маротиб бештаранд, зеро ин гуна лаҳазоти ошиқона дар зиндагиашон бештар буда, онро худ шахсан таҷриба ҳам кардаанд. Аммо ситудани ишқ ҳамчун навъи эҳсосоти инсонӣ аз таҷрибаи шахсии як нафар фаротар рафта, хусусияти аслии ишқро, ки ба ҳама тааллуқ гирифтанаш мумкин аст, дар бар мегирад ва дар он ҳолат он на моли эҳсосоти фарди ҷудогона, балки маҳсули эҳсосоти умумибашарӣ ба ҳисоб меояд, ки як навъи зуҳуроти ҳаёт маҳсуб мешавад. Ва ҳоло ки сухани мо аз ситудани ҳаёт аст, манзури мо аз ишқ низ ҳамин яке аз

зуҳуроти ҳаёт будани он аст. Дар достони «Санги ман – алмос» чунин мисраъҳое ҳастанд, ки манзури моро ба дараҷаи аъло таҷассуми бадеӣ додаанд:

*Духтарам, к-аввали бурҷи моҳӣ*
*ба ҷаҳон омадааст,*
*Рӯзе омад тозон,*
*(Он замон кӯдак буд)*
*Гуфт: Бобо, амакеро дидам дар кӯча,*
*Ба сараш лонаи кафтар мерафт*
*Ва ба оҳубара мегуфт сухан чун бо мо,*
*Моҳӣ аз рӯд ба ҳар як суханаш пар мезад.*

*Ногаҳон себи ҷавоне, ки ба зераш будем,*
*З-ин суханҳои шигифти кӯдак*
*Шох афшондаву ларзиду шукуфт.*

Ҳамчунонки мебинем, дар ин мисраъҳо сухан аз таҷрибаи шахсист, ҳатто симои Маҷнун, ки рамзи ошиқии бебадал аст, ба воситаи дарки кӯдаконаи духтари шоир, ки худ ҳам маҳсули ишқ аст, бисёр содаву табиӣ ва поку беолоиш бо таъбиру тасвирҳое, монанди ба сар лонаи кабӯтар доштан, бо оҳубара чун бо инсон сухан гуфтан ва аз рӯд ба ҳар суханаш пар задани моҳӣ ва шукуфтани себи ҷавон пас аз шунидани ин суханҳо, ки ишора бар Лайлост, дар пеши назар муҷассам карда мешавад, ҳама зебоянду дилнишину хотирмон. Дар ҳамин асос дар мисраъҳои баъд аз он ситоиши олиҷанобе аз ишқ карда мешавад, ки ҳамчун ҷамъбасти фалсафӣ пур аз маънову эҳсосот буда, ишқро, ишқи маҷозиву намозӣ, яъне ишқи моддию маънавиро дар ҳама ҷой, дар ҳар лаҳзаву дар ҳама зуҳуроти нек дида, ба ҷону дил меболад ва он оҳанги болидану таассуроти амиқ хонандаро низ батамом зери таъсири худ мегирад:

*Зиҳӣ, он ишқи Худованди*
*ҷаҳонҳои ҷаҳонсоз,*

*зиҳӣ,*
*Ки саросар ба ҳама соҳати даҳр,*
*Ба ҳар оҳанги сабо,*
*Ларзаи барги дарахт,*
*Сари ҳар мавҷи равон,*
*Балки дар ҳар нафаси туғи биёбони ҳаҷир*
*Накҳати ишқи маҷозиву намозӣ ҷорист*
*Ва ба ҳар нахли шукуфта*
*чамани орзуи Лайлоест*
*Ва ба ҳар пайки навозишгари бод*
*Мавҷи дарё,*
*таби саҳрои дили Маҷнунест.*

Бешубҳа, агар шахси шоир худ эҳсосоти сӯзони ошиқона надошта ё онро таҷриба накарда бошад, сухани ӯ дар бораи ишқ ҳамчун навъи ҳиссиёти инсонӣ амиқу таъсирбахш нахоҳад буд, зеро асаргузории дарку эҳсосоти куллӣ ҳам дар асоси таҷрибаи шахсӣ ба даст хоҳад омад. Ҳар қадар таҷрибаи шахсӣ амиқу сӯзонтар бошад, ҳарф аз эҳсосоти куллӣ низ ҳамон қадар жарфову ҳарорат пайдо менамояд. Баъзан ҳар ду навъи ин эҳсосот метавонад дар як шеър ба ҳам ояд, масалан дар шеъри «Достони ишқи ман»-и Аскар Ҳаким дар асоси таассуроти шахсии ошиқонаи шоир хулосаҳои фалсафие ҷой доранд, ки бар эҳсосоти куллии ошиқона нисбат мегиранд:

*Эй саропо дафтари шеъри худоёна,*
*Бо мани муштоқи шеър аз байти абрӯят худоӣ кун,*
*Ташнаро аз чашмаи нӯши лабонат оби ҳайвон деҳ*
*В-ин хаёли бепарамро болу пар деҳ, шавқи ҷавлон деҳ.*
*Сатрҳоямро ба мавҷи обшори мӯйи афшонат*
*Аз ҳама қайди тааллуқ яксара озод кун,*
*То абад банди ту бошад,*
*Бахтпайванди ту бошад…*

Ин суханон аз таҷрибаи шахсии ошиқона бармеоянд вале байте, ки дар зер меояд, хулосаест, ки аз ин ва монанди ин байтҳо гирифта шуда, ба тавсифи ишқ ҳамчун эҳсосоти куллӣ нисбат мегирад ва азбаски ҳиссиёти ошиқонаи дар боло ифодагашта тару тозаву сӯзону фарогир аст, хулоса амиқу фарох ва пурмаъност:

*Гар ҷаҳон ҷойе барои зиндагӣ дорад,*
*фақат оғӯши ишқ аст,*
*Гар ҷаҳон ҷойе барои бандагӣ дорад,*
*фақат оғӯши ишқ аст.*

Ишқ, танҳо ишқ аст, ки инсон бо он метавонад зиндагии шоиста дошта бошад ва на танҳо зиндагӣ, ҳатто марг, яъне бандагии шоиста ба ҷо овардан ҳам ба шарофати он аст, пас эҳсосоти ишқ на фақат як навъи зуҳуроти ҳаёт, балки маънои ҳаёт аст. Шоире, ки ба ишқ ин қадар мақоми олӣ дода, сабаб ва моҳияти ҳаётро дар он мебинад, агар зиндагиеро беишқ бинад, ба чӣ ҳолати тоқатфарсое гирифтор шуданаш мумкин аст. Ва ӯ ба ҳоли онҳое, ки дар дунёи ба қавле «хирадгаро» ё «боҳушона» мақоми ишқро ба эътибор намегиранд, ё бо «беишқӣ» мезиянд, сахт таассуф хӯрда, дар «Чашми оҳу», ки шеъри ошиқонаи пуртаъсир ва навгароёнаи зебоест, бо муроҷиат ба маҳбуби дилаш мегӯяд:

*Дар ин дунёи дарбаста,*
*Ки шаҳрӣ пеш аз он ки мекунад*
*дарро ба рӯят боз,*
*Туро аз пушти дар бинад ба чашмандоз,*
*На танҳо боз медорам дари худро,*
*Ки қуфли синаро бишкаставу сар медиҳам овоз:*

*Дар ин айёми беишқӣ*
*Ҳама он гуна ҳушёранду соҳибҳуш,*
*Ки ҳатто дар шигифт оянд аз Лайлову аз Маҷнун.*

*Ва ман акнун*
*Ба ёди чашми оҳуят,*
*Ғизоле ҳам намеёбам, ки бо ҳасрат кашам оғӯш.*

Ишқ моя ва маънии зиндагию ҳастист. Маъмулан муносибат ба ин ҳарду ду навъ сурат мегирад – хушбинона ва бадбинона ва азбаски решаи фалсафа асосан дар ақл аст, ки он аз таҷриба ҳосил гашта ҳар лаҳза тағйир намепазирад. Аз ин рӯ, файласуфе, ки бар кадом ин ду навъи идроки зиндагию ҳастӣ моил бошад, бештар дар ҳамон ҳол хоҳад монд. Аммо шеър дигар аст: решаи он асосан дар эҳсосоту таассурот асту моҳияташ дар мондагор кардани лаҳзаи шоирона, бинобар ин дар осори як шоир ҷой доштани ҳардуи ин навъи бардошт аз зиндагӣ комилан табиист ва агар зарур бошад, шояд аз рӯи бартарии кадоме аз ин таассурот дар саросари эҷодиёташ ӯро ба ин ё он фирқа мансуб донистан мумкин аст, ки он ҳам дар аксари ҳол шартист. Бинобар ин, агар дар ашъори шоир ғаму шодӣ ба ҳам даромехта оянд, аҷобате надорад. Дар асл ин идроки дуҷонибаи ҳастист, ки аз ду қувваи ба ҳам зид - неку бад шакл гирифтани оламро таъкид менамояд, ки асоси таълимоти Зардушт бар он гузошта шуда буд, яъне ин чизест, ки дар азал буду то абад ҳам хоҳад монд. Дар айни ҳол барои мо он муҳимм аст, ки ин шоир ба дарки ин нуктаҳо аз замонҳои хеле ҷавониаш расидааст. Ду шеъре, ки ӯ дар 18-19 солагиаш навиштааст, ки яке «Гул ва хор» ҳамон вақт чоп шуда, дигаре «Имони саг» баъди сӣ-сивупанҷ сол ба нашр расидааст, далели ҳоланд. Шеъри аввал аз чаҳор мисраъ иборат буд, ки баъдан бо номи «Ҳамоғӯш» ва афзудани байти дуюм дар шаш мисраъ дар «Мунтахаби ашъор»-и ӯ омадааст, ки ин аст:

*Гул ҳамоғӯш ба хоре рустаст,*
*Аҳд гӯё ки ба ёре бастаст.*
*Лек хораш тани гул озорад,*
*Ҳар нафас ранҷи наваш бозорад.*

*Теша бар решаи он гар бизанӣ,*
*Ҳосил он аст, ки гулро биканӣ.*

Шеъри дуюм «Имони саг» ривоятист. Заминаи ин шеър дар фалсафаи ахлоқ, дақиқтараш бадахлоқӣ буда, дар хидматношиносӣ ифода гаштааст, ки оқибат инсонро бар ваҳшоният ва ноодамӣ расонидааст. Сайёде саги тозии худро, ки солҳо ба ӯ содиқона хидмат кардааст, дар рӯзи пирию нотавониаш нонхӯри сарзиёде дониста, ба дашт мебарад, то бипаронад. Саги содиқи ғофил ба гумони он ки соҳибаш ӯро ба шикор овардааст, тамоми қуввваи пиронаашро ҷамъ карда, ба охирин хидмат тайёр мешавад, ки тири соҳиби қадрношинос ҷигари ӯро сӯрох мекунад, вале саг:

*Хунчакон омад ба пеши пойи ӯ,*
*То ба пойи ӯ бимолад чашму рӯ.*

*Дар ҳамин имони худ ҷон дод саг,*
*Соҳибаш бар марги ӯ овард шак.*
*Бори дигар тир зад бар синааш,*
*Тир зад бар дӯсти деринааш.*

*Монд дашту монд имону шаке,*
*Монд тиру монд инсону саге.*

Сухани шоир дар ин шеър дар ниҳояти фишурдагӣ ва муҷазӣ аст, худи амал ба дараҷае муаассиру фоҷиавист, ки ҳама гуна воситаҳои ёрирасони бадеиро истисно мекунад. Шоир ҳатто ишорае ба баҳои худ ба ин амал намекунад, зеро дар ин маврид як ҳарф ҳам зиёдатист, баҳо дар худи воқеа аст ва ҳар хонанда бе ҳеҷ гӯшзаде ба он мерасад. Ин шеър аз назари донишманди эронӣ Алиасғари Шеърдӯст аз ҷумлаи беҳтарин шеърҳои муосир аст, ки бо ҳунари офаридани ҳолати фоҷеавӣ, нишон додани хулқу хӯ ва бе ҳеҷ сухане маҳкум кардани ахлоқи ношоиста, ки натиҷаи манфиатҷӯии ғайриинсонист, дар радифи ашъори мондагори классикӣ

қарор мегирад. Алиасғари Шеърдӯст дар накди ин шеър чунин навиштааст: «Ва гоҳо Саъдивор каломи хешро дар хидмати танбеҳу огоҳии инсон мегирад ва вайро аз лағзишҳову бемеҳриҳову номардиҳову номуродиҳо огоҳӣ медиҳад ва ҳақ ин аст, ки ин бахш аз ашъори Аскар Ҳаким дар зумраи беҳтарин сурудаҳои вай ба шумор меравaнд. Намунаҳои ин гуна ашъор манзумаи «Имони саг» аст, ки бо ниҳояти зебоӣ ва устодӣ суруда шуда…»[10].

Ҳар дуи ин шеър «Ҳамоғӯш» ва «Имони саг», ки дар ҷавонии шоир эҷод шудаанд, далели бебаҳси онанд, ки андешамандии фалсафӣ яке аз сифатҳои зотии истеъдоди шоирии Аскар Ҳаким буда, он сол ба сол амиқу густарда ва шоиронаву муаассиртар мешавад ва дар достони «Санги ман – алмос» ва ашъори солҳои охири ӯ бо тамоми паҳнову жарфо ва таровату гуногунрангӣ ба зуҳур омадааст.

Дар баробари ҳамаи ин ҳамеша бояд дар назар дошт, ки андешаи фалсафӣ дар осори Аскар Ҳаким на ҳамчун мафҳуми муҷаррад, балки ҳамчун як паҳлуи тасвири шоиронаи ҳастӣ, ифодаи бадеии ҳиссиёту таассурот, омили таъсири шоирона ба тафаккуру амал зоҳир мешавад. Зеро андешаи ӯ ҳамеша аз сарчашмаи воқеият, олами беинтиҳои зуҳуроти ҳастӣ об мехӯрад. Аз ин рӯ, ӯ бештар ба олами шайъӣ назар дорад ва олами шахсӣ, ки дар ашъораш инъикос мешавад, акси ҳамон олами шайъист, ки ӯ маърифат мекунад, яъне ин ҳамон олами ҳастӣ ва зиндагие, ки шоир бо дилаш эҳсосу дарк мекунад ва бинобар ин бо мурочиат ба дил мегӯяд:

*Он роҳ, ки меравӣ, надорад поён,*
*Баҳре, ки шино кунӣ, надорад соҳил.*

Ё дар рубоии дигар:

*Дарёб ту, он чиҳо гузашт аз сари ман,*

---

[10] Алиасғари Шеърдӯст. «Баргузида…», саҳ. «д».

*Аҳсант ба ин тобу табу тоқати дил.*

Он чизе, ки аз сар мегузарад, яъне зиндагӣ мавриди тоқати дил, андешаи дил аст, ҷаҳони шахсии шоир инъикоси ҷаҳони моддист. Ин ҳолат барои ин шоир бисёр муҳимм аст, зеро андешаи шоиронаи ӯ паҳно мехоҳад ва онро намешавад дар як олами маҳдуди ҳиссиёти фардӣ ҷой дод. Ӯ оламро бо ҳамаи гуногунии тазоҳуроташ ба дил ҷой медиҳад, ҳамчунонки дар шеъри «Арзадошт» бо бардошти хаёлпардозона мегӯяд:

*Ман, ки мехоҳам равам бар кӯҳсорон*
*Ҳамчу тундар,*
*Ё кушоям синаи худро ба киштиҳои дарё*
*Ҳамчу бандар,*
*Ман, ки шӯру шавкати дарё ба дил ҷо мекунам,*
*Хешро аз қалби сангину хамӯши кӯҳ ово мекунам,*
*Ман агар маҳфил кунам,*
*маҳфил кунам танҳо ба хеш,*
*Ё ба он дарёи пурҷӯш,*
*Ё ба ин кӯҳи хамӯш.*

Ва дар ин ҷо кӯҳу дарё, тундару бандар, пурҷӯшию хамӯшӣ истиораҳо аз тазоҳуроти гуногуни ҳастист, ки шоир ҳамаи онҳоро дар дил ҷой додан мехоҳад ва воқеан ҳам ҳамин тавр мекунад, ин аз фарохии мавзӯи ашъораш, ки паҳлуҳои гуногуни зиндагиро дар бар мегирад, бармало ба назар мерасад. Ин ҳолат дар эҷодиёти ӯ тасодуфӣ ва ё ноогоҳона набуда, балки мавқеест огоҳона, мақсаднок ва усулии эҷодии ӯро ифода менамояд. Дар баробари ин ӯ аз аҳаммияти ҷаҳони шахсӣ ва ботинӣ заррае намекоҳад, ки дар ҳамин пораи иқтибосшуда ҳам вақте ки «ман агар маҳфил кунам, маҳфил кунам танҳо ба хеш» мегӯяд, мо тасдиқи онро мебинем. Аммо чизе, ки аз маҳфили бо хеш, яъне бо дили хеш баргузор кардаи ӯ бармеояд, ҳаргиз шахсӣ набуда, моҳияти башарӣ дорад.

*Ман намегунҷам ба маҳфилҳои танге,*
*Саҳнаи эҷоди шоир*
*саҳнаи дунёст.*
*Хешро дар кулли дунё*
*мекунам эҳсос чун дар хонаи хеш,*
*Хонаи ман*
*хонаи фардост.*
*Баъд аз ин маъзури маҳфилҳову маҷлисҳоятон,*
*Бо шумо, маҳфилбузургон, хоҳаме дарди бузург.*
*Ончунон дарде, ки дар маҳфил нагунҷад,*
*Ончунон дарде, ки дар манзил нагунҷад,*
*То шумо дар хеш, дар олам нагунҷед,*
*Балки дар ман ҳам нагунҷед.*

Шоир дар ин ду пора, ки аз аввалу охири шеъри «Арзадошт» иқтибос шуд, аз кӯшиши бо тамоми вусъат сина кушоданаш ба олами ҳастиву ҳодис сухан мегӯяд ва ҳатто ба онҳое ҳам, ки бар хилофи рисолати шоирӣ худро побанди маҳфилҳои танг месозанд, нукта мегирад ва мегӯяд, ки агар худро ба дарде гирифтор карданӣ бошед, ба дарде гирифтор кунед, ки дар олам ва ҳатто дар ман нагунҷад, яъне ман дар дард доштан аз олам ҳам бузургтарам. Албатта, ин ҳарф решаи тасаввуфӣ ва фалсафӣ дорад, дили ҳар ориф чанд олами ҳастиро дар худ гунҷоиш медиҳад, ба ин маънӣ шоир дар достони «Санги ман – алмос» ҳам ишора дорад:

*Чашми дил боз шуду дидам ман,*
*Ки ҳамин мушти муҳаббат, ки варо Дил ном аст,*
*Дар қафасбанди ниҳони сина*
*По фаро мениҳад аз саҳроҳо,*
*Жарфтар аз дарё*
*Ва фаротар аз арш*
*Ва ҳамон бори амонат, ки на дарёву на кӯҳ*
*Ва на афлок тавонист кашид,*
*Мекашад ин дили ошиқ бар дӯш.*

Акнун бояд дид, дарде, ки шоир аз он сухан мегӯяд, чӣ дардест? Дарди ночизи шахсист ё дарди бузургу башарӣ. Барои муайян кардани он ба ашъоре рӯй бояд овард, ки шоир дар онҳо аз дард суҳбат мекунад ва хусусияти он дардро бояд муайян сохт. Барои ин ба чанд шеъри ӯ, масалан, «Чӣ эҳсоне?!», «Шаҳри меҳолуд», «Имон», «Мерос», «Хазони умр», «Чароғи дур», «Аспи кишанбанд», «Камарбанди кӯҳистон», «Шеъри хундори ман гиряд…», «Сарви сабзу тути хушк», «Чӣ кунам?!» ва дигарҳо як назар андохтан кофист, ки дарди бузурги башарӣ будани он дарк карда шавад. Дар бораи шеъри охир – «Чӣ кунам?!» Муҳаммадалии Аҷамӣ дар мақолаи худ «Нигоҳе кӯтоҳ ба қомати баланди шеър», ки дар бораи вежагиҳои шеъри Аскар Ҳаким аст, навишта буд, ки: «Ин шеър аз сарнавишти миллат, аз таърихи миллат, ранҷҳои миллат бар мо мегӯяд… Шеър аз аввал то охир як ҳуҷҷат аст, ки тоҷик дар масири таърих чӣ гуна зистааст, чӣ гуна аз нобудӣ худро чун қақнус боз эҳё кардааст… Ва шоир мегӯяд…дигар вақти наъраи бедорӣ задан аст, замоне аст, ки миллат бояд худро ҳам ҳифз кунад ва ҳам бисозад»[11] Бар суханҳои ин муаллиф ман ҳамин қадар меафзоям, ки ин хусусият, дар дарди худ ҷой дода тавонистани дарди дигарон, ки дар мавриди зарурӣ дарди миллат ҳам ҳаст, дар фазилати шоирии ин эҷодкор аст. Масалан, дар шеъри дигаре, ки номаш зикр шуд, «Мерос», шоир дарди бузурги миллатро баён карда тавонистааст, ки дар даҳсолаҳои аввали асри гузашта ҷой дошт. Дар ду банди аввали он шеър омадааст:

*Деҳаи мо сабз буд дар пойи кӯҳ,*
*То варо созанд дигар,*
*Аввалаш карданд хокистар.*

*Боз он тире, ки бояд бар тани бобом мерафт,*

[11] Аҷамӣ, Муҳаммадалӣ. «Нигоҳе кӯтоҳ ба қомати баланди шеър»//«Адабиёт ва санъат», 16.07. 2009, № 29, с. 14.

*Аз хато бархӯрд бар кӯҳ,*
*Пай бишуд дар санг пайдо.*

Дард аломати зиндагист, танҳо ҷисми зинда эҳсоси дард мекунад ва аз он сухан мегӯяд. Дард на фақат аломат, балки оғози зиндагист, инсон бо фарёди дард, гирён ба дунё меояд:

*Ин абри баҳор нолазо меборад,*
*Бо нола ба хоки мурда ҷон меорад.*
*Кӯдак ҳама гирён ба ҷаҳон меояд,*
*Ашк аст, ки тухми зиндагӣ мекорад.*

Бузургтарин масъалаи башарият маргу зиндагист, ки онро ҳамеша бо худ машғул медорад ва то маргу ҳаёт ҳаст, бедортарину андешамандтарини эҷодкорон бар сари он ба тафаккур ва тааммуқ нишастаанду боз хоҳанд нишаст, ки ба асрори азал пай бубаранд, зеро ҳамчунон ки гуфтаанд: «Асрори азалро на ту донию на ман» ва ё ҳамчунон ки шоири мо мегӯяд:

*Ман рози вуҷуди худ намедонам, чист,*
*Сирри адамам, пас, аз куҷо дарёбам?!*

Аммо ин надонистан, албатта, он надонистангароии суфастоӣ нест, балки дар айни ҳол як тарзи бадеист, ки шоири муътақиди идрокшавандагии олам онро барои амиқтар ва ҷолибтар баён кардани дарёфти ҳастӣ истифода мебарад, зеро маҷмӯи эҷодиёти ӯ бар ин асос аст.

Бешубҳа, дар садаи бисту як шоире ҳамчун Аскар Ҳаким, ки аз донишҳои замон огоҳ аст, мубаллиғи надонистангароӣ наметавонад бошад ва аз ин рӯ баъзан ҷой доштани чунин ифодаҳо ба манзури бештар ҷалб кардани таваҷҷуҳи хонанда аст, ки сипас ақидаи худро баён намояд. Бинобар ин, ҳангоми муайян кардани ин масъала тамоми

эҷодиётро бояд ба назар гирифт, масалан, дар достони «Санги ман – алмос», ки ин масъала матраҳ аст, мегӯяд:

*Зиндагӣ*
*дониши нодониҳост.*

*Бикунад дониши мӯраш ҳамаро дар ҳайрат,*
*Ки агар донаи арзан бибарад,*
*карда ду тақсим варо*
*Ва агар донаи гандум бибарад,*
*карда чаҳораш пора,*
*Бигузорад, ки нарӯяд ба баҳор…*
*…Ва агар мӯр бад-ин сон доност,*
*Чӣ тавон гуфт зи донишварии инсонаш.*

Зиндагӣ на фақат мавзӯи донишу омӯзиш аст, балки воқеиятест, ки инсон тамоми иродаи худро барои ба амал баровардани мақсадҳои бузургтаринаш истифода бояд кунад. Зиндагиро танҳо мақсад, ирода ва фаъолияте, ки натиҷа додааст, арзишманд мегардонад. Ба Аскар Ҳаким дарки ин гунаи моҳияти зиндагӣ аз ҷавонӣ хос будааст, ки ҳам дар ҳаёти эҷодиаш пайдосту ҳам дар фаъолияти иҷтимоияш. Дар яке аз шеърҳои давраи ҷавониаш «Гуфта будам, ҷавони хушбахтам…» бо эҳсоси гарми хоси ҷавонӣ гуфтааст:

*Дар дили ӯ шукуфта ахтарҳо,*
*Дар сари ӯст фикри чархи барин.*
*Лек рӯзе фурояд ӯ зи само*
*Ғарқаи нур бар канори замин.*

Масъалаи маргу зиндагӣ бо зуҳороти гуногуни худ дар бисёр шеърҳои шоир, аз ҷумла дар «Зиндагӣ бозтоби тақдир аст», «Чӣ эҳсоне?!», «Дарё, маро бигир…», «Интихоб», «Умеди паси девор», як силсила рубоиҳо, достонҳои «Достони Нону Имон» ва «Санги ман – алмос» таҷассум

ёфтааст, ки баррасии муфассалеро мехоҳад, вале ман ин ҷо мухтасаран чанд нуктаро қайд мекунам. Бо он эҳсоси тунду тез ва хунгармие, ки дар сиришти ин шоир ҳаст, ӯ наметавонад мушоҳиди бетарафи зиндагӣ бошад, аз ин рӯ арсаи зиндагӣ барои ӯ ҷои санҷидани қудрат, фаъолият ва мубориза барои пирӯзии инсон бар ҳама мушкилот ба хотири зафари некӣ бар бадӣ, нур бар зулмат ва адолат бар разолат аст. Ҳамчунон ки дар ин рубоияш мегӯяд:

*Умрат ба масал агар чу дастовез аст,*
*Некаш нигарӣ, ба роҳи Ҳақ маҳмез аст.*
*Ҳоло накунӣ ба роҳи Ҳақ растохез,*
*Ҳар рӯзи пас аз марги ту растохез аст.*

Зиндагӣ барои ӯ бо мақсуди волояш арзишманд аст ва ҳатто чигунагии марг бо чигунагии мақсуди зиндагӣ бастагӣ дорад, агар он мубориза барои ҳаққу адолат нест, пас оромише ҳам баъди он нест ва ҳар рӯзи пас аз марг барои кас растохези абадист, ки даҳшатноктарини даҳшатҳост. Бинобар ин дар шеъри ривоятии хаёлофарини «Интихоб», ки оғозаш ба афсонаҳои мардумӣ шабоҳат дорад, ровӣ, ки шоир аст, ними роҳи умрашро тай карда, дар назди дуроҳае қарор мегирад, ки:

*«Равию боз гардӣ, лек бемақсуд»,*
*«Равию барнагардӣ, лек бомақсуд».*
*Ду хат сӯйи ду роҳи саъб ишорат дошт бепарво.*

Равию барнагардӣ, яъне мақсуд ба даст орию зиндагӣ аз даст диҳӣ ва шоир вазъи худро дар ин ҳолати фоҷеавӣ бо табу тоб ва шиддати тоқатшикан тасвир карда, ба хулосае мерасад, ки роҳи дуюмро интихоб бояд кард, яъне ба хотири мақсуд аз зиндагӣ даргузашт, ҳарчанд:

*Ки гар ёреву дидорест, бо умр аст,*
*Ки гар ишқеву дилдорест, бо умр аст.*

*Вале бардоштам гом аз раҳи сонӣ,*
*Гузаштам аз бисоти зиндагиву умри нотакрор,*
*Куҷоӣ лек, эй мақсуд,*
*эй мақсуди безинҳор?*

Мушкилоте, ки шоир барои ба даст овардани «мақсуди безинҳор»-и зиндагӣ рӯ ба рӯ меояд, на фақат дар зиндагии воқеии ҷомеа мавҷуданд, ки дурӯғу фиребу беадолативу душманӣ аз ҷумлаи онҳо буда, боиси нохушиҳои рӯзгори мардуманд, балки дар худи ӯ низ ҷой доранд, ки то бар онҳо пирӯз наояд, аз худ қонеъ буда наметавонад.

*Дар касби камоли дил асар пайдо нест,*
*Дар мадди назар ҳадди зафар пайдо нест.*
*Дигаршуди олам накунад суде, чун*
*Дар қалби ту дунёи дигар пайдо нест.*

Барои дар қалби худ ба вуҷуд овардани дунёи дигар, ки барои эҷоди зиндагии тоза замина гузорад, заҳмати сахти ботинӣ бояд кашид ва тамоми тавоноии рӯҳии худро ба кор андохт, ки на ба ҳар кас ва на ҳамеша даст медиҳад, аммо роҳи дигаре барои дастрасӣ ба мақсуди олии зиндагӣ мавҷуд нест.

Оё зиндагӣ маъно ва моҳият дорад, агар дошта бошад, дар чист? Ин суолест, ки аз замони зиндагии боҳушонаи башарият на фақат дар назди фалсафа, балки ҳамаи улуми инсону ҷомеашиносӣ ва адабиёту ҳунар матраҳ будаасту мебошад ва дар ҷавоби он бештар аз ҳама қаламу коғаз фарсуда шудаасту боз ҳам мешавад, зеро масъалаест, ки на фақат дар назди ҳар як насли тоза, балки дар назди ҳар фард низ мебошад. Ҳанӯз дар «Китоби ҷомиа»-и Ҳазрати Сулаймон бани Довуд омадааст, ки «ва тамомии корҳоеро, ки зери осмон карда мешавад, дидам, ки инак ҳамаи онҳо батолат ва дар пайи бод заҳмат кашидан аст» (Боби аввал, ояи 14). Ҳоло таҳқиқот собит кардааст, ки ривоятҳои дар «Китоби муққаддас» ба ӯ нисбатдодашуда дар асл тарҷумаи

ривоятҳои «Оминемопе»-и Мисри қадим мебошанд, ки ба дуҳазорсолаи пеш аз милод мансубанд.

Толис, ки дар садаҳои VII-VI то милод зистааст ӯро Ситсерон «падари фалсафа» номидааст, мегуфт, ки маргу зиндагӣ фарқе надоранд, чун пурсиданд, ки пас чаро намемирӣ, гуфт, чунки фарқе надорад. Бо ин иқтибосҳо мехоҳам таъкид кунам, ки баҳси маргу зиндагӣ мисли дунё қадимист, аммо ҳеҷ замон ва ҳеҷ насли нави башарият аз он ҷои гурез надорад.

Ин масъала ҳамеша ва пеши ҳама ҳаст, фақат онҳое, ки хоҳиш ва ё тавоноии андаррафтан ба ин масъала надоранд, онро нодида мегиранд, аммо аз ин кори худ суде барнамедоранд, зеро дар сари он андешидан ва чӣ гуна ҳал кардани он маъно ва моҳияти зиндагии инсонро таъин менамояд. Ин кор махсусан барои эҷодкор муҳимм аст, эҷодкоре, ки ба сари масъалаи маргу зиндагӣ ба тафаккур ва тааммуқ наменишинад, асари шоистаи таваҷҷуҳе офарида наметавонад, зеро андешаи амиқ оид ба ин масъала на танҳо ба асарҳое, ки маҳз ба ин мавзӯъ бахшида мешаванд, балки ба тамоми асарҳои ӯ жарфои тафаккур ва гармии эҳсосот хоҳад бахшид. Вале на ҳар эҷодкор ба зудӣ ба дарки ин масъала мерасад, баъзе умуман ба он наздик намешаванд, ки ҷои афсӯс аст, зеро худро аз чизе канор мегиранд, ки бар осори онон вазн ва моҳият мебахшад. Аммо Аскар Ҳаким аз ҷумлаи онҳоест, ки барои эҷодкор муҳимм будани андешаҳои муттасилро бар сари масъалаи маргу зиндагӣ аз ҷавонӣ дарк карда, онро на фақат дар ҳаёту таҷрибаи шахсии худ ба муоина гирифтааст, балки мероси бузурги адабию фалсафиро, ки оид ба он мавҷуд аст, мавриди омӯзиш қарор додааст. Партави он таълимот аз осори ӯ ҳар ҷо, масалан, аз аввалин шеърҳои «Имони саг» ва маҷмӯан дар достони «Санги ман – алмос» ба хубӣ ба чашм мерасад, ки бо беҳтарин ваҷҳ ифодаи бадеии худро ёфтааст.

Маргу зиндагӣ, ки худ ҳазорон паҳлу дорад, дар ашъори Аскар Ҳаким низ аз ҷиҳатҳои гуногун тасвир ва ба

андеша гирифта мешавад. Вақте ки ӯ ба ин мавзӯъ аз дидгоҳи зистшиносӣ менигарад, аз зуҳуроти он ба аҷабу хашм омада мегӯяд:

*Аввал хандӣ, пас гирйӣ, ин чӣ наҷот,*
*Аввал бошӣ, пас пошӣ, ин чӣ сабот.*
*Ман маънии зиндагӣ нафаҳмидам ҳеҷ,*
*Аввал ту хурӣ, баъд туро, ин чӣ ҳаёт?!*

Дуруст аст, ки зимни ин тааҷҷубу хашм, инкори ин навъ фаҳмидани зиндагӣ ҳаст, яъне ман онро қабул надорам, мегӯяд шоир, ки он талқини дигаронро ҳам дар назар дорад. Аз назари зистшиносӣ маргу зиндагӣ маъное барои инсон надорад, як амри табиӣ мебошад, на хуб, на бад, инро ӯ дар «Санги ман – алмос» хеле бадеу хотирнишин, устодона ва бо эҷоз дар як байт чунин ифода менамояд:

*Зиндагӣ*
*ҳеҷ на зишт асту на хуб,*
*Зиндагӣ*
*бурҷи тулӯъ асту ғуруб.*

Аммо мақсуд аз зиндагӣ ин нест, дар байни ин тулӯъю ғуруб моҳияте бояд бошад, ки ҳаёти инсон маъно пайдо кунад, аммо ин моҳият ва маъно аз ҷониби чӣ қудрат ва ё чӣ касе ба он ворид карда мешавад? Ё он қазову қадарист? Ҳар чӣ аз азал навишта шуда бошад, он хоҳад шуд? Ин аз мавзӯъҳои азалӣ ва абадии адабиёт аст, ки мавриди тасвиру ифода ва баррасии асарҳои бешуморе будаасту боз хоҳад буд. Аз ҷумла Аскар Ҳаким ҳам дар яке аз рубоиҳояш мегӯяд:

*Асрори ҳаёту марг – асрори азал,*
*Н-ояд зи касе кор дар ин кори азал.*
*Он гуна закӣ Эзидамон сохт, ки мо*
*Дар хоби абад шавем бедори азал.*

Дар байти аввали ин рубоӣ андешаи маъмул аз қазову қадар ифода шудааст, ки барои гуфтани байти хотима замина гузоштааст, манзури шоир ҳам аз гуфтани ин рубоӣ ифодаи ҳамин маъност, ки мо баъд аз даргузаштан бедор мешавем, яъне ҳангоми зиндагиамон дар хобем. Ин ақида дар баъзе рубоиҳои дигараш ҳам баён шудааст.

Аммо оё мақсуд танҳо дар хоби абад бедор шудан аст, ин ақида партаве аз афкори Афлотун ҳам дорад, ки зиндагии инҷаҳонии аксари инсонҳоро хоб номида, мегуфт, ки онҳо дар он ҷаҳон бедор хоҳанд шуд, дар ин ҷаҳон танҳо файласуфон бедоранд. Ҳарчанд мо дар баъзе шеърҳои Аскар Ҳаким бозтоби гуногуни шоиронаи ин андешаи хирадманди қадимро мебинем, аммо ин далели он нест, ки ӯ ин ақидаро талқин мекарда бошад, он дар шеъри ӯ, баръакс, ташвиқ ба он мекунад, ки дар ҳамин зиндагӣ бедор бояд буд, боҳушу огоҳона зиндагӣ бояд кард. Масалан, дар яке аз ғазалҳои ошиқонааш мегӯяд:

*Гар азалам ба ин ҷабин васли туро рақам накард,*
*Ман, ба Худо, ки аз ҷабин пок хати азал кунам.*

Шоире, ки мароми эҷодиаш фаъолият аст, наметавонад усули бефаъолияти зиндагиро, на танҳо тарғиб, ҳатто бо он муросо кунад ё онро қабул намояд. Дар шеъри «Зиндагӣ бозтоби тақдир аст» ҳарчанд нақши тақдир, яъне қазову қадарро дар зиндагии инсон инкор намекунад, ки аз унвони шеър ҳам пайдост, аммо он дар ӯ на итоату коҳилӣ, баръакс, иродаи талошу мубориза ва фаъолиятро бедор ва қавӣ месозад, ҳатто ба дараҷае, ки мегӯяд: туро агар зиндагӣ бо ҳазор макру фиребоияш пойбанди худ карданӣ бошад, ту бояд аз он раҳо шавӣ ва роҳеро, ки барои номҷӯӣ, яъне гузоштани нақши худ дар ҳаёт интихоб кардаӣ, ҳатман давом бидиҳӣ, чунки:

*Пой – дар банд, роҳ – беохир,*
*Тӯли раҳро нигоҳ медонад.*

*Раҳраверо зи роҳ бардоранд,*
*Ғам махӯр, тарҳи роҳ мемонад.*

Тарҳи роҳ муҳимм аст, зеро зиндагӣ бо ту тамом намешавад, чизе ки номи туро ба ояндагон боқӣ мегузорад, тарҳи роҳест, ки аз ту мемонад, тарҳи роҳ танҳо дар натиҷаи рафтан, яъне фаъол будан, ҳаракат кардан, огоҳона зиндагӣ кардан пайдо мешавад. Бинобар ин зиндагӣ фаъолияти ҷовидон ва огоҳона аст. Дар ин боб андешаҳои Аскар Ҳаким дар «Санги ман – алмос» хеле шоирона ва тозаву таранд:

*Чашми бад дур,*
*Гоҳ агар бе хатари ҷон*
*ба думи шер*
*тавон бозӣ кард.*
*Зиндагӣ чун на фақат ҷонбозист,*

*Зиндагӣ боз, ки бозӣ ҳам ҳаст…*
*Зиндагӣ аз кайҳон меояд.*
*Ҳамчу нурест, ки аз роғи даре мегузарад*
*Ва ба торикии долони дудар меларзад,*
*Кас мабодо ки дари хона ба рӯяш бандад.*
*Зиндагӣ*
*ҳадяи нур аст ба ҳар як дари боз.*

Ба ҳақ бояд инсоф дод, ки дар шеъри муосири мо дарки фалсафии моҳияти зиндагӣ бо чунин баёну суварнигории шоирона, ки зимни ҳар ифодаву тасвири он ҳикмате ниҳон бошад, камтар ба назар мерасад. Зиндагие, ки чунин моҳият ва маъно дорад, дӯстдоштанӣ ва орзукарданист: «Зиндагӣ ҳадяи нур аст ба ҳар як дари боз». Бале, дари худро ба зиндагӣ ҳамеша боз бояд дошт, онро ҳамеша мунтазир бояд буд, дӯст бояд дошт. Шоир аз илҳому истеъдоди худ тақозо дорад, зиндагиро ба ин зебоӣ ва саховат, ки он дорад, шоиста тавсиф намояд:

*Дили ман мехоҳад,*
*Сухани шеър бувад сабзтар аз вожаи дашт,*
*Решаи фикр бувад жарфтар*
*аз бехи дусадсола чинор.*
*Савту ово шавад аз хонаи танбӯрии дарё ҷорӣ.*

*Гулпаракҳо сари зулфони алафро гиранд,*
*Ғук бар об ҷаҳад,*
*тоза бароянд ба канор,*
*Сари ду пой нишинад сари санг,*
*Бидамад сурнайи ҷӯю бихонад овоз,*
*Ки бубин,*
*зиндагӣ аз сар чӣ қадарҳо зебост*
*Ва чӣ андоза сахист,*
*Ки ба ҳар ғук диҳад ҳанҷараи довудӣ…*

Ин ҷо суоле матраҳ мешавад, ки сарчашмаи ин муҳаббат ба зиндагӣ чист? Намехоҳам хонандаро маҳви таҳайюр кунам, аммо дар бораи муҳаббат ба зиндагӣ ин суханони мутазоди Толстои бузургро меорам, ки шоири мо аз он огоҳ аст: «Барои дӯст доштани зиндагӣ, дӯст доштани марг зарур аст»[12]. Воқеан ин нигоҳи файласуфона ба маргу зиндагист ва бозтоби он дар бисёр шеърҳои Аскар Ҳаким, масалан, дар «Уқоб», «Зиндагӣ бозтоби тақдир аст», «Дарё, маро бигир…», «Интихоб», «Чӣ эҳсоне?!», «Достони Нону Имон», «Санги ман-алмос», дубайтиву рубоиёти ӯ ба назар мерасад.

Аммо фаҳмиши Аскар Ҳаким аз ин масъала чӣ гуна аст ва он дар ашъори ӯ чӣ гуна бозтобе пайдо мекунад?

Барои шоир Аскар Ҳаким дар зиндагӣ чизи ношоирона вуҷуд надорад, пасттарин зуҳуроти ҳаёт, ҳатто ба таъбир «касифтарин» тазоҳури ҳастии воқеӣ метавонад ба тақозои

---

[12] Толстой Л. Н. Квинтэссенция. Философский альманах. М., Политиздат, 1990. Н. Н. Трубников (Проспект книги о смысле жизни), стр. 446.

муҳтаво вориди шеър шавад ва на танҳо тақозои муҳтаво, балки худи муҳтаво ҳам қарор гирад, зеро масъала дар чигунагии онҳо набуда, дар чигунагии муносибати шоир ба онҳост. Ӯ дар шеър ҳаргиз зебопарастии зоҳирии сабукмояро қабул надорад, барои ӯ зебоӣ ҳамеша дар воқеияти зиндагӣ, дар ҳолату чизҳое, ки мо ҳар рӯз дар зиндагии рӯзмарраамон бо онҳо бархӯрд мекунем, ҷой дорад.

Аз ин рӯ барои ӯ воқеияти пасту олӣ вуҷуд надорад, ҳама воқеият маводи шеър аст, шоир аст, ки ба он аз рӯи зарурат мақоми паст ва ё олӣ медиҳад. Чунон ки дар як рубоияш мегӯяд:

*Олам нашиносӣ, ки шиносӣ хату ҳарф,*
*Сахт аст зи бас тамизи ҳар зишту шигарф.*
*Дар барфи зимистон, ки нахонад булбул,*
*Булбул бувад он зоғ, ки хонад дар барф.*

Зарурат, воқеият аст, ки зоғро дар назари мо булбул месозад ва агар дар асл бигиред, зоғ ҳам, ки дар ин ҷо рамз аст, яъне чизе дар табиат ноҷо офарида нашудааст, дар мақоми худ дар канори барфҳои сарди зимистон камтар аз булбул нест. Ин маънӣ, ки ҳар чизи офарида дар табиат дар мақоми худ ягонаву зебост, хулосаи фалсафӣ аз дарки моҳияти ашё мебошад, ки дар ин пораи «Санги ман – алмос» ҳам ифодаи зебои суварнигоронаи худро пайдо намудааст:

*Осмон дорад агар*
*панҷаи оби раҳмат,*
*На фақат бар сари сарву гулу райҳону тамишк,*
*Ба сари газна, шутурхору ғумой,*
*Ба сари хори хасак ҳам борад.*

Аскар Ҳаким, дар баробари он ки ба ҳар зуҳуроти зиндагӣ бо назари фалсафии моҳиятбин нигариста, онро бадеу шоирона тасвиру бозгӯ мекунад, ба мавзӯи марг низ

ҳамин гуна муносибат дорад. Мавзӯи марг дар ӯ эҳсоси мағшушу тарсу ҳарос эҷод накарда, ҳамчун як амри табиӣ дарк карда мешавад, ки барои давоми зиндагӣ зарур аст, зеро агар марг набуд, зиндагӣ ҳам ба ин сурате, ки мо мешиносем, вуҷуд надошт. Пас, инҳо ҳамдигарро истисно накарда, давоми ҳамдигаранд. Дар мақтаи яке аз беҳтарин шеърҳои худ – «Чӣ эҳсоне?!» ӯ маргро эҳсони худовандӣ бар бани башар медонад, ки бозтобе аз таълимоти исломӣ дорад. Воқеан тасаввур кунед, ки инсоният бе марг − ҷовидон зиндагӣ мекунад, аз ин мудҳиштар чизеро тасаввур намудан душвор аст. Бинобар ин ӯ мегӯяд:

*Чӣ гӯям ман аз ину он,*
*Ки дар подоши он ранҷу машаққатҳо,*
*ки аз дунё кашад инсон,*
*Нахоҳад ҳеҷ чизе аз ҷаҳон ҷуз марги осоне,*
*Чӣ инсоне,*
*Чӣ эҳсоне?!*

Боз, махсусан дар баъзе ҳолатҳо, ӯро ақидаи афлотунӣ, ҳамчунонки болотар қайд кардам, яъне аксари инсонҳо дар ин зиндагии худ хобанду танҳо дар он дунё бедор хоҳанд шуд, ба худ машғул медорад:

*Оне, ки диҳад рӯз сару савдоят,*
*Ором диҳад дар оғӯши шабҳоят.*
*Он гаҳ, ки барад ба хоби ҷовидонат,*
*Бедории ҷовид диҳад фардоят.*

Бедор шудан аз хоби гарон на фақат дар он дунё, балки дар ин дунё ҳам воқеъ шуданаш мумкин аст, ҳамчунонки дар «Чакомаи ризои модар» ҳаст. Аммо ин бедор шудан на ба он маънои афлотунист, балки ба маъноест, ки меҳри модарӣ ба он дараҷа самимию пурқудрат аст, ки метавонад ба кас дубора ҷон бахшад, яъне ҳатто марг дар назди меҳри модар оҷиз аст. Ин чакома яке аз беҳтарин шеърҳоест дар ситоиши

меҳри модар, ки дар он усули сирф реалистии тасвир ва унсури фантастикӣ – хаёлпарастӣ моҳирона ба ҳам омехта, саҳнаеро ба вуҷуд овардааст, ки дар нишон додани бузургии меҳри модар камназир аст. Воқеаи шеър мухтасар аст: модари пире, ки писараш дар маҳбас аст, баъди дидани хобе, ки таъбираш аз ҷаҳон рафтан аст, ба мулоқоти фарзандаш меояд, вале чун ҳоло муҳлати мулоқот нарасидааст, ба ӯ иҷозаи дидор намедиҳанд ва ӯ азбаски дар шаҳр ҷойи рафтан надорад, дар наздикии маҳбас, бо умеди он ки фардо шояд рухсати мулоқот диҳанд, борхалтаашро зери сар гузошта, шабро рӯз карданӣ мешавад. Вале хобаш ба хоби абад бадал мегардад, пагоҳи дигар мардум ва омирони маҳбас аз ҳол огоҳ мегарданд. То ин ҷо сухани шоир то ҳадди ниҳоят сирф воқеънигорона аст, ба монанди ин банди аввал:

*Модаре пир, хору зору наҳиф*
*Ба дари маҳбас омад ин бегоҳ.*
*Ончунон буд нотавону заиф,*
*Ки барояд ба зӯр аз лабаш оҳ.*

Вале баъди он ки модари ба хобиабадрафта «рухсаташ буд кори савоб»-ро мешунавад ва ҷон гирифта бармехезад, усули баён бо бардошту романтикӣ мегардад, то ки амали фантастикӣ, ба чӣ қодир будани меҳри модарро, ки ҳатто бар марг пирӯз меояд, ифода карда тавонад:

*Модар озод рафту бепарво,*
*Ҳеҷ касро на эътиборе кард.*
*Муъҷизеро, ки кас надид асло,*
*Меҳри ӯ ё Худои Борӣ кард.*

*Рафтани ӯ чӣ шӯр меангехт,*
*Ҳама дарҳо ба рӯ-ш во мешуд.*
*Қуфлу занҷиру панҷара мерехт,*
*Бандҳо канда, зери по мешуд.*

Ва модар чун ба сари фарзандаш расида мебинад, ки бемору хоб аст, бо меҳрубонии тамом, ки танҳо ба модарон хос аст, фарзандашро навозиш мекунад ва ҳасрату васияташро ба забон меорад, ки тамоман модаронаву одист, вале онро бе ашк ҳеҷ намешавад таҳаммул кард. Сухан дар ин ҷо боз сирф реалистию табиӣ ва ҳатто ниҳоят заминист, ки аз олами як зани мушти пари аламзада бармеояд. Ва дар охир:

*Дигар аз дасти ман чӣ меояд,*
*Рӯзу рӯзии ман ҳамин будаст.*
*Донам, аммо, ки адл мебояд,*
*Ки Худояш ба банда фармудаст…*

*Ҷон бачам, шоми ҷумъа Қуръон хон,*
*Бифирист ояе ба раҳмати ман,*
*То бидонам, ки зиндаӣ ба ҷаҳон,*
*Охирин мояи саодати ман.*

*Гуфту ҷон дод аз дигар ором,*
*Чун набудаш ба дил ризои дигар,*
*Ки ба гӯраш барад салому паём*
*Баъд аз ин аз писар дуои писар.*

Модар васияташро мекунад ва аз дигар оромона ба хоби абад меравад, марг дар ӯ ҳеҷ гуна тарсу ҳаросе эҷод намекунад. Фалсафаи ин ризоят дар он аст, ки марг барои инсоне, ки рисолати худро иҷро кардааст, ваҳшат надорад. Бинобар ин, ҳамеша бояд кӯшид, ки ин рисолатро ба ҷо биёрӣ, то аз зиндагӣ розӣ бошию аз марг ваҳшат накунӣ. Барои касе, ки ин ҳақиқатро фаҳмидаву аз рӯи он зистааст, марг ваҳшате надорад, балки баръакс, ҳамчунонки дар шеъри «Умеди паси девор» ҳаст, умеди фиребое низ дорад:

*Офтобе ба ғуруб*
*Гузар аз кӯйи дилогоҳ намуд,*

*Сари девор расид.*
*Сари девор чӣ хуршедӣ буд,*
*Паси девор чӣ уммеде буд?!*

Умеде, ки паси девори ҳастист, сипас рух хоҳад намуд, аммо ҳоло талош бояд кард, ки дар зиндагӣ бедор бошӣ ва шоир маҳз ҳамин тарзи зиндагиро қабул ва ташвиқ менамояд. Дар баробари марг мардона ва зиндаву бедор бояд буд, ба дунё, ки омадӣ, дигар аз марг ҷои тарс нест. Дар рубоие мегӯяд:

*Ҳар рӯзи ту пайкори ҳаёт асту мамот,*
*Тарсӣ агар аз марг, ту нозода бимир.*

Тарс аз марг дар ҷои дигар аст – дар беному нишон мурдан, бинобар он ҳар рӯзи ту «пайкори ҳаёт асту мамот», дар ин пайкор ғалаба бояд кард, то ҳаёт пирӯз гардад ва зиндагӣ маъно пайдо кунад. Ҳамчунонки дар хулосаи шеъри «Таманно» мегӯяд:

*Хаста гашта рӯзе аз афту дарафт,*
*Чун равам аз даҳри некию бадӣ,*
*Кош ин ҷо халқ гӯяд: Ҳайф, рафт!*
*Гӯядам он ҷо малак: Хуш омадӣ!*

Дуруст аст, дар ҳолатҳое ки шоир дар зиндагии ҳаррӯза беадолатӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, пастию ноҷавонмардиҳоро мебинад, дар ӯ хоҳиши даргузаштан аз ҳар гуна мубориза ва ҳатто номе, ки инсонро ҷовидон хоҳад кард, пайдо мешавад ва ӯ дар ғазали «Шаби ғусса» мегӯяд:

*Чӣ кунам ба номи ҷовид, ки зи худ нишон гузорам,*
*Ки ман аз ҷаҳони ҷовид ғами ҷовидона дорам.*
*Чӣ ҷаҳон, ки ормонаш сари дор дидани мост*
*Ва хуш аст, агар чу Ҳаллоҷ бикашад ба ҳалқа корам…*

Дар ин ҷо «ғами ҷовидона», албатта, ба ғами гуноҳи азалии инсон ишора дорад, аммо ба ин ғам боз ғами дунёе зам мегардад, ки он Ҳаллоҷ – ҷонфидотарин бандаи Худоро дар роҳи ҳақ бар сари дор кашид ва мутаассифона, то ҳол муҳол аст, ки аз ин хӯи ноҷавонмардонаи худ, яъне аз озори онҳое, ки дар роҳи ҳақ ҳастанд, даст бардорад, шоирро водор месозад, ки ҳатто аз беҳудагии кӯшиш барои номи ҷовидон суҳбат кунад. Шоир ва муҳаққиқи эронӣ Алиризои Қазва дар мақолаи «Аскар Ҳаким – ғазалсарои мутафовит», ки ғазалҳои ӯро аз беҳтарин ғазалҳои муосир меҳисобад, мавзӯи мазкурро таҳқиқ карда, менависад, ки «ғазалҳои солҳои охири ӯ... ғазалҳои комилан мутафовит ва таҷрибаҳои тоза дар зиндагии шоирии ӯ ба ҳисоб меояд. Ҳатто хондани бархе аз ин ғазалҳо комилан ғофилгиркунанда аст» ва ғазали «Шаби ғусса»-ро аз ин назар таҳлил карда, ин байти онро «аз як шоҳбайт ҳеҷ кам надорад», мегӯяд, ки он «...метавонад барои ғазали имрӯзи Тоҷикистон обрӯ ва эътибор шавад»[13].

*На маҷоли зуд рафтан, на тавони дер мондан,*
*Ба кӣ бори тан гузорам, ба кӣ нақди ҷон супорам.*

Агар ҳаросе дар назди марг ҳаст, ин аст, ки вазифаи дар назди худ гузоштаро дар вақташ иҷро карда натавонӣ, зеро умр паррон даргузар аст. Ин маъно дар шеъри бисёр шоирон ифода гаштааст. Аскар Ҳаким ҳам онро ба обу тоби бисёр шадид дар як рубоияш чунин баён менамояд:

*Ин умри башар, ки чашм бар ҳам задан аст,*
*Хоке, ки занӣ ба тифл, атри кафан аст.*
*Бар ҷунбиши гоҳвора меандешам,*
*К-он даъвати рафтан аст ё омадан аст?!*

---

[13] Қазва, Алиризо. «Аскар Ҳаким – ғазалсарои мутафовит». «Адабиёт ва санъат», 27 январи соли 2005, № 4.

Гузаштани умр дар назари шоир чунон тунду тез аст, ҳатто хоке, ки ҳангоми таваллуди тифл бар бадани ӯ мезананд, хокеро, ки бар кафани мурда ҳамчун атри кафан мепошанд, ба ёд меорад ва маълум нест, ки ҷунбиши гоҳвора хабари омадан аст ё рафтан. Ин ниҳояти шадидан афшурдани вақт аст, ки байни зодану мурдан қариб фосилае намегузорад. Дар ин ҳол инсон чӣ бояд бикунад? Лаҳзаеро ҳам аз даст набояд дод, зеро лаҳза асоси замони бекарона аст ва, аз рӯи ақидаи Аскар Ҳаким, ҳар лаҳза баробари ҷовидонагист, ки онро ҳаргиз ба беҳуда сарф набояд кард:

*Бар беҳудаи замони худ мегирям,*
*Ҷонбохтаву ба ҷони худ мегирям.*
*Дирӯз, ки аз даст бишуд як лаҳза,*
*Имрӯз ба ҷовидони худ мегирям.*

Ва инсон ҳар коре кунад ҳам дар охир натиҷа ин бояд бошад:

*Донӣ, ки чаро ба оламат меоранд,*
*К-одам шудан омӯзиву олам гардӣ.*

Бале, мақсад аз омадан ба дунё инсон шудан аст, дар он ҳолат ба дунё омадан, яъне зиндагӣ маъно пайдо мекунад, вагарна худи зиндагӣ, ҳамчунон ки болотар қайд шуд, «на зишт асту на хуб», маъно надорад, инсон аст, ки ба он бо фаъолияти худ маъно медиҳад ё хуб, ё бад. Бинобар ин, маънои ҳаёти одам аз муносибаташ бо олами атроф, пеш аз ҳама, албатта, бо махлуқе аз ҷинси худаш – инсон ва сипас бо кулли мавҷудоте, ки ӯро иҳота кардааст, муайян мешавад ва ҳамин ки ӯ одам шудан тавонад, олам ҳам хоҳад шуд, зеро инсон, чунонки мутақаддимин гуфтаанд, «олами сағир» аст. Аскар Ҳаким дар шеъри «Ҷаҳони сағиру кабир»-и худ мегӯяд:

*Он Худое, ки сохт оламро,*
*То диҳад шакл шодию ғамро,*
*Офарид одаме –*
*ҷаҳони сағир,*
*Ки нагунҷид дар ҷаҳони кабир.*

Дар ин шеър шоир ба ғайр аз он ки инсонро ҷаҳони сағире, ки дар ҷаҳони кабири Худованд нагунҷид, мегӯяд ва ин худ тавсифи оличанобест дар тамҷиди инсон, боз дарёфти арзишманде дорад, ки он инсонро сурати шаклгирифтаи шодию ғам гуфтани ӯ буда, моҳияти ҳастии инсонро ниҳоят воқеӣ ва ба дараҷаи эҷоз мухтасару бадеӣ ифода намудааст.

Масъалаи инсон дар шеър ва дар фалсафа аз масъалаҳои меҳварист, агар он дар фалсафа аз давраҳои нахустини пайдоишаш мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор гирифта, боиси пайдо шудани на танҳо тадқиқоти бисёр, балки мактабу равияҳои гуногун шуда бошад, дар шеър ҳам на камтар аз он мавзӯи баррасӣ ва баёну тасвир гаштааст.

*Ман нақши замири матлаби худ ҳастам,*
*Шогирду дабири мактаби худ ҳастам.*
*Бар баҳси дигар ба ҷуз худӣ корам нест,*
*Ман масъалаи мураккаби худ ҳастам.*

Дар як рубоии дигараш Аскар Ҳаким аз фоҷиаи Ҳазрати Одам суҳбат мекунад ва аз муносибати инсон бо инсон ҳарф мезанад, ки дар баъзе маврид он бо роҳбарии зоғу заған – нирӯи ғайримардумӣ кор карда, моҳияти инсонии худро барбод медиҳад. Ин ҳушдор додани шоир аст ба ҳама, аз ҷумла бар мо.

*Ё раб, чӣ касе биофаридӣ, ки нахуст*
*Коре, ки бикард, кушт додарро чуст.*
*Пас зоғ биёмӯхт варо кандани қабр,*
*Эй вой башарро, ки заған раҳбари ӯст.*

Инсон маҳсули муносибатҳои иҷтимоист, некию бадии ӯ, ҳарчанд аз сиришти ӯ ҳам вобастаст, аммо муҳите, ки ӯ дар он тарбият гирифтааству зиндагӣ мекунад, дар чигунагии хулқу атвор ва кирдори ӯ нақши муҳимм дорад. Аз рӯи ақидаи Аскар Ҳаким бадӣ дар сиришти инсон азалӣ нест, он натиҷаи таъсири муҳити иҷтимоист. Аз ин рӯ, ӯ бар сиришти инсон асосан хушбин аст, аммо ҳамчунонки болотар мисол ҳам овардем, гоҳо аз бадии бедалели инсон, ки моро бар андешаи зиштии сириштии ӯ мебарад, низ сухан мегӯяд. Дар ин маврид ӯ ба ин гуфтаи «Қуръони маҷид» такя мекунад: «Пас Шайтон он дуро ба хато во- дошт ва аз биҳиште, ки дар он буданд, берун ронд. Гуфтем: Поин равед, бархе душмани бархе дигар…» ( Сураи «Бақара», ояи 36). Ва ин қабил мисраъҳоро мегӯяд:

*Эй халқ, ки ҳар яке ба қасди зафаред,*
*Чун чашм на сӯйи хеш, сӯйи дигаред,*
*Бо он ки замин кулли шуморо бихӯрад,*
*То зинда дуе, яке дигарро бихӯред.*

Ҳарчанд дар ин ҷо ҳам ба сиришти инсон таъсири иҷтимоъ ба назар мерасад, вақте кас на бар худ, балки ба дигар кас зафар кардан мехоҳад, ҳатман ба он роҳе меравад, ки шоир мегӯяд. Роҳи ягонаи инсон шудан бар хислатҳои бади худ пирӯз омадан аст, то дигареро бад нагӯӣ, роҳи дигаре вуҷуд надорад. Шоир ҳатто муаммои ҷанги ҷаҳонро ҳам дар ҳамин сабаби сода мебинад, ки сад дар сад дуруст аст:

*Дар ҷанги башар нест муаммое сахт,*
*Ман хубу ту бад – ҷанги ҷаҳонӣ сар шуд.*

Аммо дар баробари он дар ашъори Аскар Ҳаким, ҳамчунонки болотар дидем, тавсифи некӣ ва бузургии инсон низ мавқеи муҳимм дорад. Яке аз китобҳои навтарини

ашъори ӯ «Замини сабзи боварҳо» бо чунин чаҳор мисраъ шеър оғоз мешавад, ки рамзӣ ҳам ҳаст, яъне шоир бо он назари худро ба масъалаи инсон ва мақоми ӯ дар саропои китобаш таъкид кардан мехоҳад:

*Эй башар, ман раҳини фардоят,*
*К-ин чӣ бахтеву ин чӣ иқболест,*
*Гарчи хокӣ туӣ, вале ҷоят*
*Дар миёни ситорагон холист.*

Аммо воқеият ин аст, ки вобаста ба ҳолати рӯҳӣ ва матлаби эҷодияш дар ашъори Аскар Ҳаким тасвири гуногунҷиҳати инсон, ки аз гил офарида шуда, ба гил мубаддал хоҳад гашт, то халифаи Худо будан дар рӯйи замин ва ҳатто то забармарди Нитсше, албатта, бо маънои мусбаташ, яъне инсоне, ки худро аз ҳама гуна заъфу нотавонӣ раҳо карда бошад, ҷой дорад. Дар ин ҳолат ҳам шеваи кори шоир аз файласуф тафовут дорад, зеро ӯ побанди як назария ва ё як шеваи нигоҳ ба масъала набуда, онро аз мавқеъҳои мухталиф ба андеша ва тасвиру баён мегирад. Бинобар ин, дар эҷодиёти як шоир мумкин аст, ки сурати инсон аз дидгоҳҳои гуногун ба тасвир омада, гоҳо чун мавҷуди волову пок бо беҳтарин хислатҳои неку мардумзодагӣ, ки баъзан ӯро ҳатто аз фаришта ҳам болотар мебарад ва гоҳи дигар бо бадтарин хулқу атвор, ки ӯро аз ҳайвони ваҳшӣ ҳам пасттар мефурорад, падидор гардад.

Мавқеи Аскар Ҳаким оид ба ин масъала аз рӯи шинохти ӯ аз рисолати инсон муайян мешавад, к-одам шудан омӯзаду олам гардад. Дар шеъри «Фалсафаи камолот» ба воситаи нисбат додани инсон ба дарёву кӯҳу гардун ва дар охир суол гузоштан оид ба чигунагии ӯ ақидае баён карда мешавад, ки инсон танҳо дар сурати дар хеш гунҷонида тавонистани инсонҳои дигар, яъне ғаму шодии ононро ҳамчун ғаму шодии худ дарк кардан инсон шинохта мешавад:

*Ман чӣ инсонам,*
*Гар набошад боз дар ман сад ҳазор инсон*
*Ҳамчунин хандон,*
*Ҳамчунин гирён.*

Ва танҳо дар ҳамин ҳолат ӯ рисолати инсонии худро ичро карда метавонад, ки он, ҳамчунонки дар достони «Санги ман – алмос» мегӯяд, ниҳоят бузург буда, ӯро миёнҷие байни Табиат ва Худо медонад. Шоир дар порае, ки дар ин бора суҳбат мекунад, бағоят устодона рафтор карда, инсонеро пеши назар тасвир мекунад, ки тамоман одисту аз паи таъмини маишати рӯзгораш тӯбраи бозорӣ дар даст ҳар лаҳза пешонии арақшорашро бо рӯмол пок карда, бо хастагӣ равон аст ва дар баробари ин ҳолати ӯ, ки таъкидан ниҳоят муқаррариву маишӣ нишон дода шудааст, рисолати ӯро мегузорад, ки аз асли кайҳониву дастури худовандии ӯ бармеояд. Ва дар айни ҳол аз як ҳолати ҷо надоштаи зебоӣ, ҳамчунонки болотар қайд карда будем, барои ин шоир дар зиндагӣ ҳеҷ чизи ношоирона вуҷуд надорад, зебоӣ меофарад, зебоие, ки на дар зоҳир, балки дар ботин ҷойгузин шудаасту амиқтар аст.

*Дидам он мард, ки бо тӯбраи бозорӣ*
*Ояд аз пайраҳа рӯёрӯям,*
*Як қалам нусхаи кайҳон бошад.*
*Баски хаста-ст таҳи бори гарон*
*Ва кунад пок дамодам ба лаби рӯмолаш*
*Арақи пешониро, ки дарояд бар чашм,*
*Дар гумон аст, ки ёдаш ояд,*
*Асли кайҳонию дастури худовандии ӯ,*
*Ки миёнҷӣ бувад ӯ*
*байни Табиат ва Худо.*

*Арши аъло – Сари ӯ,*
*Синааш – баҳри Само*
*Ва Шикам маҳзи Табиат бошад.*

Дар ин тазод – ҳолати муқаррарии маишӣ ва рисолати бузурги кайҳонӣ, ки шоир эҷод кардааст, симои инсон бо тамоми азамат ва шаҳомати маънавию рӯҳонияш падидор мегардад, ки ҳалқаи пайванде мебошад байни Худову Табиат. Се мисраи охири ин пора, ки се қисмати инсонро се нусхаи кӯчаки се қисмати кайҳон, яъне Сар – Арши аъло, Сина – Осмон ва Шикам – Табиат медонад, партаве аз таълимоти фалсафаи ҳиндуӣ дорад, ки ба ҳамин гуна инсонро «кайҳони хурд» мешуморад. Болотар дар иқтибосе, ки аз навиштаи Искра Денисова оварда шуда буд, дар бораи аз ҳар дину мазҳаб мағзи онҳо – андешаи адолат, инсоф, одамдӯстиро гирифтани шоир сухан рафта буд, ки ин пораи аз достон овардашуда исботи он мебошад ва дар пораи дар поён иқтибосмешуда сухан аз мавқеи инсон дар дини ислом аст, ки ӯро халифаи Худо дар рӯи замин медонад:

*Осмоне, ки дар он*
*Ҳасти дигар набувад ғайри Худо*
*Ва дар он боргаҳи Борияш*
*Солҳоест, ки ӯ*
*чашм ба раҳ доштаву дил нигарон,*
*Ки ниҳоят ба канораш ояд,*
*Он ки салсоли варо*
*чанд ҳазорон соле*
*Аз муҳаббат,*
*Аз садоқат бисиришт.*
*Дар Заминаш ба халифӣ бигумошт,*
*Бинишонид сари тахти ҳама эҷодаш*
*Ва ҳама ишқу умеди худро*
*Дар ниҳонхонаи қалбаш ҷо дод.*

Мисолҳое, ки таҳлил шуданд ва боз мисолҳои бисёре, ки дар осори Аскар Ҳаким мавҷуданд, собит менамоянд, ки назари ӯ ба шахси инсон бо вуҷуди гоҳ-гоҳ танбеҳию танқидӣ буданаш асосан мусбат аст. Ва гоҳе ки ба ӯ бо назари танбеҳ менигарад, чунин гуфтанаш мумкин аст:

*Инсон бувад арчанд дур(р)и макнуне,*
*Дорам вале аз хунии ӯ дилхунӣ.*
*Бӯзина агар шуд одаме, одам монд,*
*Одам зи чӣ ҳар лаҳза шавад маймуне?!*

Таваҷҷуҳ кунед, ки дар ҳамин як рубоӣ ҳам дар мисраи аввал шоир аз дурри ноёб будани инсон ёд оварда, ӯро аз ҷойгоҳи волояш бохабар месозад ва сипас ба тариқи тазод ба накӯҳиши хислати ношоистаи ӯ мепардозад. Ва ё дар рубоии дигар дар як байт ин назари тазодноки худро чунин муҷаз ифода менамояд:

*Шаҳкору халифаи Худо гар моем,*
*Ин нохалафони сифлахӯ кори киянд?!*

Ва дар баробари ин мо чунин назари ифтихормандро ба шахси инсон мебинем, ки ҳамтои беҳтарин ситоишҳо дар васфи онанд:

*Эй, аз малакут омада бебок ба хок,*
*Кардӣ ба вуруди хеш ин хок афлок.*
*Дар нуҳ қабати даҳр чаро дурр ҷӯйӣ?*
*Дар нуҳ садафи даҳр туӣ гавҳари пок.*

Назари тамҳидию тамҷидӣ бар шахси инсон дар эҷодиёти Аскар Ҳаким бар асли волои инсон бунёд гирифтааст, ки аз ин гуфтаҳо бармеоянд: моҳияти ҳастии инсон дар пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек ва халифаи Худо будан дар замин аст.

Инсонро дар баробари ҳамаи нуқсу камбудҳояш аз ин нуқтаи назар шинохтан барои тамҳиду тамҷид ва дӯст доштани ӯ замина мегузорад, ки дар ҳамаи эҷодиёти Аскар Ҳаким дида мешавад. Яке аз мисолҳои дурахшони бевоситаи инсондӯстдориро дар шеъри «Хазони умр» метавон пайдо кард, ки дар он шоир симои рӯзгори пиразани ҷорӯбкашеро

пеши назар муҷассам месозад, ки гули ҳаёташро дар ғафлату бехабарӣ ба чанги пажмурдагӣ додаасту, мутаассифона, ҳоло аз ин роҳ боз духтари ӯ равон аст. Дар ин бохти зиндагӣ на фақат худи пиразану духтараш, балки инқилобу иҷтимои замон, ки барои худро шинохтану мавқеи сазоворро соҳиб шудани онон мадад накардаанд, низ шоистаи таҳсин нестанд. Тасвири меҳнати пурмашаққати пиразан дар дили ҳар хонанда ба ӯ тараҳҳум ва муҳаббати гармеро бедор намуда, ҳушдор медиҳад, ки ҳар яки мо на танҳо ба тақдири худ, балки ба сарнавишти ҳар як ҳамзамони худ ҳам масъулем ва ба ин васила шоир ба нишон додани фалсафаи ягонагии башарият мерасад. Мурочиати шоир ба пирзан саршори муҳаббати дардомез аст, ки дар ҳар дил менишинад:

*Пирзан, эй пирзан,*
*Маъзарат мехоҳам аз ту, эй азизи ҷони ман,*
*К-аз сари дарду ғам аз шуғли ту мегӯям сухан.*
*Лек узри бештар дорам аз он,*
*Ки нагуфтам то кунун*
*Ҳарфе аз ҳоли забун…*
*…Инқилобат к-аз қафас озод кард,*
*Ё магар танҳо барои кӯчарӯбӣ кард озод?*
*Аз сарат чодар гирифту дод ҷорӯбат ба даст,*
*То ниҳоли қоматат дар кӯча хам гашту шикаст.*

Ва дар охир ӯро ба бедорӣ ва аз вуҷуди худ низ рӯфтани гарду ғубори ғафлат даъват менамояд:

*Пирзан, эй пирзан,*
*Кӯчаҳоро он қадарҳо рӯфтӣ дар умри хеш,*
*Ҷони худро он қадарҳо кӯфтӣ дар умри хеш,*
*Аз вуҷуди хеш акнун ҳасрати худро бирӯб*
*Ҳам ғубори ғафлати худро бирӯб…*

Дар шеърҳое, ки дар ин бахш номбар шуданд, дар зимни тасвирот ва таассуроти бадеӣ паҳлуҳои гуногуни

масъалаҳои муҳимми ҳастии инсон, аз ҷумлаи иртиботи инсон бо ҷомиа, инсон бо таърих, инсон бо фарҳанг, инсон бо табиат, инсон бо озодагӣ ва бардагӣ ва монанди инҳо, ки аз рӯи чигунагии муносибати инсон бо онҳо олами ботинии ӯ шакл гирифта, моҳияти инсонияш аён мешавад, ифодаи шоиронаи худро пайдо кардаанд, ки ҳар яке дар алоҳидагӣ метавонад, мавзӯи баррасии ҷудогона қарор гирад. Аммо мо ҳоло барои иҷрои ҳамчунин кор, ки маҷолу фурсат надорем, танҳо яке аз инҳо – масъалаи инсон ва озодию бардагиро, ки дар шинохти инсон яке аз масълаҳои муҳиммтарин буда, Аскар Ҳакимро ба худ бисёр машғул доштааст ва дар як силсила шеърҳои ӯ, аз ҷумла «Офтоби хуншор», «Аспи кишанбанд», «Дар пойи озодӣ», «Чӣ кунам?!», «Достони Ному Имон», «Санги ман – алмос» ва рубоиёти ӯ матраҳ аст, мухтасаран аз назар мегузаронем. Дар ин рубоӣ фаҳмиши калидии ӯ аз ин масъала инъикоси худро ёфтааст:

*Имрӯз агар халосу хуррам зодем,*
*Шодем, ба тавфиқи раҳоӣ, шодем.*
*Завлона зи пой кандан озодӣ нест,*
*Завлона зи фикри худ канем, озодем.*

Дуруст аст, ки барои кандани завлонаи пой аввал завлонаи фикрро бояд канд, аммо ҳолатҳое ҳам мешаванд, ки завлонаи пой кандаасту завлонаи фикр барҷост, бинобар ин шоир таъкид бар кандани завлонаи фикр мекунад, ки озодии комил дарк карда шавад. Агар кандани завлонаи пой бештар бар ҷаҳони иҷтимоӣ иртибот дошта бошад, кандани завлонаи фикр бештар ба ҷаҳони маънавӣ тааллуқ мегирад. Пас, ин масъала новобаста аз озодии иҷтимоӣ ҳамешагӣ ва ҳамаҷоист, ки дар баробари озодии фикр ҳамчун василаи дарки озодии сиёсию иҷтимоӣ озодии фардиро аз бардагии нафсу тамаъ, дурӯғу фиреб, ҳасаду кинаву бухл барин хислатҳои ношоиста дар назар дорад, ки василаи озодии маънавӣ буда, шарти асосии инсон шудан аст. Аммо ин ҳам ҳақиқат аст, ки барои ҳар чӣ зудтар ва осонтар халос шудан

аз бардагии ин хислатҳои ношоистаи инсонӣ озод шудан аз бардагии сиёсию иҷтимоӣ зарур аст, зеро танҳо дар ҷомиаи озоду мардумсолор инсон озоду комил метавонад буд, яъне ин ҳар ду навъи озодӣ ба ҳам марбутанд. Дар як рубоии шоир фикри ҷолибе баён шудааст:

*Дар банди қафас, ду мурғ бо вазъи париш,*
*То вораҳад аз банд, занад худ пасу пеш.*
*Як мурғ занад пар, ки қафасро шиканад,*
*Як мурғи дигар, ки бишканад шаҳпари хеш.*

Ин ҳарду мурғ барои озодӣ талош доранд, ҳар ду ҳам гирифтори қафасанд, яке пар мезанад, ки қафасро шиканаду раҳо гардад, дигаре чун мебинад, ки илоҷи шикастани қафас нест, мекӯшад пари худро шиканад, ки ӯро ба раҳоӣ ташвиқ мекунад, яъне худро аз азоби орзуи озодӣ халос карданист. Шоир аз ҳар дуи ин фоҷиа, ки яқинан дуюмӣ аз аввалӣ сахттар аст, зеро баъди умеди озодиро дар дил нобуд кардан, агар он ба даст ояд ҳам, аҳаммият нахоҳад дошт, хулоса гирифтанро ба ихтиёри хонанда мегузорад. Хонандаи закӣ, албатта, дарк хоҳад кард, ки шоир ба нишон додани ин ду фоҷиа бо ду роҳ ба чӣ андоза пурқимату гаронбаҳо будани озодиро таъкид менамояд. Фоҷиаи даст шустан аз умеди озодӣ, ки ба воситаи иҷборан пари худро шикастан таъкид шудааст, аҳаммияти озодиро як бар чанд бузургтар менамояд.

Аскар Ҳаким дар достони «Санги ман – алмос» аз ҳолати се мурғ суҳбат мекунад, ки дар он низ масъалаи дарку фаҳмиши озодӣ матраҳ аст. Якум мурғе, ки дар қафас асту обу донаш таъмин аст, дуюм озод аст, аммо барои дарёфти обу дона ҷонаш ҳар лаҳза дар хатар аст, сеюм чунон аз талошҳо хаста шудааст, ки ҳатто озодию парвозро ҳам аз ёд бурдааст. Шоир «чист дар ҳасрати он мурғи қафас» гӯён суол медиҳад ва қазовати ҳар се ҳолатро ба хонанда вогузор мекунад:

*Чист дар ҳасрати он мурғи қафас,*
*К-обу донаш бошад,*
*Амни ҷонаш бошад,*
*Лек бошад побанд*
*Ва дар озодии мурғе, ки набошад ба амон*
*Ва бувад ҳар нафаси зиндагиаш роҳ ба марг;*
*Ё ки аз хастадилӣ*
*Бурда аз ёд ҳавои парвоз,*
*Ва наёрад зи дарахте ба дарахте кӯчад*
*Ва само дар назараш деги фурӯ афтода-ст*
*Ва надонад ҳатто*
*Нашъаи озодӣ*
*аз ситами побандӣ.*

*Ман, агар болам буд,*
*Дода будам ба шутурмурғ, ки парвоз кунад…*

Аммо ҷавоби худи шоир оид ба ин суол аз ин ҳарфҳо « Ман, агар болам буд, Дода будам ба шутурмур, ки парвоз кунад…» ва давоми онҳо маълум мешавад, зеро парвоз маҷозан муродифи озодист ва ҳангоме ки шоир ҳатто ба шутурмурғе, ки парвоз хусусияти он нест, боли парвоз доданист, пас ӯ ба озодӣ олитарин арҷро қоил аст. Дар ин пора фикри муҳимми дигаре низ таблиғ мешавад, ки ҳар чиз, дар айни ҳол мурғ, ки, албатта, намоди инсон аст, танҳо дар ҳолати озод будан рисолати худро ба иҷро расонида метавонад, яъне мурғ парвоз карда метавонаду шутур бор кашида. Бидуни озодӣ ҳеҷ ҷонзоде ва махсусан инсон наметавонад рисолати аслиашро ба амал бароварад. Бинобар ин, агар зарур ояд, ӯ ҳатто аз обу дон, ки воситаи зиндагист, ба хотири озодӣ даст мекашад.

*Ман мурғи ҳавояму ҳаводорам нест,*
*Дар хайли қафаснишастагон ёрам нест.*
*Ман дар талаби ҳавои озодиям,*
*Бикшо қафасам, ки дона даркорам нест.*

Яке аз шеърҳои фалсафӣ-иҷтмоии Аскар Ҳаким, ки дар он масъалаи озодӣ ва бардагӣ таҷассуми басе хуби бадеии худро ёфтааст «Офтоби хуншор» мебошад, ки дар асоси воқеаи даҳшатбори зиндагии устод Айнӣ – маҳкум шудан ба ҳафтоду панҷ дурра задан – эҷод шудааст. Шоир дар он қувваҳои озодию бардагӣ, нуру тирагӣ, адолату разолат, мардумию номардумӣ, сарбаландию тамаллуқпешагиро ба ҳам бармехӯронад ва ҳолати шадиди драматик меофарад, ки дар як лаҳзаи кӯтоҳ замири ҳар ду тоифаи иштирокчиёнро ба таври аъло ба назар ҷилвагар сохта, дар мо нисбат ба фидоиёни озодӣ эҳсосоти сӯзони муҳаб-бат ва нисбат ба душманони он нафрати беандозаро бедор менамояд. Айнӣ ва «дутории фақире аз авом» намоди равшаноӣ ва озодӣ буда, дарбориёну атрофиёни қӯшбегӣ (сарвазири аморат) таҷассуми зулмату бардагиянд, ки бо вуҷуди дар айни ҳол сари қудрат ва ҳукмраво будан дар назди таърих дар баробари нур тира ва дар баробари озодӣ ғуломанд.

*Тираву пурбим буд паҳнои арк,*
*Рафта буд хуршед аз болои арк…*
*Хирагӣ мекард туф бар рӯйи нур,*
*То кунад чун хеш ӯро низ кӯр.*
*Лек Айнӣ бегумон медид дур,*
*Олами муздуру марги ин судур.*

Дар ин шеър ду табақаи ҷамъият на фақат аз ҷиҳати иҷтимоӣ, балки аз ҷиҳати ахлоқ ҳам ба ҳам муқобиланд, табақаи ҳоким тимсоли ахлоқи фосид ва табақаи авом таҷассуми маънавияти волост. Аҷаб ин аст, ки табақаи боло бо вуҷуди имкони фарохи зиндагӣ натавонистааст дар худ сарбаландию озодагӣ барин сифатҳоро тарбият диҳад, зеро ҳамеша бандаи сарвату молу чиз будааст, аммо як дутории оддӣ дар баробари онҳо он қадар шуҷоату фидокорӣ нишон медиҳад, ки ҳеҷ кадоме аз онҳо ба он қодир нест. Ҳангоме ки қӯшбегӣ аз рӯи шариати ислом барои муайян кардани шахсияти Айнӣ ба суоли худ, ки оё Айнӣ ин аст, мехоҳад аз

се шоҳид ҷавоб гирад, тамоми атрофиёнаш бо нидои «бале» фарёд мезананд, ягона касе, ки Айниро хуб мешинохт, вале намехост, ки ӯ ба он ҷазои марговар гирифтор гардад, аз хавфи ҷони худ сарфи назар карда, ин Айнӣ нест, мегӯяд. Ин аст ахлоқи инсонӣ ва иҷтимоии мардум, ки новобаста аз сахтиҳо ва ноҷавонмардиҳои рӯзгор дар замири ӯ тарбият меёбад, рушд мекунад ва роҳнамои зиндагии шарофатмандонаи ӯ мегардад.

*Қӯшбегӣ гуфт: «Ин Айнӣ бувад?»*
*«Ҳо, бале,»- гуфто гурӯҳе деву дад.*
*Ногаҳон омад садои синасӯз,*
*«Нест Айнӣ ин, Худоё, ин чӣ рӯз?»…*
*Ғӯлае бигрифт дар пуштаи варо,*
*Доманаш бурданд то гардан фаро...*
*Кард сар мири ғазаб: «Бир, экки, уч…»*
*Мефуромад зарбаҳо бар пушти луч…*
*Боз нуҳ зарби дигар омад ба пушт,*
*Ӯ нигаҳ бар қӯшбегӣ кард, кушт.*

Ва дар ин байти мақтаъ:

*Дид майдон, к-офтоби тозарӯ*
*Медамид аз шонаи хуншори ӯ! –*

ақидаи фалсафии зулм кушандаи худро мезояд бо воситаи ғулувви хаёлпарастона (фантастикӣ) таҷассуми амиқ ва бадеии худро ёфтааст. Аз шонаи хуншор дамидани офтоби озодӣ ҷамъбасти амиқи фалсафӣ-иҷтимоиест, ки ҷараёни ногузири пешравандаи зиндагиро ифода намудааст.

Ҳамчунонки мебинем, дар саросари ашъори Аскар Ҳаким масоили фалсафӣ-иҷтимоӣ, аз ҷумла озодиву бардагӣ ҳам на танҳо бо воситаҳои гуногуни бадеӣ бозтоби шоиронаи худро пайдо мекунанд, балки худ ҳам ба воситаи бадеӣ табдил мешаванд. Масалан, парвоз дар аксари шеърҳои ӯ киноя аз озодиву озодманишист:

*Дар ҳар раги ман ҳазорҳо овоз аст,*
*Дар ҳар нафасам ҳазорҳо оғоз аст.*
*Гар ҷони маро шикастапар мехоҳӣ,*
*Дар ҳар шиканаш ҳазорҳо парвоз аст.*

Дар шеъри ғиноӣ шахси шоир аксаран меҳвари тамоми масоиле мебошад, ки ба андешаву тасвир гирифта мешавад ва бештари ашъоре, ки то ин ҷо аз назари мо гузашт, ҳамин гуна хусусият доштанд. Чигунагии шахси шоир аз доираи масъалаҳое, ки ӯ ба онҳо рӯй овардааст, равшан мегардад. Дар аввалтари ин мақола мо дар бораи зиндагиро арсаи фаъолияти тунду тез шинохтани шоир сухан ронда, онро дар мисолҳои эҷодиёташ таҳлил кардем, ҳоло бар соҳаи фаъолияти аслии ӯ, яъне шеъру шоирӣ рӯй меорем, то бубинем, ки он ба худи шоир чӣ гуна тааллуқ мегирад. Таҳлили ин масъала ҳам мухтасар хоҳад буд, зеро Аскар Ҳаким дар бораи шеъру шоирӣ ашъори бисёре, тақрибан панҷоҳ-шаст шеър дорад, ки мо дар ин ҷо ба онҳо танҳо як назари иҷмолӣ андохта метавонему бас. Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки мавқеъ ва масъулияти шоир дар ҷаҳони муосир, вазифаи ӯ дар ҳаёти ҷамъият аз масъалаҳое ҳастанд, ки барои ӯ аз асосиҳо ба шумор меоянд. Шоир аз нигоҳи ӯ дар ҷомеа рисолат, мавқеъ ва мақоми фавқулода дорад, зеро дорои қувваи ахлоқию маънавӣ ва зеҳнию ақлоние мебошад, ки метавонад мардумро ба таҳрик оварда, барои расидан ба ҳадафҳои бузурги инсонӣ мадад намояд. Аз ин рӯ, мавқеи ӯ фаъоли андешаманд аст, вале дар айни ҳол шоир як вуҷуди бисёр нозук аст, ки дили зудшодшавандаю зудранҷуршаванда дошта, худ ҳам ба меҳрубониву ғамхорӣ эҳтиёҷ дорад:

*Фарёди дили маро кӣ фарёдрас аст,*
*Фарёди дил аст ин, на садои ҷарас аст.*
*Мо табл набошем, ки моро кӯбӣ,*
*Мо тори рубобем, ки як захма бас аст.*

Таҷассуми бадеии ҷиҳатҳои гуногуни ин мавқеи фаъолро, аз ҷумла дар шеърҳои «Шеъри Ватан» (Ба ёди Мирзо Турсунзода), «Шеъри сангар» (Ба шоири размандаи Афғонистон), «Дуруд ба Фарзона», «Гуфтугӯ бо рӯҳи падар», «Ниёиш бар сари турбати Лоиқ», «Шоире ояд…», «Маро ба гиря маёвар» (Ба ёди Жолаи Исфаҳонӣ), «Эй шумо, даъвигарон!…», «Шоҳроҳи нанг ё девори санг» (Ба Мӯъмин Қаноат), «Анӯшервон дар додгоҳи адл» ва як силсила рубоиҳои ӯ метавон пайдо кард. Дар ин радиф, махсусан дар шеъри «Шоире ояд…» аз шоир мавқеи фаъол талаб кардани Аскар Ҳаким хеле барҷаста баён шудааст:

*Дар замоне, ки башар дар хобҳои коҳилӣ хуфта,*
*Баъди хӯрданҳои барги оламе чун кирми абрешим,*
*Нест гӯё хоҳиши бедорияш то рӯзи растохез,*
*Бо садои бартар аз тундар*
*Ё салои сури Исрофил дар маҳшар*
*Шоире бояд,*
*Шоире ояд…*

Ин дар назди шоир гузоштани масъулияти гӯшношунид аст, аммо чӣ метавон кард, агар масъулият бузург набошад, ба чизи шоистае ноил нахоҳӣ гашт. Мебинем, ки масъулияти шоир аз назари ӯ на танҳо дар ин ҷаҳон зангӯлаи бедорӣ будан аст, балки дар он ҷаҳон ҳам бедор кардан аз хоби абад мебошад. Шоире, ки масъулияти шоирро ин гуна мешиносад, ҳаргиз дар мавқеи мушоҳидагари коҳил қарор гирифта наметавонад ва аз ин рӯ, дар бисёр шеърҳои Аскар Ҳаким ин талаботи бузурги фавқулинсонӣ дар шаклу намудҳои гуногун худогоҳу нохудогоҳ арзи ҳастӣ мекунад.

Дар шеъри «Анӯшервон дар додгоҳи адл» масъулияти шоир на фақат имрӯзу фардо, балки гузашта ва гузаштаи дурро низ фаро гирифта, шоир ва ҳар инсони огоҳро чунон ба андешаву таассурот водор менамояд, ки ӯ худро аз ҷараёни таърих бар канор гирифта наметавонад. Ин шеър

дар баробари шеъри мухтасари «Шоире ояд…» шеъри муфассал, манзумаи бисёровоест, ки ҷиҳати дигари истеъдоди шоирро нишон дода, собит менамояд, ки ӯ дар гуфтани анвои гуногуни шеър, шеъри драмаи фоҷиавӣ ҳам дасти тавоно дорад. Шоҳаншоҳеро ҳамчун Анӯшервон, ки номаш дар давоми якунимҳазор сол рамзи адолат гаштааст, ба додгоҳи адл кашидани шоир худ ҷасорати адабӣ мехоҳад. Зарба задан ба ин тасаввуроти якунимҳазорсола кори содае нест, аммо шоир ба хотири ҳақиқат ва адолати ин қадар солҳо поймолшуда ба он даст мезанад ва тамоми имконоташро истифода мекунад, ки онро аз нав барқарор намояд.

*Эй Анӯшервон, ки то имрӯз ҳам*
*номи Шумо одилтарин*
*шоҳи шаҳаншоҳони сосонист,*
*Ман ҳазорон бор маъзурам,*
*агарчи пурсише аз Зоти Олӣ*
*н-аз адаб ҳасту на осонест,*
*Лек водорам кунад*
*рӯҳи ҳазорон марди қурбонӣ,*
*ки то ин дам*
*Ҷойи нафринҳои*
*нобарҷойи*
*садҳосолае аз мо –*
*Ворисонаш*
*чашмдори*
*як дуои хайри инсонист.*

*З-ин сабаб акнун*
*мани шоир*
*шуморо мекашам*
*бар додгоҳи адл,*
*То бубинам ман*
*чӣ сон буданд эшон*
*подшоҳи адл.*

Ин намунаи хуби шеъри андешаи ҳаяҷономез аст, ки суҷааш (сюжеташ) бар воқеаи фоҷиабор асос ёфта, аз рӯи макру фиреби Анӯшервон парда мебардорад ва дар баробари Маздаки бародарию баробарихоҳ ва адолатҷӯ сурати ҳақиқии ӯро, ки як мустабиди маккор ва худхоҳи хунхор аст, бо тамоми қудрати суханварию суварнигорӣ нишон медиҳад. Шеър бо лаҳни лангардору ботааннӣ оғоз шуда, мисраъҳои аввали он, барои он ки гаронию пурмасъулиятии лаҳзаро нишон дода тавонанд, ҳар яке иборат аз бисту нуҳ ҳиҷои арӯзӣ сохта шудаанд, ки дар таҷрибаи шеъри муосири тоҷик нодиранд. Ҳамин тариқ, дарозию кӯтоҳии мисраъҳо аз рӯи талаботи андешаву ҳиссиёте, ки дар онҳо баён мегарданд, сурат мегиранд, яъне дар ин шеър ҳамаи воситаҳои шаклӣ, аз ҷумла вазну қофия барои ифодаи матлуби муҳтаво созгор сохта мешаванд. Муҳтаво фоҷиаи таърих аст, ки Маздак ва яксаду панҷоҳ ҳазор пайрави ӯ, ки ҷомеаи одилонаи баробарӣ мехостанд, бо макру фиреби Анӯшервон ноҷавонмардона ба қатл мерасанд. Ин ҳодиса чунон шадиду мухтасар, драматик, бо таассуроту ҳаяҷони сӯзон ба қалам оварда мешавад, ки кас фаромӯш мекунад, ки сухан дар бораи як ҳодисаи якунимҳазорсол пеш ба вуқӯъомада меравад ва худро беихтиёр дар ҷараёни он мебинад, таърихро дар худ мебинад ё худро дар таърих ва он фоҷиа фоҷиаи ӯ мешавад, зеро дилу ҷонаш месӯзад.

*«Ин ҳама ёрони ту,*
*Маздак,*
*ту худ андар*
*канори ман,*
*Бингар акнун*
*дар мусовоти*
*замину мол*
*кори ман»*
*В-аз камар боло*
*табарзин рафту*

*истибдод,*
*То сари боло*
*ба хони шоҳ*
*аз гардан*
*ҷудо уфтод.*

*Сар шуд он шӯре,*
*ки мебоист,*
*сар мешуд,*
*Дар сари хони*
*шаҳию*
*Меҳргон*
*он рӯз*
*Як саду панҷоҳ ҳазор*
*аз маздакиён*
*каллапар мешуд,*
*Адл*
*сар мебохт,*
*бедоду разолат*
*тоҷвар мешуд…*

*Ин Шумову*
*адлатон,*
*эй Шоҳи Одил,*
*эй Анӯшервон?!*
*Бояд амри*
*қатлатон,*
*худхоҳи қотил,*
*эй Адушервон!*[14]

Қотилии Анӯшервон бо ин тамом намешавад, ӯ барои тахту тоҷ ду бародар, ду бародарзода ва ҳатто бобои модарии худро ба қатл расонида, ду чашми писарашро ҳам

[14] Шоир Анӯшервонро ба сабаби золим ва мустабид буданаш «Адушервон» лақаб додааст.

кӯр мекунонад. Ва бо ин ҳама аз ҷониби думравонаш ба ин шоҳ илҳоқ кардани номи Одил чӣ беадолатии бузурги таърихист, ки касро ба ҳайрат мегузорад. Ва шоир мегӯяд:

*То дурӯғ асло нагардад*
*бар ҳақу*
*бар ростӣ*
*пирӯз,*
*Меканад*
*дасти адолат*
*он ниқоб*
*аз рӯятон*
*имрӯз.*
*То замоне*
*дар ҷаҳон*
*зулму тааддӣ*
*ҳаст,*
*Маздаке*
*дар батни модар*
*нутфа хоҳад*
*баст!*
*Мешавад акнун,*
*ки оини адолат*
*ғолибу таъйин,*
*Шод бодо, шод,*
*рӯҳи маздакиёни*
*ҳама давру замон,*
*Омин!*

Ин шеър ҳушдор аз фалсафаи таърих аст, ки дурӯғ бар ростӣ, ҳарчанд ҳазор сол барҷо бошад ҳам, пирӯз нахоҳад шуд, зеро ғалабаи дурӯғ муваққатӣ ва пирӯзии ростӣ ҷовидон аст. Ва дар ин шеър шоир масъулияти худро, ки на танҳо дар забони адолат ва ҳақиқат будан барои замони худ, балки барои тамоми дарозои таърих мебинад, ба таври аъло ба иҷро мерасонад.

Партави ин гуна масъулият дар шеърҳои «Дуруд ба Фарзона», «Имон», «Гуфтугӯ бо рӯҳи падар», «Оинаи нур», «Ниёиш бар сари турбати Лоиқ», «Шоҳроҳи нанг ё devори санг», «Эй шумо, даъвигарон!..», достони «Санги ман – алмос», рубоиёту дубайтӣ ва дигар шеърҳои ӯ ба чашм мерасад, ки на танҳо худи шоирро, балки ҳар як хонандаро низ таҳрику ташвиқ ба фаъолиятҳои бузург мекунад, ки рисолати инсонӣ-халифагии Худовандро ба иҷро бирасонад, зеро шоир, пеш аз он ки шоир бошад, аввал инсон аст, яъне масъулияти шоирии ӯ ба ҳамаи инсонҳо ҳам тааллуқ мегирад. Зиёда аз ин Аскар Ҳаким дар шеъри «Эй шумо, даъвигарон!..» тақозо дорад, ки ҳар инсоне шоири инсони дигар бошад, чӣ тақозои оличанобе, ки як ҷаҳон шефтагӣ ва муҳаббат ба ҳар инсон дорад:

*Маъние дар зиндагии мо,*
*агар бошад,*
*ҳамин бошад,*
*ки ҳар инсон*

*Шоири шоёни*
*инсони дигар бошад.*
*Яъне*
*ин мо ҳам,*
*Шоир астам ман барои ту,*
*Шоир астӣ ту барои ман.*

Як ҷиҳати рисолати шоир, бешубҳа, забони ҳақ ва забони халқ будан аст, иҷрои ин рисолат аст, ки баъзе шоиронро ба маҳрумиятҳои сахте гирифтор карда, ҳатто то таҳи теғу сари дор кашидааст, аммо дар баробари ин муҳаббати халқу номи ҷовидон додааст. Дар шеъри «Гуфтугӯ бо рӯҳи падар» шоир дар ин бора бо рӯҳи падар суҳбат карда, аз шоирони ҷавон даргузаштаи тоҷик Ҳайрат, Пайрав, Юсуфӣ ва шахсиятҳои бузурге чун Носири Хусрав, Мансури Ҳаллоҷ ва дигарон, ки рисолати шоирӣ ва инсонии

худро дуруст дарёфта буданд, ёд оварда, аз ҷумла чунин мегӯяд:

*Ё забони халқ*
*онон будаву ман нестам,*
*Гар набошам ман забони халқ,*
*пас ман кистам?!*

Воқеан барои касе, ки бар рисолати шоирӣ амиқ меандешад ва онро, ҳамчунон ки ҳаст, ба ҳақиқат дарк менамояд, қисмати шоирӣ дар замонҳои ба ҳақ носозгории таърих қисмати ниҳоят сахту талх ва ҳатто фоҷеавист. Носозгории таърих аз як тараф, боз ба болои он ҳақиқат ва зебоиеро, ки шоир бо мадади истеъдоди фавқулоддааш кашф кардааст, дарк ва ё қабул карда натавонистани ҷомеаи дар сатҳи пасти фарҳангӣ қарор дошта, аз дигар тараф, қисмати шоирро боз ҳам сангинтар мекунанд. Ин фоҷеа барои шоири асил қариб дар ҳамаи замону маконҳо вуҷуд доштааст, бинобар он дар мақтаи шеъри мазкур чунин суол гузоштани шоир:

*Кист донад,*
*хилқати шоир,*
*ки дар зоти ту ҷост,*
*Ин*
*мукофот аст,*
*ё шояд*
*муҷозоти Худост…*

суолест, ки дар тӯли таърих аз таҷрибаи ҳаёти шоирони асил ба миён омада, хулосаи фалсафаи ҳастии ононро фаро гирифтааст. Чунонки донишманди эронӣ Ризо Бароҳанӣ дар яке аз мақолаҳояш қайд менамояд, «…шоирони равшанфикри муосири ҷаҳон, то ҳадде ҳамагӣ зидди таърих ҳастанд»[15] ва ин ҳарф дуруст ҳам ҳаст, зеро манзури шоир аз таърих ҷомеаи ормонӣ (идеалӣ) мебошад, ки дар он адолати иҷтимоӣ сад дар сад барқарор ва шоҳу гадо баробар бошад. Вале, мутаассифона, ҷомеаи башарӣ то ҳол ба эҷоди ҳамчунин ҷомеае, ба ҷуз дар асарҳои бадеӣ, даст наёфтааст. Пас ҳар шоире, ки моҳияти аслии ҳастии хешро дарк кардааст, дар мухолифат бо таърих қарор мегирад.

Ин ҳолат, ки дар сарнавишти шоирони асил ҷой дорад, дар шеъри «Шоҳроҳи нанг ё девори санг» бо тасвиру баёни драматик таҷассуми бадеии худро ёфтааст. Ин яке аз маҳкамтарин шеърҳоест, ки ҳар мисраи он ба мисли тори пӯлодии тарангкашидае ҷарангос мезанад ва аз худи ибтидо сахттарин вазъияти фоҷиавиро дар зеҳну ҳиссиёти хонанда эҷод карда, то ба охир нигоҳ медорад, ки ҳар лаҳза ба инфиҷор расиданаш мумкин аст. Ва беҳуда нест, ки ин шеър ба устоди шеъри муосир М.Қаноат бахшида шудааст.

*Хоб дидам саҳаре, дар мошин*
*Бинишаста ману ту танготанг…*
*Он қадар тунду парон мерафтем,*

---

[15] Бароҳанӣ, Ризо. Тило дар мис. Дар се ҷилд. Ҷилди 1. Теҳрон, 1371. саҳ. 248.

*Ҳар кӣ медид, ҳамекандаш ҳанг.*
*Сад карат тезтар аз суръати тир,*
*Аз камоне, ки кашиданд таранг…*
*Лек ногоҳ фуруд омад меҳ,*
*Пеши раҳ парда зада сад фарсанг…*
*Мепаридем вале мо чу садо,*
*Гаҳ ману гоҳ ту фармон дар чанг…*
*Гуфтам, эй ҷон, дигар асло набувад,*
*Ки кунӣ суръати пасте оҳанг.*
*Ҳар чӣ пеш аст, ҳамон қисмати мост,*
*Суръат афзой, намебояд ланг.*
*Он чӣ мо хоста – шаҳроҳе нанг,*
*Он чӣ он хоста – деворе санг.*

Барандохтани ин девори нофаҳмӣ, ки дар роҳи расидани шоир ба шоҳроҳи нанг, яъне ба ҷомеаи ормонии баробарию бародарии инсонҳо вуҷуд дорад, мушкилтарин масъалаи таърих аст, ки сари он дурахшонтарин ақлҳои башарият асрҳои аср ба андеша нишастаанд ва шоири мутафаккири мо ҳам, ки дар паи даст ёфтан ба чунин ҷомеаи ормонӣ мебошад, аз вуруд ба ин масъала бар канор буда наметавонад, ҳарчанд ин кор на фақат ба дигарон, балки ба ӯ ҳам осон коре нест. Ин рубоӣ далели ин ҳол аст:

*Ман шохи анорам, кӣ бигирад ба канор,*
*Ҳар дони анор аст чу як дил хуншор.*
*Муште, ки мarост, мушти кӯбидан нест,*
*Дар мушти анор аст ҳамон хуни анор.*

Кашфи ҳақиқату зебоӣ аз ҷониби шоир ва нафаҳмидани он аз ҷониби ҷомеа яке аз мушкилаҳоест, ки дар таърихи шеъру адаб қариб ҳамеша вуҷуд дошта, боиси озурдагии шоирони бисёре гаштааст. Шоир бо истеъдод ва заҳмати шабонарӯзии беқиёсаш, ки инсони одӣ ҳаргиз ба он қобил нест, ба дараҷае мерасад, ки ҳамзамононаш аксаран дар он дараҷа нестанд, зеро на танҳо он истеъдодро надоранд,

ҳатто он гуна заҳматро ҳам таҳаммул карда наметавонанд ва дар натиҷа дигар аз қудрати дарк ва қабули он ҳақиқату зебоие, ки шоир пешниҳод мекунад, оҷиз мемонанд. Агар ба асли масъала андешида шавад, он фоҷеаи ҳар ду тараф аст, балки бештар фоҷеаи ҳамзамонон аст то шоир, зеро шоир имкони аз ҷониби насли дигар фаҳмида шудан дорад, аммо ба ҳамзамонон ҳамчунин имкони бо насли дигар боз омадан мавҷуд нест. Бинобар он хонандаи шоир ҳадди ақал заҳмати омӯзиши шоирро бояд бикашад, то ба дарки ҳақиқату зебоии сухани ӯ бирасад ва байни онон ҳусни тафоҳум ва пазириши дуҷониба ба амал ояд. Инро дар назар дошта, шоир дар яке аз рубоиҳояш бо бардошту иғроқ мегӯяд:

*Аз аҳли башар кас ба ҳавоям нарасид,*
*Рафтам ба фалак, малак ба поям нарасид.*
*Гар гунбади аршро садоям бардошт,*
*Бар гунбади шаҳри худ садоям нарасид.*

Яке аз рукнҳои бунёдии ҷомеаи имрӯзӣ ва ормонии фардоӣ, баъд аз адолати иҷтимоӣ ва ё шояд дар баробари он, шукуфоии фарҳангист, зеро муайян кардан мушкил аст, ки кадоме аз инҳо дар ҷомеаи ормонӣ муқаддамтар аз дигаре барқарор хоҳад гашт. Аз ин ҷост, дар шеъри Аскар Ҳаким масъалаи шоир ва фарҳанг, ки таърихро ҳам дар бар мегирад, мақоми бузурге дошта, махсусан дар ашъори дар солҳои охир эҷодкардаи ӯ ифодаи гуногунранги бадеии худро пайдо менамояд. Шеърҳои «Забони тоҷикӣ», «Бубахшо, эй Ватан!», «Наврӯзи фарвардин», «Аввалу охири дунё - Наврӯз», «Эй, ки пургул мешукуфӣ…», «Замини сабзи боварҳо», «Худ чароғи хеш бош!», «Анӯшервон дар додгоҳи адл» аз шеърҳое ҳастанд, ки дар вусъати чашмандозу жарфои андеша, барангезандагии таассуроти фарогир, инсиҷоми баён, тару тозагии забону воситаҳои тасвир ва натиҷагириҳои фарохи фалсафӣ дар сарҳалқаи беҳтарин намунаҳои шеъри муосири тоҷик қарор доранд. Дар ҳар яке аз ин шеърҳо барои таҳқиқоти ҷудогона маводи кофӣ

мавҷуд аст, вале мо, мутаассифона, барои иҷрои он маҷол надорем, бинобар он сухан дар бораи онҳо хеле мухтасар хоҳад буд. Вале як хусусияти муштараки ин шеърҳоро дар ин ҷо ҳатман бояд қайд кунам, ки он аз сарчашмаи дониш об хӯрдани онон аст, зеро бе дониши фароху амиқи таърихию фарҳангӣ эҷод шудани онон ҳаргиз имконпазир нест. Аз муҳтавои ин шеърҳо бармеояд, ки шоири онҳо на танҳо аз таҳқиқоти таърихию фарҳангии маъмули пешин, балки аз навтарини онҳо ҳам бохабар аст, ки мисоли равшани он шеъри «Худ чароғи хеш бош!» мебошад, ки бо нигоҳе ба ҳайкали 14-метраи Буддо, ки дар Аҷинатеппа пайдо карда шуда, дар осорхонаи бостоншиносии Тоҷикистон нигоҳдорӣ мешавад, эҷод гашта, ба тамҷиди Буддо бахшида шудааст, ки ӯро аслан эронитабор, яъне тоҷиктабори қадим дониста, решаи таълимоташро аввал дар таълимоти Зардушт дидааст, ки ҳафт ҳазор сол пеш аз ин зистааст:

*Нирвонои ту медорад маро ҳушёр,*
*То бубинам инҷилои бомдоди ҳастии худро*
*Дар Нишобуру Хуҷанду Омулу Фарғонаву Фархор,*
*То канори Ҳинду дарёбор.*

*Омада – рафта,* ту дар хоки ниёконӣ,*
*Ганҷ дар вайрона, эй шаҳзодаи яктои эронӣ,*
*Яъне аз таҳреша тоҷику хуросонӣ,*
*Карда тахту тоҷи шоҳиро раҳо*
*дар кӯйи инсонӣ.*
*То куҷо*
*ё нокуҷоҳо*
*мебарӣ худҷӯиям ин бор,*
*Бар чӣ рамзе мекушояд*
*дидаамро чашми дилбинат,*
*Дар чӣ ранҷеву чӣ ганҷе*
*мешиносонӣ маро осор,*
*Ё ки меёбам давоми хешро дар Чину Мочинат.*

Дар ин шеърҳо фарҳангу таърих на чун воқеъият, ки метавонад аввалу охир дошта бошад, дарку тасвир мешаванд, балки ҳамчун ҳақиқате, ки ҳамеша ҳаст, ба қалам меоянд ва инсонро бо ҷазба ба сӯи худ мекашанд ва ё доимо бо инсонанд, зеро онҳо фарҳангу таърихи инсониятанд. Аз ин ҷост, воқеияте, ки дар ин шеърҳо тасвиру ифода мешавад, бартар аз воқеият буда, шоирро барои дарёфти ҳақиқат илҳом мебахшад ва ин ҳақиқат дар кӯраи дилу ҷони ӯ гудохта, бо ҳастии ӯ омехта, ҳақиқати шахсии ӯ гаштааст, ки ҳақиқати соҳибони ин фарҳангу таърих ҳам мебошад. Бинобар ин, ҳар соҳиби ин таъриху фарҳанг, ки ин шеърҳоро мехонад, онҳоро на фақат маҳсули дарёфти хеш, балки хешро офаринанда ва соҳиби он медонад.

«Замини сабзи боварҳо» шеърест, ки ғояи сарзамини боварҳо, яъне сарзамине, ки дар он аввалин боварҳои башарӣ, яъне сарзамини нахустфарҳангҳои инсоният будани ватани аҷдодии шоирро бо муҳташамии мавзӯъ, лангари сухан, ташбеҳу истиороти тоза, баёни фасеҳ, услуби корхӯрдаи матин дар пеши назар таҷассум менамояд.

*Ҳарф мехоҳам занам аз сарзамини хеш,*
*Ҳар чӣ мегӯям, вале з-ин хок ҳарфи осмон ояд.*
*Баски ин марзи гиронмоя, ки мояш пой мемонем,*
*Дигаронро Каҳкашон ояд.*

Таваҷҷуҳ мекунед, ки дар ин сатрҳо суханҳо чӣ қадар лангардор ва пурборанд, шоир махсус ба ҷои «меситоям» таъбири «тавсиф мекунам»-ро ба кор мегирад, ки дар онҳо оҳанги пешакии ситоиш ҷой дорад, мисраъро дар назари аввал чун наср, вале насри маҳками классикӣ – «ҳарф мехоҳам занам аз сарзамини хеш» муҷассам сохта, бо ин таъкид карданист, ки манзури ӯ ситоиш нест ва дар мисраи дуюм ҳам ин усулро давом дода «ҳар чӣ мегӯям, вале з-ин хок…» мегӯяд ва гӯё худи моводи шеър беихтиёр ибораи «ҳарфи осмон ояд»-ро дар услуби олӣ ба матн ворид месозад ва байт якбора шукӯҳу шаҳомати ғайричашмдошт пайдо мекунад:

*Ҳарф мехоҳам занам аз сарзамини хеш,*
*Ҳар чӣ мегӯям вале з-ин хок ҳарфи осмон ояд.*

Ва баъдан маълум мешавад, ин марзе, ки мо ба рӯи он пой мемонем, барои дигарон баробари Каҳкашон будааст. Каҳкашон, ки дар шеър намоди улвият ва бекаронагист, агар ҳамчунин марзе зери қадами мост, пас мо бояд чӣ гуна қадам монем ва бо чӣ мақсад ва ҳадафҳои бузургу олӣ.

*Баски ин марзи гиронмоя, ки мояш пой мемонем,*
*Дигаронро Каҳкашон ояд…*
*…Дар чунин хоке, ки дар ҳар зарраи хеш*
*осмон дорад,*
*Метавон оё ба ҳадди хоку меъёри заминӣ зист.*
*Ман намедонам,*
*вале медонам ин ҷо хокпош ар ҳаст,*
*Дил саройи ишқи гардунаш набошад,*
*нест.*

Дар ҳар зарраи хеш осмон доштани ин хок ва дар дили ҳар хокпош ҷой доштани сарои гардун суханҳое ҳастанд, ки қудсияти ин сарзамин ва маънавияти ғании бошандагони онро таъйину таъйид менамоянд. Ҳарчанд ин ҳолат шоирро ба гардунҳо мебарад, аммо ӯ бо тавозӯъ бар хоки ин манзар бар замин фуруд меояд ва мегӯяд:

*То ба ҳарфи хомуши водӣ-ш гӯшамро фаро орам,*
*Вожаҳои рӯдҳоро бишнавам дар вижапардозӣ.*
*Гӯш бар хоки таҳаммулбор бигзорам,*
*Оядам аз Зардуҳишту Маздаку Монӣ-ш овозе,*
*Баски хоки покашон ин ҷост,*
*Саҷдагоҳу зинаи афлокашон ин ҷост.*

Ва дар саросари ин шеър шоир аз ҳақиқатҳое ҳарф мезанад, ки онҳо бо обу хоки ӯ омехтаанд ё беҳтараш ӯро бо онҳо сириштаанд ва дар натиҷа шоир касе мешавад, ки на дар бораи ҳақиқат ҳарф мезанад, балки худ ба ҳақиқат

табдил мегардад ва шеър ба паёми ҳақиқат. Ва ин далели он аст, ки ин ва ин гуна шеърҳо, аз қабили «Наврӯзи фарвардин», «Аввалу охири дунё – Наврӯз», «Ҳадиси Одам дар офариниши Ҳавво», «Анӯшервон дар додгоҳи адл» на танҳо имрӯз, балки фардоҳо ҳам ҳамчун паёми ҳақиқат дарк хоҳанд шуд, зеро онҳо ҳамчун ҳақиқатҳое ба забон омадаанд, ки гӯяндаи онон бо ҳақиқатҳои кашфнамудааш даромехта, худ ҳақиқат гаштааст. Ва муҳиммтараш боз ин аст, ҳар хонандае, ки соҳиби ин замину таъриху фарҳанги он аст, бо хондани ин шеърҳо онҳоро паёми хеш аз ҳақиқати хеш медонад. Воқеан ин паём аз ҳақиқати ӯву сарзамини ӯст:

*Ҳамди исломат, ки ҷуз исломи некӣ нест,*
*Рӯдакию Мавлавиятро назири одамият кист?*
*То расад насли башар бар ҳадди инсонӣ,*
*Боядаш омӯхт аз ин ҳар ду мусалмонӣ…*

*…Эй диёри кӯчаки аз чор дарё ҳам фарохотар,*
*Ҳар ваҷаб хоки азизатро баландиҳои ин мардон*
*Кард гардуни баландахтар,*
*К-ин мани сарводагӯ дар ҷустуҷӯйи ҳарфи шоёнат*
*Мезанам акнун*
*ба авҷи ҳафт гардун*
*сар.*

Осори Аскар Ҳаким дар шеъри муосири тоҷик намунаи бозтоби шоиронаи фалсафаи ҳастӣ мебошад, ки ин ба шеъри ӯ таровату ҷаззобият бахшида, онро мавриди андешаи ҳамаи онҳое менамояд, ки шинохти муҳиммтарин фазилатҳои одаму оламро суроғ доранд. Шеъри асили имрӯз наметавонад бе андешаҳои амиқи фалсафӣ, ахлоқию иҷтимоӣ бошад, зеро савияи ҷомеа рӯз ба рӯз боло меравад ва хонандаи соҳибмаълумоту бофарҳанг ба шеъре ниёз дорад, ки талаботи фикрию завқӣ ва рӯҳии ӯро қонеъ кунонида тавонад. Ҳанӯз тақрибан 170 сол қабл аз ин адабиётшиноси ҷаҳоншумули рус В. Белинский навишта буд, ки «акнун ҳамаи шоирон, ҳатто бузургон дар айни ҳол мутафаккир ҳам бояд бошанд, вагарна истеъдод ҳам мадад

карда наметавонад...»[16]. Адабиёти мо дар мисоли осори Аскар Ҳаким ҳамин гуна асарҳоеро дорад, ки дар онҳо истеъдоди шоирӣ бо беҳтарин ваҷҳ бо дониш ва тафаккури амиқ ба ҳам даромехта, дар баҳамчӯшхӯрдагии эҳсосоту андеша намунаҳои хуби шеърро ба вуҷуд овардааст.

Ман ин ҷо бояд қайд кунам, ки дар ин мақола танҳо тарҳи таҳқиқе, ки бояд карда шавад, ба қалам омад, ҳар мавзӯе, ки зикр шуд, метавонад мавриди таҳқиқоти алоҳидае қарор бигирад, зеро дар осори Аскар Ҳаким оид ба он маводи кофӣ вуҷуд дорад. Ман иҷрои онро аз муҳаққиқони ҷавонтар, ки маҷоли бештари кор дошта, дар соҳаи робитаи адабиёту фалсафа пажӯҳиш мекунанд, чашм дорам, зеро дар ин соҳа дар эҷодиёти Аскар Ҳаким ва умуман дар шеъри муосири тоҷик барои таҳқиқоти арзишманд маводи фаровони ҷолиби таваҷҷуҳ мавҷуд аст.

***Декабри соли 2014 – августи соли 2017***

[16] Белинский В. Г. Собр. соч. в 3-х томах, т.2, М., Гослитиздат, 1948, стр. 445.

*Боймурод Шарифзода,*
*директори Институти забон ва*
*адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ*

# ҲАФТ ҶИЛДИ ИЛМУ ЭҲСОС

Нашри “Маҷмӯаи осор”-и ҳафтҷилдаи Шоири халқии Тоҷикистон, Барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ, мунаққид ва олими адабиётшинос Аскар Ҳаким дар соҳати адабиёти муосири тоҷик як падидаи муҳимми адабӣ ба шумор меравад. Шеър ду ҷилди нахустро дар бар гирифтааст. Зоҳиран, дар нигоҳи аввал, ин тарзи таҳияи осор ба авлавияти шеър дар фаъолияти зеҳнии мавсуф ишора мекунад, аммо маъмулан ҳангоми чопи чунин асарҳои чандҷилда осори шеъриро дар ҷилдҳои аввал ҷой медиҳанд, зеро хонандааш нисбат ба асарҳои илмӣ бештар мебошад.

Қобили зикр аст, ки ин “Маҷмӯаи осор” барои табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ: адабиётшиносон, мунаққидон, шоирону нависандагон, донишҷӯёну устодон ва дигар дӯстдорони илму адаб мароқангез буда, матолиби бою рангини илмӣ, таҳлилу таҳқиқҳои адабӣ ва доир ба шинохти шеъру вижагиҳои он баҳсҳои ҷолибу хонданӣ дорад.

Ҷилди аввал бо муқаддимаи муаллиф – “Чанд сухан дар бораи ин маҷмӯаи осор” оғоз мешавад. Баъд аз он гуфтори мухтасару пурмуҳтавои шоири ҷаҳоншумул Расул Ҳамзатов, ки дар сарсухани китоби «...И снова взойдет солнце» (Москва: «Советский писател», 2004)-и Аскар Ҳаким ироа кардааст, таҳти унвони «Мисраъҳои пурилҳоми шоир» оварда мешавад, ки дар он мақоми шоири тоҷикро дар адабиёти муосир муайян менамояд.

Дар ҷилдҳои якуму дувум муаллиф ашъореро, ки аз маҷмӯаҳои пешинаш ворид кардааст, бо зикри номи маҷмӯаҳо оварда, соли эҷод шудани онҳоро нишон додааст. Дар ҷилди дувум аксари ашъори нави шоир ба чоп

расидаанд. Шоир дар ҷилди аввал шеъреро бо номи “Ҳамоғӯш” ҷой дода, дар зернавишт таъкид мекунад, ки онро дар солҳои шасти асри гузашта навишта, чоп кунонидааст. Дар он солҳо боз чанд шеъри ӯ дар рӯзномаҳову маҷаллаи “Садои Шарқ” ҳам нашр шуда буданд. Дар шеъри мазкур, ки эҷоди даврони донишҷӯии шоир мебошад, мазмуну мухтаво, лафзу маъно ба ҳам мутаносибанд. Натиҷаи мушоҳидаҳои шоир, ки маҳсули арзёбии тазодҳои дар зоти ашёи табиӣ мавҷудбуда мебошад, дар пайкари шеър ба сурати андешаи фалсафие даромадаанд. Воқеияҳо вобаста ба дараҷаи арзишу манфияте, ки дар доираи ҳаёти иҷтимоӣ доранд, дар зеҳни инсон мафҳум ва моҳияти “хуб” ё “бад” пайдо мекунанд. Дар натиҷа, падидаҳои объективӣ хусусияти субъективӣ касб карда, воқеиятро нисбӣ ҷилва медиҳанд. Дар нигоҳи шоир, унсурҳои зоҳиран мутазодди табиӣ дар ташаккули сохтори падидаҳо иштироки фаъол дошта, бо ҳузури хеш ба ин созвораҳои ҷаҳони ҳастӣ мазмун ва моҳият мебахшанд. Гул, ки дар ҷаҳоншиносии адабӣ ҳамчун мазҳари зебоӣ шинохта шудааст, дар сохтори органикии худ барои идомаи ҳаёт ба хор, ки нишони беқадриву фурӯмоягист, ниёз пайдо мекунад. Хор низ вобаста ба вазифа ва масъулият (посдорӣ ё ҳимояти ҳаёти гул аз дасти номаҳрам)-е, ки дар асари ин ҳамзистӣ пайдо кардааст, дигар чизи камарзишу фурӯмоя нест, зеро он посбону нигаҳдори ҳаёти гул – зебоӣ мебошад. Пас, аз нигоҳи шоир, дар маҷмӯаи ҳастӣ, ки сарчашмаи шинохту касби маърифати инсон ба шумор меравад, чизе бидуни ҳадафу мақсаде падид наомадааст. Чунин тарзи бардошти ҳастӣ, ки дар ашъори давраи аввали эҷодиёти шоир дида мешаванд, бо мурури замон дар ҳамоҳангӣ бо инкишофи донишу маҳоратҳои эҷодии адиб ривоҷу равнақ ёфта, эҳсосу отифаи шоирро мухтавои фалсафӣ мебахшад ё ба таъбири беҳтар, “Осори Аскар Ҳаким... намунаи бозтоби шоиронаи фалсафаи ҳастӣ”[17] ба шумор меравindependent.

[17] Диноршоев Мӯсо. Бозтоби фалсафа дар шеъри Аскар Ҳаким.

*Гул ҳамоғӯш ба хоре рустаст,*
*Аҳд гӯё ки ба ёре бастаст.*
*Лек хораш тани гул озорад,*
*Ҳар нафас ранҷи наваш бозорад.*
*Теша бар решаи он гар бизанӣ,*
*Ҳосил он аст, ки гулро биканӣ.*

Аз рӯйи ду ҷилд ашъор дар бораи хусусиятҳои боризи шеъри шоир сухан рондан мумкин аст. Бояд қайд кард, оид ба шеърҳое, ки аз маҷмӯаҳои пешини шоир ба ин ду ҷилд дохил шудаанд, мунаққидону шоирону олимон мақолаҳо навишта, фикру ақидаҳои пурбаҳои илмиву адабӣ баён кардаанд, ки баъзеи онҳо дар ҷилди ҳафтуми "Маҷмӯаи осор" ҷой дода шудаанд. Ҳоло агар ба ашъори тозае, ки ба ин маҷмӯа ворид гаштаанд, андешем, чӣ хусусиятҳои муҳиммтарини онҳоро бояд қайд кунем. Чунин ба назар мерасад, ҳамон фазилатҳое, ки дар шеърҳои маҷмӯаҳои чопшудаи шоир мавҷуд буданд ва аз ҷониби мунтақидон баррасӣ шудаанд, дар ин ашъор ҳам афзалият доранд. Масалан, пурқувватии ҷанбаи иҷтимоӣ, нигоҳи амиқи фалсафӣ ба зиндагӣ, баҳамомехтаги лиризму драматизми шадиди ҳиссиёт, заминаи пурбори шайъӣ, таровати тасвир, гуногунии анвоъ аз хусусиятҳое мебошанд, ки дар ҷараёни эҷодиёти ӯ густардаву амиқтар мешаванд. Ин сифатҳо дар шеърҳои "Пайки озодӣ", "Эъҷози парвоз", "Сабри худойӣ", "Биё, ту, эй азизтар зи ҳар азиз!" ва ғазалу рубоиву дубайтиҳои нав, ки дар ҷилди дувум ба нашр расидаанд, равшан дида мешаванд.

Ашъори Аскар Ҳаким дар анвои суннатӣ – маснавӣ, ғазалу рубоиву дубайтӣ ва ҳам дар шакли шеъри нав, арӯзи озод ё ба қавли маъмул, шакли нимоӣ офарида мешаванд.

---

//Маҷмӯаи осор. Иборат аз хафт ҷилд, Ҷилди VII. Хуҷанд: Ношир, 2017, с.113.

Баъзе аз муҳаққиқон, масалан, шоир ва мунаққиди афғон Муҷиби Меҳрдод дар мақолаи худ қайд мекунад, ки “...ӯ ( Аскар Ҳаким – А. Р.) аз тамоми фанҳои мумкин барои расидан ба сохтор дар шеърҳояш истифода мекунад, ки ҳамаи инҳо даст ба дасти ҳам дода, сурати шеъри комил ва мунсаҷими ӯро месозанд. Иттифоқан, беҳтарин шеърҳои Аскар Ҳаким шеърҳои нимоӣ ва чорпораҳои ӯянд”[18]. Маълум аст, ки ин навъи шеър дар садаи XX дар Эрону Афғонистон ба хотири нав кардани сохтори шаклӣ ва маъноии шеъри замон ривоҷ дошт, аз ин рӯ, Аскар Ҳаким ҳам, ки ҳамеша дар пайи тозаҷӯиҳост, аз онҳо бомайли тамом истифода мекунад, аммо ашъори дар шакли суннатӣ гуфтаи ӯ ҳам намунаҳои олӣ доранд. Масалан, маснавии “Имони саг”, ғазали “Оинаи нур” ва рубоиву дубайтиҳои бисёреро метавон ба забон овард, ки онҳо ҳам бо диди амиқ, сувари хаёли тозаву маъонии писандида ба хотир менишинанд. Шоир ва донишманди эронӣ Алиризои Қазва дар бораи ғазалҳои ӯ, аз ҷумла ғазали “Ба камон чӣ гуна хӯ гирам...” чунин менависад, ки фикри моро тасдиқ мекунад: “Дурахшиши Аскар Ҳаким дар ғазалҳои ӯст... ҳатто хондани баъзе аз ин ғазалҳо комилан ғофилгиркунанда аст... байтҳое аз ин даст метавонад барои ғазали имрӯзи Тоҷикистон обрӯ ва эътибор шавад”[19]. Ин гуна фикр, бешубҳа, дар асоси мазмуну муҳтаво ва паёми арзишманде доштани ашъор баён карда мешавад. Дар ҳақиқат ашъори Аскар Ҳаким доманаи фарохи мавзӯъву муҳтаво доранд, ки иҷмолан онҳоро ба мавзӯъҳои иҷтимоӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, ишқу муҳаббат ва дигар соҳаҳои гуногуни зиндагии инсонҳо ҷудо кардан мумкин аст.

Дар бораи ду ҷилди шеъри “Маҷмӯаи осор”-и Аскар Ҳаким сухан ронда, метавон ба натиҷае расид, ки аз рӯи он чеҳраи шоирии муаллиф дурахшон ба назар омада, ба қавли

---

[18] Аскар Ҳаким. Ҳамон ҷо, с.422.

[19] Ҳамон ҷо, с. 265.

устоди бузурги шеъри муосир Расул Ҳамзатов, ки ба яке аз маҷмӯаҳои ба забони русӣ нашр шудаи шоир сарсухан навиштааст, ӯро ҳамчун яке аз шоироне, ки “...ҷараёни тозаро дар шеъри муосир... инкишоф медиҳад”[20] муаррифӣ менамояд.

Дар асри гузашта, махсусан, дар нимаи дувуми он шеъри тоҷик бо дастовардҳои шоён дар арсаи ҷаҳон шинохта шуд, вале ягона таҳқиқоти илмие, ки онро густардаву амиқтар ба баррасӣ гирифта буд, рисолаи “Шеър ва замон”-и Аскар Ҳаким буд, ки дар Москва ҳам бо номи “Творцы созвучий” (“Навосозон”) бо иловаи чанд мақолаи дигар ба нашр расида, аз ҷониби накди русӣ ҳам хуш пазируфта шуда буд. Дар ҷилди севуми “Маҷмӯаи осор”- и ӯ зери унвони “Вижагиҳои анвои шеъри ғиноӣ (дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикии нимаи дуюми садаи XX)” таҳқиқоти муфассали тозае нашр шудааст, ки шеъри давраи зикршударо дар заминаи назарӣ, таърихиву таҳлилӣ, муҳтавоиву бадеӣ ба таҳқиқ гирифтааст. Бояд қайд кард, ки ин рисола ба забони русӣ ҳам дастраси аҳли илму адаб гардид ва баъдан бо такмил, таҳрир ва иловаҳои тоза зери унвони “Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми садаи XX)” чоп шуд, ки аз ҷониби накду адабиётшиносӣ –дар мақолаҳои донишмандон, академик Абдуҷаббор Раҳмонзода, профессорон Матлубаи Мирзоюнус, Абдушукури Абдусаттор ва дигарон баҳои баланд гирифт.

Ин тадқиқот аз панҷ боби муфассал иборат буда, шеъри ғиноии нимаи дувуми садаи бистро дар эҷодиёти дурахшонтарин чеҳраҳои он – Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Кироме, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Фарзона ва дигарон ба риштаи таҳлилу таҳқиқ мекашад. Муаллиф дар боби аввал чунин менависад: “...шеъри ғиноиро аввал аз тариқи андешаву эҳсосоти отифие, ки фарди ғиноӣ иброз мекунад, тадқиқ кардан зарур мебошад, зеро ин гуна шеър муҳимтарин

[20] Аскар Ҳаким. Маҷмӯаи осор. Ҷ.1, с.11.

хусусиятҳои онро дар бар мегирад”[21]. Пасон чигунагии ҳамин андешаву эҳсосоти отифии фарди ғиноӣ, ки аз рӯи муносибаташ ба олами атроф, агар куллан бигирем, дарунгаро ва ё бурунгаро мешавад, дар шеъри ғиноии давра, дар мисоли шеъри шуарое, ки зикр шуда буданд, баррасӣ карда мешавад ва махсусияти андешаву эҳсосоти ҳар шеър ва ҳар шоир мушаххасан баён мегардад. Масалан, яке аз хусусиятҳои умдаи баёни андешаву эҳсосоти отифӣ ақлгароёна ва ё ҳисгароёна будани онҳост, ки дар эҷодиёти ҳар шоир ба дараҷаи гуногун зуҳур карданаш мумкин аст. Мавзӯъҳои мухталиф – иҷтимоӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва монанди инҳо сарчашмаи андешаву эҳсосоти отифӣ қарор мегиранд ва вобаста ба шахсият ва сабки шоир бо табу тоби гуногун ба қалам меоянд. Ин андешаву эҳсосоти отифӣ гоҳ вуқӯъгароёна ва гоҳе хаёлпардозона ифода мешаванд. Дар эҷодиёти як шоир воқеъ шудани ҳар ду тарзи ифодаро дидан мумкин аст ва ҳамчунон ки муаллиф менависад “... ҷанбаҳои вуқӯъгароӣ ва хаёлардозонаи олами шахсияти ғиноӣ вобаста ба мавзӯъ ва услуби ин ё он шеър ба ҳамдигар афзалият пайдо мекунанд”[22]. Ин ҳолат ҳатто дар як шеър ҳам ҷой меёбад, ки муаллиф онро дар мисоли шеъри Лоиқ ба таҳлил гирифта чунин менависад: “Масалан, дар “Тақлиди Мавлавӣ” (с. 1982) шахсияти ғиноӣ дар аввал ҳамчун як олами бузургу комил ва дар айни ҳол пурихтилоф, ки арзишҳои худро бо худ дорад, бо услуби романтикӣ ба сухан меояд: «Ман ошиқи дарёстам, // Пуршӯру пурсавдостам. // То навбати дунё марост, // Дунёстам, дунёстам»[23]… Баъдан шахсияти ғиноӣ банохост, ғайриихтиёр ба олами ҳастӣ арзиш қоил шуда, ба он миннатгузорӣ менамояд, ки аз майли ҷаҳоншиносии замони ӯ бармеояд: «Ман ифтихори ҳастиям, // Ман эътибори

---

[21] Аскар Ҳаким. Маҷмӯаи осор. Ҷ.3, с.35.
[22] Ҳамон ҷо, с.73.
[23] Ҳамон ҷо, с.73.

ҳастиям. // Бо ҷумла бори меҳнаташ, // Миннатгузори ҳастиям»[24].

Боби дувуми таҳқиқот “Шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ” мебошад, дар он ашъоре ба таҳлил меояд, ки дар заминаи он ба ғайр аз андешаву эҳсосоти отифӣ боз аносири олами ашё ҳузур дорад, ки тасвир карда мешавад, аммо бор ва вуҷуди андешаву эҳсосот бештар аз тасвир аст. Ин аз серистифодатарин навъи шеъри ғиноист, зеро муҳтавояш аз зиндагии воқеъии инсон бармеояд, ки ҳар лаҳза бо олами хориҷ рӯ ба рӯст. Дар ин олами хориҷ ҳама чизе, ки инсонро иҳота мекунад, табиат бо ҳамаи зуҳуроташ, обу осмону кӯҳу барзанҳо, шаҳр бо сохтмону шоҳроҳу гулгашту хиёбонҳояш, хулоса, тамоми аносири гирду атроф метавонад ҳамчун василаи ёрирасон ба шеър барои ифода ва тасвири ҳар чӣ мукаммалтари андешаву эҳсосоти ғиноӣ ворид шавад. Дар ин боб муаллиф чанд вижагии шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ – дар асоси суҷа, сурати ашё, ҷараёни ҳиссиёт ва монанди онҳо сохта шуданро дар эҷодиёти шуарои зикршуда нишон медиҳад. Масалан, дар бораи чӣ хусусият доштани шеъри андешаҳои отифии тасвирии Бозор Собир “Фасли занона” чунин ибрози андеша мекунад: “Дар ин шеър, ки аз барангезиши ғиноӣ оғоз мешавад, даҳ тимсоли асосӣ бо риштаи эҳсоси мусалсал ба ҳам пайванд мегиранд. Онҳо «чашма», «лолазори гулҷӯш», «бед», «борон», «рангинкамон», «бунафша», «сафедор», «шохи гул», «боғи ношумурда», «ҳавои борон» мебошанд, ки ҷараёни муносибати шахси шеър ба онҳо сужаи ғиноии шеърро ташкил додааст”[25].

Боби савуми таҳқиқот “Шеъри ғиноии тавсифиву тасвирӣ” номида шудааст, ки дар ин навъи шеър тавсифу тасвир бар андешаву эҳсосоти фарди ғиноӣ бартарӣ дошта, заминаи мавзӯъву муҳтаво ва сохтору сабки онро ба вуҷуд

---

[24] Ҳамон ҷо, с.74.

[25] Ҳамон ҷо, с.181.

меоранд. Муаллиф ин навъи шеъри ғиноиро ба таҳлил гирифта, вижагиҳои муҳимтарини онро нишон медиҳад, ки он метавонад бо ҳузури фарди ғиноӣ ва ё бидуни ӯ, вуқӯъгароёна ё хаёлпардозона, масарратомез ё ҳузангез, бо баёни муносибати шоир ба маводи мавриди тасвир ва ё бе он сурат бигирад. Агар муносибати шоир ба ашё ва ё ҳодисаву манзара рӯирост баён нашуда бошад, онро аз рӯи интихобе, ки шоир аз олами ашё, манзара ва ё ҳодиса мекунад, муайян намудан мумкин аст, яъне он дар зимни мабҳаси тасвир қарор мегирад. Дар ин навъи шеър аносири ҷаҳони ҳастӣ, воқеаву манзараҳо арзиши маънавиву шоирона пайдо мекунанд. Навъи аз ҳама серистифодатарин дар ин ҷо шеъри пейзаж – манзара мебошад, ки он ҳам метавонад гунаҳои мухталиф дошта бошад. Аввалан, муаллиф собит менамояд, ки дар замони мо мафҳуми шеъри манзара танҳо аз тасвири алоҳидаи намои табиат иборат набуда, хеле фарохтар аз он шуда, тамоми муҳити атрофи инсон, масалан, шаҳрро ҳам бо ҳамаи зуҳуроташ, ҳатто бо биноҳову роҳҳову фурудгоҳу тайёраҳояш дар бар мегирад. Ва сониян, ҳамаи онҳо танҳо ба хотири тасвир ба шеър дохил нашуда, барои ифодаи манзуре, ақидае, таассуроте, эҳсосоте ба кор гирифта мешаванд, ки маонии зеҳнии шоирро баён мекунанд. Аз ҳамин нуқтаи назар шеъри тавсифиву тасвирии шоирони мавриди таҳқиқ – М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ, Бозор Собир, Фарзона баррасӣ карда мешавад. Муаллиф, барҳақ, қайд мекунад, ки тасвиргароӣ дар шеър ба дараҷаи инкишофи иҷтимоии ҷомеа вобаста буда, дар натиҷаи пешрафти он шеъри манзара моҳияти тоза пайдо менамояд. Ин қазияро ӯ дар мисоли эҷодиёти Мирзо Турсунзода собит мекунад, ки тасвири манзара дар ашъори аввали шоир дар муқоиса ба давраҳои охири эҷодиёташ он қадар бори маъно намекашид, зеро дар ин давра ҷомеа ба дараҷаи хеле баландтари инкишофи иҷтимоиву иқтисодӣ расида буд. Ин фарқиятро муаллиф бо таҳлили шеърҳои “Мамлакати тиллоӣ”, “Ба

кӯҳсори тоҷик”, ки дар солҳои 30-40-ум ва шеърҳои “Чӯпон”, “Силсилаи кӯҳи Ҳисор”, ки солҳои 60-70-ум навишта шудаанд, хеле возеҳ нишон медиҳад. Ӯ дар асоси таҳлили муфассал ба хулосаи дурусте мерасад, ки дар ду шеъри аввал таҷрибаи фардии мавзӯъ, ки боиси ба вуҷуд омадани эҳсосоту таассуроти шахсӣ мешавад, вуҷуд надошта, сувари хаёл ҳам забонзаду обшуста мебошад. Аммо дар ду шеъри баъдӣ, ки шуури иҷтимоӣ пеш рафта, ҷомеа ба зинаи баландтари идроки масъалаҳои иҷтимоӣ баромада ва шоир ҳам маҳорати шеър андӯхта буд, тасвири манзара ба моҳияти шеър мубаддал гаштааст. “Дар ин шеър, – менависад муҳаққиқ, – ...ҳолати рӯҳии ӯ (яъне шоир) бо манзараи тасвир омехта, аз он набзи дил, кайфияти аҳволи ӯ ҳис карда мешавад, ки моҳияти шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ ҳам дар ҳамин аст. Манзара ... бе даҳолат ва ё таъкиди рӯирости муаллиф моҳияти таъмимӣ пайдо мекунад. Аз фазои ин тасвир маълум мешавад, ки дар ин ҷо оромишу осоиш ҳукмфармо буда, чӯпону рама ба рамзи бадеии он табдил ёфтаанд”[26].

Дар ин фасл ашъори тавсифиву тасвирии Аминҷон Шукӯҳӣ “Сабр кун, эй гули бодом!”, “Боғбонро мепарастам” , “Дар кӯчабоғи ишқ”, “Баргҳои тиллоӣ” ба мулоҳиза гирифта шуда, вижагиҳои онҳо нишон дода мешавад, ки дар онҳо нақши шахсияти шеър камтар буда, истиқлоли тасвир бештар аст. Ин хусусият махсусан дар шеъри тасвирии “Баргҳои тиллоӣ” ба равшанӣ ба зуҳур омадааст. Дар ин шеър ҳатто ранги зард, ки маъмулан дар шеъри мо тимсоли тирамоҳи зиндагонӣ, заъфу нотавонӣ мебошад, мафҳум дигар карда, ҳамчун намоди ҷовидонагӣ ва ба такрор омадани ҳаёт истифода шудааст ва ин хусусият ба тасвир на бор карда мешавад, балки аз зимни худи он бармеояд, ки онро мақбул месозад.

[26] Аскар Ҳаким. Ҳамон ҷо, с.216-217.

Моҳияти тоза пайдо кардани тасвири манзара дар шеъри муосири тоҷик асосан, ба назари мо, бо ду роҳ сурат мегирифт, яке дар натиҷаи кам-кам боло рафтани сатҳи муносибатҳои иҷтимоӣ дар худи кишвари тоҷик ва дигаре аз роҳи омӯзиши таҷрибаи шеъри русӣ, ки дар ин ҷода пешравтар буд, зеро бо вуҷуди дар дохили як сохти давлатдорӣ будан шеъри русӣ аз ин ҷиҳат аз шеъри тоҷикӣ афзалият дошт. Бинобар ин, шоироне, ки таҷрибаи шеъри русро меомӯхтанд, шеъри манзаравии худро зудтар аз тавсифҳои бебор раҳо карда, ба дӯши тасвиру тавсиф бори маъно мегузоштанд ва яке аз пешгомтарини онҳо Ғаффор Мирзо буд. Ӯ аз давраҳои аввали эҷодиёташ тавсифу тасвирҳои табиӣ ё маснӯиро, барои ифодаи мароми шоириаш, ки бештар дар баёни мазмунҳои иҷтимоиву ахлоқӣ хулоса мешуд, пурмаҳсул истифода мекард. Аскар Ҳаким ин қазияро дар мисоли шеърҳои "Маҷнунбед", "Афсонаҳои сангӣ", "Ду ҳайкал", "Шаршараи Восеъ" ба исбот расонида, аз ҷумла дар бораи шеъри охир чунин андешаи қобили таваҷҷуҳе баён менамояд: "Ҷойи баёни эҳсосоту таассуроти фардию шахсиро пурра воқеияти тасвир гирифтааст, ки ба воситаҳои бадеъ, ҳамчун тавсифу ташбеҳ ва ташхис ба ҷо оварда шудааст... Маънои шеър аз худи тасвир бармеояд. Восеъ қаҳрамони озодӣ ва адолатхоҳи мардумист... эҳсоси дуҷонибаи ҳамдигардӯстдорӣ – ватандӯстдории қаҳрамон ва қаҳрамондӯстдории ватан бе ҳеҷ ҳарфи муҳаббат, танҳо ба воситаи нигориши манзараи табиат нишон дода шудааст, ки ин намунаи хуби шеъри манзаравист"[27].

Муаллиф қисми муҳими шеъри тавсифиву тасвириро пайкаранигорӣ ва ё чеҳранигорӣ унвон карда, махсусияти онро дар эҷодиёти ҳар яке аз шуарои зикршуда баррасӣ мекунад. Аз ҷумла андешаҳои ӯ оид ба ин навъи шеърҳои Қутбӣ Киром, Бозор Собир, Фарзона тамоман тозаанд.

[27] Ҳамон ҷо, с.232-233.

Муаллиф ба ҳақ қайд мекунад, ки дар ҳар кучо, ки сухан аз вуҷуди зан, чеҳра ва ё пайкари ӯ биравад, қалами Қутбӣ Киром бо тамоми қудрати шоиронааш ба кор медароянд, ҳиссиёту таассуроти гарму ҷӯшони ӯ ҳамаро фаро мегирад. Аммо ӯ шеърҳое низ дорад, ки ин эҳсосоти пурғалаён дар зимни тасвир ҳам ҷой гирифтаанд, ҳамчунон ки дар шеъри "Духтари яғнобӣ" ҳаст. Умуман, дар эҷодиёти Қутбӣ Киром тимсоли зан, дар ҳамаи анвои ашъораш, ва дар тавсифиву тасвириаш аз ҳама бештар, мавриди парастиш аст, зеро дар ин ҷо шоир ҳусни беназири ӯро нигориш мекунад, ки зимни он ҷаҳони зебои ботинии низ дар назар аст. Ошиқ дар шеъри ошиқонаи Қутбӣ Киром дар ҳаҷру фироқ ҳам ҳеҷ гоҳ маъшуқаро сарзаниш намекунад, балки дар он худро муқассир мебинад. Ӯ дар шеъри тавсифиву тасвириаш ҳам ба зоҳиру ботини зан аз ҳамин дидгоҳ менигарад. Нигоҳи Бозор Собир дар ин масъала аз нигоҳи Қутбӣ Киром фарқ мекунад, ӯ занро дар баробари маҳбубаи дилписанд ва "ними ними худ" номиданаш дар намоҳои дигар низ мебинад, ки дар шеърҳои "Гиреҳи санг", "Шири бурида"-аш ба назар мерасад. Дар ин шеърҳо, ки зоҳиру ботини занро ба тасвир мегиранд, накӯҳиш аз ахлоқи нописандидаи ӯ ҷой дорад, ки ҳусни худро ба савдо гузоштааст. Ин ҳам воқеияти ногувори зиндагист. Вале вақте ки ӯ аз маҳбубаи дилаш тасвир мекашад, суханаш ба ҳадде зебо мешавад, ки дар баъзе ҳолат аз ҳад ҳам гузашта, маҳбуба саропо атрогину заррин мешавад, аммо маълум аст, ки тасвир ҳар қадар табиитар бошад, ҳамон қадар таъсиргузортар хоҳад буд, ки шеъри "Тасвир"-и ӯ дар байни ҳар дуи ин навъи тасвир қарор дорад. Ҳамаи ин вижагиҳои шеъри тавсифиву тасвириро муаллифи тадқиқот, Аскар Ҳаким, ба хубӣ нишон дода, ҷои ҳар яки шоиронро дар он муайян менамояд.

Мақоми Фарзона дар шеъри тавсифиву тасвирӣ, ҳамчунонки дар дигар навъи шеърҳо низ ҳаст, махсус мебошад, зеро дар ҳамаи анвои шеър нигоҳи ӯ ашёвӣ, мусаввирона ва ҳиссиётангез аст. Ин сифат дар таҳқиқот дар

мисоли шеърҳои тавсифиву тасвирии “Дарвеш”, “Баҳороғӯш”, “Пайкараи сабз”, “Дар водии баҳор”, “Субҳи марҷон бастани олучаҳо”, “Баҳор мемонад” ва дигарҳо муфассалан таҳлил карда, вижагиҳои онҳо нишон дода мешавад. Аз таҳқиқот бармеояд, ки дар ин навъи шеъри Фарзона тасвири ҳамаи манзараҳои фасли сол мавҷуд аст, аммо намои манзараҳои баҳор бештар аст ва ин аломати бештар рӯҳияи шодмонӣ доштани шоир дар ин шеърҳо мебошад. Дар шеъри Фарзона, ки зодаи шаҳр аст, намои гуногуни шаҳр низ ба тасвир меояд, ки дар шеъри муосири тоҷик камтар ба назар мерасад. Ҳамаи ин тасвирҳо, хоҳ аз деҳ бошаду хоҳ аз шаҳр, хоҳ аз баҳор бошаду хоҳ аз хазон, албатта, бо забони садову рангу бӯйи худ муҳтаво, маъно ва рӯҳияеро ба хонанда мерасонанд, ки шоир мехоҳад ба ӯ илқо намояд ва ин аз ҷониби муҳаққиқ Аскар Ҳаким ба хубӣ нишон дода мешавад.

Навъи дигари шеъри ғиноӣ шахсиятӣ номида шудааст, ки дар он сухан аз шахсиятҳо меравад ва дар он аносири андешаву эҳсосот, тавсифу тасвир низ ҷой дорад, вале мақоми бештареро ифода ва тасвири хулқу атвор ва хислатҳои ботинии шахс мегирад. Дар шеъри классикии мо ин гуна маънову мазмун аввалҳо асосан дар қасида ва баъдҳо дар ғазал ҳам баён карда мешуд, ки шоирон дар аксари онҳо силае, мукофотеро чашмдор буданд. Шеъри шахсиятии имрӯз ин гуна манзуре надорад. Муаллиф дар асоси таҳлили маводи нимасра ба чунин хулоса мерасад, ки он дар аввалҳои нимаи дувуми аср бештар ба шахсиятҳои ҳизбиву давлатӣ бахшида мешуд, вале дар охири сада ҷойи онҳоро қаҳрамонҳои ҷанг, шахсиятҳои таърихӣ, илмиву фарҳангӣ мегиранд. Ба ин эҳсоси худогоҳии миллӣ, ки дар ҷомеа дар охирҳои нимаи дувуми садаи бист густариш пайдо кард, сабаб шуд. Бинобар ин, шеъри ғиноии шахсиятӣ шахсиятҳои Зардушту Борбаду Рӯдакӣ, Бобоҷон Ғафурову Мирзо Турсунзодаву Маҳмуд Воҳид ва монанди онҳоро дар маърази тасвири худ қарор дода, чеҳраҳои инсонӣ, эҷодӣ ва

иҷтимоии онҳоро офарид. Ин ҷараён ҳамаи насли шоирони замонро дар бар дошт, ки аз худи Мирзо Турсунзода оғоз мешуд. Ӯ дар ин давра бахшида ба Маяковский, шоираи ӯзбек Зулфия ва шоири доғистонӣ Расул Ҳамзатов шеърҳои "Ба муосири бузург", "Марҳабо" ва "Ба Расул Ҳамзатов"-ро эҷод мекунад, ки шеъри охир аз ҷиҳати гармиву самимияташ хеле ҷолиб аст.

Таваҷҷуҳи шоирон ба ин ё он навъи шахсиятҳо аз марому манзури эҷодӣ, матлаби иҷтимоӣ, дилбастагиҳои шахсӣ ва монанди инҳо бармеояд, бинобар ин Аскар Ҳаким ҳангоми таҳқиқ сабаби руҷӯи шоирро маҳз ба ин шахсиятҳо нишон дода, заминаи ҳаётии пайдоиши шеърро низ муайян менамояд. Аз ин рӯ, таъкид мешавад, ки масалан, дар эҷодиёти Ғаффор Мирзо бештар будани ашъори бахшида ба шахсиятҳои ҳизбӣ ва давлати шӯравӣ набояд мавриди нофаҳмӣ қарор бигирад, зеро ӯ ятим монда, дар хонаи бачагон ба воя расида, аз ин ҷиҳат бештар аз дигарон ба намояндагони ин давлат шукргузор буд. Дар баробари ин дар эҷодиёти ӯ боз ашъоре, ки ба тамҷиди қаҳрамони Ҷанги Бузурги Ватанӣ Тӯйчӣ Эрийгитов, қаҳрамони халқ Восеъ, шахсиятҳои фарҳангии таърихӣ ва замонӣ – Фирдавсӣ, Мирзо Турсунзода, Муҳаммадҷон Қосимов ва дигарон бахшида шудаанд, низ ҷой доранд. Табиист, ки ин гуна шахсиятҳо мавриди ситоиши шоирони дигар, аз ҷумла Муъмин Қаноат, Қутбӣ Кибом, Лоиқ Шералӣ ва дигарон ҳам гаштаанд. Дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Восеъ, Турсунзода ва монанди ин шахсиятҳо аксари ин шоирон шеърҳо доранд, ки ин ё он ҷиҳати шахсият ва ё эҷодиёти онҳоро мавриди тасвиру ифода қарор дода, симои ғиноии онҳоро эҷод кардаанд. Масалан, шахсият ва эҷодиёти Мирзо Турсунзода аз ҳамин қабил аст, ки дар як силсила ашъори шоирон Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир мабҳаси шеър қарор гирифтааст. Нуктаи муҳими таҳқиқоти Аскар Ҳаким дар он аст, ки вижагиҳои мазмуну муҳтаво ва сабку баёни ҳар шоирро дар

ин навъи ашъор нишон дода, намои гуногунранги шеъри муосирро пеши назар меорад.

Солҳои ҳафтоду ҳаштоди асри гузашта дар ҷомеаи шӯравӣ ва дар кишвари мо ҳам ғояи бародархондагии халқҳо махсусан бештар ташвиқу тарғиб мешуд, ки боиси дар ин соҳа ба вуҷуд омадани як силсила шеърҳо шуд. Дар ин ҷараён ашъоре ба вуҷуд меомаданд, ки ба намояндагони фарҳангу адабиёти кишварҳои дуру наздики хориҷӣ ҳам бахшида мешуданд ва барои фарохтар шудани чашмандози шеър хидмат мекарданд. Дар баробари ашъори ба ин гуна шахсиятҳо бахшидаи Ғаффор Мирзо "Галилей", Муъмин Қаноат "Шеъри қазоқ" (Ба Олҷас Сулаймонов) ва дигарон аз ҷониби Қутбӣ Киром китоби "Дили бародар" ба чоп расид, ки саропо аз ҳамин гуна шеърҳои бахшида ба шахсиятҳои маъруфи тоҷик, халқҳои бародар ва хориҷии дуру наздик иборат буд. Сергей Есенин, Қайсин Қулиев, Пабло Неруда, Файз Аҳмади Файз, Муин Бсису ва як сислсила ашхоси фарҳангии дигар аз ҷумлаи онҳо буданд, ки муаллифи таҳқиқот ҷиҳатҳои бадеъ ва хосиятноки ашъори ба онҳо бахшидашударо баррасӣ менамояд. Дар ин раванд дуруст қайд карда мешавад, ки шоирон Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва Фарзона бештар ба шахсиятҳои таъриху фарҳанги миллӣ – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯали ибни Сино, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва монанди инҳо таваҷҷуҳ доштанд, ки инро натиҷаи дар эҷодиёти онҳо рӯз ба рӯз қавитар шудани эҳсоси худшиносии миллӣ бояд донист. Фарзона дар ин ҷода силсилаи махсуси ашъор "Паёми ниёгон"-ро навишт, ки ба шахсиятҳое аз Рӯдакӣ то Иқбол бахшида шуда, дувоздаҳ бузургвори илму адабро дар бар мегирифт. Ҳамаи ин ашъор то ҳадди имкон аз ҷониби Аскар Ҳаким аз ҷиҳати мавзӯъ, муҳтаво ва сабки баёну сувари хаёл баррасӣ гардида, ғановати шеъри мо дар ин соҳа нишон дода мешавад.

Боби панҷуми тадқиқот "Шеъри ғиноии ҳикоятӣ" унвон шуда, дар он ашъоре, ки бунёд бар воқеаву ҳодиса

дошта, дар инкишофи сюжети ғиноии он шахсиятҳои бадеӣ амал мекунанд, мавриди барррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар ин ҷо бо назардошти омӯзаҳое, ки аз ҷониби олимони ин соҳа баён шудаанд, ҳамчун В. Виноградов, Б. Томашевский, Г. Поспелов ва дигарон, ба хулосае мерасад, ки дар ин навъи шеър ҳодисаву воқеа ва сюжет аз асарҳои ҳамосӣ фарқ дошта, хеле мухтасар мебошанд ва барои ибрози андешаву эҳсосоти шоир нақши ёрирасонро иҷро мекунанд. Бинобар дар онҳо хусусияти ҳамосӣ афзалият пайдо накарда, ин ашъор дар доираи ғиноӣ боқӣ мемонанд. Муаллиф таъкид мекунад, ки дар ин навъ шеър “... шайъ, шахсият, ҳодисот ва, куллан, воқеияти ғиноӣ, дар дарозои мухталифи замон дар таҳаррук, тағйиру дигаршавӣ мабҳаси андешаву эҳсосоти отифии шахсияти шеър қарор мегирад”[28]. Ба замми ин, дар шеъри ғиноии ҳикоятӣ инкишофи бадеии ҳодисаҳо пурра нишон дода нашуда, бардошти шахсияти шеър аз онҳо ба қалам оварда мешавад, ки вижагии махсуси навъии шеъри ғиноӣ мебошад.

Шеъри ғиноии ҳикоятӣ дар мавзӯъҳои гуногунтарини зиндагӣ офарида мешавад, бинобар он, дар он мазмунҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ, панду ахлоқӣ, ошиқона ва амсоли онҳо фаровон баён мешаванд, ки онҳоро муаллифи таҳқиқот дар эҷодиёти шуарои мавриди назар ба баррасӣ мегирад. Аз ҷумла, дар бораи шеъри ғиноии ҳикоятии Мирзо Турсунзода ақидае изҳор мешавад, ки он дар эҷодиёти шоир дар нимаи аввали асри гузашта бештар мақом дорад, вале дар нимаи дувуми аср камтар ба назар мерасад, ки шояд сабабаш ба навиштани достонҳо, ки асосан ҳамосӣ ва ё ҳамосиву ғиноӣ мебошанд, машғул шудани шоир бошад. Шеърҳои “Ҳалқаи заррин”, “Савганд”, “Дар бозори китоб”, ки ба ин навъ мутааллиқанд, мавриди таҳлил қарор гирифта, вижагиҳои навъии онҳо нишон дода мешаванд.

[28] Ҳамон ҷо, с.426.

Дар солҳои панҷоҳу шасти асри гузашта, ки шеърҳои умумиву беашёву маҳалли тасвир фаровон буданд, рӯй овардани шоирон ба шеъри ғиноии ҳикоятӣ ба ашъори онҳо сифати хуби вуқӯъгароёна дод, зеро нақлу ривоят маъмулан талаб дорад, ки муҳит, вақту фазо, ашё ва маҳалли воқеа нишон дода шавад. Муҳимтарин хусусияти ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ, ки дар он солҳо шеъри ӯро аз дигарон мутафовит мекард, ҳамин буд. Ин сифат дар ашъори ошиқонаи ӯ ҳам ба хубӣ ба назар мерасид. Шеърҳои "Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш", "Диламро бурдию манро набурдӣ", "Дар лаби баҳр" ва дигарҳо, ки дар онҳо эҳсосоти ошиқона бо нишон додани маҳал, вақту фазову ашё анҷом гирифта буд, бо тозагии худ дар воқеъ намунаи хуби шеъри ошиқона маҳсуб мешуданд. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки ин сифат дар эҷодиёти А. Шукӯҳӣ дар натиҷаи омӯзиш аз шеъри русӣ, махсусан аз шеъри А. Пушкин ва М. Лермонтов воқеъ шудааст.

Ҳамин гуна омӯзиш ва таъсирбардорӣ аз шеъри русӣ дар эҷодиёти Ғаффор Мирзо бештар эҳсос мешавад, ки дар ин бора худи шоир ҳам борҳо навиштааст ва ҳатто дар ин мавзӯъ бо унвони "Ба назми рус" шеъри махсус ҳам дорад, ки дар он шеъри русро "... пири ман, муаллими ман" меномад. Воқеъан ҳам ин гуна омӯзиш дар солҳои панҷоҳу шаст шеъри Ғаффор Мирзоро яке аз тозатарин шеърҳо гардонида, ӯро яке аз шоирони навпардоз шиносонида буд. Шеърҳои "Камони Рустам", "Сангтӯда", "Ситораҳо", "Кӯҳи Чилдухатарон" ва як силсила шеърҳои дигари ӯ, ки солҳои панҷоҳи асри гузашта эҷод шудаанд, ба навъи беҳтарини шеърҳои ғиноии ҳикоятӣ мутааллиқ буданд. Аскар Ҳаким дуруст қайд мекунад, ки ин навъи шеър дар солҳои баъдӣ ҳам дар эҷодиёти Ғаффор Мирзо мақом дорад. Масалан, яке аз шеърҳои ошиқонаи бисёр ҳам хуби ӯро, ки "Аз ҳазл то муҳаббат" (с.1962) ном дорад, таҳлили нозукписандонае карда, аз ҷумла чунин менависад: "Дар ин шеър сужаи ғиноӣ тамоман нав аст, ки то он дар олами шеъри ошиқона набуд,

бинобар он эҳсосоту таассуроти шахсияти шеър ҳам, ки ҷавони тозаошиқ аст, бо ҳамаи воситаҳои тасвир ва баёну ифода тароватнок мебошад. Дар он ҳатто вожаву таъбирҳои шинос ҳам аз доираи мафҳумҳои суннатии бақолабдаромадаи худ берун рафта, тобиши тоза пайдо мекунанд”[29]. Ба ҳамин минвол ашъори ғиноии ҳикоятии М. Қаноат “Қиссаи чархи фалак”, “Қатли Восеъ”, “Давоми нек роҳатро”, Қутбӣ Киром “Чанг занад дил ба гиребони ман”, “Ҷуфт шуд кабки дарӣ”, ки аз беҳтарин шеърҳои ин навъ мебошанд, таҳлил гаридаанд ва махсусияти ҳар кадоми онҳо нишон дода мешавад. Ҷолиб аст, ки шеъри ғиноии шахсиятӣ ҳам вобаста ба сабку баёни шоир вижагиҳои фардӣ пайдо мекунад, он дар шоире бештар воқеъгароёна ва дар дигаре хаёлпардозона, дар яке муфассалтару оромрав, дар дигаре мухтасару тундҷараён аст. Ҷиҳати қобили зикри таҳқиқот ҳам дар ҳамин аст, ки муаллиф дар ҳар шоир ин сифати вижаро дар асоси таҳлилҳои дақиқ нишон медиҳад, ки дар натиҷа дар хонандаи таҳқиқот тасаввури фарох ва мукаммале дар бораи мақоми шеъри ғиноии ҳикоятӣ ба вуҷуд меояд.

Солҳои шасту ҳафтоди асри гузашта солҳое буданд, ки вазъи сиёсиву иҷтимоӣ дар ҷомеа тағйир ёфта, мақоми шахс дар он боло рафт ва таъсири худро ба шеър ҳам расонд, ки на танҳо дар навъи шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ ва отифию тасвирӣ, ки дар онҳо нақши шахсият бартарӣ дорад, балки дар дигар анвоъ ҳам муассир буд. Шеъри ғиноии ҳикоятӣ ҳам аз ҷумлаи онҳо буд ва дар эҷодиёти шуарои фаъоли ин замон Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва баъдтар Фарзона ин таъсир ошкоро эҳсос мешавад. Ҳамин аст, ки дар шеъри ғиноии ҳикоятии ин шуаро, махсусан Лоиқ, нақши фард, ки бо чеҳраҳои гуногун, шахсияти ғиноӣ, шоир, муаллиф, ровӣ ва монанди инҳо зуҳур мекунад, дар баробари ҳикоят муҳим мебошад. Бо дарназардошти ҳамин вижагӣ

[29] Ҳамон ҷо, с.442.

муаллиф ашъори ғиноии ҳикоятии Лоиқ "Ёде аз бачагӣ", "Дуоҳо ва роҳҳо", Бозор Собир "Бозгашт", "Кулбаи модар", Фарзона "Сарви Кишмар", "Афсонаи хаскаш ва дурдона", "Ангуштарин" ва ғайра таҳлил карда, хусусияти суҷа, мазмуну муҳтаво, сабку тарзи баён, сувари хаёлу забони онҳоро нишон додааст, ки фардияти ин шоиронро дар шеъри ғиноии ҳикоятӣ ҳам муайян менамояд.

Ҳамин тариқ, "Анвои шеъри ғиноӣ" ( нимаи дувуми садаи XX) ҳам аз ҷиҳати баррасии назарии масъалаҳои таҳқиқ, фарогирии фарохи замон, таҳлили вежагиҳои муҳтаво, маҳорату сабки бадеӣ, даромехтагии эҳсосоту андеша, истифодаи сурати олами ашё ва ҳамин гуна соҳаҳои муҳимми шеъри муосир дастоварди шоёни таҳсини илми адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷик мебошад.

Ҷилди 1У-уми "Маҷмӯаи осор" рисолаҳои илмӣ, нақди адабӣ ва мақолаҳои муаллифро дар бар гирифтааст, ки оид ба масъалаҳои гуногуни шеъри замон навишта шудаанд, ки "Тазодҳои фаровонии шеър" "Равандҳои шеър ва худогоҳии шоир", "Навбаҳори ҳамрангӣ", "Аз хаёл то висол" аз ҷумлаи онҳо буда, тарҷумаҳояшон дар нашрияҳои илмиву адабии Маскаву Эрону Амрико ҳам ба чоп расидаанд. Рисолаи "Тимсоли шеър ва шоир дар шеъри ғиноӣ" таҳқиқоти тозаест, ки дар ин ҷилд аввалин бор нашр шудааст. Ду мақолаи ин ҷилд "Бӯи ҷӯи Мӯлиён" ё "Боди ҷӯи Мӯлиён" ва "Киштинишастагонем ё киштишикастагонем" ба масъалаҳои баҳсбарангези шеъри классикиамон бахшида шуда, онҳоро бо назари нав, хеле ҷолиб ва дақиқу устувори илмӣ бо далелҳои қотеъ ба исбот мерасонад.

Дар ҷилди V-уми "Маҷмӯаи осор", 69 мақолаи хурду бузург, чеҳраҳои адабӣ, мусоҳибаю мубоҳисаҳои Аскар Ҳаким гирд омадаанд, ки оид ба чеҳраҳои адабӣ ва масъалаҳои назму насри адабиёти муосири Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Русия ва ҳамчунин масъалаҳои маънавиёт ва ҷомеа, матбуот ва адабиёт ва дигар соҳаҳои иҷтимоиву фарҳангии кишварамон суҳбат мекунанд. Дар ин

ҷилд чеҳраҳои адабиву мақолаҳоро аз насли устод Мирзо Турсунзодаву Раҳим Ҷалил то насли Мубашшири Акбарзоду Сурайё метавон мутолиа кард, ки далели аз ҷониби муаллиф вусъати фарогирии шахсиятҳо ва ҳодисаҳои адабӣ мебошад, ки ҳоло танҳо номи чанде аз онҳо зикр карда мешавад: Боқӣ Раҳимзода, Шарифҷон Ҳусейнзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар, Ҳабибулло Файзулло, Ҳақназар Ғоиб, Камол Насрулло, Шаҳрияи Адҳамзод, Раҳмат Назрӣ..., аз адабиёти ҳамзабонон: Халилуллоҳи Халилӣ, Борик Шафеӣ, Алӣ Асғари Шеърдӯст, аз адабиёти рус: Александр Пушкин, Сергей Есенин. Мусоҳибаҳову мубоҳисаҳои Аскар Ҳаким андешаҳои ӯро оид ба гуногунтарин масъалаҳои адабиву бадеӣ, арзишдорӣ ба адабиёт, ҳақиқати накди адабӣ, равандҳои шеъри муосир, меъёри истифода аз захираи вожагонии забон, коргоҳи шоир ва монанди инҳоро дар бар гирифта, дар шакли бисёр марғуб ба хонандагон пешниҳод шудаанд.

Дар “Маҷмӯаи осор” намунаҳое аз тарҷумаҳои Аскар Ҳаким низ гирд оварда шудаанд, ки ҷилди VI-умро ташкил дода, аз тарҷумаҳои “Мазҳакаи илоҳӣ (Дӯзах)”-и А. Данте, достони “Хазинадорзани тамбовӣ”-и М. Лермонтов, китоби ашъори шоири арман Геворг Эмин “Аср. Замин. Ишқ”, қиссаи “Сотников”-и Васил Биков, намоишномаи А. Коломиетс “Фариштаи ваҳшӣ” ва ашъори як силсила шуарои машҳури муосир Ярослав Смеляков, Емилиан Буков, Мухтор Шаханов, Муҳаммад Алӣ, Карло Каладзе иборат мебошанд. Бояд қайд кард, ки дар ин ҷилд тарҷумаи “Мазҳакаи илоҳӣ (Дӯзах)” баъди таҳрири тоза ворид карда шудааст, зеро маълум аст, ки ин гуна шоҳкори адабиро тарҷумонҳо на як бору ду бор, балки чандин бор тарҷумаву таҳрир мекунанд, то ҳар дафъа ба асли асар наздиктар шаванду ҳамаи ҳусну назокат ва маъниҳои амиқи онро бо тамоми зебоиҳояш ба забони худ бозгӯ карда тавонанд. Аскар Ҳаким ҳам ин корро кардааст, ки далели ҷиддият ва

масъулиятшиносии ӯ мебошад. Бояд қайд кард, ки “Мазҳакаи илоҳӣ”-и Данте дар як замони наздик бо “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ эҷод шудааст ва дар масъалаи андеша дар сари инсону қисмати он, ахлоқу маънавиёти ӯ, қазову қадар ва монанди инҳо шабоҳатҳое бо ҳам доранд ва аз ин рӯ дар тарҷума вазни “Маснавии маънавӣ”-ро интихоб кардани Аскар Ҳаким бисёр мувофиқи мақсад аст, зеро онро ба гӯши мо, соҳибони забони “Маснавӣ”, зудтар маънусу ошно месозад. Сифати дигари ин тарҷума дар он аст, ки ин асари бузург ба ҳамон шакли асли худ – **тертсин**, ки қофияи мураттабу мушкиле дорад – **аба, бвб...** тарҷума шуда, далели комили амонатнигоҳдорӣ, заҳматкашӣ ва дасти расои тарҷумон аст.

*Нимароҳи зиндагӣ аз сар гузашт,*
*Хешро дидам ба ҷангалзори тор,*
*Баски роҳи рости ман гум бигашт.*

*Сахт душвор аст васфи бешазор,*
*Бошад он торику анбуҳ, пурхатар,*
*Ки кунад ёдаш диламро беқарор.*

“Мазҳаки илоҳӣ” бо ҳамин бандҳо оғоз шуда, муаллифи асар, Данте, бо роҳбаладии шоири Руми қадим – Верҷил ба сайри хаёлии дунёи уқбо – дӯзах, барзах ва биҳишт меравад. Ин тарҷумаи равону салис ва балеғ бо ҳаловати тамом хонда мешавад. Ашъори шуарои дигар ва махсусан достони М. Лермонтов ва китоби шеърҳои Геворг Эмин ҳам бағоят хубу равон тарҷума шуда, ҳамчун шеъри асили тоҷикӣ садо медиҳанд.

Қиссаи машҳури нависандаи забардасти белорус Васил Биков “Сотников”, ки аз тақдири ду нафар ҷанговари ҶБВ ҳикоят карда, масъалаи маънавиёту ахлоқро дар меҳвари худ қарор медиҳад, аз беҳтарин асарҳо дар ин мавзӯъ шинохта шудааст. Аскар Ҳаким ин қисааро ба гунаи аъло тарҷума

намуда, хазинаи адабиёти тарҷумавии моро ғанитар сохтааст. Ин амал аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ дар наср ҳам сабку забонӣ қавӣ дорад.

Ҷилди VII-уми “Маҷмӯаи осор” бо қиссаи ёддоштии “Гуфтор дар бораи худ” оғоз мешавад, ки дар он муаллиф ёддоштҳои мухтасари худро дар бораи муҳимтарин воқеаҳои зиндагиааш интихобан нақл мекунад, ки бештар ба фаъолияти хидмативу эҷодиааш дахл доранд. Сабаби навишта шудани онро муаллиф ба таври ҷолиб баён менамояд: “Китобхонаи миллии Тоҷикистон осорномаи бандаро тайёр ва ба чоп ҳозир мекард ва ҳамчунон ки маъмул аст, дар оғоз бояд мақолае ҷой медошт, ки дар бораи объект (мабҳас)-и он маълумот медод. Ва ин мабҳас ман будам ва масъулини омодасози осорнома номи чанд нафарро, ки навиштани ин гуна мақоларо мехостанд аз онҳо хоҳиш кунанд, ба забон гирифта, фикри бандаро ҳам дар ин бора пурсиданд, ки кадоме аз онҳо ин корро беҳтар метавонад анҷом бидиҳад. Ман муҳлат хостам, ки фикр кунам”[30]. Вале баъд, барои он ки дигаронро заҳмат надиҳад, худ менависад, ки он муфассал шуда, шакли ёддоштро мегирад. Дар он аз воқеаҳое сухан меравад, ки дар ҳаёти илмӣ, адабиву бадеӣ ва иҷтимоии кишвар аҳаммияти муҳимме доштанд. Онҳо хеле бо мароқ хонда мешаванд ва далели онанд, ки қалами Аскар Ҳаким дар навиштани наср ҳам тавоноии зарурӣ дорад.

Қисмати дигари ҷилдро рисолаву мақолаҳои донишмандону удабову шуаро ташкил додаанд, ки дар бораи эҷодиёти Аскар Ҳаким буда, интихобан ҷамъ оварда шудаанд ва он беаҳаммият нест, зеро хонандагон аз худи ҳамин ҳафтҷилда назари нақдро дар бораи эҷодиёти муаллиф дарёфт карда метавонанд. Дар ин қисмат рисолаҳои “Бозтоби фалсафа дар шеъри Аскар Ҳаким”-и академик, доктори илмҳои фалсафа Мӯсо Диноршоев ҳам ҷой доранду

---

[30] Маҷмӯаи осор. Ҷ. 7, с. 5.

ҳам навиштаҳои мухтасаре ҳамчун “Нома ба устод Аскар Ҳаким”-и Шоири халқии Тоҷикистон Фарзонаи Хуҷандӣ. Паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти шоирӣ, адабиётшиносиву мунаққидӣ ва тарҷумонии Аскар Ҳаким дар мақолаҳои донишмандони ватаниву хориҷӣ Воҳид Асрорӣ, Абдухолиқ Набавӣ, Темур Зулфиқоров, Атахон Сайфуллоев, Аҳмад Абдуллоев, Станислав Золотсев, Сайид Алӣ Мӯсавии Гарморӯдӣ, Искра Денисова, Тоҷибой Келдиёров, Ашот Сагратян, Ҷумъақул Ҳамроев, Шамсулҳақи Ориёнфар ва дигарон нақду арзёбӣ шудаанд, ки барои дар бораи мавсуф тасаввури мукаммалтаре пайдо кардани хонандагон мадад мекунанд. Ин ҷилд бо ашъори ба шоир бахшидаи шуарои тоҷик, аз ҷумла Ҳақназар Ғоиб, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Мирзо Файзалӣ, Шаҳноза ва дигарон ба охир мерасад.

Ин мурури мухтасар ба “Маҷмӯаи осор”-и ҳафтҷилдаи Аскар Ҳаким, ки маҷмӯан аз 3788 саҳфа иборат аст, ба поён мерасад ва мо таъкид мекунем, он назари иҷмолие буд, ки баён карда шуд, ва бовар дорем, ки ҷилдҳои алоҳидаи он мавриди нақду баррасиҳои дигаре қарор хоҳанд гирифт, зеро дар онҳо намунаҳои пурарзиши адабиёту адабиётшиносии муосири тоҷик гирд оварда шудаанд, ки сарвати фарҳангии халқи мо мебошанд.

*Матлубаи Мирзоюнус,*
*доктори илмҳои филологӣ, профессор*

# АСКАР ҲАКИМ ВА МАСЪАЛАҲОИ ТАҲҚИҚИ ШЕЪРИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Истеъдод, пеш аз ҳама, заҳмат аст ва инсони соҳибҳунар, бешак, заҳматкаши фидокорест, ки ҳама умр пайи инкишоф додани лаёқати худ ранҷ мекашад. Шавқи офаридан бисёр касонро ончунон побанд мекунад, ки барои ба даст овардани зулфи сухан солҳо шабзиндадорӣ мекунанд. Ағлаб дар чандин риштаи суханварӣ – шеър, наср, осори саҳнавӣ, публисистика, нақди адабӣ, тарҷумонӣ ва ҳоказо ҳунар меозмоянд ва пирӯз ҳам мешаванд. Яке аз чунин ашхоси пурҳунар ва муваффақ устод Аскар Ҳаким ҳастанд, ки бо зарофати хос гуфтаанд: «миёни шоирон беҳтарин мунаққид ва миёни муҳаққиқон беҳтарин шоирам». Он нукта бебаҳс аст, ки миёни шоирон ва мунаққидон эшон ҷойгоҳи рафеъ пайдо карда, солҳост, ки ин мавқеъро нигоҳ медоранд. Мунаққиде, ки дар коргоҳи шоирӣ обутоб ёфтааст, воқеан шеърро беҳтар аз дигарон дарк мекунад ва сараву сақат, ҳусну қубҳи онро дақиқтар муайян менамояд. Хоса, агар шоири ростин бошад. Албатта, ҳатто ашъори беҳтарин шоир ҳам сарбасар иборат аз шоҳбайт нест. Ҳатто дар девони ғазалиёти нобиғагоне чун Ҳофизу Камол, Саъдиву Ҷомӣ абёте ё ғазалҳое мавҷуданд, ки чун шоҳкорӣ пазируфта шудаанд, аммо ашъоре низ ҷой доранд, ки ҷозибаи аввалиҳоро надоранд. Ба ин маънӣ, агар шоире бо як байт ё як шеъраш дар дили мардум ҷой ёфта бошад, пас рисолати худро дар ин адабиёти чандҳазорсолаи мо ва дар миёни чандин ҳазор шоир анҷом додааст. Масалан, ёдоварӣ аз мисраъҳои «Дар миёни куҳсорон сахтҷонам зодаанд», «Гесуи занона дошт борон», «Қишлоқаки ман бӯи чапотӣ дорад», «Лолаҳо дар ёлаҳо машъал шуданд», «Модар фаришта буд, вале болу пар надошт», «Дӯстон, аз якдигар душмантарошӣ то ба кай», «Гургони биёбонӣ гаштанд

хиёбонӣ» ва садҳо намунаҳои дигар кофист, ки ба гӯяндагонашон шуҳрат овардаанд. Ба ҳамин маънӣ, як шеъри «Имони саг»-и Аскар Ҳаким низ далели боҳирест, ки ӯро ба унвони шоири баркамол бишиносанд. Манзумае, ки дар он сухан аз вафодории саг ва носипосии инсон меравад, бо он ки ин мавзӯъ дар адабиёт нав нест, ногузир хонандаро чунон ба риққат меорад ва ба андеша мебарад, ки манзараи аз тири туфанги соҳиби ҷоҳил дар зери пои ӯ ба ҳалокат расидани саги бовафо ва ба ҷисми саги беҷон дубора тир задани инсон солҳо дар пеши назар боқӣ мемонад ва гаштаву баргашта барои андешидан ангеза медиҳад. Ин аст асолати сухан ва ин аст рисолати суханвар. Бинобар ин, қавли нависандаи олмонӣ Ҳерман Ҳессе комилан дуруст ба назар менамояд, ки гуфта буд: «Шеър мумкин аст, дар ниҳоят кӯшише бошад барои тарҳи ақидае, вале инчунин чанге ба дил намезанад, балки шеър танҳо замоне зиндааст ва асар мениҳад, ки ба воқеъ шеър бошад, яъне тамсилҳое падид оварад» (2, с. 135). Тамсиле, ки Аскар Ҳаким дар ин шеър офаридааст, воқеан мондагор аст.

Аскар Ҳакимро муҳаққиқонон барҳақ «шоири доништманду тавоно, мунаққиди хушзавқу нозуксанҷ, мутарҷими мумтозу забардаст» (4, ҷ.7, с. 262) номидаанд. Аммо дар ин мақола сухан аз ҳунари шоирӣ ва мутарҷимӣ нест, сухан аз таҳқиқи амиқи шеър аст, ки дар ин ҷода низ устод Аскар Ҳаким дар миёни ҳампешагон гӯи сабқат рабудаанд. Албатта, тавфиқи эшон, агар аз як тараф, мабнӣ бар донишҳои назария ва амалияи шеър бошад, аз ҷониби дигар, ҳамон истеъдоди нодир аст, ки ба шарофати заҳмати мунтазам меваҳои хубе ба бор овардааст. Бисёр адабиётшиносони насли мо мисли шоир ва мунаққиди хушзавқ Муҳаммадалии Аҷамӣ (муаллифи китобҳои арзишманди нақд «Тафаккур ва ҳис дар шеър», «Гулдони ҳафтранг» ва «Аз калима то шеър»), метавонанд тасдиқ кунанд, ки аз китоби «Шеър ва замон» зиёд баҳра бардоштаанд. «Нақд, пажӯҳиш фанни аҷиб аст, розҳои печида ва шигарфе дар худ дорад, ҷарақаи аввалини онро

дар вуҷуди ман устод Аскар Ҳаким равшан сохта буд», - навишта буд ин шоир ва мунаққиди равоншод (1, ҷ. 7, с. 344).

Дар ҳақиқат, замоне ки ин китоб («Шеър ва замон» (1978) интишор ёфт, роҷеъ ба дигаргуниҳои куллии шеъри муосир мо мақолоти ангуштшуморе доштем, ки бо шеъри замон ва бурду бохти он моро ошно мекард. Аммо бо чунин диду назари густарда ва амиқрав вуруд омадан ба шеъри замон ва бо сабке ширину шевову муассир аз ҷараёнҳои шеъри нав сухан гуфтан барои адабпажӯҳони ҷавон воқеан мактаби хуби омӯзиш буд. Бахусус, ки муаллифи ин китоб аз мактаби илмии донишгоҳи номдори Маскав − МГУ ба номи Ломоносов баҳравар шуда ва ҳамон ҷо рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Ворисияти таърихӣ ва навпардозиҳои шоирона» (1974) дифоъ намуда буд.

Дар ин китоб, ки бунёди онро масъалаи анъана ва навоварӣ ташкил медиҳад, суннат ва навпардозӣ дар шеър ба сифати қонуниятҳои объективии инкишофи бадеӣ шинохта шуда, собит мешавад, ки навоварии асил танҳо аз шаклофаринӣ иборат нест. Муаллиф андешаи И.Бехерро дар бораи он ки «Санъати нав ҳеч гоҳ аз офариниши шаклҳои тоза оғоз намегардад, санъати нав ҳамеша бо инсони нав зода мешавад», комилан дуруст мешуморад ва аз ҳамин чашмандоз ба масъалаи мавриди таҳқиқи худ назар меандозад. Бинобар ин, танҳо бо иваз кардани шаклҳои шеърӣ – жанр, композитсия, бадеият, забону услуб маҳдуд шудан, ба андешаи ӯ, кори дуруст нест. Навоварӣ, воқеан бояд баробар дар шаклу мазмун зуҳур кунад. Аз ин нуқтаи назар, арӯзшиканӣ, яъне шикастани қолабҳои арӯз ва дахолат ба вазни шеъри классикӣ ҳаргиз маънии навовариро надорад ва онҳое, ки таъсири Маяковскийро танҳо аз назари бозёфтҳои шаклӣ пазируфтаанд, муваффақ нашуданд. Дар шеъри нав ба ғайр аз шаклҳои нави шеърӣ бояд инсони замони нав бо андешаву афкори ҷадид зуҳур кунад. Ҳақ ба ҷониби муаллиф аст, ки мегӯяд: «Кӯшиши дар шеър ифода кардани муҳимтарин зиддияти замон, фароху пурдомана ба тасвир гирифтани воқеияти зиндагонӣ ба инъикоси

ҳазороҳанги андешаю эҳсосот, ифодаи нутқи саршори ҳиссиёту ҳаяҷони одамӣ, истифодаи тамоми ғановат ва қудрати сухани шоиронаро талаб дошт, ки дар айни ҳол ба таркиб, темп, ритм, интонатсияи шеър таъсир нагузаронида намонд. Хулосаи калом, бойшавии мазмуну мундариҷаи шеър ба афзудани имконияти услуби шеър, интонатсия ва ритми он сабаб шуд» (5, с. 22). Ин аст, ки таҳқиқи поэтикаи шеърро муаллиф бар ҳамин мабно дуруст ва маҳсулнок меҳисобад.

Агар сухан дар бораи анвои шеър равад, мусаллам аст, ки навъҳои нави шеърӣ, бешак, бо воситаҳои шаклофарине, мисли ритму вазн, синтаксису интонатсия, луғату банду пораи шеърӣ дар иртибот мебошанд. Бинобар ин, «анвои тозаи шеъри муосирро ҳамчун натиҷаи кӯшиши ифодаи мутаносиби шаклу мундариҷа, ки нисбатан ба талаботи қатъии анвои шеъри классик ба қонуниятҳои бештар табиӣ сохтани асари бадеӣ такя дорад, маънидод бояд кард. Беҳтарин асарҳои ин майлони адабӣ бо пурғунҷоишии образҳо, пуррагии маънавии калимот, ташкили дилхоҳи овозии шеър, такрорҳо ва аз ҷиҳати пурмаъноии мисраъҳо фарқ карда меистанд» (5, с. 24)

Ин диду назар, ки дар бахшҳои китоби «Шеър ва замон», аз ҷумла ва махсусан дар «Шеъри инсон», «Сухан ва образ», «Таҳаввули арӯз», «Аз ғазал то шеъри озод» таҷассум ва ташреҳ ёфтанд ва қавонину назарияи шинохти шеърро дар замони муосир тайид намуданд, минбаъд ба сифати таҳкурсии таълифоти дигари муаллиф дар шеършиносӣ хидмат карданд. Ҷолиб он нукта аст, ки Аскар Ҳаким ба унвони адабиётшинос ғолибан ба як риштаи он – шинохти шеъри муосири тоҷик содиқ монда, то имрӯз перомуни матолиби гуногуни он ба умқу паҳно роҳ паймудааст. Дар таълифоти дигари ӯ, ки пас аз «Шеър ва замон» интишор ёфтаанд, аз ҷумла: «Дар қаламрави сухан»(1982), «Творцы созвучий» (1982), «Испытание поэзией» (1988), «Видовые особенности лирической поэзии (на материале таджикской лирической поэзии второй

половины XX века» (2017), «Сухан аз шеъру адаб» (2017), «Маҷмӯаи осор» иборат аз ҳафт ҷилд (1917), «Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми садаи XX)» (2020) паҳлуҳои мухталифи шеъри имрӯзи тоҷикӣ ба миён кашида шудаанд. Агар ба соли нашри ин китобҳо мутаваҷҷеҳ шавем, чунин ба мушоҳида меояд, ки муаллиф аз соли 1988 то 2017, яъне қариб сӣ сол зоҳиран аз кори таҳқиқ дур будааст. Аммо дар ин давра низ Аскар Ҳаким аз ин шуғл барканор набуд, зеро фаъолият дар вазифаҳои сармуҳаррири ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» (1980-1991), раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ( 1991-2003), ходими калон ва сарходими Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (2012 то имрӯз) водор намудааст, ки ҳамеша ба ҷараёни адабии давр ворид бошад, ба тамоюлҳои он баҳо диҳад ва шеъри ҳамқаламонро доварӣ намояд. Он нукта низ қобили таъкид аст, ки се китоби таҳқиқи Аскар Ҳаким ба забони русӣ ва аз миён яке аз онҳо бо номи «Творцы созвучий» дар шаҳри Москва ба табъ расидааст, ки барои адабиётшиносии тоҷик падидаи бас гуворост, зеро интишори асар дар Русия ва ба забони русӣ имкон медиҳад, ки тамоми аҳли адаби собиқ кишвари шӯравӣ аз ҷараёнҳои адабиёти муосири тоҷик бохабар шаванд. Яъне беҳтарин василаи тарғиби адабиёти миллӣ ба забонҳои дигар нашр шудани он мебошад, ки Аскар Ҳаким ин василаро дарёфтааст.

Дар китоби «Дар қаламави сухан» муаллиф бештар барои бозкушоии чеҳраҳои адабии шоиру нависандагони тоҷик саъй намудааст. Дар ин китоб ӯ дар бораи эҷодиёти Мирсаид Миршакар, Раҳим Ҷалил, Муъмин Қаноат, Аминҷон Шукӯҳӣ, Лоиқ, Бозор Собир, Гулрухсор маълумот дода, ашъори хубу муассири онҳоро мавриди таҳқиқу таҳлили густурда қарор медиҳад. Чунонки худи муаллиф дар пешгуфтор қайд мекунад, меъёри интихоб ва барангезандаи таҳқиқ барои ӯ асари хуб будааст. Аммо накди Аскар Ҳаким, хушбахтона, накди тавсифӣ ва ситоишӣ нест. Дар он дар баробари дастовардҳо навоқиси адибон низ нишон дода

мешавад. Барои мунаққид кӣ будан ва дар кадом мартаба будани шоир муҳим нест. Чунончи, ӯ дар бораи афзунии оҳанги дардҳои шахсӣ дар осори Гулрухсор ва Бозор Собир андеша ронда, ба хулоса меояд, ки «ба ин ду шоир, ки ба истеъдоди иҷтимоан фаъолашон шубҳае нест, зарур аст, ки худро аз ин дардмандию ҳасратсароӣ ҳар чи зудтар халос кунанд» (6, с. 24). Дар чандин мақолаи ин китоб, ки сухан дар бораи шеъри Лоиқ Шералӣ меравад, мунаққид аз «нобарории баъзе ҷустуҷӯҳои ӯ» сухан меронад. Дар мусоҳибае, ки таҳти унвони «Дар қаламрави сухан» бо устод Лоиқ анҷом додааст, хонанда зуд эҳсос мекунад, ки мусоҳибон аз назари дониш ва фаҳмиши шеър ҳамсанг ҳастанд. Зимнан, мо суҳбати рӯзноманигоронро бо шоирон зиёд хондаем, ки дар ин навъи мусоҳибаҳо маъмулан яке пурсандаву дигаре посухгӯ ҳастанд. Аммо дар мусоҳибаҳои Аскар Ҳаким суҳбат тахассусист, яъне ҳарду ҷониб андешаҳои ҳамдигарро такмил медиҳанд ва ҳарду ҳам ҳамсуҳбати басо хубу фозиланд.

Дар «Маҷмӯаи осор», ки аз ҳафт ҷилд мураттаб шудааст, ҷилдҳои якуму дувум китобҳои шеър, ҷилди севум - тадқиқоти илмии «Вежигаҳои анвои шеъри ғиноӣ (дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикии нимаи дуюми садаи XX», ҷилди чаҳорум - рисолаву мақолаҳо роҷеъ ба равандҳои шеъри муосир ва танқиди адабӣ, ҷилди панҷум – очеркҳои портретии адибон, мақолаву тақризҳо, пешгуфтору охирсуханҳо, мусоҳибаву мунозираҳо, ҷилди шашӯм - тарҷумаҳо («Дӯзах»-и Алигери Данте, «Хазинадори тамбовӣ»-и Михаил Лермонтов, ашъори Геворг Эмин, Ярослав Смеляков, Емилиан Буков, Мухтор Шаханов, Муҳаммад Алӣ, Карло Каладзе, Васил Биков «Сотников», намоишномаи А.Коломиетс) ва ҷилди ҳафтум - ёддоштҳои Аскар Ҳаким «Гуфтор дар бораи худ», рисолаву мақола ва тақризҳои муҳаққиқонро дар бораи эҷодиёти адиб фаро гирифтаанд.

Монографияи «Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми садаи XX)», ки дар шакли рисолаи докторӣ соли 2017 ба

дифоъ расид, муаллифро сазовори унвони илмии доктори илмҳои филологӣ гардонид. Ин монография ба забони русӣ низ таҳти унвони «Видовые особенности лирической поэзии (на материале таджикской лирической поэзии второй половины XX века» интишор ёфт ва ахиран баъди таҳриру бознигарӣ соли гузашта бори дигар ба табъ расид. Дар китоб муаллиф ашъори ғиноии нимаи дувуми асри XX-ро аз назари илмиву таърихӣ, мавзуъӣ, зебоишинохтиву сохторӣ, сабку забон ва дар маҷмуъ - поэтика ба доираи баҳсу баррасӣ кашида, дар заминаи таснифот панҷ навъи онро муайян мекунад: шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ, шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ, шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ, шеъри ғиноии шахсиятӣ, шеъри ғиноии ҳикоятӣ. Ҳақ ба ҷониби академик А.Раҳмонзода аст, ки мегӯяд: «Дар атрофи шеъри ғиноии муосири тоҷик ва навъҳои он аз ҷониби донишмандони адабиёт ва муҳаққиқон осори зиёде таълиф шуда бошад ҳам, дар адабиётшиносии имрӯза асари алоҳидаву комиле ба мисли рисолаи устод Аскар Ҳаким «Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми сада XX)» мавҷуд нест» (11, с. 5) Дар муқаддимаи ин асар ба ғайр аз зарурати таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани он ва заминаҳои назариву методологии таҳқиқ як масъалаи хеле муҳим - истифодаи истилоҳоти марбут ба мавзуъ аст, ки дар адабиётшиносии шӯравии тоҷик воқеан ҳам реша бар истилоҳоти русӣ ва ғарбӣ дошта, на ҳамеша барои ифодаи матолиби адабиёти тоҷик созгор будааст. Бо дарки он нукта, ки истилоҳи «қаҳрамони лирикӣ» гоҳе бо «ман»-и шоир тавъам ва гоҳи дигар тамоман аз ӯ ҷудост, Аскар Ҳаким пешниҳод менамояд, ки ба ҷои он истилоҳи «шахсияти ғиноӣ» истифода шавад. Гузашта аз ин истифодаи истилоҳҳои «фарди шеър», «шахсияти шоир», «муаллиф», «ровӣ», «ман»-и ғиноӣ», «қаҳрамони шеъри ғиноии ривоятӣ» ва мисли ин ҳам вобаста ба қаринаи асар мувофиқи мақсад дониста мешавад. Шарҳи вожаи «қаҳрамон» ва мавридҳои корбурди он муаллифро ба хулосаи дуруст мерасонад, ки истилоҳи «шахсият» ба ҷои «қаҳрамон» мувофиқтар аст. Ҳамин тариқ, шахсияти ғиноӣ ба ҷои қаҳрамони ғиноӣ, шахс

ба ҷои субъект ва шайъ ба ҷои объект дар ин асар ба кор меравад. Мо бо натиҷаи илмии муаллиф комилан ҳамназарем, ки мегӯяд: «Агар адабиётшиносии ҳамрешаи Тоҷикистону Эрону Афғонистон на аз истилоҳҳои гуногун, балки ягона истифода кунанд, барои баррасии масъалаҳои илмӣ мадад карда, тавофуқе дар илми муштараки форсӣ-тоҷикӣ ба бор хоҳад овард, ки ин ниёз мавҷуд аст» (11, с. 33)

Дар ин рисола масъалаҳои муҳими шеъри муосир, аз ҷумла вежагиҳои ҷинсии осори ғиноӣ, анвои шеъри ғиноӣ, ки бо шахсияти ғиноӣ иртибот дорад, таносуби нигоҳи дарунгаро ва бурунгаро дар шеър, амиқрафти оҳангҳои фалсафӣ, андешаҳои шахсии отифӣ, ғановатмандии воситаҳои бадеии тасвир, вусъат ёфтани унсурҳои ҷаҳони воқеӣ дар шеър ва ҳоказо ба миён гузошта шудаанд.

Тарҳи рисола мутобиқ ба аҳдофи муаллиф рехта шуда, ҳар бахши он яке аз вазифаҳои нависандаро бо риояи пайдарпайии мантиқӣ равшан мекунад ва натиҷаҳое, ки ба даст меоянд, азбаски дар матни асар бо мисолу намунаҳои зиёде муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, бидуни шакку шубҳа пазируфта мешаванд. Низоми кори муҳаққиқ вобаста ба замони зиндагии адибон сурат гирифтааст, ки барои давра ба давра ошкор кардани таҳаввули шеър имкон фароҳам меорад. Ҳар боби рисола аз ашъори устод Мирзо Турсунзода ва хусусиятҳои шеъри ӯ шурӯъ шуда, бо таҳлили намунаҳои шеъри Фарзона поён мепазирад. Дар ҳар бахши асар ба тариқи хронологӣ – аз насли бузургсол то насли ҷавонтар тағйироти сифатии шеъри ғиноӣ ба мушоҳида гирифта мешавад ва ин ҳадаф на танҳо насл ба наслу давра ба давра, балки ба тариқи инфиродӣ бо таҳқиқи хусусиятҳои сабки фардии ҳар шоир сурат мегирад.

Дар боби аввали асари монографӣ сухан дар бораи шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ рафтааст, ва муаллиф дар мисоли осори Мирзо Турсунзодаву Аминҷон Шукуҳӣ, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ, Гулназар, Гулрухсор ва Фарзона вежагиҳои ифодаи андешаҳои отифии ин шоиронро ба таҳқиқ мегирад ва хусусиятҳои фарққунандаи ҳар кадоми онҳоро муайян мекунад. Ҳини таҳқиқ муаллиф

ба шеъри ҳар кадоме аз ин шоирон аз рӯйи муносибати онҳо ба шаъй, ки дар тасвир, андеша, эҳсосот ва тасассурот зуҳур меёбад, муроҷиат намуда, бурунгаро ва ё дарунгаро будани нигоҳи онҳоро месанҷад. Муаллиф батадриҷ рушд ёфтани шеъри ғиноии андешаҳои отифии дарунгароро дар шеъри шоирони насли нав Фарзона, Сиёвуш, Адиба, Суруш ва дигарон таъкид менамояд.

Дар боби дувум сухан дар бораи шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ дар нимаи дувуми садаи XX меравад. Дар ин навъи шеър суннати ташхисонидани ашёву авзои табиат барои ибрози андешаву ҳиссиёту таассуроти шоир ба кор меравад. Унсурҳои олами ҳастӣ аз ҷаҳони андешаву эҳсоси шоир гузашта, аз як чизи муқаррарӣ ба тасвир ва самбули шоирона табдил меёбанд. Дар мисоли чунин тасвирҳои шоирона: замин, рӯд, кӯҳ, дарахт дар ашъори Мирзо Турсунзода, пардаҳои тиреза дар шеъри Аминҷон Шукӯҳӣ, гулфуруш дар шеъри Ғаффор Мирзо, қуи сафеди Муъмин Қаноат, писарбачаи яғнобии Қутбӣ Киром, симои модари Лоиқ Шералӣ, тасвири аспи Бозор Собир, васфи баҳори Фарзона Аскар Ҳаким на танҳо мавқеи ғоявию бадеии шоирон, балки имконоти онҳо дар ифодаи матолиби шоирона хеле мудаллал ва муфассал баррасӣ мешавад.

Боби севум ба шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ ихтисос ёфтааст. Дар ин навъи шеър олами ашё истиқлол пайдо мекунад ва маъноро дар худ таҷассум менамояд. Навъи маъмулии шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ шеъри манзара мебошад. Ҳини тасвири манзара - замину осмон, абру борон, мурғу моҳӣ, фаслҳои сол, биноҳову хиёбонҳо шоир унсурҳои онро дар меҳвари шеър қарор дода, ғояи худро барҷастатар ифода мекунад. Тасвири манзара ва унсурҳои он, масалан, қуллаи кӯҳ, хазонрез, чашмаву ҷуйборҳо, ниҳоли бодом ва ғайра дар ашъори шоирон собит мекунад, ки ин аносир ба самбулҳои шеърӣ табдил ёфта, бо равияи эҷодии шоир пайванд доранд ва ғояву ҷаҳоншиносии ӯро инъикос мекунанд.

Дар боби чаҳорум шеъри ғиноии шахсиятӣ ба таҳқиқ кашида мешавад. Дар ин навъи шеърҳо инсон, ашё ва воқеа

мақоми аввалдарача доранд. Амал дар онҳо хеле мӯҷаз аст ва ғолибан бо ҳиссиёти шоир марбут мебошад. Таҳлили шеърҳои Мирзо Турсунзода дар бораи В.Маяковский, Зулфия, Ғафур Ғулом, Расул Ҳамзатов, ашъори Муъмин Қаноат, дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Осимӣ, Лоиқ, Олҷас Сулаймонов, шеърҳои Қутбӣ Киром дар бораи Сергей Есенин, Лоиқ дар бораи Борбад, Абуабдулло Рудакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Аҳмади Дониш ва ашъори ҳамгуни Бозор Собиру Фарзона ба он андеша водор мекунад, ки аглаби ашъори ғиноии шахсиятӣ дар бораи аҳли илму адабу фарҳанг ва бузургони таърихи мозиву муосир ба қалам омадаанд.

Дар боби охирини асар шеъри ғиноии ҳикоятӣ дар маърази таваҷҷуҳи муаллиф қарор мегирад. Дар ин навъи шеър ашъёву воқеа ва шахсият дар ҳоли сокин ва ё ҳаракат қарор доранд. Вежагии ин навъи шеър дар он ифода меёбад, ки ҳикоят унсури асосии он аст, ҳарчанд ки эҳсосу андеша мақоми аввалдарача доранд. Дар асоси таҳқиқи ашъори шоирони нимаи дувуми садаи XX муаллиф собит мекунад, ки «ҳеч навъи бадеӣ дар шакли сирф худӣ зоҳир намешавад, дар шеъри ғиноии ҳикоятӣ ҳам аносири идроки ҳамосии воқеият ҷой дошта метавонад, вале ҳангоми баёни он ки ба воситаи забон, сабк ва сувари хаёл сурат мегирад, шакли комили ғиноӣ пайдо мекунад» (11, с. 507). Яъне имкон дорад, ки дар осори ғиноӣ унсурҳои ҳамоса ва дар осори ҳамосӣ - вежагиҳои анвои ғиноӣ ворид шаванд.

Як вежагии муҳими ин асар дар он ифода меёбад, ки ҷанбаи назарии қавӣ бо таҳлилҳои амалии ҳирфаӣ даромехта, ҳунари наққодиву назарияпардозии муаллифро ба ваҷҳи аҳсант падид овардаанд. Феҳрасти адабиёт ҳам муштамил қариб ба чаҳорсад асари бадеиву илмӣ аст, ки баргирифта аз адабиёти классикиву муосир, адабпажӯҳии Шарқу Ғарб, таълифоти ҳамзабонон ва таҷрибаҳои суханварони ҷаҳон мебошад.

Чунин вусъату густардагии назар на танҳо дар ин чанд китоби накд, балки дар ёддошту хотироти муаллиф, дар тасвири чеҳраҳои адабии назму насри тоҷик ва ҷаҳон, дар

мусоҳибаву мунозираҳои ӯ низ ба мушоҳида меоянд ва ҳамроҳ бо ашъори дилпазиру тарҷумаҳои ҳунармандона симои Аскар Ҳакимро ба унвони яке аз равшантарин чеҳраҳои фарҳангии ҷомеаи муосир мешиносонад.

**Пайнавишт:**


1. Аҷамӣ М. Нигоҳе кӯтоҳ бар қомати баланди шеър/ Ҳаким Аскар. Маҷмӯаи осор. Иборат аз 7 ҷилд. Ҷилди 7. –Хуҷанд: Ношир, 2017.- 490 с.
2. Бузургон чӣ мегӯянд? Иоҳанн Гёте, Бернард Шоу, Ҳерманн Ҳессе, Ҷорҷ Оруэлл. Таҳия, танзим, тавзеҳ ва таҳрири умумии Шодӣ Шокирзода. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. – 200 с.
3. Раҳмонзода А. Падидаи нодири адабиётшиносӣ. / Пешгуфтор ба китоби «Анвои шеъри ғиноӣ»-и Аскар Ҳаким (нимаи дувуми садаи XX). – Душанбе: Дониш, 2020. – С. 5-9.
4. Файзуллоев Н., Салимов Н. Рӯ ба ҷовидон/ Ҳаким Аскар. Маҷмӯаи осор. Иборат аз 7 ҷилд. Ҷилди 7 –Хуҷанд: Ношир, 2017.- 490 с.
5. Хакимов Аскар. Творцы созвучий. Мотивы восточной поэзии. Перевод с таджикского Станислава Золотцева –М., 1988.- 256 с.
6. Хакимов Аскар. Испытание поэзией. Поэзия востока: классика и современность. Перевод с таджикского Станислава Золотцева – Душанбе: Адиб, 1992. - 240 с.
7. Хаким Аскар. Видовые особенности лирической поэзии (на материале таджикской лирической поэзии второй половины XX в.).- Душанбе, 2017.- 486 с.
8. Ҳакимов Аскар. Шеър ва замон. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 252 с.
9. Ҳакимов Аскар. Дар каламрави сухан. (Симои адибон). – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
10. Ҳаким Аскар. Маҷмӯаи осор. Иборат аз 7 ҷилд. – Хуҷанд: Ношир, 2017.
11. Ҳаким Аскар. Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми садаи XX). – Душанбе: Дониш,2020. – 546 с.

*Абдунабӣ Сатторзода,*
*доктори илмҳои филологӣ, профессор*

# СУХАНРОНӢ ДАР МАЪРАКАИ РӮНАМОИ «МАҶМӮАИ ОСОР»-И АСКАР ҲАКИМ

Як гуфтаи машҳурро борҳо аз забони худи Аскар Ҳаким шунидаам ва дар навиштаҳои баъзе аз адибон, аз ҷумла Гулназар, ки бо ӯ робитаи дӯстӣ доранд, хондаам. Он гуфтаи машҳур ин аст: «*Ман дар миёни мунаққидон беҳтарин шоир ва дар ҳалқаи шоирон беҳтарин мунаққидам».* Ин гуфта беасос нест, аммо, ба назарам, дар он изҳори фурӯтанӣ ва шикастанафсии муаллиф бештар аст. Шояд гуфтаи рост он аст, ки боз ҳам худи ӯ навиштааст: «*То ҳол хидматгори ду хоҷаам… Намедонам, ки дар ҷодаи адабиёт аз шеър бештар шукргузор бошам ё аз нақд»* (Маҷмӯаи осор, ҷ.VII. -С. 15).

Вале мову шумо, ки хонандагони ҳам шеъри ӯ ва ҳам нақди ӯ ҳастем, шукргузор аз он ҳастем, ки Аскар Ҳаким ҳам дар шоирӣ ва ҳам дар мунаққидӣ муваффақ мебошад.

Барои он ки қазияи шоири хуб будани ӯро таъкид намоям, бароятон чанд намуна аз шеъри шоир меорам. Дар аввал чанд мисраъ ва байтеро аз ӯ дар интихоби Гулназар ва баъд ду пораро дар интихоби худам аз мақолаи «Шеъри тоҷикӣ бе Лоиқу Бозор» бо шарҳи мухтасар бароятон иқтибос мекунам.

**Мисраъ:**

*Ба рӯйи шохаҳоят мурғакон зангӯлаи субҳанд.*

Тасаввур кунед дарахтеро дар дами субҳ ва шохаҳои пур аз парандагони онро, ки ҳама ба лаҳну шеваи хоси худ нағмасарой мекунанд. Ва ин як саҳнаи муқаррарии зиндагии рӯзмарраи мову шумо, ҳатто дар шаҳр, мебошад. Аммо ин саҳнаи муқаррарии зиндагии рӯзмарараро шоир шеър

кардааст, бо гуфтани он ки мурғакон ба рӯйи шохаҳои дарахтон зангӯлаи субҳанд.

**Байт:**

*Ба ёди ту беёд, ки меистодам,*
*Печида ба ман ошиқи печон гул кард.*

Раҳпоиҳои беохири ошиқро бо ёди маъшуқааш шоир бо зикри он ки буттаи ошиқи печон дар ин фосилаи тӯлонии раҳпоиҳо ва интизориҳо ба тани ошиқ на танҳо печид, балки гул ҳам кард, ба шеър табдил додаст.

**Байти дигар:**

*Бо баҳорон менависам шеъри худро,*
*Ӯ ба талҳо менависад, ман ба дафтар.*

Фасли баҳорон талҳо ҳама сабзу хурраманд ва шоир бо илҳом аз он шеър менависад. Ин чиз ҳанӯз наср аст, лекин вақте ки шоир гуфтааст, ки баҳор ҳам шеър менависад мисли шоир, фақат фарқ дар он аст, ки ӯ шеърашро дар талҳо менависаду шоир дар дафтар.

**Байти дигар:**

*Мурғони шаб ба шохаи бедор хуфтаанд,*
*Ҳамчун наво ба мисраи ашъор хуфтаанд.*

Манзараи дар шоххои дарахтон шабона хобидани мурғонро дидаед. Он манзараи басо ҷолиб ва зебост. Вале он ҳанӯз шеър нест. Шеър он вақт шудааст, ки шоир ин манзараро ба мисраи дар ашъор хуфтани наво, оҳанг монанд намудааст.

**Пораи шеърӣ:**

*Абрҳоро сӯ ба сӯ аз якдигар*
*Бод бар ҳар сӯ парешон мекунад.*
*Осмон ҳамчун занони шустагар*
*Шустаҳоро обгардон мекунад.*

Ҳаво абрист ва бод он абрҳоро ҳар сӯ парешон мекунад. Шоир ин манзараро шеър кардааст бо ташбеҳ додани осмон ба занони шустагар, ки шустаҳояшонро обгардон мекунанд.

**Пораи шеърии дигар:**

*Пиразан, эй пиразан,*
*Кӯчаҳоро он қадарҳо рӯфтӣ дар умри хеш.*
*Аз вуҷуди хеш акнун ҳасрати худро бирӯб,*
*Ҳам ғубори ғафлати худро бирӯб.*

Ҳамаи мову шумо қариб ҳар рӯз дар кӯчаҳои шаҳрамон бо кӯчарӯбон, ки асосан занони солхӯрда мебошанд, вомехӯрем ва ин чиз бароямон одӣ ва муқаррарист. Аммо шоир бо гуфтани он ки, эй пиразан, ки солҳои сол кӯчарӯбӣ мекунӣ, акнун бас аст, боре аз вуҷуди хеш ҳасратро бирӯб, ғубори ғафлатро ҳам бирӯб, шеър гуфтааст.

Ингуна намунаҳои шеъри нағз, шеъри асил дар миёни китобҳои шеъри Аскар Ҳаким кам нестанд. Ба хотири тангии вақт ҳоло аз овардани онҳо худдорӣ мекунем. Фақат дар фуроварди суҳбатамон дар бораи шеъри шоир аз як даъвати устод Бозор Собир ёдовар мешавем, ки дар хитоб ба Аскар Ҳаким гуфта будааст: *«Аскар, парто ҳамин мақоланависиатро, шеъри хуб навишта метавонӣ, шеър навис»* (Маҷмӯаи осор, ҷ.V. - С. 599).

Расо 15 рӯз пеш аз ин, 5 июн Аскар Ҳаким рисолаи докторӣ ҳимоя карданд ва камина он вақт ба сифати, ба истилоҳ, муқарризи ғайрирасмӣ ба таври ниҳоят мухтасар аз фаъолияти мунаққидӣ ва адабиётшиносиашон сухан карда

будам. Аз ҷумла гуфта будам, ки рисолаи доктории Аскар Ҳаким «Вежагиҳои анвои шеъри ғиноӣ (Дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикӣ дар нимаи дуюми садаи XX)» аз дастовардҳои нақди адабӣ ва адабиётшиносии муосири тоҷик мебошад. Ва он тасодуфӣ нест, зеро Аскар Ҳаким аз ҷумлаи он мунаққидони камшуморест, ки пайгирона ва ба таври мунтазам бо таҳқиқу нақди шеъри муосири тоҷик машғул мебошад ва дар ин замина китобу маҷмӯъаҳои арзишманде навиштааст, монанди «Шеър ва замон. Масъалаҳои инкишофи шеъри муосири тоҷик» (1978), «Дар қаламрави сухан» (1982) ва ғайра.

Бартарии Аскар Ҳаким ҳамчун мунаққид ва адабиётшинос дар ин аст, ки ӯ ба сифати шоир дар раванди таҳаввул ва такомули шеъри муосири тоҷик иштироки бевосита ва муассир дорад. Чунин ба ҳам ба таври фавқулода мувофиқ ва муносиб омадани истеъдоди шоирӣ ва истеъдоди мунаққидӣ ба ӯ имкон додаст, ки муҳимтарин ва мубрамтарин масъалаҳои шеъри муосири тоҷикро ба доираи таҳқиқ ва нақд бикашад ва тавфиқ низ биёбад.

Ман ба шоир ва мунаққиди номиамон Аскар Ҳаким барор мехоҳам ва аз ӯ даъват менамоям, ки то ба охир хидматгори ду хоҷа – Хоҷаи нақд ва Хоҷаи шеър бимонанд. Вале агар мехоҳед, ки бароятон ҳарфи диламро ошкор намоям, ман хидматгузори Хоҷаи нақд будани ӯро бештар талабгорам, зеро нақди тоҷик ба ӯ аз шеъри тоҷик зиёдтар эҳтиёҷ дорад.

*Абдушукури Абдусаттор,*
*доктори илмҳои филологӣ, профессор*

# НАЗАРИ ТОЗА БА ШЕЪРИ ҒИНОИИ ТОҶИКӢ

**(Мулоҳизаҳо перомуни монографияи шоир ва адабиётшиноси тавоно Аскар Ҳаким таҳти унвони “Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми садаи XX)”).**

Таҳқиқи ҷинсҳо, навъҳо ва қолабҳои шеъри ғиноии тоҷикӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мураккаб ва нисбатан кам омӯхташудаи адабиётшиносии муосир маҳсуб мегардад, зеро то имрӯз ағлаби мушкилоти марбут ба таъсири байни-ҳамдигарӣ ва робитаҳои миёни навъҳо ва қолабҳои шеъри ғиноӣ, қонуниятҳои ташаккули хусусиятҳои навъии онҳо ҳанӯз ҳалнашуда боқӣ мондаанд. Дар адабиётшиносии муосири тоҷик таҳқиқот доир ба вазъи жанрӣ-мавзӯии назми ғиноӣ ва дар бештари мавридҳо дар мисоли эҷодиёти шоирони алоҳидаи тоҷик анҷом дода шудааст, вале то имрӯз асаре, ки масъалаҳои назарӣ ва амалии хусусиятҳои навъии шеъри ғиноии тоҷикро дар шакли ҷомеъ ва монографияи илмӣ фаро гирифта бошад, мушоҳида нашудааст.

Аз ин хотир, китоби тозанашри шоир ва адабиёт-шиноси тавонои тоҷик Аскар Ҳаким “Анвои шеъри ғиноӣ (нимаи дувуми садаи бист)”, ки дар он тақсимбандии анвои шеъри тоҷикӣ аз дидгоҳи тоза мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, падидаи муҳим дар адабиётшиносии замони Истиқлоли Тоҷикистон ҳисоб меёбад. Ҳарчанд ки мавзӯи асосии баҳси муаллифи китоб таҳқиқи вазъи анвои шеъри ғиноии тоҷикӣ дар фосилаи замонии муайян, яъне дар нимаи дувуми қарни бистум аст, вале дар он шеъри ғиноии замони Истиқлол низ аз назари муҳаққиқ дур намондааст. Зеро дар китоб анвои шеъри ғиноӣ дар мисоли эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Фарзона ва дигар чеҳраҳои мондагори адабиёти муосири тоҷик

таҳлилу баррасӣ гардидааст. Чунонки маълум аст, аксари шоирони мазкур, аз Муъмин Қаноат то Лоиқ Шераливу Бозор Собир дар тӯли се даҳсолаи замони истиқлол низ дар қайди ҳаёт ва авҷи эҷодиёт будаанд ва Фарзонаи Хуҷандӣ ҳоло дар камоли умру эҷод аст. Аз ин ҷост, ки анвои ашъори ғиноии дар замони истиқлол эҷод кардаи ин шоирон низ дар мадди назари таҳқиқи Аскар Ҳаким қарор гирифтаанд.

Аҳаммият ва арзиши илмии китоби "Анвои шеъри ғиноӣ" дар он зоҳир мегардад, ки бидуни ҳалли масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои навъии шеъри ғиноии тоҷикӣ муайян кардани моҳияти ҷустуҷӯҳои навоварона дар марҳалаҳои имрӯзу ояндаи таҳаввули назми ғиноӣ имконнопазир мебошад. Ҳамчунин, аҳаммияти чунин таҳқиқ дар ҳамин зоҳир мешавад, ки шеъри ғиноӣ чун ҷинси муҳимми адабӣ дар ҷараёни таҳаввули худ барои тасвири бадеии мазмун имкониятҳои нав ба навро касб мекунад ва дар таҷрибаи бадеии худ, сифатҳои заруриеро, ки қонуниятҳои ташаккули хусусиятҳои навъии онро муайян месозанд, соҳиб мегардад.

Китоби "Анвои шеъри ғиноӣ" дар асоси таҳлилу ҷамъбаст ва баррасии теъдоди хеле зиёди асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва маводи фаровони адабӣ аз эҷодиёти шоирони муосири тоҷик навишта шудааст. Новобаста ба истифодаи теъдоди хеле зиёди маводи илмӣ-таҳқиқотӣ ва адабӣ ва вусъати доираи гузориши масъалаҳои назарӣ ва таърихӣ дар асари мавриди баҳси мо ягонагии дохилӣ ва ҷомеъияти сохтории фаслу бобҳои алоҳида таъмин гардидааст. Аз тарзи ба миён гузоштани масъалаҳои таҳқиқ ва усулҳои ҳаллу фасли онҳо хонанда дармеёбад, ки муаллифи китоб шахсияте дорои таҷрибаи тӯлонии адабиётшиносӣ ва шоире соҳиби истеъдоди хос мебошад.

Муаллифи китоб масъалаҳои асосии таҳқиқи худро дар панҷ боби марбут ба шинохти назариявӣ, таърихӣ-адабӣ ва ғоявӣ-эстетикии хусусиятҳои навъии шеъри ғиноии тоҷикӣ дар нимаи дуюми қарни бистум таҳлилу баррасӣ намудааст.

Муҳаққиқи соҳибтаҷриба дар нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ Аскар Ҳаким ба масъалаҳои таҳқиқи худ аз мавқеи ягонаи илмӣ ба таҳлили назариявӣ, таърихӣ-адабӣ, ғоявӣ-эстетикӣ ва хронологиву контекстуалӣ муносибат намуда, бори нахуст дар адабиётшиносии муосир хусусиятҳои навъии шеъри ғиноии тоҷикиро на танҳо аз лиҳози назариявӣ, балки аз дидгоҳи таърихӣ-адабӣ ва бо истифода аз маводи зиёди адабии марбут бо шеъри ғиноии нимаи дуюми асри бистум ва ду даҳсолаи аввали қарни бисту якум мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор додааст.

Дар боби якуми китоб, ки "Шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ" унвонгузорӣ шудааст, воситаҳои гуногуни баёни эҳсосу андешаҳои субъективӣ дар шеъри ғиноӣ мавриди баҳси илмӣ қарор гирифтааст. Ба таъбири дигар, "шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ" ҳамон "лирикаи медитативӣ аст, ки дар китоби мавриди баҳси мо навъи якуми шеъри ғиноӣ дониста мешавад. Бино ба андешаи муаллифи китоб, намунаҳои шеъри ғиноии отифӣ дар адабиёти классикии мо ва бештар дар шакли ғазал зиёд мушоҳида мешавад. Вале дар худи шӯравӣ вобаста ба сиёсати ҳукмрони давр дар ин навъи шеър тағйироти ҷиддӣ падид омад. Мувофиқи тақозои сиёсати адабии замони шӯравӣ бояд дар адабиёт ва аз он ҷумла, дар шеър бояд инсони замон чун бунёдкори ҷомеаи нав тасвир мегардид, ки дар ниҳоди ӯ ғолибияти мафкуравӣ бар ҳама ақидаҳои дигар пешдастӣ дошт. Аз ин ҷо "шеър ҳам гӯё шеъри фаъолият мешавад, на андешаҳои отифии шахсиву эҳсосот. Вале азбаски он фаъолият ҳам на бо тааммуқ ва нишон додани мураккабиву мушкилот, балки рӯякӣ ва қолабӣ ифода мешуд, бештар шиороҳанг ба гӯш мерасид. Шахсияти шоир ҳам гӯё дар вуҷуди иҷтимоъ маҳлул шуда буд ва агар ҳам гоҳ-гоҳ рух менамуд, танҳо ба сурати шахсе, ки бунёдкори ҷомеаи нав асту саропо тавоноист ва агар ҷаҳони ботин дошта бошад, дар он фақат

шодию сурур ҳаст ва агар нафрате ҳаст, фақат ба душманони сохти нав” (“Анвои шеъри ғиноӣ”, с. 39).

Дар асоси таҳлилу баррасии ашъори ғиноии отифии М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ, Ғ. Мирзо, М. Қаноат муаллифи китоб ба натиҷае мерасад, ки аз нимаи дуюми қарни бистум андешаву эҳсосот ва чеҳраи шахсияти ғиноӣ тадриҷан фардитар мегардад. Вале то солҳои шастуму ҳафтодум кайфияти “шодмонии фармуда” доштани шахсияти шеъри ғиноӣ, ки аз маҳдудаи мафкуравии замони Шӯравӣ бармеояд, дар ашъори аксари шоирони давр, аз М. Турсунзода то Лоиқ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, чун далели фикр аз ашъори шоирон М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ, Ғ. Мирзо, Қ. Киром, М. Қаноат оварда мешавад ва муҳаққиқ мунсифона ва беғаразона ёдовар мешавад, ки зикри шоҳидҳои шеърӣ аз осори шоирони мазкур ба нияти хурдагирӣ нест, зеро ин “оҳанг аз мароми мақсади зиндагии онон бармеомад, ки ба тасвири ҳақиқати зиндагӣ камтар майл намуда, имрӯз ва фардоро аз рӯи ормони (идеали) худ, ки чи тавр бояд бошад, бештар ситоиш мекарданд” (“Анвои шеъри ғиноӣ”, с. 47-48).

Муаллифи китоби “Анвои шеъри ғиноӣ”, ҳамчунин, ба масъалаи таъйини усулҳои тасвири ҷаҳонбинии шахсияти ғиноӣ дар шеъри ғиноии отифӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, таъкид мекунад, ки ҷаҳонбинии шахсияти ғиноӣ вобаста ба тамоили эҷодии шоир бо ду тарз, яъне абстрактӣ (муҷаррад) ва предметӣ-ҳиссӣ ифода меёбад. Агар тарзи абстрактӣ дар тасвир бартарӣ пайдо кунад, дар он сурат дар шеър танҳо баъзе ҷузъиёти ҳаёти моддӣ-маишии шоир зуҳур менамояд ва агар тарзи ҳиссӣ-предметӣ тафаввуқ дошта бошад (чун дар ашъори А. Шукӯҳӣ) дар он ҳол инъикоси ҷузъиёти ҳаёти моддӣ мақоми бештар муҳим пайдо мекунад.

Боби дуюми китоби “Анвои шеъри ғиноӣ” ба таҳқиқи навъи дигари шеъри ғиноии тоҷикӣ-шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ бахшида шуда, муаллифи китоб

тасдиқ мекунад, ки дар шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ шахсияти ғиноӣ муҳтавои олами ботинӣ ва андешаҳои ҳиссии худро инъикос намуда, ҳамзамон бо мақсади қиёси он бо тасвири ҳиссӣ бештар ба воқеият руҷӯъ менамояд. Ҳар чизи ба василаи диди образноки шоир даркшуда ва аз дарки ҳиссиву ҷаҳонбинии фардии ӯ гузашта шакл ва обу ранги нав пайдо менамояд ва аз ҳудуди мафҳуми сирф моддии худ берун омада, ба худ оҳанги наву образнок ва бадеӣ мегирад ва имкони барангехтани эҳсосоти ҳамфикрӣ ва ҳамдардиро пайдо мекунад. Чунин андешаҳои муаллифи китоб бо иқтибоси шоҳидҳои шеърҳо аз ашъори ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ аз эҷодиёти шуарои маъруфи муосири тоҷик тақвият дода мешавад. Аз ҷумла, зимни таҳлили ашъори ғиноии Лоиқ чун "Баҳорон буду як шомеву борон", "Хонаҳои баланду шаҳроро", "Сабзаи сӯхтаи манзараҳо", "Баччагиям бекасу танҳо гузашт", муаллифи китоб ёдовар мешавад, ки дар чунин шеърҳо аз ҷумла дар шеъри "Баччагиям бекасу танҳо гузашт", "андешаҳои отифӣ ҳамроҳ бо тасвири собит ва ё сайёр ташреҳу тасвир, ташреҳу ҷондорангорӣ, мурочиати шахс ба шайъ ва монанди инҳо фаровон истифода гаштаанд" ("Анвои шеъри ғиноӣ", с. 179). Барои тақвияти фикр аз шеъри мазкур якчанд иқтибос оварда мешавад, ки яке аз онҳо ин аст:

*Баччагиам бекасу танҳо гузашт,*
*Бо дарав, бо хӯшачиниҳо гузашт.*
*Доманаш аз хӯша пур аз домани саҳро гузашт.*

*Дар сари санге ҳама рӯз интизор,*
*Мешумурдам турнаҳоро ҳар баҳор,*
*Баччагиам бо қатори турнаҳо якҷо гузашт.*

*Шаст меандохтам бар рӯди маст,*
*То бияфтад моҳии тилло ба шаст,*
*Баччагиям бо умеди моҳии тилло гузашт.*

Ҳамчунин, зимни таҳлили ашъори ғиноии андешаҳои отифии тасвирии М. Қаноат муаллифи китоб таъкид менамояд, ки ин навъ шеърҳои М. Қаноат бо он фарқ мекунанд, ки дар онҳо маҳорати шоир дар омезиши баёни андешаҳои ҳиссӣ ва тасвири предметӣ мушоҳида мешавад. Ба хотири тақвияти фикр порае аз шеъри ба Малика Собирова бахшидаи М. Қаноат иқтибос мегардад:

*Навоҳо об мегардад,*
*Ҳаме бар саҳна мерезад.*
*Садо аз мавҷҳои реза мехезад,*
*Ба нарми қуи зебое*
*Ба рӯи мавҷ обӣ шуд,*
*Ба пояш зарраҳо ҳавзи гулобӣ шуд...*

Навъи сеюми шеъри ғиноии тоҷикӣ-шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ дар боби сеюми китоби Аскар Ҳаким “Анвои шеъри ғиноӣ” мавриди баҳси алоҳидаи илмӣ қарор дода шудааст. Ин навъи шеъри ғиноӣ чунин муаррифӣ мегардад, ки “дар шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ аносири олами ашё, манзараҳои табиат, воқеияти мавҷуда нисбат ба дигар анвои шеъри ғиноӣ мақоми муҳим доранд, ки мавзӯву муҳтавои шеър қарор гирифта, ин ва ё он рӯҳия ва андешаеро ифода менамоянд” (“Анвои шеъри ғиноӣ”, с. 228). Натиҷаҳои таҳқиқи муаллифи китоб гувоҳӣ медиҳад, ки намунаҳои олии ин навъ шеъри ғиноӣ ҳанӯз аз асри Х ба баъд дар осори Рӯдакӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ ва дигарон мавҷуд буда, василаи муҳимми шинохти на фақат мабҳаси тасвир, балки воситаи беҳтарини шинохти инсон ва якпорчагии ӯ бо олами атроф мебошад.

Тибқи андешаи муаллифи китоб “дар ин гуна шеър шоир манзараеро ба тасвир гирифта, онро мисраъ ба мисраъ, тадриҷан ба пеши назар муҷассам месозад ва бо ин

гӯё инсонро дар ҷараёни халлоқият шарик қарор дода, завқи зебоишинохтии ӯро ба сӯи манзара, ки як навъи шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ мебошад, таҷаллиёти беҳтарини ҳунари шоир аст, ки бо писандидатарин ваҷҳ аз пайванди инсону табиат сухан мегӯяд” (“Анвои шеъри ғиноӣ”, с. 233).

Дар ҳамин боби китоб дар мисоли ашъори ғиноии Ғ. Мирзо, Б. Собир, Л. Шералӣ, Фарзона ва дигар шоирони тоҷик тамоми ҷанбаҳои мухталифи шеъри ғиноии тасвирию тавсифӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳо дар эҷодиёти шоирони алоҳида муайян карда мешавад.

Яке аз навъҳои хоси шеъри ғиноӣ, ки шеъри ғиноии шахсиятӣ ё персонажӣ маҳсуб мегардад, мавзӯи баҳси боби чаҳоруми китоби “Анвои шеъри ғиноӣ” мебошад. Дар таърифи муаллифи китоб “ба анвои мухталиф ҷудо шудани шеъри ғиноӣ ба чигунагии мақоми андеша, эҳсосоту таассуроти отифӣ, тасвиру тавсифу ташреҳ, нақлу ривоят дар он вобаста мебошад. Як навъе, ки каму беш дорои ин сифатҳо буда, ба замми онҳо боз хусусияти шохистари дигаре дорад, ба истилоҳ шеъри ғиноии персонажӣ унвон мешавад” (“Анвои шеъри ғиноӣ”, с. 355). Ба хотири он ки вожаи фаронсавии “персонаж” маънои шахсият, шахси иҷрокунандаи нақш, ё қаҳрамони асари бадеӣ мебошад, муаллифи китоб ин навъи шеъри ғиноиро “шеъри ғиноии шахсиятӣ” унвонгузорӣ кардааст. Бино ба тасдиқи ситоиш ё накӯҳиши шахсиятҳои давлатӣ, динӣ, фарҳангӣ ва ғайра бахшида шудаанд, ба навъи шеъри ғиноии шахсиятӣ мансубанд ва шеърҳои ба амир Нӯҳи Сомонӣ, ба шоирон Абулҳасани Муродӣ, Шаҳиди Балхӣ бахшидаи Рӯдакӣ, шеърҳои Хоҷа Ҳофиз дар мадҳи Қавомиддин Ҳасани Тамғоҷӣ, Шайх Абуисҳоқи Инҷу намунаҳои қадими ин навъ шеъри ғиноии тоҷикӣ ҳисоб меёбанд.

Дар натиҷаи таҳлили хусусиятҳои навъии шеъри ғиноии шахсиятӣ дар асари М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ, Ғ.

Мирзо, М. Қаноат, Қ. Киром, Б. Собир ва дигарон муаллифи китоб Аскар Ҳаким чунин натиҷагирӣ мекунад, ки агар дар нимаи аввали асри XX дар ашъори ғиноии шахсиятии ин шоирон шахсиятҳои давлативу сиёсии замон васф карда шуда бошад, дар назми нимаи дуюми ин аср васфи шахсиятҳои фарҳангӣ, қаҳрамонҳои ҷанг низ мавқеъ пайдо мекунанд. Дар даҳсолаҳои ахири қарни бистум дар шеъри ғиноии шахсиятӣ рӯҳи худшиносии миллии шоироне чун Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром қувват гирифта, дар руҷӯъ ба шахсиятҳои таърихиву фарҳангӣ, аз қабили Борбад, Рӯдакӣ, Ибни Сино, Фирдавсӣ ва амсоли онҳо эҳсоси худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ баён карда мешавад. Алалхусус, Абулқосим Фирдавсӣ рамзи рӯҳи худшиносии миллӣ буд ва қаҳрамонони "Шоҳнома"-и безаволи ӯ муҷассамаи ҷовидонаи ормонҳои миллӣ буданд. Чунончи, Лоиқ ҷаҳонпаҳлавони "Шоҳнома" – Рустамро чун рамзи посдории сарзамини Эронвиҷ ва суннатҳои ниёкони ориёнӣ медонад ва ин маъниро аз забони худи Рустам чунин баён медорад:

*Ман гардани адовати шайтон шикастаам,*
*Ман муҳраи сиёсати шоҳон шикастаам.*
*Бо гурзи тобдори худ фирӯз будаам,*
*Бо мушти обдори худ сандон шикастаам.*

Бозор Собир дар бораи мақому мартабаи шоириву ватандӯстии Фирдавсӣ дар шеъри "Ҳайкали Фирдавсӣ" чунин изҳор мекунад:

*Осмонро мехарошад номи Фирдавсӣ,*
*Чун ливои ковиёнӣ,*
*Чун шиори ориёнӣ.*
*Номи ӯ фотеҳаи майдон –*
*Номи ӯ омину бисмиллоҳи кориston,*
*Номи ӯ номи худои паҳлавию паҳлавонӣ.*

Муаллифи китоби “Анвои шеъри ғиноӣ”, инчунин, дар бораи хусусиятҳои дигари шеъри ғиноии шахсиятӣ дар осори шоирон А. Шукӯҳӣ, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Қ. Киром, Фарзона ва дигарон муфассал таваққуф намуда, хулосаву андешаҳои муътамад баён мекунад.

Навъи панҷуми шеъри ғиноии тоҷикӣ, ки мутаносибан дар боби панҷуми китоби Аскар Ҳаким арзёбӣ мешавад, шеъри ғиноии ҳикоятӣ номгузорӣ шуда, мувофиқи таърифи муаллифи китоб чунин навъи шеъри ғиноист, ки “дар байни анвои дигари шеъри ғиноӣ истифодаи густардае дорад. Муҳимтарин хусусияте, ки шеъри ғиноии ҳикоятиро аз анвои дигар мутамоиз мекунад, он аст, ки дар маркази ин навъ шеър шайъу шахсияти алоҳида дар ҳолати асосан сокин ё ҳаракати мухтасар ва дар маҳдудаи як замони муайян нишон дода нашуда, аз он фаро меравад. Дар он шайъ, шахсият ҳодисот ва куллан, воқеияти ғиноӣ, дар дарозаи мухталифи замон дар таҳаррук, тағйиру дигаршавӣ мабҳаси андешаву эҳсосоти отифии шахсияти шеър қарор мегирад” (“Анвои шеъри ғиноӣ”, с. 447).

Тибқи андешаи Аскар Ҳаким намунаҳои классикии шеъри ғиноии ҳикоятӣ дар “Гулистон”-и Саъдӣ, ҳикоёти тамсилии “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Балхӣ ва дигар осори ахлоқиву ирфонии адабиёти гузаштаи мо мушоҳида мешавад ва яке аз намунаҳо аз “Гулистон”, ки муаллифи “Анвои шеъри ғиноӣ” чун шоҳиди шеъри ғиноии ҳикоятӣ иқтибос кардааст, ин аст:

*Он шунидӣ, ки логаре доно,*
*Гуфт боре ба аблаҳе фарбеҳ:*
*“Аспи тозӣ агар заиф бувад,*
*Ҳамчунон аз тавилае хар беҳ”.*

Муаллифи китоб дар асоси таҳлилу баррасии ашъори М. Турсунзода чун “Ҳалқаи заррин”, “Савганд”, “Се нозанини шарқ”, “Дар бозори китоб”, шеърҳои “Ҷавонӣ ва

сафар”, “Шаб”, “Арғувон”, “Сел”, “Боди сармаст”-и А. Шукӯҳӣ, “Рӯйи сурх, рӯйи сиёҳ”, “Ҷаҳли мураккаб”, “Қиссаи деҳқон ва хоҳари ӯ баҳор”, “Ғижжак”-и Ғ. Мирзо ва намунаҳои зиёде аз осори М. Қаноат, Қ. Киром, Лоиқ, Бозор Собир ва Фарзона ба натиҷа мерасад, ки навъи шеъри ғиноии ҳикоятӣ дар замони шӯравӣ аз ҷумлаи анвои роиҷи шеъри ғиноии тоҷикӣ буда, шоирони мо аз он фаровон истифода бурдаанд.

Аз ҷумлаи шеърҳои ғиноии ҳикоятӣ, муаллифи китоб онро оварандаи насими тоза дар шеъри ошиқонаи тоҷик меҳисобад, шеъри “Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш”-и А. Шукӯҳӣ мебошад. Дар ин шеър ҳиссиёти ошиқонаи шоир дар муҳит, макон ва фазои муайян баён мегардад:

*Парешаб ман аз роҳе, ки ҳар ду –*
*Ҳамерафтем, як вақте, гузаштам.*
*Ба зери он дарахту он лаби ҷӯ,*
*Туро бар ёд оварда нишастам.*
*... Ба ёдат ҳаст оё, як шаб он ҷо*
*Чиҳо гуфтем мо ҳар ду нишаста.*
*Ба рӯям мезадӣ ҳар гоҳ, ҷоно,*
*Ба шӯхӣ шохи райҳонро шикаста.*

Чунин шеърҳоро, ки дар матни ашъори ғиноии он солҳо ғайричашмдошт ба назар менамуданд, муаллифи китоби “Анвои шеъри ғиноӣ” чун равияи тозаи вуқуъгароёнаи ашъори ошиқона медонад, ки шоири тоҷик А. Шукӯҳӣ дар натиҷаи ниёзи рӯҳии худ ва омӯзиши таҷрибаи эҷодии шоирони рус А.С. Пушкин ва М. Лермонтов ба даст овардааст.

Ҳамчунин, муаллифи китоб дар асоси таҳлили “Ситораҳои бурҷи Кремл”, “Хоби қаҳрамон”, “Гули бодом”, “Қатли Восеъ” ва дигар шеърҳои Муъмин Қаноат ҳунари шоирии ӯро дар офариниши шеърҳои ғиноии ҳикоятӣ ба тасвиб мерасонад.

Аз ҷумлаи ин навъ ашъори М. Қаноат шеъри “Қатли Восеъ” “дар навъи худ ба эътибори мӯҷазӣ, шакли амудии инкишофи сужаи ғиноӣ, бадеият ва динамикии шеър” (“Анвои шеъри ғиноӣ”, с. 466) аз беҳтаринҳо маҳсуб дониста мешавад. Дар шеъри мазкур ҳанӯз аз оғози шеър ҷои айшу ишрат ва қатлгоҳи мардуми бегуноҳ будани қасри беки Балҷувон маълум мегардад:

*Қаср,*
*Ишратгоҳи тобистони шоҳ,*
*Ҷои қатли “осиёни бегуноҳ”.*

Дар байтҳои минбаъда бузургӣ ва шаҳомати Восеъ, шуҷоат ва кӯҳосо устувории ӯ дар назди дори омодашуда барои қатли вай таҷаллӣ мекунад:

*Хокро бӯсид, сарро аз замин*
*Кард боло, хӯрд бар чархи барин.*
*Кӯҳ ин фурсат ба ӯ ҳамроҳ шуд,*
*Дори шоҳон назди ӯ кӯтоҳ шуд...*

Ниҳоят аз лаҳзаҳои вопасини ҳаёти қаҳрамони шеъри ғиноии ҳикоятӣ – Восеъ, ки дар байти зерин ифода ёфтааст, камоли шаҳомат ва озодагию ҷовидонагии Восеъ падидор мегардад:

*Кунда аз зери ду пояш дур шуд,*
*Шаҳчиноре бо чиноре ҷӯр шуд.*

Хулосаи мантиқие, ки аз шеъри ғиноии ҳикоятии “Қатли Восеъ” бармеояд, чунин аст: марги Восеъ маънои роҳ ба нестӣ ва нобудиро надорад, ҳамтану ҳамқисмат гардидани Восеъ ба шаҳчинор пайвастани ӯ ба ҳаёти абадӣ ва ҷовидонагист.

Чунонки аз муҳтавои китоби “Анвои шеъри ғиноӣ” бармеояд, дар он бори нахуст дар нақди адабӣ ва

адабиётшиносии тоҷик панҷ навъи шеъри ғиноӣ: шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ, шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ, шеъри ғиноии тавсифию тасвирӣ, шеъри ғиноии шахсиятӣ, шеъри ғиноии ҳикоятӣ дар мисоли эҷодиёти ҳашт нафар шоири тоҷик – Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва Фарзонаи Хуҷандӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Ин тарзи таҳқиқ, яъне аз рӯи муҳтаво муайян кардани вижагиҳои навъии шеъри ғиноӣ дар адабиётшиносии муосир падидаи тоза буда, доир ба масъалаҳои марбут ба шеъри ғиноии тоҷикӣ ва таърихи таҳаввули он дар нимаи дуюми қарни бистум барои нақди адабӣ ва адабиётшиносии  замони истиқлол маводи муфид дода метавонад.

Албатта, шеъри ғиноии тоҷикӣ бо эҷодиёти ҳашт нафар шоире, ки дар китоби “Анвои шеъри ғиноӣ”-и Аскар Ҳаким баррасӣ шудааст, маҳдуд нест ва дар нимаи дуюми қарни бистум то имрӯз шоироне чун Ашур Сафар, Абдулло Қодирӣ, Ҳақназар Ғоиб, Мастон Шералӣ, Гулназар, Гулрухсор, Саидалӣ Маъмур, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Муҳаммад Ғоиб, Низом Қосим, Рустами Ваҳҳобзода ба майдон омадаанд, ки ҳоло аксари кулли онҳо дар айни ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ буда, дар анвои панҷгонаи шеъри ғиноӣ намунаҳои хуб офаридаанд.

Бояд гуфт, ки таҳлилу баррасии намунаҳои ашъори ғиноии аксари кулли шоирони тоҷик дар як китоб ба ҳеҷ ваҷҳ имкон надорад. Хидмати Аскар Ҳаким барои адабиётшиносии муосири тоҷик нишон додан ва исбот намудани вуҷуди панҷ навъи шеъри ғиноӣ дар назми нимаи дуюми қарни бистум ва таъйини вижагиҳои навъии онҳо буд, ки ӯ  бо сарбаландӣ аз ӯҳдаи он баромад ва барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт барои дигарон роҳ ҳамвор намуд.

Чунонки худи муаллифи китоб тасдиқ мекунад, “анвои шеъри ғиноӣ бо ҳамин навъҳое, ки таҳқиқ шуд, маҳдуд намешавад, онро боз ба навъҳои дигар ҷудо кардан мумкин аст. Ашъори ғиноии ҳамосӣ яке аз ҷумлаи онҳост. Ин навъ шеърҳо маъмулан аз шеърҳои мухтасари ғиноӣ аз ҷиҳати ҳаҷм фарқ дошта, муфассаланд ва дар адабиётшиносӣ ба онҳо бештар номи манзума ё достони ғиноию ҳамосӣ дода мешавад” (“Анвои шеъри ғиноӣ”, с. 529). Андешаи мазкури А. Ҳаким дар бораи бо панҷ навъи таҳқиқшуда маҳдуд набудани анвои шеъри ғиноии тоҷикӣ андешаи раҳнамо буда, тақозо менамояд, ки ба достонҳои лиро-эпикии “Лайливу Маҷнун”, “Хусраву Ширин”, “Варқа ва Гулшоҳ”, “Вис ва Ромин” маснавиҳои “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат”, “Махзан-ул-асрор”, “Матлаъ-ул-анвор”, “Маснавии маънавӣ”, “Силсилат-уз-заҳаб” ва достонҳои аҳди шӯравӣ, аз қабили “Ҷони ширин” ва “Чароғи адабӣ”-и М. Турсунзода, “Сурӯши Сталинград”, “Гаҳвораи Сино”-и М. Қаноат ва дигар манзумаву маснавиҳои таълифшуда дар нимаи дуюми қарни бистум ва ду даҳсолаи аввали асри бисту якум чун ба анвои шеъри ғиноӣ бознигарӣ шавад.

Маълум аст, ки тағйироти сиёсиву иҷтимоии падидомада дар марҳалаи муайяни таърихи ҳар як миллат дар шаклу муҳтавои осори адабии он миллат таъсири худро мегузорад. Аз ин ҷо тағйироти муҳимме, ки дар охири қарни бистум ва ду даҳсолаи қарни бисту якум, яъне дар замони истиқлоли Тоҷикистон падид омаданд, дар мавзӯъ ва муҳтавои адабиёти тоҷик дар ин давра ва аз ҷумла дар муҳтавои шеъри ғиноӣ низ таҳаввулоте ҷиддӣ ворид намуданд. Дар бораи баъзе тағйироти муҳтавоӣ дар шеъри замони истиқлол муаллифи китоби “Анвои шеъри ғиноӣ” зимни таҳлили ашъори дар се даҳсолаи охир эҷодкардаи М. Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир ва Фарзона изҳори мулоҳиза намудааст ва ин мулоҳизоти ӯ барои таҳқиқи анвои шеъри ғиноӣ дар замони истиқлол ва дар эҷодиёти намояндагони

алоҳидаи он, чун Гулназар, Гулрухсор, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Сайдалӣ Маъмур, Низом Қосим, Рустам Ваҳҳобзода ва дигарон чун дастури раҳнамо хидмат карда метавонад.

Муаллифи китоби "Анвои шеъри ғиноӣ" Аскар Ҳаким фаъолияти худро пас аз хатми факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар соли 1967 ва баъди таҳсил дар аспирантураи назди кафедраи таърихи адабиёти советии Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов дар соли 1974 ба ҳайси адабиётшинос ва мунаққид оғоз намуда, то имрӯз ду самти эҷод-нақду адабиётшиносӣ ва шоириро идома медиҳад. Баъди дифои рисолаи номзадӣ дар мавзӯи "Ворисияти таърихӣ ва навпардозиҳои шоирона" (1974) маҷмӯаҳои мақолоти ӯ бо номҳои "Шеър ва замон" (1978), "Дар қаламрави сухан" (1982), " Творцы созвучий" (1988), "Испытание поэзией" (1992) ва ғайра ба табъ расида, ӯро чун мунаққид ва адабиётшиноси дақиқназар муаррифӣ намуданд. Вале минбаъд, алалхусус, дар тӯли се даҳсолаи ахир ӯ чун Аскар Ҳакими шоир бештар шуҳрат пайдо карда, осори нақду адабиётшиносии ӯ камтар ба табъ расидаанд. Китоби "Анвои шеъри ғиноӣ" (нимаи дувуми садаи бист), ки ба тозагӣ ба нашр расид, бори дигар исбот намуд, ки Аскар Ҳаким имрӯз ҳам дар баробари мақому мартабаи шоирӣ дар нақду адабиётшиносӣ низ ҷойгоҳи сазовору устувори худро нигоҳ доштааст.

*Аҳмад Абдуллоев,*
*доктори илмҳои филологӣ, профессор*

# ҶӮЯНДАИ РОҲУ ТАРИҚАИ НАВИН

**(Данте Алигери. Мазҳакаи илоҳӣ. «Дӯзах». −Душанбе: «Адиб», 1987, тарҷумаи Аскар Ҳаким.).**

Данте шоири бузурги итолиёвӣ, ба қавли Фридрих Энгельс (дар асари ӯ «Ба хонандаи итолиёвӣ», с.382) «охирин шоири асримиёнагӣ ва нахустин шоири давраи нав» мебошад. Номи ин адиби беназир ба кулли ҷаҳон машҳур буда, асарҳои вай ба аксари забонҳо тарҷумаю тадқиқ шудаанд. Масалан, шоҳасари ӯ «Мазҳакаи илоҳӣ», аз рӯи таъкиди тарҷумони тоҷикии он Аскар Ҳаким, қариб ҳаштсад маротиба ба забонҳои мухталиф баргардонида шуда ва доир ба он наздики даҳ ҳазор ҷилд китоб таълиф ёфтаанд. Танҳо оид ба қисмати «Дӯзах»-и ин асар, ки аз 4790 мисраъ иборат аст, ба забонҳои гуногуни дунё қариб сад ҳазор шарҳу тафсир ва рисолаву мақолаҳо ба майдон омадаанд.

Вале хонандаи тоҷик то солҳои наздик аз мутолиаи чунин шоҳкории беҳамто ба забони модарӣ маҳрум буд ва он бо кӯшишу заҳмати шоир Аскар Ҳаким тарҷума гардид.

Адиби бузурги итолиёвӣ Данте Алигери маҳз дар давроне зуҳур намуд, ки Италия ва, умуман Аврупо, дар як марҳалаи муҳимми таърихӣ, дар давраи ивазшавии кӯҳна ба нав меистод. Эҳёи асримиёнагии Ховарзамин дар асри Х аз Растохези Тоҷик оғоз шуда буд, ки ба ин дар давлати нахустини тоҷикон – Сомониён шароиту заминаҳои мусоид фароҳам омада буданд. Эҳёи Аврупо бошад, маҳз аз Италия оғоз шудааст. Маҳз Италия ва итолиёвиҳо, ки ба таъбири Энгельс «нахустин миллати капиталистӣ» (ҳамон ҷо: саҳ.382) мебошанд, дар саргаҳи тамаддуни бошукӯҳи Эҳё истодаанд. Итолиёвиҳои бузург – шоирон Петрарка, Ариосто, Тассо; меъморон Алберти, Палладио, Брунуллески, Барманте; рассомон Микеланҷело, Тинторетто, Мазаччо, Донателло, Леонардо да Винчи, Пьеро, Мантения, Рафаэл; файласуфон

Фачини, Бруно, Патриттси ва бисёр дигарон дар равнақу такомули тамаддуни давраи Эҳё саҳми беандоза доранд ва ба тараққиёти минбаъдаи миллати итолиёвӣ, мамолики Аврупо ва кулли олам таъсири муайяне расонидаанд.

Вале шоири кабир Данте Алигери дар миёни ситорагони тобони ин давраи машҳур офтоби пурдурахше буд. Данте дар синни 35-солагӣ ба таълифи шоҳасари безаволаш «Мазҳакаи илоҳӣ» шурӯъ намуд, ки дар ин бора мисраи якуми суруди аввали «Дӯзах» шаҳодат медиҳад:

*Нимароҳи зиндагӣ аз сар гузашт,*
*Хешро дидам ба ҷангалзори тор,*
*Баски роҳи рости ман гум бигашт.*

Данте пеш аз он ки ба навиштани ин достон шурӯъ намояд, аллакай чун шоир ном бароварда буд. Ӯ шеърҳои зиёде менавишт ва ҳамаи онҳо ба забони халқии итолиёвӣ буданд. То он дам шоирон ба лотинӣ, шеваҳои итолиёвӣ ва провансалӣ шеър мегуфтанд. Данте, чун шоири соф халқӣ ва миллатдӯст, мехост Итолиёи азизи худро аз ҷангалзори пуранбӯҳу торики лаҳҷаҳо вораҳонад ва дар асоси шеваҳои гуногуни кишвараш забони адабии оммафаҳми умумиитолиёвиро ба вуҷуд оварад. Аз ин ҷиҳат Дантеро барҳақ асосгузори забони адабии итолиёвӣ мешуморанд. Данте адабиёти лотинизабонро ба таври амиқ омӯхта буд. Хусусан ба эҷодиёти ӯ шоири кабир Вергилий (Верҷил) таъсири муайяне расонидааст ва ӯро устоди хеш эълом доштааст, ки дар ин бора худаш ишорае дорад:

*Будиям устод назди хосу ом,*
*Аз ту меросам расидаст ин ҳунар,*
*Ин ҳиҷои олию сеҳри калом.*

Достони «Мазҳакаи илоҳӣ» аз се бахш «Дӯзах», «Аъроф» ва «Биҳишт» иборат аст. Қаҳрамони асосии асар худи шоир аст, ки ӯ сафари худро ба дӯзах тасвир кардааст.

Дар ин сафар се кас ӯро ҳамроҳӣ мекунанд. Инҳо шоир Верҷил, ки Данте ӯро устод хондааст, Беатриче (Биатрис), ки ба ӯ Данте дил бохтаасту ишқи онҳо ба нокомӣ анҷом пазируфтааст, Бернари Клервоӣ, ки фақеҳу файласуфи озодаманиши асри XIII ба шумор мерафт. Асар рамзист ва Данте мехоҳад ба воситаи рамзҳои афкори олам – Верҷил, хиради илоҳӣ – Биатрис ва инсоният, ки худаш аст, ба мардум роҳи росту ҳақро нишон бидиҳад.

Мазмуни асари Данте агар он вақт, яъне асри XIII нав бошад, аммо дар адабиёти то асри XIII-и форсу тоҷик ва инчунин дар адабиёти қадимии мардумони эронинажод маълум буд. Мазмуни «Ардовирофнома»-и паҳлавӣ, «Ҳай ибни Яқзон»-и Ибни Сино, «Сайр-ул-ибод ва-л-маод»-и Саноии Ғазнавӣ, «Маснавии Маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ ба мазмуни «Мазҳакаи илоҳӣ» шабоҳате доранд ва ин асарҳо аз он пештар таълиф ёфтаанд. Масалан, ёдгории адабиву динии адабиёти қадими форсу тоҷик «Ардовирофнома», ки дар асри IV-и мелодӣ таълиф ёфтааст, аз «Мазҳакаи илоҳӣ» ҳазор сол пеш ва муқаддам аст. Аммо, доир ба Данте ва эҷодиёти ӯ садҳо асар таълиф ёфта бошанд ҳам, дар адабиётшиносии тоҷик танҳо як китоб – асари М. Шаҳидӣ «Ибни Сино ва Данте» маълум асту халос. Мутаассифона, ин асар ҳам ба забони русӣ буда ва ба оммаи васеи хонандагони тоҷик дастрас нест.

Хушбахтона, соли 1987 нашриёти «Адиб» бахши «Дӯзах»-и «Мазҳакаи илоҳӣ»-ро дар тарҷумаи шоири шинохтаи тоҷик, адабиётшинос Аскар Ҳаким пешкаши хонандагони тоҷик гардонд. Тарҷумаи асари безаволи адабиёти ҷаҳониро хонандагони тоҷик кайҳо боз мунтазир буданд. Ва тарҷумае, ки Аскар Ҳаким анҷом додааст, ин халоро то андозае пур намуд. Пӯшида нест, ки мо дар тарҷумаву нашри осори беҳтарини адабиёти ҷаҳонӣ (ва ҳатто нашру тарғиби мероси ниёгони хеш) нисбати дигар халқҳои шӯравӣ ақиб мондаем. Масалан, «Мазҳакаи илоҳӣ», чунонки ишора рафт, қариб ба тамоми забонҳои ҷаҳон тарҷума ва нашр гардидааст. Дар Иттифоқи Советӣ дар

тарҷумаю нашр ва тадқиқи осори Данте бародарони рус, украин, молдаван, гурҷӣ, латиш ва арман ба комёбиҳои беназир ноил гардидаанд. Тарҷумаи гурҷии асари мазкур ҳанӯз соли 1933, қариб шаш сол пеш аз тарҷумаи русиаш ба табъ расидааст. Тарҷумаи онро шоирони номии гурҷӣ Константин Гамсахурдия ва Константин Чичинадзе анҷом дода, дар сарсухани худ эҷодиёти Шота Руставели ва Дантеро муқоиса намуданд. Пас аз он соли 1939 тарҷумаи русии «Мазҳакаи илоҳӣ» нашр гардид, ки онро Лозинский ба сомон расонид. Тарҷумаи армании асари мазкурро шоир Арбун Таян дар муддати 15 сол анҷом додааст ва он пурра соли 1969 нашр гардидааст. Ҳамин тариқ, солҳои гуногун тарҷумаҳои украинӣ, литвонӣ, латишӣ, эстонӣ, молдованӣ ва ғайраи «Мазҳакаи илоҳӣ» ба миён омадаанд ва ҳар яке аз он тарҷумонҳо дар пешгуфторҳои муфассали хеш эҷодиёти Дантеро бо эҷодиёти ин ё он шоири номии миллати худ муқоиса кардаанд (Дар ин бора ниг.: И.Н. Голнишев- Кутузов «Эҷодиёти Данте ва маданияти ҷаҳонӣ», М.Наука. 1971).

Кунун тарҷумаи тоҷикии ин асари безавол, бахусус тарҷумаи қисмати аввали он «Дӯзах», ки дар дасти мост, ин теъдодро дар саҳнаи адабиёти умумииттифоқӣ пурра ва комил гардонд. Аскар Ҳаким тарҷумаи хешро бо охирсухан ва тавзеҳоти муфассал оро додааст, ки калидест барои хонанда дар фаҳмиши сатрҳои пурмазмуни «Мазҳакаи илоҳӣ». Муқоисаи ҳаёту эҷодиёт ва мақоми Фирдавсии бузург дар адабиёти ҷаҳонӣ бо Данте, ки тарҷумон дар охирсухан баён кардааст, қобили таваҷҷуҳ аст.

Чунонки худи Аскар Ҳаким қайд кардааст, «тарҷумон ҳангоми ба тоҷикӣ гардонидани ин асар тарҷумаҳои таҳтуллафзии форсӣ ва русии шоиронаро ба ҳамдигар дар муқоиса истифода карда, то ҳадди имкон кӯшидааст, ки ба олами шеъри Данте наздик шавад». Дар сари ин суханони Аскар Ҳаким бибояд андеша кунем. Ҳоло даъватҳои бепоён ба он, ки «бояд асарҳоро аз аслашон тарҷума кунем», хеле зиёд шудаанд ва ба муди хосае табдил ёфтаанд. Чунин даъватгарон баъзе вақт ба тарҷумонҳо эрод гирифта, даъво

мекунанд, ки «ин тарҷумаро ту чаро аз асл накардӣ, ҳол он ки аз асли асар кардан лозим буд». Бешубҳа, аз асл тарҷума кардани ин ё он асар назар ба тарҷума аз забони дуюм афзалият дорад. Вале, дар сурате ки ба ин кор ҳоло иқтидор надорем, тарҷума аз забони русӣ низ бароямон бисёр муҳимм ва олист. Бояд тазаккур дод, ки ҳоли ҳозир мо бисёр шоҳасарҳо ва бестселлерҳои адабиёти ҷаҳонӣ ва советиро аз забони русӣ ҳам сари вақт тарҷума карда наметавонем. Бояд реалист буд ва имкониятҳои бударо истифода кард!

Аз ин ҷиҳат тарҷумаи бахши «Дӯзах»-и «Мазҳакаи илоҳӣ» аз тарафи Аскар Ҳаким дар ҳаёти адабиву мадании республикаамон воқеаи муҳимм ва фавқулода ба шумор меравад. Муқоиса дар ин хусус далели раднопазир аст. Ҳарчанд, дар кори тарҷумонӣ талафоти мазмуну маонии нусхаи асл ногузир аст ва ин дар илми «Назария ва амалияи кори тарҷумонӣ» собит гардидааст, вале мо дар тарҷумаи Аскар Ҳаким чунин талафотро қариб намебинем ва тарҷумон кӯшидааст, ки асар аз рӯи мазмуну мантиқ, сохти бадеӣ, услуби нигориш ва таркиби лафзию маъноӣ пурра ба асл наздик шавад. Ба ин, махсусан илҳоми шоирӣ ва умқи баланди адабиётшиносии Аскар Ҳаким ёро гардидаанд.

Ба суоле, ки дар ин бора боз назди худ гузоштем, дар гуфтаҳои Аскар Ҳаким дар охирсухани тарҷумааш ҷавоб ёфтем ва барои равшантар шудани масъала лозим донистем суханони ӯро аз дидгоҳи худ ҷамъбаст намоем. Пеш аз он ки вай ба ин кор шурӯъ намояд, китобҳои зиёдеро, ки ба забони русӣ доир ба ҳаёту эҷодиёти Данте эҷод шудаанд, мутолиа кардааст, зеро аён аст, ки мазмуну мундариҷаи «Мазҳакаи илоҳӣ» бо ҳаёти Данте иртиботи ногусастанӣ дорад. Дуюм ин ки дар вақти тарҷумаи достон асари безаволи Ҷалолиддини Балхӣ «Маснавии маънавӣ – ин Қуръони форсӣ ҳамеша дар мадди назари тарҷумон будааст ва аз «тарзи ифодаву услуби»-и устоди сухани форсӣ, истифода кардааст. Сеюм ин ки ӯ тарҷумаҳои таҳтуллафзии форсию русиро ба ҳам муқоиса намуда, нусхаи беҳтарину муносибтарини онро интихоб карда ва онҳоро аз назари

шоиронаи худ, ба таъбире, кор карда баромадааст. Аз ҳама муҳиммаш боз он аст, ки тарҷумон мудохилаи худро ба чунин кори заҳматталаб омода сохта ва онро бошуурона дар идроки хеш пазонда ва ҳал намудааст. Ин омодагиву тайёрии махсуси дохилӣ ба ӯ имкон додаанд, ки мушкилиҳоро паси сар намуда, чунин тарҷумаи босифату арзандаеро барои мо тақдим бидорад.

Дар ин тақриз мо имкони ҳамаҷониба баррасӣ кардани сифату хусусиятҳои барҷастаи тарҷумаи мазкурро надорем ва ба қадри имкон баъзе фикру мулоҳизаҳои хешро иброз доштем. Тарҷумаи чунин як достони олӣ бо тадқиқоташ меҳнати пурмашаққат ва аз ҳама асосиаш бовару ҷуръати хосро тақозо мекунад. Аз ин ҷиҳат, мо пешниҳоди Шӯрои назм ва Шӯрои тарҷумаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро, ки тарҷумонро барои чунин кори заҳматталаб ба ҷоизаи ба номи Мирзо Турсунзода пешниҳод кардааст, ҳамаҷониба дастгирӣ менамоем ва чунин мешуморем, ки кори мазкур сазовору лоиқи чунин ҷоизаи муътабар аст. Бо чунин ҷоиза қадр намудани Аскар Ҳаким ба ӯ барои тарҷумаи бахшҳои боқимондаи «Мазҳакаи илоҳӣ», «Аъроф» ва «Биҳишт» қувваю нерӯи нав мебахшад. Умед дорем, ки қисматҳои дуюму сеюми асари ҷовидонаи адиби бузургро ба забони модариамон дар тарҷумаи Аскар Ҳаким мутолиа бикунем.

*Тоҷибой Келдиёров,*
*доктори илмҳои филологӣ*

# ШЕЪР – ЧУН МАХСУСИЯТ

Устод Аскар Ҳаким яке аз рӯшантарин чеҳраҳои адабиёти муосир ба ҳисоб меравад. Ӯ шоирест, ки фалсафаи зиндагиро дар рамзҳои шигарфу зебо, ҳарфҳои воло дар хидмати шеър овардааст. Дарди меҳану миллат, ишқу ормон ва ирфон дар андешаи ӯ зиндагии шоирона дорад. Шоирест, ки «ман»-аш бо шеъраш пайванди ногустанӣ дорад. Аскар Ҳаким ҳамонест, ки дар оинаи шеър дилашро чун офтоб овардааст. Ва ин оина абадӣ дили офтобияшро бо ҷило ва нур ба хидмати халқ равон хоҳад кард. Ҷойи тардид нест, ки Аскар Ҳаким дар адабиёти муқаддаси мо мақоми муҷаллои хешро дарёфт кардааст. Аскар Ҳаким ҷуз шеър гуфтан, мунаққиди тавоною варзида аст. Аз ин рӯ шеъри санҷида ва мондагор дар абадияти адабиёт мегӯяд. Ӯ сухангӯест, ки офтобу гулу гиёҳро, баҳори рӯҳро рӯи дафтари хеш овард ва онро ба хидмати замонҳо вогузошт. Шинохти ин офтобу гулу гиёҳ нигоҳу завқи солим мехоҳад.

Дӯст доштани обу хоки диёр, эҳтирому азиз ҳисобидани ҳар гулу хори кишвар ва шукргузорӣ ба Ватани маҳбуб аз муҳиммтарин ҷанбаҳои шеъри устод Аскар Ҳаким мебошад. Шоир дар шеърҳои ба Ватан ва муқаддасоти он бахшидаи худ вуҷуди худро узви Ватан ҳисоб мекунад;

*Тоҷикистон, обу хокам обу хоки поки туст,*
*Ту маро ҳам ҷои ҷон, ҳам ҷои дил, ҳам ҷои чашм.*
*Ман қадам чун мениҳам, дар зери поям хоки туст,*
*Гарди хокатро табаррук мениҳам болои чашм.*
*Гар касе як гарди ту дар баҳру бар гум мекунад,*
*Ӯ на танҳо гарди хокат, балки сар гум мекунад.*

Қаҳрамони лирикии шеърҳои ватандӯстонаи устод Аскар инсонест, ки гилашро аз обу хоки Ватан сириштаанд:

*Хоки одамро, ки шӯриданд бо хоки Ватан,*
*То абад аз ӯ намегардад ҷудо хоки Ватан.*
*Пур шавад рӯзаш, кашад сӯяш варо хоки Ватан,*
*Баски ҳаст ӯ з-обу хоку оташу боди Ватан.*

Аз ин рӯ, ғаму шодии Ватан ғаму шодии шоир буда, дар ободии дунё саодати худро дармеёбад ва хидмати Ватанро қарзи фарзандии хеш медонад.

Қироати чунин шеърҳо барои бедор намудани ҳисси ифтихору садоқати ҳар фард ба кишвар ҷои тардид надорад, зеро шоир бо қалами равон ва нерӯи сухани сеҳрофарини хеш қалби моро ба шӯр меоварад, вуҷудамонро саршор аз муҳаббати Ватан мегардонад. Дар шеърҳои устод Аскар тасвири ватандӯстӣ бисёрпаҳлу буда, шоир гоҳо барои ифодаи мафҳуми «Ватан» мафоҳими дигарро низ ба таври маҷоз ба кор даровардааст. Чунончи, дар шеъри «Дарё, маро бигир...» вожаи зебои «дарё» барои ифодаи мафҳуми «Ватан» омадааст:

*Дарё шитоб дораду амвоҷ дар бараш*
*Ҳамрозу ҳамдам аст.*
*З-ин умри даргузар ба ман оне, ки мерасад,*
*Танҳо даму ғам аст.*

*Дарёи дардам аз бари сарҷӯи осмон.*
*Огоз мешавад.*
*Чун мерасам ба саргаҳи ғамҳои худ, маро*
*Дамсоз мешавад.*

*Ҳоло агарчи хонаи дарё зи ман ҷудост,*
*Дарёям ибтидост,*
*Дарёям интиҳост.*

Дар ин мавриди мардум ба манзалаи «амвоҷ» тасвир ёфта, ки аз табори дарёст. Таносуби маонии ин мафоҳимро шоир бар он поя устувор кардааст, ки «дарё» дар гӯиши адаби форсӣ тимсоли покиву софӣ будааст ва он аз нигоҳи ниёгони мо муқаддас ҳисобида мешавад.

*Дарё моро бибахш,*
*Дарё моро бибахш, агар модарам туӣ,*
*В-арна, бигӯй, модари ман аз табори кист?*
*Ман мавҷи рондаам, ки зи ту дур мондаам,*
*Дарё, маро бигир,*
*Дарё, маро бибар,*
*Ин шоири ғариб писарандари ту нест.*

Масоили ваҳдату худшиносӣ низ ҷабҳаи ашъори ватандӯстонаи устод Аскар Ҳакимро ташкил медиҳад. Чунончи, дар шеъри «Чӣ кунам?!» шоир таърихи пурфоҷиаи халқи тоҷикро дардолудона ёдоварӣ намуда мегӯяд:

*Мекашиданд якеро чу ба дор,*
*Дигаре чӯбу расан овардем.*
*Амр шуд: Гӯр канед*
*Ва дар он гӯр бимиред ҳама!*
*Гӯр кандему ҳамоно мурдем.*

*Ба сари мурдаи мо ҳеҷ касе гиря накард,*
*Баски ҳар кас ба сари мурдаи худ мегиряд...*

Дар ин як пора шеъри кӯчак сӯзу сози гарони шоиронае нуҳуфтааст, ки ношӣ аз таҳаммули бори ғами миллат аст, гуфтори андакест, ки бори гарони маонӣ мекашад. Эҳсосоти хонандаро ба таҳрик меоварад, мунтаҳо хонандаро сари дуроҳаи андешаҳо қарор медиҳад:

*Чӣ кунам?*
*Боз ба домони сиришк овезам,*
*Ё дигар наъразанон бархезам?!*

Ва мисраи сонӣ, ки роҳи интихобнамудаи хонанда ҳам ҳаст, мақсади шоирро низ ифода намудааст. Он хонандаро на ба тахрибкориву ҷудоандозӣ, балки ба ягонагиву хештаншиносӣ, ҳамияту ҷавонмардӣ ва ифтихору дигар хисолати писандидаи инсонӣ даъват менамояд. Ин мароми шоир ва қаҳрамони лирикӣ аз «наъразанон бархестан» дар рубоии зер равшан ифода ёфтааст.

*Хуш ҳоли диле, ки сӯи дил дар сафар аст,*
*Дил ҷуставу дар мулки Худо дар ба дар аст.*
*Девор задан миёни дилҳо чӣ ҳунар,*
*Девор шикаста, дар кушодан ҳунар аст.*

Шеъри Аскар Ҳаким бо тасвири малеҳу зебо ва дилнишини худ махсусиятеро касб кардааст. Нигоҳи шоир ба ашёву ҳодисоти олам некбинона аст. Дар ашъори ошиқонаи шоир самимияти саршори шоирона ва тасвирҳои шигарф, ки танҳо махсуси эҷодиёти устод Аскар Ҳаким мебошад, ба назар мерасанд. Дар чунин шеърҳо дар баробари фаро гирифтани мазомини нозуки шоирона самимият мақоми аввалро ишғол намудааст. Чунончи, дар шеъри «Шаҳри меҳолуд» мехонем.

*Ба шаҳрак мефуроявад меҳ...*
*Ту гӯӣ бар сари бому дару кӯча*
*Дар ин дам садҳазорон даст дӯшад гови гардунро,*
*Ки дар як он*
*Шавад шаҳрак ба сони хурмаи шире,*
*Ки нашносӣ дигар аз ҳам ту дашту кӯҳу ҳомунро.*

Дар баробари ташбеҳоти дилангез ва таносуби қавии калом дар шеъри мазкур фиқраи ба такрор омада, ифодагари самимияти шеър ва ҳусни баёни равон шудааст. Мукаррар омадани таркиби мазкур дар ҳар банди шеър ҳомили маънии навест; дар як маврид ҳамчун хабар, дар

мавриди дигар чун таъкид омада, ба ҳукми силсилаест, ки аҷзои шеърро ба ҳам мепайвандад.

Бояд гуфт, ки ин ҷанбаи ашъори устод А.Ҳаким ва бахусус, тасвирсозиву маъниофариниҳои ӯ дар ашъори ошиқона хостори баррасиҳои муфассал аст.

Устод Аскар шоирест, ки ба замон ва офаридаҳои табиат нигоҳи некбинона дорад. Қаҳрамони лирикии ашъори ошиқонаи шоир инсони ошиқест, аз қисмат ризо, ки дар осмони гулобиранг ва даштҳои сабзи махмалпӯши орзуҳо шукргузори ғами ширини ишқ аст. Шоир мегӯяд:

*Ончунонам бисиришт Эзиди ин ҷону ҷаҳон,*
*Ки ба ҳар зарраи ман оламе аз ишқи ту аст,*
*Ғайри ширинии дарди ту чӣ орам ба забон,*
*Ки шаби бозпасин*
*Ман ба шукри ғами ишқи ту забон хоҳам баст.*

Фалсафаи зиндагӣ, минҷумла, ҳаёту мамот дар ашъори устод Аскар ҷилваи дигаре дорад. Шоир ба ҳар офаридаи зебо бо диди шоирона ва ба ҳар зуҳуроти номатлуби ҷомеа бо чашми таассуф менигарад, зеро дардҳои ҷомеа нахуст аз дили шоир мегузаранд. Чунончи, дар шеъри «Чӣ эҳсоне», ки ба масъалаи фалсафаи ҳастии инсон бахшида шудааст, шоир ба «чашми кӯдакони гушна» ва «ҷисми ларзони кӯдакони лухт дар таги борон» нигариста, ба фарёд меояд, эҳсони табиат дар сурати барфи сафед, ки тамоми роҳу пайраҳаҳо ва бому кулбаҳои кӯҳистонро сафедпӯш менамояд, аз нигоҳи шоир сиёҳист, ки оламро ба торикӣ мекашад. Шоир рисолати хешро дар сабук намудани бори дилҳо, заҳмати боғбони пир, умеду ормони пирони навмеде, ки аз ёди фарзандони нохалаф рафтаанду ҷуз умеди мурдани осон чизе надоранд, мебинаду ба тасвир мекашад, зеро ин заҳмату машаққатҳои башарӣ дар оинаи дили шоир рӯнамо гаштаанд. Шоир дар таҳайюр аст ва дард мекашад, аз сарнавишти инсон:

*Ки дар подоши он ранҷу машаққатҳо,*
*ки аз дунё кашад инсон*
*Нахоҳад ҳеҷ чизе аз ҷаҳон ҷуз марги осоне.*

Биноан, мисраъҳои охири шеъри мазкур, ки ба тариқи суолу хитоб омадааст, ҳайрати инсонро дар баробари дунёи пурасрор ифода намудааст:

*Чӣ инсоне?!*
*Чӣ эҳсоне?!*

Ва ин калимот маъонии зиёдеро дар худ фаро гирифта; ҳам нидои таҳайюр аст дар баробари сабру таҳаммули инсон, ҳам ифтихор аст, дар баробари рисолати ӯ ва билохира заҳрхандест ба сифлатабъиву дунии чархи гардун, ки дар баробари ранҷу машаққати инсон ба ӯ ақаллан марги осоне эҳсон намекунад. Зимни мафҳуми инсон дунёи пурасрори башар дар назар аст, ки «олами сағир»-аш хондаанд ва аз мафҳуми «эҳсон» ин ҷо мурод олами кабир аст, ки «ҳарфи муаммоест».

Бояд афзуд, ки дар шеъри мазкур мавзӯи ишқу муҳаббат бо фалсафаи зиндагӣ ва ҷавҳари одамият омезиш ёфта, ки он ифодагари тазодҳои ҳаёт мебошад. Дар ибтидо шоир мехоҳад сухан аз зебоӣ, парниёну дуру марҷон гӯяд ва фасонаи ширини ишқ хонад вале қисмати инсон – олами сағир ӯро таи таъсири хеш қарор медиҳад ва ба табйини матолиби ормонӣ раҳнамун месозад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки устод Аскар дар шеъри «Чӣ эҳсоне?!» фалсафаи ишқро бо фалсафаи ҳастӣ ба канори ҳам овардааст ва дар ин ҷода куллан муваффақ шудааст.

Баррасии ҳамаи сувари хаёл дар шеъри устод Аскар Ҳаким дар ҳавсалаи як мақолаи кӯчак имкон надорад, бавижа, корбурди саноеи бадеӣ ва тасвирсозиҳои ӯ дар қолабҳои шеъри нимоӣ таҳқиқоти муфассалеро ниёзманд аст валлоҳу аълам биссавоб.

*Ҷумъақул Ҳамроев,*
*доктори илмҳои филологӣ, профессор, Самарқанд*

# АСКАР ҲАКИМ

Аскар Ҳаким шоир ва мунаққиди шинохтаи тоҷик аст, ки охири солҳои шастуми асри гузашта ба арсаи адабиёт қадам ниҳод ва дар муддати кӯтоҳе миёни хонандагон шӯҳрат пайдо кард... То нашри нахустин маҷмӯааш «Раҳнавард» (1984) хонандагон ӯро «чун яке аз беҳтарин мунаққидони адабиёти муосир мешинохтанд, ки на фақат ҳусну қубҳи шеърро нозук дарк мекард ва сари вақт дилсӯзона вале берӯю риё нишон медод, балки оид ба роли шеър, умуман адабиёт, мавқеи иҷтимоии шоир, санъаткор дар ҷамъият, дар ҳаёти маънавии инсон изҳори ақида менамуд» (Д. Бақозода. Нависанда ва идеали замон.- Душанбе: «Адиб», 1987, с. 123-124).

Фаъолияти адабиётшиносӣ ва мунаққидии Аскар Ҳаким ба тадқиқи масъалаҳои назми муосири тоҷик, анъана ва навоварӣ ва таҳқиқи ҳунари шоирии шоирони ҷудогона рабт мегирад. Дар ин замина ӯ соли 1978 рисолаи «Шеър ва замон»-ро нашр кард ва дар он масъалаи ворисияти таърихиро дар партави мушкилоти хусусиятҳои замон ва тарзу усулҳои тасвири инсон ва эҳсосоти вай ба андеша гирифта, навоварии таркиби сухан ва образ, услубу жанрҳо ва поэтикаи шеъри муосирро дар мисоли эҷодиёти М. Турсунзода, М. Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, А. Шукӯҳӣ, М. Қаноат, Кутбӣ Киром, Лоиқ ва дигарон нишон медиҳад. Ин рисолаи ӯ дар боби вазъи шеъри муосири тоҷик сухани тоза ва пурарзиш буд. Баъдтар маҷмӯаи дуюми мақолаҳои ӯ бо номи «Дар қаламрави сухан» (1982) ба чоп расид, ки як силсила мақолаҳои муаллифро доир ба вазъи адабиёти муосири тоҷик, аз ҷумла равандҳои инкишофи шеър, накди адабӣ ва эҷодиёти шоиру нависандагони ҷудогона, аз ҷумла

Раҳим Ҷалил, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир дар бар мегирифт.

Мақолаҳои танқидӣ ва чеҳраҳои адабӣ, ки Аскар Ҳаким чоп кардааст, бо вусъати чашмандоз ва амиқтар шудани назари танқидӣ фарқ доранд. Мақолаҳое, ки ин мунаққид дар бораи шеъри муосир навиштааст, танҳо бо баёни мазмун ва ғояи ин осор маҳдуд намешаванд. Вай кӯшидааст, ки ба олами ботинии асари шеърӣ, ба олами фикру ҳиссиёти шоир, ба масъалаи хусусиятҳои хоси зоҳиршавии шахсияти шоир сар фурӯ барад. Дар ин замина мақолаҳои ӯ «Обшори шеър» – доир ба эҷодиёти Мӯъмин Қаноат, «Даҳ сол ва чаҳор нигоҳ» – дар атрофи маҷмӯаҳои Лоиқ «Нӯшбод», «Хоки Ватан», «Марди роҳ» ва «Бӯи гули хор», ки шеъри Бозор Собирро арзёбӣ кардаанд, дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии тоҷик ҳарфи бавазн ва арзишманд ҳастанд.

Аскар Ҳаким ҳарчанд то имрӯз аз навиштани мақолаҳои илмии адабиётшиносӣ ва танқидӣ даст накашида бошад ҳам, шеър ҷузъи аслии фаъолияти адабии ӯ қарор гирифтааст. Маҷмӯаи нахустини шеърҳояш ва истиқболи гарми нақди адабӣ аз он далолат мекард, ки Аскар Ҳаким аз рӯи ҳавас ба шеъргӯӣ оғоз накардааст. Назари воқеъбин ва шоирона ба зиндагӣ ӯро ба гуфтани шеър водоштааст. Аз ин ҷиҳат тасодуф ҳам набуд, ки шеърҳои маҷмӯаи аввалинаш дар матни воқеияти даври муаллиф гуфта шуда, бештар моҳияти иҷтимоӣ доштанд. Ба ифодаи дигар, шеърҳои дар ин давра гуфтаи Аскар дар васфи инсон ва сифатҳои неку ҳамидаи он буд. Муаллиф бештар ба моҳияти зиндагии инсон таваҷҷуҳ кардааст.

Ба ифодаи Ҷ. Бақозода, «Аскар Ҳаким бо мавзӯъ ва сабки хоси хеш ба адабиёт дохил шуд» (Ҷ. Бақозода. Нависанда ва идеали замон, с. 129) ва дар ин роҳ ҷиддан меҳнат карда, имрӯз ҷойгоҳашро ҳамчун шоир низ муайян намуд. Маҷмӯаҳои минбаъд нашркардаи ӯ, аз ҷумла «Тарозуи офтоб», «Рӯзи умед», «Шаҳри меҳолуд», «Баргпайванд», «Илтиҷо аз уқоб», «...Боз мерасад хуршед», «Санги ман – алмос», «Мунтахаби ашъор», «Замини сабзи

боварҳо», «Ба саломи шукуфаҳо» баёнгари заҳмати бардавом ва босамари ӯ дар ҷодаи шеъру шоирӣ мебошанд.

Садоқати ӯ ба суннатҳои неки адабиёти форсии тоҷикӣ ва шуҷоати навпардозиҳояш хатти сабзест дар лавҳаи навбаҳорони шеъри тоҷик. Ин хусусияти ҳунари шоирии ӯро мушоҳида карда, донишманди афғонистонӣ Ғулом Сахии Ғайрат навиштааст: «Ман мехоҳам аҳсант гӯям ба шоире, ки суннати шеъри бузурги форсиро, ки дар он сухан на танҳо сухани олист, балки гӯё сухани илоҳист ва хидмат ба рӯҳу равони одамӣ мекунад, идома медиҳад. Аз ин нуқтаи назар достони Аскар Ҳаким (манзур «Санги ман – алмос») достони хеле олист ва суханони он қудсӣ ва дар айни замон сурурбахшанд. Дар он ҳаёт бо тамоми пуррагию паҳновариаш ҷӯш мезанад» (Маҷаллаи «Помир», №1-6, 2000, с. 129).

Аскар Ҳаким шеърашро дар қолаби ғазал, маснавӣ, қитъа, чаҳорпора, дубайтӣ ва рубоӣ мегӯяд. Дар ин миён бо шеърҳое вомехӯрем, ки ба тарзи нимоӣ ё худ «шеъри озод» низ сурудааст. Шеъри ӯ аз ҷиҳати мундариҷа ва шакл хусусиятҳои хосе дошта, чеҳраи шоириашро муайян мекунад.

Дар фарогирӣ ва баёни мазмуну муҳтаво Аскар Ҳаким равиши хоси эҷодӣ дорад. Ин равишро тамоюл ва пойбандии ӯ ба мавзуъҳои иҷтимоӣ мушаххас месозад. Аз ин ҷиҳат агар ба шеъри шоир назар андозем, мебинем, ки вай дар баробари мазмунҳои иҷтимоиву ошиқона ашъоре дар ситоишу ҳурмат ва бузургдошти ватану миллат ва шукӯҳу шарофати мардуми тоҷику Тоҷикистон низ сурудааст. Вай дар ситоишу аҳаммияти Наврӯз васфи баҳор, русуму оинҳои бостонӣ, рисолати шоир дар ҷомеаи инсонӣ, озодагӣ ва ворастагӣ, хушбахтӣ ва сарафрозӣ, нафрат аз ҷанг, душманӣ, хашму кин, дурӯғу дурӯягӣ, масоили инсондӯстӣ, ситоиши зан ва ғайра низ шеърҳои зиёде эҷод кардааст.

Дар ин гуна шеърҳо бо ироаи тасвирҳои табиӣ аз унсурҳои табиат, ба таъбирҳову тафсирҳо ва натиҷагириҳои иҷтимоӣ, ишқӣ, ахлоқӣ ва хулосаҳои хоси зеҳнии худ мепардозад.

*Эй башар, ман раҳини фардоят,*
*К-ин чӣ бахтеву ин чӣ иқболест.*
*Гарчи хокӣ туӣ вале ҷоят*
*Дар миёни ситорагон холист.*

Андешаҳои шоир дар ин шеър пойбанди маънавияти умумибашарӣ ва инсон аст. Маънавиятест, ки бо тарзҳои гуногун дар дигар шеърҳои шоир низ ба назар мерасад. Рамзи авҷу камоли ҳар амреву ҳар чизеву ҳар касе, ситораву Каҳкашону осмон, аршу фалак ва самову чарх аст. Ин маъниҳоро дар пораи зерини шеъри «Авҷи ишқ» ҳунармандона хулоса кардааст.

*Ман баландат зи арш биншонам*
*Каҳкашонро ба пойи ту резам…*
*Бишнавӣ набзи дашти ҳомунро,*
*Ки фалаксайру ишқоҳанг аст.*

Аскар Ҳаким шеъре дорад бо номи «Замини сабзи боварҳо» ва унвони яке аз маҷмӯаҳояш низ бо ин шеър ҳамном аст. Ин шеърро шоир дар ситоиши ватанаш гуфтааст. Дар нигоҳи шоир на фақат шоирону бузургони ин сарзамин, балки худи ин диёр низ ба воситаи вуҷуди уламову удабо, бузургони гузаштаву муосир осмонест ва ин ватани кӯчак бо маънавияте, ки дорад, фарохиҳои бузурги маънавӣ ва қудсиро ба вуҷуд овардааст.

Вай дар бораи сарзамини модариаш бо муҳаббат ва самимият менависад:

*Ҳарф мехоҳам занам аз сарзамини хеш,*
*Ҳар чӣ мегӯям, вале з-ин хок ҳарфи осмон ояд.*
*Баски ин марзи гаронмоя, ки мояш пой мемонем,*
*Дигаронро Каҳкашон ояд.*
*Шоиронаш ҳам бад-ин ваҷҳ осмонианд,*
*Гарчи рӯи ин ҷаҳон худруй месабзанд,*
*Онҷаҳонианд.*

Дар гуфтани ин шеър шоир ҳунар менамояд ва кишварро мухотаб қарор дода, ормони дили пурмуҳаббаташро бо Ватан ҳамроҳ мебинад.

Шоир дар баъзе шеърҳояш фоҷеаро ба тасвир мекашад, назар ва хулосаашро наменависад. Баҳо дар худи воқеа нуҳуфтааст ва хонанда аз он натиҷа мегирад. Дар манзумаи «Имони саг»:

*Хунчакон омад ба пеши пойи ӯ,*
*То ба пойи ӯ бимолад чашму рӯ,*
*Дар ҳамин имони худ ҷон дод саг,*
*Соҳибаш бар марги ӯ овард шак.*
*Бори дигар тир зад бар синааш,*
*Тир зад бар дӯсти деринааш.*
*Монд дашту монд имону шаке,*
*Монд тиру монд инсону саге.*

Тасвири ин фоҷеа ҳикмати дерумри «ҷавоби некӣ бадист»-ро ба ранги дигар зинда мекунад. Донишманди эронӣ Алиасғари Шеърдӯст ин шеърро аз ҷумлаи беҳтарин шеърҳои муосир медонад ва таъкид мекунад, ки шоир бо ҳунари офаридани ҳолати фоҷеавӣ, нишон додани хулқу хӯ ва бе ҳеҷ сухане маҳкум кардани ахлоқи ношоиста, ки ҳосили манфиатҷӯист, шеъри худро дар радифи ашъори мондагори классикӣ қарор медиҳад. Алиасғари Шеърдӯст меафзояд: «Ва гоҳо саъдивор каломи хешро дар хидмати танбеҳу огоҳии инсон мегирад ва вайро аз лағзишҳову бемеҳриҳову номардиҳову номуродиҳо огоҳӣ медиҳад ва ҳақ ин аст, ки ин бахш аз ашъори Аскар Ҳаким дар зумраи беҳтарин сурудаҳои вай ба шумор меравtotal. Намунаи ин гуна ашъор манзумаи «Имони саг» аст, ки бо ниҳояти зебоӣ ва устодӣ суруда шуда...» (Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким. Интишороти байналмиллалии «Алҳудо», 1373 (1994). Алиасғари Шеърдӯст. Муқаддимаи ношир, с. «дол»).

Назари ҳикматшиносии Аскар Ҳаким дар «Достони Нону Имон» низ равшан зоҳир шуда буд. Ин достон аз ёздаҳ

боб иборат буда, бар воқеияти ахлоқие асос ёфтааст, ки поядори зиндагӣ ва ҳастии ҷисмонӣ ва маънавии инсон аст. Чанд байти даромади достонро ба сарнавишти наслҳое талмеҳ мезанад, ки «суфраи модар»-ро надидаанд, бе модар дар канори дигарон парвариш ёфтаанд. Шоир бо ҳасрат менависад:

*Суфраи момо маро чун кард бе модар калон,*
*Доштам чун суфраи модар гиромияш ба ҷон.*
*Лек мехоҳам ба ҷону дил, ки ҳар тифли ҳабиб*
*Ҳеҷ гаҳ аз суфраи модар намонад бенасиб.*

Достон қиссаи манзуми пурдардест дар боби қадри нон, фоҷиаҳое, ки аз дасти балои гушнагӣ ба сари инсоният омадааст. Хулосаи достон дар ин байт ба сароҳат баён шудааст:

*Нон набудаст аз азал танҳо ғизои одамӣ,*
*Нон чу имон будаасту ҷонфизои одамӣ…*

Ба қавле «саросари осори Аскар Ҳакимро мисраъҳои ифодагари муҳаббати муқаддас ва олӣ фаро гирифтаанд, ки он муҳаббати фарзандию падарӣ, зану мард, муҳаббат ба халқи хеш ва ба инсоният, ба тамоми ҳастӣ ва ба Офаридгори оламҳо мебошад».

Рисолати шоирро Аскар Ҳаким дар он дидааст, ки вай ба василаи шеър барои сафо ва улвияти рӯҳи инсон мадад кунад. Ҳамин ҳадаф ҷанбаи башардӯстии ашъори ӯро тақвият бахшида, диққати ӯро бештар ба ҳастии таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон ҷалб кардааст.

Мавзӯи Ватан, ҳуввийяти миллӣ ва аносири муҳимми фарҳанги миллат ҷавҳари андешаи шоиронаи ӯро ташкил медиҳад. Дар ин замина шоир шеърҳои зиёде гуфтааст. А. Ҳаким Ватанашро поядори ҳастии миллат медонад ва забони тоҷикиро ҳамчун намоди ҳувийяти миллӣ тавсиф

мекунад. Дар шеъри «Тоҷикистон» мо чунин сатрҳоро мехонем:

*Тоҷикистон, обу хокам обу хоки поки туст,*
*Ту маро ҳам ҷои ҷон, ҳам ҷои дил, ҳам ҷои чашм.*
*Ман қадам чун мениҳам, дар зери поям хоки туст,*
*Гарди хокатро табаррук мениҳам болои чашм.*
*Гар касе як гарди ту дар баҳру бар гум мекунад,*
*Ӯ на гарди хоки покат, балки сар гум мекунад.*

Дар шеъри «Забони тоҷикӣ» сарнавишти забонро ба ҳастии таърихӣ ва фарҳангии халқ пайваста, ба чунин хулосаи муҳимм меояд:

*Ман зи таърихи башар дарёфтам ин нуктаро,*
*Гар забони халқ мирад, зинда мирад хосу ом.*
*Бо забонаш сар шавад таърихи авлоди башар,*
*Бо заволи вожааш таърихи ӯ гардад тамом.*

Вале вақту замон ҳодисаҳоеро ба роҳ мемонад, ки боз ҳам тарҳи тозаи шеъри Ватанро дар тасаввури ӯ меандозад ва рӯйи қоғаз меояд. Ба ифодаи дигар, «ёд кардан аз фоҷеаҳое, ки ба сари кишвари ӯ овардаанд, ҳар қадар дарднок, оид ба шароити носозгори вазъи имрӯзаи иҷтимоӣ андешидан ҳар қадар душвор бошад ҳам, ӯ тавонистааст аз манфиатҳои маҳдуди сиёсӣ ва даъвоҳои шахсӣ фаротар равад». Дар ин матн ӯ дар бораи манфиати инсон ва башарият меандешад. Дарди ӯ шахсӣ нест, ғамаш ғами инсон аст. Дар ин замина метавон шеърҳои «Чӣ эҳсоне?!», «Шаҳри меҳолуд», «Имон», «Мерос», «Хазони умр», «Чароғи дур», «Аспи кишанбанд», «Камарбанди куҳистон», «Шеъри хундори ман гиряд», «Сарви сабзу тути хушк», «Чӣ кунам?!»-ро ном бурд, ки шоир дар онҳо аз дард суҳбат мекунад.

Муҳаммадалии Аҷамӣ дар бораи яке аз ин шеърҳо – «Чӣ кунам?!» навишта буд, ки «ин шеър аз сарнавишти миллат, аз таърихи миллат, ранҷҳои миллат бар мо мегӯяд...

Шеър аз аввал то охир як ҳуҷҷат аст, ки тоҷик дар масири таърих чӣ гуна зистааст, чӣ гуна аз нобудӣ худро ҳам ҳифз кунад ва ҳам бисозад» (М. Аҷамӣ. Нигоҳе кӯтоҳ ба қомати баланди шеър //«Адабиёт ва санъат», 16-уми июли соли 2009, с. 14). Дарди дигаронро дарди худ шинохтан аз афзалияти дигари маънавии ин шеър аст. Ин шеърро дар маҷмӯъ метавон марсияе дар сари турбати орзуҳои мурдаи башарият донист, ки хеле пуртаъсир ифшо шудааст:

*Мо гиристем,*
*Вале бар ами мо хандиданд,*
*Уфтодем,*
*Вале бар сари мо по монданд.*
*Мо ба онон ҳама аз хонаи худ ҷо додем,*
*Мардуми хонагадо хонахудоро ронданд.*
*Лек моро ба дари хонаи худ*
*Ҳеҷ кас роҳ надод....*

Мавзӯи дарди миллат дар шеъри Аскар Ҳаким маҳдуд намешавад. Назари ӯ дар ин равиш амиқ ва пурвусъат аст. Масалан, дар шеъри «Мерос» шоир ба он дардҳо ва захмҳои миллат таваҷҷуҳ кардааст, ки дар даҳсолаи аввали асри гузашта миллатгудоз будаанд. Шоир фоҷеаи ҷисмонӣ ва маънавии ба сари миллат омадаро ба таври воқеӣ ва мушаххас дар мисраъҳои зер таҷассум кардааст, ки таъсиргузоранд:

*Деҳаи мо сабз буд дар пойи кӯҳ,*
*То варо созанд дигар,*
*Аввалаш карданд хокистар.*
*Боз он тире, ки бояд бар тани бобом мерафт,*
*Аз хато бархӯрд бар кӯҳ,*
*Пай бишуд дар санг пайдо.*

Дар ин шеър ва бисёр шеърҳои дигари Аскар Ҳаким масъалаи маргу зиндагӣ пайванд бо сарнавишти миллат ва фарзандони он арзёбӣ шудааст. Дар ин замина аз шеъри «Ниёиш бар сари турбати Лоиқ» метавон ёд кард, ки дар

фаҳмиши шоир марги ҳунарманд ҳамчун идомаи ҳаёти ӯ ва меросбарии маънавии наслҳои баъд маънидод шудааст. Дар ин шеър номҳову истилоҳоту унвонҳо фақат номбардори Лоиқ нестанд, балки ба ин маънӣ таъкид доранд, ки Лоиқ дар замини холие наруст ва дигарон низ аз ӯ баҳра бурдаву хоҳанд бурд. Шоир тавонистааст, ки зиндагии маънавии Лоиқро ҳунармандона тасвир кунад.

Масъалаи маргу зиндагӣ дар бисёре аз шеърҳои шоир, аз ҷумла «Зиндагӣ бозтоби тақдир аст», «Чӣ эҳсоне?!», «Дарё, маро бигир!», «Интихоб», «Умеди паси девор» як силсила рубоиву дубайтиҳо, достонҳои «Достони Нону Имон» ва «Санги ман – алмос» бо дидгоҳҳои гуногун арзёбӣ шудааст. Шоир бо он эҳсоси тунду тез ва хунгармие, ки дар сиришташ аст, мушоҳиди бетарафи воқеияти зиндагӣ нест, балки майдони зиндагӣ барои ӯ ҷойи санҷидани қудрат, фаъолият ва мубориза барои пирӯзии инсон бар ҳама мушкилот ба хотири пирӯзии некӣ бар бадист, нур бар зулмат ва адолат бар разолат аст. Рубоии зерин ифодагари андешаи ҷомеи ӯ дар ин замина мебошад:

*Умрат ба масал агар чу дастовез аст,*
*Некаш нигарӣ, ба роҳи Ҳақ маҳмез аст.*
*Ҳоло накунӣ ба роҳи Ҳақ растохез,*
*Ҳар рӯзи пас аз марги ту растохез аст.*

Зиндагӣ барои қаҳрамони лирикии шоир ба ҳадафҳои волояш арзиши ҷовидона дорад. Дар ин равиш шоир чигунагии маргро бо мақсуди зиндагӣ вобаста медонад. Агар муборизаи инсон барои адолат нест, пас худфидоӣ арзише надорад. Аз ин назар дар шеъри «Интихоб», ки оғозаш ба афсона шабоҳат дорад, ровӣ ними умри сипардаашро ёд карда, дар дуроҳае қарор мегирад ва зеҳнияташ пойбанди андешаҳои зер аст:

*«Равию боз гардӣ, лек бемақсуд»,*
*«Равию барнагардӣ, нек бомақсуд».*
*Ду хат сӯйи ду роҳи саъб ишорат дошт бепарво.*

Ин гуна шеърҳо арзиши ахлоқӣ дошта, хонандаро барои сазовор зистан ҳушдор медиҳанд. Шоир дар тулӯъ ва ғуруби зиндагии инсон маъно ва моҳият меҷӯяд. Аз ин назар шеъри «Зиндагӣ бозтоби тақдир аст» ҷолиб мебошад. Дар ин шеър ҳарчанд шоир нақши тақдир, яъне қазову қадарро дар зиндагии инсон инкор намекунад, аммо дар ӯ на итоату коҳилӣ, баръакс иродаи талошу мубориза ва фаъолиятро бедор ва қавӣ месозад, то ҷое, ки ҳарфҳояш қатъият касб мекунанд: туро агар зиндагӣ бо ҳазор макру фиребаш асир карданӣ бошад, ту бояд аз он раҳоӣ ёбӣ ва роҳеро, ки барои номҷӯӣ, яъне осори нек аз худ гузоштан интихоб кардаӣ, бояд идома диҳӣ, зеро:

*Пой дар банд, роҳ беохир,*
*Тӯли раҳро нигоҳ медонад.*
*Раҳраверо зи роҳ бардоранд,*
*Ғам махӯр, тарҳи роҳ мемонад.*

«Тарҳи роҳ» дар тафаккури бадеии Аскар Ҳаким идомаи бонатиҷаи зиндагист. Нақше, ки инсон аз худ боқӣ мегузорад. Ба ифодаи дигар, шоир зиндагиро майдони фаъолияти огоҳона ва мондагор медонад.

Аскар Ҳаким ба зиндагӣ ва ҳаводиси он назари шоирона дорад. Барои ӯ дар зиндагӣ чизе нест, ки ангезаи шеърӣ надошта бошад. Ба ифодаи дигар, ҳатто касифтарин зуҳуроти ҳастӣ метавонад ба тақозои мазмуну муҳтаво ба шеър кашида шавад ва ҳатто мутавои шеър бошад. Ӯ дар шеър ба зоҳири зебоиҳо таваҷҷуҳ надорад. Зебоиро аз воқеият, ашё ва ҳодисаҳо меҷӯяд. Шоир дар чаҳорпораи тамсилии «Дарахти арчаи кӯҳам...» инсони ормониро ба дарахти побарҷои коҷе ташбеҳ мекунад, ки ҷои рӯиши ӯ на дар саҳни дарбор, балки баландии кӯҳ аст. Ин дарахт аз ҳаводиси ба сараш меомада наметарсад ва шохаҳояш дар баробари ҳар насиме сар ҳам намекунад, балки такягоҳу дастгири касонест, ки роҳ ба қуллаҳои баланд меҷӯянд ва

решаҳои ин дарахти рамзӣ барои устувории замини сабзи диёраш бо сахтӣ ба хок панҷа задааст. Чунончи:

*Дарахти арчаи кӯҳам, на сарв дар лаби ҷӯй,*
*Маро ба қомати маъшуқагон шабоҳат нест…*
*Маҳалли рӯиши ман нест саҳни дарборе,*
*Ки оварам ба насиме ба сӯйи он таъзим...*
*Ба решаҳои амиқам ба хок панҷа занам,*
*Ки устувор бидорам замини сабзи диёр.*

Дар тавзеҳи фалсафаи ин шеър файласуф Мӯсо Диноршоев навиштааст: «шеърест, ки масъалаи мақоми инсонро дар ҷомеа бо отифитарин шакл ва сурату забони муносиб ба маърази андеша мегузорад, ки дар назари аввал гӯё ба фалсафа ҳеҷ иртиботе надорад, аммо дар он ба ғайр аз масъалае, ки қайд кардам, боз масъалаи пайванди инсону табиат бисёр моҳирона ба воситаи ташхисонидани арча ё дақиқтараш, ба арча табдил ёфта, аз номи он сухан гуфтани шоир таҷассуми бадеии худро ёфтааст» (М. Диноршоев. Бозтоби фалсафа дар шеъри Аскар Ҳаким. -Душанбе: Дониш, 2012, с. 3).

Тавсифи робитаҳои инсону табиат ва ашё дар бисёр шеърҳои Аскар Ҳаким ҷойгоҳи хос дорад. Ин хусусияти шеъри ӯро Алиасғари Шеърдӯст чунин тавзеҳ додааст: «Гоҳ хешро бо аносир ва ашёву падидаҳои табиӣ ҳамзабон месозад ва бо онҳо дармеомезад ва ин гиреҳхурдагӣ чунон бо устодӣ ва маҳорат сурат мегирад, ки хонанда амиқан аз он мутаассир мешавад. Шеъри «Дарё, маро бигир...» дар зумраи ин гуна офаринишҳои шоир ба шумор меравад» (Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким. Интишороти байналмилалии «Алҳудо», 1373, с. «дол»).

Мо дар боло аз «Достони Нону Имон» мухтасаран сухан кардем. Аскар Ҳаким бо номи «Оинаву қайроқу шона» низ манзумае дорад. Шоир дар ин асари рамзӣ аз мардуме ёддошт медиҳад, ки дар «даҳри кажоинон» расму оини ҷавонмардиву родиро фаромӯш кардаву дар хоби ғафлату нодонӣ фурӯ рафтаанд ва мебояд онҳоро аз ин хоби

бехабарӣ бедор кард, то битавонанд фарзандонашонро ҷиҳати ояндае рушан раҳнамо ва раҳкушо бошанд.

Тарҳу фазойи ин манзумаи тамсилӣ чунин аст, ки чобуксавори ҷавону диловар (зохиран инсони ормонӣ) тухми дарахти нуру биноӣ (рамзи басират ва бедорӣ)-ро аз зери болини деви хоб (намоди бехабарӣ ва ғафлат) барои дармони чашмони нобинои падараш (сарвари хонавода) мерабояд. Деви хоб ҷиҳати асир кардани ӯ се бор каманд меафканад ва шаҳсавор дар ҳар мартаба оинаву қайроқу шонае ба тарафи дев партоб мекунад, то оина дарёи пуртуфон ва қайроқ кӯҳи сарбафалаккашида ва шона ҷангали махуф гардида, садди роҳи дев шаванд. Вале дев ҳар бор фотеҳона аз дарёву кӯҳу ҷангал мегузарад:

*Меравад чобуксаворе тундтар аз бод,*
*Мепарад мавҷи шарор аз наъли сумҳои саманди ӯ...*
*Мебарад дар ҷайби худ тухми дарахту нуру биноӣ,*
*К-аз таҳи болини деви хоби бадҳайбат рабудаст он,*
*То падарро чашми нобино кунад дармон.*

Ривояти охирини манзума нишон медиҳад, ки деви зиштию хоб тухми дарахти нуру биноиро аз онон duздидааст, куллан барбод рафтааст:

*Худ вале он дев*
*деви ҷангали анбӯҳи зулмонист,*
*Ки тавонад з-он биёяд дарзамон берун.*
*Лек ҳайфо,*
*З-ин агар чобуксавори род огаҳ нест…*

Дигар аз достонҳои Аскар Ҳаким «Санги ман – алмос» мебошад, ки аз ҷониби муҳаққиқон ва алоқамандони адабиёт баҳои баланд гирифтааст. Мӯсо Диноршоев ин достонро дар боби дарки фалсафии зиндагӣ намунаи болотарини шеъри муосир донистааст. (М. Диноршоев. Ҳамон асар, с. 8). Темур Зулфиқоров онро «достоне шаффофу булӯрин, тозаву тар» тавсиф карда, меафзояд:

«Бешубҳа, достони нави Аскар Ҳаким на танҳо сухани тару тозае дар шеъри тоҷик, балки умуман дар шеър мебошад». Шоира ва мунаққиди рус Искра Денисова менависад, ки «шояд, хусусияти ба худ хоси достон аз он иборат бошад, ки ҳар мисраи он аз ақоиди пантеистӣ-ягонагии Худованду табиат саршор аст, ки эҳтимол аз таълимоти Зардушт, аз Суғди бостон сарчашма мегирад. Ин пантеизм заминаи асосӣ, пойдеворест, ки дар болои он бинои ҷустуҷӯҳои маънавии шоир бунёд мешавад. Доираи ҷустуҷӯҳои маънавии шоир хеле фарох аст ва он ҳамаи дину мазҳабҳоро фаро мегирад. Ва дар айни ҳол тафаккури ӯ аз ҳамаи ин дину мазҳабҳо мағзи онҳо – адолат, инсоф, пиндори нек ва албатта, муҳаббат ба ҳамаи мавҷудият ва пеш аз ҳама муҳаббат ба инсонро ба оне, ки ба китфони то хуншоршавӣ хурдашудаи хеш осиёсанги зиндагиашро мекашад, интихоб карда мегирад. Ба назари ман, чунин менамояд, ки ин гуна ифодаи фавқулоддаи зебоӣ, тавоноӣ, қудрати маънавии олӣ, фарҳанги олӣ аз решаҳои асили бостонӣ, бутпарастӣ, зардуштӣ, ҷавҳари табиӣ ва модарзодӣ ба вуҷуд омадааст» (Маҷаллаи «Помир», 2000, № 1-6 с. 126).

Арзёбие, ки аз ин достон шудааст, ҳам ба муҳтавои он дахл дорад, ҳам ба ҳунари шоирии соҳибаш, яъне ин асар дар муҳити адабӣ «ҳамчун як падидаи мутлақо нав» (Станислав Золотсев) пазируфта шудааст.

Аскар Ҳаким дар ин асар масъалаҳои робитаи фарду ҷомеа, маргу зиндагӣ, имрӯзу фардо ва ғайраро ба муҳокима кашидааст. Воқеияти достон бо ёрии тахайюл ва рамзу маҷоз ба таври дилчасп баён гардидааст.

Дар оғози достон шоир ба моҳияти ҳастии инсон диққат ҷалб мекунад, вуҷуди ӯро бо табиат тавъам ва ҷудонопазир таъбир мекунад. «Санги ман – алмос» бо фаро гирифтани масъалаҳое, аз қабили инсону табиат, инсону инсоният, адолату разолат, ишқу муҳаббат ва нафрату адоват, озодию асорат достонест, ки барои ҳамеша бо афкор ва андешаи тоза диққатангез хоҳад монд, зеро бо гузашти замон масъалаҳои зикршуда кӯҳна намешаванд ва хонанда барои эҳтиёҷи маънавии худ аз он раҳнамоиҳо хоҳад дид.

Ин достонро воқеан ҳам метавон ба унвони симфонияи зебои зиндагӣ пазируфт, зеро дар он зуҳуроти гуногуни ҳаёт бо суханони самимӣ ва хаёлангез тасвир шудааст. Тасвир шоирона, тоза ва пурмаънист. Байтҳои зер намунаи волои тарзи нигориши Аскар Ҳаким мебошад:

*Дӯст дорам фаварони гули шафтолуро,*
*Ишқи занбӯри асалро ба арӯси гули себ,*
*Ки ба як бӯсаи ширин кунадаш обистан*
*Ва ман обистани гулро*
*ба қалам об диҳам,*
*То ки дар дафтари ман шохаи себ орад бор.*

Ин тасвири шоиронаи зуҳуроти ҳаёт аст, ки сарчашмаи ҳамаи зебоиҳо будани онро таъкид мекунад. Ишқ низ дар андешаи шоир зуҳуроти бемонанди зиндагист. Шоир дар достон ишқро ҳамчун навъи эҳсоси поки инсонӣ тафсиру таъбир мекунад, ки тарзи бархӯрди ӯ тоза ва бесобиқа аст.

Масъалаи дигаре, ки шоир дар достон баён кардааст, тарзу тариқи дарки озодӣ мебошад. Дар ин замина шоир тамсили се мурғро меоварад, ки яке дар қафас асту обу донаш таъмин аст, дигаре озод асту барои дарёфтани обу дона ҷонаш ҳар лаҳза дар хатар аст, ниҳоят савумӣ чунон аз талошҳо хаставу дилзада шудааст, ки ҳатто дигар озодиву парвозро аз ёд бурдааст. Шоир ба суоли «Чист дар ҳасрати он мурғи қафас?» посух намедиҳад ва андар ин боб андешиданро ба ихтиёри хонанда вомегузорад. Вале як талмеҳе ба беболии шутурмурғ маъниро ошкор мекунад, ки талмеҳ ба озодӣ аст.

Аскар Ҳаким дар шеъри муосири тоҷик симои хоси худро дорад. Вай дар шаклҳои дигари шеърӣ, аз ҷумла ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ низ мавзӯю масъалаҳои муҳимми зиндагиро бо камоли ҳунармандӣ тасвир ва баён кардааст, ки арзиши бузурги маънавӣ ва зебошинохтӣ дошта, саҳифаҳои рангини таърихи адабиёти навини тоҷикиро зеб медиҳанд.

*Умар Сафар,*
*доктори илмҳои филологӣ, профессор*

# ДАР ҚАЛАМРАВИ ШЕЪРИ ҶОДУЙӢ

Ҷомеаи адабии мо дар соле, ки гузашт, шоҳиди падидаҳои тозаву шоистаи пуршуморе буд, ки намунааш интишори «Маҷмӯаи осор»-и шоири арҷманд Аскар Ҳаким дар ҳафт ҷилд маҳсуб мешавад. Нашри осор бо сифати аъло тавассути нашриёти «Ношир»-и шаҳри Хуҷанд сурат гирифтааст. Ҳафт ҷилд замоне манзури ҳамватанони гиромӣ гардид, ки холиқи он аз сарҳади хушоянди ҳафтодсолагӣ гузаштаанд. Маҷмӯъаро бо иқрори худи шоир шояд тавонист, мунтахаби осор номид, чун ҳама сурудаҳову офаридаҳои эшонро фарогир нест. Вале дар ҳар сурат аз синаи ин марз метавон ба масири офаринандагии як ҳунарманд назари муҳаққиқона афканд. Зиндагии як шоир, ҳунарвар мардум зиндагии хусусӣ, фардӣ нест, балки омезае аз воқеияти асру ҷомеаи ӯст. Вуруд ба ҳарими эҷодии як ҳунарманд дидор бо шебу фарози таъриху фарҳанги як қавм аст, шинохти дарду ранҷҳо, бурду бохтҳо, омолу орзуҳои мардуме аст, ки шоир ҳамдӯшу ҳамканори онҳо ба сар бурда, шодиву ғам, шикасту боландагии хешро бо онҳо қисмат намудааст.

Маҳзи хотири ин тамошои дидаҳову андӯхтаҳо ва офаридаҳои устод Аскар Ҳаким дар кохи баланди ин «Маҷмӯа…» амрест хостаниву судманд. Ба касе пӯшида нест, ки ҷойгоҳи Аскар Ҳаким дар адабиёти муосири тоҷик ниҳоят боризу барҷаста аст. Мавсуф беш аз чаҳор даҳсола аст, ки бори сангини суханро ба дӯш дорад. Эшон дар радифи суханофарин будан, сухансанҷу муҳаққиқи мумтози ҷомеаи муосири мост. Адабиёти имрӯзи мо шоирони зиёдеро дар оғӯш парваронида, вале шоирони муҳаққиқу пажӯҳандаи мо ангуштшуморанд. Ноқидони шеъри муосири тоҷик низ кам нестанд. Вале ба андешаи инҷониб ҳеҷ яке ба андозаи Аскар Ҳаким дар шинохти таҳаввулу дигаргуниҳое,

ки дар домани замон дар бистари шеъри имрӯз ба вуҷуд омада, пажӯҳишу ғавр накардааст. Нақши ӯ дар маърифати ҷараёнҳои тозаи шеър, баррасии сурудаҳои шоирони таъсиргузор, заминаҳои таҳаввулу навовариҳо дар адабиёт ниҳоят чашмгир аст. Дар атрофи бархе аз вижагиҳои фаъолияти таҳқиқии мазкур баъдан сухан хоҳем гуфт. Аммо нахуст муносиб аст, чанд нукта перомуни низоми тадвини «Маҷмӯа…» зикр гардад.

Ҷилди аввалу дувуми он фарогири сурудаҳои шоир дар имтидоди замон аст. Дар ҷилди нахуст аз даҳ дафтари пешин, ки солҳои мухталиф ба табъ расидаанд, ашъори баргузида манзур гардидааст.

Ҳарчанд таърихи иншои шеърҳо равшан нест, вале матни ҳар сурудае баёнгари ҳолу ҳавои хеш, вазъи хоси рӯҳиву равонӣ ва ба гунае ойинаи замони худ аст. Зиндагие саршору моломол аз шӯру такопӯ, умеду орзу, нишоту хурсандӣ, меҳру дӯстдорӣ, имону эътиқод ба фардоҳо дар саҳифоти ин дафтар ҷараён дорад.

Дарунмояҳои ашъор гуногунанд. Дарунмояҳое, ки зуҳурашон бастагӣ ба мазоҳиру саҳнаҳои конуни ҳастӣ доранд. Ҳастӣ зоёи ҷовидон аст. Вале раванди ин зояндагӣ бо зеҳни халлоқу ҳамабини як ҳунарманд шаклу сурат мепазирад, чаҳорчӯби маъноӣ пайдо мекунад ва аз вуҷуди хеш мужда мерасонад. Бахше аз шеърҳо ҷанбаи ишқӣ, ғиноӣ доранд. Гурӯҳи дигар дорои заминаи нерӯманди отифию фалсафианд.

Гоҳо андешаи шоир дар марзи мавзӯъҳои ҷовидонии адабиёт давр мезанад ва замоне зеҳни ӯро шигифтиҳои муҳити перомун, падидаҳои рангини ҳаёт ба худ мекашад. Садҳо суолу пурсиши ғайрииродӣ дар ҳушу руҳаш пайдо мешавад, ба дигар сухан ӯро вориди майдони ҳайрату тааҷҷуб месозад, ба посух ёфтану тасмим гирифтан вомедорад. Манзур нақду арзёбии ашъори пешини адиби арҷманд нест, вале натиҷаи ҷомеъ он аст, ки ағлаби шеърҳо тарғибгари ин мавзӯи ҷовидонии башарианд, ки ҷаҳон ва пойдории ҳастӣ ишқу муҳаббат аст.

Аз дидгоҳи шоир ин ҳама рахшандагӣ, нуру зиё, ки дар домани ахтарони осмон ба шӯр меояд, нишони ишқи бепоён ба замин аст. Ҳама мавҷудоти ҷаҳон толиби ҳамин мақулаанд. Аз ҷониби дигар ҳастӣ бар пояи ҳамин ишқ устувор аст.

*Нест беҳ аз ишқу вафо матлабе,*
*Бандаи ишқ аст саросар ҷаҳон.*
*Дар ҳаваси ишқи замин ҳар шабе,*
*Тоза шукуфад чамани осмон.*

Самимияту хулус, бовару итминон вижагии тамоми ашъори ҷилди аввали «Маҷмӯаи осор»-анд, ки мо ба намунаи болоӣ иктифо мекунем.

Ашъори тозаву номатбуи шоир, ки ағлаб аз дубайтиву рубоиёт, шеърҳои озод ва ғазалу манзумаҳо иборатанд, дар ҷилди дувум гирд омадаанд.

Ин дафтар бо шеъри хуби «Эъҷози парвоз» оғоз мегардад. Аслан Аскар Ҳаким шоири ҳолатҳост. Ҳар ҳолате дар чаҳордевори ҳастӣ мурғи зеҳни ӯро ба таҳарруку ҷунбиш, ба парвозҳои баланди зиндагиофарин бармеангезад. Ӯ ситоишгари инсону ҷаҳони пуртазоди ӯст. Шоир бар ин назар аст, ки зиндагиро бояд зист, зебову шоиста зист, зиндагӣ истоиву сукунро намепазирад. Ҷунбишу пӯёист, ки ба инсон нерӯи зист мебахшад, шодиву нишот меофаринад ва дарду ранҷҳоро канор мезанад. Маҳзи хотири ин ба қавли шоир:

*Ҷоми ғамро зад бояст ба санг,*
*Ҷоми шодӣ бардошт…*
*Шодӣ асли ба зуҳур омадани эъҷоз аст,*
*Ҳастии сабзи замин*
*тазмини парвоз аст…*

Иқтизои раванди зистан худ ҳаракату равандагии ҳадафманду созанда аст. Таваққуфу истоӣ кушандаи ҳаёт

аст. Дар ҷунбишу равандагист, ки зиндагӣ маъно мегирад, доман боз мекунад. Шабеҳи он ки осмон муштоқи парвозҳост:

*Осмон бошаду*
*парвозе  на,*
*Осмон бемаъност.*
*Маънии будани мо*
*низ ҳамин парвоз аст…*

Дар шеъри «Шод бояд буд», ки аз сурудаҳои муваффақу аз нигоҳи сохтор нимоии шоир аст, таҳлиле равонӣ дар атрофи ҳастӣ сурат гирифтааст. Фазои шеър саршор аз аносири ҳастигароёна аст ва андешаи шоир зиндагиро бо тамоми абъодаш дунбол мекунад. Ҳар сӯ ки чашм медӯзад, ҳузури зиндагиву шодиву нишотро дар марзу буми буду боши ашё, синаи мурғон, махлуқоту мавҷудот, бешазорону кӯҳсорон, дарёву рӯдхонаҳо, эҳсос мекунад. Ранги симгунаи бомдодӣ, шафақи лолагуни замони ғуруб, гӯё бо забони хеш мо инсонҳоро ба дил бастан, домани шодӣ гирифтан, ҳидоят мекунанд:

*Нуқравори бом*
*Лолавори шом,*
*Бо забони ранг мегӯяд,*
*ки дил бар шодмонӣ банд…*

Дар банди ниҳоӣ зиндагӣ бо сози мусиқӣ ташбеҳ мегардад. Созе, ки тору пудаш печида бо ҳазор савту оҳанг аст. Ин сози муъҷизаосоро  бояд муғаннивор навохт, нукоти зарифу латифи онро дарку эҳсос кард, то рӯди нишоту хушояндӣ ҳамеша равон бошад:

*Зиндагӣ шанг аст,*
*Зиндагӣ ранг аст,*
*Зиндагӣ нути ҳазорон савту оҳанг аст,*
*Чун муганнӣ боядаш бинвохт,*

*Шод бояд буд,*
*Шод бояд сохт.*

Мурури ашъори китоби дувум чунин натиҷаеро ба зеҳн мерасонад, ки дарунмояҳои шеърӣ аксар хотираҳову бардоштҳои гуна – гуна аз матни зиндагии дури муаллифанд, ки бозгашти нигарониву ғайриинтизорашон вуҷудашро мунқалиб сохтаву бозтоби суввариро тақозо намудаанд. Дар чунин мавридҳо шоир аглаб аз қолабҳои гуногуни шеъри мудерн, шеъри сафед ва гоҳо шеърҳои кӯтоҳ, ки дар адабиёти имрӯзи мо ба гунаи шоиста шинохтаву пазируфта нашудааст, кор мегирад. Вижагии дигари ин дафтар корбурди рамзу тамсилҳост, ки албатта мавзӯи тозае нест, вале Аскар Ҳаким дар чунин мавридҳое ҳамеша талош варзида,  то гоме фаротар аз марзҳои шинохта бигзорад. Гоҳо зеҳни шоирро сарзамини тай намудаи шоирони пешин ва  сувару  асбоби ашъори эшон ба худ ҷазб месозад. Касрати баҳрагирӣ ва ҷовидонагии бархе аз сувар мисли  «шамъу парвона» ӯро ба тааммул во медорад. Мазҳари зиндагии ин ду ба ишқ пайванди дерсолу ногусастанӣ дорад, вале суоли матраҳ барои ҳунарманд ҷанбаи омӯзандагӣ ва ибрат аст,ки равшан нест дар кадоме аз ин ду сувар боризтару равшантар аст:

*Дар ишқ*
*Шамъ об мешаваду*
*Парвона месӯзад,*
*Аммо кӣ мегӯяд,*
*Кадоме аз инҳо*
*Ишқ аз дигаре бояд биомӯзад?*

Кор  гирифтан аз сохтори забонии шеър ва табиати забон, тағйири ҷойгоҳи вожагон дар ҷумла ва сохтани саҳнаҳову фазоҳои  шигифту андешабарангез дар шеърҳои кӯтоҳу мансур яке аз хусусиятҳои дигари шеваи офаринандагии Аскар Ҳаким аст.

Дар чунин ашъоре шоир нахуст аз замони вуқӯи падидае хабар медиҳад. Фароҳамсози падидаи мавриди назар маълум нест ва аз он исм бурда нашудааст. Шояд барои он ниёзе ҳам нест. Таваҷҷуҳи шоир ба асари ин падида ё пайи қадамаш аст. Дар ваҳлаи аввал тағйире, ки бо баракати зуҳури касе ё чизе сурат мегирад, мунаъкис мешавад.

*Фасли омаданат*
*Фасли ошиқии гулҳо буд.*
*Дунё чӣ қадар зебо буд.*

Пас аз таваққуфи кутоҳи зеҳнӣ масири андеша бо як чархише мақулаи «зебоӣ»-ро бар маснади ростини худ менишонад. Ба ин маънӣ, ки унсури аслӣ, пояи бунёдини дунёсоз зебоист. Воқеияти ин андеша қаҳрамони ғиноиро ба оянда дилгарм месозад, умед мебахшад. Бидуни шак чунин таркибсозӣ ва ҷойгузинсозии калимот агар ба таври лозиму шоиста дар зеҳни шоир шакл бигирад, дар ташаккулу камоли сохтори шеър ва имконоти сабти он дар зеҳнияти хонандагон нақши калидӣ бозӣ мекунад. Дар банди поёнии шеъри фавқ бо зикри вуҷуди бовар ба «зебоии дунё» ба ин андеша ҷанбаи ҳамагонӣ медиҳад ва шеър зода мешавад:

*Ва ҳоло дилам*
*мутасалло хоҳад шуд,*
*ки шояд касе ҳаст, ки барояш*
*Дунё зебоист.*
*Вагарна*
*ин дунё*
*дунё*
*Ва зиндагӣ*
*зиндагӣ набуд.*

Адабиётшиноси фозил Комёр Обидӣ менависад, ки «зебоӣ вақте ки ба тарокум бирасад, ё дарвоқеъ дар чашмони мо мутарокум шавад, ба ишқ меанҷомад». Ин

ҷанбаро мо дар сурудаҳои Аскар Ҳаким нерӯманд мебинем. Вале масъалаи ҷолиб шинохти ин амр аст, ки миёни шеъру ишқ чӣ пайванде дар зеҳни шоир меояд? Дар шеъри зер сухан аз ҷаҳони пурранҷу мармузи шеъру шеърофаринӣ дар миён аст. Таъкиди шоиронаи вижагии ғаризаи инсонӣ, ки ҳамеша роҳи осонро ҷустуҷӯ мекунад, вале бар хилофи ирода зиндагӣ дар маҷрои хеш равон аст:

*Дилам бисёр мехоҳад,*
*Ки шеър аз дил чу оби ҷӯ шавад ҷорӣ.*
*Накарда дар сари ҳар вожааш дилхун.*
*Вале бинам,*
*ки то чун об ҷорӣ гаштани як шеър*
*Маро худ об бояд шуд*
*Ва ман дар ҳайратам акнун,*
*Ки беҳтар бошадам дил об гардад,*
*Ё ки гардад хун.*

Шоир дар ҷилди дувум намунаи ғазалиёташро бо шумори 29 адад ҷойгузин сохта, ки бозтоби андешаву дағдағаҳои рангини ӯ дар ҳолоти гуногунанд. Ғазалиёт ҷанбаи нерӯманди отифиву ҳиссӣ доранд.

Ситоишу такрими ишқу дӯстдорӣ, лаҳазоти ширину нотакрори ҳаёт, умеду эътиқод, хушбинӣ, дарунмояи аксари ғазалвораҳои шоиранд. Вале гоҳо муҳити перомун мушкилоти ғайинтизор, ки бастагӣ ба ҷомеа дорад, қаҳрамони ғиноиро таҳти фишор қарор медиҳад. Ин аст, ки дар бархе аз сурудаҳо норизояту афсурдагии равонӣ, як навъ лаҳни навмедона эҳсос мешавад. Ин мазмунро дар ғазале бо матлаи зер равшан мебинем:

*Дигар сухан  на ба кор ояду суханвар ҳам,*
*Ки гашта кори ҷаҳон соф дарҳаму барҳам.*

Бар хилофи мисоли мазкур дар баъзе аз ғазалҳо, ки ҳолу ҳавои шодиангез доранд, ҳузури як таркибу ибораи тоза низ бо сари худ коргару таъсиргузор меафтад.

*Агар дил баҳра гирад аз саводи чашми ҷодуят,*
*Китоби ишқ во бигзораду мактаб шавад бо ту.*
*Ман аз тадриси чашмонат фақат як дарс мехоҳам,*
*Ки омӯзад шаби ман рӯзу рӯзам шаб шавад бо ту.*

Пас аз ғазалиёт дар китоб бахши бузургеро дубайтиҳову рубоиёти шоир ташкил медиҳанд. Маҳз дар домани ин жанрҳои шеърӣ аст, ки мо ба гӯшаҳои сабзу тамошоии дунёи андешаву афкор, ҷаҳоннигарии шоири гаронмоя ошно мешавем, бо ҳунарманде дидор мекунем, ки назорагари тамомии аҷрому аҷсом, саҳнаҳои ҳазорранги ҳаёт аст. Гоҳо рафтору кирдори инсонҳо, ки хулосаи ҳастиянд, ӯро ба тааҷҷуб меандозад. Перомуни фалсафаи зиндагии онҳо андеша мекунад. Вижагии дубайтиву рубоиёт дар он зоҳир мегардад, ки дар матни онҳо як мавзӯи мушаххас, ки исмаш дар унвон мазкур аст тавсифу тарсим мегардад. Инак намунае аз рубоиёт:

Дашту қатра
*Гар дона ба хирман надиҳӣ, хору хасӣ,*
*Гар лона ба мурғе надиҳӣ, худ қафасӣ.*
*Дар дашт, ки қатраро бувад қимати ҷон,*
*З-он қатра гузаштан натавонӣ, чӣ касӣ?!*

Ҷилди дуюм ҳамзамон фарогири манзумаҳои адиб аст. Ба андешаи мо, аз миёни ҳамаи манзумаҳову достонҳое, ки дар чанд даҳсолаи охир офарида шудаанд, барҷастатаринаш манзумаи «Санги ман – алмос» аст. Манзумаи мазкур аз осори даврони истиқлол аст. Бидуни муболиға метавон гуфт, ки адабиёти муосири мо достоне ба ин умқу домана, касрати мавзӯот ва нигаришу биниши ҳунарӣ надошт.

Шоир дар домани он зиндагиро гӯё дубора мезияд. Зеҳнан ба кӯдакӣ боз мегардад. Таҷдиди хотироту ёдвораҳо, масири камолу боландагӣ, шаклгирии зеҳният дар перомуни муҳити буду бош, моҳияту сириштти мақулаи зистан, рози ҳастӣ, намунаи абзоре ҳастанд, ки шоир бо онҳо манзума

месозад, дунёро ба тамошо менишинад. Пардаҳои садранг, саҳнаҳои дилфиреб, мазоҳири пурпечу пуртазоди ҷаҳони зист пойи ӯро ба қаламрави шигифтиву тааҷҷуб, посухёбӣ ба пурсиши ҷовидонии «чаро чунин?» мекашад. Гоҳо дидани пайванду иртиботи олами ашё, мавҷудоти табиат, шеваи зисту амали онҳо ниҳоди ӯро саршори шодиву нишот, лабрези умед мекунад ва гоҳо чашми зеҳнашро зиндагии паррандагону хазандагони ҳамҷавор ба худ мекашад. Албатта миёни манзумаи «Санги ман – алмос» ва манзумаҳои адабиёти муосири форсӣ махсусан манзумаҳои Сиёвуши Касроӣ «Ораши камонгир», «Садои пойи об»-и Сипеҳрӣ шабоҳату ҳамсониҳое дида мешавад, вале дар маҷмӯъ манзумаи Аскар Ҳаким дар зоти худ ягона аст. Бо зикри порае аз он иктифо мекунем:

*…Дӯстдори суханам,*
*Сабз гардад ба кафам шохи қалам,*
*Баски ҳам ишқ ба шудгори хазонӣ дорам*
*Ва дар ин дам ки маро нест замину испор*
*Рӯйи марзи вараќи тоза қалам меронам,*
*Ки баногаҳ гияҳе сабз шавад,*
*гандум ё ҷав рӯяд*
*Ва аз он қитъаи шудгори қалам, дасти кам,*
*Мӯр бар хонаи худ дона кашад…*

«Вижагиҳои анвои шеъри ғиноӣ» унвони китоби таҳқиқии устод Аскар Ҳаким аст, ки дар ҷилди сеюми «Маҷмӯа…» ҷойгузин шудааст.

Қобили зикр аст, ҳарчанд дар атрофи шеъри ғиноии муосири тоҷик ва навъҳои он аз ҷониби донишмандони адабиёт ва муҳаққиқон осори зиёде таълиф шудааст, вале дар адабиётшиносии имрӯз асари алоҳидаву комиле дар ин замина мавҷуд нест. Муҳаққиқи фозил талош варзида, бар мабнои таҳқиқу ҷусторҳои анҷомшуда дар заминаи шеъри муосири тоҷик таҳлилу арзёбии донишҳои назарӣ, дидгоҳҳои олимону назарияпардозони дохилу хориҷ, як

асари ҷомеъу фарогири ҳама ҷанбаҳои назарӣ таълиф намояд.

Равшан аст, ки ҳар халқу миллатеро адабиёти хоси ғиноист. Ҳарчанд дар гурӯҳбандии шеъри ғиноӣ ба навъҳо дар адабиётшиносии милали ҷаҳон монандиву мушобиҳатҳое мавҷуд аст, вале мувофиқати комилу сад дар сад наметавонад бошад. Шеъри ғиноии ҳар қавмеро хусусиятҳои ҷудогона аст. Аз ин рӯ шинохту маърифати вижагиҳои навъҳои шеъри ғиноӣ яке аз печидатарин мавзӯъҳои адабиётшиносӣ маҳсуб мегардад.

Мавсуф қабл аз вуруд ба масъалаи аслӣ бо диди муҳаққиқона ҷанбаҳои назарӣ ва истилоҳии масъаларо бо иттико ба дидгоҳҳои назарияпардозони пешину муосир мавриди таҳлили амиқу густарда қарор дода, зимнан ба мушкилоти умда дар ин замина таъкид меварзад. Зуҳури мушкилот ба ақидаи мазкур қабл аз ҳама ба гузашти замон, пешрафти адабиётшиносӣ дар риштаи шинохту накди шеър ва ақибафтодагии мо бастагӣ дорад. Адабиётшиносии муосири мо дар қиёс бо адабиётшиносии ҷаҳон ва миллатҳои алоҳида, махсусан дар бахши назарияи шеър, шеваҳову тарзҳои накду таҳлили шеър, рушду камоли қобили мулоҳизае надоштааст. Гузашта аз ин аз тадқиқоти назариявии дастрас бо иллати ин ки бо забони ғайр таълиф шуда, ба гунаи шоиста баҳрабардорӣ нашудааст. Такяи ноқидону пажӯҳандагон солҳои мутамодӣ рӯйи мазмуну муҳтаво буда. Дар ҳоле ки шеърро метавон аз зовияҳои мухталиф таҳлилу баррасӣ намуд.

Мушкили дигар касрати истилоҳот аст, ки он ҳам натиҷаи густариши донишу шинохти башарӣ дар заминаи перомуни накду таҳлили шеър аст. Дар адабиётшиносии тоҷик замони тӯлонӣ танҳо аз истилоҳи «қаҳрамони лирикӣ ё ғиноӣ» истифода мекарданд, ки он ҳам бар асари тарҷума аз адабиётшиносии рус аст. Вале мурури осори назарӣ, дидгоҳҳои муҳаққиқони назарияпардози машҳури ҷаҳон гувоҳ бар ин аст, ки дар матни як шеъри ғиноӣ бозигарони зиёде ҳузур доранд, ки шинохти шахсияти онҳо, эҳсоси

нафасу дидани накши онҳо дар таҳлилу баррасии асар ниҳоят корсозанд.

Муаллифи арҷманд истилоҳоти роиҷ дар адабиётшиносиро дар иртибот бо шеъри ғиноӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума намудааст. Пушти ин истилоҳот ашхосе қарор доранд, ки дар пайванди муштарак ба шеъри ғиноӣ шаклу сурат медиҳанд, ҷанбаҳои ҷамолшиносона, маъноӣ, равонии шеърро фароҳам месозанд. Албатта вобаста ба мавқеияту ҷойгоҳи хеш онҳо аз ҳам тафовут доранд.

Ниҳоят мушкили сеюм ба ҳам омезиш ёфтани жанрҳои шеърӣ мебошанд. Чунин омезише эҷодгари сифоту шохисҳои тоза мегардад, ки маърифати онҳо ниёзи илми имрӯз аст.

Боби нахустини рисола «Шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ» номгузорӣ шуда, фарогири мисолу шавоҳиди фаровонест, ки аз осори шоирони насли аввалу дувуму сеюм баргузида шудаанд. Дар оғози фасл ишораҳои кӯтоҳе ба шохисҳову барҷастагиҳои шеъри ғиноӣ, шеваҳову масири шаклгирии он ва тафовутҳои боризаш аз дигар анвои шеърӣ сурат мегирад. Муҳаққиқ дуруст хотирнишон месозад, ки шеъри ғиноӣ ҳарчанд инъикосгари андешаву эҳсосоти фардист, вале дар чаҳорчӯби хеш дар инзиво намемонад, балки бо муҳити иҷтимоӣ по мегузорад. Ба дигар сухан бозтобдиҳандаи огоҳии иҷтимоист.

Мавзӯи дигаре, дар ибтидо рӯйи он таъкид шуда, беранг шудану аз назар афтодани ин жанри шеърӣ дар тӯли замон аст ва иллати аслиаш сиёсатҳои адабии давр аст. Ба ақидаи мавсуф воқеияту иқтизои давр, сиёсати ҳоким ин буд, ки «шеър ҳам гӯё тамом шеъри фаъолият буд, на андешаҳои отифии шахсиву эҳсосот». Шахсияти шоир ҳам гӯё дар вуҷуди иҷтимоъ маҳлул шуда буд ва агар ҳам гоҳ-гоҳ рух менамуд, танҳо ба сурати шахсе, ки бунёдкори ҷомеаи нав асту саропо тавоноист ва агар ҷаҳони ботин дошта бошад ҳам дар он фақат шодиву сурур ҳаст ва агар нафрате ҳам ҳаст, фақат ба душманони сохти нав».

Бад-ин тариқ бар асари сиёсатҳои ҳокими давр, шеър маҷрои мавҷуди худро тағйир дод ва ба шеъри мавзӯӣ табдил гардид, ки табиату рӯҳаш бо таври шоиста барои аҳли адаб ошно набуд. Марҷаи тақлиду пайравӣ барои шоири тоҷик шеъри мавзӯии русӣ буд, ки русҳо низ бештар пайраву обишхӯри адабиёти ғайр буданд. Ин ҳолат шеърро аз заминаҳои худӣ, аз масирҳои тайшуда комилан ба инҳироф кашид ва чеҳраи фарди ғиноӣ гӯё дар «гарду ғубори ин масир» ранг бохту ношинохта шуд.

Таҳаввули маҳсус дар ин амр ба андешаи пажӯҳанда аз нимаи дуюми солҳои панҷоҳум оғоз гардид. Шахсияти ғиноӣ, ё фардӣ ғиноӣ ба хезишу рӯйиши тоза нахуст дар сурудаҳои устод М. Турсунзода, Ғаффор Мирзо, А. Шукуҳӣ баъдан дар ашъори М. Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ, Бозор Собир ва Фарзона чеҳра боз намуд. Ҷузъиёти матлаб дар навиштаҳои шоирони мазбур ба таври густарда таҳқиқ шудааст.

Ба қавли муҳаққиқ шахсияти ғиноӣ дар навиштаҳои М. Турсунзода ба андозаи кофӣ дорои тафаккури худнигаронаву дарунгароёна нест ва иллаташ дар он аст, ки «андешаҳои отифии худтаҳлилӣ асосан реша дар тазвиҷи ирфон ва шеър доштанд ва азбаски ғояи бунёди инсони нав ба мероси маънавии гузашта созгор набуд, шоироне, ки шеърашонро ба хидмати сохтани ин гуна инсон гузошта буданд, аз истифодаи он таҷриба эҳтироз мекарданд».

Равшан аст, ки шахсияти ғиноӣ мунъакискунандаи огоҳии фардист, ки дар бистари шеъри ғиноӣ таҳқиқ мепазирад. Вале шеваи талаққиву тарзи бархурди шоирон метавонад мутафовит буда, шомили вижагиҳои дугона бошанд. Устод бар ин назар аст, шеъри ғиноии андешаҳои отифӣ метавонад ақлгароёна ё ҳисгароёна бошад. Дар робита бо ин ба навиштаи Аскар Ҳаким ашъори шодравон А. Шукуҳӣ ҷанбаи нерӯманди ҳисгароёна дорад. Дар матн мисолҳои ҷолибе аз эҷодиёти мазкур нақл шудаанд.

Мавзӯи шахсияти ғиноӣ дар ашъори Ғаффор Мирзо ва Муъмин Қаноат аз ҷониби пажӯҳанда амиқу ҳамаҷониба бо

нақли назару дидгоҳҳои ноқидони замон мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Диди муҳаққиқ дар таъйину шинохти шахсияти ғиноӣ дар шеъри муосир ниҳоят фароху доманадор аст. Дар рисола саъй шуда ҳеҷ гӯшае аз он пинҳон намонад. Масалан зимни таҳлили ҷойгоҳи он дар сурудаҳои Ғ. Мирзо ба аносири забонии шахсияти ғиноӣ ишорат намуда, чунин изҳор медорад: «ин шахсияти ғиноӣ, ки худро забони адолати мардум медонад, табиист, ки бештар ба забони мардум суҳбат мекунад «дар баъзе маврид забон ва шеваи баёни ӯ ба ширинӣ ва шевоии забони мардум мерасад».

Шахсияти ғиноӣ дар шеъри М. Қаноат бар хилофи Ғ. Мирзо вижагиҳои дигаре дорад. Такяи шоир дар шеърҳои ғиноӣ бештар бар ҷаҳони перомуну ашёст. Рӯ овардан ба дунёи даруну андешаҳои худнигарона сурати камрангтаре дорад, вале ин ҳолат дар тӯли зиндагии эҷодии шоир яксону бетағйир намемонад. Бо гузашти замон, камолу боландагии адабиёту шеъру шоир шахсияти ғиноӣ низ ба қаламрави тозатаре ворид мегардад, ки мисолаш дар ашъори М. Қаноат зиёд аст.

Барҷастагӣ, шукуҳу шаҳомати шахсияти ғиноӣ аслан бастагӣ ба истеъдоду нубуғ, андозаи ҷаҳоншинохтиву биниши як адиб, як шоир бастагӣ дорад. Зеро ин хасисаҳо ба як ҳунарманд мустақилияти андеша, шеваи хоси баён тарзи талаққӣ медиҳад, ки дар маҷмӯъ боиси зуҳури чеҳраҳои мухталифи шахсияти ғиноӣ мегардад.

Ба ин маънӣ муаллифи рисола дар поёни боби аввал ишорат намудааст. Донишмандони адабиёт дар шинохти шеъри ғиноии отифӣ нақши тасвир ва аносири онро ниҳоят корсоз донистаанд. То ҳадде ки зимни гурӯҳбандии анвои шеъри ғиноӣ барои он навъи алоҳидаро шинохтаанд.

Маълум аст, ки дар баёну инъикоси андешаҳои отифии шахсияти ғиноӣ дар радифи созу абзори забонӣ аркони дигаре саҳиманд, ки муҳимтарини онҳо тасвир аст. Зеҳни инсон бо муҳити перомун, ҷаҳони ашё, аҷрому аҷсом, робитаву пайванди доимӣ дорад. Ин пайванд, ки бо нерӯи мушоҳидаву муроқибат, тарассуду назорагарӣ ҳамроҳ аст,

қиёсу татбиқ, шабеҳсозиву шабеҳдониро ба хотири бозтоби андешаҳои отифӣ тақозо мекунад. Маҳз дар ҳамин раванд аст, ки коргоҳи дарку тасаввури инсонӣ ба кор меафтад ва тасвирҳо зода мешаванд. Ин тасвирҳо, ки баргирифта аз ҷаҳону воқеияти айнианд, андешаи отифии фарди ғиноиро маҳсусу диданӣ, ҷозибу кашанда месозанд.

Бо назардошти андешаҳои мазкур, дар боби дувуми рисола масоили марбут ба шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ баррасӣ гардидааст. Қобили зикр аст, ки ҳар бахше аз рисола иборат аз ду ҷанба аст. Ҷанбаи назарӣ ва амалӣ. Дар баёну шарҳи вижагиҳо, шохисҳо ва тафовутҳои мавзӯъҳои матруҳа такяи муаллиф бештар рӯйи дидгоҳҳои муҳаққиқону назарияпардозони хориҷ аст. Вале аз хилоли онҳо мо ба назаргоҳҳои мустақилу вижаи муаллифи рисола рӯ ба рӯ мегардем. Гоҳо ёфтаҳову натиҷаҳои фардӣ нерӯмандтар аз нақли қавлҳост.

Ин хасиса барои як навиштаи пажӯҳишӣ ниҳоят муҳим аст. Таҳқиқу ҷустуҷӯ муаллифро ба ин натиҷаи ҷомеъ расонида, ки «дар шеъри андешаҳои отифии тасвирӣ фарди ғиноӣ на фақат эҳсосот ва андешаҳои отифии худро баён медорад, балки ба олами хориҷ рӯй оварда, аз он ашё ҷузъиётеро интихоб намуда, барои ифодаи маҳсусу малмуси он эҳсосоту андеша ба кор мебарад. Ин ашё ва ҷузъиёт заминаи воқеии шеърро муҳайё намуда, тарҳи олами ҳастиеро, ки дар он фарди ғиноӣ эҳсосу андешаву зиндагӣ мекунад, ба вуҷуд меорад».

Шебу фарози мавзӯи мазкур дар осори шоирон М. Турсунзода, А. Шукуҳӣ, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Б. Собир, Лоиқ ва Фарзона таҳлилу арзёбӣ гардидаанд.

Шеваи зуҳуру шаклёбӣ, камоли шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ дар коргоҳи эҷодӣ, дақиқтараш дар зеҳну ҳуши ҳар шоире вижагиҳои хос дорад, ки дар рисола ба таври густарда таҳлилу таҷзия гардиданд. Ногуфта намонад, ки ҳар андешае заминаи эҳсосӣ дорад, ки ҳунарманд дар раванди халлоқият миёни онҳову ашё пайванду робита барқарор месозад, барои малмусу маҳсус

кардани онҳо аз тасвирҳо кор мегирад ва шояд онҳоро ба гунае меозмояд, то вориди қаламрави ҳунар гарданд.

Номуносиб нест агар андешаи Л. Н. Толстой инҷо нақл шавад, ки дар маҷмӯъ ба мавзӯи мавриди баҳс пайвандҳои пинҳону ошкор дорад. Мавсуф менависад: «Бояд эҳсоси таҷрубашуда, озмударо дар хеш бедор сохт. Тавассути ҳаракату хутути мавҷуд, рангҳову садоҳо, суваре, ки бо вожагон бозтоб гардиданд, бояд худро барангехт ва ин эҳсосотро ба гунае арза дошт, ки дигарон низ онро таҷруба кунанд».

Таҳқиқу таҳлили шеъри ғиноии тавсифиву тасвирӣ мавзӯи бахши сеюми рисолаи мазкур аст, ки дар ниҳояти диққату мушикофона таълиф шудааст.

Ҳастӣ бо тамоми абъодаш, мазоҳиру саҳнаҳои мутафовиташ ниёз ба камолу боландагӣ дорад. Ин раванд дар зеҳни халлоқи як шоир, як ҳунарманд сурат мегирад. Ба ин маънӣ, ки шинохти олами перомун тавассути дарку тасаввури ҳунарманд ҳосил мегардад. Як навъ суратгарӣ, суратбардорӣ, ки аз завқу лутф, ҳунару истеъдод орӣ нест, дар зеҳни шоир ба зуҳур мерасад.

Ҳадаф ин аст, ки дар шеъри ғиноӣ тавсифу тасвири аносири ҷаҳони перомун, воқеияти айнӣ, мақому ҷойгоҳи бартаре пайдо мекунанд. Дар чунин ашъоре ҳузури фарди шеър замоне эҳсос мешавад, ки мо ба тавсифу тасвирҳои мавҷуд дар матни шеър сару кор мегирем.

Ба андешаи муаллифи рисола сарчашмаи чигунагии дарку тасаввури шахсияти шеър аз конуни ҳастӣ бастагӣ ба он дорад, ки «чи аносиру зуҳуроте аз воқеияти мавҷуд» рӯ ба рӯи ӯ қарор доранд.

Аслан масъалаи тасвир дар шеър яке аз мавзӯъҳои доманадоре аст, ки адабиёти классики мо дар ин замина маводи фаровон дар ихтиёр дорад. Мавзӯъ фарогири ҷузъиёти зиёди фанниву зебошинохтӣ аст, ки перомунаш пажӯҳишҳои қобили мулоҳизае сурат гирифтааст. Муҳаққиқи арҷманд саъй намуда, дар ин маврид ба тадқиқоти анҷомшуда ва шохисҳои мавзӯъ ишорати кӯтоҳ

намояд. Гузашта аз ин кӯшише ба харҷ рафта, то мизони таҳаввулу дигаргуниҳоеро, ки мабҳаси тасвир ва шеваҳои коргарӣ аз он дар тӯли забон ба вуҷуд омада, баён гардад. Гап дар ин аст, ки таҳаввулоте, ки дар синаи дунё дар ҷомеаҳои инсонӣ мегузарад ва симои дунёро тағйир медиҳад, хоставу нохоста дарку тасаввури инсонро аз ҷаҳони перомун, олами мавҷуд дигар месозад. Иқтизои ҳамешагии ҷаҳон шинохту маърифати дурусту тозаи падидаҳову тозагиҳои он аст. Ин шинохт, гуфтем, ниёзи замон аст. Бояд сурат бигирад. Вале на бо чашму ҳуши пешиниён. Адабиёти мо саршор аз сувару асбобест, ки бо нерӯи онҳо падидаҳои замонӣ, манозири табиат бозтоби бадеӣ ёфтааст. Вале мусаллам аст, ки шоири имрӯз табиатро бар асоси завқу салиқа ва биниши хоси худ тарсим мекунад. Дигар дар таҷассуми муҳити перомуни имрӯзӣ сувару асбоби пешиниён корсоз нест. Муҳаққиқ бо назардошти ин бо нақли шавоҳиди пуршумор вазъи имрӯзии шеъри ғиноиро аз нигоҳи корбурди тавсифу тасвир ба риштаи таҳқиқ кашида, густаришу такомули онро дар бистари шеъри муосир ҳамаҷониба таҳлилу арзёбӣ намудааст. Шохистарин вижагии ин навъи шеъри ғиноӣ ба ақидаи пажӯҳанда вусъати ашъорест, ки ба зиндагии шаҳрӣ, намои шаҳрӣ бастагӣ дорад. Ин мавзӯъ махсусан дар сурудаҳои Фарзона ниҳоят зиндаву бориз аст. Дар идомаи рисола сухан аз навъи дигари шеъри ғиноӣ, яъне шеъри ғиноии шахсиятӣ дар миён аст. Ногуфта пайдост, ки истилоҳи мазкур низ тарҷумаи комили истилоҳи русӣ аст. Шояд русҳо низ бар мабнои адабиётшиносии ғарб чунин истилоҳе сохтаанд. Вале воқеият ин аст, ки истилоҳи тоҷикӣ бо вуҷуди он ки калимоташ ба ҳама ошност, вале номаънус аст. Шояд замон бигзарад ва чашму гӯш одат кунад. Ба назар чунин мерасад, ки худ муаллиф номаънусиву ғайри маъмулӣ будани таркиби фавқро эҳсос намуда, бар асоси дидгоҳҳо ва назаргоҳҳои назарияпардозону муҳаққиқони адабиёт перомуни он шарҳи мабсути илмиву мудалал навиштааст. Вале ба таври умум ва зоҳиран сода манзур аз шеъри ғиноии шахсиятӣ ашъорест,

ки шоирон ба шахсиятҳои муайяну номдори замони худ бахшидаанд. Дар ин бахш ба пешинаи таърихии шеъри ғиноии шахсиятӣ ишора шуда, шавоҳиде аз адабиёти ақвому милали мухталиф ва аз ҷумла аз осори адабии классик зикр гардидааст, вале равшан нест, ки дар он замонҳо ба ин навъи шеър чӣ истилоҳеро муносиб медонистаанд. Мисолҳое дар пайванд бо ин аз адабиёти классик нақл шудаанд, ки аз диди муаллиф намунаи дурахшони шеъри ғиноии шахсиятианд. Вале дар ҳофизаи мо бархе аз онҳо бо маънии марсия, мадеҳа, шеъри базмӣ, ҷилва мекунанд. Барои бозтобу баёни шеъри ғиноии шахсиятӣ шабеҳи шеваи коргирӣ дар бобҳои пешин, аз эҷодиёти шоирони саршиноси адабиёти муосир М. Турсунзода, Ғ. Мирзо, М. Қаноат, Қ. Киром, Л. Шералӣ, Б. Собир, Фарзона намунаҳо интихоб шудаанд.

Шавоҳиди мунтахаб аз зовияҳои гуногун, сохтору вижагиҳои фаннӣ, корбурди ороишҳои бадеӣ, дарунмояҳо баррасӣ гардидаанд.

Шояд бахше аз намунаҳо аз нигоҳи имрӯз дигар қиммату арҷи зиёде надоранд, вале дар маҷмӯъ баёнгари гӯшаҳои таъриху фарҳанги ҷомеаи мо маҳсуб мешаванд. Аз хилоли чунин ашъорест, ки мухотабон ба чеҳраи ғиноии бисёре аз бузургмардони адаби классику муосир, бо симои мондагори шахсиятҳои машҳури таърихӣ ошно мешаванд.

Тадқиқи ҷанбаҳои шеъри ғиноии ҳикоятӣ мавзӯи боби панҷуми рисолаи мазкур аст. Дар оғози матлаб ба печидагиву пуртазод будани ин навъи шеърӣ дар адабиётшиносӣ таъкид шудааст.

Ҳамон гуна ки аз истилоҳи мазкур бармеояд шеъри ғиноии ҳикоятиро дар адабиётшиносии рус навъи алоҳидаи шеъри ғиноӣ шинохтанд. Манзур аз чунин навъи шеър эътирофи унсурҳои ривоятӣ ё ҳикоятӣ дар шеъри ғиноӣ аст. Албатта дар ашъори ҳамосӣ вуҷуди ривоят ҳодисаи маъмул аст. Вале сабки ҳикоятӣ дар ашъори ғиноӣ ба андозае нест, ки битавонад, вижагиҳои ғиноӣ ё ҷанбаҳои ҳиссӣ-отифии онро аз байн бибарад.

Ҳузури унсурҳои ривоятӣ дар сурудаҳои ғиноӣ дар қиёс ба осори ҳамосиву драмавӣ тафовутҳои зиёде доранд. Ба ақидаи муаллифи рисола «онҳо (яъне, аносири ривоӣ) дар ин навъи асарҳо инкишоф наёфта, сурати комили фардӣ пайдо намекунанд ва танҳо ҳамчун тарҳ монда барои ибрози андешаву эҳсосоти муҳтавои асар мадад расонида, нақши ёридиҳанда доранд. Ба замми ин дар асарҳои навъи ғиноии ҳикоятӣ бо вуҷуди ҷой доштани нақлу ҳикоят, шахсиятҳои гуногун ҳамеша мақоми андешаву эҳсосот бештар аст».

Дар рисола ба собиқаи шеъри ғиноии ҳикоятӣ ишорат шуда, ҳамзамон такъид мегардад, ки шоирон зимни сароиши чунин навъи шеърӣ бештар аз тарзи қофиябандии маснавӣ кор гирифтаанд. Иллаташ ба суҳулати интихобу ёфтани қофия бастагӣ дорад.

Шеъри ғиноии ҳикоятии муосири тоҷик намунаҳои ҷолибу хондании пуршумор дорад ва яке аз барҷастагиҳои умдааш иборат аз он аст, ки дар қаламрави он падидаҳо, ашё ва шахсият на ҳузури лаҳзайӣ, ки ҳузури густурдаву фаъол доранд, ҷунбишу пӯёӣ ва таҳаввулу дигаргуниҳои мустамар вижагии онҳост.

Нуктаи дигари гуфтанӣ, тафовути шеваи баёни ривоят ё ҳикоят дар осори ҳамосӣ ва шеъри ғиноии ҳикоятӣ аст. Шоир дар шеъри ғиноии ҳикоятӣ зимни бархурд бо воқеияту падидаҳо ба ҷузъиёт ва кунҳи онҳо намепардозад, балки пайвандаш бо воқеият дар чаҳорчӯби бардошти ҷомеъи отифиву ҳиссӣ хулоса мешавад.

Баррасии шебу фарози хатти сайри зуҳуру камоли шеъри ғиноии ҳикоятӣ дар ин бахши рисола доманадор аст ва пажӯҳиш муаллифи рисоларо бо ин натиҷа расонида, ки рушду такомули ин навъи шеър махсусан аз даҳаи шастуми қарни бистум ба баъд суръати чашгире касб намуда, ки беиллат ҳам набудааст. Гап дар ин аст, ки «шеваву усули бархурди адибони даҳаи шастум ба шеър, ба рисолату масъулияти шоир дигаргуна буд ва таҳаввули бунёдин дар таҳдеври шеъри муосири тоҷик сабабҳои зиёде дошт. Заминаи нахустини дигаргуниҳои сифатӣ дар шеър …

вуруди насли тозае аз шоирон ба марзи адабиёт буд, ки зовияи дид, андеша ва дунёшинохтии эшон дар қиёс бо насли пешин мутафовит буд. Ин насли тозанафас бо қалби пуршӯр мехост, шеъри тоҷикро ба саргаҳу аслияти пешинаш бозгардонад, дар заминаи офаридаҳо ва сунану анъанаҳои пешиниён таҷдиди назар намояд ва пайванде мустаҳкам миёни шеъри тоҷик ва ҷаҳон халқ созад».

Ҳамон гуна, ки зикр шуд, дар матни пажӯҳиши мавсуф шеъри ғиноии ҳикоятӣ ҳамаҷониба чи аз нигоҳи мавзӯъу дарунмояҳо, заминаҳои фаннӣ, шаклӣ, вижагиҳои зебошинохтӣ, пайванд бо адабиёти классику бо адабиёти мардумӣ ва чи аз нигоҳи шеваи баҳрагирӣ аз падидаву рухдодҳо ва дараҷаи бозтоби онҳо дар матни шеър, таъсирпазирӣ, ҷойгоҳи бардоштҳои ҳиссиву отифӣ таҳлилу арзёбӣ шудааст.

Руйиҳамрафта рисолаи устод Аскар Ҳаким «Вижагиҳои анвои шеъри ғиноӣ» падидаи нодири адабиётшиносии имрӯзи мост. Нақши он дар шинохти таърихи раванди зуҳуру шаклгирии шеъри муосир, гироишҳои тозаи он, ниҳоят судманду пураҳамият аст.

Албатта, баъзе истилоҳоти пешниҳодӣ, ки баргирифтаву баргардон аз адабиётшиносии рус ҳастанд, дар бархурди аввал ноошно ва гоҳо номафҳум ба назар мерасанд. Қабулу пазириши ҳамагонии онҳо замон мехоҳад.

Аз сӯйи дигар ба андешаи мо тааммулу тааммуқ дар атрофи моҳияту сиришти мавзӯи матруҳа шояд истилоҳи равшантареро барои баёни матлаб ба зеҳн бирасонад, амре, ки дар оянда атрофаш бояд андешид.

Ба расмият шинохтани як ҳунарманду як пажӯҳанда дар ҳар ҷомеаи адабие бастагӣ ба дастранҷу фаровардаҳои зеҳнии ӯ дорад.

Манзур аз андешаи мазбур баёни ин матлаб аст, ки дар ҷомеаи адабии Тоҷикистон Аскар Ҳакимро қабл аз он ки шоир бишносад, ӯро ҳамчун мунаққиду адабиётшиноси дақиқназар, борикандеш ва то ҳадде назарияпардоз шинохтаанд. Ин андешаи фардӣ нест, зубдаи дидгоҳҳо,

навиштаҳо ва мақолотест, ки перомуни зиндагӣ ва осори халлоқонаи ӯ аз ҷониби муҳаққиқону олимон, донишмандони адабиёт дар масири замон гуфта шудаву ба табъ расидааст. Ба маврид аст, зикр гардад, ки маҷмӯаи комили мақолоту дидгоҳҳои таҳлилӣ перомуни фаъолияти пажӯҳишиву эҷодӣ ва тарҷумонии Аскар Ҳаким дар ҷилди ҳафтуми «Маҷмӯа…» ба табъ расиданд, ки омӯзишу таҳқики онҳо худ мавзӯи пурарҷи ҷудогона аст.

Корномаи илмӣ- таҳқиқии устод Аскар Ҳаким фарогири накдҳо, мақолаҳо, маърӯзаҳо дар ҷаласоти Иттифоқи нависандагон, чеҳраҳои адабӣ, сарсуханҳо ба осори мухталифи адибон буда, дар ҷилди чоруму панҷуми «Маҷмӯа…» фароҳам омадаанд.

Устод Аскар Ҳаким беш аз як даҳсола раҳбарии Иттифоқи нависандагонро ба дӯш доштанд. Маҳзи хотири ин дар маърузаву суханрониҳои илмии пешниҳодӣ ба анҷуману нишастҳои солонаи гузоришии Иттифоқи нависандагон дар радифи шеъри муосир шебу фарози насри тоҷик низ таҳлилу арзёбӣ гардидааст. Вале ба таври умум такяи ӯ ҳамеша рӯйи шеъру пасту баланди марзи камоли он будааст. Боризтарин сифати олимонаи Аскар Ҳаким қабл аз ҳама эҳсоси масъулият, рисолати олим, ҷиддият, диду биниши тоза вусъату умқи андеша ва дурӣ аз такриму ситоиши дурӯғин аст.

Аз охири солҳои шастум ба баъд яке аз мавзӯъҳои доғу доманадори адабиёти муосири тоҷик зуҳури тамоюлҳои тоза дар шеъри муосир ва таҳаввулоти шигарф дар пайкари шеър аст, ки бидуни шак омӯзишу баррасии амиқу густарда ва ҳаллу фасли вокеиву мушикофонаи онро мо дар мақолаҳои тадқиқӣ –пажӯҳишии мавсуф мисли «Таҳаввули арӯз», «Аз ғазал то шеъри озод», «Вожа ва тасвир», «Тазодҳои фаровонии шеър» ва ғайра мебинем.

Ба андешаи мо аз миёни шоирону пажӯҳандагоне, ки бо шеъри озод, шеъри сапед ва дигар анвои он сару кор доштанд, камтар нафареро метавон пайдо намуд, ки шабеҳи

Аскар Ҳаким ба умқу кунҳу фалсафаи шеъри озод ва заминаҳову чигунагии таҳаввули он даст ёфта бошад.

Бахши бузургеро дар ҷилди панҷуми «Маҷмӯа…» чеҳраҳои адабӣ ташкил медиҳанд, ки вижагии аслиашон аҳамияту мубрамияти моводи мавҷуд, шеваи баёну бархурди муҳаққиқона, вусъати назар, умқи андеша, ҷаҳоншинохтӣ ва муҳим аз ҳама таваҷҷуҳу эҳсоси рисолату масъулияти касбист.

Мусоҳибаҳои Аскар Ҳаким, ки бо шоирону муҳаққиқон ва хабарнигорону нашрияҳои мухталиф дар хилоли замон сурат гирифта, дар шинохту маърифати ҷараёнҳои адабӣ, равияҳои марсуми вақт, вазъи адабиву эҷодӣ, вазъияти шеъру шоир ниҳоят муҳиму заруриaнд.

Шояд миёни тамоми шуғлу корҳое, ки ба эҷоду офаринандагӣ марбутанд, сангинтарин ва аз дигар тараф шарифтарин амр, амри тарҷума бошад. Бо осори тарҷумашуда аст, ки қавму миллатҳо бо доштаҳои зеҳнӣ, фарҳангӣ, адабӣ, илмӣ, бо мазоҳири зиндагии якдигар, бо рӯҳу равони шаклгирифта дар конуни ҳастӣ, ки вижагиҳои мутафовит дорад, ошно мешаванд, аз чакидаҳои зеҳни якдигар судҳо бармедоранд, костиҳои зиндагии якдигарро комил месозанд. Аслан даст задан ба кори тарҷума барои ҳеҷ адибе ҳатмиву иҷборӣ нест. Вале аз ҷониби дигар ба ҷуз шоир кӣ ҳаст, ки битавонад ин ранҷи ширинро ба дӯш бигирад ва онро ба наҳви аҳсану матлуб анҷом диҳад. Танҳо шоир аст, ки аз пушти вожаҳо ба хаёлхонаи рангину кашандаи ҳамтои хеш равзана пайдо мекунад, вориди қаламрави ҷодуйии андешаҳояш мегардад ва дидаҳову чидаҳояшро аз он сарзамин рӯйи хони тарҷума манзури хонандагон мегардонад.

Устод Аскар Ҳаким низ дар ин замина дастхолӣ нест. Кулаборе сангину рангину мондагор аз тарҷумаи осори намояндагони адабиёти ҷаҳон мисли А. Данте, М. Ю. Лермонтов, Г. Лорка, Ярослав Смеляков, Емилиан Буков, Мухтор Шаханов, Муҳаммад Алӣ, Карло Каладзе ва дигарон дорад. Перомуни қисмате аз тарҷумаҳо дар тӯли

замон ноқидон ибрози андеша кардаанд, ки ин худ мавзӯи алоҳида аст.

Вале замоне мо «Дӯзах» (Аз «Мазҳакаи илоҳӣ»)-и А. Дантеро дар тарҷумаи мавсуф мурур мекунем, ба шарҳу тавзеҳот, шарҳи вожагону асомӣ, ҷараёни мухтасари зиндагӣ ва тарҳу таълифи асари мазкур ошно мешавем, ҳамзамон зеҳнан ба шоиру муҳаққиқи сарсупурдае дидор мекунем, ки шеваи кораш саршори ибрату шоистагист. Ӯ ба хотири шеъру сухани баланд тамоми ранҷу азобро таҳаммул карда, то ҳадяи фикру эҳсоси миллатеро ба мо бирасонад. Шояд нерӯи бузургу устувори вазифашиносӣ, масъулиятшиносӣ, меҳру дӯстдорист, ки ба як шоири мутааҳҳид нерӯву ангеза медиҳад, то зиндагии хешро зебову хостанӣ бино кунад ва дар зебоии рӯзгори дигарон саҳим бошад. Ногуфта перомуни корномаи Аскар Ҳаким зиёд аст, ки ҷузъиёташ аз ҳавсалаи ин мухтасар берун аст.

***Атахон Сайфуллоев,***
***доктори илмҳои филологӣ, профессор***

## ҶОЙИ ҶОНУ ҶОЙИ ДИЛ
**(Мулоҳиза роҷеъ ба эҷоди Аскар Ҳаким)**

*Тоҷикистон, обу хокам обу хоки поки туст,*
*Ту маро ҳам ҷойи ҷон, ҳам ҷойи дил, ҳам ҷои чашм.*
*Ман қадам чун мениҳам, дар зери поям хоки туст,*
*Гарди хокатро табаррук мениҳам болои чашм.*

Ин сатрҳои равону самимӣ аз шеъри шашгонаи шоир Аскар Ҳаким «Тоҷикистон» аст, ки китоби тозаи ӯ «Тарозуи офтоб» (Душанбе, «Ирфон», 1987) аз он ибтидо ёфтааст. Шеъри Аскар Ҳаким овози гражданӣ, рӯҳи публисистӣ ва эҳсоси гарму ҷӯшони лирикӣ дорад. Вақте ки кас баъзе асарҳои ӯро бо усули муқоиса аз назари мутолиа мегузаронад, равшан мегардад, ки шоир аз як шеър то маҷмӯаи дигар пеш мераваду рушду камол меёбад. Аскар Ҳаким дар роҳи ифодаи андешаҳои гражданӣ, санъати сухан, воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ – ташбеҳ, тавсиф, маҷоз, истиора, тазоду муқобила, ташхис ва амсоли инҳоро моҳирона ба кор мебарад, ба бозёфтҳои тозаи шоирона муваффақ мегардад... Дар китоби «Тарозуи офтоб» шоир Ватанро бо образҳои нав ситоиш мекунад. Шеърҳои «Тоҷикистон», «Шохоб», «Номбардори Ватан» ва дигарҳо дар бораи мундариҷаи гражданӣ ва шаклҳои рангоранги таълифоти Аскар Ҳаким шаҳодат медиҳанд. Шоир ба мавзӯи Ватан вусъат мебахшад, умумигӯӣ накарда, фикру мулоҳизаҳояшро ба воситаи манзара ва образҳои конкрет ифода месозад ваҳдати халалнопазири ёру диёрро васф менамояд, мазмуни башардӯстӣ ва рӯҳи интернатсионалии шеърро баланд мебардорад. Чунончи, шоир сарбози тоҷикро, ки дар ҳифзи Ватан қаҳрамонона ҳалок шуда, дар як қабристони деҳаи кӯчаки рус оромгоҳи худро ёфтааст,

«Номбардори Ватан» меномад, мазори хоксоронаи ӯро чун баландиҳои кӯҳсори кишвари хеш ситоиш мекунад:

*Бидидам дар бари он пуштаи сабз,*
*Ватанро, номбардори Ватанро.*
*Ба зери он мазори хоксоре*
*Баландиҳои куҳсори Ватанро.*

Як хусусияти ҷолиби таваҷҷуҳи шеърҳои Аскар Ҳаким ин аст, ки ӯ аз мавзӯъҳои куҳан ҳам паҳлуҳои нав пайдо мекунад... Шоир барои тасвири лавҳаҳои ҳаёт ва баёни матлаб каломи муҷаз, образҳои таъсирбахш ва реалӣ ба кор мебарад. Ӯ соли қаҳтиро чунин тасвир мекунад, ки як манзараи томро пеши назар меоварад:

*Набориду нарӯиду насабзид,*
*Замин чун синаи хушкидае буд.*
*Агар ки дар замин як қатра афтод,*
*Ҳамон як қатра оби дидае буд.*

Як иддаи муҳимм таълифоти Аскар Ҳакимро шеърҳои ахлоқӣ фароҳам овардаанд. Ин шеърҳои ӯ хулосаҳои ҳикматомӯзро дарбар гирифтаанд, ки на танҳо бо анъанаҳои панду ахлоқии назми форс-тоҷик робитаи қавӣ доранд, балки ба масъалаҳои рӯзгори кунунӣ, ба муносибати тарафайни аъзоёни ҷамъияти мо низ бевосита дахолат мекунанд.

Китоби «Тарозуи офтоб», дар қатори ашъори граждании шоир, намунаҳои лирикаи ишқии ӯро низ дарбар гирифтааст. Сурудаҳои ишқии Аскар Ҳаким, аз як ҷониб, аз ҳиссу ҳаяҷони латиф ва гарму нарм саршор бошанд, аз тарафи дигар, минётурию манзаравиянд.

Ин китоб «Достони Нону Имон»-ро низ дар бар мегирад ва он аз аввалин асари лироэпикии Аскар Ҳаким аст, ки бо порчаҳои лирикӣ зинат ёфта, ба мавзӯи хеле муҳимм ва мубрам бахшида шудааст. Достон сюжет ва банду

басти анъанавӣ надорад. Вай як асари навоварона мебошад. Тамоми ёздаҳ боби онро нону имон ба ҳамдигар васл медиҳад. Ролу мақоми нон дар рӯзгори бани башар бо ҳикояту ривоят, манзараю лавҳа ва образҳои конкрет муайян мешавад. Достон, ки «Нону Имон» ном гирифтааст, шоир дар он ҳаёти моддӣ ва маънавии инсонро аз ҳамдигар ҷудо тасвир намекунад, балки робитаи диалектикии онҳоро нишон медиҳад:

*Нон набудаст аз азал танҳо ғизои одамӣ,*
*Нон чу имон будаасту ҷонфизои одамӣ…*

Дар достон «пайванди даврони навину бостон», яъне дирӯз ва имрӯз хеле равшан ифода ёфтааст. Шоир хоҳ аз гузаштаи таърихӣ, хоҳ аз солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, хоҳ аз ҳаёти кунунӣ сухан ронад, диққату эътибори ӯро масъалаҳои муҳимми сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқии даврони мо ба худ мекашанд. Бинобар он, тамоми достон на танҳо мазмуни иҷтимоӣ ва андешаҳои фалсафӣ, балки пафоси публисистӣ низ касб кардааст.

Достон, чи аз ҷиҳати мундариҷаи ғоявӣ ва чи аз ҳайси шакли бадеӣ якрангу якнавохт нест. Воқеаҳо, манзараҳо, лавҳаҳо, тарзи баён вазну зарби он монанди лентаи кино тез-тез тағйир мепазиранд. Масалан, боби якум («Сурфаи модар»), ки аз воқеаҳои солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз ёфта, то айёми мо мерасад, қофияҳои андармиён дорад. Боби дуюм («Рӯзиофарин»), ки руҷӯи таърихист, дар ситоиши марди деҳқон ва заҳмати ӯ, дар васфи меҳнат ва мавқеи он дар рушду камоли инсон суруда шуда, дар шакли маснавӣ (аа,бб…) анҷом пазируфтааст. Дар ин боб низ нақл ҳаст (баҳри гандум аз биҳишти афсонавӣ ронда шудани одам), аммо назар ба ҳикоят ҷанбаи лирикии он пурқувваттар аст.

Бузургдошти инсони заҳматкаш дар маркази асар қарор гирифтааст. Шоир дар тасвири он образҳои халқиро ба кор мебарад. Гоҳ ӯро «рӯзиофарин» , баъзан «мӯри донакаш», дар мавриде «ҷоннисор» меномад. Заҳмати

модарро дар тарбияти фарзандон, урфу одат, анъанаю русуми наҷиби халқро дар шодии тавлиди кӯдак, корномаю қаҳрамонии писарони ватанро дар майдонҳои набарди зиддифашистӣ тасвир мекунад.

Қувваи қалами Аскар Ҳаким ва зуҳуроти тафаккури нави бадеии ӯ дар ҳамин аст, ки шоир дар тасвири воқеа ва баёни андешаҳои худ кӯшиш мекунад, аз ҷузъ ба кулл бирасад ва ба ҷамъбастҳои реалистии умумиинсонӣ муваффақ гардад. Зоҳиран, аз тамошои музеи гандум (дар Улм ном шаҳри РФГ) чӣ тавр ба ин ноил метавон шуд? Шоир дар мисоли намоиши навъҳои гуногуни гандум решапайвандии ақсои замин, вобастаи ҳамдигар будани тақдири таърихии халқҳои ҷаҳон, дар мисоли баҳсу мунозирае, ки дар байни хоини Ватан ва фарзанди ҳақиқии халқи советӣ рух додааст, масъалаҳои хиёнату ҷиноят ва садоқату саодатро муҳокима мекунад...

Яке аз бобҳои пур аз драматизм ва ҳаяҷонбахши достон, ки навҳаи модарро аз фоҷиаи қаҳрамононаи фарзанд ифода менамояд, «Талбаки талбидаам» ном дорад.

Образи Талбак тавассути навҳаи модар кушода мешавад. Дар он лавҳаҳои зиндагонӣ ва корномаи ин «ҷавонмарги ҷавонбахт» инъикос ёфтааст. Модараш зани озода, ҳаёти хушу хуррам ва осудае дошт. Аммо дар пеш драмаи сахт ба вуқӯъ меояд. Талбак, ки ҳамроҳи даравгарон дар шипанг менишаст, банохост огоҳ мегардад, ки гандумзори колхоз оташ гирифтааст. Талбак зуд ба майдон медавад ва дар набард бо алав «роҳбанди мавҷи оташ мешавад». Шоир нишон медиҳад, ки Талбак ба ивази ҷони худ нагзошт, ки доираи оташ вусъат ёбад. Вай бо фидокории хеш, ҷонфишонӣ ва мардонагӣ умри абадӣ пайдо кард.

Навҳаи модар аз панҷ банди калони манзум ва хотима иборат буда, ҳар банд бо мурофиати дардолуд ва аламангези ӯ ба фарзанди шаҳид оғоз меёбад.

*Талбаки талбидаам, ҷон, Талбаки талбидаам,*
*Ин чӣ қисмат, ки туро дар коми оташ дидаам.*

Порчаҳои достон зимнан дар асоси санъати тазоду муқобила бунёд ёфтаанд, ки ҳамдигарро пурратар карда, драматизми ҳаёт ва амалиёти қаҳрамонро дарбар мегиранд. Модари зор ва зани ҷавони ҳомиладорро ба назар нагирифта, худро ба коми оташ задани Талбак, дар ивази ҳаёти худ ҷӯрааш, Хушмуродро аз аҷали муаллақ халос кардан, «дар ҳамин даврони серию пурӣ… бахри гандум… дар оташ сӯхтан» ва ғайра тезию тундии мубориза ва сифатҳои олии инсонии қаҳрамони достонро падид меоранд. Ҳамаи хислатҳои наҷиби Талбак, ҳатто сабабҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва маишии корномаи ӯ низ, аз номи модар баён шудаанд. Онҳо ибтидои худро аз педагогикаи халқӣ – анъана ва урфу одатҳои тарбиявии мардуми заҳматкаш гирифтаанд:

*Худ магар н-омӯхтам аз кӯдакият қадри нон,*
*Қадри нонро, гуфтам, аз ҳар чиз авлотар бидон.*
*Гар бубинӣ резаи нон хор шуд дар зери по,*
*Зуд бардору бибӯсу молаш андар дидаҳо...*

Албатта, шоир имкону василае ёфта, ҳолатҳои рӯҳии Талбакро дар вақти муборизааш бо оташ ва назъи ҷон нишон медод, чунонки вазъи психологии Фатҳулло Аҳмадовро дар поёни руҷӯи ӯ тасвир кардааст, бурди достон мешуд. Бо вуҷуди ин, боби мазкур муассиртарин фасли асар аст.

«Достони Нону Имон»-ро асосан асари ҳуҷҷатӣ метавон номид. На танҳо як қатор қаҳрамонони он чун Фатҳулло Аҳмадов, Талбак Лолаев, Таня Богданова ва ғайра ашхоси таърихианд, балки бисёр бобҳои он дар заминаи асноди таърихӣ ва сарчашмаҳои адабӣ таълиф шудаанд. Материалҳои асосии бобҳои «Дар музеи гандум» ва «Тахтасанги гушнагӣ» аз ахбори «Курьери ЮНЕСКО» гирд омадаанд. Боби дигар – «Некӣ куну ба дарё андоз» дар заминаи ривояти халқӣ, ки онро классикҳои форс – тоҷик низ истифода кардаанд, таълиф шудааст. «Дар ҳисори

гушнагӣ» ном боби достон аз ҳаёти фоҷеона, вале қаҳрамононаи «се миллион зинда ва мурдаи Ленинград, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ гушнагӣ ва муҳосираи нуҳсадрӯзаро аз сар гузаронидаанд», ҳикоят мекунад. Худи муаллиф дар саҳифаҳои достон сарчашмаҳои онро ҳамеша таъкид менамояд. Аммо аснод ба сари худ мурғи беболу пар аст. Тахайюлоти рангин, андешаҳои фалсафӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқии шоир ба ҳуҷҷатҳо ҷон бахшидаанд.

Аз «Достони Нону Имон» пайдост, ки фикру андешаҳои Аскар Ҳаким дар бораи олам ва ҳастии одам пухтаю ҷиддӣ ва амиқ гардида, каломи ӯ қувваю қудрат, вазну эътибор ва рангу бӯи тоза касб кардааст. Санъатҳои бадеии асари ӯ низ хубу марғубанд. Дар сатрҳои зерин хамири расидаро ба замини расида монанд кардан, ташбеҳи зебою дилкашест:

*Мерасад дар корсони ӯ хамир,*
*Чун замини кишт айёми баҳор.*

Рӯи нонро ба сурхии офтоби ғурубкунанда мушобеҳ овардан низ ҷолиби таваҷҷуҳ аст:

*Сурх гардад рӯи нонаш дар танӯр,*
*Чун рухи хуршед ҳангоми ғуруб.*

Дар байти зерин қомати раъно ва чеҳраи зебои ҳамсари Талбак Лолаев санъаткорона тасвир шудааст:

*Завҷаи уммедворат чун ниҳоли себ буд,*
*Шохи сабзи қоматаш навбору беосеб буд.*

Дар достон баъзе калимаю ибораҳои сохта ба назар мерасанд. Масалан, **ҷангисавор** («Барзгар будам, шудам ҷангисавор») ба маънои ҷанговари савора; **ҷуфти оҳан** («Ҷуфти оҳан монд дар майдони кишт») ба маънои трактор ва ғайра.

Баъзан шоир дар ашъори худ бо тақозои вазн калимаҳоро ихтисор кардааст, ки на ҳамеша маънои матлубро ифода менамоянд. Чунончи, ба ҷойи замонасоз калимаи **замонсозро** овардааст:

*Бо замонсозӣ насозӣ олами ҷовиди хеш,*
*Ҳар замонсозе шавад охир фаромӯши замон.*

Шоир гоҳо ҳақиқати равшанро чун ҳикмат ба риштаи назм мекашад («… озодӣ зи мазлумӣ муқаддамтар бувад»), ки пояи мантиқро андаке метавонад суст бикунад.

Умедворем, ки Аскар Ҳаким дар болои сухан ва каломи бадеъ минбаъд ҳам пайваста заҳмат кашида, асарҳое хоҳад офарид, ки дар ҳаёти адабии мо, дар оянда низ воқеаи муҳимм хоҳанд буд.

***Неъматҷон Файзуллоев,***
***доктори илмҳои филологӣ, профессор***
***Носир Салимов,***
***академик, доктори илмҳои филологӣ, профессор***

## РӮ БА ҶОВИДОН

Аскар Ҳаким ба адабиёти мо бо асарҳои тадқиқотӣ ва мақолаҳои танқидии худ ворид шуд ва аз ҷониби аҳли адабу хонандагон хеле гарм истиқбол гардид. Дар ёдҳост, ки китоби аввалини ӯ «Шеър ва замон» (1978) мавриди гуфтугӯву мубоҳисаҳои бардавом гардида, дар миёни муштоқони каломи мавзун маҳбубиҳои хосае пайдо намуд. Диди амиқу пурвусъат, тафаккури варзидаи илмӣ ва аз ҳама муҳиммаш сабку усули тозаи таҳлилу баёни мунаққид дар нақди адабии тоҷик як самти ҷадидеро густариш дод. Ғараз аз ин гуфтаҳо ин аст, ки Аскар Ҳаким дар қаламрави илму адаб аз нахустин қадамҳояш роҳи худ ва сухани худро меҷусту меёфт. Ва ин сифат, ки хоси эҷодкори асил аст, баъдтар вақте ки ӯ мустақиман ба таълифи шеъру достонҳо шурӯъ намуд, низ ба сароҳат ва зуҳур омад. Суханваре, ки ба шеър ва рисолати шоир назари тоза дошт, дар ҷодаи офариниш низ ба ҳамин дастур роҳ мепаймуд. Ин аст, ки чеҳра ва сабки шоирии ӯ ҳоло хеле мушаххас аст.

Аскар Ҳаким дар тавсияи бунёди ақлӣ (интеллектуалӣ) ва ҷанбаи андешапарварии назми муосири тоҷик саҳми муҳимм гирифт. Ӯ бо иқтизои муҳит ва фитрати хеш аз дардҳои инсону замон сухан мегӯяд, вале шеъри ӯ аслан парвардаи андешаҳои амиқу доманадор, маҳсули муҳокимаҳои серпаҳлуву ҷиддист дар сари муаммоҳои ҳастии инсон. Вай худрову дигаронро на фақат дар масири таърих, балки дар масири сарнавишти азалии инсон ҷустану дарёфтан мехоҳад ва ниёзмандиҳои замону ҷомеаро ба инсонҳои озодманишу созанда, инсонҳои волоназару олиҳиммат хеле тунд эҳсос мекунад ва ин эҳсосро дар зеҳни хонанда ҳам ангезиш медиҳад. Ва он ҳарорату ҳиссиёти

пуршӯр, ки фишурдаи таammуқи пурвусъати шоиранд ба шеърҳои бисёр маҳрамонаву лирикии Аскар Ҳаким бардошту салосати фалсафӣ бахшидаанд. Аз ин нигоҳ хоса маҷмӯаи ашъори ӯ «Тарозуи офтоб» ва «Рӯзи умед» имтиёзи бештаре дорад. Тасодуф нест, ки дар шеъру достонҳои шоир, манзараҳо ва таровишҳои қалбии инсону ҷомеаи имрӯза, бо муқаддасоти милливу башарӣ, паҳлуи ҳам омадаанд ва чунонки худи Аскар Ҳаким дар шеърҳояш пайваста гӯшзад мекунад, қаҳрамони идеалии ӯ инсонест, ки рӯ ба ҷовидон дорад ва маҳз аз ҳамин қиёс моҳияти ҳастии худро шинохтан мехоҳад. Ин маънӣ дар шеърҳои «Заминро деҳқон танҳо барои худ намекорад», «Ҳар саҳар хуршеди дунёдидаи деринаумр», «Тутзори Азим», «Санои деҳқон», «Одами кайҳонкушоро дар масири асри бист», «Ҳар лаҳза ҷовидон шавад» ва ғайра ба таври бориз ифода ёфтааст. Ғояи асосии ин шеърҳо таъкиди пайванди наслҳову асрҳост. Қаҳрамони лирикӣ имрӯзи худро бе дирӯз тасаввур карда наметавонад ва маънии ҳастии хешро дар он мебинад, ки бо гуфтору рафтор ва пиндори нек ҷовид бимонад:

*Дар ин дунё, ки бо ҳам ҳалқапайванд аст ҳар рӯзаш,*
*Чу фарде бо башар пайвастаам то Ҳазрати Одам.*
*Агар бо амри яздонӣ зи ҷаннат ронда гаштам ман,*
*Биҳишти хеш месозам ба рағми ӯ дар ин олам.*

*Чу бо оби ҷабини хеш мекорам замини хеш,*
*Ба дунё ҳар чӣ дорам, ман аз ин оби ҷабин дорам.*
*Агар аз киштаҳои худ ба кас ноне тавонам дод,*
*Бақои ҷовидона дар замону дар Замин дорам.*

Аз мутолиаи кулли ашъори шоир метавон хулоса бардошт, ки Аскар Ҳаким шоири андешапарвар ва таммуқписандест. Ӯ дар ҳар мавзӯе шеър гӯяд, ба тасвири ҳар кадом ашёе бипардозад, кӯшише ба кор мебарад, ки дар ҳар падидаи зиндагӣ осори абадиятро дарк намояд, гузаштаро бо имрӯз ва имрӯзро бо фардои ҳаёт бипай-

вандад. Табиист, ки ин навъ сурат гирифтани тасвири бадеӣ ҷанбаи фалсафии ашъори шоирро тақвият бахшида, муаллифро дар назари хонанда чун суханвари мутафаккир ҷилвагар месозад:

*Ҳар гаҳе гирам миёни дӯстон ҷоми майе,*
*Гӯиё ҳамрози Ҷамшедам ба дастам Ҷоми Ҷам.*
*Дар нигоҳам мерасад пурнуртар фардои ман,*
*Мерасам бар он агар бар аҳди Сомон мерасам.*

*Риштаи дирӯзаю фардо ба ҳам пайвастааст,*
*Ҳикмату андарзи сад дунёст дар дунёи ман.*
*Беасар бошад агар сӯзи ман аз дирӯзи ман,*
*Беасар аз ман равад имрӯзи ман, фардои ман!*

Дар ашъори солҳои охири Аскар Ҳаким, махсусан, ғояи ватанхоҳиву ватанпарварӣ, ифтихор аз гузаштаи таърихии халқу миллати хеш пайваста қувват гирифта, сифатҳои тоза касб карда истодааст. Шоир дар ин қабил шеърҳояш бештар ба худшиносӣ ва худифшоӣ кӯшида, ба ин васила хонандаро низ водор намудааст, ки дар сари муқаддасоти зиндагӣ: хоки ватан, забони модарӣ, ғурури миллӣ ва ғайра биандешад. Дар ин навъ чакидаҳои қалами шоир назари фарох ва афкори лангардори ӯ амиқ эҳсос мешавад. Гоҳо шоир ба сифати хирадманди ҳикматпарваре аз воқеияти зиндагӣ пандҳои судманде берун меорад ва бо шевае оливу хотирнишин онро ироа медорад.

*Аз миллату аз забони худ ёд кунед,*
*Арвоҳи гузаштагони худ шод кунед,*
*То ҳарф занад ба тоҷикӣ тифли шумо,*
*Дунёи варо тоҷикӣ обод кунед.*

Аскар Ҳаким шоирест хушзавқ, тавоно. Далели рӯшани ин матлаб ҳунари мумтози ӯст, ки дар бисёр жанрҳои манзум, хоса дар жанри ғазал бо сароҳат инъикос ёфтааст.

Пайдост, ки ғазалгӯӣ кори саҳл набуда, қобилият ва истеъдоди фитриро тақозо мекунад. Ғазал аз лиҳози табиати бадеӣ ва услубӣ бештар ба ифодаи эҳсосоти ишқӣ, ҳаяҷону изтироби ботинии инсон мувофиқ аст. Дар ишқияҳои Аскар Ҳаким, ки ғолибан аз ғазал таркиб ёфтаанд, ин ҳиссиёти наҷибу поки инсонӣ дар либоси ҳарир бадеӣ нигориш ёфтааст. Дар нигоришоти ӯ таровишҳои қалби нозуку пурорзӯ ва туғёни ошиқи ҳассос басо табиӣ ва рехта ба тасвир омадааст, ки фикри зер намунаест аз он:

*Нақши ишқат менишинад дар дилу авзои ман,*
*Бӯйи ту меояд аз ҳар зарраву аъзои ман.*
*То шабе аз хештан лабрези ишқам мекунӣ,*
*Мерасад савдои ишқи ту ба ду дунёи ман.*
*Ҳамчу дарё мекушоӣ ту маро тангии дил,*
*Метапад дар тангно бе ту дили дарёи ман.*
*Бе ту шомам кӯрмаҳтобу шабам беахтар аст,*
*Хӯшаи парвинию маҳтоб дар шабҳои ман.*
*Ёди лабҳоят зи ёдам мебарад ёди сухан,*
*Бо лабони худ сухан омӯз бар лабҳои ман.*
*Дар миёни ошиқонат гар якам аз садҳазор,*
*Дар миёни сад ҳазорӣ гавҳари яктои ман.*
*Ман ба дунё ҳамқаринам, гар қарини ман туӣ,*
*Беҳтарин пайдои ман яктои ман, зебои ман…*

Дар фаъолияти бисёрҷабҳаи адабии Аскар Ҳаким тарҷумаи бадеӣ низ ҷойи муҳиммро ишғол мекунад. Муҳиммтарин ва барҷастатарин дастовардҳои адабии ӯ дар ин ҷода тарҷумаи ёдгории таърихии асри XIV – «Мазҳакаи илоҳӣ»-и шоири бузурги итолиёвӣ Данте Алигерӣ ба шумор меояд. Ин асари ҷаҳонӣ, ки дар зарфи бештар аз 600 сол ба бисёр забонҳои дунё тарҷума шуда, дили оламиёнро басо тасхир кардааст, ба туфайли ҷасорати эҷодӣ ва заҳмати бурдборонаи Аскар Ҳаким ба хонадони тоҷикон низ ворид гардид.

Чунонки дар ифтитоҳи мақола иброз доштем, Аскар Ҳаким ба майдони адабиёт чун мунаққид ворид шуд ва ҳанӯз низ дар ин ҷода пайваста заҳмат мекашад. Кулли таълифоти илмии шоир дар китобҳои «Шеър ва замон» ва «Дар қаламрави сухан» гирд омадааст. Аксари ин таълифот ба забони русӣ низ тарҷума шуда, дар Москва бо номи «Творцы созвучий» (1988) ва дар Душанбе таҳти унвони «Испытание поэзией» (1992) интишор ёфтаанд.

Бо мақолаву китобҳои Аскар Ҳаким дар илми нақду адабиётшиносии тоҷик тамоюли наве падид омад, ки ҷавҳари он шинохти шеър аз назари арзишҳои ҳунарӣ маҳсуб мешавад.

Шоири донишманду тавоно, мунаққиди хушзавқу нозуксанҷ, мутарҷими мумтозу забардаст Аскар Ҳаким аз ҷумлаи беҳтарин суханварони муосири тоҷик ба шумор меравад ва тасодуф нест, ки ӯ бо раъйи адибони тоҷик чандин сол ин ҷониб Иттиҳодияи нависандагонро сарварӣ мекунад ва дар ин ҷода низ бо ҳамон хушзавқиву кордонӣ амалҳои шоистаро ба сомон мерасонад. Мо дар мақоми ифтихор аз шахсиятҳои маънавӣ ва фарзонае чун Аскар Ҳаким, ки воқеан номбардори миллати мутамаддини мо ҳастанд, эшонро бо камолоти умрашон сидқан муборакбод мегӯем ва орзу мекунем, ки дарёи табъи олиашон ҳамеша хурӯшон бошад.

*Абдураҳмон Абдуманнонов,*
*номзади илмҳои филологӣ*

## СУХАН АЗ ШЕЪРУ ШЕЪРИЯТ

Дар инъикоси рӯзгор шоирони муосири тоҷик аз анъанаҳои беҳтарини шеъри гузаштагон истифода намуда, худашон низ навиҳое ба миён овардаанд, ки онҳо баъдан ба анъана табдил ёфтаанд. Мавзӯи рисолаи мунаққид ва адабиётшинос Аскар Ҳакимовро, ки нашриёти «Ирфон» таҳти унвони «Шеър ва замон» ба табъ расондааст, паҳлуҳои гуногуни проблемаи анъана ва навоварӣ ташкил намудаанд.

Муаллифи рисола фикру ақидаҳоеро, ки то имрӯз оид ба анъана ва навоварӣ дар шеъри муосири тоҷик ба миён омадаанд, ҷамъбаст намуда, ба чунин хулосае меояд, ки «то ба ҳоло масъалаи мураккаб ва серҷиҳати анъана ва навоварӣ ба тамом яктарафа маънидод мегардад».

Мунаққид таълимоти В.И. Ленинро оид ба мавҷудияти ду маданият дар ҳар маданияти миллӣ, инчунин оид ба муносибат ба мероси гузаштагон ба асос гирифта, ду тамоюли ифротиро дар муносибат ба анъанаҳои шеъри гузаштагон ба зери танқид гирифтааст. Яке аз ин тамоюлот муносибати нигилистона ба шеъри гузаштагон мебошад, ки тарафдорони он «аҳамияти мероси адабиёти классикиро ба зери шубҳа мегузоранд», дигар тамоюлест, ки аз рӯи он анъанаҳои адабиёти классик аз ҳамаи ноқисӣ ва маҳдудиятҳои таърихӣ озоданд.

Дар ҳалли масъалаи анъана ва навоварӣ муаллиф ба предмети асосии адабиёт диққати махсус медиҳад. «Нависандагони иртиҷоии буржуазӣ, - менависад ӯ, - ба адабиёт аз назаргоҳи барғалати идеологӣ нигариста, бо тамоми азму кӯшиш мехоҳанд инсонро ҳамчун қаҳрамони асосӣ аз арсаи он дур андозанд…». Баръакси он, адабиёти шӯравӣ, ки байрақбардори методи реализми сотсиалистист, зиндагиву фаъолияти инсонро мавзӯи асосии худ қарор дода, барои ӯ хизмат мекунад.

Масъалаи навоварӣ, ора анъана алоқаи узвии диалектикӣ дорад, низ аз проблемаҳои баҳсноку ҳалталаб ба шумор меравад. «Навоварии асил, - менависад муаллифи рисола, - чи дар соҳаи шакл ва чи дар ҷабҳаи мазмуну мундариҷа бо талаботи замон, ҳамчун дархури дархостҳои тоза зуҳур мекунад». Вале навоварие, ки аз анъанаҳои ғании гузашта бархурдор нест ва ба он такя намекунад, ба завқу салиқаи мардум, ки дар тӯли асрҳо дар рӯҳи он анъанаҳо парвариш ёфтааст, низ мувофиқат карданаш маҳол аст. Бинобар ҳамин, навовариву тозаҷӯиҳое, ки дар шеъри адибони шӯравии тоҷик зуҳур мекунанд, аз тарафи мунаққид чун инкишофу такомули анъанаҳои беҳтарини шеъри гузаштагон, истифодаи имкониятҳои дохилии арӯз ва системаи образҳои шеъри классик, ба талаботи замону рӯзгор ва ҷаҳонбиниву методи эҷодии нав мутобиқ намудани қолабу шаклҳои анъанавӣ дониста шудаанд.

Тозаҷӯиҳо бо тамоми маънӣ дар адабиёти шӯравии тоҷик аз ибтидои ташаккули он ва пеш аз ҳама дар эҷодиёти устод Айнӣ, Лоҳутӣ, Пайрав дар роҳи тасвири зиндагӣ ва инсони нав ба миён омада, минбаъд дар эҷодиёти М. Турсунзода, М. Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Шукуҳӣ, Қаноат, Лоиқ, Бозор такомул ёфтаанд. «Дар адабиёти муосир ҷаҳоншиносии инсони нав тасвир карда мешавад… инсон ба миёни мусодамаҳои тезу тунд гузошта мешавад, ба ҳалли мураккабтарин масъалаҳои замон рӯ ба рӯ меояд… нигоҳаш воқеияти серсоҳаро дар бар мегирад, гузаштаро ба ҳозира наздик карда, уфуқҳои ояндаро пеши назар меорад». Ба ҳамин маънӣ Аскар Ҳакимов осори адибони гуногуни шӯравиро, аз қабили Э. Межелайтис, Ю. Мартсинкявичюс, М. Қаноат, О. Сулаймонов, О. Ватсиетис, Дж. Мулдоғалиев ба риштаи таҳлили типологию муқоисавӣ кашидааст. Муаллиф оид ба субъекти лирика ва идеали эстетикии инсони муосир бисёр фикрҳои тоза баён карда, ба хулосаҳои ҷолиби диққат омадааст. Масалан, дар натиҷаи таҳлили шеъру достонҳои М. Турсунзода муҳаққиқ ба чунин ақидае омадааст, ки қаҳрамони лирикии шоир дар ҳама ҳолат

«беҳтарин хусусиятҳои субъекти лирикии солҳои 60-умро дар худ таҷассум мекунад, ки он инсони эҷодкор, созандаи коммунизм, хуллас, бо тамоми дилу ҷон коммунист аст».

Паҳлуҳои фаъолият ва боигарии маънавиёти инсони муосир дар эҷодиёти шоирони гуногуни тоҷик аз як мавқеи умумии ғоявӣ, вале бо тарзу усулҳои мушаххаси фардии онҳо таҷассум ёфтаанд. Мунаққид дар эҷодиёти Миршакар дар солҳои охир қувват гирифтани ҷанбаи фалсафӣ ва умумибашарии шеър ва дар ин гуна шеърҳо низ мавқеи устувор ва буррои ғоявии шоирро таъкид менамояд. Ин фикр дар мисоли муқоисаи шеърҳои ба як мавзӯъ оиди Халилуллоҳи Халилӣ ва Мирсаид Миршакар равшан ба субут расидааст.

Аз масъалаҳое, ки ба доираи проблемаи анъана ва навоварӣ мансубанд, вале то имрӯз дастнозаду тадқиқнашуда ба шумор мераванд, системаи образҳои шеъри гузашта ва имрӯз, муносибати ниҳоят мураккаб ва печдарпечи онҳо мебошад. Ҳол он ки барои тадқиқи дуруст ва таъйини таҳаввулоти адабии пас аз Инқилоби октябр «таҳлили системаи образҳою забон, услубу банду басти осори манзум зарур аст». Муҳаққиқ дар ташаккули системаи образҳои шеъри имрӯз нақши ниҳоят калон доштани забони зиндаи халқро, ки истифодаи унсурҳои он яке аз роҳҳои муҳими демократӣ кунондани забони адабиёти бадеист, махсусан таъкид карда, ду хусусияти асосии омезиши забони адабиву унсурҳои забони гуфтугӯиро нишон додааст;

а) ба забони назм ворид шудани калимоте, ки дар забони зиндаи халқ серистифода буданду дар назм то ҳол маъмул набудаанд;

б) ба забони назм таъсири синтаксиси назми халқ…

Ба назари мо чунин тарзи таҳлил барои муайян намудани роҳҳои ташаккул ва такомули системаи образҳои назми муосири тоҷик хеле мувофиқ аст ва Аскар Ҳакимов ин иддаоро дар фасли «Сухан ва образ»-и китобаш то андозае ҳал намудааст.

Аксар вақт, ҳангоме ки дар хусуси моҳияти навовариҳои шоирони кунунии тоҷик сухан меронанд, бо таъкиди навии мазмуну мундариҷа ва ё шаклу услуб иктифо мекунанд. Аскар Ҳакимов бар он аст, ора таҳаввули шеър вобаста ба зуҳуру тағйири сабкҳои адабӣ системаи образҳои шеър низ тағйир мепазирад, сухани маъмулӣ ба образҳои бадеӣ ва баръакс, образҳои бадеӣ ба сухани маъмулӣ табдил меёбанд ва ин тағйиру табдил пеш аз ҳама ба ғояву мундариҷаи шеър пайвастагии сахт дорад.

Масъалаи бо тафаккур, амалиёт ва ҳаракату андешаҳои қаҳрамон ҳамбастагии зич доштани образ дар таҳқиқи Аскар Ҳакимов мавқеи махсус ора два бо таҳлили шеъри «Нарав, қуи сафеди ман»-и Мӯъмин Қаноат аёнан нишон дода шудааст, ки чунин тарзи таҳлил барои таъйини арзиши ғоявиву эстетикии шеър хеле мувофиқ аст.

Боби «Таҳаввули арӯз»-и китоби Аскар Ҳакимов низ як баҳсест, ки агарчанде тоза набошад ҳам, мушоҳидаву мулоҳиза ва хулосагириҳои муҳим дорад.

Доир ба масъалаи пайдоиши арӯз ва хосса арӯзи форсу тоҷик дар илми адабиётшиносӣ ақидаҳои зиёд ва ниҳоят мухталиф мавҷуданд. Арӯзшиносони Ғарбу Шарқ муддатҳои дароз асоси вазни шеъри форсу тоҷикро ҳамон арӯзи шеъри араб мешумориданд ва ин ақида то замони мо низ комилан рад нашудааст, агарчанде мушоҳидаву мулоҳизаҳои муҳими як қатор олимони номӣ бар он рахнае даровардаанд. Бештар ва ҷиддитар аз ҳама устод Айнӣ асоси халқии вазни шеъри тоҷикиро таъкид ва таъйин намуд. Баъзе аз фикрҳои устодро И. Брагинский дар тадқиқоти ба назми халқии тоҷикӣ бахшидааш тақвият дод. Аскар Ҳакимов дар заминаи ақидаҳои мавҷуда бо таҳқиқи вазни рубоӣ, ки асоси халқии форсиву тоҷикии он бешубҳа аст, пардохта, ба чунин хулосаи муҳим омадааст, «ки вазни рубоӣ ҳаргиз вазне нест, ки танҳо ба ададй баробари ҳиҷоҳо асос ёфта бошад. Рубоӣ шакли қадимтарини назми мардуми форсизабон аст ва вазни он низ эҷоди онҳост». Бояд гуфт, ки зимни таҳлили ашъори шоирони муосири тоҷик мулоҳизаҳои ниҳоят муҳим ва

ҷиддие ба миён омадаанд, ки барои таҳқиқи минбаъдаи поэтикаи шеъри имрӯзаи тоҷик аҳамияти калон доранд. Масалан, мулоҳизаҳои муаллиф дар хусуси он ки «арӯзи озоди имрӯз ва таҷаддудҳои вазнии солҳои бистуму сиюм ҳодисаҳои адабии якранг» нестанд ва ё оид ба ҳамбастагии оҳангу вазн дар арӯзи озод, бо вуҷуди он ки қисман баҳсталабанд, диққати муҳаққиқонро ба тадқиқу ҳалли масъалаҳои муҳими поэтикаи шеъри имрӯз ҷалб мекунанд.

Фасли «Аз ғазал то шеъри озод»-и китоб ба таҳқиқи таҳаввули шаклҳои шеърӣ оид аст. Дар ин фасл муҳаққиқ оид ба мақоми қофия дар таъйин намудани шаклҳои шеъри классик, махсусиятҳои жанру шаклҳои гуногуни шеърӣ аз қабили рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ, ғазал муҳокима ронда, таҳаввули ин шаклҳоро пайваста бо талаботу тақозои мазмуну мундариҷаҳои тоза ба риштаи тадқиқ кашидааст. Муаллиф нақши пешбаранда ва тақозокунандаи мазмунро нисбат ба шаклҳои шеърӣ ба асос гирифта, роҳҳо ва сабабҳои пайдоишу ривоҷи шаклҳои нави шеъриро, ки дар ифодаи мазмунҳои бикру мураккаб имконияти бештаре доранд, аз назари тадқиқ гузаронидааст.

Боби охирини китоб «Достони қалъаҷанг» ном дошта, ба таҳлили дақиқ ва амиқи хусусиятҳои ғоявиву мундариҷавӣ ва таъйини арзиши эстетикии достони «Суруши Сталинград»-и Мӯъмин Қаноат бахшида шудааст. Дар заминаи тадқиқ муаллиф оид ба сохти композитсионии достон, ҳамбастагии он бо мазмуну мундариҷаи асар, ниятҳои услубии шоир, инчунин дар хусуси ягонагии ҷуз ва кулл дар сохти умумии достон фикрҳои ҷолиб баён кардааст.

Шиносоӣ бо китоби нахустини Аскар Ҳакимов аз доираи васеи назари тадқиқии муаллиф, аз ниятҳои ҷиддии ӯ дар кори омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои ҳалталаби инкишофи шеъри муосири тоҷик дарак медиҳад. Дар баробари ин, чун дар ҳар асари ҳақиқатан илмие, ки ба проблемаҳои муҳим бахшида мешаванд, дар китоб як қатор фикрҳои баҳсангез низ ҳастанд, ки ном бурдани баъзеи онҳо аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Масалан, муаллиф мафҳумҳои

«шеъри нав», «шеъри озод», «арӯзи озод» ва «шеъри сафед»-ро ба таври фаровон истифода мебарад, вале моҳияту маънои истилоҳии ҳар яке аз онҳоро, ки аз ҳам тафовути нисбӣ доранд, ташхис намедиҳад. Мулоҳизаи муаллиф дар хусуси он ки «Одатан дар маснавӣ ҳар мисраи байт комилҳуқуқ (?) буда, ба якдигар эҳтиёҷи маънавӣ ва ё синтаксисӣ надорад», низ ба назар он қадар саҳеҳ намерасад. Зеро дар аксари анвои шеъри классикӣ воҳиди нисбатан мукаммал байт (ба ҷуз дар рубоӣ, мухаммас, мусаммат, таркиббанд, тарҷеъбанд ва монанди инҳо, ки чунин воҳид банд аст) буда, мисраъ ба сари худ ба истиснои фард, воҳиди мустақили шеър шуда наметавонад.

Аксари таҳқиқоти мавҷуда сарфи назар аз ихтилофоти фикр дар хусуси замон ва омилу манбаъҳои пайдоиши ғазал, ба он далолат мекунанд, ки ғазал чун шакли мустақили шеъри форсию тоҷикӣ маҳз дар заминаи ҳамин адабиёт зуҳур карда, дар ҳамин адабиёт инкишоф ёфта, ба авҷи тараққии худ расидааст. Ва қисме аз муҳаққиқон бар онанд, ки агар дар адабиёти араб ғазал аз қасидаи арабӣ ҷудо шуда, шакли жанри мустақили адабиро гирифта бошад, дар адабиёти форсу тоҷик ташаккули жанри мустақили ғазал ба ҷуз тағаззули қасидаи форсию тоҷикӣ омилҳои дигаре низ аз қабили суруду таронаҳои халқӣ дорад. Чунон ки мебинем, тадқиқи ин масъала то ба дараҷаи баровардани ҳукми қатъӣ нарасидааст.

Дар охир ҳаминро бояд гуфт, ки аз қайдҳои болоии мо ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти илмии ин асар намекоҳад. Аксари масъалаҳое, ки дар китоб мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд, худ масъалаҳои баҳсу ҳалталабанд ва Аскар Ҳакимов дар гузоришу тадқиқи қисме аз онҳо қадами аввалин ва муҳимро гузоштааст. Илова бар ин ҳама, китоби мазкурро аз нахустин тадқиқотҳои ҷиддие бояд донист, ки муаллифи он ҷанбаҳои бадеиву эстетикии шеъри имрӯзро дар пайвастагии зич бо мундариҷа ва ғояи шеър мавриди таҳлил қарор додааст.

***С. 1979.***

*Абдухолиқ Набиев (Набавӣ),*
*номзади илмҳои филологӣ*

## УФУҚҲОИ ШЕЪРИ ИНСОН

Бояд иқрор кард, ки дар танқид ва адабиётшиносии муосир тадқиқи масъалаҳои назми имрӯза, хусусан шеъри муосир, қаноатбахш нест, ҳол он ки шеъри тоҷикӣ дар раванди адабии муосир пешсафу пешрав аст. Дар ду даҳсолаи охир шеъри мо сифатан такмил ёфт, ғанӣ гардид ва инкишоф ёфт. Навҷӯӣ дар шеър хеле бошиддат ҷараён гирифт ва ҳатто тамоюле бо номи «шеъри нав» ҳоло мавриди гуфтугӯи аҳли тадқиқ гардидааст. Вале таҳқиқу ҷамъбасти ҳодисаҳои нави шеъри имрӯз, самти инкишофи он, аз назари таҷрибаи таърихии назми советии тоҷик ба мушоҳида гирифтани он, ошкор сохтани ҷиҳатҳои милливу интернационалӣ дар поэтикаи вай ҳам акнун шурӯъ мешавад.

Дар ин бобат дар суханронӣ, мақолаву асарҳои ҷудогонаи М. Қаноат, М. Шукуров, А. Сайфуллоев, А. Сатторов, Ю. Акбаров, Ҳ. Шодиқулов ва дигарон андешаҳои ҷолиб баён шудаанд. Вале тадқиқоти вусъатноке, ки раванди адабии муосирро аз чанд ҷиҳат мавриди баррасӣ қарор дода бошад, ба чашм намерасид. Аз ин сабаб чопи асари мунаққид ва адабиётшиноси хушсалиқа Аскар Ҳакимов «Шеър ва замон» (Душанбе, «Ирфон», 1978)-ро, ки оид ба масъалаҳои инкишофи назми муосири тоҷик баҳс мекунад, ҳодисаи муҳимм ҳисобидан мумкин аст[31].

Ҳамин чиз ҷолиби диққат мебошад, ки муҳаққиқ масъалаҳои инкишофи назмро аз назари ирсияти таърихӣ ва анъанаву навоварӣ ба таҳқиқ гирифтааст. Қонуни инкишофи ғоявию эстетикии адабиёт ҳаминро тақозо мекунад ва ба ин восита самти асосии рушди адабиёт дуруст тадқиқ хоҳад

[31] Минбаъд саҳифаҳои иқтибосҳо аз китоби мазкур дар матн дода мешавад.

шуд. Ҳамин нияти муаллиф ҳамаи қисмҳои рисоларо ба ҳам пайвастааст ва мақолаи «Достони қалъаҷанг», ки гӯё аз масъалаи асосӣ берун буда, асари мустақил аст, ба назари мо, он як навъ санҷиши қазияҳои мунаққид дар мисоли асари мушаххас мебошад. Ҳамин тавр, мо тадқиқоти мукаммалу мақсаднокеро оид ба баъзе масъалаҳои назария ва амалияи шеъри муосири тоҷикӣ дар даст дорем.

А.Ҳакимов, пеш аз ҳама, ба шарҳи масъалаи анъанаву навоварӣ мепардозад. Мақолаи муқаддимавии «Баҳси бардавом» хусусияти назарӣ дорад ва мубоҳисаҳои доир ба ин масъала, шарҳи дурусти муносибати ин ду мафҳуми эстетикӣ дар назми муосирро фаро гирифтааст. Ақидаҳои мунаққид ҳарчанд такрор бошанд ҳам, аз нав дидану ба хотир овардани онҳо барои адабиётшиносони тоҷик, ки масоили назариро ками дар кам мавриди муҳокима қарор медиҳанд, аз манфиат холӣ нест.

Анъана ва навоварӣ масъалаи мураккабу серпаҳлу мебошад ва муайян кардани методологияи тадқиқи он хеле зарур аст. А. Ҳакимов менависад: «Аз анъана то анъана фарқ дидан, анъанаро танқидӣ омӯхтан ва вобаста ба давраи муайяни таърихӣ шаҳр додан, анъанаро танҳо бо хусусиятҳои миллӣ маҳдуд накарда, таркиби онро аз ягонагии ҷузъҳои ғоявию эстетикӣ дидан, хуллас, ин ҳодисаи эстетикиро дар айни диалектика ба тадқиқ гирифтан зарур аст. Дар хусуси навоварӣ бошад, пеш аз ҳама қайд кардан зарур аст, ки он аз анъана ҷудо нест. Зиёда аз он, чизи нав дар шакли адабиёт хеле дер равшан зоҳир мегардад, аммо ба сари худ пайдо намешавад. Санги маҳак дар ин бобат ин аст, ки навоварии ғоявию бадеӣ вобаста ба инсони нав ва қаҳрамони нави адабиёт зуҳур мекунад». Ин ҳақиқатро таҷрибаи устод Айнӣ, Лоҳутӣ, М. Турсунзода, П. Сулаймонӣ, Ҳ. Юсуфӣ, М. Миршакар, М. Қаноат, Лоиқ ва дигар шоирони тоҷик собит менамояд. Ашъори онҳо на танҳо ифодаи нақши замон, инъикоси рӯҳияи одами нав ва анъанаҳои бадеии миллӣ аст, балки аз сарчашмаи адабиёти халқҳои СССР низ об мехӯрад. Вале омӯзиш аз адабиёти

халқҳои бародар, ки як сарчашмаи муҳимми навоварист, бояд эҷодкорона сурат гирад ва он маънии кӯчонидани таҷрибаи адабиёт ва ё адибе ба адабиёти миллиро надорад, чунонки як вақтҳо нисбат ба эҷодиёти Маяковский ҳамин тавр муносибат карда мешуд.

Бисёр мешавад, ки агар сухан аз навоварии назми имрӯза равад, онро аз шикастани қолибҳои анъанавии жанру қофия, вазн медонанд ва ин, бешубҳа, осону сабук шарҳ додан ва саҳлангорӣ кардан аст нисбат ба ин ҳодисаи ҷиддӣ. Дар асл бошад, ҳолат нисбат ба пиндошти баъзеҳо, чунон ки гуфтем, хеле мураккаб буда, ба баланд шудани савияи мундариҷа ва шакли шеъри солҳои шастуму ҳафтодум вобастагии қавӣ дорад. «Дар ин ҳангом, - менависад А.Ҳакимов, - шеъри тоҷик аз лиҳози мундариҷа ба тасвири амиқ ва доманадори воқеият, пурқувват ва фарогиранда шудани эҳтироси гражданӣ, омӯзиши гуманизми нав ноил шуда бошад, дар соҳаи шакли бадеӣ дар он муносибати тоза ба сухану сурат, ба шаклҳои анъанавӣ ва ба унсурҳои услуб, авзону анвои шеър ва аз ҷумлаи инҳо ба мавқеи муҳимм соҳиб мешавад» (с.18). Ин хулосаи муал- лиф оид ба инкишофи назми имрӯз ва поэтикаи он ба хулосаҳои адабиётшиносон М. Шукуров (Муҳаммадҷони Шакурӣ), З. Османова, Л. Демидчик, А. Сайфуллоев дар хусуси анъанаву навоварӣ ва ҳузури он дар инкишофи насру драматургияи тоҷикӣ як аст ва аз ягонагии ҳодисаҳо дар раванди адабии муосир шаҳодат медиҳад.

Чунонки мебинем, заминаҳои методологии муҳоки-маҳои А. Ҳакимов ҷиддӣ, асоснок ва доираи назари ӯ низ васеъ буда, мундариҷаи ғоявӣ, тасвири инсон ва шеърияти назми муосирро фаро гирифтааст. Мақолаи «Шеъри инсон» шомили масоили мазкур ва аз қисматҳои муҳимми китоб мебошад. Зеро образи лирикӣ, инсон дар лирика, қаҳрамони лирикӣ ва тарзу усули тасвири он асоси мундариҷа ва навҷӯиҳои шаклии назми муосирро муайян мекунад. Дуруст муайян кардани алоқаи қаҳрамони лирикӣ бо шахсияти шоир ва инсони воқеӣ, рӯшан кардани сифатҳои ба худ хоси

тасвири типи зиндагӣ дар лирика аз масъалаҳои баҳсноки адабиётшиносии советист. Бинобар ин, дар ин маврид табиӣ саволе ба миён меояд, ки қаҳрамони лирикӣ кист? Худи шоир аст (Б. Томашевский) ё шахсияти ӯст? (В. Назаренко); он хусусиятҳои ба образи шоир хосро ҷамъ оварда, як воситаи сохтани образи бадеӣ, типӣ, фардӣ ва ҷомеи вай аст (Л. Тимофеев, З. Паперный), ё қаҳрамони лирикӣ метавонад, ҳам «дугоник» ва ҳам образи объективии шоир бошад? (Ал. Михайлов). Аз байни ин ҳама фикру ақидаҳои зиёд А.Ҳакимов гӯё ба гуфтаҳои И. И. Грибушин, ки дар лирика қаҳрамони субъективӣ ва объективӣ ҳаст мегӯяд, ҳамфикр шуда ин назарияро пурмаҳсул ҳисобидааст.

Ба фикри мо, ин дарҳамбарҳамӣ дар тавсифи лирика ва қаҳрамони лирикӣ аз он ҷо сар задаст, ки муҳаққиқон сифатҳои зотии лирика (образи лирикӣ) ва ҳам инсони лирика (қаҳрамони лирикӣ)-ро бо ҳам омехтаанд. Дар мавриди якум лирика ба куллӣ навъи субъективист ва ҳиссу фикри шоир воситаи асосии тасвири инсон ва ҳаёт мебошад. Шояд ба шахсияти шоир айният додани қаҳрамони лирикӣ аз ҳамин ҷо сар мезанад ва худ ба худ маълум аст, ки ин ақида ҳақиқати ҳолро пурра ифода карда наметавонад. Дар мавриди дувум, қаҳрамони лирикӣ воситаи тасвири ҳақиқати зиндагии объективӣ ва инсон аст, ки дар шакли субъективӣ амалӣ мешавад. Бинобар ин ки қаҳрамони лирикӣ воситаи тасвири ҳақиқати ҳаёт дар лирика аст, ҳар қадар вай субъективӣ ва фардӣ бошад ҳам, он ба шахсияти шоир айният дорад гуфтан мумкин нест. Яъне қаҳрамони лирикӣ сифати аслии худро аз даст надода, дар айни замон бояд аз маҳдудияти шахсӣ ва объективизми хушк орӣ бошад. Лирика, ки навъи адабии субъективист, ҳамеша ба тасвири объективӣ майл дорад вай, ки зодаи ҳиссу фикри фардист, ҳамон андоза барои офаридани образи ҷомеъ ҳаракат мекунад. Ба фикри мо, қаҳрамони лирикиро дар ҳамин мураккабӣ ва ҳамбастагии диалектикии ҷузъҳои гуногун баррасӣ кардан ба мақсад мувофиқ буда, он ҳақиқати

ҷустуҷӯҳо ва ғанои мундариҷаву шакли назми муосирро дар офаридани симои инсони муосир хубтар ифода мекунад.

Дар асари А. Ҳакимов бо мақсади рӯшан кардани симои умумии қаҳрамони лирикӣ истилоҳи субъекти лирикӣ - идеали эстетикии инсони замон қабул карда шуда, зуҳури ин инсон дар мисоли эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Миршакар, Лоиқ, Ғаффор Мирзо, Қутбӣ Киром нишон дода мешавад.

Ба ақидаи мунаққид, «баробари дар эҷодиёти М. Турсунзода, М. Миршакар, Б. Раҳимзода, А. Шукӯҳӣ равшан сурат гирифтани ҷиҳатҳои ҷамъиятии субъекти лирикӣ, дар эҷодиёти қисми дигари шоирон тасвир ва таҳлили амиқи ҷаҳони ботинии инсон мавқеъ пайдо кардан мегирад» (с. 51). Дар мақола шаклҳои фардию усулҳои зоҳир шудани хислатҳои субъекти лирика хеле хуб ва батафсил нишон дода шудааст. Мушоҳидаҳои муҳаққиқ дар хусуси ба ҳам наздик омадани инсон ва шахсияти эҷодкор дар адабиёти реалистӣ ҷолиби диққат аст, зеро ин яке аз комёбиҳои реализм аст ва лирика дар ин бобат имкони бештаре дорад. Ин нукта ҳам сазовор ба қайд аст, ки лирика, пеш аз ҳама, ба таҳлили «диалектикаи рӯҳ»-и инсони давру замони муайян мепардозад, хусусан лирикаи реалистӣ. Бинобар ин, қаҳрамони лирикии М. Турсунзода ба фардияти шоир наздиктар буда, ғанои маънавию рӯҳии инсони муосирро хубтар ифода карда тавонистааст вай «шоҳиди муборизаҳои ду ҷаҳон, ду система, инсони эҷодкор, созандаи коммунизм, шахси инсондӯст, хуллас, бо тамоми дилу ҷон коммунист аст» (с. 44).

Сифатҳои инсони лирикӣ ва тасвири он дар худи ҳамон шоир ва ҳам шоирони дигар яксон нест. Ба гуфти муҳаққиқ агар он дар эҷодиёти М.Турсунзода ба воситаи ифодаи қаҳрамони лирикӣ сурат гирад, дар эҷодиёти М. Миршакар он дар образи ҷомеи инсон амалӣ шудааст, дар ашъори Мирзо бошад, он дар зиндагии муқаррарӣ, кору бор ва ташвишҳои ҳаррӯзаи зиндагӣ нишон дода мешавад. Дар ашъори М. Қаноат, Лоиқ, Қутбӣ Киром, Бозор Собир

сифатҳои фитрии инсон, рӯҳияи вай, масъулиятшиносии ҷамъиятии ӯ, умуман пайванди Инсону Оламу Замин тасвир шуда, субъекти лирикаро ғанӣ кардаанд. А. Ҳакимов исбот мекунад, ки мақому манзалати инсон, андешаҳои мураккаби вай, муаммои мавҷудияти ӯ дар шеъри Лоиқ хеле ҷиддӣ ва торафт мукаммал ба тасвир меояд. Ба фикри мо, аз мушоҳидаву хулосаҳои мунаққид ба хулосае омадан мумкин аст, ки шеъри имрӯз анъанаҳои инсонпарваронаи адабиёти классикӣ ва рӯҳи граждании назми советиро идома дода, то рафт гуманизмаш амиқ, имкониятҳояш дар тасвири инсони мубориза фаъол бештар шудааст.

Табиист, ки чунин ҷустуҷӯҳои амиқ ва ҷасурона дар тасвири мукаммали субъекти лирика - инсони маънан ғанӣ, ахлоқан қавӣ, аз ҷиҳати сиёсӣ устувор, инсони бунёдкор на танҳо бар пурқувват шудани ҷанбаи иҷтимоӣ, публицистиву психологӣ ва фалсафии шеър сабаб гардид, инчунин ба поэтикаи он низ тағйироти зиёде ворид сохт. А. Ҳакимов яке аз аввалин тадқиқотчиёнест, ки аз дидгоҳи поэтика оид ба сухани шоирона, анъанаву навоварӣ дар анвою авзон ва хусусиятҳои жанрии шеъри муосир хеле батафсил сухан меронад. Дар ҳақиқат, адабиёти бадеӣ, хусусан шеър, сухан аз калимаҳои ҷудогонаву хушк, аз баёни муқаррарии фикр иборат нест ва бесабаб онро санъати сухан нагуфтаанд. Бинобар ин, ҳангоме ки гап дар бораи забони асари бадеӣ меравад, дороии луғавии онро муҳимм донистан ҳанӯз муқаддимаи кор аст, муҳимм он аст, ки мо то рафт васеътар шудани имконоти тасвирии сухани шоиронаро бояд ба ҳисоб гирем. Шеъри муосир дар ин ҷиҳат низ комёбиҳо дорад ва имконоти «суратрезӣ ва маъникашӣ»-и сухан дар назм хеле зиёд шуда истодааст. Мақолаи «Сухан ва образ» аз ҳамин бобат ва инчунин оид ба масъалаҳои услуб, системаи образҳо, банду басти шеър баҳс мекунад.

Муҳаққиқ дар адабиёти нави реалистӣ бештар гардидани таъсири баёни халқӣ, таъбирҳо ва умуман забони мардумро ба назм таъкид мекунад ва сипас дар хусуси вобаста ба мундариҷаи нави адабиёти реалистӣ тағйирот

пазируфтан ва васеъ гардидани вазифаи маънавию ашёии калима, таъбирҳои классикӣ, ки хоси сабку услубҳои гуногун буда вазифаи ғоявию бадеияш низ маҳдуд шуда буд, мулоҳиза рондааст.

Муаллиф зиёд шудани имконоти тасвирӣ ва маънавии каломи бадеъро ба адабиёти реалистӣ вобаста медонад, зиёда аз ин, ба фикри вай таъсири сабку баёни халқӣ барои заминиву ҳаётӣ гардидани образҳои анъанавӣ, шикастани рамзҳои мазмуни ҳаётиашон суст имкон медиҳад.

Аҷоиб он аст, ки акнун таъбирҳои халқӣ ва образҳои анъанавӣ паҳлуи ҳам меоянд ва ҳеҷ гуна бегонагӣ дар ин ҳолат ҳис намешавад. Таҷрибаи эҷодии устод Айнӣ. М. Турсунзода, М. Қаноат, Лоиқ, ки луғоти халқиву классикиро дар як таркиб истифода мекунанд ё ҷустуҷӯҳои Ф. Муҳаммадиев ва Кӯҳзод дар наср аз умумӣ будани ҷустуҷӯҳо дар адабиёт гувоҳӣ медиҳанд. А. Ҳакимов ба хулосае меояд, ки анъанаҳои сабкҳои классикӣ, системаи образҳои онҳо аз ҳам ҷудо сурат мегирифт, аммо дар адабиёти реалистӣ он ба услуби миллӣ табдил ёфт ва имконоти худи адабиёт васеъ гардид, вазифаи калима низ вобаста ба ин синтези услубӣ хеле вусъат ёфт ва ғанӣ гардид.

Бисъёр масъалаҳое, ки А. Ҳакимов ба миён гузоштаву мулоҳиза баён мекунад, бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик мавриди андеша қарор гирифтаанд. Мулоҳизаҳои мунаққид дар бораи «Лайлатулқадр», «Оби ҳаёт», «Наврӯз» ва мазмуни навро ифода кардани онҳо қазияҳои назарии ӯро ифода мекунанд.

Фикри зерини ӯ оид ба поэтикаи сухан ва образ ҷолиби диққат аст, ки мегӯяд: «Дар байни ашёи тасвир ва лексика муносибати фуксионалӣ ва мантиқӣ вуҷуд дорад. Ин яке аз муҳиммтарин хусусияти услубии назми муосир аст, ки дар натиҷаи муносибати реалистона ба мафҳуми лексикии калима ва образ шакл гирифта истодааст» (с. 80). Дар асоси ин қазия ду гурӯҳи образҳо - образҳое, ки дарки таърихии воқеиятро дар худ гунҷоиш додаанд («Ҷоми Ҷам») ва ҳам объектро аз ягон ҷиҳат шарҳ медиҳанд ё тавсиф мекунанд

(«зулфи мушкин») аз рӯи таҳаввулашон таҳлил шудаанд. Ин навҷӯӣ ҳаминро таъкид мекунад, ки бар хилофи образу рамзҳои қолибрез образҳои тозае, ки ба воқеияти имрӯза наздиканд ва ҳам қувваи таъсирашон бештар бошад, дар осори М.Турсунзода, А. Шукӯҳӣ, М. Қаноат, Лоиқ, Ғ. Мирзо нуфуз доранд.

Ин ҷо, ба фикри мо, ду ҳодисае, ки мавриди мулоҳиза аст, сазовори қайд мебошанд. Аз як тараф, шоирони калонсол ба образҳои анъанавӣ тозагӣ зам карда, қувваи тасвирии онҳоро афзудаанд. Аз тарафи дигар, ба тақозои забони шеър нигоҳ карда, образҳои тозае офарида мешаванд, ки мисли образҳои анъанавӣ пуртаъсир ҳастанд. А. Ҳакимов маҳз ҳамин ҳодисаро муфасалтар шарҳ додааст. Ба ақидаи мунаққид, яке аз ин ҳодисаҳо он аст, ки асоси шеърро образи тоза ташкил карда, сипас он дар чанд паҳлу ба тасвир меояд. Шеъри М. Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром, Ғ.Мирзо аз ҳамин ҷиҳат тафовут дорад.

Муъмин Қаноат ба таъсири эмотсионалии образ, тасвиру тавсифи он диққати махсус медиҳад. Дар шеъри «Обшор» образ дар натиҷаи монандкунӣ (обшору духтар) таҷассум шуда, ҳиссиёти ботинии шоирро хуб ифода мекунад. Таносуби қавии монандшаванда бо монандкунанда барои афзудани тасвиркорӣ дар шеърҳои шоир, масалан, дар «Пири гулфурӯшон», «Гули бодом», «Аҳсант ба одам», «Нарав қуи сафеди ман», силсилаи «Мавҷҳои Днепр» боис гардидааст. Тасвиркорӣ шеърро мушаххас, манзараҳо ва ҳаракату амалиётро назарнамо, фикри шеърро гиро ва оҳанги онро қатъӣ месозад.

А. Ҳакимов навъҳои дигари ба вуҷуд овардани образҳои нав ва шакли тасвири онҳоро низ қайд мекунад. Дар шеърҳои А. Шукӯҳӣ тасвири мушаххас ва муқаррарӣ ҳиссиёти пурзӯреро ифода мекунад. Ҳамин гуна тасвир, зимнан, имконоти ифодаи ҳиссиётро афзуда, асосҳои реалистии лирикаро амиқ бурдааст, ки дар ашъори Лоиқ («Оби Ому як замон мерехт дар баҳри Хазар», «Ақрабакҳои соат») бештар ба чашм мерасад. Ин усули тасвир махсусан

таъсирбахшии ҳодисаи драматикиро хеле боло бурдааст. Ҷанбаи драматикӣ (драматизми ҳолат ва ҳис- сиёт) ва образҳои чашмнамо як хусусияти муҳиммми лирикаи муосир ҳисобида шудааст.

Инак, маълум мешавад, ки таҷдиди образҳои анъанавӣ, пайдо шудани образҳои нав, тарзу усулҳои гуногуни тасвири шоиронаи зиндагӣ ва олами маънавии инсон, ки ба мундариҷаи лирика вобастагии қавӣ дорад, ба сухан, забони шоир, шеърияти назм роҳ ёфта, боиси васеу пуртаъсир ва ҳарранг шудани сухани шоирона гардид. Ба фикри мо, «Таҳаввули арӯз» аз мақолаҳои беҳтарини маҷмӯаи мебошад, ки ба масъалаи мураккаб ва баҳсталаби шеъри муосир бахшида шудааст. Дар он ҷанбаи адабиётшиносӣ ва ҳам дарки рӯйдодҳои нави адабӣ, ки ба ҳамаи мақолаҳои А. Ҳакимов хос аст, бештар зоҳир шудааст. Чуноне ки медонем, вазн чун мундариҷа, тахайюл, қофия ва воситаи тасвир ҷузъи асосии шеър аст ва шеъри бе низом шеър нест. Муаллиф аз рӯи ҳамин вазифаи муҳимми вазн ба таърихи баҳс дар атрофи он ва таҳаввули ташаккули он баҳо медиҳад. Пӯшида нест, ки ҳарчанд дар назми тоҷик шеъри ҳиҷоӣ мавқеи муайян дорад, вале ҳам дар шеъри классикӣ ва ҳам советӣ вазни асосӣ арӯз аст. Дар бораи таърихи пайдоиши вазни арӯз А. Ҳакимов ба гуфтаҳои устод Айнӣ, И. С. Брагинский, Парвиз Нотили Хонларӣ такя карда, ба рӯшан сохтани асосҳои халқии он кӯшиш кардааст. Дар асоси андешаи ин муҳаққиқин вазни рубоиро муфассалан таҳлил намуда, бахудхосии он, ба табиати забони тоҷикӣ хос будани оҳанги арӯз, халқияти вазн муътамад нишон дода мешавад: «ҷанбаи халқӣ дар арӯз қавӣ будааст, ки он дар назми мо чуқур реша меронд ва ҳамлаю мубориза онҳое, ки бар зидди он буданд, ба нокомиҳо анҷом ёфт» (с. 134).

Ҷустуҷӯҳо ва навпардозиҳо дар вазни арӯз, ки «Марши ҳуррият»-и устод Айнӣ аз намунаҳои аввалини он мебошад, самарабахш буд, зеро ин навҷӯӣ ба табиати вазн мухолиф нест. Дар ин масъала устод Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ муваффақиятҳои калон ба даст оварданд. Дар ашъори онҳо

на якто, балки чандин вазн ба ҳам омехта мешаванд ва муҳаққиқ асоси ин навҷӯиҳоро низ муътамад нишон додааст. Масалан, бисёр таронаҳои Лоҳутӣ, шеъри «Ба боғбон»-и Пайрав, ки дар ду-се вазн навишта шудаанд ва томияти композитсионӣ ва якпорчагии онҳо ба туфайли нигоҳ доштани давомоти савтӣ, мусиқавияту таронаӣ буданашон бештар шудааст.

Ақидаи А. Ҳакимов дар бораи он ҷолиб аст, ки мегӯяд, дар солҳои 20-30 роҳи дигари навпардозии вазн вуҷуд дошт ва он ба ритми шеър оҳанги тоза илова намудааст. Ин ҳодиса аз ҳисоби тағйири ҷои задаи рукнҳо, афзудани комилҳуқуқии калима ва ибора, таркибҳои интонатсионӣ ва задаи мантиқӣ сурат гирифта, имконоти дохилии вазнро афзуд ва ба ифодаи ҳиссиёти гуногун мусоидат намуд. Зимнан, ин ҷо сухан оид ба оҳанги вазн ва ҳиссиёту мундариҷае, ки он ифода мекунад, меравад. Мо ба куллӣ тарафдори онем, ки як вазнро, дурусттараш баҳрро махсуси ифодаи як мақсад ва ё як ҳиссиёт донистан мумкин нест. Дар ин бобат А. Ҳакимов ҳақ аст. Вале дар ин маврид низ ду нуктаро ба назар гирифтан ба манфиати кор мебуд. Аввалан, навпардозиҳои Пайрав ва Ҳабиб Юсуфӣ танҳо бо мақсади афзудани имконоти дохилии авзони арӯз сурат нагирифтааст, ин тозакориҳоро динамикаи зиндагии нав, тасвири реалистиву мураккаби ҳиссиёти шахс тақозо кардаанд.

Сонӣ, ба фикри мо, ба баҳре хос будани ягон оҳангро қатъӣ инкор кардан лозим нест, зеро ин ба он натиҷа мебарад, ки вазн қолаби шеър асту тамом. Оҳанг, лаҳн, интонация дар шеър раъю нияти шоирро ифода мекунад, вазн ба сари худ оҳанги мустақил аст ва баробари дар шеър мушаххас шудан ба интонацияи умумии он бетаъсир намемонад ва гоҳо ба он мутеъ ҳам мешавад. Дар ҳамон «Шоҳнома», ки баҳри мутақориб барои ифодаи қаҳрамонӣ, ғаму андуҳ, хашму азаб хеле мувофиқ аст ва бешубҳа ҳар бор тобиши дигари оҳангро ифода кардааст, вале интонатцияи умумӣ нигоҳ дошта шудааст ва дар ин мақоми баҳри арӯз кам нест. Фирдавсӣ дар ҳар маврид бузургии он ҳама

ҳиссиёти мураккабу гуногун ва шаҳомати ҳолатҳои мухталифро махсус таъкид кардааст.

Ба ҷуз аз ин, ҳамаи гуфтаҳои А. Ҳакимов ҷолиби диққат ва мушоҳидаҳояш тоза мебошанд. Мунаққид ғанию рангин будани тобишҳои ритмии шеърро таъкид намуда, ба чунин хулосае меояд: «Ритми шеър ба ғайр аз талаботи нақша ва афоилу тафоили он аз таркиби овозии шеър, аз табиат ва хусусияти калимоти он низ вобаста аст» (с. 155).

Ҷолиби диққат аст, ки мунаққид тағйиротеро, ки дар назми имрӯз рӯй дода истодаанд, фақат давоми ҳамон «арӯзи озод»-и давраҳои аввал наҳисобида, ба ҳодисаҳои мураккабу объективии ҷараёни адабии муосир вобаста донистааст. Агар мунаққид дар бораи омилҳои кунунӣ, ки боиси дигаргунӣ дар авзони шеъри нав гардидааст, дар хусуси асосҳои миллӣ, интернатсионалӣ ва ҳатто «хориҷӣ»-и ин тағйироти эстетикӣ мулоҳиза меронд, хуб мебуд, зеро ақидаҳои гуногуне оид ба ин масъала дар адабиётшиносии тоҷик вуҷуд доштанд ва бисёре аз онҳо имрӯз ҳам то охир шарҳу тавзеҳ нашудаанд. Андешаҳои мунаққид оид ба ин масъала, ба ҳар ҳол шаклҳои ҷустуҷӯи шоирони муосирро дар истифодаи вазн рӯшан месозад.

Маълум мегардад, ки шеъри нав аз вазн, хусусан вазни арӯз берун нест, вале арӯз низ ин ҷо хусусияти хос дорад ва онро «арӯзи озод» ном бурдан мумкин аст. Шоирон ба баҳрҳои маъмулу машҳури арӯз (ҳазаҷ, рамал, музореъ) хеле озодона муроҷиат карда, ба роҳи каму зиёд кардани мисраъҳо, рукнҳо, бо иловаи оҳангу зарбҳои нави мантиқӣ дар шакли анъанавӣ унсурҳои ритм, хусусан ритми мусиқиро кам намуда, таъкиди маънӣ ва вусъати эҳсосро афзудаанд. Ин ҳама навҷӯӣ дар вазн, ки М. Турсунзода, Шукӯҳӣ, Қаноат, Лоиқу Қутбӣ Кигом, Гулрухсору Бозор Собир, Гулназар ва дигарон ба назм ворид овардаанд, ба боигарӣ ва гуногунии шакли шеър, образофаринӣ, паҳнои эҳсос ва андешаҳо мусоидат намуд.

Асоснокии ин хулосаи мунаққидро бахши дигари рисола – «Аз ғазал то шеъри озод» мушаххас намудааст. Дар

мақолаи мазкур сухан дар бораи хусусиятҳои жанрӣ ва шаклии шеър меравад. Аз таърихи адабиёт маълум аст, ки масъалаи вазн ва жанр ба ҳам алоқаманд мебошад, хусусан жанр ва қофия. Умуман ин ду унсури шаклӣ дар муайян кардани жанри шеър аз нишонаҳои аввалин ва асосӣ мебошанд, хусусан дар назми классикӣ. Дар шеъри имрӯза низ ин принсип, асосан риоя карда мешавад ва навҷӯиҳо низ дар ҳамин соҳа бештар ба назар мерасанд. Аз ҷумла, рубоиву дубайтӣ вазну қофияи махсуси худро доранд, дигар жанрҳо бошад, танҳо аз рӯи тарзи қофиябандӣ муайян карда мешаванд. Дар шеъри имрӯз, чуноне ки А. Ҳакимов қайд мекунад, дар ду маврид шоирон муваффақ шудаанд: аввалан, ҳангоми устодона ва бо маҳорат истифода бурдани шаклҳои жанрии анъанавӣ, инчунин дар мавриди риоя накардан ба шартиятҳои зоҳирӣ (ҳатмӣ будани вазну қофияи маълум, мустақилияти байт) ва мунаққид бештар ба ҳамин ҷиҳат диққат ҷалб намуда, навҷӯиро дар жанрҳои маснавӣ, шаклҳои мусаммат, мусалласу мураббаъ, нишон додааст. Андешаҳои ӯ дар бораи жанри ғазал, сабабҳои касодии бозор ва умри дубораи он ҷолиби диққат аст. Мунаққид ғазалро аз ҳамлаи онҳое, ки умумигӯӣ дар шеърро ба он вобаста медонистанд ва ё онро барои навҷӯиҳои монеа мешумориданд, ҳимоя намудааст. Ҳамчунин дар хусуси инкишофи жанри рубоӣ ва дубайтӣ, чаҳорпора сухан меравад.

Мунаққид дигаргуниҳоро дар жанрҳои анъанавӣ, аз қабили ба ҳам омехтани имконияти жанрҳо, навъҳои гуногуни қофиябандӣ ва истифодаи вазнҳои гуногун қайд намудааст. Зиёда аз ин, ба ақидаи ӯ дар шеъри тоҷик дар таъсири тарҷума ва назми халқҳои дигар навъҳои тозаи шеър ва намудҳои жанрӣ ба вуҷуд омаданд. А. Ҳакимов сонетҳои Қутбӣ Кироме, катибаҳои Лоиқро маҳсули равобити адабӣ меҳисобад. (Ҳарчанд, ба фикрам, катиба заминаи милливу халқӣ дорад, балки унвони жанр дар адабиёти лафзиву китобист).

Аз мушоҳидаҳои А. Ҳакимов бармеояд, ки дар шеъри тоҷик, дар асарҳои Муъмин Қаноат, Лоиқ, Қутбӣ Киром, Бозор Собир шеърҳои аз ҳайси қофияву вазн озод ба вуҷуд омаданд ва муҳаққиқ онҳоро як навъи тозаи шеър ҳисобида, бо унвони «шеъри озод» ном мебарад, А. Ҳакимов исбот кардааст, ки қонунияти асосии шаклдиҳандаи шеъри озод «ифодаи пурра ва барҷастаи маъно» мебошад, на вазну қофия.

Ҳамин тавр, ба хулосае омадан мумкин аст, ки навҷӯиҳои шоирони тоҷик ва шеъри нав заминаи таърихӣ дошта, ба тақозои замон ба вуҷуд омада, барои ифодаи пурраи симои инсон ва рӯҳияи ӯ ёрӣ мерасонад. Дар ин протсес шаклу воситаҳои анъанавӣ вазифаҳои нав касб мекунанд ва ба ифодаи мундариҷаи нав мутобиқ мегарданд. Чунин аст қонунияти инкишофи эстетикии адабиёт.

Дар рисолаи «Шеър ва замон», чунонки қайд кардем, мақолаи алоҳидае ба достони Муъмин Қаноат «Сурӯши Сталинград» бахшида шудааст ва гӯё аз равиши умумии ҳалли масоили назарӣ берун мебошад, вале мақолаи «Достони қалъаҷанг» як намунаи мушаххаси таҳлили шеъри имрӯза бо дастовардҳои ғоявию эстетикии он аст. А. Ҳакимов илмӣ ва дар айни замон, бо як ҳиссиёти баланд дар бораи достони мазкур сухан ронда, мундариҷаи иҷтимоӣ, таъсири тарбиявӣ, қувваи эмотсионалӣ ва моҳияти фалсафии онро кушода медиҳад.

Ба фикри мо, оид ба жанри «Суруши Сталинград» ба фикри мунаққид розӣ нашудан мумкин аст, зеро А. Ҳакимов «Суруши Сталинград»-ро як навъи достони эпикӣ меҳисобад. Ва дар таҳлили амалӣ мунаққид худ ба хулосае меояд, ки инкишофи достон на аз воқеаҳо, балки аз шахсияти қаҳрамон, аз шахсият, ки баъзан як андоза мафҳуми маҷозӣ мегирад, вобаста аст. Бинобар ин, «Суруши Сталинград» достони воқеаҳо набуда, як навъ достони лирикӣ аст, ки унсурҳои сужет барои ифодаи андешаву эҳсосоти шоир истифода шудаанд.

Бамаврид аст гӯем, ки баъзе мақолаҳои асар аз ҷиҳати маводу масоил серборанд ва сабки баъзе аз онҳоро содатар кардан ба мақсад мувофиқ буд.

Асари мунаққид Аскар Ҳакимов оид ба хусусиятҳои анъанавӣ ва навоваронаҳои шеъри муосири тоҷик буда, дар он бисъёр масъалаҳои баҳснок ва то ба ҳол ҳалнашуда бори аввал шарҳу тафсир ёфта, мавриди муҳокимаи муфассал ва ҷиддӣ қарор гирифтаанд. Бешубҳа, китоби «Шеър ва замон» дар таҳқиқи назария ва амалияи шеъри муосир саҳифаи тозае мебошад.

***Соли 1980.***

## БАРРАСИИ ДОСТОНИ «САНГИ МАН – АЛМОС» ДАР ШӮРОИ СБИН

6-уми апрели соли 2000 дар Маскав, дар Шӯрои Созмони байналмилалии Иттифоқҳои нависандагон (СБИН) мулоқоте барпо шуд, ки он бо сухани табрикии раиси шӯрои адабиёти тоҷик дар СБИН, шоиру тарҷумони машҳур Яков Козловский оғоз ёфт. Сипас навбати сухангӯӣ ба Раиси кумитаи иҷроияи шӯрои СБИН Нависандаи халқии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, Академики Академияи суханшиносии Русия Темур Пӯлодов дода шуд.

**Темур Пӯлодов:**

– Имрӯз, ки мо ба мулоқоти эҷодии анъанавии худ ҷамъ омадаем, аҳаммияти хосае дорад. Имсол муҳокимаҳои ҷолиб гузаронида шуданд, бо ходимони шинохтаи адабиёти мамлакатҳои муштарак-ул-манофеъ мулоқотҳои эҷодӣ барпо гардиданд. Дар шумори ин гуна мулоқотҳо имрӯз навбати мулоқот бо Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким аст, мо ӯро аз самими дил табрик мекунем.

Аскар Ҳаким дӯсти дерин ва вафодори мост. Вай яке аз он касонест, ки мо ҳамроҳи онҳо созмони худро таъсис додаем. Ӯ шахсест устувор ва собитқадам дар роҳи иҷрои орзуву ормонҳои наҷиб.

Ба наздикӣ мо ҳамроҳ ба Чин сафар карда будем, он ҷо бо аҳли адаби ин кишвари бузург робитаҳои хуб барқарор намудем. Гумон мекунам, рафту омади нависандагони Тоҷикистон ва нависандагони Чин ба кишварҳои ҳамдигар минбаъд бештару бе ягон маҳдудият хоҳад шуд. Вай дар он ҷо адабиёти тоҷикро сазоворона намояндагӣ кард.

Достони нави ӯ, ки мо имрӯз онро муҳокима хоҳем кард, асари хеле ҷолиб ва ба худ хосест ва ба асарҳои пештарааш монанд нест. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Аскар Ҳаким марди соҳибистеъдод аст ва дар роҳи шеъру шоирӣ ҳамеша дар ҷустуҷӯ мебошад. Чунин аст дебочаи мухтасари мулоқоти имрӯзаи мо.

**Станислав Золотсев, шоир ва мунаққиди рус:**

- Дӯстони азиз, Аскар Олимовичи азиз, - дӯсти дерин ва меҳрубони ман, барои ҷамъомади имрӯза мо аз Шумо миннатдорем. Барои ман ҳамкорӣ бо адабиёти тоҷик на танҳо як қисмати фаъолияти адабиам, балки як қисмати ҳаётам мебошад.

Аз нимаҳои солҳои ҳафтодум сар карда, ман қариб ҳар сол ба Тоҷикистон сафар мекардам, баъзе солҳо чандин маротиба. Ҳангоми ҳамин сафарҳоям ба ман муяссар шуд, ки бо бисёр шоирони тоҷик ва асарҳои онҳо шинос шавам. Инчунин имконият даст дод, ки асарҳои М. Қаноат, Бозор, Лоиқ, Гулназар ва дӯсти меҳрубонам Саидалӣ Маъмурро тарҷума бикунам. Тарҷумаи асарҳои ин адибон барои мани филологи ихтисосманди забон ва адабиёти ғарб танҳо тарҷума набуда, балки як навъ омӯзиш ва тадқиқи назми форсизабонони маскуни Тоҷикистон низ ҳисоб меёбад.

Бояд гуфт, ки ҳамкорӣ бо Аскар Ҳаким дар роҳи ин гуна омӯзиш ва тадқиқ барои ман гардиши муҳимме шуд.

Гап дар сари он аст, ки 15 сол қабл ҳамроҳи Аскар дар Душанбе, дар хонаи ӯ нишаста, қариб ду моҳ ба таҳияи асари оид ба адабиётшиносии ӯ, китоби мақолаҳо ва очеркҳояш роҷеъ ба гузаштаю имрӯзаи назми форсизабонон – аз Рӯдакию Хайём то он замон, яъне то солҳои ҳаштодум машғул шудем. Аз миёни мақолаҳои сершумораш,

рисолаҳояш маводи ҷолиберо ҷудо кардем, ки онҳо барои хонандагон, махсусан, хонандагони русизабон хеле шавқангез ва хотирмон мебошанд. Натиҷаи кори якҷояи мо китоби таълимие шуд, ки он аз таърихи шеъри форсизабонон, шеъре, ки на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз он — дар Эрон ва Афғонистон ҳам эҷод шудааст, маълумот медиҳад. Ин китоб аввал дар Маскав, дар нашриёти «Советский писател», сипас дар Душанбе ба табъ расидааст.

Ба ҳамин тариқ, метавонам бигӯям, ки ман дар бораи назми тоҷик, назми форсизабонҳои машриқзамин тасаввури муайяне дорам.

Ман дарк кардаам, ки дар тӯли қарни 20-ум, махсусан панҷоҳ соли баъди Ҷанги дувуми ҷаҳон, назми Тоҷикистон, шоирони Тоҷикистон пайваста ҷустуҷӯ менамудаанд, дар ин роҳ ҳатто дар солҳои осоишта ҳам душвориҳои бисёреро паси сар карда, гоҳо бо нокомиҳо рӯ ба рӯ меомадаанд. Фирдавсӣ, Ҷомӣ ва дигар ситораҳои назми Машриқзаминро низ аз ҳамин мавқеъ омӯхтаанд. Ин кор зарур будааст, зеро ба қавли Тынянов ақоиди нав, забони нав зарур будааст, ҳарчанд ки омӯзиши хазинае чун хазинаи тиллоии назми форсизабонҳо кори чандон осон набуда.

Чунонки маълум аст, дар солҳои 30-ум баъзе шоирони тоҷик кӯшиш кардаанд, ки аз арӯз даст бикашанд вале ин кӯшиши онҳо барор нагирифтааст, зеро арӯз на танҳо фарзу суннати эҷоди шеър, балки фарзу суннати баёни эҳсос низ мебошад. Аз ин рӯ, ман ҳис мекунам, ки беҳтарин шоирони тоҷик, аз ҷумла Муъмин Қаноат, Лоиқ, Гулназар имрӯз ҳам беҳтарин ашъори худро бо истифода аз арӯз эҷод кардаанд, ҳарчанд ки онҳо низ пайваста дар ҷустуҷӯи роҳҳои нави баёни эҳсос, роҳҳои нави ифодаи мақсад мебошанд. Ва ман, чунонки мегӯянд, бо тамоми дилу ҷонам, бо тамоми ҳастии шоири руси дӯстдори назми Тоҷикистон ҳис мекардам, ки ин гуна ҷустуҷӯҳо дер ё зуд бояд ягон натиҷае бидиҳанд, дар шеъру шоирӣ дар шакли падидаи наве зуҳур намоянд. Ё худ агар ба забони файласуфҳо бигӯем, тағйироти микдорӣ бояд

ба тағйироти сифатӣ гузарад. Албатта, дар ин роҳ нокомиҳои мудҳиш ҳам пеш меомаданд, ки дар шароити солҳои 80-ум ман ҳамаи онҳоро пешбинӣ карда наметавонистам. Вале, метавон гуфт, ки воқеаю ҳодисаҳое, ки пушти сар шудаанд, боиси ба зинаи нав баромадани афкору ақидаҳо, шеъри шоирони тоҷик гардиданд. Достони нави Аскар, ки ман соли гузашта ҳам матни тоҷикӣ ва ҳам матни тарҷумаи таҳтуллафзи онро хондаам, далели ин гуфтаҳо, натиҷаи ҷустуҷӯҳо, зуҳури падидаи нав мебошад. Дар ҳар ҳол, ман гуфта метавонам, ки амсоли ин достонро то кунун ба забони тоҷикӣ нахондаам. Ман ин асарро ҳамчун як падидаи мутлақо наве пазируфтам. Барои ҳамин ҳам ман фикри бисёре накарда, худи ҳамон замон ба Аскар Олимович гуфта будам: Аскарҷон, ту худат мехоҳӣ, намехоҳӣ, ман ин достонро тарҷума мекунам.

Ва инак ман як соли дарозамро сарфи ин кор – тарҷумаи ин достон кардам. Варианти аввалаш тайёр шуд. Сипас муддате бо Аскар нишастем, баъди ин ман тарҷумаамро такмил додам. Иқрор мекунам, барои мани шоири тарҷумони рус ин кор кори басо душворе буд. То ба ин дам асареро бо чунин мураккабӣ во нахӯрда будам. Бо вуҷуди ин иҷрои чунин корро зарур донистам. Баъзе монандиҳоро дар шеъри нави Эрон, дар назми нави Афғонистону Ҳиндустон дучор омадаам. Вале ба забони русӣ гардонидани ин гуна шеър падидаи нав буда, ҳеҷ гуна собиқае надорад. Акнун ман гумон мекунам, ки фарзу суннати тарҷумаи чунин шеърро бояд ба вуҷуд овард. Ин кори ман ба кадом андоза барор гирифтааст, бароям равшан нест, баҳои инро бояд дигарон бидиҳанд. Иқрор мекунам, ки кори тарҷумаи ин асарро ман хеле дур аз Тоҷикистон, ҳатто аз Маскав ҳам дур, дар зодгоҳи худ Пскови бостонӣ ба ҷо оварда, бо он , пеш аз ҳама, адибони ҳамдиёри худро ошно карда, баҳои онҳоро гирифтаам, онҳо изҳор карданд, ки дар назми машриқзамин ба ин монанд шеъреро мушоҳида накардаанд. Барои ман ҳиссиёти шашум, ки асосан хоси одамони шӯравӣ буд, яъне ҳиссиёти қаноатмандӣ аз худ,

бегонааст. Ман эҳсос менамоям, ки ин корро ҳоло бояду шояд иҷро накардаам ва дар бобати тарҷумаи ин асар маро кори бисёре дар пеш аст. Аз ин рӯ банда барои фикру мулоҳиза, изҳори андеша ва зикри ҳар як норасоие, ки ба тарҷума ва умуман ба кори иҷрошуда оид аст, изҳори сипос менамоям.

**Шавкат Ниёзӣ, мушовири СБИН оид ба адабиёти тоҷик:**

– Шояд дар хотир дошта бошед, ки баъди пош хӯрдани ИҶШС аввалин рӯзҳои адабиёти Русия дар Тоҷикистон маҳз бо ташаббус ва салоҳдиди Президент Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов гузаронида шуда буданд. Ман бо ӯ чандин маротиба ҳамсуҳбат шуда, боварӣ ҳосил кардаам, ки ҷаҳду талоши вай на танҳо барои пешрафти иқтисодиёт, барои ваҳдати миллӣ мебошад, балки ӯ барои ҳар як инсони алоҳида, махсусан барои ходимони адабиёт, фарҳанг ва санъат ҳам талош мекунад. Вай барои ҳар як шаҳрванди мамлакат мубориза бурдааст, то ки ӯ дар ин замони душвор аз роҳи дуруст набарояд. Муттаҳидии нависандагони Тоҷикистон, ки имрӯз дар Иттифоқашон сурат гирифтааст, маҳз бо шарофати ғамхории Президенти мамлакат мебошад.

Самараи ин ҷаҳду талош, ин ғамхориро мо имрӯз мебинем. Имрӯз мо барои муҳокимаи достони нави Аскар Ҳаким ҷамъ омадаем. Ин аввалин муҳокима баъди пош хӯрдани ИҶШС мебошад, ман боварӣ дорам, ки охирин нахоҳад шуд. Ҳамкории шоирони тоҷику рус бояд идома биёбад.

**Раҳим Муқимов, мушовири СБИН оид ба адабиёти ӯзбек:**

– Ман Аскар Ҳакимро ҳамчун шоир кайҳо боз медонам, ӯ дӯсти наздики ман аст. Понздаҳ сол қабл ман ба китоби ашъори ӯ тақризе навишта, дар нашрияи «Адабиёт ва санъат» ба табъ расонида, сухан аз асолат, ҳусну зебоии ашъори ӯ гуфта будам.

Охири солҳои 60-ум буд. Дар Душанбе симпозиуме барпо гашт, ки дар он сухан аз шеъри нав мерафт. Дар он

машварат аз Эрон шоир Нодири Нодирпур иштирок дошт. Дар бораи шеъри нав Нодирпур ва бисёр шоирони дигар сухан гуфтанд. Ман ҳам сухан гуфтам. Дар бораи назм Мирзо Турсунзода низ изҳори ақида кард. Ҳамон вақт ман эҳсос карда будам, ки дар фазои назми тоҷик насими наве мевазад, ки он шеъри тоҷикро тариву тозагӣ мебахшад, ба он тобиши нав, савту садои комилан наве ворид хоҳад кард. Шеъри нав, ки дар Эрон, дар эҷодиёти шоирони навпардоз, аз ҷумла Нодирпур оғоз ёфта буд, дар Тоҷикистон дар эҷодиёти Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Аскар Ҳаким такмил ва инкишоф ёфт. Ногуфта намонад, шоирони тоҷик тақлид накардаанд, балки дар эҷоди шеъри нав мазмун ва роҳу воситаҳои худро ба вуҷуд овардаанд.

Достони нави Аскарро ман ҳам ба забони тоҷикӣ хондааму ҳам ба забони русӣ. Лозим аст, ки дар бораи тарҷумон аз рӯи инсоф сухан бигӯем: ин гуна достонро бо чунин хубӣ тарҷума кардан ба ҳар кас муяссар намешавад.

Ман мехоҳам дар бораи шеърҳои Аскар Ҳаким, дар бораи маҷмӯаи ашъори ӯ «Илтиҷо аз уқоб», ки дар Душанбе ҳам бо алифбои арабию ҳам бо алифбои кириллӣ чоп шудааст, чанд сухан бигӯям. Ба назари ман чунин менамояд, ки шеъри Аскар Ҳаким аз шеъри бисёре аз шоирони дигар комилан фарқ мекунад. Қудрати назми ӯ дар он аст, ки он ба назми дигар шоирон монанд нест, ҳарчанд бисёре аз онҳо намояндагони як насланд. Дар рубоиёт, ғазалҳо ва шеърҳои алоҳидаи лирикии ӯ унсурҳои ҳамосӣ ҷой доранд ва чунин унсурҳо ҳамеша дар ҷо ва мавриди худ омадаанду фаҳмову дилрасанд ва дар худ ҳусну зебоии забони тоҷикиро таҷассум кунонидаанд.

Онҳое, ки дар ин ҷо хоҳиши сухан гуфтан доранд, бисёранд, аз ин рӯ, ман зиёда аз ин ҳарф задан намехоҳам, танҳо мегӯям: Дӯсти азиз, Аскар Ҳаким, Шуморо бо достони бисёр хубатон табрик мекунам.

**Расул Ҳамзатов, Раиси Иттифоқи нависандагони Доғистон:**

– Дӯстони азиз, ман имрӯз аз Махач-Қалъа парвоз карда омадам ва дафъатан ба Иттифоқи нависандагон, ба Шӯрои Созмони байналмилалии Иттифоқҳои нависандагон занг задам, зеро ман дар ин ҷо дӯстони бисёре дорам. Кореро, ки онҳо дар ин ҷо иҷро мекунанд, ман бисёр эҳтиром мегузорам ва дӯст медорам. Худи ман ҳам аз ҷумлаи онҳо ҳастам.

Пурсидам: «Чӣ навигарӣ ҳаст?»

Ҷавобам доданд...

Аммо сабаби омадани ман дигар аст. Дар пеш иде ҳаст. 1400-солагии пайдоиши ислом ҷашн гирифта хоҳад шуд. Кумитаи тадорукоти олимақоме созмон дода шудааст. Маро, ҳамчун мусулмон, ба ҳайати ин кумита дохил кардаанд. Машварати кумита ҳамин бегоҳ оғоз мeёбад. Вале Шавкат ба ман гуфт, ки имрӯз китоби нави Аскар Ҳаким муҳокима карда мешавад. Ман ба ин ҷо омадам ва Аскар маро бо достони наваш хурсанд кард. Дар муҳокимаи достон иштирок карда наметавонам, зеро онро нахондаам. Аммо бо назардошти он чӣ, ки дар ин ҷо гуфта шуд ва пораҳое, ки тарҷумон қироат кард, метавон гуфт, ки достон асари арзандааст. Ман Аскарро ба сифати як нафар ходими давлатӣ ва шоири бисёр хубе кайҳо боз эҳтиром мекунам. Ман дар бораи навигариҳои Тоҷикистон аз Шавкат ҳамеша пурсида меистам. Вақте ки Тоҷикистонро бо телевизор нишон медиҳанд, ман ҳисобамро гум мекунам, фарқ карда наметавонам, ки Тоҷикистон бошад ё Доғистон. Гоҳо, ҳангоме ки дар бораи Доғистон гуфтугӯ мекунанд, ман хаёл мекунам, ки дар бораи Тоҷикистон гуфта истода бошанд...

Вақте ки ман аз Доғистон ба сафар баромадам, он ҷо ҳаво офтобӣ буд, оби ҷӯйҳо сурудхонон ҷорӣ мешуданд, мурғони ҳаво тарона мехонданд, ба ифодаи шоира Мария Петровна Хоссе, агар ҷанг намебуд, ба он ҷо кайҳо баҳор меомад. Аммо боиси таассуф аст, ки дар Қафқоз ҷанг идома дорад. Вале ман аз сулҳу оштӣ, ки ба Тоҷикистон омадааст, хурсандам. Ин барои ман фараҳбахштарин навигарӣ мебошад...

Пештар мо медонистем, ки гурҷиҳо чӣ менависанд, ба назди дӯстонамон мерафтем... Пештар мавридҳое мешуданд, ки мо рӯзи ҷумъа аз Махач-Қалъа ба сафари Грозний мебаромадем, дар он ҷо сайру гашт мекардем, сипас ба Осетия гузашта, аз дӯстонамон хабар мегирифтем, баъд ба роҳи ҳарбии гурҷӣ даромада, ба Гурҷистон мерафтем, баъд ба Арманистон, баъд ба Озарбойҷон ва баъд ба хонаҳои худ бармегаштем. Дар ҳама ҷо одамони худӣ будем. Дар ҳама ҷо боғи дилҳоямон аз хурсандӣ шукуфон буд, дар ҳама ҷо ид доштем. Баъди ин ҳама кадом вақте ки мехостӣ, ба Тоҷикистон ҳам парвоз кардан мумкин буд. Ҳоло чӣ? Ҳоло бошад, девори Берлин нест, онро бардоштанд, аммо чунин деворро дар миёни халқҳои Қафқоз гузоштанд. Мо ғам мехӯрдем, ки Кипрро тақсим кардаанд вале худамон халқҳоро аз ҳам ҷудо кардаему парвое надорем. Нависандаҳоро низ аз ҳамдигар ҷудо кардем... Ин ҳама хеле дарднок ва таассуфангез аст. Мо ҳатто наметавонем, ки аз аҳволи саломатии ҳамқаламони худ, нависандагони дигар бохабар бишавем. Мо аз марги ин ё он нависанда баъди гузаштани вақти бисёре аз ягон рӯзномае хабардор мешавем...

Бо вуҷуди ин ман хурсандам, ки нависандаҳо менависанд, кор мекунанд. Далели ин достони Шумост, Аскари азиз! Ин хуб аст. Туро аз самими дил табрик мекунам. Саломи маро ба ҳамаи дӯстони тоҷики ман бирасон. Темур Пӯлодовро бо унвони баланди Нависандаи халқии Тоҷикистон табрик мегӯям. Аммо, агар росташро гӯям, ман ба ин гуна унвонҳо муқобилам. Онҳо чунон бисёранд... Охир, нависандагони зидди халқ набудагистанд. Дар Итолиёву Фаронса чунин унвонҳо нестанд. Вақте ки маро «шоири халқӣ» ном мегиранд, хушам намеояд. Охир, ин чӣ маънӣ дорад? Магар шоири ғайрихалқӣ ҳам мешавад? Умуман чунин унвонҳову мукофотҳо бисёранд. Аммо хубиаш дар он аст, ки аз ин гуна унвонҳову мукофотҳо мо аз худ нарафтаем, онҳо пеши чашмҳои моро гирифта

наметавонанд, мо эҳсоси муқаддаси ноқаноатмандӣ аз худро аз даст надодаем.

**Виктор Потиевский, раиси Иттифоқи нависандагони Карелия:**

– Дӯстони азиз, Аскар Ҳаким достонашро дирӯз ба ман дод. Ман онро бо диққату алоқамандии зиёде мутолиа намудам. Таассуротамро ба осонӣ гуфта наметавонам. Достон асари одӣ нест. Асарест, ки дар он тобишҳои суҷетдору бесуҷет пайванди ногусастанӣ доранд ва касро водор менамояд, ки дар сари ҳар як мисраъ, байт амиқ фикр бикунад. Шоир аз ҳаёт ҳодисаву воқеаҳои назаррасро гирифта, фишурда, ҳамаҷониба таҳлил карда, аз онҳо маънӣ берун меоварад.

Хулосаҳо, маъниҳои ӯ, ки ҳама фалсафианд, бо назокату ҳикматписандие, ки доранд, дили хонандаро ба ваҷд меоранд... Чунин аст таассуроти ман аз ин достон.

Аскари азиз, ман туро бо ин кори бобарорат, бо достони бисёр хубу дилчаспи фалсафиат табрик мекунам. Ин достони ту асарест дорои мазмуни амиқи ба худ хос, рӯҳу равони одамро, ба вижа одами машриқзамин, одами мутафаккирро бо як ҷиддияти махсусе инъикос намудааст. Туро ман бори дигар табрик мекунам. Ин комёбии бузург аст.

**Искра Денисова, мунаққиди рус:**

– Ин ҷо дар бораи асари одӣ набудан ва ҷиҳатҳои ба худ хоси достони Аскар сухани бисёре гуфта шуд... Ман ӯро солҳои зиёдест, ки медонам ва ҳамчун адабиётшинос, мунаққид ва файласуфи бисёр аҷоибе бештар мешиносам. Метарсам аз он, ки андешаҳои ман субъективӣ мебароянд. Бинобар ин, дар бораи достон сухани бисёр гуфтанӣ нестам. Фақат чанд сухан аз таассуроти умумии худ мегӯям...

Шояд махсусияте, ки дар ин достон ба мушоҳида мерасад, аз он иборат аст, ки ҳар як сатри он саршори ақоиди пантеистист ва чунин маънӣ аз ақидаҳои зардуштӣ, аз Суғди бостонӣ ибтидо мегирад. Пантеизм заминаи асосӣ, пойдеворест, ки бинои ҷустуҷӯҳои маънавии шоир дар болои

он бунёд карда шудааст. Доираи ҷустуҷӯҳои маънавии шоир бисёр фарох аст ва он ҳамаи динҳову мазҳабҳоро фаро мегирад. Фаҳму фаросати шоир аз ҳамаи динҳову мазҳабҳо чизи асосии онҳо – инсофу адолат, порсоиву парҳезгорӣ, андешаҳои пок ва албатта, ишқу муҳаббат ба тамоми мавҷудот ва пеш аз ҳама, ишқу муҳаббат ба инсонеро интихоб менамояд, ки бори ҷаҳон бар дӯши ӯст. Ба назари ман чунин менамояд, ки зебоӣ, тавоноӣ ва қудрати маънавии ин достон натиҷаи ба ҳам омадани фаросати баланд, фарҳанги воло ва решаҳои қадимаи бутпарастӣ, зардуштӣ, пайвастагии ҷавҳари табиӣ ва модарзодӣ мебошад...

**В. Орлов, адиби рус:**

– Анъанае, ки дар доираи СБИН кайҳо боз мавқеъ пайдо кардааст, яъне он анъанаи волое, ки беҳтарин ашхос, метавон гуфт, асилзодагон аз кишварҳои дуру наздик, ҳамҷавор ба ин ҷо меоянду беҳтарин офаридаҳои худ, беҳтарин дастовардҳои солҳои охири халқи худро ба мо нишон медиҳанд, суннатест ҳақиқатан ҳам воло.

Радио, телевизион, рӯзномаҳо ҳар чӣ, ки гӯянду талқин кунанд, ин кори онҳост, вале мо мебинем, ки ҳаёти маънавии ин кишварҳо бисёр ҷолибу дилрабост. Дар ин кишварҳо ба сӯи одамон на танҳо тир меандозанд, балки одамон фикр ҳам мекунанд, эҳсос ҳам доранд, ишқ ҳам меварзанд ва монанди «Санги ман – алмос» шеъру достонҳои оличаноб ҳам менависанд.

Ман итминон дорам, ки он нафосату зебоие, ки аз назми Аскар Ҳаким эҳсос мешавад, нафосату зебоии нодирест, ки аз саҳифаҳои безаволи Қуръон ибтидо мегирад...

**Темур Зулфиқоров, шоир ва нависандаи русзабони тоҷик:**

– Пеш аз ҳама гуфтан мехоҳам, ки ман аз дидори яке аз хирадмандтарин шахсиятҳои Машриқзамин, муаллими бузурги Шарқ Расул Ҳамзатов шодмонам ва худро хушбахт мешуморам, ки мо чунин устоди бузург дорем. Ман ин лаҳза хеле хушбахтам. Суханҳои ӯро шунида, пас кас худро дар

биёбоне тасаввур мекунад, ки ҳама мавҷудоти он аз одӣ ҳам одитар аст. Ман аз мавзӯи гуфтугӯямон андаке дуртар меравам, зеро вақте ки суханҳои ин пири хирадмандро гӯш мекардам, ба хотирам чизи дигаре омад... Чанде пеш ман дар Марокаш будам ва дидани шабонгоҳи Кособланка муяссарам гардид. Тамошои манзараҳои ин шаҳри бузурги соҳили уқёнус маро ба ваҷд овард. Мири шаҳр ҳам ҳамроҳи мо буд. «Шомгоҳи Кособланка маъқул шуд?» - пурсид ӯ аз ман. Ман ба ӯ ҷавоб додам, ки шабчароғҳои ҳамаи шаҳрҳо хубанд, вале онҳо ба гулханҳои хурдакаки чӯпоние, ки дар он пайғамбар дастҳои сармозадаашро гарм мекард, баробар шуда наметавонанд.

Тамоми намуди чароғҳое, ки фурӯзонанд, аз ҷумла чароғҳои электронии имрӯза ҳам, аз ҳамон гулханҳое ибтидо гирифтаанд, ки назди онҳо пайғамбарон менишастанд. Гумон мекунам, ки телевизион ҳам аз ҳамин гулханҳо баромадааст, ки шоҳиди суҳбатҳои қудсии пайғамбарону на танҳо наздикони онҳо, аз ҷумла наздикони Исои Масеҳ, балки тамоми инсонҳо бигардад.

Ман гуфтаҳои Расул-муаллимро шунида, ба андешае рафтам, ки имрӯз роҳи телевизиони мо, ки онро «бути шайтон» мегуфтагӣ шудаанд, барои чунин пирони хирад бастааст. Ба гумони ман, танҳо як маротиба дар оинаи нилгун пайдо шудани Расул Ҳамзатов нисбат ба садҳо баромади сиёсатмадорони дурӯғини дасисаангез, ки имрӯз атрофи телевизионро печонида гирифтаанд, манфиатноктар аст. Бисёр хуб аст, ки ба шарофати шоир Аскар Ҳаким барои мо муяссар гардид, ки имрӯз ин пири хирадро бори дигар бубинему ба суханҳояш гӯш бидиҳем. Мутаассифона, суханронни ӯ хеле кӯтоҳ шуд, бо вуҷуди ин гуфтан мумкин, ки мо дар пайроҳаи барфпӯше нақши пойи палангро дидем...

Дар хусуси ҷамъомадамон бошад, фикри ман ҳамин ки он ба завраќе монандӣ дорад, ки аз киштии «Титаник»-и ғарқшаванда ҷудо карда шудааст. Мамлакатро бераҳмона кӯфтанд... Дурӯғ аст, ки мамлакат худ аз худ футур рафт мегӯянд. Дурӯғ аст, дурӯғ . Барои он ки ин киштӣ ғарқ карда

шавад, чӣ қувваҳое рӯи кор омадаанду кор кардаанд. Мо бошем, бо завракҳои фарсудаи худ аз он ҷудо шудему ба чунин рӯзҳои сахт гирифтор гардидем, бенаво шудем. (Аммо мегӯянд, ки Худо бенавоёнро дӯст медорад).

Аскар Ҳаким достони тару тоза, зебову пурнафосате эҷод кардааст, ки он офаридаҳои Уолт Уитменро ба ёд меоварад. Ман аз дил гузаронидам, ки ӯ чӣ гуна тавонистааст, ки рози дили худ, матои басо нозуки муҳаббат ба инсон, ба табиатро ба муддати дарозе дар дил ниҳон дорад. Бешубҳа, достони нави Аскар Ҳаким на танҳо сухани тару тозае дар шеъри тоҷик, балки умуман дар шеър мебошад. Дар он биниш ва дарёфти биҳишт аст — дар охир дар тасвири ҳамон рӯдҳои булурин...

Ман мехоҳам, ки Стасик (муроҷиат ба тарҷумони достон) дар баъзе ҷойҳои достон унсурҳои бузургманишӣ камтар карда шаванд.

Қариб ҳама маҳз ҳамин гуна ҷойҳо, гӯё ҷойҳои зебову пурназокаттарини достонро иқтибос овардаанд, ки ин беҳуда нест. Чунончи, тоқиро **б**а ҳаво партофтани бачаҳо, то ба он хаффош дарояд ё худ ба ёди биҳӣ, ки рамзи ҳосили фаровон ва зебоист, гаштани зан аз қабили ҳамин гуна ҷойҳои достон мебошад. Дар он ҷое, ки ҷузъиётро хусусияти мушаххасӣ ва махсусӣ фаро гирифтааст, ҳарчанд мегӯянд, ки шайтон дар ҷузъиёт шайтониашро мекунад, хуб аст. Шеъри бузург дар ҷузъиёт аст. Мехостам дар он ҷойе, ки дар дусолагиат аз модари меҳрубон, аз падар, ки аз ҷанги бузург баргаштааст, сухан мегӯӣ, пафосро, табу тобро як каме поинтар фурорӣ. Ва дар он ҳолат мувозинати оламшумули табу тоб ба даст меояд. Аммо он асолате, ки саросари достонро фаро гирифтааст, олиҷаноб аст. Ман туро, Аскарҷон, ҳамчун шахси оқилу хирадманд, кайҳо боз эътироф намудаам вале дар достонат ҷо-ҷо фикрҳои мавҳуму муҷаррад ҳам роҳ ёфтаанд, ки ба фикри ман, лозим меояд, ки онҳо таҷдиди назар ва андак ҳам бошад, таҳрир карда шаванд...

Вале он тасвирҳое, ки ҳамчун гунбази булурин ба назар мерасанд, нафосату зебоии он, муҳаббати нозуке, ки нисбат ба тамоми мавҷудоти зинда дар достон эҳсос мешавад, хеле олиҷаноб мебошад.

**Ғулом Сахии Ғайрат, муовини Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Афғонистон дар Федератсияи Русия, адиб:**

– Дӯстони бисёр азиз ва муҳтарам, бародари бисёр гиромӣ Аскар Ҳаким, устод Расул Ҳамзатов, устод Ниёзӣ ва дигар меҳмонони гиромӣ! Ҳарф задан ба забони русӣ барои ман душвор аст. Вале вақте ки гӯш ба шеъри хуб, ба суханони қудсӣ медиҳӣ, боварӣ ҳосил менамоӣ, ки Худо ҳаст. Итминони мо, афғонҳо, низ ба ягон вақте анҷом ёфтани ҷанге, ки даҳсолаҳо боз идома дорад, бешак, аз ҳамин ҷо ибтидо мегирад. Ҳақиқат ин аст, ки дар ҳамин чанд лаҳзае, ки ин шеърро шунидем ва суҳбатҳое, ки дар перомуни ин шеъри дароз шуд, моро шод сохт ва шояд ин ба хотири он буд, ки ҳамаи ин шеър, дар ҳақиқат, тафсире, баёне буд аз имрӯз, аз як байти як ғазали ҳазрати Мавлоно, ки гуфта шуда:

*Чу обат дар ҷигар бошад, дарахти сабзро монӣ,*
*Ки мева медиҳад ҳар дам, даруни дил сафар дорад.*

Дар нисбати достони Аскар Ҳаким, бояд иқрор кард, ки бо он танҳо ҳамин рӯз ошно шудам. Ман аҳсан мегӯям ба он шоире, ки суннати бузурги шеъри форсиро, ки дар он ҳар як сухан аз муқаддасоти яздонист ва ҳар як сухан аз дили инсон ва барои дили инсон гуфта мешавад, идома додааст. Аз ин нуқтаи назар достони Аскар Ҳаким достони хеле олист ва суханони он қудсӣ ва дар айни замон сурурбахшанд. Дар он ба чашмони бинанда тамоми паҳлуҳои зиндагӣ аён мегардад.

Мехоҳам роҷеъ ба тарҷумаи хеле хуби он низ чанд сухан бигӯям. Ин кор дар сатҳи хеле баланд иҷро карда шудааст. Ҳатто ман ҳам, ки ҳамаи нозукиҳову вижагиҳои

забони русиро хуб намедонам, аз хондани тарҷумаи русии ин достон ба ваҷд омадам. Вақте тарҷумон аз ин достон пораҳоеро қироат мекард, дили ман боз ҳам ба шӯр меомад.

Он чӣ ки Аскар Ҳаким навиштааст, роҳи инкишоф ва камолоти назми шодравон Нодири Нодирпур ва шоири дигареро, ки низ аз нобиғагони назми муосири форсизабонон ҳисоб меёбад, яъне Сӯҳроби Сипеҳриро, ба хотир меоварад. Достони Аскар Ҳаким бо достони ин шоир «Садои пои об» як навъ умумияте дорад. Дар ин достон ҳам шоир ҳикоят аз ҳаёти худ мекунад, оғози ин достон ҳам ба оғози достони Аскар Ҳаким шабоҳате дорад. Ман ҳардуи ин достонҳоро шоҳкории адабиёти муосири форсизабонон мешуморам. Ман аз зуҳури ин достонҳо шодмонӣ мекунам ва Аскар Ҳакимро бо ин қуллаи камолоти шоириаш самимона тибрик менамоям, орзуманди комгориҳои минбаъдаи эҷодии ӯ ҳастам. Ташаккур.

**Людмила Шипахина, шоираи рус:**

– Нисбати Аскар метавон гуфт, ки ӯ барои мо тӯҳфа, балки аз ин ҳам зиёдтар, мукофоти гаронбаҳоест, зеро Аскари азиз, ман чунии мешуморам, ки Шумо ҳатто Оскари зиндаи тоҷик ҳастед, ки имрӯз барои он ки мо якҷояем, барои он ки мо ягонагиамонро нигоҳ доштаем ва барои он ки мо муттаҳиду муттафиқ ҳастему якҷоя нашъунамо дорем, ба ҳар кадоме аз мо эҳдо карда шудааст.

*Ба олам Иттиҳоди мост ҷовид,*
*Зи нав раҳҳо ба ҳам оранд моро.*
*Ба ҳам биншаста Пӯлодову Аскар*
*Ва Козловский бо Шавкат Ниёзӣ*
*Шуд Антошкин дар ин ҷо маҷлисоро.*
*Аҷаб не, ин мулоқоте, ки мороcт,*
*Бувад фармудаи Оллоҳ - таоло.*
*Ва ё Исо васият карда бошад,*
*Ки дидори хирадманде чу Аскар*
*Чу Наврӯзи Аҷам ид аст моро.*
*Ва шояд бошад ин кори накуе*

*Зи некукорҳои садри даврон:*
*Зи роҳи мо гирифта садду сангар,*
*Ба ҳам овард моро аз сари нав*
*Президент Эмомалии Раҳмон.*

**Ашот Сагратян, файласуф, шоир ва тарҷумони арман:**

– Дӯстони азиз, Аскари азиз, чанде пештар аз вафоташ модари ман ҳангоми яке аз гуфтугӯҳои телефониаш пурсида буд:

«Аҳволи ҳамон ҷавонмарди зебо чӣ тавр аст? Дар хотир дорӣ, ӯ ба Ереван, ба хонаи мо омада буд?»

Ман ҷавоб дода будам:

«Дар хотир дорам. Ӯро Аскар ном аст. Агар ба гуфтаи Шавкат Ниёзӣ бовар бикунем, ӯ нашъунамо дорад».

Модарам боз гуфта буд:

«Саломи маро ба ӯ бирасон».

Ҳоло модарам нест, саломи ӯро, ман акнун ба ту мерасонам. Ман ба назди ту, ба иди имрӯзаи ту бо дуои модар омадаам.

Хонишҳои пӯлодовиро давом дода, ман гуфтаниям, ки қудрати шифобахши назмро, ки мо имрӯз дар бораи он ин ҷо муттафиқона сухан мегӯем, ман ҳам мепарастам. Тарҷумаи достонро ман ҳам бодиққат хондам. Худи ман тарҷумони касбӣ ҳастам ва дар ин лаҳза мехоҳам ба шумо бигӯям: рафту дар оянда дар мактабҳо фанне бо номи «экологияи рӯҳ» ё худ «экологияи сиришт» ҷорӣ намоянд, шубҳае нест, ки дар мактабҳои Тоҷикистон ҳангоми таълими ин фан аз китобҳои Аскар Ҳаким истифода менамоянд. Пантеизми ҷаҳонбинии ӯ барҷаставу ҳунармандона ва аниқу равшан ифода ёфтааст. Мо инро дар шеъри ӯ аз тасвири шабнами барги гул сар карда, то тасвири барф – кӯҳҳои бузургу муҳташам, ки ҳифозатгари оби ҳаёт буда, оби чашми ошиқон ҳам аз онҳо ибтидо мегирад, равшан дида метавонем.

На ҳар кас метавонад иқрор кунад, ки ӯ аз замин, аз деҳаи зодашудааш канда шуда, ба шаҳр рӯ овардаасту ҳеҷ

наметавонад, ки шаҳрии дуруст шавад, дар аъроф мондааст, зеро вай наметавонад, ки расму русуми ниёгону замонро пеши по занад; ӯ санъаткорест, ки бо матои сухан сари кор дорад ва намехоҳад он торҳое, ки робитаи миёни замину осмонро барқарор менамоянд, канда шаванд. Фарохии доираи ҷустуҷӯҳои рӯҳонӣ дар асарҳои нависандагони машҳури ҷаҳон бисёр ба мушоҳида мерасад, аммо истеъдоди гирду ғун кардани натиҷаи ҷустуҷӯҳо камтар дида мешавад. Чунин ҳолат хоҳ дар тасвири симои модар, ки ибтидою интиҳои ҳамагуна ҷустуҷӯҳост ва хоҳ дар ифодаи хоҳишҳои инсон, ки дили ӯ лабрези орзую умед аст, пеши назар меояд. Натиҷаи ҷустуҷӯҳои Аскар Ҳаким, чизи дигарест ва имрӯз шоир аз ҳамқаламони худ маҳз бо ҳамин ҷиҳати эҷодиёташ, яъне гирду ғун карда тавонистани натиҷаи ҷустуҷӯҳояш фарқ мекунад.

Тазодҳои ботинӣ ва ҷунбишҳои сеҳрангези эҳсоси рӯҳонӣ, ки Станислав Золотсев онҳоро зиракона дарк карда аст, достони «Санги ман - алмос»-ро ба саҳнае табдил додаанд, ки ҳар як лаҳзааш бо нури ҳаракати рӯҳонии зудгузар суфта ва муҷалло гардонида шудааст.

Агар тасаввуроти мо дар бораи боғҳои муаллақи Семирамида аз рӯи шунид, ривоятӣ бошад, пас дар достони Аскар Ҳаким олами зебоӣ дар шакли зинабоғ пеши назар меояд ва эҳсосе, ки аз дидани он бедор мешавад, эҳсоси мусалсал буда, бедории як ҳиссиёт боиси ба вуҷуд омадани ҳиссиёти дигаре мегардад ва чунин алоқамандии рӯҳонӣ саросари достонро фаро гирифта, ба инсон эҳсоси масъулият барои покиро талқин менамояд, ки бедор кардани чунин ҳиссиёт на ба ҳар кас муяссар мегардад. Чунин менамояд, ки шоир бо эҷоди ин достон қуллаи наверо фатҳ кардааст. Шоири тарҷумон Золотсев ҳам бо тарҷумаи худ дар роҳи фатҳи ин қулла, ки аз бозёфтҳои охири аср мебошад, гом мебардорад ва барои хонанда имконият фароҳам меоварад, ки ӯ низ муҳити орӣ аз маънавиёти рӯҳонӣ ва ҳавояш ғализу нафасгиркунандаро паси сар карда, ин қулларо фатҳ намояду худро шиносад. Дар миёни тарҷума ва матни асл

ҳамоҳангие ба мушоҳида мерасад, ки онро одами аз маърифати рӯҳонӣ бенасиб пай бурда наметавонад. Ин ҳамоҳангӣ, пеш аз ҳама, аз оҳанг, зарби сухани шоир маншаъ мегирад, яъне он ба кардиограммаи бо назардошти тамаддуни дар асоси рӯҳу имони халқ ба вуҷуд омада, ки муаллифи достон низ зодаи он аст, шабоҳате дорад. Шоир Аскар Ҳаким дар роҳи фатҳи ин қулла танҳо аз он ҳарос дорад, ки он олами зебоие, ки дар ин роҳ пеш меояд, халалдор нагардад, бешак, маншаи чунин биму ҳарос дар таъсири тарбияи оила, дар таъсири муҳит мебошад.

**Владимир Гусев, раиси Иттифоқи нависандагони Маскав:**

Ман хеле хурсандам, ки мавзӯи гуфтугӯи имрӯзаи мо Аскар Ҳаким ва достони ӯ мебошад. Ман бо ӯ ҳамеша бо ҳусни таваҷҷуҳ муносибат кардаам, балки қариб ҳамаи ҳамқаламони Маскавиаш ҳам ӯро нағз медонанд ва бо ӯ муносибати хуб доранд. Достони ӯ низ, ки онро Золотсев нағз тарҷума кардааст, гувоҳи равшани ин суханҳоест, ки мо дар бораи Аскар борҳо, ҳам дар Тоҷикистону ҳам дар Покистон ва кишварҳои дигар сухан гуфтаем. Дар достон зарурати эҳтиром ва эҳтиёт кардани табиат бори дигар таъкид карда шудааст. Мо, аҳли Евразия, одамони Машриқзамин ҳастем. Сарфи назар аз гуногунӣ ва ихтилофи динҳову мазҳабҳоямон эҳсоси эҳтироми табиат дар хуни мо, рагу пайванди мо ҷойгир аст. Чунин ҳолат ҳам дар тарҷума ва ҳам дар асли достон, ки он бо яке аз забонҳои қадимаи ҳинду аврупоӣ навишта шудааст, ба мушоҳида мерасад...

**Павел Уляшов, мунаққиди рус:**

–Ба назарам чунин менамояд, ки ман имрӯз дар Тоҷикистон, дар дараи зебоманзараи Варзоб, дар фароғатгоҳи Иттифоқи нависандагон бошам. Моро кӯҳҳои баланд иҳота кардаанд, дарёчае, ки дар он қариб ғарқ мешудем, равон аст. Умуман, ин дарё чандон чуқур нест, аммо бисёр тезоб аст. Мо аз об базур берун шудем, дӯстони тоҷикамон ба ҳоли мо, ки дар ҳақиқат ҳам, тарсида будем, хандида буданд...

Назми русро бе Шарқ тасаввур кардан душвор аст, вай бидуни ҳамбастагӣ бо Машриқзамин дилгир менамояд. Ман табиатан мунаққиди сахтгир ҳастам ва ин ҷо хушомадгӯйӣ кардан ҳам намехоҳам ва ин на барои он аст, ки муҳокимаи мо дар як доираи васеъе мегузарад, балки, пеш аз ҳама, барои он аст, ки имрӯз он муҳити хайрхоҳонае ба хотирам мерасад, ки моро дар Тоҷикистон фаро гирифта буд ва аз он 10 сол аст, ки маҳрум шудаем. Медонед, мо ин ҷо гоҳо аз ҳамдигар меранҷему сахту дурушт мегӯем, асабӣ мешавем, вале бо вуҷуди ин аз муваффақияти ҳамдигар хурсанд мешавем, дар чунин мавридҳо дил мехоҳад, ки ҳамдигарро ситоиш бикунем, бо ҳамдигар суханони эҳтиромангезе бигӯем, ки бештар аз ҳама дар назми Шарқ мавқеъ доранд. Умуман ҳоло дар мо ана ҳамин чиз намерасад... Бигузор он касе, ки ИҶШС-ро пароканда кард, дар ду дунё — ҳам дар ин дунёву ҳам дар он дунё рӯзи некро набинад, осоиш наёбад. Шаке нест, ИҶШС аз нав эҳё хоҳад шуд. Ман барои тарҷумаи ин достон ба С.Золотсев арзи сипос менамоям. Ба Аскар бошад, сатрҳои зайлро мебахшам, ки ҳамин ҳоло, дар худи ҳамин ҷо навишта щуданд:

*Зи Помири баланд омад ба Маскав,*
*Ҳама ӯро ҳаводоранду хонанд.*
*Садояш шуд танинандоз дар Чин,*
*Ба Пекин ҳам варо акнун бидонанд.*

**А. Кожедуб, нависандаи рус:**

– Ман шоир не, насрнависам, бо вуҷуди ин барои ҳаловате, ки аз хондани ин достон бардоштам, ҳам аз муаллифи достон ва ҳам аз тарҷумони он сипосгузор ҳастам. Албатта, мо, нависандагони русзабон, пеш аз ҳама, ба хизмати тарҷумон баҳо медиҳем. Аз ин достон пеш аз ҳама, бӯи Машриқзамин, бӯи он Шарқе ба машом мерасад, ки мо онро дар адабиёти шӯравии худамон шамида ва ба он дил баставу баҳо дода будем.

Адабиёти шӯравӣ барои мо адабиётест, ки дорои суннатҳои бениҳоят бузургу пурғановат мебошад. Дар ин бобат адабиёти форсизабонон мақоми боз ҳам бузургтар дорад, зеро умри суннатҳои таърихии он ба ҳазорсолаҳо мерасад ва бешубҳа, арзиши бештар дорад. Ҳангоми баҳо додан ба тарҷумаи асаре, ки ба ин забон эҷод шудааст, ин ҳамаро дар назар бояд дошт. Ташаккур ба Золотсев, ки чунин кори бузургро анҷом додааст.

***Тарҷумаи Ҳикмат Раҳмат,***
***соли 2001.***

***Дуктур Алиризои Қазва,***
***шоир, Эрон***

# АСКАР ҲАКИМ – ҒАЗАЛСАРОИ МУТАФОВИТ

Дурахшиши Аскар Ҳаким дар ғазалҳои ӯст. Агарчи шояд аз ӯ дар бештар қолабҳо шеър хонда ва шунида бошем, аммо ғазалҳои солҳои охири ӯ, бахусус, ғазалҳое, ки дар китоби охираш (… Боз мерасад хуршед) ба чоп расидааст, ғазалҳои комилан мутафовит ва таҷрибаҳои тоза дар зиндагии шоирии ӯ ба ҳисоб меояд. Ҳатто хондани баъзе аз ин ғазалҳо комилан ғофилгиркунанда аст. Он ҳам дар вазъияте, ки ба назар мерасад, корҳое сангин ва вазифаи сиёсиву иҷтимоӣ фурсати хилватҳои аз ин дастро аз ӯ салб (ҷудо) кунад, аммо ӯ дуруст, дар ин рӯзҳои пурмашғала нишон додааст, ки бо шеър бархӯрде ҷиддӣ доштааст. Қазовати мо маҳсули хондани ғазалҳоест аз ин даст:

*Чӣ кунам ба номи ҷовид, ки зи худ нишон гузорам,*
*Ки ман аз ҷаҳони ҷовид, ғами ҷовидона дорам.*
*Чӣ ҷаҳон, ки ормонаш сари дор дидани мост*
*Ва хуш аст, агар чу Ҳаллоҷ бикашад ба ҳалқа корам.*
*На табиби ҳушёре, на ҳабиби ғамгусоре,*
*На давои ҷисми бемор, на илоҷи ҷони зорам.*
*На маҷоли зуд рафтан, на тавони дер мондан,*
*Ба кӣ бори тан гузорам, ба кӣ накди ҷон супорам?*

Бахусус, дар байти чаҳорум бо истеҳкоми лафзию маъноии хубе бархӯрдорем ва байтҳое аз ин даст метавонад барои ғазали имрӯзи Тоҷикистон обрӯ ва эътибор шавад. Байте, ки аз як шоҳбайт ҳеҷ кам надорад ва шоире, ки битавонад чунин байте халқ кунад, бегумон тавони такрори онро низ дорад.

Фазои маънавии ин ғазал ҳикоят аз зулолӣ ва хилвате ноб дорад, ки дар лаҳазоте бо шоир ҳамроҳ будааст. Ва ин

навиди лаҳазоти дурахшонеро дар ғазали фардои Тоҷикистон медиҳад. Бештар ва пештар гумони мо бар ин буд, ки агар ҳодисае ва иттифоқе дар ғазали Тоҷикистон рӯй диҳад, маҳсули зеҳн ва забони шоироне ҷавонтар чун Аҷамӣ ва Рустами Ваҳҳобниё ва Фарзона ва Сиёвуш ва …аст. Гарчи ин ҷамоат ғазал ва шеъри Тоҷикистонро обрӯ ва эътиборе музоаф (дучандон) бахшидаанд, аммо ғазалҳое аз ин даст, ки дар ин китоб ҳам кам нестанд, ҳикоят аз он дорад, ки насли ботаҷриба ва пухтаи шеъри Тоҷикистон ҳанӯз ҳам метавонад холиқи шигифтие шаванд.

Ба эътиқоди ман ғазалҳои солҳои охири ин шоир ва низ шоироне чун Гулрухсор ва Раҳмат Назрӣ ва ҳатто Гулназар Келдӣ аз рушде чашмгир бархӯрдор будааст. Чаро ки ин рушд маҳсули хилватҳои ноб ва лаҳазоти бехешии онҳост. Ба дигар забон, ғазали Тоҷикистон тоза дорад худро ва ҳуввияти гумшудаашро пайдо мекунад ва ин ҷонҳое ҳашевор ва ошиқ дарёфтаанд, ки метавон пилла-пилла ба мулоқоти нур рафт.

Бар хилофи назари шоир ва мунтақиди арҷманди тоҷик Гулназар Келдӣ (ниг. «Равандҳои тоза дар шеъри муосири тоҷик» - Мусоҳиба бо Гулназар- Адабиёт ва санъат-№10, декабри соли 2002), ки муътақид аст шеъри муосири тоҷик нисбат ба рӯзгори шоироне чун Ғаффор Мирзо ва Қутбӣ Киром ва Муъмин Қаноат ва …. аз рушде бархӯрдор набуда ва бо ҳамаи эҳтироме, ки ба ҳамаи ин шоирон ва бахусус, барои устод Муъмин Қаноат қоилем, метавон гуфт, ки шеъри имрӯзи Тоҷикистон дар ҳоли як дигардесии (дигаргуншавии) муҳимм ва халқи як шигифтӣ аст. Лоақал дар ҳавзаи ғазал чунин ба назар мерасад.

Идомаи ғазали болоро бо ду байти поёнии он пай мегирем. Байти аввал ҳикоят аз ҳавзаи таъсирпазирии шоир дорад.

Ғазале аз Фахриддини Ироқӣ:

*Ба тавофи Каъба рафтам, ба ҳарам раҳам надоданд,*
*Ки буруни дар чӣ кардӣ, ки даруни хона оӣ.*

Ду байти Аскар Ҳаким чунин аст:

*«Ба тавофи Каъба рафтам», ки Худо ба хона ёбам,*
*Чу Худо зи хона рафта, манат аз чӣ хонадорам?*
*Чу Худоям офарида ба замин вакили мутлақ,*
*Зи Худо ба ин ваколат «бахудо, ки шармсорам». –*

Ки байти поёнӣ бо истинод бо оёти Қуръонӣ, ки инсонро халифаллоҳ медонад, шакл гирифтааст ва ин байт замоне зеботар ҷилва мекунад, ки таваҷҷуҳ ба шуғли ваколат ва муовини Раиси Маҷлис будани шоир ба иҳоме зебо мерасад ва ин мақомҳои дунявиро шоир дар муқобили халифаллоҳӣ дар як тарозу намегузорад ва ин ҳамон гом ниҳодан дар ҷодаи зулолӣ ва расидан ба ҳол ва мақоми ирфонист, ки метавонад дар замири офтобӣ ва ҷони нуронии шоир иттифоқ биафтад ва афтодааст.

Ва боз бар хилофи назари Гулназар, ки фазои ғазали имрӯзи Тоҷикистонро ғамгин дидааст, ба назар мерасад, ки радифҳои лафзии гиря ва лабханд наметавонад ба тамомӣ далели шодмонӣ ва ғаме бошад ва гоҳ ғамҳои ширин ҳам ҳаст, ки лаззаташ ба ҳазор шодии пуч меарзад. Дуруст мисли абре, ки бо борише ба офтоб салом мекунад. Ва чӣ зебо ин фазоро Аскар Ҳаким бо ин байти зебояш тарсим (нақшин) мекунад, ки:

*Баъд аз ин лаб фурӯ бандам, к- ин чунин гиря то чандам,*
*Лек ҳар гаҳ, ки ман хандам, шеъри хундори ман гиряд.*

Шояд рӯи сухани Гулназар бо чунин шоироне набудааст. Ӯ шоиронеро мухотаб қарор додааст, ки бо ғамҳои кӯчак ва ҳарфҳои кӯчактар хамудагӣ (сукут) ва яъсро дар ҷомеа доман мезананд. Ва изофа мекунем, ки унсури отифа дар шеър ва дар ғазал танҳо ба шакл ва ҳайот ғами худро наменамоёнад, ки гоҳ отифа дақиқан айни шодӣ ва шодмонист ва гумони мо ҳама он аст, ки Гулназар хостааст, то бар ин нуктаи зариф низ ангушт бигзорад.

Аз ин ҷо ки байти оғозини ғазали боло низ аз зарофате чанд бархӯдор аст, бад нест, то ба он низ ишорае дошта бошем:

*Абр хушкид аз гиря, то чӣ бар тори ман гиряд,*
*Боми афлок нам гирад, абри озори ман гиряд.*

Вазни тоза ва нав (фоилотун мафоилун, фоилотун мафоилун) ё (фоилан фоилан фаълан, фоилан фоилан фаълан) вазни зебое ва мутафовитест, ки шояд барои аввалин бор аст, ки онро дар ғазали муосири тоҷик мешунавем ва агар ҳам аввалин набошад, аз ҷумлаи аввалинҳост ва чӣ хуб шоир вазнро чун мум дар дасти худ нарм кардааст ва бо мусиқии болое онро арза кардааст. Аз ин манзур зеҳни арӯзии шоир қобили ситоиш аст. Ҳамчунин калимаи озор ба озор номи яке аз моҳҳои суриёнӣ ё румӣ баробари моҳи саввум ва муодили моҳи морс (март) ҳам назар дорад, чаро ки борони баҳориро ба ёд меоварад.

Дар ин вазнҳои давриву баланд – беш аз ҳама таҷрибиёти шоир дар қолаби чаҳорпора ба ӯ кӯмак кардааст. Шояд дар мавриди шоире чаҳорпорасаро чун Раҳмат Назарӣ низ ин ҳарф дуруст бошад ва ӯ низ дар халқи бархе аз ғазалҳои муваффақи ахираш аз таҷрибиёти чаҳорпорасароӣ низ суд ҷустааст.

Нуқтае дигар дар ғазали тоҷик истифодаи фаровон аз санъати тибоқу тазод аст, ки ин албатта дар ғазалҳои сабки хиндӣ ва бахусус дар ғазалҳои сабки Мирзо Бедил ба фаровонӣ иттифоқ афтодааст. Истифода аз ин шигарди (равиши) забонӣ ва баёниро дар чанд ғазал аз Муҳаммад Ғойиб низ дидаем. Ғазали «Дар пойи озодӣ» яке аз ғазалҳои хуби Аскар Ҳаким аст, ки дар ин фазо шакл гирифтааст:

*Дар пойи озодӣ аз пой уфтодем,*
*Озоди побандем, побанди озодем.*
*Мо куштаи зинда, мо зиндаи кушта,*
*Мо доди бедодем, бедодэҷодем.*

*Манзил намонд обод, як дил намонд обод,*
*Ободи вайронем, вайрони ободем…*

Гоҳе мусиқии каломии шоир авҷ мегирад, масалан бо истифода аз санъати ҳамҳуруфӣ ё вожаоройи шоир байте чунин зебо халқ мекунад:

*Эй уқоби гардунсайр, аз чӣ ҷони ту хаста-ст,*
*Ё ки осмон паст аст, ё ки боли ту баста-ст.*

Овардани панҷ бор - т ва панҷ бор – с дар мисраи дувум, мусиқии байтро бисёр боло бурдааст.

Яке дигар аз ғазалҳои зебо ва ба ёд мондании шоир, ки иттифоқан он ҳам дар вазни баланд ва даврӣ шакл гирифтааст, ғазали «Ба камон чӣ гуна хӯ гирам…» аст:

*Зи рафоқати камондорон ба дили рамида ғамгинам,*
*Ба камон чӣ гуна хӯ гирам, ба камин чӣ гуна биншинам?*
*Ба камаршикастагон ҳаргиз набувад маро забардастӣ,*
*Ки адолат аст талқинам, ки муҳаббат аст оинам.*
*Худ агарчи гушна мемирад таги осмони безинҳор,*
*Зи кабӯтарону гунҷишкон накунад шикор шоҳинам.*

Ғазали камондорон дар фазои ривояти ҳол ва басалшиквӣ (шикваи шадид) ҷон мегирад ва шоир мардум ва халқи хешро ба ҳеҷ баҳое намефурӯшад ва одоби ҷавонмардӣ ва футувватро фаро ёд меоварад ва аз ин раҳгузар низ фазои ин ғазал реша дар маънавият ва ҳол дорад.

Ғазалҳое бо ин ҳолу ҳаво дар парвандаи шоирии Аскар Ҳаким як нуқтаи авҷ ба ҳисоб меояд. Бахусус ин ки халқи ин фазоҳо дар қолаби ғазал, он ҳам бо чунин авзони баланде, аз шоироне ботаҷриба чун Аскар Ҳаким бармеояд.

***А. Гордон,***
***кандидат филологических наук***

# ПОЧВА НОВАТОРСТВА, ИЛИ КНИГА О ТВОРЦАХ, СОЗДАЮЩИХ КРАСОТУ

На прилавках книжных магазинов появились «Творцы созвучий» Аскара Хакимова. Однозначно определить жанр этой книги невозможно. В ней собраны литературоведческие статьи, эссе, литературные портреты, критические обзоры. Название точно выражает ее содержание: это книга о творцах, создающих созвучия, о поэтах и поэзии.

Несмотря на небольшой объем, она очень емкая: вобрала в себя много имен, поэтических судеб, различных аспектов творчества. Даже простое перечисление названий некоторых глав («Личность и мир», «Слово и образ», «Поэтика и эпоха») дает представление о многомерности исследования.

«Почва новаторства» – название первой главы книги. Именно эти аспекты более всего интересуют исследователя. Ему важно определить, кто были великие учителя поэта, выявить глубинные корни его творчества. Внимание автора, а за ним и читателя, обращено и к кроне, листве того поэтического древа, которое произросло из этих корней, – к тому, о чем и как пишут сегодняшние «творцы созвучий». Отсюда и обостренный интерес к поэтике, инструментовке стиха.

Иначе говоря, суть книги – это исследование традиций и новаторства в таджикском стихе, осмысление его «вчера» и «сегодня» кровной, нерасторжимой связи между ними.

Таджикские литературоведы не раз писали о проблемах исторической преемственности и поэтического новаторства. Аскар Хакимов отнюдь не первооткрыватель этой темы, но он не только литературовед и критик, но и поэт, а посему появилась иная «точка обзора»: расматриваются вопросы поэтики, языка и стиля как бы «изнутри» стиха.

«Живя среди своих героев» – так озаглавил автор предисловие к своей книге, темой которой, по его мысли, как современники, так и их великие предшественники – Хайям, Саади, Рудаки, Хафиз.

«Читая стихи наших гениев, обживая их вселенные, порою ловлю себя на мысли, что для меня они – живые люди», – говорит Аскар Хакимов. И пишет он о них удивительно живо, не хрестоматийно.

Он действительно как бы живет среди героев своей книги, дышит одним с ними поэтическим воздухом.

Такая авторская позиция придает «Творцам созвучий» особое, искреннее звучание. Горячая заинтересованность автора рождает и читательскую заинтересованность: Видимо, именно этим можно объяснить то, что книга воспринимается не только как научное исследование, но и как рассказ о людях, ее населяющих. Читать ее – это значит погружаться в прекрасный мир восточной поэзии, соприкасаться с ее красотой.

Через всю книгу Аскара Хакимова проходит мысль о том, что «сегодняшний таджикский поэт не может не опираться на великое наследие звезд нашего стиха». Этим определена и структура книги, разделенной на две части. В первой большее внимание уделено вопросам формы, использования творческого наследия восточной поэзии, во второй конкретно анализируются особенности художественной манеры со-временных таджикских поэтов (Мумина Каноата, Аминджона Шукухи, Лоика Шерали, Бозора Собира).

Разграничение здесь не только тематическое, но как бы и жанровое: в первую часть вошли литературоведческие, теоретические статьи, вторую составили творческие портреты современников, среди которых новизной оценки, глубиной анализа выделяются разделы о поэзии А. Шукухи и Лоика Шерали.

Наиболее оригинальными, на мой взгляд, являются страницы, посвященные вопросам художественной формы,

образности, особенностям стихосложения, принципам обновления и преобразования системы поэтической изобразительности.

Убедительно, с привлечением большого стихотворного материала (А. Шукухи, Г. Мирзо, Лоик Шерали) автор показывает, как происходит изменение традиционных образов, исчезает привычная связь предмета с образом, возникает поэтическое соответствие, отражающее сегодняшнее мироощущение поэтов.

Метафоры, аллегории, символы, вся образная система великих поэтов прошлого и их трансформация в поэтике наших современников оранически сливаются в исследовании Аскара Хакимова с поэтическим мышлением «творцов созвучий», философским осмыслением ими действительности.

«Новаторство в таджикском стихе наших дней есть прежде всего, как и в поэзии любого народа; поиск новых путей к правдивому изображению героя, пути к человеку», – утверждает Аскар Хакимов. В главе «Личность и мир» – о новаторском подходе к изображению человека в современной таджикской поэзии – автор основное внимание уделяет новым чертам лирического героя в творчестве М. Турсун-заде, Мирсаида Миршакара и других поэтов.

Очень самобытно рассматривается новаторство формы в главе «Поэтика и эпоха», наиболее, пожалуй, сложной, в которой автор (опять-таки на широком фоне современной поэзии) анализирует особенности «свободного аруза». Кроме метрики, Аскар Хакимов исследует рифмы, строфику, жанры сегодняшней поэзии, снова и снова подчеркивая неразрывность традиционных особенностей восточной классики и ее современных модификаций.

Весьма интересны рассуждения о поэтике аруза, в которой прослеживается роль классической его формы как почвы для дальнейшего его развития в новой, революционной поэзии (А. Лахути, П. Сулеймани, С. Айни, А. Дехоти), его переход в «современный и свободный аруз».

Вводя в обращение этот термин, Аскар Хакимов доказывает, что «свободный аруз» создает новые возможности стиха: варьирование количества стоп, совмещение разных размеров в одном произведении и даже в одной стопе, слияние силлабики и аруза в едином, ритмически целостном стихе.

В предисловии к своей книге Аскар Хакимов пишет: «Достоинства всегда заметней рядом с недостатками, потому нельзя, говоря о первых, не замечать последних». Ну что ж, не будем спорить с автором и применим этот постулат к книжке самого Хакимова. Разумеется, она, как всякая значительная работа, не лишена недочетов. О некоторых из них нельзя не сказать именно потому, что книга «Творцы созвучий» заслуживает самого уважительного к себе отношения.

Так, например, удивляет последняя глава, построенная по принципу «всем сестрам – по серьгам». Хотя автор предупреждает, что не хочет «вдаваться в «списочный обзор», но как раз это он и делает. В небольшой главке упомянуты почти все, работающие ныне в поэтическом цехе республики.

Именно упомянуты – в разных аспектах, но везде мимоходом: «Ярко и плодотворно работали поэтессы» (перечень имен), «достигали точного и вдохновенного отображения сложных и неоднозначных метаморфоз в жизни современников – земляков поэты» (перечень имен). Также походя говорится о том, что «поэзией республики по существу не создан еще объемный реалистический портрет таджикского рабочего». И так – чисто декларативно! – речь идет и о тематике (ее недостаточной, по мнению автора, гражданственности), и еще о многих, многих иных вопросах. Создается впечатление, что Аскар Хакимов поставил перед собой цель на шестнадцати страничках охватить все сложные проблемы развития современной таджикской поэзии.

«Творцы созвучий» вызовут, надо полагать, немалый интерес широкого читателя. Этому будет способствовать

добротный перевод Станислава Золотцева, хотя иногда какие-то слова и «выпадают» из очень современного в целом языка перевода. Так, вдруг появляется «узость поэтического окоема». Красивее, чем привычное «горизонт»? Может быть. Но очень сомнительно, чтобы читателю было понятнее (даже в словарях это слово снабжено пометкой – «устаревшее»), не говоря уже о том, что применение древнерусского слова в контексте разговора о таджикской поэзии не является стилистически точным.

Нет сомнений «Творцы созвучий» Аскара Хакимова займут достойное место на книжной полке любителей восточного стиха, привлекут их столь нечастым сочетанием острого анализа и эмоционального, личностного подхода к поэтическому творчеству.

Книжка изящно и выразительно оформлена (художник В. Локшин): на черном щите две белые розы, обрамленные переплетением тонких листиков – на обложке как бы слились традиционные символы древней восточной и побеги сегодняшней новой поэзии – ее почва и новаторство.

*Муҷиби Меҳрдод,*
*шоир, муҳаққиқ, Афғонистон*

# АСКАР ҲАКИМ – ШОИРИ СОХТОРГАРО

Шеъри Аскар Ҳаким, бидуни шак, аз шеърҳои қобили таваҷҷуҳ дар шеъри муосири Тоҷикистон аст. Дар миёни шоирони муосири тоҷик шеъри ӯ ба лиҳози забонӣ ва корбурди вазну қавофӣ солимтарин шеър аст; забони ҳамвор ва наздик ба забони меъёр ва орӣ аз калимоти сангину сақил ба лиҳози овоӣ, истифодаи хуб аз вазн бидуни ҳар гуна удул ё сустӣ, ки дар кори соири шоирон ба далели наздикии шеърашон ба лаҳҷаи бумӣ дида мешавад, ҳама ва ҳама имтиёзоти шеъри Аскар Ҳакиманд.

Бо нигоҳ ба шеърҳои ӯ метавон дарёфт, ки беш аз ҳар шоири дигари тоҷик ӯ бо шеъри муосири форсӣ-дарӣ дар соири ҳавзаҳои форсизабонон унс ва ошноии бештар доштааст. Ин масъаларо метавон аз рӯи корбурди забони меъёре, ки дар шеъри Тоҷикистон як истисност, донист ва ҳам аз рӯи техникҳое, ки дар шеърҳояш ба кор мебарад. Дар шеърҳои нимоии ӯ таъсироти Нимо, Ахавон, Шомлу, Оташӣ ва Восифи Бохтариро метавон дид. Ба ҳамин гуна дар чаҳорпораҳояш асароти Симини Беҳбаҳонӣ, Нодирпур ва Фурӯғи Фаррухзодро метавон ёфт. Аз сӯи дигар, эҳтимоми ӯ ба рӯйкарди самбулик, фурм ва сохтор ба маънои мутаорифи калима, нуктаи тамоюзи дигарест миёни шеъри ӯ ва соири шоирони Тоҷикистон.

Нуктаи дигаре, ки дар шеъри Аскар Ҳаким қобили ёдкард аст, камбуди шеърҳои меҳанӣ ё пардохтан ба масоили миллӣ-таърихии Тоҷикистон аст, ки дар насли пештар аз ӯ муҳтавои бахши аъзами шеърҳои шоирони тоҷикро месохт ва дар басо маворид шеъри шоирони пешинро дучори шиорзадагии музмин карда буд, ҳарчанд ки шеъри ӯ аз ин масоил ба куллӣ холӣ нест, вале ҳузури ин аносир бо кори шоирони пеш аз ӯ қобили муқоиса нестанд. Аскар Ҳаким агар аз сиёсат ҳам ба шеваи шеъри сиёсӣ-иҷтимоии Эрону

Афғонистон ба масоиле чун фаромӯшии устураи рисолату тааҳҳуд он ҳам ба сурати намодин мепардозад; мисли шеърҳои «Дури дилхоҳ», «Аспи кишанбанд», ки шеъри «Ханҷарҳо, бӯсаҳову паймонҳо»-и Манучеҳри Оташиро ба ёд меоварад, «Баргпайванд» ва …ки ин рӯҳия ҳатто дар чаҳорпораҳои ӯ низ тадовум ёфтааст. Ҷилваи дигари шеъри Аскар Ҳаким ҷилваи табиии шеъри ӯ аст, ки шеърашро бо шеъри пеш аз худаш ягона месозад. Хулоса, ӯ аз тамоми фанҳои мумкин барои расидан ба сохтор дар шеърҳояш истифода мекунад, ки ҳамаи инҳо даст ба дасти ҳам дода, сурати шеъри комил ва мунсаҷими ӯро месозанд. Иттифоқан беҳтарин шеърҳои Аскар Ҳаким шеърҳои нимоӣ ва чорпораҳои ӯянд.

Шоири тоҷик наметавонад аз табиати зебои ватанаш ба осонӣ бигзарад. Шеъри Аскар Ҳаким низ машҳун аз кӯҳу дарё ва дарахту паранда аст ва ҳатто дарунмояашро низ аносири табиат ба пеш мебаранд:

*Ғубори нилии шабҳо бипечонад маро дар хеш,*
*Қабои сабзи баргамро бисӯзад тафти тобистон*
*Ва дар реги равон ҷуз рези кӯчокӯчи гардон нест.*
*Дар ин дӯзах, ки по дар хок сӯзад, бол дар афлок.*
*Тавонад гар ба ёдат сабз монад, кист ё худ чист?*

*Кунун ман решаҳоямро ба дасти худ канам аз қаър*
*Ва бо он хоки худ дар ормони хоки пайвандӣ*
*Кашонам хешро аз баҳру бар сӯи замини ту.*

Ё ин тиккаи зебои шеъри «Чӣ эҳсоне?!», ки аз шеърҳои хуби ӯст:

*Чу шабҳо барф меборад, паёпай барф меборад,*
*Ки мепӯшад раҳу пайроҳаи танги кӯҳистонро,*
*Ва боми кулбаҳоро, то пагоҳӣ мекунад он гӯр,*
*Маро на дар сапедӣ,*
*Дар сиёҳӣ мекунад он гӯр!*

Аскар Ҳаким дар тамоми қолабҳо ва бахусус нимоиҳояш ҳамон гуна, ки ёд кардам, шоирест самбулист ва сохторгаро: ӯ усули Ниморо хуб донистааст ва онро ба тамомӣ ба кор бастааст. Шоирони пеш аз ӯ бештар ба ҳам задани тасвиии тӯли мисроъро дар назар доштанд ва агар сохторе ҳам дар шеърашон буд, бештар ба сабаби хусусияти ривоӣ ва достонии шеърҳо буд вале сохтори шеъри Аскар Ҳаким санҷидашуда ва бархоста аз зеҳне тарбиятёфта ва огоҳии амиқи ӯ аз моҳияти ҳаракати Нимост. Сохтор дар шеъри ӯ ба чандин гуна лиҳоз шудааст. Аввал ба тариқи қиссапардозӣ, ки дар шеъри нимоӣ бисёр маъмул аст; дар ин шева шоир қиссае мепардозад ё тамсилеро сомон медиҳад, чи аз тариқи барангехтани отифаи мухотаб бо пардозишҳои достонӣ – отифӣ ва чи аз тариқи баёни самбулик, ки шефтагии мухотабони ҷиддии шеърро бармеангезад. Қисса дар шеъри Аскар Ҳаким аз навъи дуввум аст. Ҳамчунон Аскар Ҳаким ба сохтори дарунӣ, ки иборат аз ҳормунии дарунии тасовир дар тӯли як шеър аст, хуб вуқуф дорад: масалан, шеъри кӯтоҳи «Арӯсии хуршед»-и ӯ, ки ба гунаи тарҳи Шомлу аст.

*Бегаҳ,*
*Шукуфта сад чамани лола дар уфуқ,*
*Хуршедро ба дил набувад хоҳиши сафар.*
*Шоҳи сипеҳр гар наравад дар канори шом,*
*Оё шавад арӯсии шаб обистани саҳар?*

Ё шеъри «Аспи кишанбанд»-ӯ, ки қиссаи аспест, ки дар банд монда аст, барои ин ки саворе нест, ки ӯро ба тохт даровард.

*Аспе дар марғзори хурраму сарсабз*
*Чун ҳайкал истодаву хомӯш аст.*
*Ӯ ба алафҳо намезанад даҳане ҳеҷ,*
*Сар боло кардаву саропо гӯш аст.*

*Гарчи ҳавои чаҳорхезаш бошад,*
*Лек кучо чорае, ду пояш банд аст.*

*Ёбад рӯзе агар зи банд раҳойӣ,*
*Сунби ваю дашти осмон баланд аст.*

Ӯ бештар ба тавсифи авзои ин асп мепардозад:

*Ёли шафақранги ӯ ба зер авезон*
*Пур шуда чашмаш зи оби ҳасрату андуҳ,*
*Гашта чу сандуқи ғусса синаи паҳнаш,*
*Мезанад аз по варо гаронии сад кӯҳ.*

Ва дар охири ин чорпора қисса ба сурати ғамангезе поён меёбад:

*Ғуссаи дилро физояд аспи кишанбанд,*
*К-асп натозад, шавад хари бекоре.*
*Домани ин дашт пойгоҳи умед аст,*
*Банд аст аспу кучост шоҳсаворе?!*

Ё шеъри «Дарё, маро бигир...»-и ӯ, ки яке аз корҳои мондагори ӯст. Дар ин шеър дарё ҳам модар аст ва ҳам гӯр ва шоир аз фарти ғамҳои бепоёни зиндагӣ мехоҳад дарё ӯро чун модар пазиро шавад, ки метавонад талвеҳан тавҷеҳи марг бошад, ба вижа он гоҳе, ки ин марг дар ҳаёти дарёӣ шоирро дар комаш фурӯ кашад. Ин шеъри ӯ, ки дорои сохторе муҳкам ва устувор аст, тиккаҳои дурахшони фаровоне дорад. Ин шеър ин гуна оғоз мешавад:

*Ман меравам зи соҳили дарёи мавҷхез,*
*Дар сангбанди соҳили худ лолу бесадо.*
*Дарё пур аз сухан,*
*Дарё пур аз наво.*

*Мавҷе баногаҳ аз бари дарё гурехта*
*Бо ҷасту хез пои маро бехабар кашад.*
*Дарё вале чу модари ғамхору меҳрубон,*
*Бозаш ба бар кашад.*

*Гар зиндагист модари ғамхору мушфиқам,*
*Охир, чаро зи хеш маро тард мекунад.*
*Ҷонам ба сад азоб гирифтор мекунад,*
*Ҳам лоф мезанад, ки маро мард мекунад.*

Тиккаи дигаре, ки ӯ ба кор мебарад, расидан ба меҳвари амудии шеър аз тариқи такрори як сатр дар тӯли шеър аст.

Роҳсатри «Тифлаке афтону хезон мегузорад по...» баёнгари танҳоии инсон дар роҳи такомули ӯ аст. Такрори ин сатр дар оғози ҳар банд шеърро ба лиҳози мавзӯӣ ваҳдату якпорчагӣ бахшидааст.

*Тифлаке афтону хезон мегузорад по,*
*Лек шоҳин меравад озод дар гардун,*
*Лек моҳӣ меравад чолок дар дарё,*
*Лек ҳатто мор печон меравад дар рег.*

Дар шеърҳои Аскар Ҳаким ба изофаи нимоиҳои зебояш, ки саршор аз тасовири бикранд, метавон аз чорпораҳояш низ ном бурд, ки аксаран аз аввал то охир қисса ё мавзӯи мушаххасеро бо забоне намодин баён мекунанд. Мисли чорпораи «Мурғакони сафарӣ». Ӯ, ки мафҳуми ишқи Ватанро ба сурати бисёр зебову ҳунарӣ ва ғайримустақим баён кардааст, пас аз ин ки мурғакони ватанашро ба асоси тағйири иқлим дар кӯч мебинад, ҳифзи пайванди ин мурғакон ва иштиёқашонро ба бозгашт ин гуна нишон медиҳад:

*Шомгаҳ ё саҳаре чун бирасанд*
*Ба диёри дигари тозабаҳор.*

*Бирасад бӯи биҳишт аз ҳама ҷо,*
*Булбулон масти наво дар гулзор.*

*Мурғакони Ватанам дар он ҷо*
*Хонишу чаҳчаҳу ово накунанд.*
*Дар диёри дигарон ҳеҷ гаҳе*
*Ҷӯчаву лонаву маъво накунанд.*

Ҳарчанд шумори зиёде ғазалу дубайтӣ ва рубоӣ дар гузидаи ашъори Аскар Ҳаким омадааст вале дар куллият рӯйкарди ӯ дар ин қолабҳо бо вуҷуди салосати забон ё нав нест, ё ҳам кори чашмгире дар ин қолабҳо дида намешавад, ба истиснои таку тук байтҳои хуб ва нав дар ғазалҳо ва ҳамчунон бархе аз рубоиҳо ва дубайтиҳои ӯ вале дар кулл ғазалҳои ӯ ва дубайтиҳову рубоиҳояш бо нимоиҳо ва чорпораҳояш қобили муқоиса нестанд.

*Гулназар,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

# «...ИШҚИ ТУРО ҒАЗАЛ КУНАМ»

Дар ибтидои солҳои 70-ум моҳномаи «Садои Шарқ» перомуни равандҳои шеъри тоҷик гуфтугӯйе созмон дод. Он замон ман дар Афғонистон маъмурият доштам ва мақолае ба идораи моҳнома фиристодам. Ҷойе зикр карда будам, ки дар бораи шеър навиштан осонтар аст, то офаридани шеър. Чун мақола чоп шуд, аксари мунаққидон ба ҳамин ишораи ман дарафтоданд ва ҳатто Абдунабӣ Сатторзода, ки созмондеҳи ин гуфтугузор буд, дар мақолааш зикр кард, ки дар бораи шеър навиштан аз эҷоди худи шеър сахттар аст. Ҳоло ки ман қалам ба даст гирифтаам ва мехоҳам дар бораи эҷодиёти Аскар Ҳаким чанд сухан рӯи дафтар оварам, боз ҳамин андеша ба сарам меояд.

Албатта, ҳар гуна эҷод, агар воқеӣ бошад, на кори осон аст. Мақолаи хуби дар бораи шеър навишташуда, бешубҳа, аз шеър кам нест. Аммо вазъи қаҳрамони имрӯзии ман мураккабтар аст. Вай ҳам мунаққид аст ва ҳам шоир. Вақте ки кас ҳусну қубҳи шеъри дигаронро нишон медиҳад, чигунагии шеъри хотирписандро талқин мекунад, оё худаш ҳақ дорад, шеъри носара эҷод кунад? Оё шеъри худи ӯ аз норасоиҳои дар шеъри дигарон дарёфтааш эмин аст? Ё ҳамчунонки халқ мегӯяд: «Гуфти муллоро куну корашро не?!»

Хонандагон Аскар Ҳакимро даставвал ҳамчун мунаққиди шеър шинохтанд. Баъди хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба Маскав рафт, аспиранти Дорулфунуни ба номи Ломоносов шуд ва таҳти роҳбарии донишмандони барӯманди шеър ба омӯзиши забонҳои каломи бадеъ пардохт. Аз ҳамон вақт дар рӯзномаву моҳномаҳои ҷумҳурӣ мақолаҳояш пайваста чоп мешуданд ва ӯ яке аз аввалинҳо буд, ки ба ҳунари шоирӣ таваҷҷуҳ зоҳир кард. Яъне чӣ гуфтан ҳанӯз ҳалли масъала нест, чӣ тавр гуфтан аз он муҳиммтар аст.

Дар ёд дорам, дар моҳномаи «Садои Шарқ» мақолаи Аскар дар бораи достони Қутбӣ Киром «Ҳарфи аввал» (баъдтар бо номи «Қуллаҳои ноаён») чоп шуд. Муаллиф дар навиштааш нируи ҳунарии шоирро кушода талқин мекунад, ки андешаи зебо танҳо дар пироҳани зебо умри дароз дида метавонад. Дар ҳамин мақола бори аввал дар адабиётшиносии мо ҳамоҳангии садонокҳову ҳамсадоҳо дар шевоии мисраъҳо таҳқиқ шуда буд.

Устод Қутбӣ Киром маро дар кӯча диду пурсид:

– Аскар Ҳаким кист?

Гуфтам:

– Яке аз шарикдарсони ман аст, ки ҳоло дар Маскав мехонад.

Вай бо шӯру қиёми зотиаш афзуд:

– Валлоҳ, мақолааш аз достони ман хубтар аст!

Ҳамчунонки зикр кардам, Аскар Ҳаким худро бо мақолаҳои бисёр зебояш ба хонандагон муаррифӣ кард. Аммо ҳамеша шеър мегуфт. Вай ва Нурмуҳаммад Ниёзӣ аз шогирдони бовафои Аминҷон Шукӯҳӣ буданд. Нурмуҳаммад то имрӯз дар эҷодиёти худ сабку услуби сароиши Шукӯҳиро маҳфуз доштааст. Аскар аз ибтидои кор дарёфт, ки аз паси касе рафтан касро аз кушодани роҳи худӣ маҳрум мегардонад. Худро ба олами таҳқиқ – омӯзиш андохт, навоҳои тоза-тозаро дарк кард, аз хишти сухан сохтани биноҳои нав ба навро ёд гирифт. Оҳиста-оҳиста ба чапу рост назар андохта, ба садоҳои атроф гӯш дода, худро якбора ба оғӯши шеър зад. Ва садои хосаи шеъри ӯ аз миёни ҳазорон садои мухталиф ба самъи дӯстдорони сухан расид.

Ҳар кӣ аз шеъре ва ё аз китобе барои худ чизе пайдо карданӣ мешавад, онҳое ки маънипараст ҳастанд, маънии, ба қавли Соиб, бегона меҷӯянд. Онҳое, ки тасвирро дӯст медоранд, мехоҳанд аз шеъри шоир тоблуи зебое дарёбанд. Онҳое ки ошиқи ташбеҳу истиораҳои тоза ҳастанд, аз паи тозакориҳои эҷодкор мешаванд. Шояд аз ҳамин рӯ таърифи шеър ҳархела аст ва, воқеан ҳам, барои шеър ҷустани меъёри ягона корест носавоб.

Ман низ ба чамани шеъри Аскар Ҳаким аз равзанаи худ нигоҳ мекунам. Ба ҳар ҳол фармудаи Бедил раҳнамои ман аст:

*Сухан хуш аст ба кайфияте адо кардан,*
*Ки маънӣ об нагардад зи нанги урёнӣ.*

Агар эҷодкорӣ ҳунар ва ҳунар эҷодкорӣ бошад, бояд сухан нанги урёнӣ накашад. Ва ба сухан ба ҳар тариқ ҷома метавон пӯшонд. Аммо ҳунарманд он аст, ки ҷомаамаш рангу бори ориятӣ нагирад ва дастикам ба қомати сухан шинам афтад.

Китоби шеъри шоирро варақ мезанам…

Шеъри куҳани мо зулфу гесӯи ёрро асрҳо шона задааст. Аммо бозёфти Аскар бисёр тоза ва фавқулода аст:

*Доимо пар мезанад дар гирди зулфат сӯзанакҳо.*

Занону духтарони мо ба мӯи худ гулимӯ ва ё сӯзанак мезананд ва шоири мушоҳидакор ба устокорӣ чунин мисраи зебо сохтааст. Ман дар ҷое бозёфти ба ин монандро надидаам.

Ва ба мисраи зер таваҷҷуҳ фармоед:

*Ба рӯи шохаҳоят мурғакон зангӯлаи субҳанд.*

Аз ин мисраъ насими атрафшони субҳгоҳонӣ мевазад, моро ба ёди бомдодони беғубори пур аз навои мурғакон мебарад. Ибораи «мурғакон зангӯлаи субҳанд», ки аз бозёфти тозаи шоир аст, хонандаро ба ҷаҳони моломоли рангу бӯ ва созу наво ва нуру равшанӣ раҳнамунӣ мекунад.

Дар рубоие омада:

*Бо ёди ту беёд, ки меистодам,*
*Печида ба ман ошиқи печон гул кард.*

Бар замми он ки «бо ёди ту беёд истодан», «печидани ошиқи печон» худ дар сари худ ибораҳои зебои шоиронаанд, ҳолати мавриди тасвир низ бисёр хотирнишин ва тару тоза аст. Ин ҳамон ҳолат аст, ки гузаштагонамон шеъри дурӯғинро пурфурӯғтарини он номидаанд. Вагарна ба бару дӯши ошиқи интизоре то ҳанӯз гули ошиқи печон напечидааст. Ва аммо бубинед, ки сурудаи Аскар Ҳаким ба кадом андоза зебост!

Мо ҳама ҷузъи табиати бузург ва намиранда ҳастем. Дар шеъри «Ман баҳори ишқ, ту ишқи баҳор» ин нукта равшантар ифода ёфтааст:

*Бо баҳорон менависам шеъри худро,*
*Ӯ ба талҳо менависад, ман ба дафтар.*

Дар шеъри «Оҳанги шаб»-и Аскар омадааст:

*Мурғони шаб ба шохаи бедор хуфтаанд,*
*Ҳамчун наво ба мисраи ашъор хуфтаанд.*

Дар ин порча шохаи бедорро ба мисраъ ва хуфтани мурғаконро ба навои нуҳуфтаи шеър монанд кардан ҷолиб аст.

Алиасғари Шеърдӯст – муҳаққиқ ва тарғибгари баисрори назми тоҷик – дар пешгуфтори «Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким», ки онро соли 1373 интишороти «Алҳудо» (Теҳрон) чоп кардааст, навиштааст, ки баъзе пораҳо ва шеърҳои шоири тоҷик панду ҳикмати Саъдиро ба ёд меоранд. Шеърдӯст ҳамчун намунаи барҷастаи ин ҳамоҳангӣ шеъри «Имони саг»-и Аскар Ҳакимро ба мисол мекашад. Воқеан, майлу иштиёқи шоири тоҷик ба шеърҳои сужетдор, ки бори муфиди панду ҳикматро ба дӯш доранд, зиёд аст. Ин равандро дар «Достони Нону Имон» метавон ба мушоҳида гирифт. Ба ман аз ин достон боби «Талбаки талбидаам» хушоянд аст. Зеро ин ҷо ҳолати фоҷиабори мавриди тасвир бо камоли суханварӣ ба қалам омадааст. Ҳамин ки ибораи «Талбаки талбидаам» ба гӯш мерасад,

мусиқии пуршукӯҳи ҳузнангезе аз миёни мисраъҳо боло мешавад ва тамоми ҳастии маро фаро мегирад.

Як хосияти шеъри Аскарро наметавон зикр накард. Шоир ҳамеша мекӯшад ба воситаи шеъраш ба хонанда паёме аз бозёфтҳои илмӣ бирасонад. Ин вижагӣ дар ашъори дигар шоирони мо назаррас нест.

*Донӣ, ки ҳар он ҷой бувад модаи шер,*
*Наршери тавоно накунад ҳеҷ шикор.*

Ё:

*Оташ набувад чу дар дили миқнотис,*
*Он пораи оҳан набарояд ҳаргиз.*

Ҳамчунин дар чанд шеър нуктаи илмии аз таҳшини зери уқёнус пайдо шудани одамизод таъкид гардидааст. Мутаассифона, дар бештари чунин ҳолатҳо шоир комёб нест. Зеро таваҷҷуҳи ӯ зиёда ба баёни ахбор сарф мешавад ва равониву зебоии шеър ба мадди дуввум мегузарад. Аскар аксаран ҳосили таҷрибаҳои илмиро барои тақвияти ин ё он андеша дар чаҳорбайтӣ ва рубоиҳояш истифода кардааст.

Дар омади гап бояд гуфт, ки дар силсилаи рубоиҳои ӯ намунаҳои хубу зебо кам нестанд. Якеро мисол меорам, ки он дар пояи беҳтарин рубоиҳои адабиётамон суруда шудааст:

*Айёми ҷавонӣ ҳавасе доштаме,*
*Садҳо ҳавасе дар нафасе доштаме,*
*Дар дастраси хоҳиши дил гӯям ҳол,*
*Кош он ҳаваси барабасе доштаме!*

Бо ибрози маъзарат бояд гӯям, ки бо чанд ишора наметавон эҷодиёти гуногунпаҳлуи Аскар Ҳакимро баррасӣ кард. Ва албатта, манзури ман низ ин кор нест. Фақат мехоҳам зикр кунам, ки дар паҳлуи мо инсоне ҳаст, ки зебоиро дарк мекунад, дӯст медорад ва дигаронро ҳам ба шинохтани он ҳидоят мекунад. Ин ҳамон зебоиест, ки, ба

қавли Достоевский, оламро наҷот медиҳад. Вақте ки шоир «хонаи ман хонаи дунёст» мегӯяд, бовар кунед, ки ӯ бо ғаму шодии мо зинда аст, шеъраш ҳам бо ғаму шодии шумо нафас мекашад.

Дар суҳбате Аскар гуфта буд:

– Ман дар миёни мунаққидон беҳтарин шоир ва дар ҳалқаи шоирон беҳтарин мунаққидам.

Албатта, ин сухан бо шӯхӣ гуфта шудааст. Ҷиддияти сухан дар он аст, ки Аскар Ҳаким дар маҳфили шоирон ҳам на танҳо беҳтарин мунаққид аст.

Ба ин шеъраш гувоҳӣ медиҳад.

*Сергей Сухоян,*
*шоири рус*

# «НУРИ СУЛҲ АСТ БА ҲАР ҲАРФИ САЛОМ…»

**(Андешаҳо дар бораи достони Аскар Ҳаким «Санги ман – алмос»)**

Бо ҳар чӣ ки зодаи илҳоми саршор аст, муносибати муқаррарӣ нашояд, зеро он ғайриодист ва дар қолабҳои муқаррарӣ намеғунҷад. Ин ҷо ман достони нави Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким «Санги ман – алмос»-ро дар назар дорам. Ба мазмуни достон на обу ранги идеявӣ дода мешаваду на онро ба наср гардонида нақл кардан имкон дорад, он серпаҳлу, гуногуннаво ва рангоранг мебошад.

Шеъри асил ба тавзеҳу ташреҳ эҳтиёҷ надорад, чунонки ташреҳи гули зебо – ба қисмҳои таркибӣ, яъне баргҳо, поя ва ғайра ҷудо кардани он на танҳо ҳусни гулро, балки худи гулро ҳам аз байн мебарад, аз тавзеҳу ташреҳ ҳусни шеъри асил ҳам мекоҳад. Достони «Санги ман – алмос» маҳз ҳамин гуна асар аст, ки ҳусну зебоӣ ва арзишмандии онро танҳо дарк бояд кард. Рӯҳан, моҳиятан ва аз нигоҳи маънавӣ он як навъ ибодат аст, ки бо ҳиссиёти хеле баланд, ҳатто метавон гуфт, муаллиф ба ваҷд омада изҳор кардааст, ибодатест дар ишқ, ибодатест дар таҳозури ҳақиқат, нурест барои равшанӣ андохтан ба ҳақиқатҳои норавшан.

Достон масъалаҳои нави бисёреро ба миён мегузорад, ки барои ҳалли онҳо бояд тамоми ҳастии инсон амал бикунад. Аз нигоҳи мундариҷа ва сохт достон монологи ғиноӣ ва ҳамосиест, ки он бо манзараҳои басо зебо ва лаҳзаҳои драмавӣ, ки маҳсули хаёлоти рангин ва мушоҳидаҳои ҳаётии шоир мебошанд, нигориш ёфтааст. Аз нигоҳи паҳнову фарогирии воқеият ва дарки фалсафии ҳаёт, достони «Санги ман – алмос» тазоҳури парвози беинтиҳои фикр дар фазо ва замон аст. Достон моро водор менамояд,

ки эҳсосоти шоир, ғаму шодии ӯро, ки аз ягон ҷиҳат эҳсосоти мо, ғаму шодии мо низ мебошад, дарк намоем ва сари андешаҳои шоир амиқу равшан фикр бикунем.

Аввалин маъние, ки хонандаро ба андеша водор менамояд, изтироби шоир дар хусуси он аст, ки ӯ чун дарахт болои решаҳои азалии худ устувор истода метавониста бошад ва ё пайванди генетикии эҷдодиаш канда мешаваду боди замони дигаргунисозиҳо ӯро меафканаду бо худ мебарад… Шоир худро дарахте тасаввур мекунад, ки «решааш рафта дар оби дили деҳ…» ва аз он ғам хӯрад, ки «шохааш сабз шуда дар тани шаҳр» ва бо ҳамин андешаҳои дарднокеро ифода менамояд, ки онҳо на танҳо баёнгари ҳаёти ӯянд, балки ба ҳаёти бисёре аз одамони замонаш мутааллиқ мебошанд. Ӯ мегӯяд :

*Ки бад- ин ҳол на шаҳрӣ, на деҳотӣ бошам,*
*Кандам аз хеш, чӣ сон бо дигаре пайвандам?!*

Албатта, чунин ҳолат на барои ҳама дарднок аст, махсусан, барои онҳое, ки аз решаҳои таърихии худ канда шудаанд, нажод, аслу насаби худро намедонанд, гирифторӣ ба чунин ҳолат чандон дарднок нест. Аммо, бо вуҷуди ин, достон зарурати мустаҳкам ва бегазанд нигоҳ доштани решаҳои аҷдодӣ, пайванди наслҳоро таъкид мекунад ва дар ниҳоди хонанда эҳсоси садоқат ба арзишҳои гаронқадру муқаддаси гузаштаро қавитар мегардонад. Дар ин бобат ҳаёти муаллифи достон, ки дар ҳаққи худ «маданӣ гаштам, яъне ки шудам шаҳрзада» мегӯяд, қобили таваҷҷуҳ аст. Хонанда ба хубӣ дарк менамояд, ки торҳои муҳаббати зодгоҳ, диёри маҳбуб ногусастаниянд – хоҳ аз он дур бошию хоҳ наздик, пайваста ба худ мекашанд. Зеро меҳри Ватан на бо масофа, балки бо чӣ андоза дар дил буданаш меъёр карда мешавад. Ба ин маънӣ, касе ки меҳри Ватанро дар дил дошта бошад, чунин сатрҳои достони шоирро бепарвоёна нахоҳад хонд:

*Дӯстони бачагиям ҳама дар деҳ монданд.*
*Ман ба деҳ меоям,*
*Лек ҳамроҳи парастуҳо соле як бор,*
*То дароям ба канори токистонҳояш*
*Ташнаи меҳри канори модар,*
*Ҳамчу бо хоҳаракам ҳарф занам бо чашма,*
*Ба сафедори сарафрохта гӯям, ки :*
*Салом, эй додар !*

Он чиро, ки дӯст медоранд, азизаш мешуморанд, эҳтиёташ мекунанд. Тасвири ишқу муҳаббат хеле зебо, дилрабо ва фараҳбахш буда, ҳамчун алмоспораҳои тобон дар саросари достон ба назар мерасад. Доираи ин тасвир хеле васеъ буда, муҳаббати падару писар, марду зан, муҳаббат ба халқи худ ва умуман, ба одамон, муҳаббат ба Парвардигор ва ҳамаи мавҷудоти оламро дар бар мегирад.

*Чун бубинам, шаби маҳтоб, ки як ҷуфти ҷавон*
*Чун ду саршохаи нур аст ба ҳам печида,*
*Бикушояд зи фараҳ баҳри дилам*
*Аз замин то маҳтоб,*
*Ё фарохотар аз уқёнус.*

Тамоми пайраҳаҳое, ки ишқу муҳаббати шоир бо онҳо роҳ мепаймояд, ба қуллаи эътиқод мерасонад. Таъкиди зарурати эътиқод ва дарки он, ки ҷавҳари асосии ҳамаи динҳо мебошад, махсусан дар шароити боло гирифтани мавҷи низоъҳои динӣ, маҳдудиятҳои мазҳабӣ ва ҷудоиандозиҳо арзиши бештару беҳтар пайдо мекунад:

*Дил ибодатгаҳи ман.*
*Ҳамди ислом аст*
*он сура, ки ман мехонам,*
*Бо нафасҳои Масеҳ*
*Ва ба имони Яҳуд*
*Ва мудоро, ки расад аз Буддо*

*Ва ба ҳар кас, ки ба дил маъбади имонаш ҳаст,*
*Мебарам рӯи намоз.*

Умуман, аз нигоҳи оҳанги ифодаи фикр ва эҳсос достони «Санги ман – алмос» асарест, ки дар он ҳадафи ҳаётии муаллиф хеле фарох баён шудааст, ки дорои ҷанбаҳои маънавӣ, ахлоқӣ, шаҳрвандӣ ва ҳунарӣ мебошад. Ақоиди ӯ дар бораи хайру шарр кушоду равшан, аммо бо истифода аз воситаҳои тасвири бадеӣ, бо рамзу киноя, бе ҳеҷ гуна изҳори фазл ба забон омадаанд.

*Чашми бад дур,*
*Гар нагӯяд зи ҳасад душмани ту,*
*(Чу наёбад зи ту айб)*
*Каҷ бувад думби сагат.*
*Ва ҳар он кас, ки занад лофу гизоф,*
*Ки чун ӯ дар ду ҷаҳон нест башардӯст касе.*
*Натарошад ҳама шаб*
*Лоақал сояи ҳамсояи хеш аз девор…*

Ё худ:

*Чашми бад дур,*
*Гар ҳамоне, ки бигуфт :*
*Ин манам бораи подори диёр!*
*На фақат पораи девори диёр,*
*Балки девори ҷаҳонро як хишт*
*Ҷониби худ ва фақат ҷониби худ н-афтонад,*
*Ки на девор бимонад ба Ватан з-ӯ бар ҷо,*
*На дару дарвоза…*

Шоир хирад ва рӯҳи хешро бо оятҳои Қуръон ва Инҷил равшан карда, ҳикматҳои оид ба шинохти олами «Авасто», рисолаҳои бостонии тоҷику ҳиндро мавриди истифода қарор дода, аз тасвирҳои достонҳои мардумӣ илҳом гирифта ва такя ба далелҳои таърихӣ намуда, доираи ҳодисаву воқеаҳои

достони худро ба андозае вусъат бахшидааст, ки дар он ҷанбаҳои миллӣ бо ҷиҳатҳои умумибашарӣ пайванди ногусастанӣ пайдо кардаанд. Шоир ва донишманди афғон Ғулом Сахии Ғайрат дар маҳокимаи ин достон, ки дар шаҳри Маскав - дар Созмони Байналмилалии Иттифоқҳои нависандагон 6-уми апрели соли 2000 баргузор шуда буд, чунин гуфтааст:

«Ман аҳсан мегӯям ба шоире, ки суннати бузурги шеъри форсиро, ки дар он ҳар як сухан аз дили инсон ва барои дили инсон гуфта мешавад, идома додааст. Аз ин нуқтаи назар достони Аскар Ҳаким достони хеле олист ва суханони он қудсӣ ва дар айни замон сурурбахшанд. Дар он ба чашмони бинанда тамоми паҳлуҳои зиндагӣ аён мегардад».

Дар достон воситаҳои тасвир ва дигар санъатҳои бадеӣ, ки ба таври фаровон истифода шудаанд, барои ифодаи барҷастаи андешаҳои эҷодии шоир хеле созгор омадаанд, тавсифҳо, ташбеҳҳо, рамзу кинояҳо, муболиғаҳо, талмеҳҳо, маҷозу истиораҳо ва дигар воситаҳои тасвир ва санъатҳои бадеӣ, ки дар достон ба назар мерасад, ҳама дар мақому мавриди хеш оварда шудаанд ва бори маънӣ мекашанд. Тасвироти барҷаста ва забони пурғановати образнок яке аз афзалиятҳои ин достон мебошад, асолати сухан ва тасвирҳои барҷастаи шоир хонандаро мафтун менамояд. Инак, мисоле:

*Дӯстдори суханам,*
*Лона дорад ба кафам парри қалам.*
*Баски ҳам ишқ ба шудгори хазонӣ дорам*
*Ва дар ин дам, ки маро нест замину испор,*
*Рӯи марзи варақи тоза қалам меронам,*
*Ки баногаҳ гияҳе сабз шавад,*
*Гандум ё ҷав рӯяд*
*Ва аз он қитъаи шудгори қалам*
*ҳадди ақал*
*Мӯр бар хонаи худ дона кашад…*

ин бозёфт дар достон ҷилои ягонаи истеъдод нест. Дар порчаи боло сатрҳои минбаъдаи ҳамон банди достонро ба хотир оварда, метавон гуфт, ки то кунун ба касе ҳам муяссар нашудааст, ки бо қалам кори испорро карда ва дар мазрааи шеъру шоирӣ барои мӯр ҳам дона рӯёнида бошад!

Достон ба тавассути системаи инъикоси бадеиву фалсафии воқеият моро водор менамояд, ки алоқамандӣ ва бо ҳам вобаста будани тамоми мавҷудоти оламро дарк бикунем ва дар ин маврид аз ҳеҷ чиз қатъи назар нанамоем, ҳатто аз мавҷудоти ба қавле «пасту ночиз» ҳам. Муносибати муаллиф бо ҳама гуна шаклҳои ҳастӣ, хоҳ он ҳашараи хурдтарин ва базӯр ба дида намудор ва дар нисбати одам ночизу хеҷ бошад ҳам, ҳамеша эҳтиромона ва самимона аст, зеро, ба ақидаи ӯ, ҳар як мавҷудот дар зоти худ арзише дорад, ки на ҳама инро медонанд:

*Бикунад дониши мӯраш ҳамаро дар ҳайрат,*
*Ки агар донаи арзан бибарад,*
*карда ду тақсим варо*
*Ва агар донаи гандум бибарад,*
*карда чаҳораш пора,*
*Бигузорад, ки нарӯяд ба баҳор.*
*То намирад ба баҳорон гушна,*
*То баҳораш нашавад айни хазон…*

Муаллифи достон хонандаро ба ниҳонхонаи асрори табиати фусункор ворид сохта, дар ниҳоди ӯ ҳиссиёти хайрхоҳӣ ва нисбат ба тамоми мавҷудоти атроф, махсусан, нисбат ба одамон хайрхоҳ буданро бедор менамояд, зеро ҳам табиат ва ҳам одамон эҳтиёҷ ба як чиз – ба хайрхоҳӣ доранд. Ба ин маънӣ, метавон гуфт, ки достон ғояи бузурги инсондӯстиро тарибу ташвиқ менамояд:

*Осмон дорад агар панҷаи оби раҳмат,*
*На фақат бар сари сарву гулу райҳону тамишк,*
*Ба сари газна, шутурхору ғумой,*
*Ба сари хори хасак ҳам борад.*

*Хор худро ба чаман хор кунад,*
*То гуле ханда ба гулзор кунад.*

Чунин тарзи баён дар назм, метавон гуфт, ки комилан нав аст. Шоир ашёеро ба ҳам мепайвандад, ки пайванд нашуданиянд. Чунончи, гулро бо шутурхор, сарвро бо газна…

Аслан дар як саф, паҳлуи ҳамдигар гузошта шудани ин гиёҳҳо ҳусн не, балки кубҳ аст вале агар чунин коре раво дониста шавад, маҳз барои ифодаи тазоди маъниҳо хоҳад буд. Аммо дар достони «Санги ман – алмос» ин маъниҳои ба ҳам зид якҷоя оварда шуда, маҳз ба туфайли муносибати эҳтиромона ва меҳрубононаи муаллиф, онҳо ҳусн гирифтаанд, арзишашон дар пеши назари хонанда баланд шудааст.

Оё сазовор нест, ки чунин муносибат ба ҳар як узви ҷамъияти инсонӣ ҳам раво дониста шавад?! Дар бораи он ки ин достон экологияи рӯҳ ё сириштро хуб ба тасвир гирифтааст, дар муҳокимаи мазкури дар Маскав барпошуда, шоир ва тарҷумони машҳури арман Ашот Сагратян чунин изҳор доштааст, ки комилан дуруст аст:

«Агар дар оянда дар мактабҳо фанне бо номи «экологияи рӯҳ» ё худ «экологияи сиришт» ҷорӣ намоянд, шубҳае нест, ки дар мактабҳои Тоҷикистон ҳангоми таълимоти ин фан аз китобҳои Аскар Ҳаким истифода менамоянд. Пантеизми ҷаҳонбинии ӯ барҷаставу ҳунармандона ва аниқу равшан ифода ёфтааст. Мо инро дар шеъри ӯ аз тасвири шабнами барги гул сар карда, то тасвири барфкӯҳҳои бузургу мӯҳташам, ки ҳифозатгари оби ҳаёт буда, оби чашми ошиқон ҳам аз онҳо ибтидо мегирад, равшан дида метавонем».

Мегӯянд ҳамаи онҳое, ки дар бурҷи тарозу ба дунё омадаанд, ба баробарӣ ва инсофу адолат майли зиёд доранд, ки ин дар дунёи пур аз шӯру шарр тамоюли басо нодир мебошад. Аз майли шоир ба баробарӣ ва инсофу

адолатписандӣ чунин сатрҳои ҳикматангези ӯ ба хубӣ гувоҳӣ медиҳанд:

*Шӯри ҷанг аст ба ҳар бонги ситез,*
*Нури сулҳ аст ба ҳар ҳарфи салом.*

Бешак, ин сатрҳо баёнгари мақсади асосии муаллиф, ҳадафи хиради шаҳрвандии шоири инсондӯст мебошанд. Гумон мекунам, сазовор аст, ки дар маркази пойтахти ҷумҳурӣ ёдгории махсусе бо номи «Муҷассамаи оштӣ» бунёд гардаду дар он ин гуна мисраъҳои шоир ҳаккокӣ карда шаванд, зеро ин ифодаи он ҳақиқати талхест, ки миллати тоҷик паси сар карда, дар роҳи расидан ба сулҳу оштӣ матонату мардонагӣ нишон дода, умеди душманони хориҷиву дохилии худро, ки мехостанд, ин миллатро ба ҳалокат бирасонанд, барбод додааст.

Ба вуҷуд омадани достони «Санги ман – алмос» воқеаи муҳимми ҳаёти адабӣ, савияи сифатан навест, ки назми тоҷик ба он боло шудаасту маншаи асосии он талаботи воқеан классикӣ бар хилофи назми сустбунёди дурӯғин, каммазмуну берӯҳ ва сифатан паст мебошад.

Дар хусуси тарҷумаи достон ба забони русӣ, ки аз ҷониби устоди сухан Станислав Золотсев ба ҷо оварда шудааст, метавон гуфт, ки шоири тарҷумон дар иҷрои чунин кори воқеан мушкилу мураккаб масъулияти бузургеро дарк намуда, кори ӯ ҷавобгӯи он талаботест, ки замон дар назди ҳар як суханвар гузошта аст. Кори якҷояи муаллиф ва мутарҷими достон намунаи шоистаи ҳамкории эҷодкорон дар роҳи такмили ҷараёни ҳаёти адабӣ мебошад.

Станислав Золотсев, ки солҳо боз ба тарҷумаи шеъри тоҷик машғул аст ва вазъи онро хеле хуб медонад, дар бораи ин достон чунин гуфтааст:

«Ман дарк мекардам, ки дар тӯли қарни 20-ум, махсусан дар панҷоҳ соли баъди Ҷанги дувуми ҷаҳон, назми Тоҷикистон, шоирони Тоҷикистон пайваста ҷустуҷӯ менамудаанд, дар ин роҳ ҳатто дар солҳои осоишта ҳам

душвориҳои бисёреро паси сар карда, гоҳо бо нокомиҳо рӯ ба рӯ меомадаанд.

Достони нави Аскар Ҳаким, ки ман соли гузашта ҳам матни тоҷикӣ ва ҳам матни тарҷумаи таҳуллафзи онро хондаам, далели ин гуфтаҳо, натиҷаи ҷустуҷӯҳо, зуҳури падидаи нав мебошад. Дар ҳар ҳол, ман гуфта метавонам, ки амсоли ин достонро то кунун бо забони тоҷикӣ нахондаам. Ман ин асарро ҳамчун як падидаи мутлақо наве пазируфтам».

Ба дилҳои хонандагон роҳи сафед бозат бод, достони нав! Санге, ки дар тоҷи ту, унвони ту тобон аст, сеҳрангез мебошад. Он, воқеан алмос аст, рамузи истеъдоди нотакрори муаллифи туст. Аз ин рӯ, ҳақ бар ҷониби офаридагори туст, ки гуфтааст:

*«Шуълаи теғаи алмоси ман аз нури дил аст».*

***Дуктур Алиасгари Шеърдӯст,***
***мудири омили Интишороти «Ал-ҳудо»***

# МУҚАДДИМАИ НОШИР

*Ман зи таърихи башар дарёфтам ин нуктаро:*
*Гар забони халқ мирад, зинда мирад хосу ом.*
*Бо забонаш сар шавад таърихи авлоди башар,*
*Бо заволи вожааш таърихи ӯ гардад тамом.*

*З-ин сабаб гар душманеро мақсади мардумкушист,*
*Мекушад ӯ ҷумла фарзанди забондони варо.*
*Халқ бе фарзанди гӯё тӯдаи гунгу кар аст,*
*Медиҳад фарди забондонаш забон ҷони варо.*

Он чӣ дар оғози озинбахши ин ёддошт дарҷ гардид, сухани шоири ин маҷмӯа аст, ки дар ҷустуҷӯи «будан»-и хеш ба забону фарҳанги хеш руҷъат мекунад, бар пешонии гушодаи таърихи инсонии он ҷои хешро боз меёбад, ки забону фарҳангу маданияти хешро боз меёбад. Зеру бами ҳаёти хешро дар фарозу фуруди ҳаракатҳои фарҳангие медонад, ки таърихро рақам мезанад.

Он ҷо ки фарҳанги ӯ ҳузур надорад, садои вай фарёдест, ки дар қаъре беинтиҳо сар медиҳад ва регҳо, саҳро фарёди ӯро мебалъад, гӯё ӯ вуҷуд надорад ва ҳар он куҷо ки фарҳанги вай арзи вуҷуд менамояд, ӯ шиносномаи «ҳастӣ» ва «будан» мегирад. Гусастагӣ ва тафриқае, ки пас аз ҷангҳои Эрон ва Рус дар даврони Қоҷор байни фарзандони забони порсӣ эҷод шуд ва баъдан тасаллути ҳафтодсолаи илҳодии шӯравӣ деворе аз оҳан байни ду бародари хешованд кашид ва дарди фурқатро дучандон кард, таҳмили фарҳанги бегона бар миллате, ки бо дастурамали фарҳангии ҷадид санхияте надошт, натоиҷи дардолуде дар пай дошт, ки ранҷи нолаҳои шоирони тоҷик намудгоре бахше аз он аст ва аъмоли ин дастурамал осоре даҳшатнок бар фарҳанги ин ақвом ба ҷой ниҳод.

Аскар Ҳаким низ фарзанди чунин шароити иҷтимоии бухронии таърихӣ аст, ки имрӯз дар каламоту ҷумалот бо тамоми фарҳанги порсӣ ҳамсадо мешавад ва суруди ҳаёти худ ва қавми худро иншод мекунад. Вай хотироти таърихии бисёр аз сар гузаронидааст, юриши муғулонро шоҳид буда, кушторҳои даҳшатноки манғиту наводагони ӯро назорагар буда:

*Канда ҳар як зарбааш як лахти гӯшт,*
*Кӯфт дарҳам пораҳои сахти гӯшт.*
*Чӯб шуд аз хун чу шохи арғувон,*
*Аз лаби Айнӣ наомад як фиғон.*
*Баски дар пушташ намонд аз гӯшт ҳеч,*
*Устухон аз зарбаҳо мехӯрд печ...*

Барои вай ситамҳое, ки дар тайи солиёни дароз бар вай ва падарони вай ворид шуда, на озоре ҷисмӣ, ки дасисае барои маҳви ҳуввияти таърихи ӯст. Онон сари ин доранд, ки «мавҷро аз хонаи дарё ҷудо созанд». Аммо ӯ азми дигар дорад:

*То шавам як мулк, як миллат,*
*Кӯҳҳоро аз камар бо тасмаи водӣ ба ҳам бастам,*
*То миёни кӯҳу кӯҳистон мабодо бишканад,*
*То мабодо корвони кӯҳсорон барканад,*
*То ки чашми чашмаҳояш соф бошад,*
*Соф чун инсоф бошад.*

Бар хилофи баъзе аз шоирон ва ҳунармандони тоҷик, ки бозгашт ба гузашта дар назди онон гоҳ ранги нажодпарастӣ мегирад, дар шеъри Аскар Ҳаким – агар ин гулчин намунаи кулли шеъри ӯ бошад – ин нажодпарстӣ, ки маҳсули солҳои пур аз илтиҳоби пас аз бухронҳо ва инқилоб аст, ҷой надорад.

Ҷаҳони ормонӣ дар назди Аскар Ҳаким ҷаҳоне поку муназзаҳу равшан аст. Ӯ аз уқоби шеъри хеш илтиҷо мекунад, то ӯро бад-ин диёр парвоз диҳад:

*Маро бибар ба ҷаҳони муназзаҳу равшан,*
*Ки покро сари парвоз ҷониби покист.*
*Зи арши нур бигирад фурӯғ синаи ман,*
*Агарчи покдилеро замин ҳам афлокест.*

*Маро бибар ба сипеҳри баланду нуронур,*
*Ки рафтанам ба ту бо худ расидан аст имрӯз.*
*Аз ин насибаи мушкил намешавам маъзур,*
*Ки мекунӣ ту маро бар муҳоли ман пирӯз.*

Маркази сиқли шеъри Аскар Ҳаким инсон аст ба ҳамаи ҷавонибу вежагиҳояш. Аз ҳамин рӯ дар шеъри ӯ ашъори ошиқонаву сиёсиву милливу меҳаниву иҷтимоӣ ва васфу мадҳу... даромехтаанд ва занҷираи иртиботи ин ҳама инсон аст. Инсоне, ки ҷавҳараи инсонии хешро дар кори халлоқият ва ишқ ба зиндагӣ боз меҷӯяд.

*Ростии қомати деворҳо*
*Рост дорад қомати меъморро.*
*Зиндагии тоза мебахшад шабе*
*Мисраи тар шоири бедорро.*

*То шавад ҳар одамизод одаме,*
*Бояд аз худ сохт одам ҳар даме.*
*Хешро аз нав бубояд офарид*
*Ё зи шодӣ, ё ки аз дарду ғаме!*

Ва гоҳ саъдивор каломи хешро дар хидмати танбеҳу огоҳи инсон мегирад ва вайро аз лағзишҳову бемеҳриҳову номардиҳову номуродиҳо огоҳӣ медиҳад ва ҳақ ин аст, ки ин бахш аз ашъори Аскар Ҳаким дар зумраи беҳтарин сурудаҳои вай ба шумор мераванд. Намунаи ин гуна ашъор

манзумаи «Имони саг» аст, ки бо ниҳояти зебоӣ ва устодӣ суруда шуда, агар ҳунари шоирро ба эътибори наќдушшеъри қадим мизон таъсири мухотаб аз идроки манзумаи вай бидонем, ба ҳақ ин манзума яке аз беҳтарин ашъори ин дафтар ба шумор меравад. Гоҳ хешро бо аносиру ашёву падидаҳои табиӣ ҳамзабон мешавад ва бо онҳо дармеомезад ва ин гиреҳхӯрдагӣ чунон бо устодӣ ва маҳорат сурат мегирад, ки хонанда амиқан аз он мутаассир мешавад. Шеъри «Дарё, маро бигир» дар зумраи ин гуна офаринишҳои шоир ба шумор меравад...

***Соли 1373 / 1994.***

***Дуктур Алиасғари Шеърдӯст,***
***Сафири кабири Ҷумҳурии Исломии Эрон***
***дар Тоҷикистон***

## НАЗАРЕЮ ГУЗАРЕ БАР «ЗАМИНИ САБЗИ БОВАРҲО»

Ҳудуди чаҳордаҳ-понздаҳ сол пеш «Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким» – шоири номдори тоҷикро дар силсилаи Интишороти байналмилалии «Алҳудо» (соли 1373 ҳ.ш.) ба хатти ниёгон мунташир намудам ва муқаддимае, ҳарчанд кӯтоҳ ва дархури маҷол, бар он нигоштам. Акнун ҷои хушвақтии дубора аст, ки пас аз гузашти ин солиёни сол дафтари дигаре аз ашъори навин ва рӯи чопнадидаи ин шоири дилбарбоддодаро бо унвони «Замини сабзи боварҳо» ва ба хатти тоҷикӣ ҷиҳати баҳрабардории умум тақдими ҳузури мардуми аҳли завқу дил ва ҳунаршиносу ишқпарвари Тоҷикистон менамоям.

Маҷмӯаи ҳозир ба ҷуз ашъори «Имони саг» ва «Камарбанди кӯҳистон» ва «Баргпайванд» фарогирандаи сурудаҳои тозаест аз ӯ дар қолаби ғазалиёт, маснавиёт, қитаот, чаҳорпораҳо, дубайтиҳо ва бештар рубоиёт, ки гоҳ бо авзони арӯзи суннативу боқофия ва гоҳ дар вазни шеъри

нимоию озод ва бо ҷобаҷоии қофияҳо ва қофияҳои мутобиқи мазмун. Нигоранда дар ин гуфтор ба бархе аз вежагиҳои ашъори ин маҷмӯа мепардозад.

**Мазмуну муҳтаво.** Мазомину мавзӯоти ашъори шоир умдатан иҷтимоиву ошиқона аст ва дар канори онҳо низ ашъоре дар мавриди ситоишу ҳурмат ва бузургии ватану миллат ва шукӯҳи мардуми тоҷику Тоҷикистон, ситоишу аҳаммияти Наврӯз ва васфи баҳор, арҷи русуму оинҳои бостонӣ, рисолати шоир дар ҷомеа, озодагӣ ва ворастагӣ, хушбахтӣ ва сарфарозӣ, масун будани инсон ва ҳатто ҳайвон аз газанди ҳаводис, безорию нафрат аз ҷанг, душманӣ, хашму кин, дурӯғу дурангӣ, масоили инсондӯстӣ ва даст дар домони дилу ишқ задан, дардҳову ранҷҳои иҷтимоию башарӣ ва ситоиши зан ва ғайра. Ҳамчунин дар ин маҷмӯаи ашъор масъалаи ностолжӣ, ки дар шеъри аксари шоирони муосир дида мешавад, ҷойгоҳе надорад.

Шоир дар баъзе аз ин сурудаҳо бо ироаи тасвирҳои табиӣ аз аносири табиат ба таъбирҳову тафсирҳо ва натиҷагириҳои иҷтимоӣ, ишқӣ, ахлоқӣ ва бардоштҳои зеҳнии вежаи худ мепардозад.

Маҷмӯаи ҳозир бо ин дубайтӣ (дар баҳри хафиф) оғоз мегардад:

*Эй башар, ман раҳини фардоят,*
*К-ин чӣ бахтеву ин чӣ иқболест,*
*Гарчи хокӣ туӣ вале ҷоят*
*Дар миёни ситорагон холист.*

Нигоҳи шоир дар ин шеър ҳокӣ аз волоӣ ва маънавиятест, ки дар зоту хамираи башар сиришта шуда. Маънавияте, ки ба сувари гуногун дар аксари ашъори шоир ҷилва менамояд. Самбулу авҷи камоли ҳар амреву чизеву касе, ситораву Каҳкашону осмон ва аршу фалак ва самову чарх аст:

*Равон гардад чу реги рези соҳил,*
*Канори ҳамдигар лағжем пойин,*

*Ки то дар Каҳкашон гирем манзил,*
*Ки шоми ишқро ин аст ойин.*

(«Оини ишқ»)

*Манам, шояд, бароят дастхӯрда,*
*Туӣ лек осмони дастнорас.*

(«Ман аз дидор бо ту меҳаросам»)

*Ман баландат зи арш биншонам,*
*Каҳкашонро ба пойи ту резам...*
*Бишнавӣ, набзи дашту ҳомунро,*
*Ки фалаксайру ишқоҳанг аст.*

(«Авҷи ишқ»)

*Мавҷ мерафт ҷаҳон то камари чархи кабуд,*
*Ҳар чӣ буд рӯйи замин, ҳар чӣ савори дарё.*

(«Хотире, хотирае...»)

*Дар само бо ту одами хокӣ*
*Мешавад чун фаришта ҳампарвоз.*

(«Омадӣ...»)

Шеъри «Замини сабзи боварҳо», ки унвони китоб аз он гирифта шуда ва дувумин шеъри маҷмӯа аст, дар ситоиши сарзамини шоир – Тоҷикистон аст, ки на танҳо шоирону бузургони он, балки худи ин сарзамин низ ба воситаи вуҷуди уламову удабо ва бузургони гузаштаву муосир осмонист ва ин диёри кӯчак бо маънавияте, ки дорад, аз чаҳор дарё ҳам фарохотар аст:

*Ҳарф мехоҳам занам аз сарзамини хеш,*
*Ҳар чӣ мегӯям, вале з-ин хок ҳарфи осмон ояд.*
*Баски ин марзи гиронмоя, ки мояш пой мемонем,*
*Дигаронро Каҳкашон ояд...*
*Шоиронаш ҳам бад-ин ваҷҳ осмониянд,*
*Гарчи рӯйи ин ҷаҳон худрӯй месабзанд,*
*Онҷаҳониянд.*

Дар нимаҳои шеър зовияи ривояти шоир бо таваҷҷуҳ ба санъати маънавии илтифот аз мутакаллим ба мухотаб тағйир мекунад ва сарзамини шоир шахсиятбахшӣ мешавад ва ба унвони мавҷуде зинда мухотаб қарор мегирад:

*Эй замини сабзи боварҳо,*
*Решаҳоят сабз бас дар оби имон асту кавсарҳо...*
*Ҳамди исломат, ки ту ҷуз исломи некӣ нест,*
*Рӯдакию Мавлавиятро назири одамият кист...*
*Эй диёри кӯчаки аз чор дарё ҳам фарохотар,*
*Ҳар ваҷаб хоки азизатро баландиҳои ин мардон*
*Кард гардуни баландахтар.*

«Ин кадомин боғ меояд» шеърест самимӣ ва ошиқона, ки маҳбуби шоир аз нигоҳи зебоӣ ба боғи пургулу атре ташбеҳ шуда, ки шоир орзуи висолу вуруд ба ин боғро дорад:

*Ин кадомин боғ меояд,*
*Ин кадомин боғ атри хешро дар чанбари гесӯ-ш меорад,*
*Ин кадомин боғ бишкуфта ба пар-парҳои домонаш...*
*Ин кадомин боғ меояд?*
*К-аз зулоли чашмаҳояш ҳар қадам ойинабандон аст,*
*Сабза дар оғӯши обу обҳо бо сабза дар оғӯш*
*Ҳамдигарро қиссаҳои ишқ мехонанд зери гӯш...*
*Ин кадомин боғ меояд?*
*Дар бувад ин боғро шояд?!*

Шеъри «Ниёиш бар сари турбати Лоиқ» ёдмонест аз шоири фақид Лоиқ Шералӣ бо ин шурӯъ:

*... Ассалом, устод Лоиқ,*
*шоири ишқу маю ном,*
*Ассалом!*
*Ҷовидон рафтӣ чу рӯҳе дар калом.*

Шоир дар ин шеър мубтакирона шахсиятҳо ва истилоҳоту унвонҳоеро, ки Лоиқ дар ашъори худ оварда, ба кор бурда ва бо шеъри худ пайванд задааст.

«Оинаи нур» ғазалест даҳбайтӣ дар баҳри ҳазаҷ. Ба назар мерасад, ки унвони «Оинаи нур» истиора аз Шамси Табрезӣ ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ бошад ва абёти ибтидоӣ (6 байти аввал) васфи шукӯҳи Шамси Табрезӣ ва рафтани бехабаронаи ӯ аз Қуния ва тарки Мавлоно ва абёти поёнӣ тавсифи бузургии Мавлои Румист. Овардани калимаи «хомӯш» дар мисраи дувуми байти дувуми ғазал талмеҳест ба тахаллуси Мавлоно, ки гӯё Хомӯш будааст:

*Ин оинаи нур кӣ будаст, кӣ будаст,*
*К-аз оби рухаш чашмаи хуршед намудаст.*
*Оҳ, ин чӣ гузаштан зи бари мо ба хамӯшӣ,*
*Хомӯш, ки хомӯшии ӯ авҷи суруд аст...*
*Ин банда, Худоё, чӣ Худоест, ки банда-ш*
*Будоиву тарсову мусалмону яҳуд аст...*

Байти ахир низ талмеҳест ба воқеаи гирд омадану намоз гузордани габру тарсо ва ҷуҳуду мусалмон дар маросими вафоти Мавлоно.

«Ту худро кам мабин!» унвони шеърест дар бораи озодагии зан ва духтари тоҷик ва хитоб ба онҳо. Зане, ки аз насли Гурдофарид аст, набояд ба монанди каниз ва ҳамсари дувуму севуми марде бошад, зеро ӯ мавҷудест, ки аз домонаш бузургоне амсоли пайғамбарон ва Зардушт ба вуҷуд омадаанд ва боиста нест мағмуму маҳзун бигардад ва шоиста аст, ки ҳамонанди шер шуҷоъ ва сарафроз бошад:

*Чӣ маҳзунӣ ту, духтарҷон,*
*чӣ ашкат дар сари мижгон...*
*Ту аз насли ҳамон Гурдофаридӣ, гурдаҷодӣ,*
*Ки гурдият ҳама ноз асту нозат бартар аз гурдист...*
*Ту шере бош,*
*то ҷуфти ту бошад шеру наслат шер,*
*Ки натвонад ғуломасле канизат ҳамчу худ созад...*

Шоир дар шеъри «Ниёиш» бо оғозе ҳунармандона дуо мекунад ва орзу дорад, ки Худованди ҳайвонҳо, гулҳо, парандаҳо ёрашро ва тоҷикеро, ки ҷиҳати ризқу рӯзӣ ба Русия меравад, дар паноҳи худ маҳфуз ва масун бидорад:

*Саҳар пушти дарам бодом гул кард,*
*Ки булбулро кунад аз хоб бедор.*
*Ҳамин як шохи гулро аз дами сард,*
*Худоё, дар паноҳи худ нигаҳ дор!*

*...Намонад, то зану фарзанд беқут,*
*Кирокоре равад Русия ночор.*
*Аз он, то барнаёрандаш ба тобут,*
*Худоё, дар паноҳи худ нигаҳ дор!*

*...На ҳаргиз хешро якто шуморам,*
*Маро аммо яку якост он ёр.*
*Варо, то ҷон ба дасти ӯ супорам,*
*Худоё, дар паноҳи худ нигаҳ дор!*

Шеъри «Эй, ки гул-гул мешукуфӣ...» аз ҷумлаи ашъори иҷтимоӣ ва шоиронаест, ки шоир хотираи талхи набардҳои бародаркушӣ дар Тоҷикистонро ба ёд меоварад ва бо сипарӣ шудани он даврони ваҳшатзо ташнаи фаро расидани гулхандаҳои инсону табиат аст, ташнаи он ки дубора даст дар домани ишқу дил зананд:

*Эй, ки гул-гул мешукуфӣ чун дарахти себ,*
*Хандаҳоятро мабод осеб!*
*Баски дар он рӯзҳои сард,*
*Сӯхтан аз сардию аз дард,*
*Ташнаи гулхандаҳои гарми инсону дарахтам кард...*
*Қарни нав аз роҳ меояд,*
*ба уммеди навойи тозаву оҳанг...*

«Ҳадяи Наврӯз» чаҳорпораест ошиқона, бо тафаккуре хайёмона дар бархе абёт ва бо баъзе аз мисраъҳои зебо:

*Биё, то муғчаҳо бо ту сухан гӯянду бикшоянд,*
*Бигирад шох домонат ба сабзу сурх ангушташ*
*Ва бар чашми гулаш молидаву бӯсад ҳазорон бор...*
*Ва ё шояд, на шояд, бал яқин сад пушт қабл аз ин*
*Ба ҳам омехт хоки мо, вале ҳар сӯй бурдаш бод...*

«Маро бар ишқ бовар деҳ» ошиқонаест дар баҳри хазаҷ, вале озод аз аркон ва қавофии суннатӣ ва бо шурӯе муваффақ ва табиатгароёна:

*Ба ман деҳ гӯш, як дам гӯш, эй зеботарин зебо,*
*Ки оҳанги ба ҳам печидани гулҳои печакро,*
*Суруди шохаҳоро бо насими шӯхи саҳрогард,*
*Навойи нохуни себаргаҳоро дар ҳарири пардаҳои ҷӯй*
*Ба нимовоз дар гӯшат зи нав такрор хоҳам кард.*

«Интизор»-и шоир интизорест абас аз бозгашти ёру ҷононаш. Поёни он бо тасвирҳои ташбеҳӣ ва истиориву табиӣ ҳунармандона нақш бастааст:

*... Дар сари сабзи алафзорон намелағзид дасти бод,*
*Абрҳо аз гӯшаҳои осмон буданд овезон.*
*Мурғи танҳое ба рӯйи шохае якпоя меистод...*

Шеъри «Аввалу охири дунё – Наврӯз» дар қолиби шеъри нав ва бо вазни рамал дар васфи Наврӯзу баҳор ва аҳаммияти Наврӯзи бостонӣ суруда шуда. Шеъре самимӣ ва ҷо-ҷо бо тасвирҳои дилнишин:

*Дар дилам шохаи Наврӯз шукуфт...*
*Рафтам аз хона бадар*
*Чун насиме, ки равад аз бари дарё берун,*
*То кунад ҷумла ҷаҳонро як субҳ*
*Аз гулу сабза хабар.*

Шеъри нимоии «Чӣ эҳсоне?!» дар вазни ҳазаҷ ривояти дарди гуруснагиву бараҳнагӣ ва талошу танҳоии инсонест, ки аз ҷаҳон чизе ҷуз марге осон намехоҳад. Ва шоир низ ин дардҳоро дар тақобул бо зиндагӣ ва шеъри хеш пайванди шоирона додааст:

*Чӣ сон печонамат дар парниён имрӯз,*
*Чӣ сон гӯям сухан аз гардани оҷу дуру марҷон,*
*Ки чашми кӯдакони гушна сӯйи нон занад су-су,*
*Ки ҷисми кӯдакони лухт ларзад дар таҳи борон...*

*...Ва оташдони сармохез,*
*Ки кайҳо нест аз ангиштсангаш ёд,*
*Маро месӯзад аз бунёд.*

«Бомдоди нур» ояндае равшану «бомдоде тоза» ва «субҳи ҳумоюнфар»-ест, ки шоир навиди фаро расидан ва асароту натоиҷи онро дар оғоз ва бо умеде фаровон, дар чашмандозе аз бедориву нишоти баҳори табиат бо ташхису ташбеҳ мужда медиҳад ва ҷилвагар месозад:

*Бомдоди тоза меояд,*
*Мурғакон дар пардаҳои шохсорон мезананд оҳанг,*
*Баргҳо якрез мерақсанд.*

Дар чанд байти шоиронаи зер тасвири рӯзи ҳам боронӣ ва ҳам офтобиро бо сувари хаёли мутааддид ва муассир, ки дар ҷояш тавзеҳ хоҳам дод, мушоҳида мекунем:

*Рӯзҳо пурбор*
*Чун сипеҳри навбаҳор обистани борон,*
*Як тараф бар қомати гардун қабои нур,*
*Як тараф пироҳани борон.*
*Абрҳо ҳамчун сарандози арӯсӣ рахт нашкаста,*
*Осмон чун шаҳ камар бо фӯтаи рангинкамон баста,*
*Рӯз рӯзи васлу дидор аст,*
*То замину осмон ёр аст.*

Шоир дар чаҳорпораи тамсилии «Дарахти арчаи кӯҳам...» инсони ормониро ба дарахти беховар ва побарҷои коҷе ташбеҳ карда, ки ҷои рӯиши ӯ на дар саҳни дарбор, балки баландии кӯҳ аст ва аз ҳаводиси табиии муҳлик намеҳаросад ва шохаҳояш дар баробари ҳар насиме сар хам намекунад ва такягоҳу дастгири касонест, ки роҳ ба қуллаҳои рафеъ (намоди ифтихору сарафрозӣ) меҷӯянд ва решаҳои ин дарахти намодин барои устувории замини сабзи диёраш бо жарфию сахтӣ ба хок панҷа афкандааст:

*Дарахти арчаи кӯҳам, на сарв дар лаби ҷӯй,*
*Маро ба қомати маъшуқагон шабоҳат нест...*

*Маҳалли рӯйиши ман нест саҳни дарборе,*
*Ки оварам ба насиме ба сӯйи он таъзим...*

*Ба решаҳои амиқам ба хок панҷа занам,*
*Ки устувор бидорам замини сабзи диёр.*

«Оинаву қайроқу шона» манзумаест тамсилӣ ва намодин аз мардуме, ки дар «даҳри кажоинон» расму оини ҷавонмардиву родиро фаромӯш кардаву дар хоби ғафлату нодонӣ фурӯ рафтаанд ва мебояд онҳоро аз ин хоби бехабарӣ бедор кард, то битавонанд фарзандонашонро ҷиҳати ояндае рӯшан роҳнамо ва роҳкушо бошанд.

Тарҳу фазои куллии ин достони тамсилгуна чунин аст, ки чобуксавори ҷавону диловар (зоҳиран инсони ормонӣ) тухми дарахти нуру биноӣ (намоди басират ва бедорӣ)-ро аз зери болини деви хоб (намоди бехабарӣ ва ғафлат) барои дармони чашмони нобинои падараш (ҳушёр, бузурги хонавода) мерабояд. Деви хоб ҷиҳати асир кардани ӯ се бор каманд меафканад ва шаҳсавор дар ҳар мартаба оинаву қайроқу шонае ба тарафи дев партоб мекунад, то оина дарёи пуртӯфон ва қайроқ кӯҳи сарбафалаккашида ва шона ҷангали махуф гардад ва садди роҳи дев. Вале дев ҳар бор фотеҳона аз дарёву кӯҳу ҷангал мегузарад:

*Меравад чобуксаворе тундтар аз бод,*
*Мепарад мавҷи шарор аз наъли сумҳои саманди ӯ...*
*Мебарад дар ҷайби худ тухми дарахти нуру бинойӣ,*
*К-аз таҳи болини деви хоби бадҳайбат рабудаст он,*
*То падарро чашми нобино кунад дармон.*

Ривояти охири манзума нишон медиҳад, ки умеди шоир дар бедории мардум, ки деви зиштию хоб тухми дарахти нуру биноиро аз онон дуздидааст, куллан бар бод нарафтааст:

*Худ вале он дев*
*деви ҷангали анбӯҳи зулмонист,*
*Ки тавонад з-он биёяд дарзамон берун.*
*Лек ҳайфо, з-ин агар чобуксавори род огаҳ нест...*

Дар мавриди нуқоти қувват ва заъфи ин манзума бояд гуфт, ки агар баъзе такрорҳо ва тавзеҳоти ҳашвгуна ва рамзкушоиҳои ғайрилозим вуҷуд надошт, манзума аз инсиҷом ва истеҳкоми бештаре бархӯрдор буд, мавориде монанди:

*К-эй ҷавони род, дар даҳри кажоинон*
*Нест, к-асло арсаи шаъну ҷавонмардӣ,*
*Арса танҳо арсаи номардию фанд аст,*
*Мисли ту озодагонро пой дар банд аст.*

Ҳамчунин дар яке аз камандандозиҳои дев кулоҳ аз сари шаҳсавор рабуда ва зулфи сияҳи шаҳсавор ҳувайдо ва ошуфта мегардад ва маълум мешавад, ки шаҳсавор духтар аст. Ба назари ман, ин саҳна, ки нигоҳе ба разми Гурдофарид бо Суҳроб дорад, мантиқи достонро камранг сохта ва ҳамчунин ин абёт, ки баъд аз он зоид менамояд:

*Эй Худойи пок,*
*дар рӯйи раҳи фардо суботам деҳ,*
*Духтари покам,*
*зи дасти деви нопокат*
*наҷотам деҳ!*

Теъдоди мутанобеҳе аз ашъори Аскар Ҳаким пайванди сахте бо табиати зинда дорад ва шоир розу рамзҳо, дарду шодиҳо, тафаккуру бардоштҳо, масоили ишқию иҷтимоӣ ва ғайраро дар чашмандозҳо ва манозири табиӣ менамоёнад ва меҳвари аслии ин умур бар табиат ва аносири он мегардад.

Мазмуни теъдоде аз ашъор ва қитаоти ин маҷмӯа тарҳи нуктаҳо ва зарофатҳои шоирона ва пурсишҳои ҳакимона ва мавзӯоти танзолуду ҳаҷвомез ва панду андарзгуна ва баъзан таҷоҳулулорифҳо ва ҳуснитаълилҳои шоир аст:

*Ҳаргиз оё шунидаӣ, фарёд*
*Назди хомӯшие биёяд паст.*
*Гаҳ хамӯшии шоир аз фарёд*
*Гӯш деҳ, сад карат баландтар аст.*
*(«Фарёду хомӯшӣ»).*

* * *

*Аҷабам ояд беш,*
*З-он кӣ аз ҳар ду ҷаҳон норозист,*
*Лек розист зи хеш.*

* * *

*Ҳеҷ бинӣ,*
*Офтоби ту агар пушти сар аст,*
*Доимо соя зи ту пештар аст.*
*Сояат то ки нагирад ба гарав,*
*Рӯ ба хуршед бирав!*
*(«Рӯ ба хуршед бирав!»).*

* * *

*Бошадам чун Архимеде азму рой,*
*К-ин Заминро якка бардорам зи ҷой.*
*Лек холияш кунед аввал каме*
*Аз гуноҳи одамӣ («Азми архимедӣ»).*

* * *

*Маънии садди Чин –*
*Яке аз муъҷизаҳои аҷаби олам чист?*
*Адами ҳусни тафоҳум*
*Байни мардум.*

**Таъсир ва илҳом аз шуарои гузашта ва муосир**

Камтар шеъру шоиреро метавон ёфт, ки аз назму насри пешиниён ва ҳозирони замони худ ҷиҳати эътило таъсир напазируфта ва илҳом нагирифта бошад, зеро ҳар офариниш ва халлоқияте бояд бар пояи суннате арза гардад. Ва намунаи боризи ин гуна офаринишҳо ашъори Ҳофиз аст. Вай бисёре аз мазомин ва қолабҳои шуарои пеш аз худ ва муосири худро ахз намуда ва бо дахлу тасарруф дар онҳо ва ҳофизона карданашон дар ғазалҳояш ба кор бурдааст.

Сарфи назар аз теъдоде таркиботу қолабҳо ва мазомини илҳомӣ аз шеъри гузашта ва муосир дар шеъри Аскар Ҳаким ба чанд намуна аз таъсирпазириҳои мушаххастар ишора мекунам.

Дар шеъри «Наврӯзи фарвардин» ба ин чанд байт мехӯрем:

*Ҳазорон машъала аз сандалу аз лолаҳои аҳмар афрӯзем*
*Ва ҷоми бодаро бо соғари хуршеди тобон ҷанг андозем*
*Ва бо сад дил ба меҳроин ниёи хештан нозем…*

ки ёдовари ғазали маъруфи Ҳофиз бо матлаи зер аст:

*Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,*
*Фалакро сақф бишкофему тарҳи нав дарандозем.*

Шеъри самимона ва зебои «Достак», ки чунин шурӯъ мешавад:

*Достак, омадӣ ин субҳ, биё,*
*Хуш биё, пайки баҳор овардӣ.*

*Ман, ки пазмони баҳорон будам, ин ҳама дай,*
*Бе туям гарм намешуд маҳфил,*
*Чашм гашта ба роҳат, чашму чароғам,*
*Ҳама дону ҳама дил...*

куллан аз назари фазососӣ ва сохту пардохт мутаассир аз шеъри «Қосидак» (қоқу)-и Ахавони Солис аст:

*Қосидак! Ҳон, чӣ хабар овардӣ?*
*Аз куҷо в-аз кӣ хабар овардӣ?*
*Хушхабар бошӣ, аммо, аммо*
*Гирди бому дари ман*
*Бесамар мегардӣ...*

Ғазали «Шаби ғусса» (дар баҳри рамал) ба иқтифои ғазали маъруфи Фахриддини Ироқӣ бо матлаи зер аст:

*Зи ду дида хун фишонам зи ғамат шаби ҷудоӣ,*
*Чӣ кунам, ки ҳаст инҳо гули боғи ошноӣ.*

Худи шоир низ ҷиҳати огоҳии хонанда ҷумлаи «Ба тавофи Каъба рафтам»-ро, ки аз мисраи аввали байти Ироқӣ, яъне:

*Ба тавофи Каъба рафтам, ба ҳарам раҳам надоданд,*
*Ки бupуни дар чӣ кардӣ, ки даруни хона ойӣ.*

иқтибос карда, дар дохили нохунак овардааст:

*«Ба тавофи Каъба рафтам», ки Худо ба хона ёбам,*
*Чу Худо зи хона рафта, манат аз чӣ хонадорам?*

«Чакомаи ризои модар» манзумаест, ки дар қолаби чаҳорпораи 19-бандӣ ва дар вазни хафиф суруда шудааст. Достони ин манзума ба таври мухтасар чунин аст, ки модари пиру нотавон, ки фарзандаш дар зиндон ба сар мебарад, хоб

мебинад, ки ба зудӣ мемирад. Ба ҳамин сабаб барои васият гуфтан ба писараш ба зиндон меравад вале наметавонад фарзандашро бубинад ва ҳамон шаб мемирад. Вале ба муъҷизаи Худованд зинда мешавад ва ба зиндон меравад ва бо ишқи модаронае, ки дорад, ба писараш васият мекунад, ки бачаи дилбандам, барои он ки бидонам зиндаву солим ҳастӣ, шабҳои ҷумъа Қуръон бихон ва ояе нисори рӯҳам кун. Модари пир пас аз ин васият дубора мемирад.

Ин манзума бо таваҷҷӯҳ ба тарҳи куллӣ ва нуқоти муштарак бо манзумаи «Модарнома»-и Эраҷ Мирзо бо байти оғозини:

*Дод маъшуқа ба ошиқ пайғом,*
*Ки кунад модари ту бо ман ҷанг.*

зоҳиран илҳомест аз ин модарона. Дар манзумаи Эраҷ Мирзо писаре, ки синаи модарашро шикофта ва қалби ӯро дар даст дорад, ба замин меуфтад ва дасташ андаке маҷрӯҳ мешавад. Дар ин ҳангом ин оҳанг аз қалби модар шунида мешавад, ки:

*Оҳ, дасти писарам ёфт харош,*
*Вой, пои писарам хӯрд ба санг!*

ва дар манзумаи Аскар Ҳаким худи модар аст, ки дубора зинда мешавад ва аз сари дилсӯзӣ ба фарзандаш мегӯяд:

*Ҷон бачам, шоми ҷумъа Қуръон хон,*
*Бифирист ояе ба раҳмати ман,*
*То бидонам, ки зиндаӣ ба ҷаҳон,*
*Охирин мояи саодати ман.*
*Гуфту ҷон дод аз нав ӯ ором,*
*Чун набудаш ба дил ризои дигар...*

Ғазали ошиқонаи:

*Эй сабзтар ба қомат аз шохаи баҳорон,*
*Аз сурхии лабонат гул бурдаанд анорон.*

ки дар баҳри музореъ суруда шуда, ёдовари ғазалест аз Саъдӣ бо ин матлаъ:

*Бигзор, то бигирям чун абр дар баҳорон,*
*К-з санг нола хезад рӯзи видои ёрон.*

**Сувари хаёл.** Аз миёни тасвирҳои хаёл, саноеи бадеъ ва мабоҳиси фанни баён дар ин маҷмӯа таваҷҷуҳи шоир бештар ба ташбеҳ, ташхис ва истиора ва нудратан саноее монанди тазод ва таҷнис аст. Аксари тасовири ташбеҳӣ тасвирҳои фишурдаеанд, ки ду тарафи ташбеҳ, яъне мушаббаҳунбиҳ ва мушаббаҳ оварда шуда ва аз мақулаи изофаи ташбеҳианд ва аз нигоҳи дастурӣ нақши музоф ва музофунилайҳ доранд.

Дар ин навъ ташбеҳ як тараф ва ё як рукни ташбеҳ, яъне мушаббаҳунбиҳ аз умур ва аносири ҳиссӣ ва рукни дигар, яъне мушаббаҳ, ё амре ақлӣ ва номахсус ва ё ҳиссист, чунонки дар ташбеҳоти зер дар шеъри Аскар Ҳаким мебинем: *осмони сина, ҳавои хотир, кабӯтарҳои чашм, шохи умр, тухми кин, сипеҳри армон, шохаи муҳаббат, фӯтаи рангинкамон, қабои нур, марғзори нур, гиёҳи меҳр, таҳхонаи ҳастӣ, дашти рӯзгорон, лабҳои лола, боғи ахтар, шохаи наврӯз, чароғи лолаҳо, гулҳои дил, гаҳвораи таърих, мурғи шеър, миқрози пару бол, ғунчаи лабҳо, дашти сина, ғунчаи ҳарфи салом* ва ғайра.

Иддаи дигар аз ташбеҳот тасвирҳои густарда ё боз мебошанд, ки ба шакли таркиби изофии мушаббаҳунбиҳ ба мушаббаҳ нест, балки бо адоти ташбеҳ ё сифат ё ба сурати ҷумла ва ҷумлагуна баён шудааст: *бабри ваҳшии хашм, абрҳо ҳамчун сарандози арӯсӣ рахтнашкаста, осмон чун шаҳ камар бо фӯтаи рангинкамон баста, эй канорат биҳишти нақди висол, чист хушрӯтар зи мӯи майдабофи духтари тоҷик, к-аз бару дӯшаш чу зулфи сабзи маҷнунбед мерезад, мешавад дидаи*

*ӯ шолизор (ташбеҳи чашми пурашк ба шолизор), гиряи боронӣ* ва ғайра.

Дастаи дигар аз ташбеҳоти фишурда истиора аст. Дар ин навъ изофаи истиорӣ мушаббаҳунбиҳ (мустаъорунминҳ) яке аз аъзо ва аҷзои инсон ва ё ҳайвон ва ё усулан яке аз лавозим ва муносиботи мавҷуди ҷондор аст. Ва мушаббаҳ (мустаъорунлаҳ) ё амри номахсус ва маъқул ва ё ҳиссӣ ва малмус аст. Ин навъ истиора дар илми баён истиораи макния ё истиораи билкиноя ном дорад, ки дарвоқеъ навъе ташхис аст: *дасти сахо, суруди шохаҳо, зулфи сабзи маҷнунбед, дасти бод, қомати гардун, гӯши ахтарҳо* ва ғайра.

Иддае дигар аз ташбеҳоти фишурдаи истиорӣ истиораҳои муфраданд, яъне калимот ё таркиботе, ки дар маънии маҷозӣ ба кор рафтаанд: *боғ* (дар шеъри «Ин кадомин боғ меояд» вожаи «боғ» истиора аз мамдӯҳ ва маҳбуби саропо зебоист); *арӯси шохаи себ* (истиора аз шукуфаи дарахти себ); *ангури шаҳло* (истиора аз чашми маст); *шохи чаманоро* (истиора аз ёри зебо); *ҷинси латиф* (истиора аз зан), *лоларух* (истиора аз зеборӯй); оҳ*уи мушкин* (истиора аз дилбар); *дарё* (истиора аз ошиқ); *ҷазира* (истиора аз маъшуқ).

Ташхис ё шахсиятбахшӣ аз мабоҳиси фанни баён ва яке аз суратҳои хаёл аст, ки феълу амалу хусусиёти инсон ва ё мавҷуди зинда ба мафоҳим ва умури ақлонӣ ва ғайримаҳсус ва ё ашёву аносири беҷони табиат нисбат дода мешавад. Дар шеъри Аскар Ҳаким ба ин навъ сурати хаёл, бо дар назар гирифтани табиатгаро будани шоир, таваҷҷуҳи зиёде шудааст. Ва усулан дар аксари ашъори тасвирии шоирони муосири тоҷик ташхис дар фазои табиати Тоҷикистон ривоҷи зиёде дорад.

Дар шеъри ин шоир низ аксари аносири табиӣ дар тӯли як мисраъ ва ё як байт шахсиятбахшӣ шудаанд ва дар мавориде ҳам мафоҳими ғайримаҳсус:

*Сабза дар оғӯши обу обҳо бо сабза дар оғӯш*
*Ҳамдигарро қиссаҳои ишқ мехонанд зери гӯш.*

* * *

*Саҳар пушти дарам бодом гул кард,*
*Ки булбулро кунад аз хоб бедор.*

* * *

*Биё, то муғчаҳо бо ту сухан гӯянду бикшоянд,*
*Бигирад шох домонат ба сабзу сурх ангушташ.*

* * *

*Ва ё шаб рози мо дар гӯши ахтарҳо кӣ хоҳад гуфт,*
*Кӣ эшонро ба мо маҷзуб хоҳад кард?!*

* * *

*Саҳар хандад ба мо хуршеди ховар,*
*Шукуфад дар само шаб боғи ахтар.*

* * *

*Абр мегиряду механдад гул,*
*Месарояд ғазали худ булбул.*

* * *

*Даҳани шиша, ки май мерезад,*
*Мекунад васфи лабонаш қул- қул.*

* * *

*Бод мехонад ба гӯшаш қисса бо фарёд...*

* * *

*Набуда заррае озарм чархи гардунро...*

* * *

*Ба ҳар чашм орзу пар мезанад як осмон аз шавқ...*

Навъи дигар аз шахсиятбахшиҳои шоирона ва муассир дар шеър мухотаб қарор додани умури маҳсус ва маъқул аст, ки дар шеъри Аскар Ҳаким ин мухотаб аксар умури ҳиссӣ ва баъзан умури зеҳнӣ ва ақлист: *«эй замини сабзи боварҳо!»*, «*достак, омадӣ ин субҳ, биё*!», «*эй куҷоӣ, ҷавонии бебок?*», «*сухан инак зи ту, эй рӯди шӯхи кӯҳсор ин ҷост», «бо ту, эй субҳи ҳумоюнфар*!», «*зиндагӣ зебост бо ту, эй баҳори сабзи рӯишҳо!», «дили ман, эй дили ман, хонахудоят кӣ бувад?*».

Яке дигар аз саноеи маънавии бадеъ дар шеъри Аскар Ҳаким санъати мутобиқа ё тазод аст, ки дар баъзе аз шеърҳои ӯ дида мешавад. Аз ҷумла калимоти *шаб ва субҳ,*

*ифритон ва ҳурон, дӯст ва душман, баландӣ ва пастӣ, неш ва нӯш* дар ин шеър:

*Шаби ялдо биҷӯйӣ субҳи макнун,*
*Зи сардиҳои дай урдибиҳиште.*
*Зи наҳси даҳри ифритони малъун*
*Биҷӯйӣ шаҳри ҳурони биҳиштӣ.*

*Зи хайли душманон ту дӯст ҷӯйӣ,*
*Баландиҳо бубахшойӣ ба ҳар паст.*
*Хурӣ неш аз ҳаёту нӯш гӯйӣ,*
*Чӣ чора, қисмати шоир ҳамин аст.*

*(«Қисмати шоир»)*

Ва «*шабу рӯз*» ва «*сафеду сиёҳ*» дар шеъри зайл:

*Ки шабам бо ту сафед,*
*Рӯзи ман бе ту сиёҳ!*

Шоир ба саноеи лафзии бадеъ дар ин маҷмӯа таваҷҷуҳи чандоне надорад ва баъзан саноеъе чун санъати таҷнис дар шеъри ӯ мушоҳида мешавад, монанди таҷниси том дар калимоти *«савдо»* ва *«савдо»:*

*Як гӯша маро бас, чӣ кунам дунёро,*
*Савдои сарам бас, чӣ кунам савдоро?*

**Таркиботи тоза.** Аскар Ҳаким таркиботи тозаеро бо таваҷҷуҳ, ба ҳолу ҳавои шеъраш ба кор бурдааст, аз ҷумла: *осмонхез, беҳинойин, пастоб, таҳаммулнок, ҷуфтофарида, ҳарфофарин, хандаомӯз, ҳуриёна, ҳайвонхӯ, равшанёр, сармохез, сарводагӯ, судандӯзкешон, шикористон, шерсо, ишқоҳанг, ишқангез, инонтоз, ғазалдевон, ғуломасл, ғамфарсуд, фасли фиреб, фалаксайр, кажоинон, касалдевонҳо, кинманд, гаронхез, гурдаҷдод, гардунсайр, гиряи боронӣ, гулбод, гулханда, гулғунча, лолаворон, мавҷхез, ноогаҳдил,*

*нутфабандӣ, низористон, накӯдин, навосор, навсӯз, некфар* ва ғайра.

Дар ҷои худ аз овардани калимоти омиёна низ парҳез накардааст, калимоту иборот ва таркиботе монанди: *афту дарафт, дастхӯрда, даҳанвоз, каҷу качал, гардад ош, гӯр сӯзаду дег ҷӯшад, ношуд, оҳанги [касе] кардан, ҳеҷ маҳал* ва ғайра.

Рубоиёти шоир, ки бахши зиёде аз китоби «Замини сабзи боварҳо»-ро фаро мегирад, дар қолаб ва вазни суннатии худ (мафъулу мафоъӣлу мафоъӣлун фаъ) суруда шуда. Нигоҳи шоир дар бархе аз ин рубоиёт дар айни хайёмона будан вежагӣ ва истиқлоли худро дорад. Бо вуҷуде ки муҳтавои куллии рубоиёт тарҳ ва тамҷиди сифоти олии инсонӣ ва маърифату озодагист, аз ҳуснитаълилҳо, танзпардозиҳо, масоили иҷтимоӣ ва ишқӣ ва дидгоҳҳои ҳакимонаву олимона холӣ нест.

**Дар поёни ин мақола тавфиқи родмарди шеъру адаби тоҷик Аскар Ҳакимро дар сароиши ашъори тозаи дигар орзу дорам.**

*Субҳони Аъзамзод,*
*номзади илмҳои филологӣ*

# ҒАРИЗАИ ТАҲҚИҚ ВА ДИДИ МОҲИЯТҶӮЙ ДАР НАҚД

Солҳои 60-80-уми садаи бист давраи нисбатан пурҷӯшу хурӯш ва расову пурбори камолоти фикрии нақди адабии тоҷик маҳсуб ёфта, осори наққодии ин давра ба такомули сифатии афкори сухансанҷӣ ва ормонҳои адабӣ мусоидат кардааст. Осори асили мунаққидони ин давра дар шинохти бештари аслу моҳияти кори душворписанди наққодӣ, дарки чигунагии тафаккури пуршӯру шарари ноқидӣ, ошноӣ бо ҷараёнҳои мухталифи пурошӯби нақднависӣ, роҳҳои пурсамари бозгӯи ҳунарии шеъру наср ва анвои дигари ҳунарӣ арзишу аҳаммияти чашмгире доранд.

Болиш ва шукӯҳи нақди адабӣ ва вусъати таърихиву назарии он дар ин давра бо ному пайкори теъдоди неруманди ноқидону суханшиносони заррабин, заррасанҷ ва заршиносе иртибот дорад, ки ба ҷону мадори ин соҳаи пурнабард рӯҳу неруи тавоно бахшидаанд. Дар ин марҳалаи бесобиқа ва нотакрор аз рӯйдодҳои таъсиргузор, аз ормонҳои воқеии адабӣ, аз асари волои ҳунармандона, аз шахсиятҳои арзанда ва шоистаи адабӣ, аз номусу виҷдони адибон ва ғайра ҷиддан пуштибонӣ шудааст. Теъдоди бештари мунаққидон кӯшидаанд, ки дилсӯзона ва ҷонфидоёна барои ба маҷрои матлуб ва дуруст равона кардани диди аҳли замон ва бозгӯи роҳи рости ҷараёни адабӣ саҳм бигиранд. Ин ҷанбаи нақди тоҷик, равиши бесобиқа ва вежагии нотакрор, дар маҷмӯъ моҳияти тозакории марҳалаи мавриди назари мо аз охири солҳои 80-уми садаи бист ба ин ҷониб дар ҷусторҳои илмии аҳли таҳқиқ таъкид мешавад.

Аз оғози даҳаи 60-ум бо ҳузури насли нави ноқидон – Аълохон Афсаҳзод, Худоӣ Шарифов, Раҳим Мусулмонқулов, Абдунабӣ Сатторов, Юсуф Акбаров,

Ҷӯрахон Бақозода, Валӣ Самад ва даҳҳо дигар дар баробари насли корвар Абдулғанӣ Мирзоев, Шарифҷон Ҳусейнзода, Холиқ Мирзозода, Носирҷон Маъсумӣ, Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷон Шукуров, Атахон Сайфуллоев, Лариса Демидчик, Хуршеда Отахонова, Юрий Бобоев, Абдуқодир Маниёзов, Масъуд Муллоҷонов ва дигарон ин пеша дороии афзун ба даст овард ва дар баррасии осори адабӣ қадами устувор гузошта шуд.

Оғози ба майдони адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ ворид шудани Аскар Ҳаким низ ба ин марҳалаи муҳимми сухансанҷӣ – охири солҳои 60-уми садаи XX рост омада, ҷусторҳои пажӯҳандагиаш дар солҳои 70-80-ум ба нуктаи баланд расидааст. Аввалин намунаҳои маҳсули қалами ноқидии ӯ ҳанӯз замони таҳсили олӣ дар риштаи суханшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба матбуоти тоҷик роҳ ёфтанд, ки аз истеъдоди хуби мунаққидӣ ва табъу салиқаи хуши сухансанҷиаш дарак медоданд.

Ҷамъ ва ҳосили қалами мунаққид дар ин ҷода китобҳои «Шеър ва замон» (1978), «Дар қаламрави сухан» (1982), «Творцы созвучий» (1988), «Испитание поэзией» (1992) ва теъдоди зиёди мақола, тақриз, гузориш ва суханрониҳое аст, ки зинаҳои санҷидашудаи ташаккул ва таҳаввули афкори адабиётшиносиву танқидии муаллифро бозменамоянд. Ҷойгоҳи китоби «Шеър ва замон»-ро метавон ба сифати дарбаргирандаи масоили меҳварӣ ва қонуниятҳои зотии рушди шеъри муосири тоҷик арзёбӣ кард, ки бунёди он бар рисолаи номзадии «Ворисияти таърихӣ ва навоварии шоирона» (Москва, 1974) ниҳода шуда, матолиби он ба масъалаҳои умдаи ҷусторҳои адабӣ дар адабиёти сермиллати шӯравӣ гиреҳ мехӯранд (*бардоштҳои мо ҳам дар заминаи ҷусторҳои 20-соли аввали таҳқиқ ва татаббӯи Аскар Ҳаким сурат гирифтааст. Фурсате фаро расидааст, ки таҳқиқ дар ин замина дар асоси мероси комили мунаққиди шинохтаи тоҷик анҷом ёбад*).

Дар гузориши бомуваффақияти заминаҳои назарӣ ва ҳаллу фасли огоҳонаи масъалаҳои умдаи шеъри муосири

тоҷик таъсири омилҳои муҳимм, аз ҷумла таҳсил ва фарогирии тахассусӣ дар аспирантураи Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М. Ломоносов, ширкати ҳамешагӣ дар ҷараёни пурҷӯши адабии кишвар ва умумиттифоқ, ошноӣ ва баҳрамандӣ аз дастовардҳои ҷадиди нақди усулии русӣ, гузашта аз ин, истеъдод ва завқу қареҳаи фитрии ҷӯяндагӣ дар таҳқиқ ва шеърнависӣ таҷассум ёфтаанд. Ин омилҳои таъсиргузор имкон фароҳам овардаанд, ки пажӯҳиши илмӣ дар сатҳи назаррасу матлуби замон, бо фарорафти ёфтаҳои бунёдии назарии адабиётшиносии он давра анҷом ёбад. Ба ин маънӣ, дар роҳи сайқал ёфтани салиқаву малакаи наққодии муҳаққиқи ҷавон нақши табъу имконияти фикрии мактаби камназири сухансанҷии рус, дар баробари ин, нақди суннатии адабӣ таъсири босамару пурфайз доранд. Нахустин китоби муҳаққиқ – «Шеър ва замон» аз мақолаҳои ҷиддиву пурмуаммои «Баҳси бардавом», «Шеъри инсон», «Сухан ва образ», «Таҳаввули арӯз», «Аз ғазал то шеъри озод», «Ба ҷойи анҷом», «Достони қалъаҷанг» фароҳам омадааст, ки бештари инҳо қаблан дар матбуоти адабии бонуфузи умумиттифоқ ва кишвари Тоҷикистон, аз ҷумла маҷаллаи маъруфи «Садои Шарқ» ба табъ расида, аз ҳузури як тан аз андешаманди густурданазар дарак додаанд. Дар китоби дувум – «Дар қаламрави сухан» симоҳои барҷастаи теъдоде аз адибони номӣ: Раҳим Ҷалил («Умри пурмаъно»), Муъмин Қаноат («Обшори шеър»), Аминҷон Шукӯҳӣ («Шохаи райҳон ва себҳои шукуфта»), Лоиқ Шералӣ («Даҳ сол ва чаҳор нигоҳ»), Бозор Собир («Бӯйи гулхор») офарида шудаанд. Дар мақолаҳои дигар «Шеъри замонӣ ва ҷустуҷӯҳои маънавию ахлоқӣ», «Тазодҳои фаровонии шеър», «Масъалаҳои адабиёт – масъалаҳои танқиданд» силсилаи масъалаҳои муҳимми назарӣ, омилҳо ва заминаҳои муҳиммтарини вусъат ёфтани адабиёт ва арзишҳои адабӣ дар қиёми ҳаводиси замон, дар баробари ин, нукоти заъфу нуқсон ва коҳиши завқи адабӣ мавриди гуфтугӯ қарор гирифтаанд.

Муаммои мубрами таҳқиқ дар ин ҷусторҳо ворисияти таърихӣ дар ҷаҳони ормонҳои шоирӣ аст. Дар ҳаллу фасли ин муаммои умда шеваву равишҳои судманд ва корвари адабиётшиносии русу тоҷик ба кор рафта, кӯшиш шудааст, ки воқеияти умдаи замон, фарорафти амиқу ҳамаҷониба ба олами фитрӣ ва маънавияти инсон аз ҷониби адибон, ҷустуҷӯи шаклҳои бадеии наву тоза асосу мояи ҷусторҳои адабӣ арзёбӣ гардад. Муҳаққиқ бо «ҷустуҷӯҳои далерона» ба унвони ҳадафи аввалиндараҷа ба коркарди илмии қазияи ворисияти таърихии тамаддун ва рушди он, робита ва таъсири байниҳамдигарии онҳо пардохтааст. То ин вақт истилоҳи «ворисияти таърихӣ» дар асарҳои таҳқиқӣ асосан бо мафоҳими анъана ва навоварӣ ифода ва омезиш ёфта, аз ин рӯ, нокид дар наздаш вазифа гузоштааст, ки ин қазияро аз чашмандози фарохи таҳаввулоти замон ҳал намояд. Чунин бармеояд, ки равиши мазкур барои таъйини роҳи баъдии рушд, фаҳмиши чигунагии таъсири писандидаву баҳушона ба равандҳои адабӣ, «барои бо назари тоза нигаристан ба масъалаҳои муҳимми адабиёти муосир, аз ҷумла анъанаю навоварӣ» имкон ва шароити мусоид фароҳам овардааст. Ба ин маънӣ, – ба андешаи мо, – диди нав ва назари тоза афкандан ба масоили меҳварӣ, зотӣ ва мабоҳиси назарии адабиёт ҳамеша аз ниёзҳои аслии рӯҳиву ақлӣ маҳсуб шуда, он на танҳо дар даврони пурҷӯши гардишҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва гузариш аз як сохтор ба сохтори дигар, балки дар марҳалаҳои хосаи томравои як сохтори ҳокими иҷтимоӣ низ ба миён омадааст. Чашмандози тоза ва густурдаи муҳаққиқони аслбини русу тоҷики солҳои 60-70-уми садаи XX аз бисёр ҷиҳат ба дигар шудану вусъати назарӣ дарёфтани меъёри қазоват дар илми адабиётшиносӣ ва тағйири муносиби фикри адабии аҳли замон мусоидат кардааст, ки ин қазия нигоҳи ҷудогонаеро тақозо дорад.

Чунин ҷустор ва гузориши амиқи илмӣ дар адабиётшиносии тоҷик боиси таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва доманадор ба масъалаи фардияти вежаи инсон бо назардошти паҳлуҳои мухталиф ва тазодҳои ахлоқи маънавии шахс дар шеъри

муосир гардид. Аз ин ҷиҳат, мақолаи «Шеъри инсон» ба нуктаҳои мубрами алоқаи диалектикии байни Инсон, Замин ва Олам дар шеъри шоирони маъруф Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром ва дигарон дар робита бо эҷоди адабии шоирони умумииттифоқ Александр Твардовский, Эдуардас Межелайтис, Расул Ҳамзатов ва ғайра бахшида шудааст.

Бунёди меҳварии ин таҳқиқот асосан бар пояи равишшиносиву афкори назарии пажӯҳандагони бонуфузе қарор дорад. Аз ҷумла, дар тақвияти андешаи адабиётшиноси маъруфи рус З. Османова ин нукта таъкид шуда, ки «масъалаҳои ҷудогона ва умумии методологӣ аз доираи вазифаҳои сирф филологӣ текстологӣ берунанд» ва аз ин дидгоҳ кӯшиш ба харҷ рафта, то «фарқияти тасвири психологӣ дар миқёси адабиётҳои миллӣ ва регионҳо» муайян гардад («Шеър ва замон», с. 28). Ба ин маънӣ, қабл аз ҳама ба муҳаққиқони таърихи адабиёт ҳушдор дода шуда, ки осори лирикии пурбори адабиёти классикии форсии тоҷикӣ барои тадқиқи психологизм ва ҷанбаҳои психологӣ маводи фаровон медиҳад.

Нуктаи меҳварии ҷусторҳои муҳаққиқ ба ҷойгоҳи пешбари лирика ва қаҳрамони лирикӣ дар фарозу нишеби шеъри муосири тоҷик гиреҳ хӯрда, аз он ки ба лирика бештар роҳу равиши воқеиятгаро ва пуррамзу маҷози инсон, амиқрафти хулосаи фалсафӣ-ҳикамӣ, тасвири фарорафти инсон дар вусъати олам хос аст, масъалаи қаҳрамони лирикӣ, яъне, дар маркази шеър қарор гирифтани образи худи шоир, «ман»-и шоир низ ба унвони баҳси муҳимми адабиётшиносии тоҷик дар робита бо имконият ва таъсирпазирӣ аз нақду сухансанҷии рус қарор ёфт. Дар таҳқиқоти Аскар Ҳаким моҳияти мунозираҳо ва натиҷаҳои он дар ин замина хеле равшан таҷассум ёфтаанд.

Сухан аз баҳси ибтидои солҳои 60-уми садаи XX оид ба ҷойгоҳи қаҳрамони лирикӣ дар назм меравад. Муҳаққиқ решаи ин мунозираро аз мубоҳисаи машҳури «назарияи худифшоӣ» ҷустуҷӯ карда, ифода ва таҷассуми равшани

эҳсосу тафаккури фардии қаҳрамони лирикиро то ҷое ба он назария марбут донистааст. Ба ин маънӣ, барои падид омадани қаҳрамони лирикӣ талаботи «худифшоӣ» ба сифати василаи тасвири амиқи хулқу атвори фардӣ ва шинохти мутафаккиронаи инсон мусоидат кард, баҳси «худифшоӣ» боиси ба вуҷуд омадани истилоҳи машҳури «қаҳрамони лирикӣ» гардидааст. Ин мунозирот аз бисёр ҷиҳат ба сатҳи ҷории тафаккури нақкодӣ таъсир доштанд: дар фаҳмиши шеършинос Ал. Михайлов қаҳрамони лирикӣ «назарияи худифшоӣ»-ро комилан рад мекард, шоири номвар К. Симонов ин мубоҳисаро «баҳси истилоҳӣ» мехонд.

Сипас баҳс аз таъйини заминаҳои пайдоиш ба кашфи қонунияти дохилии мафҳумҳо кашида шуд: Оё шахсияти шоир ва қаҳрамони лирикӣ тавъаманд ё байни инҳо тафовут ҳаст!? Сохторшиносии шеър аз лиҳози ҷойгоҳи қаҳрамони лирикӣ дар чӣ ҳад қарор дорад!? Дар ин замина ба ҷойгоҳи назарияҳои муҳаққиқони маъруфи шеъри муосири рус О. Берголтс, Ал. Михайлов, Б. Рунин, Б. Томашевский, В. Назаренко, Л. Тимофеев, З. Панерный, И. Гринберг, В. Сквозников, Г. Гачев, В. Гусев, И. И. Грибушин ва дигарон дар мавриди муҳтаво ва бардошту натиҷаҳо аз боби мавзӯъ – мавҷудияти умуман «қаҳрамон» дар лирика, ҳузури қаҳрамонҳои субъективӣ ва объективӣ дар лирика, субъект ва объекти лирикӣ ва ғайра баҳои арзишманди ноқидона дода шудааст. Аз байни ин истилоҳот муҳаққиқи тоҷик асосан «субъекти лирика»-ро пазируфта, онро чун як навъи шуур аз дарки фардии шоир боло мегузорад. Дар ин росто аслу маншаи эҷоди истилоҳи мазкур аз ҷаҳоншиносӣ ва замонфаҳмии ягонаи шоирон ҷустуҷӯ шуда, он дар радифи истилоҳоте аз қабили «ман»-и лирикӣ, қаҳрамони лирикӣ, персонажи лирикӣ мақом ёфтааст.

Ин гузориши масъала дар тақвияти пурсишҳои Гегел ва Белинский аҳаммият пайдо кардааст, ки «...агар фикру андеша таассуроту ҳиссиёти қаҳрамони лирикӣ ниҳоят фардӣ ягона ва нотакрор бошад, пас чӣ тавр метавонад, ки дар он моҳияти инсон ва характери замони ӯ инъикос шуда

бошад!?» Аз ин ҷиҳат, хулосаи зерин бо камоли дарки масъулият ва фарорафти ҷанбаи истидлолӣ арз шудааст: «Инкишофи тафаккури мураккаби як давраи адабиро аз рӯи таҳлили эҷодиёти як шоир, бигзор, ҳатто шоири бузург, агарчи дар диди бадеии ӯ ҷаҳоншиносии замон ба қадри зарурӣ пурра инъикос шуда бошад ҳам, муайян кардан мумкин нест». Аз ин нуқтаи назар «таҳлилу тадқиқи инъикоси бадеии воқеият дар эҷодиёти гурӯҳи калони шоирон ба он мерасонад, ки дар он давраи алоҳида умумияти типологӣ, фардияти бадеӣ, ҷараёнҳои услубӣ, ки ҳама дар ягонагӣ симои бадеии замонро инъикос мекунанд, муайян карда шаванд.»

Муқаррар шудани се субъекти лирикӣ дар шеъри муосири тоҷик – субъекти аввал дар эҷоди шоирони насли се (ба қавли муҳаққиқ инро агар аз рӯи тафриқаи солҳои 60-ум гирем, инҳо насли аввал ҳастанд) – М. Турсунзода, М. Миршакар, Б. Раҳимзода, субъекти дувумро дар маҳсули табъи шоирони насли чор (насли дувум) – А. Шукӯҳӣ, М. Қаноат, Ғ. Мирзо, Г. Сулаймонӣ, А. Қаҳҳорӣ ва субекти сеюмро дар офариниши шоирони насли панҷ (насли сеюм) Қ. Киром, Л. Шералӣ, М. Шералӣ барои хеле амиқ ва бо ҷузъиёти том равшан кардани моҳияти ҷусторҳои зебоишиносии шоирони муосири тоҷик замина фароҳам меоварад.

Ворисияти таърихӣ дар ин чашмандози таҳқиқ асосан ба шинохти маънавии падидаҳои эҷодӣ такя дошта, дар ҷавҳари он ҳамбастагӣ ва диалектикаи маънавият, зуҳуроти амиқрафти падидаҳои маънавӣ дар арсаи олам қарор дорад. Аз ин ҷиҳат фаҳмиши навини Инсон, Замин ва Олам аз дарки хоси имконот ва иқтидори бузурги ҳастии маънавӣ дар он марҳалаи тафаккури илмӣ дарак медиҳад. Дар иқтибоси зер моҳияти дигаргуниҳои замон бо назардошти «ягонагии маънавии Инсон, Замин ва Олам» ба унвони ғаномандӣ ёфтани он хеле равшан ва, дар айни ҳол, амиқ ба мушоҳида омадааст: «Замин барои Инсон нафақат боиси ҳастӣ, мавзеъест барои зиндагии ӯ, балки Замин акнун ҷоест,

ки дар рӯи он таърихи Инсон эҷод шудааст. Ҳоло қариб дар ҳар муносибати инсон бо Замин дарки таърихи ӯ дида мешавад ва ин дарки ягонагии Замин бо Инсон ва таърихи ӯ ба назми муосир оҳанги зӯри граждани медиҳад».

Пажӯҳандаи инсоншинос ва набздон фарохназарона муносибати ин се гурӯҳи образро дар саҳифаҳои назми муосир мушоҳида кардааст. Ӯ дар заминаи дарки алоқаҳои мураккаб ва сершумори Инсон бо воқеияти муосир дар шеъри имрӯз, хоса шеъри сараи устод Лоиқ боз ҳам фаротар рафта навиштааст: «Дар тасвири Замин раҳ ёфтани ҳисси таърих ва воқеияти муосир барои нигоҳи пурвусъате андохтан ба Инсон сабаб шуд. Дар натиҷа Инсон ба қувваи бештар соҳиб шуда, ин қудрат ба ӯ имкон медиҳад, ки худро дар бисёр масъалаҳои воқеияти муосир фармонраво бинад ва дар тақдири Замин ва Олам ҳисси ҷавобгарӣ дошта бошад» (с. 62).

Дар мақолаҳои пурмуҳтавои «Сухан ва образ», «Таҳаввули арӯз» ва «Аз ғазал то шеъри озод» дидгоҳҳои назарӣ роҷеъ ба омилҳои ҷустуҷӯ ва бозёфтҳои шоирони муосири тоҷик аз лиҳози шакли бадеӣ, образ ва забон фароҳам омадаанд. Ин ҷо ба ҷойгоҳи дигаргунӣ дар заминаи шакл ба сифати муайянкунандаи роҳи ояндаи инкишофи назми муосир ва «манбаи ғизобахши навовариҳои имрӯза» таваҷҷуҳ шудааст. Ин тарзи муайян кардани моҳияти ҷустуҷӯ ва бозёфтҳои шоирони муосир зарурати «таҳлили системаи образҳою забон, услубу банду басти осори манзум»-ро ба миён овардааст. Аз ҷумла, асоси мақолаи аввалро синтези равишҳои забонӣ, ба вуҷуд омадани услубҳои ифодаи нақлию афсонавӣ дар забони назм, хусусиятҳои тозаи истифодаи унсурҳои забони зиндаи халқ, ҳадафҳо ва василаҳои баҳрамандӣ аз калимаву ибораҳои халқӣ, ба талаботи забони забони адабӣ мувофиқ кардани унсурҳои забони халқӣ, демократӣ шудани забони назм, истифода аз рамзу мафҳумҳои асотирию афсонавӣ, таърихӣ, динию ахлоқӣ ва ғайра дар бар мегиранд.

Дар ин гузориш бештар ба ду хусусияти вуруди забони зиндаи халқ ба забони назм – *аввалан*, вуруди калимоти серистифода ба забони зинда ва дар забони назм номаъмул, *сониян*, таъсири синтаксисии забони халқ ва демократӣ гардидани забони назм аз ҷиҳати услуб, рӯҳ ва тарзи ифода таъкид шудааст. Ин назарияи хеле ҷолиб аст, ки «истифодаи калимаҳои халқии гуфтугӯйӣ аллакай то андозае ба услуби шоир таъсир мекунад, вале на ҳама вақт ба он ғолиб омада метавонад. Аз ҳамин сабаб дар эҷодиёти шоирони муосири тоҷик дар ин давра истифодаи ин калимот ба услуби баъзеи онҳо бисёртар таъсир карда бошад, ба услуби қисми дигар таъсири казоӣ накардааст» (с. 68).

Нуктаи дигар таъкиди таъсири хоси забони зиндаи халқ ва адабиёти он ба услуб ва равияи эҷодии шоирон аст, ки дар шеъри муосир ба се хусусияти он таъкид шудааст: истифода ва таъсири фаровони унсурҳои зиндаи халқ (М. Миршакар, Ғ. Мирзо, Қ. Киром); истифодаи кам, аммо таъсири зӯри услуби назми халқ (М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ); таъсири норасо ва showed истифодаи таъбироти халқӣ (М. Қаноат, Л. Шералӣ).

Чунин ҷустор симои муҳаққиқро ба унвони равандшиноси хуб ва огоҳи ҷараёни илмӣ ва адабии шӯравӣ намоён кардааст. Ӯ аз зуҳурот, аслу бунмояву дарунмоя ва моҳияти кулли рӯйдодҳои умумииттифоқӣ ва кишвар огоҳ аст ва аз дастовардҳои умдаву назарраси замон, паҳлуҳои мубрам, мушаххас ва, дар айни замон, ниҳоят нозуки масъалаи анъанаву навоварӣ андеша рондааст.

Дар таълифоти Аскар Ҳаким бештар ба мутолиаи ҷаҳони зеҳнии шоир таваҷҷӯҳи хос шудааст, ки василаи муҳимми мукошифаи шеър дар нақди адабии тоҷик мебошад. Дар меҳвари ин таълифот қазияи тасвир ва тасвирпардозии шеъри муосир бо беҳтарин шева ва завқи хос бозгӯ шудааст. Кашфи падидаи шеър ва шинохти асли оини шеърнависӣ бо вусъати дид ва умқи нигоҳи шоирона ба ашё, замон ва иҷтимоъ муносибати шоир ва муҳаққиқро ба нақд ба сифати шеър-офариниш муқаррар мекунад, ки

коргоҳи хаёлоту ҳиссомезии шоиронаро бо меъёри мухталифи таҳқиқ ба ҳам овардааст.

Накдномаҳои Аскар Ҳаким дар заминаи шеъри муосир сирфан «накди олимона» ва «накди шоирона»-анд. Вежагии умдаи наққодии ӯ «тафаккур ва тааммул дар зоти адабиёт ва назарияҳои адабӣ ва илал ва асбоби масоили адабӣ» (Сируси Шамисо) аст. Ин маҳсул дар баробари намунаи хуби «накди олимона» буданаш ҷавобгӯи қонунияти дохилии «накди шоирона» ҳам ҳаст, ки дар перомунаш ҷанбаи устувори таҳқиқӣ, истидлолӣ ва қонунгаро дорад. Фазилати ин навиштаҳо дар он зоҳир мешавад, ки нуктаҳои амиқу борики шеър усулан ба мулоҳиза омада, ба ин васила, намунаи арзишманди накд ба алоқамандон пешкаш шудааст.

Он чӣ бар маҳосини ин пажӯҳиш меафзояд, назару андешаҳои матин ва устувори интиқодӣ, ба таъбири дигар, нерӯмандии ҷанбаи мудаллали танқидӣ мебошад. Ин аст, ки зимни бознамоии тарҳи таърихӣ ва назарии мавзӯъ маънидоди гуногуни қазия аз ҷониби аҳли таҳқиқ мӯшикофӣ ва, дар натиҷа, накду сара шудааст. Масалан, ҷойе ба нуктае таъкид варзида, ки «анъана қариб ҳама вақт ҳамчун чизе ки танҳо хоси шеъри классик бошад, дар доираи он маҳдуд данистa мешавад». Сониян, сатҳи ночиз ва норасои фаҳмиши қазия аз ҷониби муҳаққиқон муқаррар гардидааст. Ӯ мегӯяд, ки «дар замони мо анъанаҳои адабиёти классик бе таҳияи эҷодӣ ба кор баста намешавад» ё «махсусияти эстетикии он аз назари эътибор соқит дониста мешавад». Танҳо аз ин нуқтаи назар аҳли таҳқиқ «аксаран ба тадқиқи таърих ва анвоъ, жанрҳои ҳозираи шеър иктифо мекунанд. Масъалаҳои ҳалталаби нахустиндараҷа бошанд, аз ҷумла роҳҳои тасвири қаҳрамони мусбат, сурат ва суратнокӣ, забон ва услуб, поэтикаи авзон ва анвои шеър аз назаи тадқиқ дур мемонад. Ба ҳақ, бояд инсоф дод, ки дар асарҳои ба таҳлили шеъри классик бахшида баъзан кӯшиши тадқиқи масъалаи анъана ва навоварӣ аз ҷиҳати такомул ва ташаккули услуб ва бадеият ба назар мехӯрад, вале он ҷо ҳам таҳлил рӯякӣ ва қолабакӣ буда, бо ёфтан ва нишон

додани ин ё он тарзи истифодаи ташбеҳу истиора, иғроқу муболиға ва монанди инҳо қаноат мекунанд. Ва ин норасоии тадқиқотчиёни алоҳида набуда, балки як камбудии маъмули илми адабиамон аст...» (с. 7).

Назари дигари интиқодӣ ба бардошти аҳли таҳқиқ марбут аст, ки мафҳуми анъанаро дар чаҳорчӯби назми классикӣ танҳо аз анъанаи навъҳои шеърӣ вазн, қиссасозӣ, қиссапардозӣ ва бадеият иборат донистаанд; «тозаҷӯии шаклпарастонаи назарфиребро навоварии асил пиндошта, тасвири қолабрез ва беҳиссу ҳаёҷонро ҳамчун натиҷаи таъсири анъанаҳои адабиёти классик ба қалам медиҳанд ё бо мақсади сифат кардани асаре онро «аз ҳама гуна анъанаҳои адабиёти классик дур аст» гӯён қадр карданӣ мешаванд»; анъанаро танҳо падидаи мусбат ба шумор оварда, норасоӣ ва маҳдудияти таърихии онро дар марҳалаҳои тозаи адабӣ дидан намехоҳанд.

Ба устувор будани ҷанбаи интиқодии ин таҳқиқот боз ҳам метавон ишора кард. Масалан, ин нуктаро метавон бамаврид таъкид кард, ки ба суратҳои анъанавӣ табдил ёфтани корбурди зиёду беҳади санъатҳои бадеӣ барои дар паси пардаи бадеият мондани қимати ғоявию бадеии назми мо дар чашмандози муҳаққиқони русиву урупоӣ замина шудааст. Ба ин маънӣ, детерминизми ҷусторҳои муҳаққиқ хонандаро барои огоҳӣ аз аслу решаю моҳияти қазия омода мекунад. Аз ҷумла ӯ, вақте ки сабабҳои рӯйкарди манфиро ба анъанаҳои адабиёти классикӣ ҷустуҷӯ мекунад, гӯшзад менамояд, ки ба усули дар он замон ҳокими реализми сотсиалистӣ «рамзҳои шарқиёна» монеъ мешуд ва ин амр ба инкори анъанаҳои барозандаи адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ, радди куллии мероси классикӣ сабаб мегардид.

Яке аз нуктаҳои меҳварии масъалаи анъанаю навоварӣ баҳси «нав»-у «куҳна» аст, ки дар тамоми марҳалаҳои таҳаввули фикрии адабӣ, чи дар гузашта ва чи имрӯз, мавзӯи таъсиргузор ва таъсирпазир шинохта шудааст. Аз паҳлуҳои мухталифи ин баҳсу баррасӣ ва бардору бизани навгароён ва суннатпарастони замон чунин хулоса мешавад, ки «ҳар як

адабиёти миллӣ дар ин ва ё он марҳалаи инкишоф ба анъанаҳои зиндаи худ рӯй меоварад, ки ин натиҷаи талаботи иҷтимоии замон аст. Бинобар ҳамин, фақат як сабаби «куҳна» будан ҳаргиз ба истифодаи онҳо монеъ шуда наметавонад». Дар ин замина онҳое ҳадафи интиқоду маломати илмӣ қарор гирифтаанд, ки арзишу аҳаммияти мероси классикиро зери шубҳа қарор додаанд. Мусалламан, мероси классикӣ дар солҳои 20-30-юми садаи XX низ куллан инкор мешуд, зеро давраи асосии инкори мероси классикӣ ба шумор мерафт, бо вуҷуди ин, дар давраи нави руҷӯъ ба эҳёи арзишҳои миллӣ, марҳалаи боло рафтани муносибат ба асли муқаддасоти адабии гузашта дар солҳои 60-70-уми садаи бист низ бо майлонҳои хиҷолатовари ангезабарангез ва нишонаҳои пурихтилофи инкори мероси классикӣ рӯбарӯ мешавем. Аз ҷумлаи ин гуна мункирон шоир Ғаффор Мирзо буд, ки ба ҳавои сарди садгузорӣ дар роҳи омӯзиши мероси классикӣ нафас мекашид. Аҷобати кор дар он аст, ки минбаъд низ дар паи инкори мерос сухан аз «гуноҳи жанр»-и ғазал ба миён омадааст.

Бо баррасии мундариҷа ва шакл дар контексти анъанаю нowоварӣ моҳияти навоварии асил, чигунагии ҳунарнамоӣ ва ё худсарии фарди эҷодкор, сар фурӯ бурдан ба умқи инсон бо дарки ҷиддии диалектикаи замони муосирро бозкушоӣ кардан имкон дорад. Мусалламан, яке аз нукоти баҳси пурпечутоби илмии адабиётшиносии шӯравӣ бознамоии таъсири яктарафа ва яксӯнигаронаи адабиёти як халқ ба адабиёти халқи дигар аст, ки аз нигоҳи наққодии иҷтимоии то миёнаҳои солҳои 50-уми садаи бист мавқеи ғоявии алоқамандонро собит мекард. Аз ин ҷиҳат, барҳақ ноқидони адабӣ ва эҷодкороне танқид шудаанд, ки дар назм дар зери таъсири Маяковский шикастанҳои азими қолабҳо, шакли бадеӣ, авзону анвои шеър, яклухт кӯчонидани Маяковскийро ба адабиёти миллӣ мукаррараран исрор мекарданд. Дар ин самт дуруст исбот шудааст: «Моҳияти аслии назми Маяковский барои халқҳои дигар дар он аст, ки маҳз таҷрибаи эҷодии вай ёрии беназире кард,

ки дар таҷрибаи миллии адабиётҳо имкониятҳои азиме кашф карда шавад».

Дар замоне, ки шаклпарастон моҳияти анъана ва навовариро танҳо дар амри «арӯзшиканӣ» ва ё тозаҷӯӣ дар вазн ба шумор оварданд, ин натиҷа арзиш пайдо кард, ки муҳтавои бузургу пураҳаммият ба ҷустуҷӯи шаклу воситаҳои тоза ва падид омадани навоварии асил сабаб мегардад. Аз ин ҷиҳат, солҳои 60-70-уми садаи бист марҳалаи муҳимми ҷустуҷӯи фаъолона ва бозёфтҳои писандида мебошад.

Тангбиниву маҳдудандешии аҳли таҳқиқи он замон муҳаққикро ба муайян кардани аслу асосҳои моҳияти навоварӣ дар муҳтаво, мундариҷа ва шакли шеъри муосири тоҷик дар чунин заминаҳо водор кардааст:

1. Тасвири амиқ ва доманадори воқеият;

2. Пурқувват ва фарогиранда шудани эҳтиросоти граждании;

3. Омӯзиши гуманизми нав;

4. Муносибати наву тоза ба сухану сурат, шаклҳои анъанавӣ, унсурҳои услуб, авзону анвои шеър.

Ба назари мо, ҷунбиш ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ дар солҳои 60-70-уми садаи XX ҳар ноқиди ҳушмандро ба борикбинӣ ва завқу салиқаи мумтози шинохт водор мекунад. Яке аз ҷунбишҳои асаргузор пайдоиши «шеъри нав» буд, ки дар ин замина сухани зиёде метавон ироа кард. Дар бораи пайдоиши «шеъри нав» ва заминаҳои таҳаввули он изҳори назари зиёд сурат ёфтааст. Дар таҳқиқи мавриди назари мо низ ин муаммо бо фарорафти ҷиддӣ ба дарунмояи ин ҷунбиш, бо такя ба фарозу нишеби мулоҳизоти бештари донишмандон дар заминаи «шеъри нав» гуфтугӯ шудааст. Ҷустори мазкур ба ин маънӣ доманаи густурда дорад, ки дар он овон алҳол «шеъри нав» ба дараҷаи зарурӣ омӯхта нашуда, сарчашмаҳо ва моҳияти ғоявию зебоишиносии он пурра дақиқ арзёбӣ нагардида буд. Дар ҳоле ки бархе аз андешаварони «шеъри нав» (аз ҷумла, Жола Бадеъ) бештар ба ҷанбаи шаклии он рӯ ба рӯ шудаанд, муҳаққиқони аслбин ва моҳиятҷӯ талқин кардаанд, ки он ҷунбишу тозаҷӯиҳо дар

шеъри муосири тоҷик «бешак аз доираи мафҳуми шеъри нав ва ё шеъри озод, ки бештар ба махсусияти шакли шеър ишорат мекунад, вусъатноктар аст» (с. 19).

Аз чашмандози мазкур, ин ҷунбишро на ба сифати «навоварӣ дар шеър», балки «чун майлони тозаи адабиёт», ки ба ниёзи давраи тоза ва дархостҳои дигари замон аз эҷоди бадеӣ ва ҳамчунин шеър посухгӯ аст, дарк ва маънидод бояд кард». Бояд ба шеваи махсус ва маҳсус ба аслу табиату моҳияти «шеъри нав» наздикӣ ҷуст, табиист ва дуруст ҳам ҳаст, ки чунин исрор шудааст: «Танҳо дар ҳамин ҳолат метавон сурати ҳақиқии ин тозаҷӯиҳоро аён намуд, ба моҳияти аслии онҳо расид ва онҳоро ҳамчун як шохаи ҷараёни адабӣ шинохта, барои муайян кардани замина ва решаҳои ин майлон имконият пайдо кард» (с. 20).

Аз мутолиаи ин нигоштаҳо пайдост, ки оғози гузориши масъала аз боби поэтикапажӯҳии шеър дар адабиётшиносӣ низ ба давраи падид омадани ин таҳқиқот алоқаманд аст. Моҳияти асосии таҳқиқи поэтикии шеъри муосири тоҷик дар ифодаи муҳимтарин зиддияти замон дар шеър, тасвири фароху пурдоманаи воқеияти зиндагӣ ва инъикоси «ҳазороҳанги андешаю эҳсосот», ифодаи нутқи саршори ҳиссиёту ҳаяҷони одамӣ, истифодаи тамоми ғановат ва қудрати сухани шоирона бо махсусияти таркиб, темп, ритм, интонатсияи шеър, ба таъбири дигар, аз «бойшавии мазмуни мундариҷаи шеър ба афзудани имконияти услубии шеър, интонатсия ва ритми он» зоҳир мешавад. Ба дарёфти муҳаққиқ «аз ин дидгоҳ ба поэтикаи шеъри муосир нигаристан яке аз роҳҳои маҳсулноки ҳалли ин масъала аст».

Ин бардошти мушоҳидакорона аз дарки хосаи имтизоҷи воқеии шеър ва замон дарак медиҳад, ки ритми шеър аз «пурраю барҷаста акс кунонидани гуногунӣ ва боигарии ритмҳои зиндагии мо ба даст омадааст». Ба ин маънӣ, ҷустани ритми шеър аз ритми зиндагӣ, дарёфти таносуби расои шеър аз таносуби зиндагии расо ғаризаи аслии таҳқиқии теъдоди каме аз ноқидони сарабин, аз ҷумла Аскар Ҳаким аст.

Ба назари мо, аз арзишҳои хуб ва вежагиҳои умдаи ин таълифоти илмӣ-интиқодӣ фаро гирифтани матолиби фаровони таърихиву назарӣ, огаҳии бештар аз осори адабиёти пурбору пурпаҳнои ҷаҳонӣ, ошноии усулӣ бо шеъри гузашта ва муосири форсӣ-тоҷикӣ, дар маҷмӯъ, кӯшиши ғаврҷӯйӣ дар нақди адабӣ ва даст ёфтан ба таҳлиле умқиву жарфӣ аст. Хушбахтона, ин гуна нақди равишманду усулӣ ва диди ноқидонаи мутамоизу мутафовит нақши шинами худро дар оинаи ҳастинамои адабиёт гузоштааст.

Аз эҷоди ноқиди борикбини сухан Аскар Ҳаким ва насли корозмуда ва барозандаи мунаққидони солҳои 70-80-уми садаи бисти тоҷик барои имрӯз ва имрӯзиён чӣ сабақеро метавон ба кор бурд? Аввалан, ин осор, ин шеваи таҳқиқ, ин наҳваи ҷустуҷӯ, ин тарзи гузориши қазия ва ин сабки матини нигориш барои ба таври хос ва равишманд сайқал ёфтани тафаккури насли нави ноқиду адабиётшинос мусоидат мекунад, ки бо вуҷуди пурбориаш, мутаассифона, насли нави адабпажӯҳ камтар ба ғавру кунҳи он мерасад.

Аз мутолиаи пайваста ва усулии осори ин ноқидони ҳирфаӣ ва аслҷӯйию сарабин чигунагии асолат ва воқеияти нақд ва пуштибонӣ аз рисолати ин ҳирфа равшан мешавад, ки дарку пайгирии он дар тарбияву парвариши завқи хосаи ноқидӣ хеле муҳимм хоҳад буд.

Ба василаи ин таълифоти пураҳаммият раванди таҳаввули нақд дар як давраи фарорафти фикрӣ ва махсусияти фитрии ин ҷодаи душворгузару пурхатар муқаррар хоҳад гашт.

*Дуктур Шамсулҳақи Ориёнфар,*
*Афғонистон*

# САРОИШГАРЕ БО ЗАБОНИ ФОХИР ВА БАЁНИ МЕЪЁР

(Ин нукот ба таърихи 16-уми садри 1390 дар толори донишгоҳи адабиёти Донишгоҳи миллии давлатии Тоҷикистон хитоб ба устодон, донишҷӯён ва шахси Аскар Ҳаким, ки меҳмони барномаи хирадмандони донишгоҳ буд, ироа гардид.)

Аскар Ҳаким сароишгарест, ки дар шеър ба забони фохир ва меъёру баёни расо даст ёфтааст. Шеъри Аскар Ҳаким аз авомзадагӣ мубаррост. Ӯ эҳсос ва ёфтаҳояшро бо забони меъёрӣ ва барин рақам мезанад. Ба гунаи ниёкон ва бар хилофи расми маъмули даврони шӯравӣ, дар вожагузинӣ васвос дорад ва дар қаламрави адаб вожаҳои кӯчаро, ки вежаи гуфту шунуди омиёна аст, роҳ намедиҳад. Аскар Ҳаким адиб аст, шоир аст ва дар сурудаҳояш намодгароӣ, мазмунёбӣ, масоили иҷтимоӣ ва фалсафию интиқодӣ ва андешаву тафаккур мавҷ мезанад.

**Забони фохир ва меъёрӣ:** Забони баёни Аскар Ҳаким, забони пироставу шуставу рӯфта аст. На танҳо аз ҳашву завоид мубаррост, ки аз инсиҷом ва таркибу сохтори устуворе бархӯрдор аст. Аз ин нигоҳ офаридаҳои Аскар Ҳаким метавонад, китоби омӯзишии хубе барои шогирдони мактабҳои Тоҷикистон, дар омӯзиши шеъру забон бошад:

*Ту будиву ману ин обшорон,*
*Суруди навбаҳору резаборон,*
*Насими раҳгузар шӯху парешон,*
*Парафшон мегузашт аз шохсорон.*

Аскар Ҳаким дар офаридаҳои нимоӣ низ ин тавоноиро бурӯз додааст:

*Хаёлам бол афшонад,*
*Ки аз дунёи пурташвиши бесомон фаро оям,*
*Дарунӣ сӯзаму берун кунам равшан,*
*Ба зарфи худ нагунҷам ман, ки бар сӯйи само оям.*

Ва ё дар шеъри «Дури дилхоҳ»:

*Раҳнаварде роҳ мепӯяд тани танҳо,*
*То расад як рӯз ё як шаб ба он манзил,*
*Ки сӯяш гом мебардорад ӯ беист.*

**Ёфтҳои нав:** Аскар Ҳаким дар талоши он нест, ки мафоҳими такрориро, ба гунаи дигарон баён намояд. Ӯ ҷустуҷӯ дорад дар миёни аносир ва ашё иртиботҳои наве дарёбад ва мафоҳим ва ёфтҳои наверо ироа диҳад. Навгароӣ ва нуктаёбӣ ва мазмунофаринӣ аз пешинаҳои дур дар шумори вазоиф ва рисолати шоирон унвон гардидааст. Ҳаким дар ин замина яди тавоное дорад. Ба чанд намуна таваҷҷуҳ намоед:

*Бегаҳ.*
*Шукуфта сад чамани лола дар уфуқ,*
*Хуршедро ба дил набувад хоҳиши сафар.*
*Шоҳи сипеҳр гар наравад дар канори шом,*
*Оё шавад арӯси шаб обистани саҳар.*

Ҳар кас дар бораи масхарабоз шояд сухане дошта бошад, сухани Аскар Ҳаким дар шеъри «Масхарабоз» аз нигоҳи дигар ва ёфти дигар аст...

Замоне ки мардонагӣ ва иззати нафсро баён меорад, нигоҳи наве ба шамъ дорад. Шамъи ӯ гирён нест, дар анҷуман хандон аст..., «ба рӯи марги худ хандида мирад».

**Баёни нав:** Аскар Ҳаким, ҳамчунонки дар мазмунёбӣ ва мафҳумофаринӣ, навгароӣ дорад, дар баёни нав ва навгароӣ дар сохтор ва фурми шеър низ дақиқ аст. Ӯ дар шеъри нимоӣ ва хурӯҷ аз доираи баёни классик, тавонмандона табъозмоӣ

мекунад. Офаридаҳое, ки мавзун аст, аммо тасовии тӯлии мисраъҳо, дигар яксон нест. Аскар Ҳаким дар ин гунаи баён воқеан тавоност ва баёнаш метавонад намунаи олии сароиши нимоӣ дар Тоҷикистон бошад:

*Чӣ сон хонам туро бар осмони орзуҳои гулобиранг,*
*Ки он ҷо кам нагардад партави уммеду армон*
*дар дили инсон,*
*Вале дар Хонаи пирони зори*
*рафта аз ёди писарҳошон*
*умеде нест,*

*Ба ҷуз уммеди осон гаштани мушкил –*
*Умеди мурдани осон.*

***«Чӣ эҳсоне?!»***

*Ману ин осмони тозарӯ ҳамрангу ҳамсонем,*
*Гаҳе абриву гаҳ беабру ниливу дурахшонем,*
*Ки аз меҳри ту хандонем,*
*Ки аз ҳаҷри ту гирёнем.*

***«Ману ин осмони тозарӯ...»***

*Дарё, маро бибахш,*
*Дарё, маро бибахш, агар модарам туӣ,*
*В-ар на бигӯй, модари ман аз табори кист?*
*Ман мавҷи рондаам, ки зи ту дур мондаам,*
*Дарё, маро бигир,*
*Дарё, маро бибар,*
*Ин шоири ғариб писарандари ту нест.*

***«Дарё, маро бигир...»***

*Розҳо дорам ба ту,*
*Бо туи ҳозир, ки шаб аз чашмҳо пинҳон*
*Бо мани танҳо сухан мегӯию*
*бо панҷаҳоям хома меронӣ,*
*То маро аз ман раҳо карда,*
*ба ҷойи ман ту мемонӣ.*

***«Пиндор»***

**Посдори забон ва фарҳанг: Ш**оирон дар ҳақиқат посдорони забон ва фарҳанганд. Аз он ҷое ки забон афзори кори шоир ва ҷонмояи фарҳанг аст, шоирон дар посдорӣ аз он тамоми ҳаму ами худро мутаваҷҷеҳ сохтаанд. Нигариш бар сурудаҳои Аскар Ҳаким низ ин аслро ба равшанӣ барметобад. Ӯ медонад, ки дар набуди забон, фарҳанг ва дарики (сиккаи тилло) сухан, миллатҳо нест мешаванд. Аз ин ҷост, ки мегӯяд:

*Ман зи таърихи башар дарёфтам ин нуктаро,*
*Гар забони халқ мирад, зинда мирад хосу ом...*

***«Забони тоҷикӣ»***

**Андеша ва озодӣ: А**скар Ҳаким шоири андешаварз ва озодигарост. Ӯ дар ҳама ҳол дар сурудаҳояш озодӣ ва раҳоиро наҷво мезанад. Бори озодиро дар масоил ва падидаҳо бозёбӣ мекунад ва аз ҳар заминае дар ростои баён ва асолати озодӣ сухан мегӯяд. Вақте ҳатто аз банд сухан мегӯяд, аз озодӣ гуфтааст:

*...Ғуссаи дилро физояд аспи кишанбанд,*
*К-асп натозад, шавад хари бекоре.*
*Домани ин дашт пойгоҳи умед аст,*
*Банд аст аспу куҷост шоҳсаворе?!*

***«Аспи кишанбанд»***

**Интиқоди иҷтимоӣ: Ш**еъри Аскар Ҳаким аз ин дидгоҳ шояд истисноӣ бошад. Дар низоми шӯравӣ ҷое барои интиқод вуҷуд надоштааст, бахусус низоми иҷтимоӣ ва муровадоти иҷтимоӣ, ки ҳама бояд зебову хубу нек таборуз дода мешуд. Шоир ва нависанда ва инсони шӯравӣ бояд комилан розӣ мебуд ва ҳама чизро мутобиқи дилхоҳ тамсил мекард. Аммо Аскар Ҳаким гап дорад. Нишоне аз эътироз ва исён дар суханонаш, масалан, дар шеърҳои «Шохоб», «Масхарабоз», равшан дида мешавад:

*Ту ба соле ду карат мешудӣ аз хеш бадар,*
*Шуста дар соҳили худ боғу чаманзорон беш.*
*Гарчи будам ҳама дам собиту сокит ба назар,*
*Бештар аз ту бадар рафтаам аз соҳили хеш.*

***«Шохоб»***

*«– Аҷабо, давраи каҷ дору марез,*
*Ин ҳама ростталаб каҷнигаҳанд.*
*Каҷдилу каҷраву каҷшин, каҷхез*
*Ҳар куҷо бинӣ агар, каҷкулаҳанд».*

***«Масхарабоз»***

Аскар Ҳаким бар занон ва озодии зан дар ҷомеаи шӯравӣ низ нигоҳи мутафовит дорад. Ӯ ҷомеаи он рӯзро биҳишти занон намедонад ва ба гунаи дигаре ба он назар дорад. Нигоҳе, ки дигар шоир ва андешаманд аз он дарича, ҳаргиз ба зан, дар он ҷомеа нигоҳ накардааст. Шеъри «Хазони умр» мисоли ин аст.

*Пирзан бо қомати хамгашта мерӯбад хазон*
*Аз азоне то азон.*
*Кӯчаҳоро мекунад аммо пур аз барги хазон*
*Боз ҳам боди вазон...*

Аскар Ҳаким дарди худро аз масоили иҷтимоӣ, пайваста баён медорад (шеъри «Чӣ кунам?!»).

**Андешаҳои фалсафӣ:** Аскар Ҳаким дар сурудаҳояш, дидгоҳҳо ва андешаҳои фалсафиву жарфро низ унвон намудааст. Намуде аз онро ба гунаи намуна, ки шеъри «Тифлаке афтону хезон мегузорад по» ном дорад, зикр мекунам ва хонандагонро ирҷоъ медиҳам ба матни сурудаҳои Аскар Ҳаким дар маҷмӯаҳои шоир ба хатти сирилик ва форсии дарӣ.

*Юрий Бобоев,*
*номзади илмҳои филологӣ*

## «ОДАМЕ МЕСОЗ АЗ ХУД ҲАР ДАМЕ»

Ҳусни сухани ҳар шоир агар якбора ба назар расад ё нарасад – ин аз розу ниёз ва асрори дилу ботини ӯст. Маълум аст, ки шахсияти шоир, ҳасби ҳолу малакаи ҳаётиаш, ки ба ҷаҳонбинии ӯ нуфузи бевосита дорад, дар кайфияти эҷодкорӣ ва хусусиятҳои бадеии осораш нақш нагузошта намемонад. Шеъри Аскар Ҳакимро батакрор ва бо диққат мутолиа намудан, ба оростагию умқияти маънию мазмуни он сар фурӯ бурдан мададгорест, ки ба сеҳри бадеияти вай зуд сарфаҳм рафта, ҳис кунед, ки завқу заковати ӯ дар идроки шоиронаи ҳаёти мардум ба кадом дараҷааст. Зеро қурбу манзалати ҳар як шоир, чунон ки дар Аскар мебинем, фақат дар тасвири набзу нафаси ҳаёт ва ҳақиқати зиндагӣ зоҳир мегардад. Бо назарписандии Ҷомӣ, «шеър обест зи сарчашмаи дил».

Омилҳои бадеӣ бояд тобеи ҷӯши синаи шоири замон ва навҷӯиҳои ӯ бошад. Дар ин роҳи наговарӣ Аскар танҳо набуда, ҳоло як идда шоирони ҳамсоли ӯ ва пайравонаш дар назм бо чунин равия равонанд. Шояд ки раванди дурушти рӯзгор, садамаҳои моддию маънавию ғоявӣ ва таҳаввулоти иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию мадании ҳозиразамон дар ин самт ҳидоят карда бошад.

Нависандаи машҳури рус шодравон Фёдор Абрамов аз бесарусомониҳои одамони беқадру беқиёс ва амалиёти номуносиби бисёриҳо дар ҷамъияти мо дилхаста шуда, дар осори чандҷилдааш катибае гузоштааст: «В человеке надо будить, будить человека». Оре, дар инсон бо тамоми нерӯ ҳиссиёти одамиро бедор кардан – ҳамоно доим дар пайи худшиносӣ ва худтарбиякунӣ будан, ба ташаккули рӯҳи ҷони худ шудан, худназораткунии ҳаррӯзаро тавассути маҳкамаи олӣ, ки ба инсон ато шудааст ва он **виҷдон** ном дорад, фаромӯш накардан, бисёр муҳимм аст.

Аскар Ҳаким дар ин мавзӯъ хуб гуфта:

*… Нест одамзода ҳоло одаме,*
*Одаме месоз аз худ ҳар даме.*
*Хешро аз нав бубояд офарид,*
*Ё зи шодӣ, ё ки аз дарду ғаме!...*

Аскар вазифаи муқаддаси шоирро дар эҳсоси хайру шарр хуб фаҳмида, дар ашъораш на фақат ба таблиғи яке ва бар алайҳи дигаре мубориза мебарад. Ӯ инчунин бисёр масъалаҳои азалию абадии ҳаётро ба колбади муҳокимаи фалсафӣ андохта, роҷеъ ба аслу моҳияти рӯзгор, сарватҳои маънавӣ, роҳи инкишофи таърихи халқ ва шахс дари мубоҳиса мекушояд.

Барои сохтани бинои шеъре, ки бар дил бархӯраду сӯзонаду созонад, як истеъдоди фитрӣ кам аст. Боз завқи омӯзиши муттасил ва меҳнати доимии ҷонӣ мебояд. Аскар чун дарки файзи шеър кард, бо вуҷуди он ки ба қавли ӯ, «меҳнати шоир агарчи меҳнати зиндонияст», дар қаламрави назм бо чунин «ҳикмати шомила» қадам гузошт.

Дар шеъри «Дуруд ба Фарзона» чунин мегӯяд:

*Кай зодаи куҳсор ҳама кӯҳнавард аст?*
*Кай чашмаи хуршед ба ҳар синаи сард аст?*
*Гар навъи башар зодаи ишқ асту гуноҳ аст,*
*Шоир зи азал зодаи дард аст, ки дард аст…*

*Аз банди дили ман аламу дард бихезад,*
*Кай бе ғами фардои ватан фард бихезад.*
*З-ин хок, ки бархост чунин духтари бебок,*
*Бошад, ки пагаҳ боз яке мард бихезад.*

Он марде, ки бо рӯшании сухани дилписандаш бар зидди мусибату бедодиҳои замони пуризтиробу дардманди мо ба ҳарбу зарб бархестааст, дар нахустин шеъри китоби «Рӯзи умед» - «Суруди фардо» дар мисоли мушаххас навид

медиҳад, ки чӣ гуна ӯ аз аламу озори ятимиаш як умр дилшикаста нашуда, барои бахту саодати дигарон дар муборизаҳои имрӯза саҳм мегузорад:

*Туӣ намонда ба ёд,*
*Ба ёди тифли худ, эй модари ҷавонмаргам,*
*Бихоб осуда, мабош ошуфта,*
*Ки даври баччагии ман чӣ гуна хоҳад буд,*
*Мани ятими туро меҳрубон кӣ хоҳад шуд,*
*Ба ман арӯс кӣ ҷӯяд, кӣ хостгор шавад,*
*Шаби нахусти арӯсӣ кӣ пардадор шавад…*
*Ту рӯҳи модари берӯзии ҷавонрафта,*
*Мабош ошуфта.*
*Ман охирини ятими замона хоҳам буд,*
*Ки шуд ба ҷанги башар волидайни ӯ нобуд…*

Тафсилоти ин маҳрумият – бемодарӣ дар бобҳои достони «Суфраи модар» ҳаллу фасл ёфта, хонандаро бештар ба сӯгвории дили шоир шарик месозад. Вале ӯ хотираи аламзадаашро дар ин ҷо низ бо оҳанги оптимистӣ анҷом дода, ба қалби хонандагон умеде бахшиданист:

*Дигар ба гӯш наояд ғиреву ғурриши тир,*
*Садои мурғи чаман ояду суми нахчир,*
*Ки дар ҷаҳони башар мерасад баҳори дигар,*
*Ба ҷои бонги хатар рӯзу рӯзгори дигар…*

Сахтию ниёзмандӣ, бародаркушӣ дар ҳаёти одамони шӯравӣ ваҳдатро ба ҷудоию парокандагӣ овард. Ин ногуворӣ ва дарду ҳузн аз риштаҳои нозуки дили шоир гузашта, ӯро ба ҳасрату надомат наоварда намонд, ки гуфт:

*Асри бист,*
*Эй хоксори пурғурур,*
*Гарчи инсон рафт то чархи барин,*
*Лек боз аз хавфи ҷангу заҳри нур*
*Мекашӣ ӯро ту дар қаъри замин!*

Нуқтаи назари Аскар Ҳаким дар интизории беҳрӯзӣ ва мулоҳизаҳои ӯ доир ба гардиши таърих, тағйироти сохти давлатии мамлакати ягонаи мо ва зиндагии халқи мо, ки гирифтори бесарусомонии сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маданӣ шуда, намедонад чӣ тавр аз ин бухрон наҷот ёбад, ба «ақоиди инкори инкор» комилан муносиб омадааст. Суханвар тавассути саволу хитобҳои нотиқона (риторикӣ) дар ин раванди парешонии тафаккуру тафаззул ва ҳарҷу марҷи рӯзгор аз андуҳу ноилоҷии омма хабар дода, ба дилу виҷдони масъулиятшиносон таъсир гузоштан мехоҳад:

*Мо кунун аз гузашта норозӣ,*
*Ним шодиву нимае дардем.*
*Расад акнун замони навсозӣ,*
*Лек худро куҷо дигар кардем?!*

*Сари парвоз шоҳини моро*
*Кӣ гирифту бубаст бо занҷир?*
*Ёбед имрӯз зомини моро*
*Ҷуз ҳамин зиндагониву тақдир.*

Дар урфият мегӯянд, ки «замона дигар гашту ман дигар гаштам». Мумкин ки чунин мулоҳизакорӣ як вақтҳо барои одамони саҳлангор формулаи амал буд. Ҳоло низ дар ҳаёти имрӯзаи мо ин гуна замонасозонро ёфтан душвор нест. Вале ашхос бояд бидонанд, ки бӯқаламун нестанд, ки дар ҳар ҳолати зиндагӣ пӯсти худро дигар созанд. Охир, ақида, ғоя, ҳисси ватанпарварӣ ва одамдӯстӣ, сарвати маънавӣ ва одобу ахлоқ чизе нест, ки онҳоро хариду фурӯхт ё ба онҳо бо назари бемасъулиятӣ ва ҳардамхаёлӣ нигарист. Ҳақ аст шоир:

*Нашканад то рӯзгоронат ба зери бори худ,*
*Шав замонбардӯш, то бошӣ сари дӯши замон.*
*Бо замонсозӣ насозӣ олами ҷовиди хеш,*
*Ҳар замонсозе шавад, охир фаромӯши замон.*

*Баски бошад одамӣ тандору ҷондори замон,*
*Рӯи дунё буданаш танҳо барои хеш нест.*
*Дарди хешу оламеро ӯ табобат мекунад,*
*Варна қадри одамизод аз ҷаве ҳам беш нест…*

Аскар Ҳаким дар бисёр шеърҳои гражданиаш перомуни макру ғадр, саъду наҳс ва мадду ҷазри зиндагии ҷамъият вазифадорию қадрдонии инсон ва принсипнокӣ андешаҳои барозанда меронад. Ин қабил осори ӯ бештар дар қолаби фалсафӣ ва панду андарз рехта шуда бошанд, лирикаи ишқӣ-маҳрамонааш аксар дар қолаби ҷиддию боороиш гунҷоиш ёфтааст.

Бубинед, дар пораи зайл, ки ҳаяҷони қалби ошиқ нисбат ба олиҳаи ҳусн, «луъбати дилафрӯз» бо чӣ услубе омадааст:

*Савоби зиндагиям ҷумла аз гуноҳи ту аст,*
*Дурусти зиндагиям саҳву иштибоҳи ту аст.*
*Ба осмони дили хеш бингарам шабҳо,*
*Ситораҳост, ки дар чашми хушнигоҳи ту аст.*
*Туро чу дар ҳама олам, наёфтам, бар дил*
*Назар афкандаму гуфтам, ки зодгоҳи ту аст.*

Санъати тазод, ки дар ин шеър ба пайравии сабки классикон омадааст, дар аксари ашъори маҳрамонаи Аскар мушоҳида мешавад. Дар тасвироти ишқ шоир бо изҳори як қасду ният маҳдуд намонда, ба густариши фикру андеша саъй менамояд. Таъбирҳои «ин ҷаҳони тазод», «ин ҷаҳони парешон», «осмони дил», «ситораҳои шаб» дар мавриду мавқеи худ корбаст шудаанд.

Қитъа, дубайтӣ ва рубоиҳои шоир ҳар кадоме як фикри комилу пухтаро чун ҳикмате ифода менамоянд.

Достонҳои Аскар Ҳаким аз ҳар хусус – чи аз ҷиҳати лафзу маънӣ ва чи шаклу ҳаҷм хоса мебошанд. Баъзеи онҳо мураббаъ ва баъзеашон ба шакли маснавӣ сохта шуда бошанд ҳам, аз ҷиҳати услуб, таъбиророӣ ба достонҳои

суннатӣ монандӣ надоранд. Ҳамаи достонҳои маҷмӯаи «Рӯзи умед» ба ҷуз «Талбаки талбидаам» ҳаҷман муҷазанд, вале ба мазмуну маъно комиланд. Ин жанри осори ӯ таҳти сарлавҳаи умумии «Достони Нону Имон» ҷамъ омада, асосан ба як мавзӯи муҳимму муқаддаси ҳозиразамонӣ – мавзӯи қадркунии нон, ҳосилоти мушкили кишоварзӣ, ки бо рашҳаи ҷигар ва арақи ҷабини деҳқон ба даст меоянд, бахшида шудааст. Дар кӯшиши шоир ин мавзӯи дилрас ҳарҷониба – тавассути ниёзмандию гуруснагӣ, серию пурии суфраи модар, ҷоннисорӣ ва худқурбониҳо ҳаллу фасл меёбад. Хонандаи ҷавон, бахусус аз мутолиаи ин сатрҳо сабақи назарию амалӣ бардошта, ба як таассуроти фаромӯшношудание доир ба қадршиносии нону намаки волидайн бармехӯрад. Инак, ҷамъбасти он.

*…Нон набудаст аз азал танҳо ғизои одамӣ,*
*Нон чун имон будаасту ҷонфизои одамӣ…*
*Ҳар гаҳе ки модари тоҷик мешӯрад хамир,*
*Гӯиё мешӯрад ӯ моро зи нав аслу замир…*

Дар байни 11 достони шоир «Талбаки талбидаам» мавқеи махсус дорад. Асар ҳамчун «навҳаи модар» ба қалам омада бошад ҳам, вале мазмуни он аз доираи бозгӯиҳои алами дил ва фироқномаи синаи афгори модар берун рафта, бори дигар аз эҳсосоти нозуки одамӣ, масъулиятшиносӣ, қадркунии нон ва меҳнати мушкили фаълаву деҳқон дарак медиҳад. Деҳқонбачаи одӣ, Талбаки даравгар дар ҳифзи гандумзори нопайдоканор, ки аз саҳлангорӣ ногаҳон даргирифтааст, барои «роҳбанди оташ шудан» девонавор бо белу каланд тасмае аз хок мекашад.

Сурату сирати Талбак ва ҷанги бетарсу бими ӯ бо алангаву оташ дар асар як хусусияти рамзии баҳодурони афсонавӣ гирифта, бо нерӯи нуфузи этикию эстетикӣ дарси зиндагӣ меомӯзад. Инсони софдилу ҳалолкори рӯи замин бо рафтору атвораш бояд дар ҳар қадам роҳнамои мардум бошад.

Дар бораи достонҳои Аскар Ҳаким ва навҷӯиҳои ӯ хеле гуфтан мумкин аст. Инро барои мақолаи дигар мавқуф гузошта, ҳоло қайд карданием, ки ӯ ба ҷуз китобҳои илмӣ ва шеъру достонҳо боз бо тарҷумаҳои батахассуси дилписанд мавриди таваҷҷуҳи хонандагон гардидааст. Агар М.Қаноат бо тарҷумаи зубдатарин сонетҳои Вилям Шекспири инглис, Лоиқ бо тарҷумаи пораҳое аз «Девони Ғарбу Шарқӣ»-и Иоҳан Ҳутеи олмонӣ қудрати истеъдод санҷида бошанд, Аскар Ҳаким бо тарҷумаи яке аз бобҳои шоҳкории Данте Алигери «Мазҳакаи илоҳӣ» - «Дӯзах» хонандаро ба намунаи адабиёти классикии итолиёвӣ шиносонидааст.

Аскар Ҳаким бо маҷмӯи ашъораш «Рӯзи умед» бо дарёфти ҷоизаи Рӯдакӣ одилона пешбарӣ шудааст, ҷамъулҷамъи эҷодиёти гуногунпаҳлуи олим, шоир, публисист ва ходими давлатии ҷамъиятӣ Аскар Ҳаким кайҳост, ки ӯро барозандаи унвони фахрии Лаурети мукофоти давлатии ба номи Рӯдакии ҷумҳурии Тоҷикистон гардонидаанд. Мо, ҳаводорони истеъдоди ӯ, чунин иқдомро ба хушӣ мепазирем.

***Соли 1992.***

*Салимшо Ҳалимшо,*
*шоир, муҳаққиқ*

## ДАФТАРИ ДОНИШИ АНДӮХТА ШӮЯМ ДАР ОБ

Шоир Аскар Ҳаким дониши андӯхтаи худро дар об шустан мехоҳад. Об, ё худ дарё, нахустин хона ва нахустин ватани инсон аст. Ва инсон бар об аз Моҳпоя омада. Дар забони санскритӣ Моҳпояро модархудои Сома низ гӯянд, ки тухмаи инсонро ва нӯшдоруи ҷовидониро нигаҳбон аст. Дар Ведоҳо омадааст, ки эзидон дергоҳе дар замин иқомат доштанд, нерӯи кайҳонии худро аз даст доданд. Барои боз нерӯи яздонӣ пайдо кардан онҳо ба роҳи ҷағ дегкашӣ аз оби Сагара (Яшикӯл) нӯшдоруи Амритаро ба даст оварданд. Аз ин ҷост, ки Аскар Ҳаким нигоштааст:

*Як замон хаймаи маҳ буд нахустин ватанам,*
*Ва ба он пайраҳаи нур,*
*ки дар байни маҳу дарёҳост,*
*Як шаб аз зодгаҳи маҳтобам*
*Омадам бар ватани дарёям.*

Ба мо аз «Матса Пуран» ва «Нараяна» маълум аст, ки обҳои муқаддас нишемангоҳи Вишну Нараян мебошанд. Офаридгор ва нигаҳдори олам Вишну бар рӯи оби муқаддас хоб аст. Аз ӯ нури ҷовидонӣ бар рӯи Марканде меборад. Ва ин манзара ва мазмуни достони ҷовидонӣ дар рӯи девори Панҷакенти қадим тасвир ёфтааст. Нахустин пайғамбари башар Зардушт аз соҳили Яшаи Ванкӯҳи Доитиё (Яшикӯл) – оби Ситоишгоҳ, оби ниёшгоҳ ва оби парастишгоҳ) бо зуҳури худ хитоб кард: «Дуруд ба мардони покдини Саразм». Саразм шаҳри панҷҳазорсолаест, дар шафати Панҷакенти қадима.

Дар «Авесто» омадааст, ки ҷаҳонро аз дурӯғ, аз хашм, аз ноҳақӣ зодагони обҳои муқаддас, Ушидар, Ушидармоҳ ва

Сушёнас наҷот медиҳанд. Бар соҳили оби Кансав ё Парздон духтаре фурӯд ояд ва тани худ шӯяд ва обистан шавад ва ӯ Ушидар, ки ба мардум бедардӣ ва бемаргӣ мебахшад ва Сушёнас, ки ду абзори мусиқӣ: рубоб ва говдум ба даст дорад, барои эҳёи олами яздонӣ бармехезад. Акси Сушёнас бо ду асбоби мусиқии эҳёкунанда дар кӯҳи Рубабони Лангари Ишкошими Бадахшон канда шудааст. Нақшаҳои рӯи сангӣ ё худ китобҳои сангӣ ба мо достонҳои зодагони обҳои муқаддасро ҳикоят мекунанд.

Зодагони обҳои муқаддас суханони муқаддасро бо асбоби мусиқии муқаддас месуруданд. Ҳамаи халқҳои Шарқ, хоҳ ҳиндӣ ва хоҳ эронӣ, хоҳ чинӣ ва хоҳ муғулӣ ва туркӣ, худро зодагони обҳои муқаддас медонанд. Шоирро дар забони ведоӣ риши гӯянд, ки беҳтарин сароянда ва навозанда ҳам аст. Вожаи пир барои тоҷикон муқаддас аст. Пир ва ё паирӣ нахустшоири кишвари обҳои муқаддас аст, ки бо мадади фариштаи обҳо Аноҳито нахусткайҳонаварди Ҳафт кишвар мешавад. Ва бо бахшоиши ӯ ба соҳили оби Рангаҳ (Рангкӯл) фуруд омадааст.

Аскар Ҳаким хонандаро бар аввалин хонаи башарият, бар соҳили обҳои эҳёкунанда мебарад. Бояд гӯям, ки достонҳо ва сурудҳои зодагони обҳои муқаддасро кӯҳҳо, деворҳо, обҳо ва асбоби мусиқии ҳалқҳои Шарқ ҳаргиз фаромӯш накардаанд. Мо суруди ӯро бар даргоҳи падарбузургони ӯ, ба даргоҳи Ӯшинасҳо, Сушёнасҳо ва Зардуштҳо ва Ришҳо ва Пирҳо мебарем, то онҳо ба дуруди набераи худ гӯш диҳанд. Ӯ худаш дафтари дониши худро дар ин оби муқаддас шустан мехоҳад.

Ва Аскар Ҳаким зодаи шаҳри бостонии мо, Хуҷанд аст. Вожаи Хуҷанд решаи худро аз вожаи санскритии аҷна мегирад ва маънои санскритии он парастишгоҳ ва ситоишгоҳ мебошад. Ва вожаи Аскар (яъне Аскара) асли худро аз номи қадими оби Сагара мегирад, ки зодаи оби муқаддасро маъно медиҳад. Мо дар шаҳри Кӯлоб оби муқаддасе дорем, ки Имом Аскара ном дорад. Ду маънои Аскараро, ки яке эҳёкунанда ва дигаре наврӯзро дорад,

хотирнишон мекунем. Дар «Осор-ул-боқия»-и Абӯрайҳони Берунӣ омадааст, ки аз пайғамбари Ислом Муҳаммад (с) пурсиданд: Аскара чист? Фармуд: «Аскара ҳазорон ҳастанд, ки бо борони лутф зинда шуданд ва аз ин рӯ аст, ки пошидани он аз он рӯз расм шуда».

Яъне Аскар маънои Наврӯзро ҳам дорад, ки пайғамбар гуфт: «Кош, ҳар рӯзи мо Наврӯз бошад». Аз ҳамин ҷост, ки таърихнависони Юнони қадим зодагони кишвари моро Сакоӣ, яъне зодагони обҳои муқаддас гуфтаанд.

Шоир Аскар Ҳаким достони худ «Санги ман – алмос»-ро бо ситоиши бародари худ, яъне дарахти сарбаланде, ки решааш аз оби муқаддас сабз аст, оғоз мекунад. Шоир мегӯяд:

*Ҳамчу бо хоҳаракам ҳарф занам бо чашма,*
*Ба сафедори сарафрохта гӯям, ки:*
*Салом, эй додар!*
*Гарм оғӯш кашам момаи пири тутам,*
*Сар ба санги сари сахти бачагиям ниҳаму*
*хоб равам,*
*Хезам,*
*атроф маро фарши гули зардолуст*
*Ва парасту созад лона ба шифти хона.*

*Як замон бому дари хонаи мо*
*Боми кафтарҳо буд.*
*Бом пар мезаду кур-кур мекард.*
*Бом мехонд*
*ва бом*
*Боми оҳангу наво буд ба қонуни саҳар…*

Ҳамин тавр, шоир агар дар банди аввал бо чашма, ҳамчун бо хоҳараки худ, бо фаришта ва модархудои об дар гуфтугӯ меояд ва дар мисраи оянда дарахти тутро ҳамчун модарбузурги худ мепазирад ва дар сояи меҳру шафқаташ ба хоби ширини тифлона меравад, ки кӯдакии сангинашро рӯ

ба рӯ меояд. Ва чун сар аз санги сахти кӯдакӣ бармедорад, ҷаҳонро ғарқи гули зардолу ва бому дари хонаҳоро бо лонаи парастуҳо дармеёбад.

Ва ин манзара, яъне бому дари хонаи шоир замоне боми кафтарҳо буд, ин манзараи зебо ва эҳсосоти шоирона, бо тасвирҳои сода, вале фалсафавӣ дар пеши назарамон кишвари ҷовидонӣ, Гирутумони паҳлавӣ ва Гирудемони (Авестоӣ), яъне хонаи рақсу суруд ё худ биҳишти забаринро ҷилвагар месозад. Кафтарҳо, дақиқтараш кабӯтарони сафед, ки бар боми хонаи давраи бачагияш ошёна доранд, ҳамон кабӯтаронро, ки роҳнамои равонҳои пок ва накӯкорон ба сӯи олами кабир ҳастанд, ба хотир меоваранд. Кафтарҳои рӯи бом моро ба биҳишти аҷдодиямон мебаранд. Рӯҳи нахустаҷдодонамонро кабӯтарҳо дар боли худ ба хонаи рақсу суруд мерасониданд. Аз «Авесто» ва адабиёти паҳлавӣ воқиф ҳастем, ки касе навозанда, созанда ва гӯянда, яъне сухансаро бошад, кубӯтарҳо равонашро бар боли худ рост ба боғи ҷовидона мерасонанд. Ва шоир Аскар Ҳаким дар рӯ ба рӯ бо олами аҷдоди худ ва ҷаҳоншиносӣ ва худшиносии онҳо вазифаи инсонии худ ва худи худро чунин дармеёбад ва мебинаду менигорад:

*Дӯстдори суханам,*
*Лона дорад ба кафам парри қалам.*
*Баски ҳам ишқ ба шудгори хазонӣ дорам*
*Ва дар ин дам, ки маро нест замину испор,*
*Рӯи марзи вараќи тоза қалам меронам,*
*Ки баногаҳ гияҳе сабз шавад,*
*гандум ё ҷав рӯяд*
*Ва аз он қитъаи шудгори қалам*
*ҳадди ақал*
*Мӯр бар хонаи худ дона кашад…*

*Лек, афсӯс, маро дар дафтар*
*Гоҳ-гоҳе на асал ҳасту на занбӯру на себ,*
*Фақат авроқи гули пажмурда-ст.*

*Хушам ояд,*
*Гар зулоли шабнам –*
*Ташнаи чашмаи нӯши хуршед –*
*Миннати барги гулеро накашад.*

*Хушам ояд,*
*Қатра донад, ки ба он ҳар дарёе дарёст,*
*Низ дарё, ки вай аз қатра бувад дарёе.*

*Чун шудам зода ба соли сагу бурҷи мизон,*
*Аз сагам меҳру вафо мерос аст*
*В-аз тарозуям дод асту адолатмандӣ.*

*Санги ман – алмос аст.*

Оре, дарё аз қатра дарёст. Асрори дарёро қатра медонад ва он ҳеҷ завол напазирад. Аскар Ҳаким нигошта, ки дар соли саг ва дар бурҷи мизон ба дунё омада, ки аз саг меҳру вафо ва аз бурҷи тарозуяш адолат ва дод мерос гирифтааст. Соли саг рамзи фариштаи Сарам аст. Сарам фариштаи сол аст ва нигаҳдории кишвари ҷовидонӣ дар назди офаридгор вазифаи ӯст. Фариштаи сол дар ҷаҳони гетуён дар сурати саг зоҳир мешавад. Ва боз Сарам исми авестоии писари Фаридун, ки дар забони форсӣ дар шакли Салм маъруф аст. Фаридун ду кишварро: Ворубараштӣ (Панҷакат) ва Воруҷараштӣ (Воруху Рӯмони Фарғонаро) ба писараш Сарам бахшид ва номи ин ду кишвар дар таърих ба номи Саразм шӯҳрат ёфт. Бостоншиносон таърихи Саразмро панҷҳазорсола донистаанд. Аз ҳамин ҷиҳат, соли мавлуди шоир ба ибтидо ё худ ба зодрӯзи миллат ва давлати бостони ӯ реша дорад. Ва бурҷашро шоир мизон мегӯяд. Ва маънии мизон фақат тарозуро надорад. Маънии дигари он санҷанда ва тақдиркунанда аст ва он бурҷи ҳафтум аз дувоздаҳ бурҷи фалак аст. Бурҷи Мизон ва Ҷавзо ва Давл ба бурҷи бодӣ тааллуқ доранд. Ва бодро дар забони авестоӣ Ром гӯянд.

Фариштаи Ром, ки бахшандаи ҳаёт аст, бо номи шаҳри бостонии мо Ҳарумон (Рӯмон) иртибот дорад. Ва шоир зодаи шаҳри фариштаи бодҳои ҳаётбахшанда, Ром аст, ки дар забони мо вожаи Ромон имрӯз Рӯмон шудааст. Дар лаҳҷаи мардуми Хуҷанд ва дар забони мардуми Шуғнон ҳарфи садоноки «**о**»-ро пеш аз ҳамсадои «**м**» ва «**н**» «**ӯ**» талаффуз кардан одати маъмулист. Масалан, шуғнониён бомро бӯм, нонро нӯн, хомро хӯм гӯянд.

«Санги ман – алмос» чунин ном ниҳодааст шоир достонашро ва алмос, аввалан, санги қимматбаҳост. Баъдан, алмос маъниҳои шамшер, раъду барқ, оби дидаро низ дорад. Ва алмоси фикрат маънии тезии фикр, бурроии ҷавҳари ақлро соҳиб аст. Ва санги фикрати шоир, истеъдоди шоир ва андешаи ӯ эҳсоси худшиносӣ ва ҷаҳоншиносии фарзанди кӯчакашро ба назарамон чунин ҷилвагар сохтааст:

*Ман набудам агар аз аҳли башар,*
*Бегумон*
*моҳии дарё будам.*
*Моҳӣ,*
*оё хабарат ҳаст, ки ояд аз моҳ.*
*Моҳӣ – аз Маҳ, яъне.*

*Духтарам, к-аввали бурҷи моҳӣ*
*ба ҷаҳон омадааст,*
*Рӯзе омад тозон,*
*(Он замон кӯдак буд)*
*Гуфт: «Додо, амакеро дидам дар кӯча,*
*Ба сараш лонаи кафтар мерафт*
*Ва ба оҳубара мегуфт сухан чун ба мо,*
*Моҳӣ аз рӯд ба ҳар як суханаш пар мезад».*

Манзара ва тасвири ниҳоят зебои шоирона, сатрҳои дар болооварда аз эҳсоси решаи худшиносӣ ва ҷаҳоншиносии шоир шаҳодат медиҳад. Дар забони ведоӣ фариштаи Моҳро Сом гӯянд. Гуфтем, ки дар соҳили Яшикӯл

кӯҳи ҳафтранги Сом ва Упайрӣ воқеъ аст, ки шабона мисли Ҳафтранг ё худ камони Рустам ва ё камони Сом дурахшандагӣ дорад. Дар соҳили ғарбии оби Яшикӯл ду кӯҳе дорем бо номи Мац ва Шалмац. Дар забонҳои авестоӣ ва ведӣ ҳарфи «**ц**» вуҷуд надорад. Ва Маҳро дар забони санскритӣ Маст ва дар забони шуғнӣ Мест ва дар забони русӣ Месяц гӯянд. Дар забони авестоӣ ва хусусан дар забони Готҳо Мас маънои бузургро дорад. Дар «Авесто» Мас ё худ Маҳ ва кӯҳи Мас нигаҳбони дудаи инсон ва ҷавҳари инсон мебошад. Моҳии муқаддаси Кара нигаҳбони обҳои муқаддас аст. Ва оби Каракӯл, кӯҳҳои Каракир, Карадир, Карокум, Қаротегин, Қаратоғ, Карадурум, ки гирдогирди Боми ҷаҳонро печонидаанд, аз нахустин зодгоҳи Сомониён, аз кӯҳи Сом ва фариштаи Сом шоҳиданд ва биниши духтарак аз дидани моҳӣ дар об аз эҳсоси решаи аҷдодӣ моро воқиф мегардонад.

Дар достони «Санги ман – алмос» лаҳзаи фоҷиаангези асри мо бо биниш ва дониши тоза ба қалам омадааст:

*Падарам зинда зи ҷанги ватанӣ бозомад,*
*Модарам шуд вале аз айби қаровул шабе*
*ин ҷой шаҳид,*
*Ки ба сар дошт хумори бода*
*Ва ба каф дасти туфанг.*

*Баъд*
*дар маҳкама*
*мегуфт ҳамон:*
*Чӣ кунам - айби арақ,*
*Чӣ кунам - ҷурми туфанг.*

Ва шоир заволи адолат ва ахлоқи рӯзҳои моро ба сабки саҳли мумтанеъ чунин ба тасвир оварда:

*Лек гоҳе аҷаб аст,*
*Ях кунад дил ба дами тафсонаш,*
*Ё зи бедодии сардаш сӯзад,*

*То яке зумраи нокора саворанд ба дӯши*
*инсоф,*
*Ҳамчу бар пушти харе.*
*Харсаворон ҳама якбора шуда «Ҷип»-савор.*
*Пои инсоф, ки ланг аст имрӯз,*
*Ланги инсоф нишинад бар «Ҷип».*

Модар сарчашмаи ҳаёти музаффар аст. Марги фоҷиавии модарро шоир бо рӯҳи эҳёкунанда, бо рамзи боридани барфи аз бомҳо баландтар ба риштаи тасвир кашидааст. Боридани борон ва барфҳо бар гӯри мурдагон рамзи эҳёшавии рӯҳи поки онҳо дар назди офаридгор аст. Манзараи эҳёшавии рӯҳи модар дар замин ва дар само бо андешаи аҷдодӣ чунин ба қалам омадааст:

*Модарамро, ки ба гӯристон*
*бурданд чу бод,*
*Барфи ғам меборид,*
*Ончунон авҷкунон, печзанон меборид,*
*Ки дарахтону хиёбонҳоро*
*сару бар мепечид.*
*Оламеро ҳама бо печиши худ мепечонд*
*Ва таҳи бистари худ мепӯшид.*
*Барфи поиндарӣ аз бом баландӣ мекард,*
*Барфи бом аз гардун.*
*В-аз замин то ба само буд кафанпӯш ҷаҳон...*

*Баъд аз он аст, ки мепиндорам,*
*Маргро роҳи сафеде ба ҷаҳони барфӣ.*

Табиат эҳёгар аст. Ин рӯҳи эҳёии онро мо дар маҳорати шоир эҳсос мекунем. Гуфтем, ки дар тахтасанги Лангари Бадахшон нақши эҳёкунандаи ҷаҳон Сушиёнас рӯ ба рӯи тулӯи офтоб бо ду абзори мусиқӣ: карнай ё сурнай ва рубоб ҷило медиҳад. Ва ин нақш фақат ёдгори санги кӯҳ нест.

Дар Хуҷанди мо ҳанӯз ҳар ҷашнро бо абзори эҳёкунандаи сурнай ва карнай истиқбол мегиранд. Ман дар навои сурнай ва карнай шеъри рӯҳбахшанда ва эҳёшавандаи шоирони тоҷикро мебинам. Аскар Ҳаким яке аз навозандагони ин суруди безавол гардидааст. Санги ӯ алмос аст, шамшер аст, вале ҷилобахшанда, раъду барқ аст, вале эҳёкунанда.

*Абдуссалом Самадов,*
*доктори фанҳои филологӣ, профессор, Самарқанд*

# АСКАР ҲАКИМ: «ШОИР ЗИ АЗАЛ ЗОДАИ ДАРД АСТ...»

Асари асили санъат ба ивази машаққати зиёди эҷодӣ ба дунё меояд. Дар ин бора фикри Соиби Табрезӣ ҷолиби диққат аст, ки ба осонӣ муяссар нашудани тасвири баландро ин тавр маънидод кардааст:

*Домани фикри баланд осон намеояд ба даст,*
*Сарв мепечад ба худ то мисрае мавзун кунад.*

Ҳақ асту рост. Сохтани бинои шеъре, ки ба дилҳо бармехӯраду месӯзонаду месозонад низ аз ин машаққатҳо холӣ намебошад. Барои офаридани ин гуна ашъор як истеъдоди фитрӣ кам аст. Боз завқи баланд, меҳнати бардавом лозим аст. Ашъори шоири хушбин Аскар Ҳаким дар ҳамин поя офарида мешаванду дар назми муосири тоҷик қадру манзалати ба худ хосеро соҳиб мешаванд.

Одатан ҳусни сухани эҷодкорро аз розу ниёз ва асрори дилу ботини ӯ медонанд. Зеро шахсияти шоир, маҳорати эҷодии ӯ, ки бо ҷаҳонбиниаш вобастагии ногусастанӣ дорад, дар кайфияти эҷодкорӣ ва хусусиятҳои бадеии осораш нақши худро мегузорад. Ин аст, ки шеъри Аскар Ҳакимро батакрор мутолиа менамояму ба сухангустарӣ, умқи маънию мазмуни ҳаётӣ, сеҳри бадеияти вай мафтун мегардам. Аз завқу заковати ӯ дар идроки шоиронаи ҳаёти мардум ба ҳайрат меоям, дарк мекунам, ки шоир дар тасвири набзу нафаси ҳаёт ва ҳақиқати зиндагӣ заҳмати беандоза мекашад. Бори дигар ба ҳаққонияти ин суханҳои Ҷомӣ: «шеър обест зи сарчашмаи дил» бовар мекунам.

Аскар Ҳаким дар шеъри худ аз бесарусомониҳои одамони қадрношинос ва амали номуносиби онҳо сухани дардомез мегӯяд. Тариқи ин гуна шеърҳо кӯшиш мекунад, ки

дар инсон бо тамоми нерӯ ҳиссиёти одамиро бедор намояд, дар пайи худшиносӣ ва худтарбиякунӣ буданро талқин кунад. Ба ақидаи шоир суханвар бо ин роҳ ба ташаккули рӯҳу ҷони хонанда ҳисса мегузорад. Дар ин бора ӯ хуб мегӯяд:

*...Нест одамзода ҳоло одаме,*
*Одаме месоз аз худ ҳар даме.*
*Хешро аз нав бубояд офарид*
*Ё зи шодӣ, ё ки аз дарду ғаме!*

Аскар Ҳаким вазифаи муқаддаси эҷодкорро дар эҳсоси хайру шарр мебинад. Шоир дар эҷодаш на фақат ба муборизаи яке аз онҳо бар алайҳи дигаре эътибор медиҳад, балки боз бисёр масъалаҳои азалию абадии ҳаётро ба доираи муҳокимаи фалсафӣ андохта, роҷеъ ба аслу моҳияти рӯзгор, сарватҳои маънавӣ ва муаммоҳои инсону ҷамъият андеша меронад. Аз ин рӯ шеъри шоир ба дилҳо бармехӯраду қудрати офаридгорӣ касб мекунад.

Шоир дар шеъри «Дуруд ба Фарзона» чунин андеша меронад:

*Кай зодаи кӯҳсор ҳама куҳнавард аст?*
*Кай чашмаи хуршед ба ҳар синаи сард аст?*
*Гар навъи башар зодаи ишқ асту гуноҳ аст,*
*Шоир зи азал зодаи дард аст, ки дард аст...*

*Аз банди дили ман аламу дард бихезад,*
*Кай бе ғами фардои ватан фард бихезад.*
*З-ин хок, ки бархост чунин духтари бебок,*
*Бошад, ки пагаҳ боз яке мард бихезад.*

Имрӯзҳо мо дар замони мушкилу пурфоҷиа умр ба сар мебарем. Ин айём аз эҷодкор беш аз пеш талаб мекунад, ки ба зиндагӣ назари тозаю амиқ дошта, ба муаммоҳои имрӯзу фардои мардум ҳозирҷавоб бошад, аз рӯйи ошкоргӯӣ,

адолатхоҳӣ ва тафаккури нав асар офарад. Зеро пӯшида нест, ки хонандаи имрӯза дигар тоқати дурӯғҳои ҳақиқатнамо, ҳақиқатҳои дурӯғинро надорад. Вай аз эҷодкор офаридаҳои бо кору бор, эҳсосу андешаи худ ҳампайвандро умедвор аст. Хушбахтона, аз ин тақозои давру замон Аскар Ҳаким низ ҳамчун шоири эҳсоси иҷтимоиаш фаъол дар канор намебошад. Китобҳои шеърии ӯ низ дар ҳамин поя ва рӯҳия эҷод шудааст. Ин аст, ки қаҳрамони лирикии яке аз шеърҳои шоир чунин андеша дорад:

*Одаму олам кунун ҳамқисматанд,*
*Ҳар касе имрӯз соҳиболам аст.*
*Соҳиби олам агар одам бувад,*
*Бошадаш гар дарди олам, одам аст.*

Китоби «Рӯзи умед» (Душанбе: Адиб, 1990) аз чандин бахши ашъор ва «Достони Нону Имон» мураттаб гаштааст. Дар бахши «Шохоб» шеърҳои «Суруди фардо», «Таънаи фаришта», «Армон», «Решаи табархӯрда», «Асри бист», «Бонги ғазаб» ва дигарҳо гирд омадаанд, ки рӯҳу оҳанги тозаи гражданию публисистӣ доранд. Аз онҳо бӯйи замони нав, дигаргуниҳои тозаи иҷтимоӣ ба машом мерасад. Шоир дар саросари ин силсила мақсад кардааст, ки аз навгониҳои рӯзгор, аз тафаккуру маънавиёти нави мардум сухан кунад. Ин аст, ки шеъри аввали китоб «Суруди фардо» бо ҳамин ният оғоз ёфта, бо ҳамин ният анҷом меёбад:

*Ту, рӯҳи модари бебахти ман, бибош ором,*
*Ки аз баҳори наве ман ба мардуми айём*
*Дуруд хоҳам гуфт,*
*Суруд хоҳам гуфт.*

Оре, шеър нусхаи дилу нияти эҷодкори он аст. Агар ҷиҳати воқеии он пурқувват бошад, он болу пар мекушояд. Бахши ашъори «Шохоб» маҳз бо ҳамин хусусияти худ

писанди хонанда мегардад. Қаҳрамони лирикии шеъри «Таънаи фаришта» аз таънаву маломати фариштаи осмонӣ оид ба одамони беэътиқоду бепарво, худнамову ғафлатгаро, ришвахору шиорбоз, мансабпарасту мунофиқ ба андеша меафтад, аз таънаҳои талх гузашт кардани фариштаро мепурсад. Вайро ба замин даъват сохта, ҳамчун одам дар байни одамон зиндагӣ карданашро хоҳон мешавад. Касодии маънавӣ, паст гардидани қадру қимати инсон дар шеъри «Армон» низ басо мутаассиркунанда ба қалам омадааст. Қаҳрамони лирикии шеър бисёр мехоҳад шоири базму дуруд бошад, аммо дарду муаммоҳои замон ӯро ба фикру андеша водор месозанд. Оид ба деҳқони меҳнаткаше, ки аз саҳар то нимашаб пахтаашро мепарвараду худ пасоби заҳрии майдони дорудодаашро менӯшад ва занаш аз заҳри доруи майдонҳои пахта фарзанди ба дунё наомадаашро мепартояд, таассуф мехӯрад. Аз ГЭС-и Норак фахр мекунад, аммо рӯзгори тоҷике, ки «шоми худро мекунад бо дуд рӯз» ё дигар рӯйдодҳои пуртазоди замони мо дарду аламашро дучанд мекунанд.

Аскар Ҳаким ба муаммоҳои иҷтимоӣ, алалхусус муаммоҳои муҳимми рӯз, таваҷҷуҳи зиёд дорад. Шеърҳое, ки ӯ дар ин мавзӯъ офаридааст, ҳикматомезанд. Ба ин маънӣ, бисёре аз ашъори шоир ба монанди «Шеъри воло», «Ҷанги охирин», «Гарди имон», «Тутзори Азим», «Рӯҷӯи Севак» ва ғайра аз мушоҳидаҳои рӯзгор ва рӯйдодҳои зиндагӣ ба майдон омадаанд. Дар онҳо паҳлуҳои гуногуни зиндагии инсон ва маънавиёти он ба қалам гирифта шудааст. Рӯҳи гражданӣ, самимияти баён ин қабил ашъори шоирро хотирнишину хушоҳанг кардаанд. Чунончи, дар «Тутзори Азим» аз тутзори калони Сорбоғ и Ғарм сухан меравад, ки онро замоне Азим-девона ном касе бунёд кардаасту ҳоло ҳам сабз мебошад. Муаллиф бо ин тасвири шоирона одамонро ба некӣ, табиатдӯстӣ даъват мекунаду аз ҳиммати Азим-девона меболад:

*Дили шӯридаро обу адо кард,*
*Ки охир Сорбоғашро кунад боғ .*

*Вай инро чун дуо такрор мекард:*
*Зи неке боғ монад, аз баде доғ !*

*Ба он бегона ҳасрат мебарам ман,*
*Зиҳӣ ин сон ғарибӣ, эй ватандор!*
*«Вафо аз одами девона хезад»,*
*Зиҳӣ девонагӣ, эй марди ҳушёр!*

Ватан мафҳуми хеле васеъ ва доманадорест. Он аз остонаи хона оғоз ёфта, тамоми зодгоҳу кишварро дар бар мегирад. Ин аст, ки он ба маънои кулл ва ҷузъ дар ашъори шоир рангу бӯйи тозае гирифтааст. Дар китоб шеърҳое ҳастанд, ки аз ғояҳои ватандӯстӣ саршоранд: «Тоҷикистон», «Ватан», «Шеъри Ватан», «Забони тоҷикӣ», «Номбардори Ватан», «Падруди Варзоб» ва амсоли инҳо. Дар онҳо шоир аз обу хоки зодгоҳи худ, одамони сарбаланду меҳнатқаринаш меболад:

*Хоки одамро, ки шӯриданд бо хоки Ватан,*
*То абад аз ӯ намегардад ҷудо хоки Ватан,*
*Пур шавад рӯзаш, кашад сӯяш варо хоки Ватан,*
*Баски ҳаст ӯ з- обу хоку оташу боди Ватан.*

Пӯшида нест, ки таърих барои шоир минбар аст. Ӯ аз баландии он ба дарду муаммои замон менигарад, ҳақиқату дурӯғро, адолату зулмро, неку бадро аз ҳам ҷудо месозад. Аз ин лиҳоз шеърҳои «Офтоби хуншор», «Ғуссаи Хуҷанд», «Друд ба Фарзона» махсусан ҷолиби диққатанд. Ин аст, ки дар шеъри «Офтоби хуншор» шоир аз факти таърихӣ – 75 чӯб кӯфта шудани устод Айнӣ сухани шоирона карда, ин воқеаро бо рӯзгори имрӯза пайваст менамояд, бар зидди торикию зулмот мехезад, аз нерӯи инсон сухан мекунад. Ин гуна шеърҳои баландмазмун хонандаро ба фикр кардан, андеша рондан водор месозанд, меҳру муҳаббати ӯро нисбати халқу Ватан зиёд мекунанд.

Чунонки дар тамоми назми Аскар Ҳаким дида мешавад, дар ин маҷмӯа низ ишқияҳо мақоми хосе доранд. Ин шеърҳо дар бахши махсуси «Ту маро мешунавӣ?» гирд омадаанд. Ашъори ин бахш гуворою дилангез буда, аз тахайюлоти бою рангини шоир дарак медиҳанд. Қаҳрамони лирикии он чун шахси ҳалиму меҳрубон ҳассосу рангинхаёл пеши назар ҷилвагар мегардад. Вай ошиқест, ки муҳаббати софи инсониро асоси ҳастӣ мешуморад:

*Ту маро мешунавӣ?*
*Саҳар оӣ сари сарчашма ба об,*
*Нигарӣ ҳалқарави мавҷи маҳин,*
*Шунавӣ гӯшакии обу алаф,*
*Даме эҳсос кунӣ набзи замин,*
*Дар миёни ҳама ин муъҷизаи арзу само*
*Ту маро мешунавӣ?*

Дар ишқияҳои шоир ишқ басо рангину муъҷизаосост. Ишқ чароғест, ки роҳи одамиро пурнур месозад, олами ӯро мусаффою мунаққаш мегардонад. Қувваест, ки ӯро аз роҳи хатои носазо берун месозад. Ишқ болест, ки парвоз мебахшад. Ишқ дардест, ки гирифторашро одамшиносӣ меомӯзад. Ин маънӣ дар ишқияҳои Аскар Ҳаким пуртаъсир ифода ёфтаанд. Чунончи, дар шеъри «Дилам гум мезанад» файзу назокати ишқ ин тавр баён шудааст:

*Мерасӣ бар ёди ман ҳар гаҳ, дилам гум мезанад,*
*В-ар зи ёдам меравӣ ногаҳ, дилам гум мезанад.*
*Ман ба ҷойи ҷони худ ҷони туро мепарварам,*
*Чун зи ҷонам мешавам огаҳ, дилам гум мезанад.*

Ин сатрҳо ҳастӣ ва дили пурармони қаҳрамони лирикиро пеши назар меоварад, ки дар ниҳодаш ишқ офтобесту ба вай ҷон ато мекунад. Ҳамин аст, ки шодию фараҳ, ғаму андуҳи қаҳрамони лирикӣ аз ишқ аст. Ишқе, ки

шоир тараннум месозад, заминию самимист ва гарму нарм аст. Аз ин ҷост, ки ин гуна ашъор хонандаро ба поку беолоиш нигаҳ доштани он даъват месозад.

Дигар аз хусусиятҳои назарраси ашъори Аскар Ҳаким манзаранигорӣ аст. Аз мутолиаи ашъори ӯ манзараҳои рангину мушаххас пеши назар ҷилвагар мегарданд, ки дар айни замон бо ҳиссиёту руҳияи қаҳрамони лирикӣ сахт марбутанд. Масалан, шеъри «Афсонаи шаб», ки асоси онро ҳиссиёти баланди шоир аз дидани ҷамоли духтари нозанине дар нимашаб ташкил кардааст, бо чунин банд оғоз меёбад:

*Духтар аз пайроҳа бар соҳил фуромад,*
*Гӯиё маҳтоб дар дарё даромад.*
*Мӯйҳояшро ба рӯйи мавҷҳо партофт,*
*Мавҷро бо мӯйҳояш тофт.*

«Достони Нону Имон» аз бобҳои гуногун фароҳам омадааст. Мавзӯи асосии он аз неъматҳои муқаддас будани нону имон аст. Ин аст, ки шоир дар қисматҳои ба ҳам аз ҷиҳати мантиқӣ мустаҳкам алоқаманд нону имонро тавсиф мекунад, ба ҳам сахт марбут будани онҳоро таъкид месозад:

*Дони гандумро кунад гар зери по нобуд кас,*
*Мекунад худро яқин аз ин ҷаҳон мардуд кас.*

Бобҳои «Ҷоннисор», «Дар музеи гандум», «Талбаки талбидаам», «Тахтасанги гушнагӣ», «Дар ҳисори гушнагӣ» ва дигарҳо низ асоси воқеӣ дошта, аз фикру андешаҳои бикр бой ҳастанд. Дар онҳо дар асоси воқеаҳои ҳаётӣ қадру қимати нон басо назаррас ва таъсирбахш ба қалам гирифта шудааст. Тасвиру тавсифи қаҳрамонписари тоҷик Фатҳулло Аҳмадов дар майдони ҷанг, фикру андешаҳои қаҳрамони лирикӣ дар музеи гандуми шаҳри Улми Германия, ғаму андуҳи модари Талбак ном ҷавони данғарагие, ки ҳангоми аз сӯхтор наҷот додани гандумзори колхоз қаҳрамонона ҳалок шудааст, ғаму андуҳи Таня ном духтараки ленинградие, ки

дар солҳои ҷанг аз гуруснагӣ беҳолу бемадор ба падари сарбозаш мактуб навиштааст ва дигарҳо аз лаҳзаҳои фаромӯшнашавандаи достон мебошанд. Аз мутолиаи достон бармеояд, ки шоир ба таҳлилу хулосаҳои ҳаётӣ бештар майл пайдо карда, фикру андешаҳои шоиронаи худро бо рӯҳи гуманистию некбинона ифода намуда тавонистааст.

Масъалаи шаклҳои шеърӣ ва бадеияти маҷмӯаи ашъори «Рӯзи умед» низ диққатҷалбкунанда аст. Шеърҳои маҷмӯа дар шаклҳои мураббаъ, мухаммас, мусаддас, маснавӣ, ғазал, рубоӣ таълиф шуда, баъзеашон ба шаклҳои анъанавӣ мутобиқ нестанд. Дар байни ин шаклҳо мураббаъ, рубоӣ ҷойи асосиро ишғол кардааст. Ҳамчунин кор фармудани шаклҳои омехта, дарозу кутаҳ сохтани мисраъҳо, наовардани қофия ва монанди ин таҷрибаҳо натиҷаҳои хуб додааст. Забони соддаю равон ва аз бадеият бой ба ҳусни шеъри шоир ҳусни тозае зам кардаанд. Инчунин аз бисёр ҷиҳат фазилати шеъри шоирро ибораороии ӯ муайян кардааст. Дар маҷмӯа ибораҳои ҷолиби диққат бисёранд, ки чандтои онро чун намуна зикр менамоем: «косаи чашмони лабрез», «модархудо», «санги кин», «шамси тозарӯ», «мири ғазаб», «ҳалқарави мавҷи маҳин», «решаи табархӯрда», «мисраи тар», «зиндагии садрӯя», «абри матир», «гули тармарг» ва ғайра.

Хулоса, мавзӯъ ва муҳтавои китоби шеърии «Рӯзи умед» васеъ ва гуногун аст. Ашъори он дар мавзӯъҳои роиҷтарини адабиёти муосир офарида шудаанд. Эҷодкораш дастагуле барои хонанда омода сохтааст, ки нақши хоса ва биниши тозае дорад. Бахшҳои «Хӯшаи сабз», «Резавор», «Ишқу армон» низ далели ҳамин фикранд. Онҳо низ хонданианд ва аз сабки хосу ҷустуҷӯҳои навини шеъргӯии Аскар Ҳаким башорат медиҳанд. Ҳамаи ин бори дигар гувоҳи онанд, ки Аскар Ҳаким шоири баркамол асту ӯ қудрат дорад, ки адабиёти имрӯзаи тоҷикро бо асарҳои барҷаста бой гардонад.

*Бахтиёр Муртазоев,*
*адиб, мутарҷим*

# МЕВАЕ АЗ ШОХАИ ШЕЪРИ БАЛАНД
## (Данте Алигери, «Мазҳакаи илоҳӣ», «Дӯзах», тарҷумаи Аскар Ҳаким)

*Бишнав, эй Илҳом, ин ҳарфу сухан!*
*Ҳам зи ту мехоҳам, эй ақли наҷиб,*
*З-он чӣ дидам, кун музайян шеъри ман.*

Чунин мегӯяд сухансарои бузурги қарни чаҳордаҳи Флуронси Итолиё – Данте Алигери дар шоҳасари худ «Мазҳакаи илоҳӣ». Алҳақ, олиҳаи Илҳом ба имдоди шоири нобиға расида, куллияи он чиро ки ӯ ба шарофати ақли наҷиби хеш мушоҳида кардаву дида, ба пироҳани шеъри гаронмоя ва баландпояаш тарҳҳои ҷовидонӣ ва зебо кашидааст. Бузургони олами шеъру фарҳанг Дантеро дар силки номҳои мардони бонубуғат – Ҳомер, Фирдавсӣ, Шекспир ва Рафаэл мансуб донистаанд. Аз ин силсила сарнавишти Данте ва сухангустари Тӯсӣ то дараҷае ба якдигар монандӣ дорад. Ҳар дуи ин шоирони вологуҳар дар зиндагӣ таҳти таъқиб қарор доштаанд ва аҷибаш он ки ҳар ду ҳам бо як асари худашон – шоири итолиёвӣ бо «Мазҳакаи илоҳӣ» ва ҳаким Фирдавсӣ бо «Шоҳнома» дар сафҳаи офоқ умри безаволӣ ёфтаанд…

Воқеаи масарратбахши фарҳангии республикаи мост, ки чанде қабл қисми аввали «Мазҳакаи илоҳӣ» - «Дӯзах» ба қалами Аскар Ҳаким тарҷума гашта, аз тарафи нашриёти «Адиб» дар шакли китоби алоҳида ба табъ расид. Чӣ тавре Аскар Ҳаким доир ба интишороту маъруфияти «Мазҳакаи илоҳӣ» дар охирсухани китоб қайд менамояд (зимнан, тавзеҳоти китобро низ мутарҷим ба килки таҳқиқ кашидааст), дар бораи як худи қисмати «Дӯзах»-и ин асар, ки аз 4720 мисраъ иборат аст, ба забонҳои гуногуни дунё наздик ба сад ҳазор шарҳу тафсир, китобу рисола, мақолаву

таҳқиқот ба қалам омадааст. Оид ба худи «Мазҳакаи илоҳӣ» бошад, қариб 10 ҳазор ҷилд китоб таълиф ва он қариб ҳаштсад маротиба ба забонҳои мухталиф баргардонда шудааст.

Қаблан бояд гуфт, ки мутарҷим ба чунин кори пурзаҳмат, гарон ва бомасъулият камар баста, як силсила тадқиқоти дантешиносони рус ва советиро муфассал омӯхтааст. Тавре ки пеши аҳли адаб аён аст, бидуни ин амали муҳаққиқӣ ба кори тарҷума даст задан маҳол аст, зеро тарҷумонӣ худ пеш аз ҳама, кори тадқиқотист. Таърихи дантешиносии рус ва советӣ басо ғанист. Дар он ба тӯли тақрибан дусад соли охир ду ҳазор тадқиқоти хурду калон навишта шудааст, ки зиёда аз ҳаштсад номгӯи он ба давраи советӣ тааллуқ дорад. Бештар аз ҳафтод шоиру тарҷумон ба тарҷумаи пурра ва нопурраи асарҳои Данте ва асосан «Мазҳакаи илоҳӣ» машғул шудааст. Мутарҷим Аскар Ҳаким ба арзи солиёни дароз бештари ин асарҳои муҳаққиқин ва тарҷумаҳои мухталифи мутарҷимини давру солҳои гуногунро бо ҳавсалаи том омӯхта, муқобалаю муқоиса намудааст. Илми дантешиносӣ хоса дар даврони мо рушди зиёда кардааст. Чӣ тавре ки маълум аст, аз соли 1966 дар Шӯрои илмии таъриху фарҳанги ҷаҳонии Академияи илмҳои СССР комиссияи доимии дантешиносӣ амал мекунад. Ин комиссия аллакай шаш ҷилд асарҳои муҳаққиқии силсилаи «дантешиносӣ»-ро интишор додааст. Дар ҳамин ҷилдҳо тарҷумаи тозаи «Мазҳакаи илоҳӣ», ки ба қалами олим ва мутарҷим А.Илюшин мансуб аст, пай дар ҳам чоп шудан дорад. Ин дар қатори тарҷумаи машҳуру маъруфи М. Лозинский кӯшиши бори дигар ба ин асари безавол амиқан сар фурӯ бурдан аст.

Сухансарои бузурги итолиёвӣ дар «Мазҳакаи илоҳӣ» сафари хаёлии худро ба он дунё менигорад. Сафари хаёлии Данте ба дӯзахи нуҳтабақа аз роҳгум шуданаш дар бешазори торе оғоз гашта, бо роҳнамои хирадмандаш – шоири бузурги Рум – Верҷил сурат мегирад:

*«Верҷил астӣ, чашмаи беинтиҳо,*
*Он ки шеъраш рафт aқсои ҷаҳон?*
*Гуфтам ӯро сархам аз шарму ҳаё, –*

*...Будиям устод назди хосу ом,*
*Аз ту меросам расидаст ин ҳунар,*
*Ин ҳиҷои олию сеҳри калом.*

*Танг карда ҳолам ин ҳайвон, нигар!*
*Эй ту пайғамбар, маро имдод кун,*
*Мӯ ба мӯ ларзам ман аз хавфу хатар!»*

Килки тасвири Данте чунон ҳам мӯшикоф ва муҷазбаён аст, ки хонанда дарҳол сафари хаёлӣ будани онро фаромӯш мекунад ва ба ӯ комилан эътимод баста, чунин мепиндорад, ки он табақаҳои дӯзах ва марҳилаҳои он дунёро ҳамроҳи Данте ва Верҷил мепаймуда бошад, тамоми ҷузъиёти роҳ, тағйирёбии ранги хок, нишебию фарозиҳо, нардбону харсангҳо, пайроҳаю гузаргоҳҳо ва ҷумлаи он гунаҳгорону азобу аноҳоро ба чашми худ мебинад. «Дӯзах»-и Данте мисоли қифе мебошад, ки табақа то табақа тангтар мешавад ва табақаи нуҳуми он поинтарин буда, ба маркази замин мерасад. Ҳар табақа поинтар аст, гуноҳ бузург ва азоб ҳамон қадар ҷонгудозтар мешавад.

Азбаски Данте дар асари «Мазҳакаи илоҳӣ» сафари хаёлии худро ба он дунё тасвир намуда, зимни ин сафар ҳадафашро бар лавҳи баён кашидааст ва дар адабиёти башарӣ ин усули адабӣ собиқаи зиёде дошт, бинобар ин, мутарҷим чунин асарҳои муаллифони Ғарбу Шарқро амиқан ғавр ва мутолиа кардааст. Маъруфтарини ин қабил асарҳо дар ғарб – «Одиссея»-и Ҳомер, «Энейнома»-и Верҷил (зимнан Данте ба он дунё ҳамроҳи ҳамин адиби бузурги пешинзамон сафари хаёлӣ мекунад) ва дар Шарқ «Сайр-ул-ибод-ал-маод»-и Саноии Ғазнавӣ, «Рисолат-ул-ғуфрон»-и Абул Ало-ал-Мааррӣ будаанд, ки аз назари мутарҷим дур намондаанд. Ҳамчунин китоби мазҳабии зардуштӣ –

«Ардовирофнома»-и паҳлавӣ, ки ҳазор сол пеш аз Данте эҷод гардидааст, эҳтимол нисбат ба ҳамаи асарҳои дигар ба «Мазҳакаи илоҳӣ» ва қисми «Дӯзах»-и он шабоҳати наздиктаре дошта бошад. Чӣ хеле ки Аскар Ҳаким дар охирсухан хотирнишон месозад, «Мазҳакаи илоҳӣ» аз рӯи моҳият, мазмунҳои пандомӯз, фаро гирифтани соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва маънавии замонаш, ҳикояту ривоят ва асотирҳо дар адабиёти классикии мо ба «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ бештар қаробат дорад». Бинобар он тарҷумон роҳи дуруст интихоб намуда, зимни кор ҳамеша «Маснавӣ»-ро зери назар доштааст. Агарчи дар тарҷума шакли шеърии «Мазҳакаи илоҳӣ» бандҳои мусалласро комилан риоя намуда бошад вазну оҳанги «Маснавӣ» ба ӯ басо илҳом бахшидааст.

Гуфтаанд, ки Данте «Мазҳакаи илоҳӣ»-ро дар бадали чаҳордаҳ сол эҷод кардааст. Мутарҷим дар баргардондани танҳо қисмати «Дӯзах»-и он тақрибан ҳамин қадар вақт сарф намуда, ин шоҳкори адабиёти оламро ба таври шоиста бо лафзи тоҷикӣ ороставу перостааст. Барои исботи ин далел ба мисраъҳои зерин таваҷҷуҳ фармоед.

*Лоҷарам гуфт ӯ: «Агар з-ин шохаҳо*
*Бишканӣ ту шохаи кӯчактаре,*
*Аз гумон озод гардӣ ҷо ба ҷо».*

*Даст бурдам, шохаи хурди таре*
*Аз дарахте чун шикастам, дод зад.*
*«Ноқисам, аз чӣ кунӣ шоху баре?*

Ин порчаи шеъриро, ҳамчун шеъри аслии тоҷикӣ хондан мумкин аст. Мисраи «Даст бардор аз ҷафо, инсоф кун» то имрӯз дар ягон давру замон қадру қимати худро гум накардааст ва ҳаргиз гум нахоҳад кард. Чунин суханони ибратбахш дар достон фаровонанд.

Бузургию шаҳомати Данте дар он низ ифода меёбад, ки вай ваҳдати таркибии куллии ҷаҳону ҷаҳониёнро таври

эҷодӣ дарк карда тавонистааст. Шоири равшанзамир ба маҳзи таҷрибаи рӯзгор ҳолати пуркароҳати ифроту таназзули одамизодро мушоҳида намуда, барояш бобақоию харобии олам яқин мегардад. Бинобар ин оламро бояд аз харобӣ ва фатарот наҷот дод. Хонандаи дақиқназари тоҷик қисмати «Дӯзах»-и достони «Мазҳакаи илоҳӣ»-ро мутолиа намуда, аз ин ҳадафи сухансарои кабир пай мебарад. Ин ба шарофати заҳмати пуртоқату гарони тарҷумон аст. Дӯстдорони шеъру адаб маътали онанд, ки қисматҳои «Аъроф» ва «Биҳишт»-и «Мазҳакаи илоҳӣ»-ро низ дар тарҷумаи Аскар Ҳаким мутолиа намуда, аз мазмуни рангини он бархӯрдор шаванд.

*Меҳриддин Ғиёсӣ,*
*адабиётшинос*

# ШОИРЕ БО СУРУДАҲОИ АҲУРОӢ

**(Андешаҳо андар ҳавошии Мунтахаби ашъори Шоири халқии Тоҷикистон, устод Аскар Ҳаким – "Бо саломи шукуфаҳо". – Душанбе: "Адиб", 2012.)**

Аскар Ҳаким шоирест, ки ба майдони шеъру шоирӣ дертар қадам ниҳода, то ба ин ҷода расидан таҷрибаву андӯхтаҳои фаровоне дошта ва ин ки ба масобаи ноқиди сухан, адабиётшиноси саршиносу саррофи каломи бадеъ ба таҳқиқу таҳлили ашъори шоирони муосири тоҷик пардохта, заминаҳои ифшои розу рамзи ботинии хешро дар шакли шеър кам-кам гузошта будааст. Ҳосили ин омӯзишу маърифати шеър, баъдан иншои шеърҳои, билошак, баландмуҳтавою волоғоя, ки пероста бо андешаву эҳсоси фалсафию диди бавусъату шоирона мебошад, маҳсуб меёбад. Аскар Ҳаким шоирест, ки ағлаби мавзӯоти ашъораш дар ритми ғиноӣ, бо дарки қудсияти олами рӯҳонии инсон, тавъаму мунсаҷим бо ақоиди фалсафӣ суруда шудаанд. Аз мутолиаи ашъори шоир бармеояд, ки вай тавоноии гуфтори ҳакимонаи панду андарзӣ дорад, шеъраш аз гироиш бо ду омил: амиқию баландии фикр сарчашма мегирад ва фазои ин ашъор муҳкам бар пояҳои асолати сухан ва оҳангҳои самимияту гуманистист. Ҳароина, сохтмону сохтор ва аркони шеъри шоир аз обшихӯри саршор аз илҳому фазли шоирона, василаҳои нобу пуртаровати саноеъи бадеӣ, таркибу ибороти шигарфу тоза, каломи сеҳромез ва билохира, мушоҳидаҳои вижаи фардии шоир реша гирифтаю нумӯ ёфтаанд. Ба назар чунин мерасад, ки нахуст шоир ба гунаи ҳамеша аз зоҳир сухан мегӯяд, тасвири ашёву ҷузъиёти манзараҳоеро аз табиату зиндагӣ ба риштаи мураттаби каломи мавзун мекашад, ки дар меҳвари он Инсон қарор дорад. Инсоне бо рӯҳи боазамату барозанда, инсоне, ки бо иродату тавонмандӣ ва неруи халлоқона ба уфуқҳои дури дурахшону мунаввари зиндагӣ менигарад, инсоне, ки дар чорсӯи

муҳиту ҷомеа овораю саргардон ва навмеду варшикаста набуда, дасти зиндагисоз дораду чароғи рӯшану фурӯзони хираду маърифат бар каф. Шукӯҳу шаҳомати Инсони шоир дар пиндору андешаҳои олии ӯ таҷассум меёбанд, дар ҳадафу ғаразҳои некроёнаю фазлоинаш инъикос мегарданд. Ин маънӣ аз нахустшеъри китоби "Ба саломи шукуфаҳо" хулоса мешавад.

*Ман аз баҳори навангез бо шумо мардум,*
*Дуруд хоҳам гуфт, Суруд хоҳам гуфт.*

Ин ҷо таркиби "баҳори навангез", ба як сухан сармояи созандаи шеъри мавриди назараст, ки аз ибтидо то интиҳо меҳвари мантиқии мазмуну ғояи онро дар бар гирифтааст. Аз ин таркиб равшан аст, ки баҳор намоди шукуфтанҳову рӯишҳост, ҷавона кардани ниҳолони тару зи шохи шаҷар наафтидани лонае ва бар бод рафтани решае набуду нест. Тасвири баҳор (як манзараи мушаххас) ба он ҳадаф корбаст шудааст, ки шоир аз рӯзгори неку нишотангези башар ҳарф мезанад. Бандҳои шеър бозгӯии як давраест, ки инсонҳо бар асари кинситезию пархошгарӣ сари ҳамдигар теғ кашиданд, хун рехтанд, шаҳру деҳро хароб карданд, арӯсонро бешавҳару тифлаконро ятими дарбадар сохтанд. Ва ҳамаи ин манзараи фоҷиабор дар шеър бо усули қиёсу муқобала тасвир мешаванд, дар фарҷом ин силсилагуфтор аз тарафи шоир натиҷагирӣ мешавад, ки дигар ба он рӯзгорони талху мудҳиш бозгашт нест, дигар фазою ҳавое пурсаодат, фирӯз ва хушу хуррам фаро расидааст. Руҷӯъҳои шоирона шурӯъ аз банди аввал (хитоб ба арӯси ҷавон), банди дувум (мурочиат ба модари ҷавонмарги модари қаҳрамони лирикӣ) , банди савум (рӯҳи модари берӯзии ҷавонрафта) аз оҳангҳои пуршӯру пургудози ботин мегӯянд, аз гузашти дирӯзу пойдории имрӯз адолату некӣ бар бадию ҷангхоҳиро талқин месозанд:

*Дигар бар гӯш наояд ғиреву ғурриши тир,*
*Садои мурғи чаман ояду суми нахчир,*

*Ки дар ҷаҳони башар мерасад баҳори дигар,*
*Ба ҷойи аҳди хатар рӯзу рӯзгори дигар.*
*Саҳар зи ҳим-ҳими баргу чакомаи мурғон,*
*Ба гӯш мерасад армони дудаи инсон,*
*Ки бо бародари хеш ӯ бародарӣ бикунад.*
*Замин аз насли башар гаҳвора хоҳад монд,*
*Башар зи маҳд қадам бар ситора хоҳад монд.*

Ва фуроварди шеър, ки бо гуфтугӯ бо рӯҳи модари бузургвор хатм мешавад, самимиву дилчасп ва гуворост:

*Ту, рӯҳи модари бебахти ман, бихусб ором,*
*Ки аз баҳори наве ман ба мардуми айём*
*Дуруд хоҳам гуфт,*
*Суруд хоҳам гуфт.*

Шеърҳои "Тоҷикистон", "Ту маро эй дил...", "Шеъри Ватан", "Забони тоҷикӣ", "Киштии тақдир" бо шеъри мазкур ҳамоҳанганд ва ҷанбаи пурқуввати ғоявӣ (манзур созандагӣ) доранд. Як хусусияти асосию умдаи ашъори устод Аскар Ҳаким дар он аст, ки вай дар дилхоҳ шеъри худ ба офаридани манзараи бавусъати зиндагӣ, ки марбуту фазою макон ва замони муайян аст, бо салосату фасеҳгуфторӣ, образнокии сухан, андешарониҳои қавии ҳакимона ва боз ҳам мушоҳиданигории хоса муваффақ мешавад. Дар иддае аз шеърҳои шоир воқеату манзараҳои як давраи зиндагӣ, ки бо ҳаракату амалиёт ва корномаи инсонҳо иртиботи амиқ ва ногусастанӣ дорад, ончунон вусъату маҷоли ғунҷоиш меёбанд, ки посухи манзума ё достонеро пайдо мекунанд. Тавъам омадани андешаву эҳсосот ва тасвирсозӣ дар заминаи ашёву муҳит обуранги баланди бадеӣ мегиранд ва ғояву ҳадафи шеърро воқеан ҳам мукаммалу фарогир месозанд. Аз ҷумла, дар шеъри "Аробаи куҳна" бо тасвири як ашё - ароба шоир аз замонҳое сухан дар миён меорад, ки ба василаи ин ароба кулли кору амалҳо анҷом дода мешуд, мардум зиндагии нав месохтанд, талошу такопӯ доштанд, то ки

дар бунёди ин сохти ҷадид саҳмгузор бошанд. Шоир аробаро, ки кунун шикаставу вайрону нодаркор шудааст, ба тасвир гирифта, бо оҳанги дареғ аз замонҳое ёдовар мешавад, ки ароба зарууртарину асоситарин воситаи нақлиёт ба ҳисоб мерафт. Ба воситаи як-як сифат кардани ҷузъиёт (қисмҳои ароба) шоир манзараи ҳузнангезро пеши назари хонанда ҷилва месозад, ки мазмуну моҳияти бузургу васеъ дорад:

*Ҳамчу бори куҳан ба пуштаи деҳа,*
*Мондааст ин аробаи вайрон .*
*Чархҳояш ба хок рафта фурӯ,*
*Соғу афтода як тараф ҳайрон...*
*Тахтаҳои нагуну бишкаста*
*Дар таҳи шӯраҳо забун монда,*
*Сари шоту шикаста дар хок аст,*
*Дасти аз хокдон бурун монда...*
*Роҳҳои дароз ёд оянд,*
*Так – таки аспҳои ёлафшон.*
*Ёд ояд нақораи сумҳо,*
*Зери лаб хондани аробакашон.*
*Хоҳад аз ҷой барканад, бидавад,*
*Лойи раҳро кунад пароканда.*
*Лек ку, аспи роҳворе ку,*
*Пир бишкаста, чархҳо канда...*

Ин шеър бо муҳтавою фарогирии воқеаҳои ба сари аробаю аробакаш омода аз чанд ҷиҳат ба шеъри “Асп”- и устод Бозор Собир шабоҳат дорад ва бо ҳунару маҳорату завқи баланди шоирона суруда шудааст. Дар шеърҳои шоири шаҳир бозтоби дарду фоҷиаҳои инсонҳо, муаммои сарнавишти танҳои монданашон низ барҷаста тасвир шуда, шоир талошу саъй бар он намудааст, ки олами рӯҳонии Инсонро кашф ва дарду мушкили ӯро ба дараҷаи фалокату даҳшати умумикайҳонӣ маънидод созад. Ин ҳолату ҷӯишии дард дар шеъри “Марде аз балкон...” муассиру ҷаззоб ба тасвир омадааст.

*Марде аз балкон саҳарҳо мекунад фарёд,*
*Марде аз балкон писарро мекунад фарёд.*
*Ӯ басо маъюсу маҳзун мекунад фарёд,*
*Як вуҷуди решу дилхун мекунад фарёд.*
*ва дар анҷом меорад:*
*Кас намедонад чаро рафта зани ин мард,*
*Дар сари пирӣ насибаш шуд чаро ин дард...*
*Мерасад дар гӯши ман шому саҳар фарёд,*
*Мекашад ҳамсоя дар пиронасар фарёд*
*Кӯдакашро мекунад ӯ аз ҷигар фарёд.*
*Дарди ҷони ӯ ба ин овоз омезад,*
*Аз забонаш гарчи як фарёд мехезад*
*Мекунад фарёдҳо буду шудашро ӯ,*
*Ҳам писарро ,*
*Ҳам занашро,*
*Ҳам худашро ӯ.*

Тасвири зиндагии як марди бадбахт аз ҷониби шоир ба таҳқиқи бадеии сарнавишти ӯ, кушоиши ҳалли муаммои бахти номуродона ва оқибат ба фоҷеа мубаддал гардидани ин зиндагӣ дар назм, дар пирояи бадеияту образофарӣ бешак, аз эъҷози ҳунари шоирона шаҳодат медиҳад. Шеъри "Хазони умр"- и шоир бо шеъри фавқ ҳамоҳангию пайванди мантиқӣ дорад. Дар ин шеър низ сухан аз сарнавишти пиразани кӯчарӯбе меравад, аз умри бар абас сипаринамудаи оне меравад, ки бар ивази соҳиби маърифти баланду пешаи арзандатаре гардидан ва дар ҷомеа обрӯву нуфузи чашмгире пайдо кардан аз қавле "ба тақдир тан додаву аз саъю талош даст кашида, бо ҳамин кӯчарӯбӣ қаноат кардаву аз зиндагии хеш бағоят пушаймон аст.

*..."Инқилобат к-аз қафас озод кард,*
*Ё магар танҳо барои кӯчарӯбӣ кард озод?*
*Аз сарат чодар гирифту дод ҷорӯбат ба даст,*
*То ниҳоли қоматат дар кӯча хам гашту шикаст.*
*... Пиразан, эй пиразан,*

*Кӯчаҳоро он қадарҳо рӯфтӣ дар умри хеш,*
*Ҷони худро он қадарҳо кӯфтӣ дар умри хеш,*
*Аз вуҷуди хеш акнун ҳасрати худро бирӯб,*
*Ҳам ғубори ғафлати худро бирӯб...*

Дар шеъри Аскар Ҳаким эҳсososту таҷрибаи фардӣ, маърифати ашё ва тараннуми зебоиҳои табиат ва ситоиши камолоти инсонӣ (манзур инсони комил) бар заминаи воқеият сурат мегирад. Яъне, воқеа ва ҳолат - ду шохаеанд, ки раванди сохтории шеър ва гармонияю ритми эҳсосоти отифаи қаҳрамони ғиноиро ташаккулу буруз медиҳанд. Ва диди фалсафӣ ва ҳокимона ҷанбаи шеъриятро дар сурудаҳои шоир мукаммал месозанд, афкори ӯро тобиши ҷамъбастӣ мебахшанд. Таври мисол ин хулосагирӣ дар шеъри “Шоире ояд...” рӯшан ба чашм мерасанд:

*Дар замоне, ки башар дар хобҳои коҳилӣ хуфта,*
*Баъди хӯрданҳои барги оламе чун кирми абрешим,*
*Нест гӯё хоҳиши бедорияш то рӯзи растохез,*
*Бо садои бартар аз тундар,*
*Ё салом сури Исрофил дар маҳшар*
*Шоире бояд,*
*Шоире ояд...*

Воқеан муҳтавои шеър аз таъкиди он андеша об мехӯрад ки, дар замони муосир ба асари ҷаҳолату ғафлатзадагӣ, хусусан дар чоҳи нодонӣ ғарқ шудани кишвару мамолики исломӣ сари мардумони он борони тир мерезад, абарқудратон қаламрави ин сарзаминҳоро ба ҳайҷо табдил медиҳанд, ки миллат ҳанӯз побанди низоъҳои байнихудӣ ва таассубгароист. Маърифату камолоти инсонии онон дар тухма нуҳуфта, аз сабзишу нумӯъ ва таҳаввул канор мондааст. Ин маънӣ ба таври муфассалу доманадор дар шеъри “Муаммои ворастан”, ки бар тасвироти рамзӣ асос ёфтааст, барҷаста ифода гардидааст. Зоҳири шеър аз руҷӯъ бар аносири табиат шакл мегирад, аммо баёни

хушобуранги фасеҳи шоирона ба дарунмояи шеър ишорат мекунад, ки аз шинохти маърифатии Инсон баҳс мекунад. Дар ин шеър боду барфу борон, абру раъд, мавҷу баҳр, хезобу пастобҳо дар радифи ҳам омада, дар меҳвар боз ҳам Инсон қарор дорад, ки бо ин мавҷудоти табиат дар талоши ҳамешагӣ қарор дорад ва мақсуди ӯ бар табиат дастболо гардидану ин ҳамаро мутеъ сохтану ба манофеи хеш истифода бурдан аст. Ин ки боду барфу борону тӯфон абру раъду мавҷу баҳр, хезобу пастобҳо, селаи моҳиён аз балову фалокатҳо раҳоӣ ёфтан мехоҳанд, оё ҳазрати Инсон қудрати аз худии худ ворастан дорад? Натиҷагирии фалсафии шоир хеле рамзию пурмаъност ва ба муаммои худшиносии Инсон нигаронида шудааст:

*... Мавҷ бархезад,*
*Баҳр бистезад,*
*Пушти дарё мешавад ҳар лаҳза гӯё пуштаву хандақ,*
*К-андар ин хезобҳо, пастобҳо*
*Дар назар н-ояд дар ин соат на моҳигиру на заврақ.*
*Пас, шумо, эй сели моҳиҳои дарёбар,*
*Дар сари хезобҳо ҷавлон занед озод дигар бор,*
*Нест моҳигир сер аз ҷон,*
*К- ӯ равад дар баҳри пуртӯфон.*
*Бод мешӯрад...*
*Абр мегиряд...*
*Раъд мeғуррад..*
*Метавон ворастан аз бӯрон ,*
*Метавон ворастан аз борон*
*Метавон ворастан аз тӯфон*
*Гар зи инсон метавон воростан ин сон,*
*Аз худ оё мераҳад инсон?*

Ба таъкиди бархе аз ноқидони сухан (Муҳаммадалии Аҷамӣ дар мақолаи "Нигоҳи кӯтоҳ бар қомати баланди шеър"), дар шеърҳои Аскар Ҳаким таъсири неку файзбахши шоирони нобиғае чун Ҳофизи Шерозию Ҷалолуддини Балхӣ равшан ба

мушоҳида мерасад. Аскар Ҳаким ғазал ҳам мегӯяд ва хеле неку мегӯяд. Ва дар ғазалҳояш низ афкори нобу воло ҷойгоҳи арзишманде дорад. Ғазале, ки бо мисраъҳои:

*Чаман шукуфт, азизон, ба гул назора кунед,*
*Чу гил нахӯрда шуморо, ба гул канора кунед.*

оғоз мешавад ҳамоно дар пайравии ғазали Хоҷа Ҳофиз суруда шудааст.

Аскар Ҳаким дар сурудани рубоӣ низ ҳунари волою дасти боло дорад. Ва моҳияту ғояю ҳадафи рубоиҳои сурудаи шоирро ҷанбаи фалсафӣ ва диди маърифати фаро гирифтаанд. Дар рубоиёташ низ Аскар Ҳаким бо баёни андешаҳои ҳакимона, ки дар бештари онҳо қаҳрамони лирикӣ "ман"-и шоир маҳсуб меёбад, имконоту неруи халлоқонаю созандаи Инсонро ситоишу тараннум мекунад. "Ман"-и шоир ишора ё руҷӯъ ба инсонҳои соҳибфазилату тавонманде мебошад, ки аз оҷизию заифнолӣ дур будаву баҳри зиндагию саодат ва хушбахтии бани башар ҳамвора дар талошу мубориза қарор доранд:

*Боист шинохт оламу одамро,*
*Садрангии ҷовидони бешу камро.*
*Ин даҳр тиҳӣ буд ба шаш миллярдаш,*
*Ман омадаам, ки пур кунам оламро*
*ё дар рубоии дигар хулоса мекунад:*
*То он даме одаме ба қасди ҷанг аст,*
*З-одам буданам ҳазор ору нанг аст.*
*Баҳри тани хокиам ду газ ҷо кам нест,*
*Аммо ба дилам саройи гардун танг аст.*

Чунин маъниҳо тамоми тору пуди рубоиёти шоирро фаро гирифта, аз оламе паём мерасонад, ки онро инсонҳои некукору фарзона ободу маъмур сохтаанд. Ҳамин ғоя ва афкори фалсафӣ дар қитъаҳои шеърии Аскар Ҳаким низ ҷойгоҳи воло доранд. Аслан шеъри шоири тавоною ҳунарманд бештар моҳияти

умумибашарӣ пайдо карда, аз маҳдудаю ҷузъиёти нозаруру дувумдараҷа дур аст. Аскар Ҳаким дар ҳама ҳолат диди нави шоирона дорад, сухану бардоштҳои фалсафии тару тозаро ҳамчун армуғон пеши хонанда мегузорад. Ва ҷамъбасту хулосабарориҳои вай дар зинаи баланд, фаротар аз дидгоҳҳои якрангу маъмулӣ қарор дорад. Тавре дар шеъри “Азми архимедӣ” мегӯяд:

*Бошадам чун Архимеде азму рай,*
*К-ин заминро якка бардорам зи ҷой.*
*Лек холиаш кунед аввал каме,*
*Аз гуноҳи одамӣ.*

Дар чаҳор мисраъ шоир тавонистааст, рисолати созандагии Инсонро ба таври мушаххас дар паҳнову вусъати олами бекарона муайян созад, ки он даст кашидани одамонро аз амалҳои ғайрибашарӣ, гуноҳу иштибоҳҳо дар бар мегирад...

Дигар аз хусусиятҳои вижаи ашъори аскар Ҳаким офаридани манзараҳои табиат, тасвиргарии дақиқ (на умумию қолабӣ), ситоиши ишқу муҳаббати поки инсонӣ ба шумор меравад. Махсусияти ашъори шоир он аст, ки вай инсонро пайванд бо аносири табиат (кӯҳ, дарё, сабза, дарахт, мурғони хушнаво...) ба тасвир гирифта, мавҷудоти муҳитро дар вазъи гармониявию таҳаррукӣ, дар ҳамбастагию талош бо одам таҷассум месозад. Ба ин мазмун шеърҳои зиёде эҷод намудааст Аскар Ҳаким , ки намунаи онҳо шеърҳои “Дарахти арчаи кӯҳам” ва “Бомдоди нур” мебошанд. Дар шеъри “Дарахти арчаи кӯҳам” фалсафаю ҳикмати зиндагӣ аз биниши як дарахт (арчаи кӯҳ) маншаъ мегирад. Руҷӯи лирикӣ, ки аз муқобилгузории ҳолати дарахт дар рӯёрӯи зиндагию муҳити ноошнои пуртакаллуфи дарборӣ, бодабдаву бошаҳомат таркиб ёфтааст, як навъ монолог ё андешаҳои психологии дарахти арчаро монои як мавҷудоти зинда ифода намудааст.

*Дарахти арчаи кӯҳам, на сарв дар лаби ҷӯй,*
*Маро ба қомати маъшуқагон шабоҳат нест.*
*На ноз мекунаму мекашам на нози касе,*
*На боғ меравaму на хиром донам,чист.*
*Маҳалли рӯйиши ман нест саҳни дарборе,*
*Ки оварам ба насиме ба сӯйи он таъзим.*
*Ману дуруштии харсангу бодҳои шадид,*
*Тагаргу селгаҳу хавфи тармаҳои азим.*

Ва дар банди охири шеър шоири ориф рӯҳи барозандаю иродати собитқадамонаи дарахти арчаро ба тасвир мегирад, ки хулосаи он сарбаланду сарафроз будани арча ба шумор меравад:

*Агар ба сарви чаман нестам баробарқадрат,*
*Муқими хоки баландам, маро ту паст мадон.*
*Ба ҳар баландраве дастгири муътамадам,*
*Ба хоки паст махонам, маро ба паст махон.*

Ҳамин ҳамоҳангӣ ва самимияту эътиқод бо рӯҳияву нафаси баланди гуманистӣ дар шеъри “Бомдоди нур” бозтоби шоиронаи худро ёфтааст. Дар ҳамаи бандҳои шеър эҳсоси боназокату нафизи дӯст доштани ҳаёт, суруру нишот, паёми некиву бахшояндагии қаҳрамони ғиноӣ равшан ба мушоҳида мерасад. Ҳароина, шоири нозукбину рангинхаёл бо тасвирҳои дар назари аввал сода, вале дар аёни ҳол мушаххас манзараи оғози рӯзи навро меофарад, аз навои мурғакону рақсидани баргҳо, дархостани нағма аз дили ҳар санг сухан мегӯяд:

*Бомдоди тоза меояд,*
*Мурғакон дар пардаҳои шохсорон мезананд оҳанг,*
*Баргҳо якрез мерақсанд,*
*Нағма мехезад на танҳо аз канори кӯҳ,*
*Нағма мехезад ба нармӣ аз дили ҳар санг.*
*Бомдоде бомдоди нағмаву арғушт,*
*Бомдоде, к- омада моро пас аз сад пушт.*

Тасвиргарой дар бандҳои баъдӣ аз маҳорати устодонаи шоирии Аскар Ҳаким дарк медиҳанд. Тавсифу ташбеҳоти шоир ҳадафманду зебо ва дар заминаи манзараи офаридаи вай тозаю нобанд.

*Рӯзҳо пурбор,*
*Чун сипеҳри навбаҳор обистани борон,*
*Як тараф бар қомати гардун қабои нур,*
*Як тараф пироҳани борон.*
*Абрҳо ҳамчун сарандози арӯсӣ рахт нашкаста,*
*Осмон чун шаҳ камар бо фӯтаи рангинкамон баста,*
*Рӯз рӯзи всли дидор аст,*
*То замину осмон ёр аст*

Шоир ва муҳаққиқи эронӣ Алиризо Қазва ашъори Аскар Ҳакимро арзишдоварӣ намуда, аз ҷумла, гуфтааст:

“Дурахшиши Аскар Ҳаким дар ғазалҳои ӯст. Агарчи шояд аз ӯ дар бештар қолабҳо шеър хонда ва шунида бошем, аммо ғазалҳои солҳои охири ӯ ... ғазалҳои комилан мутафовит ва таҷрибаҳои тоза дар зиндагии шоирии ӯ ҳисоб меояд. Ҳатто хондани бархе аз ин ғазалҳо комилан ғофилгиркунанда аст. Воқеан ғазалҳои “Шаби ғусса”, “Паём аз ишқ мехоҳам”, “Шеъри хундори ман гиряд”, “Эй уқоби гардунсайр”, “Ба камон чӣ гуна хӯ гирам” ва ғайраи дигар дар лаҳзаҳои гуногун суруда шудаанд ва табиист, ки ҳолатҳои рӯҳӣ ва ангезаҳои замониро дар худ ҷо додаанд. Вале ҳамоно хати сурхе, ки аз меҳвари ғазалҳои шоир мегузарад, умеду бовар ба фардои дурахшони Ватан, ишқу вафодорӣ ва самимияту сидқи байни инсонҳо мебошад:

*Манам зинда ҳамин ҳоло, вале уммеди фардо ӯст,*
*Агар меояд имшаб, мерасад фардои ман имшаб.*

Таносуби сухан – санъати муроотунназир дар шеър ҳусни баёнро таровату нафосати вижа мебахшад ва дар ин маврид мазмуну тасвир аз дидгоҳи маънӣ ба ҳам омада паёми рӯҳафзоро

падид меоранд, ки воқеан ҳолати мазкур таваҷҷуҳбарангез аст. Фарзи мисол, рӯ меорем ба яке аз ин гуна шеърҳо:

*Аз чӣ донӣ, ду чашм додандат,*
*В-ин гӯшу ду дасту пойе ҳам .*
*Ин тавозун диҳад чунин пандат,*
*Ки бубин даҳру гуш деҳ ба ҳикам.*

*Ёр дар бар бикаш ба меҳри дучанд,*
*Ҳар куҷоӣ, ба кӯйи ӯ баргард.*
- *Донӣ, аз чӣ-т як забон доданд?*
- *То набошӣ дуқавлаи номард.*

Ба як нукта, шоири бузурги баҳси иҷмолии мо орифонаву ошиқона сухан меофаранд, ки хуш ба ҳолашон. Неруи тахаюлашон саршор аз ҳунари шоирист ва қудрати маърифатмандии устоди арҷманд аст, ки дар таҳқиқи каломи манзуму мансур низ вусъати назарашон бармалост. Ва маҳдудаи мақолаи мазбур имкон намедиҳад, ки ин фақир перомуни осори тадқиқотӣ, достони “Нону имон”, “Санги ман алмос” андешаҳои боқиро ироа намояд.

Хуллас, шеъри шоири тавоно навосанҷу навпардоз, устоди каломи бадеъ Аскар Ҳаким шеърест, ки дар мактаби суннатии классикони адабиёти форсу тоҷик, назми муосири устодоне чун Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон такомулу таҳаввул ёфта, ба дараҷаи ташаккули ниҳоии маъноию ғоявӣ расидааст. Шеърест, ки ҷанбаъҳои фалсафию рӯҳонӣ ва дидгоҳи тозаро дар адабиёт, хоса назми он боз намудааст. Ва ин ҷо, аз қавле бо умеди дар оянда кафе бардоштан аз дарёи маърифати вуҷуди устод мерасем ба анҷоми сухан...

*Саидумрон Саидов,*
*номзади илмҳои филологӣ*

# ШЕЪР ДАР ПОЯИ ХИРАД ВА МАЪНӢ

Устод Аскар Ҳаким аз зумраи суханварон ва суханшиносонест, ки ибтидои солҳои ҳафтодум бо назари тоза, нигоҳи дигар, бо қаломи навсозу навпардоз ба арсаи адабиёт ворид гардид. Мусаллам аст, ки охири солҳои шастум ва ибтидои солҳои ҳафтодуми асри гузашта адабиёт ба марҳилаҳои нави адабӣ ворид шуд ва ба қавле «адабиёти андеша», ки зимнан маънипардозиву мазмунофариро таҷассум мекард, рӯи кор омад. Суханварони ин давраро мебоист бо назардошти анъанаи дерини адабиёт, ки дар ашъори устод Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Боқӣ Раҳимзода, Муҳиддин Аминзода ва чандеи дигар инъикос меёфт, ҷодаеро интихоб намоянд, ки он такрори пешин набошад. Гузашта аз ин, густариши адабиёт худ тақозо мекард, ки дар назми тоҷик таҳаввулоте рух диҳад, то он ҳамқадами адабиёти гуногунзабони халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ гардад. Аз ин ҷост, ки як гурӯҳ шоирони навпардоз, чун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Саидалӣ Маъмур, Гулназар, Ашӯр Сафар, Ғоиб Сафарзода ва чандеи дигар дар ин солҳо бо чакидаҳои хомаи хеш рӯҳи тоза ба равони шеъри тоҷик бахшиданд.

Аскар Ҳаким низ ба ин таҳаввулоти бесобиқаи адабиёт бо кӯлвори донишу малака, андешаву афкори бедор ворид шуд ва аз ибтидо ҳамчун суханвари беназир ва беҳамто худро муаррифӣ кард. Дар муқоиса бо ҳамсафону ҳаммаслаконаш Аскар Ҳаким худро аз эҷоди шеърҳои ошиқона барканор гирифт ва бештар дар иншои ашъори иҷтимоӣ, ки ҷавҳари онро хираду маънӣ ташкил мекард, рӯй овард. Ба қавли суханшиносони ӯзбек Раҳим Муқимов: «Қудрати шеъри ӯ дар он аст, ки ба шеъри дигарон монанд нест, ҳарчанд онҳо ҳамнасл ҳастанд» (1, 678). Аскар Ҳаким

он ҷодаеро, ки дар оғоз интихоб намуд, то имрӯз идома мебахшад ва шеъри ӯ ифодагари бузургӣ, беназирӣ ва баландпоягии шеъри тоҷикро ифода менамояд.

Ашъори пурғановати шоир то имрӯз дар китобҳои «Раҳнавард» (Ирфон 1983)... то «Замини сабзи боварҳо (Адиб, 2012) чоп шудаанд.

Аввалин китоби шоир «Раҳнавард», ки сухани мо дар бораи шеърҳои ин маҷмӯа аст, соли 1983 вақте нашр шуд, ки ба аҳли адаб маълум буд, ба адабиёт суханваре қадам мегузорад, ки ба шеър на аз рӯи ҳавову ҳавас, балки ҷиддӣ ҳамчун донандаи набзи шеъри дирӯзу имрӯз, рӯй овардааст. Зеро то нашри ин маҷмӯа ду китоби тадқиқотии Аскар Ҳаким яке, «Шеър ва замон» (нашриёти Ирфон, 1978), дигаре «Дар қаламрави сухан» (Ирфон, 1982) нашр шуда буд, ки аз заковати баланди маънишиносӣ ва малакаи хуби ӯ дар таҳлилу баррасии сухан дарак медод. Яъне ба иборати дигар, суханваре худро ба дунёи шеър муаррифӣ мекард, ки аллакай чун суханшинос эътироф гардида буд.

Махсусан китоби «Дар қаламрави сухан» дорои мақолаҳои пурмуҳтавои муаллиф дар бораи шеъри суханварони номвар: Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Аминҷон Шукӯҳӣ, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир мебошад, ки аз назари амиқ ва ковишҳои муҳаққиқонаи Аскар Ҳаким дарак медиҳад. Пас нафаре, ки зеру бами шеърро медонад, хубу бади суханро тамйиз мекунад, бо шоирони сухан баҳсҳо барпо мекунад, оё нисбат ба шеъри худаш то кадом андоза серталаб хоҳад буд?

Инак, мо китоби нахустини шоир – «Раҳнавард»-ро дар даст дорем. Номи китоб худ рамзист, зеро шоир хешро раҳнаварди ҷодаи шеър медонад ва пайдост, ки ба ин роҳ бо ҳиммати баланд ва аҳдофи олӣ баромадааст. Раҳнавард медонад, ки роҳи баргузидаи ӯ роҳи осону ҳамвор нест, дар ин роҳ касе метавонад ба манзили мурод бирасад, ки тӯшаи роҳаш ҳиммат, дониш ва ҳикмат бошад.

Аз аввалин шеърҳои ин маҷмӯа оҳанги иҷтимоиёт ба машом мерасад. Чунончи, яке аз шеърҳои аввалини шоир бо номи «Асри бист «чунон оғоз меёбад:

*Асри бист, эй асри пуртӯфони ман,*
*Бигзарӣ тунд аз фарози муштарӣ.*
*Ваҳ, мабодо дар шитоби хештан*
*Аз сари дунёву одам бигзарӣ (1, 17).*

Дар ин шеър шоир асри бистро дар чанд сифат ёд мекунад ва онро тавзеҳ медиҳад. Агар дар порчаи шеърии боло асри бистро асри пуртӯфон гуфта бошад, дар давоми шеър онро ба ифодаҳои «хоксори пурғурур», «арсагоҳи хайру шарр», «асри пуршӯру ҷадал», «асри инсонро ба дӯш» ва «асри инқилобии ҷавон» ёд мекунад.

Муаллиф бо мурочиат кардан ба асри бист мавқеи иҷтимоии хешро нисбат ба замон ифода кардааст. Шоир аз оғози ҷанги ҷаҳон хабар дораду аз инсоне ёд мекунад, ки дарди башарро бар дӯш дорад:

*Асри бист,*
*Эй арсагоҳи хайру шар,*
*Нагзарӣ бебор аз роҳи замон.*
*Гар бигунҷад дар диле дарди башар.*
*Дарди як одам нагунҷад дар ҷаҳон (1, 17).*

Шоир ба масъалаи Ватан ва ватандорӣ назари хос дорад. Аз назари шоир Ватан монанди модарест, ки дар канораш фарзандонашро парвариш медиҳаду муҳаббаташ ба ҳамаи онҳо яксон аст. Чунонки шоир дар шеъри «Мероси аҷдод» мегӯяд:

*Парварад фарзандҳои некномашро Ватан,*
*Ҳамчу модар бо умеди давлати ояндааш.*
*Меҳри гарми модарияш мерасад то ҳафт пушт,*
*Бар ҳама фарзандҳои рафтаву ояндааш (1, 18).*

Ва дар ҳамин шеър шоир худро фарзанди ин Ватан мехонад ва ба арсаи сухан қадам монданашро тавзеҳ медиҳад, ки он низ заминаи иҷтимоӣ дорад:

*Солҳо чун ганҷҳои аз назар пинҳони ту,*
*Дар дили ман буд пинҳон ганҷи ашъору сухан.*
*Мекушоям баҳрат ин ганҷинаро имрӯз ман,*
*То туро аз ман шиносанду маро аз ту Ватан (1, 18).*

Ё дар шеъри «Хоки Ватан» Аскар Ҳаким қадру манзалати Ватанро баланд мебардорад ва оне, ки бо ёди Ватан зиндагӣ дорад, ҳарчанд дар Ватан нест, ӯро бо Ватан мехонад. Ё дар идомаи андешааш баён медорад, ки барои инсон марги волидайн ё мурдани фарзанд кори осон ё бори сабук нест, вале доғи Ватан аз ин доғҳову дардҳо гаронтар аст:

*Гарчи мерос аст марги волидайни меҳрубон,*
*Теғи алмос аст моро мурдани фарзанди ҷон,*
*Ҳасрату доғи Ватан садчанд аз ин бошад гарон.*
*Кас набинад дарду доғу рӯзи ношоди Ватан (1, 18).*

Шоир дар фароварди ин шеър чаҳор унсури ҳастии инсонро аз Ватан медонад:

*Хоки одамро, ки шӯридаанд бо хоки Ватан,*
*То абад аз ӯ намегардад ҷудо хоки Ватан,*
*Пур шавад рӯзаш, кашад сӯяш варо хоки Ватан,*
*Баски ҳаст ӯ з-обу хоку оташу боди Ватан (1, 18).*

«Шеъри Ватан», ки ба ёди устод Турсунзода эҷод шудааст низ аз муҳаббат ба Ватан сарчашма мегирад ва бо муҳаббати беандоза ба шоир поён меёбад:

*Шод мебош, эй Ҳисори шодмон, дар рӯзгор*
*Бо ғазалҳои равону чашмаҳои кӯҳсор.*

*Накҳати ашъори Турсунзода дорад шеъри мо,*
*Сарзамини Тоҷикистон мекунад бӯйи Ҳисор (1,23).*

Дар китоби «Раҳнавард» шеърҳо дар мавзӯъҳои гуногун ва дар пояи мухталиф иншо шудаанд. Аз оғози эҷод то имрӯз шоир барои ифодаи матлаб унсурҳои мухталифи адабиро ба кор бурдааст. Чунончи тибқи масал андешаву афкори ҷолибу тозаро баён мекунад. Дар шеъри «Тирачашме бо чароғ» ҳадафи шоир бозгӯи бемории ҷомеа аст, ки зоҳирбину аз ботин бехабар ё ба дигар маънӣ, инсони имрӯз маҷзуби олами зоҳир, зебоиву рангорангиҳои шигифтангез аз маърифати аслии хеш бехабар аст:

*Тирачашме шабона раҳ мебурд,*
*Дошт фонуси равшане дар даст.*
*«Ту, ки зулмат зи нур нашносӣ,*
*Аз чароғи раҳат чӣ суде ҳаст?»*

*«Ин чароғам барои кӯрон нест,*
*Кӯрҳо бечароғ раҳ бубаранд,*
*Ин чароғам барои биноҳост,*
*Ки дар ин шаб ба кӯр барнахӯранд».*

*Асри ман, асри нуру оташхез,*
*Шабу рӯзат агарчи нурафзост,*
*Чашми равшаншинос бисёр аст,*
*Дили равшанқиёс кампайдост(1, 35).*

Дар ағлаби ашъори Аскар Ҳаким фалсафаи зиндагӣ мақоми меҳварӣ дорад. Шоир ба шеър перояи фалсафӣ мепӯшонад ё худ фалсафа – ҳикмати деринаи зиндагиро дар қолаби шеър баён мекунад. Чунончи дар шеъри «Аз тазоди зиндагӣ» ин ҳолат бааралло эҳсос мешавад:

*Аз тазоди зиндагию одамӣ ҳайрон машав,*
*К-одамӣ як рӯй дорад, зиндагӣ садрӯ бувад.*

*Одами якрӯяро сахт аст гаҳ якрӯягӣ,*
*Зиндагӣ садрӯя асту довари некӯ бувад (1, 37).*

Дар тарҳрезии ин гуна ашъори муассир шоир аз ифодаҳои ғарибу қолиб истифода мебарад, ки он ба шеър рӯҳи дигар ато мекунад. Чунончи, истифодаи «ақли мухтасар» дар шеъри боло зикршуда:

*Зумрае аз худпарастию зи ақли мухтасар*
*Ноз бар гардун кунад, гарчи бувад хоки замин.*
*Гар бувад болонишиниҳо ба меъёри ҳунар,*
*Эй басо болонишине мешавад поённишин (1, 37).*

Тору пуди шеъри Аскар Ҳаким ҳикмат аст ва ин яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи шеъри ӯ аз суханварони дигар мебошад. Шеъри шоир инсонро ба некиву некукорӣ ҳидоят менамояд. Шоир рисолати инсониро дар зиндагӣ муайян мекунад. Ӯ мегӯяд, ки одам барои худаш зиндагӣ намекунад. Ба тариқи намуна аз амали барзгару деҳқонони одӣ то Ҳомеру Фирдавсӣ, Носири Хусраву Ҳилолӣ ёд меорад:

*Заминро барзгар танҳо барои худ намекорад,*
*Барои хештан танҳо намеафшонад ӯ дона.*
*Агарчи чоши гандум ҳосили ранҷу азоби ӯст,*
*Дар он бошад вале нону насиби хешу бегона....*

*Ҳазорон сол пеш аз ман дили Ҳомер дар Юнон,*
*Даруни синааш танҳо барои хештан мезад?*
*Магар он рӯз Фирдавсӣ халоси хештан меҷуст,*
*Ки бо гурзи Фаридунаш ба фарқи Аҳриман мезад? (1, 41)*

Ва ниҳоят матлаби хешро бад-ин тариқ ҷамъбаст мекунад:

*Чу бо оби ҷабини хеш мекорам замини хеш,*
*Ба дунё ҳар чӣ дорам ман, аз ин оби ҷабин дорам.*
*Агар аз киштаҳои худ ба кас нон метавонам дод,*
*Бақои ҷовидоне дар Замону дар Замин дорам (1, 42).*

Аскар Ҳаким зимни ашъораш ба инсоне, ки бояд рисолаташ некӣ кардан бошад, ҳарфи ибрат мегӯяд. Чунончи дар китоби «Раҳнавард» шеъре ҳаст бо номи «Тутзори Азим», ки як нафар бо номи Азим-девона аз худ боғеро ба ояндагон боқӣ гузоштааст. Сухан дар бораи як нафаре меравад, ки дар зиндагӣ ӯро девона мегуфтанд ва зоҳиран дар зиндагӣ ба касе нафъе нарасонида буд:

*Дар ин деҳ лоғару танҳову бекас*
*Ҷавонмарде, Азими бенаво буд,*
*Зи бас савдои дунёе набудаш,*
*Ба чашми халқ савдоинамо буд (1, 44).*

Вале ин девона бо вуҷуди ғарибӣ аз худ боғеро боқӣ мондааст, ки барои ояндагон ҳадяи арзандаест:

*Ба ҷӯйи ҷони ӯ намро надидӣ,*
*Ғариби бенавое буду рухзард,*
*Ниҳоли тутро парварда дар санг,*
*Дарахти ҷони худро сабз мекард.*

*Хумори ишқу савдо мегирифташ,*
*Ниҳоли сабзро оғӯш мекард,*
*Даме аз ларзаҳои шохаву барг.*
*Тапиданҳои дилро гӯш мекард.*

*Муқимӣ буд ё омад, чӣ фарқест,*
*Магар аз гӯшт нохун метавон канд.*
*Ба умре кард худро андар ин хок*
*Ба мисли тутҳояш решапайванд (1, 44).*

Шоир ниҳоят шеърҳояшро зебо ҷамъбаст мекунад ва он ишора ба инсони ҳушёре, ки бо вуҷуди соҳибақл будан кори як девонаро адо накардааст:

*Ба он бегона ҳасрат мебарам ман,*
*Зиҳӣ ин сон ғарибӣ, эй Ватандор!*
*«Вафо аз одами девона хезад»,*
*Зиҳӣ девонагӣ, эй марди ҳушёр! (1, 44)*

Ҳамин ҳикмат, ҳамин панд ба тариқи дигар дар шеъри «Уқоб» баён шудааст. Шоир аз забони уқоб сухан мегӯяд, вале хонанда ба осонӣ пай мебарад, ки ӯ ҳарфи дилашро баён мекунад:

*Мекушоям болҳои хешро,*
*Давр дар чархи мудаввар мезанам.*
*Чун манам аз доначинӣ бениёз*
*Дар фарози осмон пар мезанам.*

*То замоне зиндаам, чархи кабуд*
*Мефазояд ҷони болафшони ман.*
*Гарчи рӯзе мехӯрад бар санги кӯҳ*
*Осмон дар шишаи чашмони ман (1, 57).*

Ҳамин тариқ, шеъри Аскар Ҳаким аксаран дар පояи андеша ва хирад созмон ёфта, хонандаро ба тафаккур водор мекунад. Маҳз ҳамин хусусияти шеъри шоир рисолати аслии ӯро дар адабиёти муосир муайян ва муқаррар кардааст. Муҳиммтар аз ҳама, завқи баланди суханшиносиву сухандонии Аскар Ҳаким ба ӯ имкон додааст, ки дар ҷодаи адабиёт роҳи худашро дарёбад ва ин дарёфти роҳ ба шоир осон даст надодааст. Имрӯз дар радифи бузургтарин шоирони муосир чеҳраи адабии Аскар Ҳаким равшан ба назар мерасад ва бо гузашти солҳо он мақому манзалате, ки сухани шоир дорад, худро дифоъ хоҳад кард.

**Пайнавишт:**


1. Аскар Ҳаким. Мунтахаби ашъор. – Хуҷанд, 2007. – 690 с.
2. Аскар Ҳаким. Дар қаламрави сухан. – Душанбе, 1982. – 222 с.
3. Сируси Шамисо. Сабкшиносии шеър. – Теҳрон, 1375.
4. Тӯрақул Зеҳнӣ. Санъати сухан. – Душанбе, 1984.

***Усмон Назир,***
***шоир, номзади илмҳои филологӣ***

# ҶОНАМ ҲУЗУР КАРД

Файласуфи асри XIX, шоир ва публисист Соловев В. С. дар асараш «Муҳаммад» (Санкт-Петербург, 1902) сухани зебое дорад: «шири рӯҳ, ҳоло барои башарият зарур аст». Оре, дар асри XIX, асри бисёр мураккабу фалокатбор шири рӯҳ ҳамчун иксири давобахш барои аҳли башар хеле ва хеле зарур буд. Ба андешаи камина, сухани воло бояд яке аз унсурҳои «шири рӯҳбахш»-и башарият гардад. Ба назарам, омиле барои камолоти олӣ, ки инсоният ба он бояд такя бикунаду ниятҳояшро амалӣ гардонад, то кунун нест. З-ин рӯ, инсонро боястӣ, ки ҳарчи бештар биомӯзад, бихонаду бидонад, то аз асрори азалу он чӣ дар рӯи замин воқеъ мешавад, огоҳ бигардад. Яке аз омилҳои камолёбии инсон хондану омӯхтан аст. Аз чанд китобе, ки дар вақтҳои охир мутолиа кардам, боварам бар он қавитар гашт, воқеан, яке аз омилҳои асосии камолоти инсон хондан ва андешидан дар сари китобе мебошад, ки хонданисту хонданӣ. Китобҳои мутолиа кардаам инҳо буданд: «Замини сабзи боварҳо», «Санги ман – алмос», «Мунтахаби ашъор»-и Аскар Ҳаким. Андеша оромам нагузошт. Қалбам беқарорӣ кард. Ба андеша рафтам. Афзалиддини Кошонӣ ёдам омад, ки гуфта:

*Гар дар талаби гавҳари конӣ, конӣ,*
*В-ар зинда ба бӯйи васли ҷонӣ, ҷонӣ.*
*Филҷумла ҳадиси мутлақ аз ман бишунав,*
*Ҳар чиз, ки дар ҷустани онӣ, онӣ.*

Чун ашъори Аскар Ҳакимро хондам, ниёзу баён кардани чанд сухан ба миён омад. Асосан мавриди баҳси ман китоби «Замини сабзи боварҳо» (дар алоқамандӣ бо ашъори дигари шоир) аст. Ба хони густурдаи неъматҳои маънавии

шоир нигаристам: Маҷмӯаҳои «Раҳнаворд», «Тарозуи офтоб», «Рӯзи умед», «Шаҳри меҳолуд», «Баргпайванд», «Илтиҷо аз уқоб», «...Боз мерасад хуршед», «Санги ман – алмос», «Мунтахаби ашъор», «Замини сабзи боварҳо», рисолаҳои илмӣ: «Шеър ва замон», «Дар қаламрави сухан», «Творцы созвучий», «Испытание поэзией», тарҷумаҳо: «Сотников»-и В. Быков, «Аср. Замин. Ишқ»-и Геворг Эмин, «Хазинадорзани тамбовӣ»-и М. Лермонтов, «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте ва ғайра. Бемуболиға хони зари шоир тақозо дорад ба хондан, омӯзишу таҳқиқу тадқиқи жарфи меҳнатталаб.

Ғӯтавар бояд шуд ба баҳри андеша, то дурри мақсуд ба даст оварӣ. Гӯши суханшунав низ зарур аст. Сӯзи дили шоири нававар комиландеша, хирадгустар, каломаш пурсӯзу зинда бо ғаму шодии олам вассофи диёру ёр, забонаш шакаррез, суханшинос, мунаққид, сарояндаи «Ашъори ҳамсони ниёиш» (Расул Ҳамзатов) Аскар Ҳаким замину осмонпаймост. Сухан аз ҷон ба забон меорад ва бо сиришки абри найсону шабнами меҳр онро мешӯяд ва пасон бисёр зебову ҷоннавоз пешкаши хонанда мегардонад. Шоир баҳри эҷоди шеъри олӣ аз хуни хеш шеърро рангин менамояд. Пойи хомааш зарранг аст. Ҳақнавис аст.

Ба китоби шоири дар миёни ситораҳо – Аскар Ҳаким, «Замини сабзи боварҳо», донишманди мӯшикоф, доктор Алиасғари Шеърдӯст пешгуфтори олимона, кашшофона, арзишманд ва мувофиқу муносиб навишта, онро «Назарею гузаре бар «Замини сабзи боварҳо» номгузорӣ кардааст, ки шаҳодати амиқандешии ӯст. Пешгуфторро метавон пажӯҳиши муҷази серпаҳлуи илмӣ номид.

Метавон ҳадс зад, ки «Замини сабзи боварҳо» андешаҳои сабзи шоирро фарогир аст. Суханвар мавзӯъҳои зиёдро мавриди тасвир қарор дода. Дар шеъри шоир зиндагӣ, фалсафаи зиндагӣ, муносибати инсон ба зиндагӣ, нигоҳи инсон ба зиндагӣ васфи ишқ, ситоиши Ватан, муносибатҳои тарафайн (шоиру фардҳои ҷудогона), роз бо табиату Наврӯз, суҳбат бо парандагон, ниёишҳо, нигоҳ ба

зан, зориҳо ба зан, фалсафаи камолот, кашфи ҳаводиси олам, шеър аз нигоҳи шоир, шукр аз зиндагӣ ва ғайра хеле самимӣ, заминиву ҷаззоб баён гаштаанд. Ҳар шеъре, ки ном дорад, тасвири як мавзӯи ҷолиб аст. Чун домани андешаи шоир фарох аст, наметавон дар мақолае ҳамаи бардоштаҳои худро баён кард. Жанру вазни ашъори суханвар низ гуногун аст. Дарк мекунам, ки ин гуна шоирон…. азми парвоз доранд ба сӯйи сайёраҳои дуродур ва ҷое, ки пои инсон ва ҳеҷ ҷуку ҷондор нарасида. Шоир олим аст, заррабин аст, ҳамадон аст. Шоир андешамандест, ки аз ҳамаи илмҳо андак огаҳӣ дорад. З-ин рӯ ғозаи ҳусни суханаш бояд ҷаҳон рангин бикунад. Он чиро ки баён кардам, дар бисёр шеърҳои Аскар Ҳаким ба чашму дилу сар дидам.

Китобе, ки мавриди баҳсу андеша қарор додем, бо як пора шеъри бисёр зебо, ки муроҷиат ба башар аст, оғоз меёбад. Эҷодгар инсони хокиро аз он хушиқбол меҳисобад, ки ҷояш дар пастӣ не, балки дар баландиҳо буда, ҷояш «Дар миёни ситорагон холист».

Дар шеъри «Замини сабзи боварҳо» (Эҳдо ба Абдураҳмони Абдуманнон, марди ҷонфидо) шоир муносибати инсон бо инсон, ба ин васила муносибати худ ба «сарзамини хеш»-ро хуб ба қалам дода. Аз нигоҳаш «марзи гиронмоя» марзи Ватан аст, зеро аз азал ин хокро «андозаи тангу фарохӣ» нест. Андешаи шоир оид ба хоки Ватан волост: «Хоки моро то абад тафсиру андоза баландоист». Чаро? Зеро шоир вожаҳои рӯдҳоро мешунавад, «гӯш ба хоки таҳаммулнок» мегузорад, аз гузаштагони некноми худ Зардушту Маздаку Монӣ сухан мешунавад. Ва дуруст менигорад ки «хоки покашон ин ҷост». Бузургии фарзонагонро дар он мебинад, ки «Дар ду олам ҳам нахоҳӣ ёфт ҳамсоншон». Хуб таъкид шуда, ки аз онҳо «...ин ҳама фарҳанги тоҷик ориёнфар монд», ҳар ваҷаб хоки азизи моро баландии ин мардон «Кард гардуни баландахтар».

Дар «Шеъри ман» амиқ иброз дошта, ки «Шеъри ман зиндагонии ман буд». Оре, шеър зиндагии пурорзу, пурмуаммои шоир аст. Агар шеър зиндагӣ набошад, зарур

ба эҷод нест. Шеърҳои «Наврӯзи фарвардин» (Эҳдо ба Сайидалии Сайид), «Шоҳроҳи нанг ё девори санг» (Эҳдо ба устод Муъмин Қаноат), «Ниёиш бар сари турбати Лоиқ», «Бубахшо, эй Ватан!» (Эҳдо ба Ҳасанбой Шарифов), «Тоқии Мирзову попохи Расул», «Ту худро кам мабин» (Ба духтари тоҷик), «Руҷӯи марди донишвар» (Эҳдо ба Муҳаммадҷон Шакурӣ), «Нози Лайло» (Ба Ҳақназар Ғойиб), «Худ чароғи хеш бош» (Нигоҳе ба ҳайкали 14-метраи Буддо…) ва чанде дигарро метавон рисолаҳои хурд-хурди илмию адабӣ, баёнгари бадеии ҳақиқат номид. Зеро бо эҷоди шеърҳои зикршуда шоир ҳам андешаҳои илмиву бадеиашро изҳор медорад, ҳам ба қадршиносии шахсиятҳои наҷиб ҳидоят мекунад. Ӯ бо чунин шеърҳояш мавҷуд будани анъанаи сипосгузории ашхоси фарзонаро бори дигар таъкид мекунад. Дунё бо бузургонаш зебост, мегӯяд ӯ, ки ҳақ аст. Барои рози дилашро кушодан ва ба ҳар шахс баҳои сазовор додан, шоир гавҳари суханро шаддабандӣ мекунад. Дар шеъри «Наврӯзи фарвардин» бузургии Наврӯзро таъкид карда, ба ҳар лаб ғунчаи ҳарфи салом кушудани субҳро ҷилванамо мегардонад, «рӯдҳои ояи ишқи биҳиштиро» «ба дашти синаҳои ташна» меронад, ёди рафтагони зиндаёди дили мову дили таърих мекунад, ки аз «чанги муғулу тозиён» бо Наврӯз озод гаштаанд. Суханро хеле хотирмон оинабандӣ менамояд. Бо ин тарз мехоҳад мо «савоби ҳастии меҳрофарини хешро» имрӯз «чу абри навбаҳорон бар саропои замин борем». Чаро? Зеро:

*Ки мо аз тухмаи пиндору гуфтори накукирдори Зардуштем,*
*Накудину беҳиноин ба сад ҷадду ба сад пуштем,*
*Агарчи дар дами теғи аҷониб мо ба хуни хеш оғуштем,*
*Валекин хештан ҳаргиз на мӯреро биозурдем, на куштем.*

Ин шеърро метавон пандномаи ҳифзи нангу номус, эҳдо ба миллати таърихофарин номид.

Мепиндорам, ки шеър бояд ифодагари шахсият, гармдори анҷумани роз бошад. Аскар Ҳаким дар шеъри

«Шоҳроҳи нанг ё девори санг» устод Муъмин Қаноатро пешбар ва суръатафзой хонда, ҳамчун бозкушои «шеърҳои нанг» кашф карда, ки андешаи борикбинона аст. Чун олими тавоност, дидашро нисбат ба устод Лоиқ ҳам хеле санҷида, олимона ва шоирона гуфта. Он шеър вазни чанд китобу рисолаи илмиро дорост. Аввал, дар шеъри «Ниёиш дар сари турбати Лоиқ» самимияту дӯстдорӣ ва арҷгузории қаламкаш ба қаламкашро мебинам. Дувум, Лоиқ аз нигоҳи шоир «чашмаи илҳом», «оғози беанҷом», «чилчароғи субҳу шом» аст. Сухантироз хеле бо назокату самимӣ мақоми шоирро аз нигоҳи худ муайян намуда:

*Ассалом, оғози беанҷом,*
*Ассалом!*
*Ассалом, эй нек, эй Зардушт, эй Буддову Исо,*
*Эй Муҳаммад, эй расули охирин,…*
*Ассалом, эй лавҳи таърих,…*
*Ассалом, эй бодапаймо, ҷодапаймо…*

Шеър як ҷаҳон маънии андешабарангез дорад. Арҷгузории гузаштагону имрӯзиёну фардоиён аст. Ҳалқаи пайванд аст, ёдномаи таърих аст. Ҳаққо, ки ниёиш аст. Зеро, агар дар зиндагӣ бо шоир суҳбати гарм дошта бошад, пас аз маргаш ӯро ба курсии арш мегузорад. Ин аст ҳиммату бузургӣ ва қадршиносии инсону сухан. Шеъри «Бубахшо, эй Ватан!» як таърихча ва ёдест аз барафрозандагони парчами шарафи тоҷик. Шеъри «Ту худро кам мабин» муроҷиатест ба духтари тоҷик, ки худро аз дигарон кам мабинад ва гули мурод бичинад. Ҳамоҳангие бо шеъри «Тара Чандри»-и устод Турсунзода дорад:

*Агар як доман афшонӣ, зи ҳар як чини домонат*
*Бубинӣ, рехта чун гарди хоке ҷони сад мардест.*

Барои духтари тоҷик, ки гурдзода аст, сарпастиро раво намебинад. Мегӯяд:

*Сарат бардор, мо, к-аз сарбадоронем, як ҳарфат*
*Аз ин ҳафт осмон моро фаротар барфарозад ҷон…*
*Ту шере бош, то ҷуфти ту бошад шеру наслат шер…*
*Ки фардо ин Ватан нозад ба мардони барозанда…*

Аз мутолиаи шеъри Аскар Ҳаким дарёфтам, ки таърихро хуб медонад, ҳам шоирона, ҳам олимона васфу тасвир мекунад. Ӯ ба шеъри гузашта арҷгузор аст. Шеъраш ба ашъори бузургтарин устоди каломи бадеъ Рӯдакӣ, Ҳофиз, Мавлоно, Турсунзода, Иқбол, Нимо Юшич, Лоиқ, Бозор Собир ва дигарон ҳамсадоӣ дорад. Чӣ тавре ки мегӯянд, аз шеъри худ шеъри беҳе бинад, ҳасад намебарад, балки ҳавас мекунад. Меъморона бинои шеър месозад, «ҷоми бодаро бо соғари хуршеди тобон ҷанг» меандозад. (Аз шеъри «Наврӯзи фарвардин»). Дар шеъри дигаре меафзояд:

*Достак, боз ба миқрози пару боли баланд…*
*Ва бибур риштаи ҳар фанду фиреб…*

(Аз шеъри «Достак»)

«Ёри яккаҳо - Худо» ҳамоҳангӣ ба ашъори Иқбол дорад. Шоири эҷодгарро метавон таъйингари мақоми фард номид:

*Ки як тан мерасад бар кӯйи мақсуд,*
*Ки як тан мезанад парчам сари кӯҳ.*

Шеъри «Гуфтугӯ бо рӯҳи падар» меҳрнома, ифтихорнома, саёҳатномаест, ки дар он дарду фиғони шоир нуҳуфта. Адиб дар саропардаи ишқ дар афту дарафт аст. Дар ҷодаи ишқ ҷуз зи ҷон дӯст доштан, дигар ҳунаре надорад. Ҳунари воло. Тасвиру суханаш лангардор аст. Санохони ишқ аст:

*Ало оне, ки рӯёнӣ ҳазорон дона аз як дон,*
*Ва аз як хӯша сад хирман,*
*Ҳамин як дона ишқамро ба эҳсон хирмане гардон,*
*Ки бо сад шукр резам ман ба пойи зан.*

(«Аз ту раҳмат, з-ӯ муҳаббат»)

Зебову ҳимматбаландона гуфта:

*Ман баландат зи арш бинишонам,*
*Каҳкашонро ба пойи ту резам…*
*Медиҳем авҷи ишқ гардунро,*
*Ки замин баҳри ишқи мо танг аст.*

(«Мавҷи ишқ»)

Ғазалҳояш «Биё, ки биё!», «Эй сабзтар ба қомат», «Эй баҳори боронҳо…», «Шеъри хундори ман гиряд», «Тоати ишқ», «Ҳавсалаи бекорӣ» ва ғайра пурлатофатанд.

«Замини сабзи боварҳо»-ро сафҳа-сафҳа гардонидам, сабадгули зебое аз вожавуибораву сатру байту пораҳои шеърӣ оростам, ки басо чашмрабостанду дилбар. Ва дарёфтам, ки шоир дар сухансозӣ эҷодгари нававар аст. Далелҳои зер исботи даъвистанд. Иборасозӣ: *афлоки ноҳамёр, риши даҳр, боғи хирад, шаҳпари хеш, ғунчаи маъно, гул кард варақ, хомаи ғамнишон...*

Шоир хоҳони дилест, ки қимати дард донад. Шеъраш пур аз рамз аст. Пораҳои зер исботи даъвист:

*Ман чӣ гардунам,*
*Бар сарам гар ҳафт гардуни дигар набвад*
*Ҳамчунин боло,*
*Ҳамчунин воло…*

Ва:

*Абрҳо ҳамчун сарандози арӯсӣ рахт нашкаста,*
*Осмон чун шаҳ камар бо фӯтаи рангинкамон баста,*
*Рӯз рӯзи васлу дидор аст,*
*То замину осмон ёр аст.*

Сатрҳои фавқ аз парвозгари сухани воло будани шоир гувоҳӣ медиҳанд.

Таъкид кардем, ки шоир бо рамз сухан мегӯяд. Чаро? Андеша дорам, ки замон шахсони пурдилро водор мекунад, ки бо рамз (бо рамзҳои муаммо ва орзуҳои дар дил ғӯрамарг) сухан гӯянд. Сатрҳои зер аз «Шеъри хундори ман гиряд» ҷаззобанд дар пироҳани зебои рамз.

Лутфи сухан дар ашъори шоир бисёр ҳаловатбахш аст. Дар хоб дидани маҳбубе, ки решаи дину оин месӯзаду ҷон мебахшад, дар дафтари зиндагӣ мондагор аст.

*Гар биҳишташ биҳиштам, ӯям дод*
*Як биҳишти дигар дар оғӯшам.*
*Лаби нӯшаш чу бар лабам бинҳод,*
*Чашмаи Хизр шуд фаромӯшам…*

Аскар Ҳаким бо шеъри худ дили хонандаро ба зиндагӣ гарм мекунад, ба ӯ умед мебахшад, ки зиндагиро дӯст дорад. Шоир аз касе, ки «навову нағмаи шодист», хоҳиш дорад, ки умедҳояшро барбод надиҳад. Бо орзуи «як сабад дидор аз ҳар субҳ», бо орзуи «сафои савсани рӯ», «як ҳарам оғӯш аз ҳар шом» ва «абирафшонии гесӯ» илтиҷо мекунад:

*Эй, ки дар номат навову нағмаи шодист,*
*Ҳамчу номат сабзу шодам соз…*

Сухани шоир ҳам об мекунад ҳар дилро ва ҳам менавозад дилҳоро. Шеъри шоир таъкидҳои омӯзанда дорад. Дар шеъри ба назари мо рамзӣ - «Ҳавсалаи бекорӣ» гӯяд:

*Ман дигар ҳавсалаи кор надорам, оре,*
*Ки маро кори бузургест кунун бекорӣ.*
*Кор, коридани чизест агар дар марзе,*
*Марзи ман хеҷ намондаст, ки чизе корӣ.*
*Ҳар чӣ дар марзи дилам ҳаст, бурун андозам,*
*То ки боре ба дили худ бикунам дилдорӣ…*

Даъват мекунад ба ҳушёрӣ:

*Чун тавон гуфт, вале фош аз он роз, ки ҳаст,*
*Он ки ҳарфе зад аз ин, рафт сараш бар доре…*

Ҷоми баргҳои сабз дар даст рафтам ба бӯстони рубоиёти Аскар Ҳаким. Бояд бигӯям, ки ҳама анвои шеър хубанд, вале писандидатару арҷмандтарин жанри бадеӣ барои камина ғазалу рубоист. Навиштани рубоӣ кори осон нест. Уқёнусро, дунёро, кайҳонро, зиндагиро боястӣ, ки дар пиёла ё киштӣ, ё хумдон, ё сандуқчаи зулбиёи даркушо ҷой кард. Иксиру давост ин рубоӣ:

*Дил ҷӯй, ки мардум диҳадат дар дил ҷо,*
*Дарди дили ту кунанд бо меҳр даво.*
*Дар даҳри муомилат на ин аст равиш,*
*К-аз дасти ту гиранд, ту гирӣ аз по.*

Рубоӣ оҳанги халқӣ дорад. Зебову чун оби зулол нӯшиданист.

Аҷоиб муҳокимарониҳои пурроз дорад шоир. Дуруст мегӯяд: Дар хоки тар решаи мо сабз аст, «Бар решаи мо занад фақат тешаи мо». Ин фикр водор мекунад, ки сар ба дунёи андеша фурӯ барем ва ҷавоб биҷӯем. Шоир дар як рубоӣ ишора мекунад, ки мо зери бағал девонҳо дидем, ғазалдевонҳо хондем. Вале аз ақл мепурсад: Чаро? Ва худ ҷавоби амиқ медиҳад: «Девона шудем аз ин касалдевонҳо». Калимаи «касалдевонҳо» кашфи шоир аст. Шоир башарро бемор мепиндорад ва баҳри табобати он даво меҷӯяд. Ғаму шодӣ тавъаманд. Хизрро даъват мекунад ба тамошои инсони даст бар гардани ёр. Шоир рамзкушост. Ба рақибони ноҷавонмарду пуштисаргӯй худро чунин мешиносонад:

*Шамъам, ки зи шамси ту пуранвортар аст,*
*Як лаҳзаам аз асри ту пурбортар аст.*
*Ҳақ ҷуставу ҳақ гуфта, ки месозам шеър,*
*Як байти ман аз қасри ту подортар аст.*

Шеър бо чунин салобату нишонрасӣ метавонад вазифаи шермардӣ ва сиёсатмадориро иҷро кунад.

Намебитвонам сатр ба сатр андешаи худро оид ба рубоиҳои Аскар Ҳаким иброз дорам. Вале дарк кардам, ки ҳаққо навиштаҳояш шоиставу сазовори омӯзишу тадқиқ ва навиштани рисолаҳои номзадиву докторист. Ба гуфтаи барҳақи утоди бузурги каломи бадеъ Расул Ҳамзатов Аскар Ҳаким «яке аз шоирони пешбар ва давомдиҳандаи ҷараёни тоза дар шеъри муосири форсӣ аст».

Дар рубоиёти шоир нафрин ба «даврони камону зеҳ» қавист. Сӯзиши дил аз «оҳи шикаста дар гулӯ», «дар хуни худ ғарқ будани гулу булбул», «аз хулқи каҷи башар» ба сари каҷ «деги каҷ сохтан»-и гардун ва масъалаҳои дигари рубоиёташ риққатоваранд. Шоир чаҳор сатри рубоии худро «чаҳор сӯйи дунё», «гуфтугӯи дунё» эълом дошта, билкул дуруст менигорад, ки «Ду байти рубоиям ду рӯи дунёст». Ҳамин аст ҳунари баҳрро дар пиёла ҷой додан. Доносухани тозагӯй ва навҷӯй Аскар Ҳаким дар эҷод на танҳо худро, балки ҳамагонро низ дар назар дорад. Қаламкаш ҳақи сухани паст гуфтан надорад. Ӯ бо сеҳри андеша аз сухан бояд беҳин ва навтарин тайёраҳо ба сӯи сайёраҳо эҷод бикунад. Бинобар он гуфтаҳояш, дар хусуси он ки дар ҳар рагаш «ҳазорҳо овоз», дар ҳар нафасаш «ҳазорҳо оғоз», «Дар ҳар шиканаш ҳазорҳо парвоз аст», айни муддаост. Аз нигоҳи нигоранда ин даҳр «ҳама тақсир», «ҷойест, ки муши мурда беш аз шер», хокистари афсурда рӯю «оташ андар зер», «айёми фарохдастӣ беимкон», «умр пурозор» аст. Чунин нигориш ҳақ аст! Аскар Ҳаким, ки аз мактаби эҷодии бузургон тавонмандона гузаштааст, ҳакимона сухан мегӯяд:

*Роҳе, ки ба мақсад бибарад, тадбир аст...*

* * *

*Тарс аз саги хомӯш, ки ғофилгир аст.*

* * *

*Аз шеваи осмон биёяд аҷабам,*
*Ҳар ҷо сари пӯк аст, таҳи боли ҳумост.*

* * *

*Азбас сухани ҳақ аст бурранда чу теғ,*
*Лаб бандӣ агар, лабат бурад в-арна сарат.*

* * *

*Нурат нарасад зи маҳфили тирадилон*
*Хуршед зи файзи ахтарон равшанрӯст.*

Шоир суҳбаторост бо мардум. Мардумона сухан мегӯяд: «Дил бошаду азми мард, майдон ҳама ҷост», «Ҳар бол задан ба арш парвозе нест», «Мурғони чаман низ ҳама булбул нест». Табъи сухансозаш бо хуни абёташ рангин гашта. Аз рубоиёт дарёфтам, ки соҳиби сухан аз замон, макри он, арғуштакҳои баҷову беҷояш, аз домгузориҳояш, заҳру шакаромезиҳош хуб огаҳӣ дорад. Ҳайратгузор навишта:

*Эй саг, ту ҳам аз макри замон огаҳ бош,*
*Ноне агарат дод, дар он сӯзан ҳаст.*

* * *

*Дӣ бар сари мо, ки мекашидӣ теғат,*
*Имрӯз ҳамон теғ туро хоҳад кушт.*

Гиребонгириҳо баҳри курсӣ ва дигар воқеот боиси ба забон омадани ин рубоии баланд шуда:

*Ҳоло на фақат, ки гуфта хунолуд аст,*
*Ҳам рози ба дил нуҳуфта хунолуд аст.*
*Дирӯз, ки дар баҳори гул хунҳо рехт,*
*Ҳоло гули ношукуфта хунолуд аст.*

Вазифаи ҳамагон аст ғубор аз рӯи гули хунолуд ба меҳр бардоштан ва нагзоштан, ки дигар гулҳои зиндагӣ хунолуд гарданд. Шеъри шоир баёни ҳакимона дорад. Соҳибсухан соҳибистеъдод аст, ҳарзагӯю пургӯй нест, санҷидагӯй аст. Ба хонанда ҳақро мегӯяд: «Ҳар мушаки мурда муддаии шер аст», «Ишқ аст, ки булбул ҳама шавқ асту навост». Одами

бадро, ки ҳур дар дидааш мӯр, дебои биҳишт дар дидааш бурё метобаду сарднафас аст, чунин мешиносонад: «Бар дӯзах агар равад, кунад дӯзах ях». Ҳаққо, ки рост аст. Шоирро метавон муаллими дабистон номид. Ӯ ба дабистониён чунин рози дил арза медорад:

*Ҳар кас ба фанои самараш мегиряд,*
*Дил об шавад, чашми сараш мегиряд.*

* * *

*Ҳар кас, ки сухан сохт ватан иншо кард,*
*Ҳуббулватане ба ҷону тан иншо кард…*

* * *

*Бо боли замингир ба гардун нарасӣ,*
*Парвози баланд хоҳад оғози баланд.*

Ашъори Аскар Ҳакимро хонда, ба чунин андеша омадам: Оне мегӯяд, ки мо шеър надорем, шеър такрор аст, ҳарфаш ҳаргиз мақбул нест!

Дар шеъри шоири мумтоз андешаҳои ирфонӣ низ ба чашм мерасад:

*Ман мурғи ҳумоям осмонҳо бар дӯш.*

* * *

*Шабнам накунад пиёлае ҳаргиз пур,*
*Баҳре ба пиёла низ натвонӣ бурд.*

* * *

*Хуршед, ки бедор кунад оламро,*
*Як шабпараро ҳеҷ, ки бедор кунад.*

Аскар Ҳаким эҷодкори кашшоф аст. Оварда, ки лоли безабон метавонад бо ҳарифаш бо забони чашму рӯ роз гӯяд, бо ҷаҳд гурба паланг нагардад, мусича уқоби тезчанге, моҳичаи рӯд наҳанге нашавад. Хушбахтиро дар он мебинам, ки «агар касе ниёзат дорад». Дуруст андеша меронад, ки сабаби ҳамаи ҷангҳо даъвии «ман хубу ту бад аст». Хушаш меояд, ки «Оқил зи нишони доғ маҳ меҷӯяд», на баракс аз чеҳраи моҳ доғ. Таъкид дорад ба халқ: То ин ки якдигарро

нахӯред, ба худ нигаред, на сӯи дигар. «Онон»-ро (ба сад ҳизбу ҳукумат гаравидагонро) мардона даъват мекунад, ки «мардум бишаванд». Бозӣ дорондани сухан ва санъати сухан дар рубоиёти Аскар Ҳаким моҳирона аст. Инсонро ба суҳбат мекашаду бишнав мегӯяд:

*Бо хор ҳам, эй ёр, биё, биншинем,*
*Як бор бубинем, чӣ мегӯяд хор.*

* * *

*Ин даҳр магар нест, ки як хуршедаш*
*Равшан бишавад, кушта ҳазорон ахтар.*

* * *

*Бо ман бувад ин даҳр пуру бе ман лек,*
*Яксар ҳама холист чу Саҳрои Кабир.*

* * *

*Аз хуни башар гашт ду олам рангин,*
*Ин олами ранг аст ва ё олами нанг?!*

Шеъри Аскар Ҳаким шеъри андеша ва шеъри андешабарангезу гулрезу гулбез аст, зеро «Аз хок уруҷи осмон оварда». Соҳибқалам «шогирду дабири мактаби худ» аст ва ҳамагонро даъват бар он дорад, ки «завлона зи фикри худ канем». Оре, бе ин амал озод нестем. З-ин рӯ даъват ба «бедористон» мекунад ва мегӯяд. Эй ҷӯҷаи навбол, кош замона нашканад боли туро, агар майли шиштан дорӣ, «ба шохи Парвин биншин», маҳ дар фалак аст, дар чаҳаш маҷӯед! Таъкидаш бомавқест. Хулосаи пиндораш оид ба одам ин пурсиш аст:

*Донӣ, ки чаро ба оламат меоранд,*
*К-одам шудан омӯзиву олам гардӣ.*

Бесабаб нест, ки доктор Алиасғари Шеърдӯст ҷаззобияти шеъри Аскар Ҳакимро баёнгари хираду маънӣ ва халлоқияту ишқ ба зиндагӣ, Гулназари санҷидагӯй шоирро «бо ғаму шодии мардум ҳамнафас», адиби рус В. Орлов лиризми шеърашро «комилан нодир» номидаанд.

Шеъри шоир маро чун оҳанрабо ба худ кашид, диламро ба эҷоди шеър гармтар кард. Хуллас, аз ашъори шоир заҳматҳо, такопӯҳо, андешаҳои пурдард, фарёдҳо, ҷаҳони андешаи ба силки назм кашидааш: тавсифи ишқи ҷоннавози ҷонона, меҳри қавию гарм ба Халқу Ватан, хоҳишу ниёишҳо баҳри ғамхории мардум, ободии диёр, ғирев баҳри Ваҳдату Сулҳ, оромии ҷаҳон, ғанимат донистани умр, арҷгузории инсон ва меҳнати он, мисро аз зар фарқ кардан, бо пари анқо орзуи парвоз ба он сӯи фалак накардан, ҳар лаҳза аз одамӣ ба маймун табдил нашудан, аз роҳи ҳаво ба Каъба рафтану «ҳоҷии ҳавоӣ барнагаштан», бо асл дидаи дил равшан кардан, шасти худ ба дарёи само наандохтану ва аз мавҷи сароби дашт орзуи моҳигирӣ накардан ва ғайра, як ҷаҳон маънӣ дарёфтам. Дарёфтам, ки шоири навҷӯ сабки худ, мавзӯъҳои худ, парвози худ, латофату балоғати сухани худро дорост. Аз каломаш айб наҷустам. Айби чашмрасе ҳам ба чашм нахӯрд. Орзу мекунам, ки шоири ба мавҷи худ печида бо паҳно, дар кориcтони дилаш ҳамеша размандаи фотеҳ бошад. Шоири маҳбуб, суханаш пуртаровату дар дилу дидаҳо мондагор Аскар Ҳаким нисбат ба худ ҳақ гуфта:

*Ман нақши замири матлаби худ ҳастам,*
*Шогирду дабири мактаби худ ҳастам.*

Як нуктаи дигарро бояд таъкид намоям, ки шоири борикбину навгӯву навҷӯй дар истифодаи санъатҳои бадеӣ, лафзию маънавӣ, истифодаи забони халқ ба пояи устодӣ расидааст. Далели даъвии мо зебоӣ, ҷаззобӣ, рӯҳафзоӣ, бонамакӣ, равонӣ, меҳрсириштӣ, хусусиятҳои хос ва рӯҳи башардӯстона доштани шеъри ӯст. Бе муболиға «Замини сабзи боварҳо» даъвии моро тасдиқ мекунад. Аз хондани ин китоб ва навиштаҳои дигари шоир ҷонам ҳузур кард. Бузургии сухан ҳам бояд дар ҳамин бошад, ки ба инсон рӯҳ бахшад, ба қаҳрамониву бешикастӣ барад. Бо мутолиаи ашъори пурмағзу сара ва латифи Аскар Ҳаким ба хулосае омадам, ки ӯ дар кӯраи эҷоди шеър обутоб ёфтааст.

*Муҳаммадалии Аҷамӣ,*
*шоир, пажӯҳишгар*

# НИГОҲЕ КӮТОҲ БАР ҚОМАТИ БАЛАНДИ ШЕЪР

Ҳамин чанд рӯз қабл тӯри боронҳо шаҳрро дар худ пӯшида буд ва баҳори юсуф кӯча дар кӯча самоъи сабз мерафт… Дар ҳолате чунин нишаста будам бо танҳоии худ ва ин байтро барои худ мехондам:

*Боз ҳам боз чатри танҳоӣ,*
*Боз ҳам кӯча-кӯча борон аст…*

Дар чунин рӯзе, ки ҳар чӣ буд, борон буд, устод Аскар Ҳаким вориди коргоҳи банда шуд, бо табассумҳои зебо ва бози худ. Омад даст бар дасти боронҳо ва борони ҳилму муҳаббат ва ошноиро дар ман борид ва ду китоби шеъри худро бо номи «Санги ман – алмос» ва «Замини сабзи боварҳо» бар ман тақдим дошт. Баъд аз он ки устод Аскар Ҳаким бо ман «худо ҳофиз» гуфт ва баргашт, китобҳои ӯро боз кардам. Дарёфтам, ки Аскар Ҳаким шоире ҳаст, ки ҳанӯз, он гуна ки мебояд, кашф нашудааст. Мутолиаи шеърҳои ӯ маро ба ёди солҳои ҷавонӣ бурд, он солҳо устод Аскар Ҳаким дар бахши нақд бисёр овозадор буданд. Бахусус, китоби нақди ӯ бо номи «Шеър ва замон» даст бар даст мегашт, ки ҳанӯз ҳам он китоб вижагиҳои худро гум накардааст. Китоби «Шеър ва замон»-и устод Аскар Ҳаким дар радифи корҳои таҳқиқотии мунтақидони барҷастае чун Абдунабӣ Сатторзода ва Абдураҳмони Абдуманнон аз беҳтарин пажӯҳишҳо башумор меояд… Ва китоби «Шеър ва замон» маро сахт ба худ маҷзуб сохт ва орзу мекардам, ки бошад, рӯзеву рӯзгоре ман низ дар мавриди шеър чизе бинависам. Аз он орзу солҳо сипарӣ шуд, то андак-андак дар худ таҷруба андӯхтам ва рӯй овардам ба нақд. Нақд, пажӯҳиш фанни аҷиб аст, розҳои печида ва шигарфе дар худ

дорад, ҷаракаи аввалини онро дар вуҷуди ман устод Аскар Ҳаким равшан сохта буд. Агарчи ин ҷарақа солҳо дар ман рушд кард, тарбият ёфт, шакл гирифт ва худро дар ниҳоят зоҳир сохт. Ҳоло ки ин сатрҳоро менависам, ба устод Аскар Ҳаким самимона ташаккур мегӯям ва дар кори накду пажӯҳиш ӯро устоди нахустини худ медонам… Ва ҳоло суҳбати мо аз шеъри ӯст, аз шоир Аскар Ҳаким, шоире, ки дар шеъри худ нафас мекашад, зиндагӣ мекунад ва бо шеъри худ бегона нест. Ҳар шоир ба навъе, ба гунае ворид ба шеър мешавад, ки мутобиқ аст ба сирати ӯ.

Устод Аскар Ҳаким шоире аст, ки аз тариқи таҷриба ба шеър ворид шуда ва даст ба дасти шеър додааст. Таҷрибаи ӯ дар шеър таҳқиқ, пажӯҳиш ва ошноӣ ба шеъри шоирон буда, ки дар ин мактаб ба шеър хубтару беҳтар канор омадааст. Бархе ҳанӯз ҳам бар он ҳастанд, ки беҳтар буд, Аскар Ҳаким даст бар шеър намезад, кофӣ буд, ки дар бахши накд фаъолият медошт. Ва онон надонанд, ки барнома дар ихтиёри Аскар Ҳаким нест, балки он аз ҷойи дигар танзим ё рехта мешавад. Ба қавли Ҳоҷа Ҳофиз:

*Дар андаруни мани хастадил надонам, кист,*
*Ки ман хамӯшаму ӯ дар фиғону дар ғавғ ост.*

Мавлавӣ гӯяд:

*Эй он миёни ҷони ман, талқини шеърам мекунӣ,*
*Гар тан занам, хомӯш кунам, тарсам, ки фармон бишканам.*

Дар байти Мавлоно таркиби «гар тан занам» бар маънии агар сар бибозам, сар бипечам аст аз фармон. Маъно ин аст, ки фармони шеър ба Мавлоно аз ҷойи дигар талқин мешавад. Ва агар онро дар ҷони худ хомуш кунад, фармонро бишкастааст. Дар ҷой дигар Мавлоно ошкортар мегӯяд, «Хун, ки меҷӯшад, манам аз шеър ранге медиҳам». Яъне ҳамин омил буда, ки устод Аскар Ҳаким ба ночор гӯш ба садои дарун доданд ва сар ба фармони шеър доданд ва ҷӯши

ботинро дар шеър ранг бастанд. Дар ҳамин хат як шеъри зебои устод Аскар Ҳакимро бо ҳам мехонем:

*Ин кадомин боғ меояд,*
*Ин кадомин боғ атри хешро дар чанбари гесӯ-ш меорад,*
*Ин кадомин боғ бишкуфта ба парпарҳои домонаш*
*Чун ту меойӣ чамида, раҳ ба раҳ гулбарг меборад.*
*Ин кадомин боғ меояд?*

*Ин кадомин боғ меояд,*
*К-ин ҳама овойи гардунсайри мурғони биҳиштиро*
*Медиҳад аз арғунуни шохсори сабзи худ парвоз,*
*То замину осмон пур мешавад аз нағмаву овоз.*
*Ин кадомин боғ меояд?*

*Ин кадомин боғ меояд,*
*К-аз зулоли чашмаҳояш ҳар қадам оинабандон аст,*
*Сабза дар оғӯши обу обҳо бо сабза дар оғӯш*
*Ҳамдигарро қиссаҳои ишқ мехонанд зери гӯш.*
*Ин кадомин боғ меояд?*

*Ин кадомин боғ меояд,*
*К-аз кадомин сӯяш ойӣ, сӯйи гул ойӣ*
*В-аз кадомаш ҳам равӣ, бо бӯйи гул ойӣ,*
*Ё магар ҳар чор сӯяшро ҳисоре бастаанд аз гул?*
*Ин кадомин боғ меояд?*
*Дар бувад ин боғро шояд?!* (Замини сабзи боварҳо, саҳ. 53).

Ин шеър дар ҳолу ҳаво ва фазои нимоӣ эҷод шуда ва он як шеъри муваффақ аст, дар кори устод Аскар Ҳаким. Шоир дар шеър калимотро барои ранггузорӣ ва нишон додани ҳисси ботини табиат ва инсон ба кор гирифтааст. Калимотро тавре дар мисроъ оварда, ки ҳар калима ҳокӣ аз ранг, аз ҳолати дарун ва ҳисомезӣ мебошад. Андеша дар шеъри фавқ урён нест, ҷудоӣ ва дурангӣ миёни аносири шеър вуҷуд надорад. Бархӯрди шоир бо андеша отифӣ аст ва тавониста

шеърро дар калимот, таркиб ва рангҳо зуб кунад ва бар шеър ҳаёти абадӣ бидиҳад. Тамомии вожа, андеша, тасвир, маъно дар шеъри ҳозир мадюни мисраи аввал «ин кадомин бо меояд» аст. Фаразан, агар шоир мегуфт, «Аз кадомин боғ меойӣ» ҷозибият ва шеърият дар шеър мешикаст. Ва бурди устод Аскар Ҳаким дар шеър он ҷост, ки ӯ бо истифодаи як мисраи рехта, мунсаҷим ва зебо шеърро ба хонанда пешниҳод мекунад, шеърро пеши рӯи хонанда қарор медиҳад. Хонанда аз мисраи аввал бо шеър рӯ ба рӯ мешавад ва даст бар дасти шеър мегузорад. Бо он ки шоир аз вожаи ҳайрат кор нагирифта, аммо ин ҳис дар зеҳни хонанда бурӯз мекунад. Дар баёни мисраи «ин кадомин боғ меояд» ҳам суол ва ҳам шигифту ҳайрат зеҳнро ба худ машғул медорад... Ҳайрат ва таҳайюр дар шеъри ниёгон аз истилоҳоти ирфонӣ аст ва он бар маънии саргардонӣ дар баҳри тавҳид ва дар водии ишқ аст. Самараи тафаккур ҳайрат ва таҳайюр аст, ки банда дар дарёи бекарони аҳадият саргардон шавад ва маҳви ҷамолу ҷалоли ҷабарути илоҳӣ шавад. Ҳофиз гӯяд:

*Ишқи ту ниҳоли ҳайрат омад,*
*Васли ту камоли ҳайрат омад.*

Низомӣ гуфтааст:

*Дар ин манзил касе к-ӯ пештар рафт,*
*Ба ҳар гомаш таҳайюр бештар шуд.*

Ва Аскар Ҳаким бо ҳайрат ва шигифт мегӯяд: «Ин кадомин боғ меояд» ва боғ магар ҳамон ниҳоли ишқ нест, ки Хоҷаи бузургро ба ҳайрат гирифта. Боғ дар шеъри устод Аскар Ҳаким ҳамон ниҳоли ишқ аст, ки шоирро дар эъҷози ҳайрат ва шигифт қарор додаст. Навиштаҳои фаровон ба чашм мехӯрад, ки андеша дар як ҳолат ба шеър гиреҳ мехӯрад ва мегӯянд ин хулоса шеър аст. Дар шеъри ҳозир ин тавр нест, зеро он аз ҳамон оғоз аз шеър шурӯъ мешавад ва дар шеър поён меёбад. Ҳар он шеър, ки аз бадеият шурӯъ

мешавад ва дар бадеият поён меёбад, аз беҳтарин шеър аст ва ин таъриф ба шеъри «Ин кадомин боғ меояд» бисёр мувофиқ аст. Боғ дар шеъри фавқ аввал як инсон аст баъд аз он маъшуқ, инсоне, ки ғарқ аст дар маърифат ва маъшуқа, ки саршор аз эъҷози зебоиҳост. Ва бо ин қадам мезанад ва атру зебоиро дар чанбари гулҳо пароканда месозад. Бо ин қадам мезанад ва мушку анбар, зебоӣ, ранг, атр дар гесӯи вақт ҷорӣ мешавад. Агар як наққош бо чирадастӣ ин ҳама тасвирро дар таблу ранг бирезад, боз ҳам зебоии шеър ба тамом ошкор нашавад. Танҳо худ шеър аст, ки ҳолати қадам задани боғ, ранг ва шукуфоии онро дар баёни зебо пеши чашм ба тамошо мегузорад. Ҳар инсон боғбони худ аст, ӯ зебоиро дар худ ё тарбият медиҳад, ё онро маҳв месозад. Ва манзур аз тарбияти зебоӣ маърифат, озодагӣ, ворастагӣ, эътимод, бовари инсон будан аст дар маънои асл. Инсони имрӯз, барои он ки ба хушбахтӣ бирасад, ҷинс иваз мекунад, чеҳра тағйир медиҳад, ҷарроҳии маснӯӣ мекунад, аммо боз ҳам хушбахт нест. Зеро зебоии маърифат, забони эътиқоду бовар, зебоии ботинро фаромӯш кардааст ва ин аст, ки ҳамеша саргашта ва парешон аст. Аскар Ҳаким дар шеъри «Ин кадомин боғ меояд» ба инсон зебоии маърифат ва озодагиро нишон медиҳад. Инсонро ба сӯйи ҳамин зебоӣ, зебоии ботин даъват мекунад ва дари хушбахтиро ба инсонҳо нишон медиҳад. Яъне инсони шукуфта аз ботин, инсони шукуфта дар маърифат ва ишқ ба як боғи зебо шабоҳат дорад. Ва ҳар ҷой ки қадам бизанад, бо худ оини шукуфтанро мебарад, оини муҳаббатро ва оини садоқатро. Ва ҳар инсон як дарахте аст дар боғи маърифат ва ишқ, шукуфтан дар ин боғ рукни муҳимм аст дар зиндагии ҳар инсон. Аммо афсӯс, инсонҳо ғафлат меварзанд, аз шукуфтан фаромӯш мекунанд ва дар ботин хушк мегарданд. Хушк зиндагӣ кардан чӣ фоҷиаи талх аст, аммо, мутаассифона, на ҳама онро бидонад. Ҳарф ин ҷост, ки инсони муосир худро дар зиндагии маснӯӣ асир кардааст ва дигар дари боғи зебоиро гум бинмудааст. Инсони муосир як мошини мудели охирро бо шавқу завқ тамошо мекунад, вале ба табассум ва

шукуфтани гул дар боғ бетаваҷҷуҳ аст ва онро як ҳолати маъмулӣ медонад. Дар ҷое ҳолатеро мушоҳида кардам ва бештар бовар кардам, ки инсон аз зебоӣ дар фосила қарор дорад. Ҳолат ин гуна буд: шаш-ҳафт нафар бо ҳам як мошинро бисёр бо завқу шавқ тамошо менамуданд ва аз он баҳс мекарданд. Дар канори онон, як қадам он тарафтар, чамани гул, боғи гули садбарг зебо шукуфта буд вале аз он ҷамъ касе бар боғи гул таваҷҷуҳ надошт. Ин ҳама далолат бар он мекунад, ки зебоӣ дар инсонҳо андак-андак маҳв мешавад ва дидори боғи чунин зебо барои Аскар Ҳаким боиси ҳайрат аст. Яъне дар ин замин, ки инсонҳо дур аз зебоӣ мешаванд, ин боғ аз куҷост, ки чунин гулбор меояд.

*Ин кадомин боғ меояд,*
*К-ин ҳама овойи гардунсайри мурғони биҳиштиро*
*Медиҳад аз арғунуни шохсори сабзи худ парвоз,*
*То замину осмон пур мешавад аз нағмаву овоз.*
*Ин кадомин боғ меояд?*

Зебоӣ аз нигоҳи шоир талаби камол аст, аз нигоҳи тасаввуф рӯҳи одамӣ, барои талаби камол ба олами сифлӣ меояд ва баъд аз касби он ба олами улвӣ боз мегардад. Манзур аз боғ дар шеъри фавқ гулистон аст ва гулистон дар ирфон мақоми кушодани дили солик аст, дар маориф. Аскар Ҳаким дар шеъри «Ин кадомин боғ меояд» мақоми кушода шудани дили ошиқро дар зебоӣ ба мушоҳида нишаста аст. Дар ғазали суннатӣ устод Аскар Ҳаким ҳамин маърифат ва зебоии ботинро дар намоди як чароғ дармеёбад:

*Чароғ хоҳаму як рӯзи рушноӣ ҳам,*
*Миёни ин ҳама бегона ошное ҳам.*
*Аз ин шабонгаҳи зулмат магар равон раҳ бурд,*
*Ки нест чашми чароғею раҳнамое ҳам.*
*Чароғ дар сари роҳам зи даст бирбуданд,*
*Ки ҳеҷ каҷ нашиносам зи ростое ҳам.*

*Навои булбули ошиқ зи хок мехезад,*
*К-аз осмон нарасад бар замин садое ҳам.*
*Ба ҷон ҳидояти ӯро, ки нашнавӣ аз ғайб,*
*Ба гӯши ӯ расад оё зи ту нидое ҳам.*
*Туро, ки ҳар даме аз худ ҳазор ранҷе ҳаст,*
*Чӣ ҷойи шиква аз бандаву Худое ҳам.*
*Нафас ба оинаи субҳи мунҷамид ях баст,*
*К-ишоратест ба боми сапедазое ҳам.*

(Санги ман - алмос, саҳ 56)

Дар истилоҳи орифон манзур аз чароғ дили равшан ва огоҳ бошад ва дил равшан ба нури маърифат аст. Ва мурод аз чароғи мурда дилҳои мурда аст, ки нури маърифат дар онҳо натобида бошад.

Ҳофиз гӯяд:

*Зи рӯи дӯст дили душманон чӣ дарёбад,*
*Чароғи мурда куҷо, шамъи офтоб куҷо?!*

Дар ин байт:

*Дарунҳо тира шуд, бошад, ки аз ғайб*
*Чароғе баркунад хилватнишине.*

Мавлавӣ гӯяд:

*Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,*
*К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.*

Аскар Ҳаким дар орзуи дили равшан ва огоҳ аз маърифат аст, диле, ки зинда ва равшан бошад аз нури маърифат.

*Чароғ ҳоҳаму як рӯзи рӯшноӣ ҳам,*
*Миёни ин ҳама бегона ошное ҳам.*

Ин байт аз ғазал чӣ қадар аз нигоҳи маъно ва отифа посухгӯ аст ба он байти Хоҷа Ҳофиз ва Мавлоно. Ба монанди Мавлоно Аскар Ҳаким низ муштоқи як инсони огоҳ ва бедордил аст ва ӯро дар миёни мардум ҷустуҷӯ мекунад. Чароғ дар ғазали устод Аскар Ҳаким намоди озодӣ, озодагӣ ва таърих, фарҳанг ва худогоҳӣ низ мебошад. Бар ин маъно мегӯяд:

*Чароғ дар сари роҳам зи даст бирбуданд,*
*Ки ҳеҷ каҷ нашиносам зи ростое ҳам.*

Аз як шоири эронӣ бар ин маънӣ хонда будам: писар аз падар, ки барои дифоъ ба ҷанг мерафт, мепурсад:

*Падар куҷо меравӣ?*
*Меравам,*
*То чароғро дасти душман*
*Аз ту нарабояд.*

Чӣ дастҳое ниҳону ошкор қасд кардаанд то ин чароғро аз миллати тоҷик бирабоянд ва чӣ ҷонҳое дар ҳифозати ин чароғ қурбон гардидааст. Устод Аскар Ҳаким бо нигариши зебо сифати чароғи маърифатро дар ин ғазал ба тасвир кашидааст. Мақтаи ғазал бисёр зебо ва шево аст, ки хонандаро ба сӯйи равшанӣ ҳидоят мекунад. Субҳи баста ва гирифтаро ки дар худ ях бастааст, иморати сапед, яъне бошорати офтоб гарм мекунад. Дар мақтаъ чароғи орзуи шоир табдил ба хуршеди паём мешавад, ки дари яхбастаи субҳро об месозад.

Бояд тазаккур дод, ки муносибати Аскар Ҳаким дар халқи шеър бо забон, калима мутаносиб аст бо ниёзҳову додаҳаи инсони асри ҳозир. Ба ин шеъри «Ду шодӣ» аз шоир таваҷҷуҳ шавад:

*Ду нафар*
*Раҳ ба як чашмаи равшан овард,*

*Як нафар*
*Акси худ дид дар он,*
*бол заду шодӣ кард,*
*В-он дигар*
*Туф бар он чашмаи равшан андохт,*
*Низ болидаву шод,*
*Ки туфаш,*
*рост*
*ба оинаи он чашма фитод.*
(«Замини сабзи боварҳо», саҳ. 57)

Агарчи ин шеър бисёр фишурдааст, вале муҳтаво дар он умқ ва вусъат дорад. Аз шеър ду ҳолат, ду фитрат, ду сиришт, ду нигоҳ, ду ботин, ду зиндагӣ пеши чашм пайдо мешавад. Чашма намоди покӣ, ростӣ, равшанӣ, бахт, шодобӣ, накӯкорӣ ва худшиносӣ аст.

Ду нафарро тақдир бар сари ин чашмаи ҳастӣ овард, як нафар худро дар он кашф кард, шинохт, озодаву шодоб аз ин ҳадяи тақдир меболад. Маънои нуҳуфта ин аст, ки инсон барои шинохтани худ омадааст, омадааст, то худро, ҳастиро, зиндагиро бишносад. Аммо нафари баъд:

*Туф бар он чашмаи равшан андохт,*
*Низ болидаву шод,*
*Ки туфаш*
*рост*
*ба оинаи он чашма фитод…*

Тафовутро бингаред, нафари аввал дар чашмаи маърифат худро кашф кард, худро шинохт ва аз он эҳсоси шодобӣ мекунад. Нафари баъд бар чашмаи равшан туф андохт ва аз ин амалаш хушҳол аст. Нафари дуввум касе аст, ки ҳақиқати зиндагӣ, маънии зистан ва ҳастиро кафш накардааст. Ӯ одам ҳаст, вале ҳанӯз ба мақоми инсон будан нарасидааст. Дар ҷаҳли мураккаб қарор дорад ва дар ҷаҳли хеш ғӯтидааст. Кайфият ва лаззати шинохтанро дарк ва ҳис

намекунад, фитрати ӯ аз ин ангезаи нацҷиб дур аст. Бар маънии дигар, чашмаи равшан худ инсон аст ва он ҷоҳил туф бар худ мекунад.

Дигар аз ҷилваҳои андеша дар шеърҳои устод Аскар Ҳаким таърихи миллат аст дар фарозу фуруди замонҳо. Бихонем:

*Мо гиристем,*
*вале бар ғами мо хандиданд,*
*Уфтодем,*
*вале бар сари мо по монданд.*
*Мо ба онон ҳама аз хонаи худ ҷо додем,*
*Мардуми хонагадо, хонахудоро ронданд.*

*Лек моро ба дари хонаи худ,*
*Ҳеҷ кас роҳ надод.*

*Мекашиданд якеро чу ба дор*
*Дигаре чӯбу расан овардем.*
*Амр шуд:*
*Гӯр канед*
*Ва дар он гӯр бимиред ҳама.*
*Гӯр кандему ҳамоно мурдем.*
*Ба сари мурдаи мо ҳеҷ касе гиря накард,*
*Баски ҳар кас ба сари мурдаи худ мегиряд.*

*Чӣ кунам,*
*Боз ба домони сиришк овезам*
*Ё дигар наъразанон бархезам?!*

*(«Санги ман – алмос», саҳ. 86)*

Ин шеър аз сарнавишти миллат, аз таърихи миллат, ранҷҳои миллат бар мо мегӯяд. Чӣ дардовар ва ҳузновар аст вақте фарде аз фоҷиа бигиряд, вале бар ӯ бихананд. Аммо ҳақиқати талх он аст, ки мо борҳо гиристаем, вале бар мо хандидаанд. Ашки миллати тоҷик ба дарозои таърих аст, ба

дарозои замон аст ва мо дар ин дарозо борҳо афтодаем. Дар ин афтодан бар сари мо по ниҳодаанд, то қомати худро баланд насозем, аммо бо ин ҳама хандиданҳо, бо ин ҳама позаданҳо миллати тоҷик боз қад баланд кард. Агарчи дар ҷое ин миллат барои худ ашк рехтааст ва бар ӯ хандидаанд, тоҷик боз ба шукуфтан худро расонидааст. Шеър аз аввал то охир як ҳуҷҷат аст, ки тоҷик дар масири таърих чӣ гуна зистааст, чӣ гуна аз нобудӣ худро чун қақнус боз эҳё кардааст, худро чӣ гуна кашф кардааст. Ва шоир мегӯяд дар қарни ҷадид, ки ба истиқлол расидаем, оё шоистааст, боз худро дар сиришки аҷз бишӯем… Посух ин аст, на, дигар вақти сиришк ва гиря нест, балки замони худро сохтан аст. Дигар вақти наъраи бедорӣ задан аст, замоне аст, ки миллат бояд худро ҳам ҳифз кунад ва ҳам бисозад. Фарҳанги худро, дини худро, оини худро, забони худро, хулоса, ҳастии худро аз ҳар касу нокас ҳифз бикунад.

*Ҷамолиддин Саидзода,*
*номзади илмҳои педагогӣ*

# ЖАРФТАР АЗ ДАРЁ ВА ФАРОТАР АЗ АРШ

*Марди доно ба ҳунар зубдаи ақрон гардад,*
*Мева рангин чу шуд, аз барг намоён гардад.*

**Дониши Машҳадӣ**

Аз устод Аскар Ҳаким – шоир ва мунаққиди тоҷик осори зиёд ба чоп расидааст. Асарҳои ҷамъбастии ӯ дар заминаи нақду адабиётшиносӣ – «Шеър ва замон» (1978), «Дар қаламрави сухан» (1982) ва шеър: «Санги ман – алмос» (2006), «Замини сабзи боварҳо» (2008), «Ба саломи шукуфаҳо» (2012), ки дар солҳои охир нашр шудаанд, дар дастраси хонандагон қарор доранд. Аммо мо ба мақолаву шеърҳои зиёди ӯ, ки дар матбуоти даврӣ чоп мешаванд, аз дер боз ошноем. Ба ҳарфи дигар, устод Аскар Ҳаким (ҳам дар қаламрави нақд ва ҳам шеър) бароямон чеҳраи ошност. Лиҳозо, дар бораи ӯ дар байни донишмандон нуқтаи назарҳои гуногун, парадоксӣ (зидди якдигар, мутаноқизнамо) вуҷуд доранд. Гурӯҳе дар ин ақидаанд, ки устод Аскар Ҳаким дар нақду адабиётшиносӣ, яъне ҳамчун олим чеҳрае муваффақ аст ва бояд ба нақду адабиётшиносӣ машғул мешуд, аммо гурӯҳи дигар ӯро ҳам дар нақд ва ҳам дар шеър симое комёб медонанд. Албатта, назари гурӯҳи аввал як назари тақлидӣ, беасос ва расмию ноогоҳона аст ва аз тарафи касоне гуфта мешавад, ки осори шоирро хуб нахондаанд ва ё хеле каму сатҳӣ хондаанд ва ба шеъри ӯ аз нуқтаи назари дигарон, ба таври умумӣ баҳо медиҳанд, аммо гурӯҳи дигар, ки ҳам ба нақду ҳам ба шеъри ӯ ошноии хуб доранд ва бевосита осори шоирро хондаанд, ӯро дар ҳар ду майдон чеҳраи шоиставу маъруф мехонанд. Мо тарафдори афкори дувумем ва мегӯем, ки устод Аскар Ҳаким дар ҳар ду

майдон ҳам соҳиби дастовардҳои муҳимм мебошад. Пажӯҳиш ва накдҳое, ки ӯ доир ба адабиёт, ба вижа, осори адибони асри гузаштаву имрӯз, аз ҷумла, устод Айнию Лоҳутӣ, Турсунзодаву Қаноату Бозору Лоиқ, Гулрухсору Гулназар, Низом Қосиму Раҳмат Назрӣ ва Фарзона ва дигарон навиштааст, дар адабиётшиносии мо баҳои баланд гирифтаанд ва аз мақоми волои ӯ дар ин қаламрав дарак медиҳанд.

Зимнан бояд гуфт, ки устод Аскар Ҳаким дар осори адабиётшиносиаш роҷеъ ба ҷараёни умумии шеър, ҳусну қубҳи он изҳори назар намуда, роҳро барои рушуду нумувви накду адабиётшиносии солим ҳамвор месозад. Аммо ӯ дар гуфтани шеър низ маҳорати хуб дорад. Инҷониб гумон мекунам, ки устод Аскар дар адабиёти мо шабеҳи Шафеии Кадканӣ дар адабиёти муосири Эрон аст, ки ҳам дар накд ва ҳам дар шеър номовар аст ва накдаш аз шеъраш ва шеъраш аз накдаш хуб аст ва яке дигареро такмил мекунанд. Масалан, ӯ, вақте ки дар бораи сабку услуб, ҳадафи адибон, дар кадом жанру намуд ва шаклҳои шеърӣ муваффақ будани онон ва ғайра сухан мегӯяд, мекӯшад, ки муваффақият ва нокомии ҳар шоирро дар алоҳидагӣ ва мунсифона нишон бидиҳад ва ҷойгоҳи хосси ҳар якеро дар адабиёт муқаррар созад. Чунончи, ӯ устод Муъмин Қаноатро дар эҷоди асарҳои муҳташам ё достонҳои баланд мумтоз ва чеҳрае комёб медонад, зеро ӯ ашъори лирикӣ, шеърҳои хурд кам мегӯяд, аммо устод Лоиқ, баръакс, бештар ба шаклҳои анъанавӣ, аз ҷумла ғазалу рубоӣ, таваҷҷуҳ дорад ва табъан шоири лирик, яъне ғазалгӯву рубоисарост, аммо Бозор Собир бештар шеъри нав ва чаҳорпораву тасвирӣ мегӯяд, на достону ғазалу рубоӣ ва ғайра. Аз ин хотир, ин адибон ҳар кадом дар шеваи худ, дар шаклҳои шеърие, ки қаламфарсоӣ мекунанд, чеҳраҳои мумтозанд. Лиҳозо, баҳое, ки устод Аскар ба эҷодиёти ин ё он шоир медиҳад, аз воқеият ва эҷодиёти худи он шоир сарчшма мегирад ва бозгӯи ҳақиқати шеъри эшон аст.

Мо инро дар баҳое, ки ӯ ба шеъри устодон Қаноату Лоиқу Гулрухсору Бозору Ҳабибулло ва дигарон дар мақолаи «Тазодҳои фаровонии шеър» (дар китоби «Дар қаламрави сухан») додааст, равшан боздид менамоем. Мо ҳамин гуна фардияти шоир ва биниши вижа ва ҷойгоҳу сабку услуби хосро дар фаъолияти шоирии устод Аскар низ дида метавонем. Бад-ин маънӣ, ӯ шоири хуби ҳирфавӣ аст. Ҳар чӣ ки мегӯяд, ба мақсад мегӯяд, яъне ӯ моҳияти шеър ва мурод аз шеър гуфтан ва талаботи онро накӯ медонад. Аз ин хотир, пайваста мекӯшад, ки талаботи ин касби пуршараф, яъне шеъру шоириро ба ҷо биёрад, риоя намояд ва суханашро равону равшану фасеҳ бигӯяд. Ҳароина, аз мушкилгӯӣ, мураккабнависӣ, ибҳому иҳом, ороишоти зиёдатӣ, санъатгарию лаффозӣ, хаёлбандиҳои мавҳум ва ифротии сабки ҳиндӣ ва шеъри наву сапед, ки имрӯз мӯд шудааст, дурӣ гузинад. Ба сухани возеҳтар, ӯ саъй менамояд, ки таносуби лафзу маънӣ дар ашъораш риоя шавад, шеъраш ҳамагир бошад, яъне ҳам хоссу ҳам ом онро бихонад, бифаҳмад, бипазирад ва аз ҳама муҳимм сарриштаи хирадгароиро, ки имрӯз бархе аз хаёлгароёни ифротӣ аз даст медиҳанд, аз даст надиҳад. Ҳамин суннати муътадилгӯиро, ки аз устодон Айнию Ҳамдию Лоҳутию Юсуфию Деҳотию Турсунзода ва дигарон дар адабиёти асри гузаштаи мо шурӯъ шудааст (баъд аз тарки сабки печида ва гунги ҳиндӣ, ба вижа осори Бедил, ки адабиёти моро дусад сол қафо бурда буд), ба тарзи дигар идомаву густариш медиҳад. Ба ҳарфи дигар, устод Аскар бо шеваҳои тозаи шеър, ки имрӯз дар адабиёти мо, шеъри ҳамзамонону ҳамзабонон ва олам роиҷ аст, сухан мегӯяд, аммо, ба қавли устод Лоиқ, «ҳам ба азму ҳам ба разму ҳам ба назм» пайраву такмилдиҳандаи роҳу равиш ва шеъри поку софу зулоли устод Турсунзода мебошад. Ба ин маънӣ, ӯ дар шеъри «Ватан» ном сарводааш, ки ба ёди устод Турсунзода гуфтааст, босароҳат хабар медиҳад ва мегӯяд:

*Рӯзи ман сар мешавад ҳар рӯз бо шеъри Ватан,*
*Шод бодо рӯҳи ту,то нек бошад рӯзи ман.*
*Мекунад шеъри дилошӯбат маро аз худ бадар,*
*То ба даҳрам мекунад сад решапайванди дигар…*

Лозим ба ёдоварист, ки инҷониб на танҳо ба навиштаҳои устод Аскар арҷ мениҳам, балки бо шеърдонию шеърхонии ӯ низ қоилам. Воқеан, боре бо аҳли оила намоишеро, ки дар он устод Аскар шеърхонӣ мекард ва ҳамаро аз ҳифз мегуфт, тамошо мекардем. Пас аз тамошои ин намоиш аҳли оила ба ман, ки гоҳе даъвии шеърдонӣ мекардам ва ҳанӯз ҳам мекунам, гуфтанд: «Дидӣ, ки ту танҳо нестӣ, дигарон ҳам шеъри зиёд аз ёд медонанд…». Ростӣ, аз ҳамон ҳангом эътиқодам ба устод Аскар, ки қавӣ буд, боз ҳам қавитар гардид. Ба сухани равшантар, баъд аз ин намоиш, ки хаёл мекунам, ки дар Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе сурат гирифта, ба воситаи телевизион намоиш дода шуда буд, ман сахт андешаманд шудам ва бисёр ба фикр фурӯ рафтам, ки, дар ҳақиқат, ӯ дар ин боб, алалхусус ашъори худро аз ёд донистан ва аз ёд хондан яди байзо дорад ва беназир аст. Лиҳозо, ӯ воқеан ҳам шоир аст, зеро яке аз талаботи шоирӣ (чи дар гузашта ва чи имрӯз) шеъри зиёд аз ёд донистан аст. Дар бораи ногузир будани ин талабот ба шеър ва шоир метавон даҳҳо мисол аз гуфтори донишмандон ва аҳли назарро овард, аммо мо ба нақле мисоле аз «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ иктифо менамоем, ки дар фасли «Дар чигунагии шеър ва шоир» гуфта:

«Аммо шоир бад-ин дараҷа нарасад, илло ки дар унфавони шабоб ва дар рӯзгори ҷавонӣ бист ҳазор байт аз ашъори мутақаддимон ёд гирад ва даҳ ҳазор калима аз осори мутааххирон пеши чашм кунад...».

Дигар, боре дар вохӯрие (дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон) устод Аскарро ҳамроҳӣ мекардам. Вақте ки устод суханронию шеърхонӣ намуданд, ҳамаро ҳайратзада ва мафтун намуданд. Чун суолу ҷавоб сар шуд, нафаре аз

аҳли толор аз устод хоҳиш карданд, ки фалон шеърашро қироат намояд. Мо мутааҷҷиб шудем, ки устод аз байни анбӯҳи шеъри худ чӣ гуна онро аз ҳофизааш аз ёд мехонад, зеро қариб ҳеҷ адибе тамоми осори худро аз ёд намедонад ва ҳам наметавонад дошта бошад (хусусан, имрӯз), аммо хушбахтона, устод он шеъре, ки шунаванда хондани онро хоҳиш намуда буд, аз ёд хонд. Боз чанд каси дигар бад-ин минвол аз ӯ дархости хондани шеърҳояшро карданд. Ӯ бе ҳеҷ даккахӯрӣ, ба қавли устод Айнӣ, ки дар бораи шеърдонӣ ва аз ҳофизаи худ шеър хондани Ҳайрат дар «Ёддоштҳо», ки «қасидаҳои чилбайтии устодони гузаштаро бе ҳеҷ даккахӯрӣ ва мулоҳиза аз ёд хонда медод», − мегӯяд, ашъорашро аз ёд хонд. Ростӣ, маро ҳаяҷон фаро гирифт. Ба худам гуфтам, ки ин як ҳодисаи фавқулода аст, хусусан дар замони мо. Чаро мо ин падидаро нодида мегирем ва онро тарғиб наменамоем, ки имрӯз дар адабиётамон шоир ва олиме дорем, ки қариб тамоми осорашро аз ёд медонад ва бемалол дар маҳофил ва маҷолис мехонад. Воқеан, устод Аскар дар ин қаламрав, ба гумони ман, нобиға аст, бояд ин ҳақиқатро пазируфт ва эътироф кард. Агар ҳамаи шоирони мо мисли устод Аскар аз масъулият ва маъмурияти касби худ - талаботи шоирӣ, хусусан, як талаботи он, ки ҳифзи ашъори зиёд ва донистани шеъри худ аст, хабар медоштанд ва ба ҷо меоварданд, мо ба ин интиқод ва эътирози шадиди хонандаи яке аз рӯзномаҳои кишвар рӯ ба рӯ намешудем ва дар хиҷолат намемондем: «Классикони мо агар то 30.000 байт намедонистанд, дар роҳи шеър қадам намезаданд. Ҳоло аз шоирони мо пурсед, ки чанд байт медонанд? Аксари онҳо ҳатто шеъри худро дар минбар аз рӯи коғаз мехонанд».

Албатта, шеъразёдкунии устод Аскар танҳо ба забони тоҷикӣ маҳдуд намешавад, балки ӯ ба забонҳои дигар, аз ҷумла русӣ, низ шеър аз ёд медонад. Ман инро ба газоф намегӯям, зеро боре дар Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакӣ, ки устод дар як мавзӯи муҳимми шеър маърӯза мекард, дар суханронияш (вобаста ба мавзӯъ, ки ба шеъри шоирони рус ихтисос

мегирифт) шеърҳои зиёдеро ба забони русӣ аз ёд хонданд ва бад-ин тартиб аҳли толорро дар ҳайрат гузоштанд. Дар воқеъ, устод забони русро хеле хуб медонад ва ба андешаи банда, имрӯз агар касе аз адибони мо, ки тавонад ба воситаи телевизиони Русия (Маскав) суханронӣ кунад, шеър бихонад (мисли адибони қазоқ – Олҷас Сулаймонов, Анвар Олимҷонов…), пеш аз ҳама, устод Аскар хоҳад буд. Мо кам касонеро суроғ дорем, ки дар ин майдон бо ӯ баробарӣ намоянд. Дигар, касе, ки «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Дантеро дар тарҷумаи ӯ хондааст, медонад, ки ӯ дар донистани забони русӣ чӣ поя дорад. Худи ҷуръат карда, ин шоҳкори адабиёти ҷаҳониро аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардан аз ҷасорати адиб хабар медиҳад. Бад-ин маънӣ, устод Аскар на танҳо наққоди хуб, шоири хуб, балки тарҷумон ва муаррифгари хуби адабиётамон ҳам ҳаст ва метавонад буда бошад.

Дар бораи фаъолияти мунаққидӣ ва шоирии устод Аскар, чи дар дохили кишвар ва хориҷ, ба вижа Русия ва Эрон, мақолаҳои зиёд иншо шудаанд, аммо, мутаассифона, дар бораи ӯ ва осораш ҳанӯз китоб ва ё рисолаи алоҳидае ба майдон наёмадааст (ба ҷуз китоби Мӯсо Диноршоев, ки ба ҷанбаҳои фалсафии эҷодиёти ӯ ихтисос мегирад), ки тамоми осори адабӣ ва адабиётшиносии ӯ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта бошад. Умед аст, ки ин кор рӯзе анҷом хоҳад шуд. Аммо дар силсилаи мақолаҳое, ки доир ба ашъори ӯ навиштаанд, пажӯҳишгарон беш аз ҳама, дар бораи достони машҳури ӯ – «Санги ман – алмос» изҳори назар кардаанд. Дар ин достон, ки воқеан ҳам дар силсилаи достонсароии адабиёти муосири тоҷик як асари тоза аст, арзишҳои миллӣ, инсонӣ ва мазҳабию динӣ ба ҳам гиреҳ мехӯранд ва як навъ ваҳдати кулли инсонҳоро ба намоиш мегузоранд. Бад-ин тартиб, адиб муборизаи мудаввоми хайру шарро, ки дар олам ҷараён дорад ва дар осори аксари адибони бузурги олам нишон дода шудааст, ба тарзи худ, бо сабку баёни вижа ба қалам медиҳад ва ба ҷамъбастҳои ҳунарию ғоявию фалсафию ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсиву эътиқодиву инсонӣ даст меёбад. Гузашта аз ин, ӯ иртиботи инсонро бо табиат,

фалсафаи хайрхоҳӣ ба ҳамнавъон, ба ҳамагон ба як чашм нигаристан, шоҳу гадо, мӯру филро яксон дидан, арҷ гузоштан ба бани одамро на танҳо дар миён мегузорад, балки нишон медиҳад. Бад-ин маънӣ, ӯ маънию мафҳум ва ашёҳои мутазодро паҳлуи якдигар мегузорад, онҳоро оштӣ медиҳад, то фосилаеро, ки байни инсонҳо, тамаддунҳо, фарҳангҳо, арзишҳо, эътиқодҳо, динҳо, мазҳабҳо, миллатҳо аз ҷаҳлу нодонӣ, таассубу хурофот ва ғаразҳои мухталиф эҷод шудааст, барҳам занад ва ё ақаллан коҳиш бидиҳад. Хусусан, таассуби мазҳабиро, ки имрӯз аҳли ҷаҳонро нигарон сохтааст, маҳкум менамояд ва ба сӯйи одамият, имон, виҷдон, боварӣ, меҳр, шафқат, муҳаббат, ҳамгароӣ, ҳамнавоӣ, ҳамзистӣ, ҳамдигарфаҳмӣ даъват менамояд. Ин беҳтарин роҳ ва тадбир аст, ки имрӯз инсонро аз муқовимати бадфарҷом ва маҳвшавӣ наҷот медиҳад ва ба кӯи саодат мебарад. Ӯ гӯё бо ин гуфтори ростини адиб ҳамовозӣ менамояд, ки мегӯяд:

*В-ар бипурсӣ, ки дар ин кор чӣ тадбир бувад?*
*Дину дунё ба ҳам омез, ки иксир бувад.*

Ҳамин гуна вусъати андеша, бозтоби тафаккури миллӣ, инсонӣ, эътиқодӣ, пайванди рӯҳ ва ақл, андешаву эҳсос, тозагии забону баён сабаби баҳои баланд гирифтани ин асар аз ҷониби донишмандон ва хонандагон гардидааст. Чунончи, нависандаи маъруф Темур Зулфиқоров гуфтааст: «Шоири тавоно Аскар Ҳаким достони тару тоза, зебову пурнафосати «Санги ман – алмос»-ро эҷод кардааст, ки он офаридаҳои Уолт Уитменро ба ёд меоварад».

Дар ҳақиқат, устод Аскар шоири пурмутолиа буда, на танҳо аз рамзу рози шеъри гузашта ва имрӯзи тоҷику ҳамзабонон, балки шеъри русу ҷаҳон низ огоҳ аст. Тарҷумаҳои ӯ дар ин замина, аз ҷумла «Сотников»-и В. Быков, «Хазинадорзани тамбовӣ»-и М. Ю. Лермонтов, «Аср. Замин. Ишқ»-и Г. Эмин, «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Данте ва ғайра далели гуфтаҳои мо метавонанд буда бошанд. Ба

ҳарфи дигар, устод Аскар шоир ва олими огоҳу ҳушманд аст ва пайваста меомӯзад, то биёмӯзонад. Аз ин рӯ, ҷилваҳои шеъри ҷаҳон, аз ҷумла Уолт Уитменро, ки Темур Зулфиқоров дар шеъри ӯ ба мушоҳида гирифтааст, андешаи беҷо нест, балки баҷост, зеро Уолт Уитмен аз адибони маъруфи ҷаҳонӣ аст, ки дар кишвари мо ҳаводорони зиёд дорад ва осораш аз ҷониби адибон мавриди тарҷума қарор гирифтааст. Аммо устод Аскар гӯяндае физоянда аст, дар гуфтани шеър ба як сарчашма такя намекунад, иктифо наменамояд, балки аз тамоми сарчашмаҳои дастрас ва имконоте, ки дар даст дорад ва дар олами шеъру шоирӣ мавҷуд аст, ба қадри маҳорату иқтидору ҳавалаи худ суд меҷуяд, аммо ҳамеша симои худ, нигоҳи хосси хешро нигаҳ медорад. Масалан, мафҳуми фалсафаи дил, мақому ҷойгоҳи он дар таълимоти мухталиф, хусусан ирфону тасаввуф ҳамеша ҷой дорад ва дил ҳамчун мазҳари таҷалии ҳама чизи пок аст ва он дар осори эшон то ҳадди хонаи Худо уруҷ мекунад. Албатта, ҳар кас онро аз зовияи нигоҳи худ, аз равзанаи биниши хеш тавзеҳу ташреҳ менамояд. Бинобар ин, муҷиби пайдо шудани даҳҳо осори манзуму мансур ва дилномаҳои бешумор дар адабиёти мо ва ҷаҳон шудааст, аммо дар достони «Санги ман – алмос»-и шоир ин мавзӯъ ба ранги дигар худро ба намоиш мегузорад ва густардагии бештар пайдо менамояд. Ба ин маънӣ он аз дашту саҳрову дарёву аршу афлок фаротар меравад, зеро ба заъми шоир, он бори амонати дилро тавъам бо ишқ мекашад:

*Чашми дил боз шуду дидам ман,*
*Ки ҳамин мушти муҳаббат, ки варо Дил ном аст,*
*Дар қафасбанди ниҳони сина*
*По фаро мениҳад аз саҳроҳо,*
*Жарфтар аз дарё*
*Ва фаротар аз арш*
*Ва ҳамон бори амонат, ки на дарёву на кӯҳ*
*Ва на афлок тавонист кашид,*
*Мекашад ин дили ошиқ бар дӯш.*

Зимнан бояд гуфт, ки мо дастоварди устод Аскар дар ин достон, ки фарогири мавзӯъҳои ҷузъ ва кул низ мебошад, дар ҳалли муваффақонаи мавзӯъ ва маводи он мебинем. Дигар, ин асар аз ҳар лиҳоз асари пургунҷоиш, серпаҳлу, серрамзу роз аст ва тору пуди он аз фалсафаву ҳикмати ҳаёт танида шудааст ва ба ташбеҳу истиораву кинояву маҷозу тамсилу талмеҳу аносири мухталифи шеърофарин, устураву сураву ояҳову боварҳо ва панду ҳикмату суханони омӯзандаву дастурбахш тазйин ёфтааст. Шоир бад-ин тартиб воқеиятро бо устураву боварҳову андешаву орои миллию инсонию диниву мазҳабӣ пайванд зада, байни онҳо пул барқарор кардааст, пули зиндагӣ ваҳдат, ормон, одамият, ки меъмораш инсон аст, инсоне, ки масъулияти ҷонишини ҳастии мутлақро бар дӯш дорад ва дилаш анбошта аз меҳру муҳаббату бахту ишқу имон аст, лаҳзае наметавонад бидуни меҳру муҳаббату ишқ бизияд:

*Ҳамчу моҳӣ, ки варо ҳастии бедарё нест,*
*Ҷумла занбури асалро, ки ҳаёти бегул,*
*Шохи гулро, ки набошад нафасе бе гулбод,*
*Пас чӣ инсон битвонад, ки бувад дар дунё*
*Бе муҳаббат ба Худо?!*

Албатта, дар бораи ин достон, тавре ки гуфтем (ҳам дар дохили кишвар ва ҳам хориҷ аз он), суханони зиёд гуфта шудаанд ва боз ҳам хоҳанд гуфт, зеро он аз ҳар лиҳоз тозагӣ дорад ва ё ҳадди ақал ба тарзи тоза гуфта шудааст. Лиҳозо, ба андешаи мо, таҳлили ҳамаҷонибаи он кори оянддаи мунаққидону адабиётшиносон мебошад. Беҳуда ба ин асар дар Созмони байналмилалии Иттифоқҳои нависандагон, ки дар соли 2000 дар Москав баргузор шуд, баҳои баланд надодаанд.

Лиҳозо, на танҳо ин достони нави ӯ, балки тамоми осори шоир як пажӯҳиши ҳамагирро (аз лиҳози мавзӯъ, муҳтаво, ғоя, сувари хаёл, ҳузури мусиқӣ, вожагузинӣ,

калимасозӣ, таркибофаринӣ, суннатгароӣ, навандешӣ, қолабҳои шеърӣ, аз ҷумла ғазалу рубоиву дубайтӣ, чаҳорпораву шеъри нави нимоию шомлуӣ, таъсирпазирию таъсиргузорӣ ва ғайра) талаб менамояд, то ҷойгоҳи ӯ дар шеъри асри гузашта ва имрӯз мушаххас ва муайян гардад. Албатта, ин кор, тавре ки гуфтем, дар оянда сурат мегирад.

Тавре ки гуфтем, устод Аскар шоир ва наққоде пурмутолиа аст. Лиҳозо, дар шеъраш ҳароина таъсири осори пешиниён ва шоирони ҳамзамону ҳамзабон эҳсос мешавад. Албатта, ин як ҳақиқати мусаллам аст, ки ҳеҷ чиз дар ҷои холӣ зуҳур намекунад, ба вижа шеър, ки аз сарчашмаҳои гуногун об мехӯрад. Аз ин рӯ, пайравӣ, илҳом, тазмин, назира амсоли ин ҳамеша дар шеъри шоирон ҳузур дорад ва амре ногузир аст, зеро касе ки намеомӯзад, наметавонад биёомӯзонад. Дигар, касе ки таъсир намегирад, наметавонад таъсиргузор бошад. Албатта, таъсирпазирӣ рангу ҳоли мухталиф дорад. Дар яке ошкор аст, дар дигаре ниҳон. Хушбахтона, устод Аскар дар ҳар ду маврид ҳам муҳаққиқи комёб аст, на муқаллиди ноком.

Устод Аскар дар қаламрави накду адабиётшиносӣ, ба вижа шеъру шоирӣ, соҳиби дастовардҳои зиёд мебошад, аммо дар як навиштаи иҷмолӣ наметавон аз ҳамаи онҳо сухан дар миён овард. Бинобар ин, мо бо нишон додани бархе аз кӯтоҳиҳо дар осори ӯ ба сухани хеш хотима мебахшем. Нахустин эроди мо ба такрор дар шеъри шоир иртибот мегирад, зеро такрор дар осори адибон ҳамеша вомехӯрад. Бузургтарин адибон низ наметавонанд аз такрор эмин бимонанд. Такрори мавзӯъ, такрори мазмун, муҳтаво, сувари хаёл, таркибот, вожагон ва ғайра як амри ногузир аст. Албатта, ҳар гӯянда мекӯшад, ки аз такрор худдорӣ намояд, як мавзӯъ, як мазмун, як сурати хаёл, як таркиби тоза ё як вожаи навро борҳо такрор накунад, зеро такрорро нуқс гуфтаанд, аммо такрорҳое, ки ба хотири ҳадафҳои бузург ва муҳимм дар осори гӯяндагон буруз менамоянд, ҷоиз диниста мешавад. Ба қавли Носири Хусрав:

*Дар шеър зи такрори сухан бок набошад,*
*Зеро ки хуш ояд сухани нағз ба такрор.*

Албатта, мурод аз «сухани нағз»-и Носири Хусрав, ки ба шеъри сабки хуросонӣ иртибот мегирад, орову афкори миллӣ ва мазҳабӣ буда, ки шоир ҳамвора таъкид ва тарғиб мекард. Ба ҳар ҳол, дар адвори пасин такрорро дар сухан нуқс донистаанд, аммо, тавре ки гуфтем, ҳеҷ суханваре наметавонад аз доираи такрор берун бимонад. Такрор, ба вижа такрори худ, чи дар осори адибони пуркору пуросор ва чи камгӯю камосор ба чашм мерасад. Лиҳозо, дар осори устод Аскар низ мо ба такрор рӯ ба рӯ мешавем.

Дигар, ба нудрат ҳам бошад, афкори ғалат ва хилофи мантиқ низ дар осори шоир мушоҳида мешавад. Мисли ин байт:

*Аз ростравон каҷравӣ асло н-ояд,*
*Дар ҷӯйи каҷе оби равон рост равад.*

Ҳол он ки, ба фикри мо, дар ҷӯйи каҷ ҳеҷ гоҳ об рост намеравад. Соиброст:

*Шиква бо нростӣ аз чархи каҷрав мекунем,*
*Ростӣ дар ҷӯйи каҷ аз об меҷӯем мо.*

Мисоли дигар, ки ба корбасти ноҳамгуни вожагони инкорӣ (ҳаргиз) ва саволӣ (оё) ва ҳамнишин нашудани онҳо дар мисраи нахусти шеъри «Фарёди хомӯшӣ» ихтисос мегирад:

*Ҳаргиз оё шунидаӣ, фарёд*
*Назди хомӯшие биёяд паст,*
*Гаҳ хамӯшии шоир аз фарёд*
*Гӯш деҳ, сад карат баландтар аст.*

Мо гоҳ-гаҳ зиёдаравиро дар корбурди боварҳои динӣ, талмеҳоти арабӣ, сураву оягарой низ дар шеъри шоир

боздид менамоем, ки ҳаргиз ба фоидаи ӯ ва адабиёт нест. Албатта, шоир мехоҳад, ки осораш аз ҳолу ҳавои мазҳабӣ низ бархӯрдор бошад. Аз ин рӯ, оягарой мекунад, аз асотиру боварҳои мазҳабӣ суд мечӯяд, ба ишораву талмеҳот рӯ меорад. Шояд ин ба хотири интиқоди Қазва аз шеъри мо, ки он аз мазомини динӣ орӣ аст, карда буд, дар шеъри шоир рух дода бошад. Ҳар чӣ ҳам бошад, овардани ҳадису сураву ояву талмеҳу боварҳои динӣ, ки саросари адабиёти гузаштаи моро фаро мегирад, имрӯз дар асри мо дигар чандон зебой надорад, зеро шоирро аз мақсаду мароми аслӣ, аз зиндагӣ, аз воқеият дур медорад ва бори дигар ба мавҳумгарой, мазҳабисозии адабиёт роҳ мекушояд. Албатта, устод ин ҳамаро хуб медонад, аммо аз осораш чунин истинбот мешавад, ки ӯ ба масобаи шоири инсондӯсту ваҳдатсаро дину дунёро канори ҳам, паҳлуи ҳам, мегузорад, меомезад, онҳоро оштӣ медиҳад, то ваҳдати арзишҳо, неруҳо, боварҳо, назарҳо, идеяҳо, ҳадафҳо, динҳо, таълимотҳо, ҷаҳонбиниҳоро ба ҳам оварад ва бад-ин тартиб ба муҳаббату ваҳадати бани одам даст ёбад. Аммо, ба ҳар ҳол, устод Аскар шоири воқеъгаро ва худшиносу масъул аст. Лиҳозо, дунболи афкору андешаи асримиёнагӣ ва корбурдҳои фасурда гом намениҳад, балки ҳамеша мекӯшад, ки пайи афкори тоза, корбурдҳои тоза, тарзҳои тоза бошад, суннати шеъри устодон Айнию Лоҳутию Турсунзодаву дигар гӯяндагони шеъри ҳаётиро бо тарзу равиши хос идомаву густариш бахшад, ҳароина ба мазҳабишавии каломи хеш, ки имрӯзҳо дар адабиёти мо (бо сабабҳои айнию зеҳнӣ) шоеъ шудан дорад, худдорӣ намояд, зеро ӯ шоиру мунтақиде донишманду миллӣ аст ва аз масъулияти худ ва шеър дар назди иҷтимоъ бохабар мебошад. Бинобар ин, аз паси оҳу воҳу фолу абдол намеравад. Тавре ки худ дар ҷое ба ин нукта босароҳат ишора менамояд:

*Ҳайф аст, агар ба ҷустани фол афтам,*
*Аз хеш бимонам, пайи абдол афтам.*
*Гар даври фалак хирмани худ бардорад,*
*На донаи хурдам, ки зи ғирбол афтам.*

***Мардон Неъматзода,***
***адабиётшинос***

# СЕҲРИ СУХАН
## (Мақоми байт, рубоӣ ва дубайтӣ дар назми шоир)

Намудҳои минётурии назм – байт, рубоӣ, дубайтӣ чун падидаи деринаи назм дар эҷодиёти як зумра шоирони баркамоли мо, бахусус Лоиқ, Қутбӣ, Гулназар, Аскар Ҳаким ҳамчун рукни муҳимми назм ва ҷинси лирикии он шинохта гардидааст. Аз ин лиҳоз эҷодиёти Аскар Ҳаким ҷолиби диққат ва сазовор ба таҳқиқ аст.

Аскар Ҳаким шоири тавонои рубоисарост. Рубоӣ, ки аслан жанри эҷодиёти лафзии халқ аст, ҳиссу тафаккури гӯянда ва шоирро дар шароитҳои гуногуни таърихӣ ва ҳаёти воқеӣ инъикос намуда, ҳамчун воситаи баёни афкор дар шакли бадеӣ мақоми хоса дорад.

Аскар Ҳаким ҳамчун шоири ҳассосу мутафаккир имкониятҳои хуби ин жанрро ба назар гирифта, бемайлон ба он муроҷиат кардааст ва, хушбахтона, тавфиқ ёфтааст.

Рубоиёти А. Ҳаким аз ҷиҳати мавзӯъ доманфарох буда, бештар фалсафамаъниянд. Аз байни онҳо рубоиҳоеро дучор меоем, ки дар сабку услуб дар пояи шеъри классикӣ эҷод гардидаанд:

*Инсон, ки пару боли худ аз хок гирифт,*
*Гардид бузургу хеш бебок гирифт.*
*Чун дар дили ӯ меҳри Замин танг омад,*
*Паҳной биҷусту роҳи афлок гирифт.*

Қиссаи аз хок офарида шудани инсон, ки санъати талмеҳ буда, аз санъатҳои волои назми классикист, маъноро хеле барҷаста ва хотирнишин гардонидааст. Дар рубоии фавқ мазмунан комёбиҳои илму техникаи имрӯза ба назар аст ва ба қадамҳои аввалини фатҳи коинот ишора карда мешавад. Ҳамчунин ин рубоӣ ишорагари масъалаи ваҳдати

вуҷуд низ мебошад, ки файласуфони бузурги шарқ ба он талош доштанд.

*З-асрори вуҷуди одамӣ ҳайронам,*
*Донам дили худро, дили мардум донам.*
*Хуршед ситода дар мақомаш ба фалак,*
*Ман мисли Замин гирди худ гардонам.*

Дар оҳанг ва муҳтаво, ин рубоӣ, ҳамрадифи рубоии машҳури «Асрори азалро на ту дониву на ман»-и Ҳаким Хайёми Нишопурист. Ҳамоно ягонагии мазмуну оҳанг дар рубоиҳои Аскар Ҳаким ва классикон далелест раднашаванда. Масалан рубоии А. Ҳаким:

*Мекӯш ба зиндагӣ, ки ободшавӣ,*
*Аз банди тасарруф ҳама озод шавӣ.*
*Инсонӣ агар ҳеҷ нашояд, ки ба умр,*
*Монанди саге ба устухон шод шавӣ. –*

ба байти зерини Соиби Табрезӣ пайванди монандӣ пайдо намудааст.

*Ин нокасон, ки фахр ба аҷдод мекунанд,*
*Чун саг ба устухон дили хеш шод мекунанд.*

Аскар Ҳаким дар назми хеш на танҳо аз шакли рубоӣ, балки аз оҳангҳои халқии рубоисароии фолклорӣ ба таври кофӣ истифода кардаст. Дар ин қабил рубоиҳояш А.Ҳаким аз таъбирот, ибораҳои рехта, зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ истифода намуда, бо ин майдони халқияти асарҳои хешро фарох кунонидааст.

*Аз роҳи ҷаҳон роҳи туро пай гирам,*
*Аз ном ба ҷуз номи туро кай гирам?*
*Аз умр куҷо фурсати дигар талабам?*
*Фурсат хоҳам, ки пеши поят мирам.*

Ё:

*Бе тири нишонгир чӣ ойӣ ба шикор?*
*Бе азми ҷаҳонгир чӣ ойӣ сари кор?*
*Бо мардии худ агар ҳамият дорӣ,*
*Ё дар таги ор мир, ё дар сари дор!*

Рубоиҳое вомехӯранд, ки саропо аз зарбулмасалу мақолҳо фароҳам омадаанд:

*Мушкил набувад, ки ҳеҷ осон нашавад,*
*Дарде набувад, ки ҳеҷ дармон нашавад.*
*Гар баҳр нашӯрад, бишавад мурдобе,*
*Инсон набувад, агар баисён нашавад.*

Қобили қайд аст, ки тамоми зарбулмасалу мақолҳои истифодакардаи шоир дар ду услуб: айнан ва мазмунан вомехӯранд ва санъати ирсоли масал дар ашъори А. Ҳаким ҳамон вазифаеро адо кардааст, ки он дар сухан дорад.

*Парварда шудем дар дили уқёнус,*
*Аз об баромадему дар хок шудем.*

(Мисраи дуюм бо назардошти рубоии Хайём санъати ирсоли масал аст).

Машҳуртарин санъат дар рубоиҳои халқӣ рамз аст. Мақоми ин санъат дар рубоӣ, байт ва дубайтиҳои шоир низ коста нагардидааст.

*Навмед шавам, туӣ умеди дили ман,*
*Аз рӯзи хуше туӣ умеди дили ман.*
*Зоғони сияҳ гирди сарам чарх зананд,*
*Зуд ой, кабутари сафеди дили ман!*

Хушбахтона, байт ҳамчун шакли шеърӣ ва яке аз машҳуртарин намуди лирикаи халқӣ дар эҷодиёти шоир

А.Ҳаким низ мақом пайдо кардааст. Аз нахустин маҷмӯааш («Раҳнавард») шоир ба ин рукни назм, яъне байт муроҷиат намудааст...

*Гар шавад ҳар рӯз ҷогардон дарахти борвар,*
*Ё зи реша хушк гардад ё ки монад аз самар.*

...Мақоми дубайтӣ, ки ин намуди шеърӣ низ баромади фолклорӣ дорад, дар назми шоир А.Ҳаким на камтар аз рубоист.

Дубайтиҳои шоир аз рӯи миқдор ва чандомади худ дар эҷодиёти ӯ баъд аз рубоӣ меистанд. Аз рӯи он ки бисёр шеъру қитъаҳои ӯ дар вазни дубайтӣ гуфта шудаанд, ин шакли шеърии минётурӣ дар назми шоир, бешак, ояндадор ба назар мерасад...

*Туро дидам, заифу хастаҳолӣ,*
*Ки дунёят шуда чун саҳна холӣ.*
*Замон худ коргардони ҳаёт аст,*
*Бигардонад туро нолӣ, нанолӣ.*

* * *

*Маро аз баҳси мардум дил гирифта,*
*Ки ҷамъе хешро оқил гирифта.*
*Така дӯшидаву беде шинонда,*
*Аҷаб дорам, ки ҳам ҳосил гирифта.*

Хулоса, байту рубоӣ ва дубайтӣ, чун шаклҳои маъмули назми лирикии халқӣ ва китобӣ, дар эҷодиёти як зумра шоирони адабиёти шӯравии тоҷик, дар марҳилаҳои гуногуни таърихии он, ҳамчун намудҳои мувофиқи жанри адабӣ корбаст гардидаанд. Ин намудҳои минётурии назм, қатъи назар аз ғунҷоиш ва имкониятҳои жанриашон, тавонистаанд воқеияти ҳаётро ба тасвир гиранд.

Аскар Ҳаким ба ин пайроҳаи эҷодиёташ қадам ба қадам пеш рафтааст. Маҷмӯаи «Рӯзи умед» (1990) барои

шоир қуллаи баланди нумӯ ва инкишофи ин жанрҳост. А.Ҳаким аз ибтидои мурочиат ба ин намудҳои хурди назм дарёфтааст, ки рубоӣ, дубайтӣ ва ниҳоят байт шаклҳои хеле мувофиқи баёни ҳиссу ҳаяҷони одамӣ ва ифодагари мазмунҳои баланди лирикию фалсафианд. Бахусус, рубоӣ ва дубайтӣ бо табиати жанриашон, пеш аз ҳама, ифодагарӣ эҳсосоти қалбию рӯҳонии инсони мутафаккир аст...

Санъату воситаҳои тасвири бадеии рубоию дубайтиҳои А.Ҳаким фаҳмрас ва маънипардоз буда, моро ба олами нафосату зебоии сухан ва каломи бадеъ ошно ва дилбаста месозанд.

***Сайидалии Сайид,***
***адиб, муҳаққиқ***

# ШЕЪРЕ, БАЛАНДТАР АЗ КАҲКАШОН

Устоди мо Аскар Ҳаким шеъре бисёр баландпоя гуфтаанд бо унвони «Замини сабзи боварҳо», ки эҷод шудааст ба марде ҳам бисёр дар пояи баланди маънавӣ Абдураҳмони Абдуманнон. Мутолиаи ин шеъри эъҷозманд чашмаи ифтихори дилҳоро ба хурӯш меорад, хосса он дилро, ки агар вуҷуди он дар фарҳанги ориёӣ ва хуршеди гарми зардуштӣ аҷдодан иртиботе дошта бошад. Исботи ин ҳарфҳо шарҳе азим мехоҳад. Чунки шеъри муаззамро исботи азим ва исботи азимро майдоне боазаммат бояд. Ҳоло ки мо дар чаҳорчӯбаи чаҳор варақ танг омадем, тафсири мухтасаре бар ин шеър медиҳем, ки умед аст хонандаҳо бо мо ҳамовозӣ пайдо намоянд. Дуруст аст, ки тафсири ин шеър аз Каҳкашонҳо баландтар аст вале маъзарати мо бар ин мемонад, ки ин шеърро тикка-тикка дар пешорӯйи хонандаҳо қарор бидиҳем ва мухтасаран бигӯем, ҳар чӣ мегӯем. Инак он шеър.

«Замини сабзи боварҳо»

Унвони ин шеър дарак аз он медиҳад, ки шоир ва ниёкони қадимии ӯ дар сарзамине будаанд ва ҳастанд, ки он сарзамин сарсабзи ҳамеша аз боварҳо будааст. Аммо он боварҳо кадом боварҳост? Чӣ гуна боварҳост, ки сарзамини шоирро дар сарсабзии ҷовидонӣ қарор додаст ва аслан ҳамон сарсабзӣ худ чӣ сарсабзист? Ин ҷо ғараз аз «боварҳо» гуфтани шоир пеш аз ҳама ифодаи мафҳуми имон аст. Вале имон ба чӣ? Имон ба зоте, ки ягона аст, холиқи ҳамаи чизҳост ва сухани ӯ мабдаи тамоми ақлҳо, фарҳангҳо ва забонҳост. Агар бар мардуме ҳамчунин имкон набошад, мақом ва маконе, ки онон зиндагӣ мекунанд, обод нест ва сарзамине, ки дар он сукунат меварзанд, сарсабз нахоҳад буд. Ин ҷо шоир сарсабзии фарҳангиро дар назар дорад варна замин бе мо ҳам сабз аст... Аммо «боварҳо»-и шоири

мо имони мукаммалест ба Худои ягона, он Худое, ки бо забони қадимии ниёкони шоир китобе фиристодааст бо номи Авасто, бар ҷаҳониён пайғамбаре додааст бо номи Зардушт. Ин аст, ки шоири бузургвори мо Аскар Ҳаким дар тиккаи аввали ин шеър мегӯяд:

*Ҳарф мехоҳам занам аз сарзамини хеш,*
*Ҳар чӣ мегӯям, вале з-ин хок ҳарфи осмон ояд.*
*Баски ин марзи гиронмоя, ки мояш пой мемонем,*
*Дигаронро Каҳкашон ояд.*

Оре, ҳар гоҳ, ки шоир хоҳад аз сарзамини хеш сухан гӯяд, аз он сарзамине, ки имони Илоҳӣ дар он сабз шудааст, ба дурустӣ ҳарфи осмон ояд. Чаро ки дар ин сарзамин аввалин бор фарзандони Одам дар сурати қавме мукаммалу мутамаддин ва дар сурати муштарак Худойро бо ягонагӣ шинохтанд ва онҳо ориёӣ буданд ва онҳо буданд, ки «Худойномак» навиштанд ва аз Худой ҳарф мезаданд, аз Худое, ки дар дилҳои эшон буд ва баландтар аз ҳафт осмон қарор дошт. Ин аст, ки дар сарзамини шоир ҳар кӣ сухан гӯяд, аз ҳар мушти хоки он ҳарфи осмон ояд, осмоне бисёр баланд, осмоне худоӣ! Ҳақ аст, ин замине, ки шоир по мегузорад, бисёр гиронмоя аст ва бар фарзандони дигар ин замин он қадар тобандагиҳои баланд дорад, ки Каҳкашонро монад. Ин аст, ки шоир дар тиккаи дигари шеър мегӯяд:

*Чашми мо дар ҳар нигоҳе мехӯрад бар кӯҳ,*
*Чун ҷаҳони мо уфуқхат нест, шоқулист.*
*Сарҳади марзаш на дар дарёву на дар рубъи маскунест,*
*на дар дашту на кӯлест,*
*Дар савойи ҳафт гардунест.*
*Шоиронаш ҳам бад-ин ваҷҳ осмониянд,*
*Гарчи рӯйи ин ҷаҳон худрӯй месабзанд,*
*Онҷаҳониянд.*

Табиист, вақте шоир мегӯяд, ки ҳар нигоҳи мо бар кӯҳ мехӯрад, чаро ки ин сарзамин мақоми пастиҳо нест, балки сарзамини кӯҳҳои сар ба фалак кашида ва сарзамини баландиҳост, мисли боқии ҷаҳон уфуқхат набуда, балки шоқулист, рост аст, баланд аст, дуруст аст мисли хате, ки болобаланд аст… Дар ин сарзамин ҳар ҷо, ки нигоҳ афканӣ кӯҳҳои рости сар ба осмон - ба ҷойгоҳи Парвардигор саркашидаро мебинӣ, ки дар он ҷойгоҳ Арш аст, Курсӣ аст, Худоест яккаву Парвардигорест ягона. Дар ин сарзамин ҳамагӣ ба ростӣ офарида шудааст, ҳама чизи он росту дуруст аст, рост мисли ҳарфи алиф. Ин ҷо, ки сухан аз алиф омад, бояд чун муфассири тафсири «Зарнигори Валӣ» бигӯям, ки аз ҳамаи ҳарфҳо Парвардигор алифро дӯст доштааст, чароки алиф росту баланд ва ифодаи иқомат ба зоти поки вай ва дуруст дар муҳаббати бепоёни ӯст, ҷалла ҷалолаҳу! Ин аст, ки зоти илоҳӣ Қуръони каримро бо алиф оғоз карда ва бо алиф анҷом додааст. Ҳамон Алиф, ки мисли кӯҳҳои сарзамини ориёии шоир росту дурустанд. Дуруст аст, ки ҳарфи дол ҳарфи рукӯъ ва ҳарфи нун ҳарфи саҷда аст. Ин ҳарфҳо низ мақоме доранд. Аммо дар шакли дол ва рукӯъ хамидагие ҳаст ва дар нуну саҷда печидагие. Ин алиф аст, рукӯъ мисли қомат баланду рост ва ҳусни дилпазире дорад, Худо ҳам инчунин шакл ва қарорро чи дар намоз ва чи дар офаридаҳояш сахт дӯст медорад. Сарзамини шоир пур аз чунин кӯҳҳои рост мисли алифанд ва ҳадди анҷоми онҳо дар мақоми осмонҳо, дар мақоми Парвардигор аст на дар дашту кӯлу дарёҳо ва на дар кадом рубъи маскуни дигар. Аз ин хотир аст, ки шоирони ин сарзамин гарчи рӯйи ин ҷаҳон худрӯй месабзанд шоирони осмонианд, балки аз ҷаҳоне дигаранд, онҷаҳонианд!

Шоир давом медиҳад:

*Хоки моро аз азал андозаи тангу фарохӣ нест,*
*Хоки моро то абад тафсиру андоза баландоист.*
*Дар чунин хоке, ки дар ҳар зарраи хеш осмон дорад,*
*Метавон оё ба ҳадди хоку меъёри заминӣ зист?*

*Ман намедонам, вале медонам ин ҷо хокпош ар ҳаст,*
*Дил саройи ишқи гардунаш набошад, нест.*

Ин ҷо шоир муътақид аст, ки хоки ниёкони ӯро ба тангӣ ё ба фарохӣ андозагирӣ намекунанд. Чароки андозаи ин хок баландиҳост ва ҳар зарраи он осмонест бопаҳнову беохир, балки осмоне дорад бо авҷҳову рангҳову истораҳову Каҳкашонҳои худ. Пас, чиҳоанд он авҷҳову рангҳо? – Авҷҳои тафаккури ориёӣ! – Рангҳои чашмнавози Монӣ! Киёнанд он ситораҳо?...—Магар мардони ориёии ин сарзамин дар осмони тамаддуни инсонӣ ситораҳои ҷовидонӣ нестанд, ки то ба имрӯз медурахшанд ва худ навиштани танҳо номҳои муаззами онҳо фарогири садҳо китоб аст?! Оре, ин родмардони мисли осмонҳои баландмартабаи сарзамини шоир ҳар яке Каҳкашонест, ки дар вусъат ва мақомҳои хеш ҳамеша қоиманд! Ҳамин андешаҳост, ки устоди мо Аскар Ҳаким аз худ мепурсад: – Метавон оё ба ҳадди хоку меъёри заминӣ зист? Ва худ ҷавоб медиҳад, ки: «Оре, дар сурате, ки ин ҷо марде бошад хокпош, рӯёнанда, ҳаётбахш ва парваришдиҳанда, он ҳам агар дар дили он мард «ишқи гардунӣ», ишқи осмоние бошад. В-арна мумкин нест! Ва ин чӣ ҳарфи зебоест, ки шоир гуфтааст!!!

Дар идомаи шеър мо мебинем, ки шоир гарчи сайр дар осмонҳо дорад, аммо пойи худро аз ин сарзамини аҷдодии худ накандааст. Ва ин маъниро чунин тасвир медиҳад:

*Аз пайи хеш ӯ барад бар авҷи гардунҳои гардонам,*
*К-аш наёрам бар замин дигар фуруд оям.*
*Шоирон ҳарфи баланд аз моварои осмон ҷӯянд,*
*Ман вале бар хоки ин манзар фуруд оям.*
*То ба ҳарфи хомуши води-ш гӯшамро фаро орам,*
*Вожаҳои рӯдҳоро бишнавам дар вежапардозӣ,*
*Гӯш бар хоки таҳаммулбор бигзорам,*
*Оядам аз Зардуҳишту Маздаку Мони-ш овозе,*
*Баски хоки покашон ин ҷост,*
*Саҷдагоҳу зинаи афлокашон ин ҷост.*

*То ҷаҳон боқист, фармудаи он некфар боқист,*
*Дар се дастураш: накупиндору гуфтору накукирдори зардуштӣ.*
*Дар ду олам ҳам нахоҳӣ ёфт ҳамсонаш,*
*Бигзарад сад пушт агар ҳам баъди сад пуште.*

*Дигар он, к-ӯ*
*ҳар киро бо ӯ баробар буд,*
*бародар хонд,*
*То сухан аз маздакият ронд.*
*В-он дигар з-инсониву фарҳанг*
*Тоза нақши монавӣ овард дар Аржанг.*
*З-ин ҳама фарҳанги тоҷик ориёнфар монд.*

Ин ҷо ба устоди мо, Аскар Ҳаким, аҳсант мегӯем! Чароки хоки аҷдодии худро вақте ба тасвир мекашад, аз «ҳанҷараи ҳар ҳарфи он» санои он сарзамин меояд, ки пайваста ба осмонҳост. Ҳоло барои шоир фарқе надорад, чи аз осмон бигӯяд, чи аз хоки аҷдодии хеш. Чунки:

*Шоирон ҳарфи баланд аз моварои осмон ҷӯянд,*
*Ман вале бар хоки ин манзар фуруд оям.*

Ва шоир ин баландиҳои осмонии хоки ватанашро чунин шоирона ба ҳамагон ошкор месозад, ки чун ба ин хок гӯш андозам, аз ҳар зарраи он вожаҳои рӯдҳо дар вежапардозианд (тасвире бисёр шоирона) ва овози Зардушту Маздаку Мониро мешунавам, чунки турбати пок ва саҷдагоҳи ба сӯйи Парвардигори ягонаи онҳо, ки ба сӯйи афлок хати тиллоӣ дорад, дар ҳамин ҷост. Гузашта аз ин, хоки аҷдодии шоир он саҳифаи ҷовидонии таърихи башар аст, ки беҳтарин таълимоти зардуштӣ «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек»-и он дар рӯйи он сабт шудааст ва дар ин хок ба ҷуз мардони нек аз он пайғамбар ҳампуште, фарзанде, пайраве нест ва нахоҳад буд ва ҳар касе ҳам баръакси ин аст, нохалаф аст, аз он пушт нест! Чунки таълимоти зардуштӣ

мақоми бародарӣ ва баробарист, мақоми баланди инсонию фарҳангист, мақоми нақшҳои зебои Монӣ-Арисот аст, мақоми фархундаи тоҷики бонанг аст!!! Ҳоло ба ҳарфҳои устоди бузургвори мо гӯш андозед, ки аз сайри таърихии динии сарзамини муқаддаси хеш ба чӣ хулосаҳои зебое меояд:

*Эй замини сабзи боварҳо,*
*Решаҳоят сабз бас дар оби имон асту кавсарҳо,*
*Чун ту ислом оваридӣ, дидам ислом инчунин бояд,*
*К-аз мусалмонии ту имрӯз худ Оли Муҳаммад(с)*
*ҳам ба ваҷд ояд.*
*Ҳамди исломат, ки ҷуз исломи некӣ нест,*
*Рӯдакию Мавлавиятро назири одамият кист?!*
*То расад насли башар бар ҳадди инсонӣ,*
*Боядаш омӯхт аз ин ҳар ду мусалмонӣ.*
*Чун тавон гуфтан варо наъту сано дигар,*
*Он, ки ӯро нек нек асту бадаш аз нек некутар.*

Шоир дар ин тикка низ боз ба сарзамини ориёии хеш, ки сарсабз аз боварҳо ва имон ба Худои яккаву ягона аст, бармегардад. Аммо ин бозгашт вусъати дигар дорад. Ӯ мегӯяд ва таъкид месозад, ки решаи ин «сабз буданҳо» ба ғайр аз имони комил боз рафтаву таршуда дар Кавсар аст. Ин сухан маънои онро дорад, ки то омадани ислом ба сарзамини шоир мардуми ориёии он аз таълимоти Зардушт барвақттар аз арабҳо хуб медонистанд, ки имон ба Худои ягона ва Ҳавзи Кавсар чист. Ин мафҳумҳои исломӣ мафҳумҳое буданд, ки мардумони сарзамини тоҷикон ҳазорҳо сол қабл аз арабҳо фарогирифтаи онҳо буданд. Қисса ва ривоятҳои таърихӣ гувоҳи онанд, ки аз наздикони Расули Акрам(с), ки оли ӯву хешовандонаш буданд, чун ба сарзамини форсҳо омаданд ва хостанд онҳоро ба ислом даъват намоянд, ба шигифтиҳои азиме дучор шуданд.

Вақте мегуфтанд «Ислом биоваред!» аз онҳо мепурсиданд:

– Ислом чист?

Мегуфтанд:

– Ислом имон овардан аст ба Худои ягонаву беҳамто.

Тоҷикҳои ориёӣ посух медоданд:

– Мо ҳам Худоеро мепарастем, ки яккаву ягона аст, холиқи беҳамтоест, фариштаҳо дорад, биҳишт дорад, Кавсар дорад…

Дини мо ҳамон дин аст, ки шумо мегӯед.

Мубаллиғони ислом, ки аз Оли Расули Акрам буданд, дар шигифт мемонданд ва ҳамон замонҳо аз пайғамбари ислом пурсида буданд:

– Ё Расули Акрам(с) маҷусиҳо киёнанд?

Расули Худо гуфта буд:

– Маҷусиҳо парастандаи Худои ягонаанд, онҳо бародарони моанд, онҳо мусалмонанд. (Иқтибос аз «Саҳеҳи Бухорӣ» - С.С.) Ин буд, ки Расули Акрам(с) ба ҳазрати Имом Ҳусайн иҷозат дода буд, ба Шаҳрбонуи духтари шоҳи Форс Яздигурди III издивоҷ намояд, ин аст, ки наберагони пайғамбари ислом ба форсӣ ҳарф мезаданд, чунки забони модариашон буд, ин аст, ки ҳадиси саҳеҳи Расули Акрам (с) аст, ки: «–Забони аҳли биҳишт арабист ва форсии дарист.»…Оре, ин аст, ки вақте Рӯдакиву Мавлавӣ ба ҳамди Худо ва наъти Расул(с) пардохтанд, ҷаҳониёнро ба ҳайрат оварданд, бисёр мардумоне дар ҷаҳон ва боз худи арабҳо низ аз ҳамчунин мардони ориёӣ мусалмонии ҳақиқиро фаро гирифтанд. Чаро ки аҷдоди ин мардони пок ҳазорҳо сол қабл аз арабҳо бо Парвардигори бешарику беҳамто ошноӣ доштанд, тариқи гуфтани ҳамду санои холиқи якторо омӯхта ва омӯзонида буданд. Гоҳе дар таърих барғалат гуфтаанд, ки арабҳо сарзамини форсиёнро забт карданд ва дар ҳар хонаи тоҷик араби аскареро зӯран гузоштанд, ки бар онҳо ислом омӯзанд. Ин ҳарф тухмате беш нест! Балки тоҷикҳо бар ҳар хона араберо зархарид оварданд ва аз онҳо забони арабӣ омӯхтанд, то Қуръонро фаро бигиранд. Варна он араби аскари зархарид ғайр аз забони арабӣ чизеро аз Қуръон фаро гирифта набуд ва то ин ки ба замини ориёиҳо омада буданд, Қуръонро бо он ҳама азамат фаро гирифта

наметавонистанд. Барои ин ба он мардум вақт лозим буд ва он вақт бояд зиёда аз ҳазор сол мебуд. Ин гуна вақтро ва ин гуна таҷрибаи осмониро аҷдоди шоири халқи мо Аскар Ҳаким дошт ва ин буд, ки онҳо дар як муддати кӯтоҳ Қуръонро ва забони онро фаро гирифтанд ва ҳақиқати онро пештар ва бештар бар ҷаҳониён муаррифӣ намуданд ва табиист, ки дар ҷараёни ин гуна ҳаракат Оли Расули Акрам(с) дар шигифт мемонданд. Мақсади шоир низ ифодаи ҳамин маънost, ки моро ба сӯйи ифтихороти миллӣ ва аҷдодӣ мекашад.

Аҳсант ба вай!

Тиккаи охирини шеърро устоди мо чунин ҳусни анҷом мебахшад:

*Эй диёри кӯчаки аз чор дарё ҳам фарохотар,*
*Ҳар ваҷаб хоки азизатро баландиҳои ин мардон*
*Кард гардуни баландахтар,*
*К-ин мани сарводагӯ дар ҷустуҷӯйи ҳарфи шоёнат*
*Мезанам акнун ба авҷи ҳафт гардун сар.*

Оре, сарзамии ориёии тоҷикӣ имрӯз кӯчак аст. Аммо ҳар чӣ кӯчак аст, азизу ноёб аст! Шоир онро аз вусъати чаҳор укёнус васеътар медонад ва дуруст ҳам мекунад. Чаро ки ҳамчунин мардони таърихие, ки дар боло гуфтем, ҳар ваҷаб хоки ин сарзаминро болотар аз ахтарҳои гардунҳо бурдаанд ва имрӯз шоирони он дар ҷустуҷӯйи ҳарфи шоёне дар боби ин хоки муқаддас ва ин гуна родмардони баландмартаба ба авҷи ҳафт гардун сар мезананд… Шоири устоди мо низ ба чунин гардунҳо сар задааст ва чунин шеъре бо номи «Замини сабзи боварҳо» ба бор овардааст… Мо аминем, ки ин шеър шоёни ин сарзамин аст! Шумо чӣ?

***Фарзона,***
***Шоири халқии Тоҷикистон***

# НОМА БА УСТОД АСКАР ҲАКИМ

Салом устод Аскар! Узр ниҳед, ки ба дуруди Шумо баъди танаффуси ҳаштсола ҷавоб мегӯям. Ин ҳашт солеро, ки ҷисми ман паймуд, ба ин ҳазор соле, ки рӯҳи ман сипард, ҷамъ бандам, як савол ё як ҷавоб хоҳад шуд. Кистам? – Ҳеҷ… Садои ҳотиф меояд:

*Ҷон ҳеҷу ҷаҳон ҳеҷу баҳо ҳеҷу фано ҳеҷ,*
*Эй ҳастии ту нанги адам, то ба куҷо ҳеҷ.*

Ва аммо ҳеҷ ҳам чизест. Чун биёбоне, ки Маҷнуне дорад. Кас яке нигоҳ мекунад ба вусъати биёбон, ки чизе нест. Аммо на, дар дурдасте Маҷнун нишастааст ва ишқро дар дурҷи дилаш ҳифз мекунад. Аҷиб аст, вақте ки биёбон Ишқро паноҳ диҳад.

Устод, дар шеъри пурдарде, ки ба номи ман навиштед, мухотаб манам, аммо ҳадаф Хуҷанд буд. Он вақт Хуҷанд худро ба ношунавоӣ заду гуфт:

*Тире, ки задӣ бар дилам ин бор, хато рафт,*
*То боз чӣ андеша кунад ройи савобат.*

Аммо оқибат садои Шуморо Хуҷанд шунид. Вақте ки Шумо ва дигар рӯшанфикрони маҳмилкаш аз гӯши ӯ ба нӯки қалам пунбаҳоро гирифтед. Рӯзи ҷашни Шайх Камол ман барҳақ бо Хуҷанд ифтихор кардам.

Вақте ки мардум дар хона нагунҷиданд ва муҳаббати худро ба кӯчаву биёбон бурданд.

Вақте ки мардум ҷашни Камолро ҷашни дили худ донистанд.

Вақте ки шаршараҳои хомӯш ба забон омаданд ва шашмақом хонданд.

Вақте ки пайкараи Шайх Камол ё пайкараи орзуи мо рӯйид.

Вақте ки Сайҳуни шомхӯрда дар пироҳани пирӯзарангаш ҳазор гули ситора рехт ва чашми мармузаш паёме аз абадият гуфт.

Вақте ки саҳнае миёни дарё ларзон буд ва нозанинон чун паримоҳӣ мерақсиданд ва он дам чашми беҳиси моҳиён низ барқ мезад.

Вақте ки меҳмонон Хуҷандро муъҷиза диданд.

Устод, чаро умри муъҷиза як лаҳза аст? Намедонам, барои он шеър чӣ гуна ҳарфи сипос гӯям. Шумо маро, ки ҳанӯз рӯнамо нашуда будам, чи зуд шинохтед ва дар тарозуи офтоб ниҳодед дар рӯзгоре, ки тамоми арзишҳо дар тарозуи шубҳаанд. Мо медонем, ба эҳтироми он азизоне, ки бар асолати мо имон овардаанд, бояд ба ҳақорату сангандозии ношиносон (ки ҳазор сол паҳлуи моянду намехоҳанд шиносанд) наяндешид, бояд бар идомаи роҳ рафт, бояд худро дуртар бурд. Ба ҷойе, ки чашм натавонад дигар нигоҳи сарди танаффур резад, дил натавонад бори кина кашад, лаб натавонад ба ҳарфи талхи ҳосиде талхтар ҷавоб диҳад ва қалам натавонад сухани паст нависад. Ман медонам, ки ба он қулла намерасам, аммо нерӯе ҳаст, ки маро он ҷо мехоҳад, нуре ҳаст, дар ман талолу мекунад ва мехоҳад маро аз сиёҳии ман наҷот диҳад. Боз садои ҳотиф меояд:

*Дар тахти Ҷам, ки тоҷаш меъроҷи офтоб аст,*
*Ҳиммат нигар, ки мӯре бо ин ҳақорат омад.*

Устод, вақте ки ман нахустин бор дар бинои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пайдо шудам, нигоҳам ба рӯйи ҳама кас ихлос мерехт. Ду-се шеърам бо сарсухани устод Лоиқ дар «Садои Шарқ» ва чанд ҷароиди дигар чоп шуда буд. Шармсор будам, ки бо тӯшаи ҳақир шакли муддаиеро дорам, ки дар остона истодааст ва мехоҳад густохона ба кохи шеър дарояд. Он гоҳ Шумо омадед ва гуфтед:

– Хоҳари ширин, ту Фарзонаӣ? – Хуш омадӣ!

Ман мехоҳам монанди Шумо чунин самимонаю бефанд ҳар ояндаи тозаоғозеро «Хуш омадӣ» гӯям. Ва мехоҳам дар мавриди шеър чун Шумо ба ҳеҷ кас наяндешам ва ба худ андешам. Вақте ки Шумо дар қиёми маҳшару ғавғо (дар гирдиҳамоии порсолаи Хуҷанд) шеър мехондед ё дар ҳалқаи тоҷирон, ё дар «гап»-хӯриҳои мардони рӯмонӣ, ё дар толори «Ваҳдат»-и Теҳрон, ё дар Ландан, дар манзили Иброҳими Гулистон, ё раҳравон дар рӯйи пули Сайҳунрӯд мустамеони худро фаромӯш мекунед ва дар оғӯши шеъри худ гум мешавед. Вақте ки Шумо ҳарфи аҳсант ё тамасхуру истеҳзоро намешунавед ва дари бекаронаро ба рӯйи худ боз мекунед, Шумо бо Шеър ишқ меварзед ва мегӯед:

*Биё, барги рухи худро ба шохи ҷони ман пайванд,*
*Ки шояд шохаву барге бигирад андар ин озор*
*Ва сабзад аз тани ман шохаҳои ту*
*Ва рӯяд шохсори тозаи ишқ аз тани хуншор.*

Ва Шеър низ посух медиҳад:

*Ба зери осмон як осмони дигаре дигаре хоҳам,*
*Фазои синаҳоро Каҳкашони дигаре хоҳам.*

Устод Аскар! Шумо худро ҳамеша ба боғҳои таҷриба мекашед ва хушо, ки решапайванду баргпайванду муғчапайванди Шумо бо Шеър бегазанд аст. Кош Шумо умри абад бинед ва ҳар лаҳзаатон аз шодӣ борвар бошад ва рӯҳатон ҳамеша дар таҷаллизори зебоӣ ва бекаронаи ишқ пар-пар занад. Кош, зудтар рӯзе фаро расад, ки ҳамаи адибон ва рӯшанфикрон худро иморат кунанд ва ба гӯши ҳам салои ошноӣ зананд. Ва ман боз садойи Шуморо мешунавам:

*То ба ҳар байте ба мазмуне ишорат кардаам,*
*Ман ба шуғли шеър ҷонамро иморат кардаам.*

Орзуманди шодрӯзи Шумо – Фарзона,

***Соли 1997***

***Неъмати Оташ,***
***шоир***

## СОҲИБСУХАНИ НЕКУХИСОЛ

Банда бисёр хушбахт ҳастам, ки ду даҳсола ин тараф бо шахсияту осори устоди гиромиқадр шоир ва мунаққиди тавоно, инсони покдилу покҷавҳар Аскар Ҳаким ошно ҳастам. На танҳо ҳамчун шогирд ба хизматашон расидаам, балки бо амри тақдир солҳои зиёд бо ишон ҳамкору ҳамнафас будаам. Ҳаргиз дар пеши худ мақсад нагузоштаам, ки осору эҷоди гаронмояро баррасӣ кунам, танҳо ҷуръат дорам, баъзе лаҳзаҳои зиндагии марбут ба ишонро рӯи қоғаз оварам.

Таълифоти устод, ки аз шеъру достонҳои дилангез, мақолаҳои илмии ҷолибу пурмуҳтаво ва тарҷумаву тасҳеҳ иборатанд, интизори омӯзиши амиқ ҳастанд ва ман аминам, ки таҳқиқи пурарзиши онҳо дар оянда боиси ба миён омадани чандин рисолаву китоб хоҳад шуд. Зеро беш аз сӣ сол аст, ки фарҳангу адабиёти мо аз файзи вуҷуди устод баҳра мебарад ва боз ҳам рангину пуртароват мегардад.

Муаллимон ва шогирдони мактаби миёнаи рақами 12-и идораи маорифи ноҳияи Хуҷанд дар Рӯмон бо он ифтихор доштанд, ки дабиристонашон ба олами пурнафосати адабиёт ду шоири соҳибистеъдод – Аскар Ҳаким ва Нурмуҳаммад Ниёзиро раҳнамун сохтааст. Ҳар як муаллиме, ки вориди синфхона мешуд, дар бораи ин ду нафар бо муҳаббату самимият сухан меронд. Махсусан, устоди адабиётамон Абдусамад Файзиев меболиданд, ки дар дили ин ду нафар меҳри шеъру шоириро бедор кардаанд. Аскар Ҳакимро водор намуданд, ки шеъру достонҳои «Қиссаи Ҳиндустон»-и Мирзо Турсунзодаро пурра аз бар кунанд. Ман он вақт ҳаминро медонистам, ки Аскар Ҳаким ба мактаби мо баъди хатми мактаби ибтидоии рақами 25-и деҳа омадаанд ва алҳол дар факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил доранд. Вақте ки дар матбуоти даврӣ шеърҳои Аскар Ҳаким чоп мешуданд, барои мо – шефтагони шеъру адаб ид буд. Онҳоро бо шавқ мехондем ва азбар мекардем.

Нахустин ошноии ман бо Аскар Ҳаким соли 1976 рух дод. Як рӯз раиси маҳфили адибони ҷавони Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон Санавбар Соҳибова хабар доданд, ки имрӯз бо Аскар Ҳаким мулоқот мешавад. Ростӣ, дилу ҷонам аз изтиробу ҳаяҷон ба ларза омад. Зеро медонистем, ки Аскар Ҳаким чун мунаққид ва муҳаққиқи шеър бо нигоҳи тоза ба майдон омадаанд ва ҳамагон мақолаҳои ҷиддиашонро оид ба шеъри муосир хонда будем ва суҳбаташонро ба шоири маҳбуби ҷавонон Лоиқ Шералӣ, ки дар саҳифаи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» чоп шуда буд, дар ёд доштем ва ба Аскар Ҳаким ниҳонӣ меҳр меварзидем. Инро ҳам медонистем, ки Аскар Ҳаким муовини сармуҳаррири маҷаллаи адабии «Садои Шарқ» ҳастанд. Бегоҳ дар хобгоҳ бо ишон мулоқоти самимона баргузор шуд ва Аскар Ҳаким бо муҳаббату самимият, ғамхориву дилсӯзӣ ба навиштаҳои мо баҳо доданд.

Бале, Аскар Ҳаким вақте ба арсаи адабиёт по ниҳоданд, ки шеъри тоҷик таҳаввулоти азимеро аз сар мегузаронд. Вуҷуди Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Мастон Шералӣ, Бозор Собир, Қутбӣ Кором, Ғоиб Сафарзода, Гулназар ва чанде дигарон шеъри тоҷикро рӯҳи тоза мебахшид. Адабиёти мо ба мунаққиде ниёз дошт, ки ҳама навиҳоро нишон диҳад, шеъри асилро аз шеърҳои тавсифии бебунёд ҷудо кунад ва шоиронро ба роҳи дуруст ҳидоят намояд. Хушбахтона, устод Аскар Ҳаким ин вазифаи пурмашаққат ва пурмасъулиятро ба дӯши худ гирифтанд ва раҳоварди сафарашон аз ин ҷодаи пурзаҳмат китобҳои «Шеър ва замон» ва «Дар қаламрави сухан» ҳастанд, ки дар таҳқиқи марҳилаҳои гуногуни рушду такомули шеъри тоҷик ва дар офариниши чеҳраи фардии адибони маъруф нақши бағоят муҳимм доранд. Касе, ки очеркҳои ишон «Обшори шеър» (чеҳраи шоирии Муъмин Қаноат), «Шохаи райҳон ва себҳои шукуфта» (Аминҷон Шукуҳӣ), «Даҳ сол ва чаҳор нигоҳ» (Лоиқ) ва «Бӯи гулхор» (Бозор Собир)-ро хонда бошад, ҳатман аз нубӯғи Аскар Ҳаким, ҳамчун мунаққид ва олими мӯшикоф, пай бурдааст.

Ҳамагон огоҳ ҳастанд, ки то солҳои 80-ум адибони тоҷик рӯзномаи худро надоштанд ва шеъру ҳикояҳоро

асосан дар матбуоти даврӣ чоп мекарданд. Кӯшишу талоши устодон Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода барабас мерафт. Ниҳоят соли 1980 орзуи дерин ҷомаи амал пӯшид ва рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон» таъсис ёфт. Аскар Ҳаким сардабири ҳамин рӯзнома таъйин гаштанд. Ин рӯзнома дар муддати кӯтоҳ таҳти сарпарастии ишон ба нашрияи дӯстдоштаи мардум табдил ёфт. Вале Аскар Ҳаким аз дастовардҳо қаноатманд набуданд. Ният доштанд, ки онро ба ҳафтавор мубаддал кунанд. Аммо дар Кумитаи Марказӣ баҳона пеш меоварданд, ки имконияти полиграфӣ маҳдуд аст ва барои чопи рӯзномаи бисёрсаҳифа имконият нест. Аскар Ҳаким аз онҳо набуданд, ки ором нишинанд. Ба матбаа рафтанд, 16 саҳифа рӯзномаро дар ҳаҷми нашрияи «Тирози ҷаҳон» омодаи чоп карданд ва ҳамроҳи худ ба Кумитаи Марказӣ бурданд ва ба исбот расониданд, ки чопи чунин рӯзнома имкон дорад. Ҳамин тавр, соли 1983 бо заҳмат ва талоши пайгиронаи ишон нашрияи «Маданияти Тоҷикистон» ба ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» табдил ёфт. Дар байни хонандагон маҳбубият пайдо кардани ин рӯзномаро бо ҳамин рақам метавон қиёс кард. Он агар соли аввал 7 ҳазор хонанда дошта бошад, солҳои дигар адади нашри он ба 100 ҳазор нусха расид. Дар идораи рӯзнома беҳтарин рӯзноманигорону адибон ба кори офаринишу таҳлил машғул буданд ва мекӯшиданд, ки беҳтарин дастовардҳои адабиёти тоҷикро сари вақт дастраси хонандагон гардонанд. Бо ташаббуси Аскар Ҳаким баъдтар замимаи он «Пайванд» бо ҳуруфи форсӣ рӯи чопро дид.

Соли 1984 устод Аскар Ҳаким маро ба кори рӯзнома ҷалб намуданд. Хушҳолам, ки таҳти раёсати иэшон ҳафт сол мухбири махсуси ин ҳафтанома дар вилояти Ленинобод будам ва ин солҳо, бешубҳа, аз беҳтарин ва хубтарин солҳои ҳаётам ҳастанд.

Имрӯз устод Аскар Ҳаким ба синни мубораки 50-солагӣ расиданд. Фаро расидани ҷашни камолотро брояшон шодбош мегӯям ва бахту саодат ва комёбиҳои эҷодӣ таманно мекунам.

***Соли 1996.***

***Адиба Хуҷандӣ,***
***шоир, муҳаққиқ***

## СУХАНЕ АЗ ЯК ҒАЗАЛ

Ғазал аз шаклҳои шигарфу дилписанди адабиёти тоҷик ба шумор меравад, ки ҳамаи шоирон ва ҳамаи онҳоеро, ки пайванди рӯҳонӣ ба шеър доранд, асрҳои аср маҷзуби худ медорад ва ҳамеша дар ташаккулу таҷаддуд аст.

Ғазал дилбартарин ва ширинтарин қолаби шеър аст ва маҳз ҳунари шоирӣ ва ҷаҳонбиниву илму дониши фарорафтаву фарогиру таъсиргузори бузургтарин шоирони нобиға дар он таҷассум шудааст.

Ҳарчанд дар замони муосир гоҳо ақоиди нодурусте ба назар мерасад, ки умри ғазал ба поён омада, боз ҳам мебинем, ки амвоҷи ғазал бо муҷаллотарин рангҳову ҷилваҳо фарогири қаламрави ҷаҳонгири шеъри порсист.

Ғазале назди хонандаи хос гиромиву азизу чун ганҷур арзишманд аст, ки ҳар мисраъе ороста ба илму ҳикмату фалсафаву тахайюл ва зевари лафз бошад. Ороишоти лафзии шеърро саноати адабӣ таъмин мекунад Бидуни корбурди санъатҳои бадеъӣ шеър мақоми худро аз даст медиҳад, чун барои шеър муҳим мазмуни оливу созгорро дар канори бадеъияти муъҷизаосои лафз нуҳуфтан аст.

Ибрози маъниро дар ҳар шакле, аз қиболи наср ҳикояву роману каломи муназзам метавон хидмати хонанда бурд, ки барои шеър коре намемонад, ин аст ки муҳимтарин талабот аз шеър латофату таровату рамзбориши вожагону ибораҳост.

Албатта, шеъре, ки ороиши забарҷадӣ аз бадеъият дорад, шеъри сохтаву оварда нест, балки шеъри омадаи илҳому ваҳйи осмонист.

Шоир танҳо зеҳни худро пурбор аз ҳамаи вожагони доштаи забонаш бояд бикунад, ки илҳом дар ин зеботарину

ширинтарину мармузтарин вожаву ибораву ҷумалоти ороста сурат пайдо кунад.

Андешаву ишқу эҳсос танҳо дар сухан арзи ҳастӣ мекунад ва роҳ ба сӯи амал, роҳ ба сӯи дилҳову ақлҳо мегирад. То ба сухан омадан андешаву ишқу эҳсос танҳо мансуби шуури шоир асту бас. Он гоҳ халқӣ мешаваду амалӣ мешавад, ки дар сухан сурат пайдо бикунад, яъне ба дунё биёяд.

Пас, ин андешаву ишқу отифа бояд бо зеботарин пироҳан ороста бишавад, зеботарин сурат дошта бошад. Ҳамин зебоӣ, ҳамин бадеъияти сухан аст.

Шеъри орӣ аз санъатҳои суханро донишмандони адабиётшинос назм гуфтаанд, на шеър. Роҳи назм аз шеър хеле дур аст.

Дар тамоми ашколи шеърӣ, аз қиболи байт, дубайтӣ, рубоӣ, ғазал, ғазалмаснавӣ, қасида, достон, мухаммас, назира, тарҷеъот ва амсоли ин шарти аввал ин аст, ки ороста ба санъатҳои бадеъӣ бошад. Ин аст ки шеърро каломи мухайял хондаанд.

Ғазалҳои бузургтарин ғазалсароёни адабиёти классикии тоҷику форс, ки шӯҳрати ҷаҳонӣ доранд ва таъсиргузору созандаи адабиёти ҷаҳонӣ ҳам ҳастанд, ба мисли Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил, Соиб, ... маҳз бо ҳамин хусусият, ки мазмунро дар вусъати донишу ҳикмату ирфон ва лафзро дар ҳадди муъҷизавори бадеъият нигоҳ доштаанд мондагор шудаанд.

Барои шоири муосир ҳам, ки меросдору нигаҳдори ин ганҷури бебаҳост, нигаҳ доштани шеър дар садри осмонии иззату зебоӣ рисолат аст.

Яке аз шоирони номвари адабиёти тоҷик, ки на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар қаламрави беҳудуди адабиёти порсӣ ва адабиёти ҷаҳон шинохта аст, устод Аскар Ҳаким мебошад, ки дар тамоми ашколи шеърӣ андешаи худро, ишқу эҳсосу илму ирфону ҷаҳонбиниву маданияти рӯҳонии худро сурат бахшидааст.

Аскар Ҳаким барои он шоири муваффақ ва вижаи адабиёти муосири тоҷик аст, ки парвардаи на танҳо адабиёти классикиву муосири форсу тоҷик, балки бархурдор аз насру назми адабиёти ҷаҳон мебошад. Дар ашъори Аскар Ҳаким фарҳангу маданияти ғарбу шарқ ба ҳам омехтааст, ин аст, ки ашъори ӯ бо ҳамин хусусият аз ашъори дигар шоирон фарқияти куллӣ дорад.

Дар ашъори Аскар Ҳаким ақоқиёву сӯзанбарг, тӯсҳову ёсуману бобунаҳои Амрикову Аврупо ва садбаргу лолаву насрину дарахтҳои зардолуву анҷиру анори Шарқ дар як боғ рустаанд, дар боғи андешаву ашъори Аскар Ҳаким.

Аскар Ҳаким шоири донишмандест, ки тамоми адабиёти ҷаҳонро дар андешаи худ ба як китобхонаи бузург табдил додааст, яъне хонандаву донандаи доимии насру назм ва адабиётишиносии ҷаҳон аст, ки ин албатта ба шеъри ӯ, ба сухану ҷаҳонбинӣ ва фарҳангу маданияти шахсияти ӯ таъсири амиқ гузоштааст.

Шеър илҳоми илоҳист, ки илтифоти Худованд ба шоир мебошад. Агар ин илҳоми худовандӣ набошад, бо сад хона китоб хондан ҳам намешавад мисраъе бигуфт. Аммо ин илҳоми худовандӣ аз ҷониби шоир кор мехоҳад. Шоир бояд бо меҳнати шабонарӯзии таҷрибаҳову омӯхтанҳо шеърашро бо зевари илму дониш ороста дорад. Барои ин ниҳоли осмонӣ, ки дар андешаву эҳсоси шоир рустааст, обу ҳаво ва офтоб илму дониш аст, ки бидуни он ин ниҳол наметавонад шукуфоиву нашъунамо дошта бошад.

Аскар Ҳаким бо омӯхтану фарогирии адабиёти ҷаҳон чун шоири вижае, ки шеъри нотакрори худиро сурудааст ва дар адабиётшиносӣ фарзонаву фард дар мақоми баланди иззату номдорист. Маҳз ҳамин огоҳӣ аз назму насри ҷаҳонӣ ашъори Аскар Ҳакимро пур аз навгароиву навгонӣ кардааст. Аз ҷумла ғазалҳои Аскар Ҳаким фарқияти куллӣ аз ғазалҳои дигарон дорад. Зеро андешаву фарҳанги офаридгори ин ғазалиёт на танҳо тоҷикӣ, балки андешаву фарҳанги мардумиву ашрофии ҷаҳониро низ дар худ дорад.

Аскар Ҳаким парвардаи мактаби адабиёти ҷаҳон аст, адабиёте, ки аслу асосаш аз адабиёти форсӣ ҳам мубтадо дорад. Ғазалиёти Аскар Ҳаким бо он ки андешаву ҷаҳонбинии инсони муосир ва оинадори осмону замину замони муосир аст, аз муосиронаш фарқият дорад.

Ҳар шоире фарзанди замони худ аст ва дар қатраи алмосии шеър бояд офтобу обу ҳаво, таъриху иҷтимоу иқтисоду фалсафа ва илму ифрони замони худро оинадорӣ кунад, то ба ин оинаи адабӣ ояндаҳо тамошобин бошанд. Ғазалиёти Аскар Ҳаким пеш аз ҳама бо замонвӣ будан, яъне бо он ки суратгари андешаи инсони муосир аст, фарқият дорад.

Бо омӯхтану таъсирпазирӣ аз адабиёти классикӣ хеле мушоҳида мешавад, ки шоирони имрӯз андешаҳои классиконро низ такрор кардаанд ва дар ашъорашон рӯзгори худашон ҷилвагар нест, барг барги вожаву ибораҳояшон кӯчатшуда аз адабиёти клоссикӣ ё адабиёти ҳамзабонон аст, ки ин фардияти ҳунари шоирро аз байн мебарад.

Хонанда вақте шеъреро мехонад, бояд андеша кунад, ки чӣ суде аз хондани он барои рӯзгори худ гирифт. Ин аст, шоир масъулият дорад, ки ҳар вожаву мисраъи худро бо донишу илму ирфони раҳнамо ва бадеъияти зебову зебоишиносӣ ба хонанда пешкаш кунад.

*Саҳар чун ёдат овардам навозид ин садо гӯшам,*
*Ки сад булбул ғазал сурх аст дар барги баногӯшам.*
*Ҳазор ангушти тардастӣ занад дар боғҳо оҳанг,*
*Зи рӯи нутаи қалбам, ман аммо бо ту хомӯшам.*
*Маро ҳар тори ҳастӣ обшори савту оҳанг аст,*
*Вале дур аз канорат обшорони фаромӯшам.*
*Ба пеши пойи ту ҷорист ҷӯе тозаву урён,*
*Намедонӣ, чаро бо сабзааш аз чашм мепӯшам.*
*Саҳар хуршед мебинад, ки дасте мезанам дар об,*
*Зи об оина медорад ба симосо бару дӯшам.*

*Шаҳи гардуни шаб гирад арӯси моҳро дар бар,*
*Шароби орзуятро ба ҷоми бода менӯшам.*
*Қиёми бодаи лабҳо-т бар ин ташна мегӯяд*
*Ки гар имрӯз менӯшӣ, хуморовартар аз дӯшам.*
*Хумори имшабат дар сар, хумори дил биё ин ҷост,*
*Ки беш аз сад ҳазору як шаб аст имшаб як оғӯшам.*

Чунонки мебинем, дар ин ғазал ягон таркибу иборае баргирифтаву оварда аз адабиёти клоссикӣ ба назар намерасад.

*Саҳар чун ёдат овардам навозид ин садо гӯшам,*
*Ки сад булбул ғазал сурх аст дар барги баногӯшам.*

Ёди дилбарро ба садои улвии саҳарӣ, монанд кардан хоси худи шоир аст, ки собиқа надошт Ҳамчунин таркибҳои зебои шоирона чун "булбули сурхи ғазал", "барги баногӯш", ки мутаносиб аст, зебои бесобиқа мебошанд.

*Ҳазор ангушти тардастӣ занад дар боғҳо оҳанг,*
*Зи рӯи нутаи қалбам, ман аммо бо ту хомӯшам.*

Дар боғҳо оҳанг навохтани баргу гул манзараи муъҷизаосоеро ба назар ҷилва медиҳад, дар ҳақиқат ҳам ранг-ранг зебоиву рамзу рози нотафсири чаманҳо дар хотираи мо оҳангҳои дилошӯбро меофарад. Қалбро ба як дафтари омӯзиши оҳанг (нотаҳо), ки дар мактабу донишгоҳҳои мусиқӣ мавриди омӯзиш аст, монанд кардан ишора ба он аст, ки дили ошиқ пур аз розҳои зеботарин аст.

*Маро ҳар тори ҳастӣ обшори савту оҳанг аст,*
*Вале дур аз канорат обшорони фаромӯшам.*

Дар ин байт шоир ба он ишора мекунад, ки инсон бидуни ишқ дар фаромӯшӣ қарор хоҳад дошт, зеро ҳар

амали мо ба касбу коре, ҳар робитаи мо бо инсоне чун модару падар, ҳамсар, фарзанд, дӯсту ҳамкор бо ишқу эҳтирому ихлосу иродат имкону маъно дорад.

Ишқ пайванди инсон ба осмону замин аст. Таркиби шоиронаи обшори савту оҳанг ҳам, ки дар ин байти зикршуда омадааст, бесобиқаву тоза аст.

*Ба пеши пойи ту ҷорист ҷӯе тозаву урён,*
*Намедонӣ, чаро бо сабзааш аз чашм мепӯшам.*

Таркиби "ҷӯи тозаву урён", ки пеши пои маъшуқ ҷорист, киноя аз гиряи ошиқи азият дида аз фироқ, аз пазмониву иштиёқи ӯст, ки метавонад ашки шодӣ аз дидор бошад ё ғаму андӯҳи ҷудоӣ.

*Саҳар хуршед мебинад, ки дасте мезанам дар об,*
*Зи об оина медорад ба симосо бару дӯшам.*

Таркиби "дасту по задан дар об" ишорагари кӯшишу ибтикор аст. Ин аз ранҷу азобу азият дар ҳиҷрон ва кӯшишҳо барои расидан ба дидори маҳбуб киноят мекунад.

*Шаҳи гардуни шаб гирад арӯси моҳро дар бар,*
*Шароби орзуятро ба ҷоми бода менӯшам.*

Ин тасвир, шоҳи гардуни шаб, яъне осмонро ба домоде ва моҳро ба арӯси зебо ташбеҳ додан тасаввуре аз ишқи осмонӣ буда, идомаи ғазал ибрози ишқу эҳсоси заминист.

**Дар ғазалҳои Аскар Ҳаким тасвиру таркибҳо аксар наву тоза ва бесобиқа ҳастанд. Ин далели он аст, ки шоир дар натиҷаи омӯзиши беҳтарин намунаҳои шеъри ғарбу шарқ роҳи дурусти худро пайдо карда, ба офаридани сувари хаёли тоза даст ёфтааст, ки ба шеъри ӯ таровати тоза ва ҷаззобияти махсус мебахшанд.**

***Дуктур Сайд Алии Мӯсавии Гарморӯдӣ, шоир, Эрон***

## «ХЕЗАД АЗ ҲАНҶАРАИ ФОХТА ОҲАНГИ БУЛӮРИНИ САҲАР...»

Дӯсти шоирам ҷаноби оқои Аскар Ҳакими азиз!

Манзумаи «Санги ман – алмос»-и Шуморо ба диққат хондам ва лаззат бурдам. Ҳам забони Шумо дар ин манзума фахимтар аз шеърҳои пешини шумост ва ҳам тахайюл, ки аз аносири аслии шоирӣ аст, дар он бориктар ва нозуконатар аст. Дар Эрон ҳам ин навъ манзумасароӣ ва дар ҳамин ҳаҷм ва бо аҳдофе мушобеҳ ба он чӣ Шумо дар ин манзумаи зебои худ гуфтаед, дар муосирон собиқа дорад. Нимо «Афсона»-и худро ба ҳамин сабк гуфтааст, аммо албатта, «Афсона» комилан мавзун аст.

Баъд, Ахавон, Шомлу, Меҳрдоди Авасто, Сиёвуши Касроӣ ва Ҳамид Мусаддиқ ва бисёр касони дигар, манзумаҳои баланд дар авзони нимоӣ (монанди манзумаи Шумо) ва ё дар авзони классик ва ё ҳатто дар шеъри бевазн ва озод доранд.

Ман гумон мекунам, агар сари он доред, ки онро ба чоп бисупоред ва махсусан, агар мехоҳед, дар Эрон нашр ёбад, беҳтар аст бархе луғоти маҳаллии он, мисли патакреша, шудгор ва испор ва амсоли онҳоро дар зернавис маъно кунед. Ман сайъ кардам, миқдоре аз онҳоро барои Шумо дар нусхае, ки ба ман дода будед, анҷом диҳам. Даст марезод. Иншоаллоҳ муваффақ бошед.

***89/13/16.***

*Парда Ҳабиб,*
*шоир*

# ШЕЪРЕ, КИ ҲАМЗАМОНИ МОСТ
## Андешаҳо баъди базми шеъри устод Аскар Ҳаким

Алоқамандони сухан медонанд, ки чӣ тавр бо гузашти замон заминаи шеъри тоҷик нав гардид ва аз лиҳози услуби нигориш шоирони тоҷик тозакориҳо карданд. Баъди Инқилоби соли 1917 устодони давр дар истифодаи шаклҳои шеърӣ ва мавзӯъҳо икдоми муҳимм пеш гузоштанд. Мавзӯъҳои анъанавӣ бештар ба мавзӯъҳои мушаххаси замон, аз қабили инқилоб ва бедории синфӣ, навсозиҳои ҳаёти иҷтимоӣ иваз шуданд.

Пас аз ин ғазалу рубоӣ, қасидаю қитъа ва достон рисолати нав касб карданд. Шакли навтарини ин давра чаҳорпора буд, ки гоҳ дар намуди маснавӣ ва гоҳ қитъа қофияпардозиаш мекарданд ва он дар адабиёти рус собиқаи дерина дошт. Чаҳорпораҳои навини адабиёти тоҷик дар назми классикӣ дар шакли қасидаҳои тавсифию манзаравие, ки шуарои қадим дар сифати ин ё он мавзеъ ё шаҳру вилоятҳо мегуфтанд, низ пешгузаштаи худро доштанд вале дар намуди пораҳои чормисраъ хоси замони нав маҳсуб мешаванд. Навсозиҳои шаклии Пайрав аз Маяковский маншаъ мегирифт ва пурра ҷанбаи иҷтимоию сиёсӣ дошт. Сатрҳои зинадори Ҳабиб Юсуфӣ аз ҷустуҷӯҳои эҷодиаш дарак медоданд. Бояд таъкид намуд, ки на ҳама аз пайи чунин ҷустуҷӯҳою навоварӣ буданд. Иддаи зиёде аз суханварон ба шеъри суннатӣ садоқат нишон медоданд.

Аммо ҷиҳати фарққунандаи ҳамаашон он буд, ки саводи баланди касбӣ доштанд, забони адабиро басо хуб омӯхта, дар истифодаи луғати забон маҳорати комил нишон медоданд. То солҳои 60-ум, ки фасли нави шеъри тоҷик аз он оғоз меёбад, ин устодони пешин ҳунару санъати суханварӣ, маҳорати эҷодӣ ва анъанаҳои шеъриро пос доштанд ва дар ҳамин замина ҷустуҷӯҳо ва навовариҳои шогирдони эшон

шурӯъ гардид. Аз ҷумла Аминҷон Шукӯҳӣ дар лирика роҳи хоси худро пайдо кард ва андешаҳои нозуки қаҳрамони лирикиаш аз ҳадди маъмул берунтар по ниҳод ва қолабҳои маъмули адабиро пос дошту дар баробари ин қолабҳои рӯҳию тасаввурро шикаст. Ошиқ дар шеъри Шукӯҳӣ озод аст, ишқи ӯ сунъӣ ва сохтаю бофта набуда, ба таври бесобиқа табиист.

Шукӯҳиро барои дӯстдорони сухан шоир ва мунаққиди тоҷик Аскар Ҳаким дигарбора кашф кард ва дар мақолаҳои хеш хусусиятҳои қалами ин адибро нишон дод. Ҳамзамон шеъри нави тоҷикро, дар баробари донишмандони дигар, Аскар Ҳаким дар сатҳи хеле баланд ва борикбинона нақд кард. Ва имрӯз чун давраи нави шеъри тоҷик-ро бо ҳама он тозагию тароват пеши назар меоварем, дар баробари мунаққидони дигар аз устод Аскар Ҳаким миннатдор мешавем, ки дар баррасии масъалаҳои маҳорати адабию эҷодӣ ва навпардозиҳои шоирон зиёда заҳмат кашидааст. Зеро ӯ зимни таҳқиқ, моварои қаламрави имрӯзаро низ дар мадди назар дошта, пояи шеъри тоҷикро дар қиёси шеъри ҳамзабононамон муайян карда, ҳамзамон дар давоми марҳилаи тозаи адабиёт, тайи солҳои зиёд, Аскар Ҳаким ашъори наву рангини хешро эҷод намудаву дар рушди шеъри муосир хидмат мекунад. Барои аҳли касб шеъри шоир ҳанӯз аз овони донишҷӯияш ошно буда, минбаъд эҷоди сухани мавзун барояш рисолати асосию аслии ҳаёт гардида. Ва дар ин ҷода то ба дарёфти унвони Шоири халқии Тоҷикистон, Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сазовор шудааст. Чанд даҳсола аст, ки номаш дар баробари суханварони пешбар ва варзидаи тоҷик мақом дораду китобҳояшро дар Эрону Афғонистон ва доираҳои гуногуни форсизабонони олам мутолиа менамоянд.

Муқаддимаи ин навишта ба он хотир аст, ки иртиботи шеъри устод Аскар Ҳаким бо решаҳои амиқи адабиёти миллӣ пеши назар ояд.

Ба андешаи мо, яке аз ҷиҳатҳои муҳимми шеъри Аскар Ҳаким, яъне дар баробари шинохти сухан мавзӯъ ва

истифодаи санъатҳо, ин рӯҳияи инсонпарварона ва ҳақиқатхоҳии он аст: қаҳрамони лирикиаш барои ҳақиқате, ки худ бар он комилан бовар дорад, талошҳо меварзад, бо ҷуръати том барои эҳёи асолати миллат, фарҳанг ва забону анъанаҳояш, барои ишқ ва меҳри бекаронаи одамӣ кӯшидааст ва ба иқдоми хеш бо неруи тоза идома медиҳад. Ашъори ба мавзӯи забони тоҷикӣ бахшидаи Аскар Ҳаким дар миёни суханшиносон баҳои сазовор гирифтааст.

Шоир аз нахустин қадамҳояш ҷанбаҳои дигаргунаи фалсафаи зиндагӣ ва инсон, ишқу одамият ва пайванди замонҳоро ба шеър оварда ва достонҳояш, хоса «Санги ман - алмос», ки тафаккури инсони созанда ва ҷӯяндаро дар рангубори бадеӣ ифода менамояд, пора-пора рӯзгор ва қисмати инсону халқро таҷассум менамоянд.

Ҳини базми шеъри Аскар Ҳаким, ки дар толори Хонаи адибони ба номи устод Мирзо Турсунзода 8 октябри соли равон баргузор шуд ва он ҳамқаламону ихлосмандони каломи ин шоири машҳурро бори дигар гирд овард, парвозҳои баланди эҷодиаш боиси фараҳмандии ҳозирин гардид.

Соате хаёлҳо дар фазои шеъри вусъатнок ва фарогири вақту замонҳо бол бикшоданд, дигарбора эҳсос намудем, ки сухан идома дорад, идомае рӯшан ва саҳеҳ…

*Шаҳрияи Адҳамзод,*
*шоир*

# ДАР ШАҲРИ МУҲАББАТ АБАДӢ ЗИНДА ШАВЕМ!

**(Сухане чанд ҳошияи достони тозаи Аскар Ҳаким)**

Чун достони устод Аскар Ҳаким «Санги ман – алмос»-ро мутолиа намудам, эҳсоси хушҳолӣ доштам, ки садои нағмарези шеър гӯшҳоямро навозиш медод ва рӯҳи шеърпарастамро қуввату илҳом. Бемуҳобот ба гӯшам садои мусиқии дилрабои ишқофаринро меовард ва ман ба асолати шеър ва муъҷизаи ӯ бештар бовар мекардам:

*Ман киям? Одаме ангори дарахт,*
*Решаам рафта дар оби дили деҳ.*
*Шохаам сабз шуда дар тани шаҳр,*
*Ки бад ин ҳол на шаҳрӣ, на деҳотӣ бошам,*
*Кандам аз хеш, чӣ сон бо дигаре пайвандам?*

Ин ҷо шоир худро ба дарахте мушобеҳ мекунад, ки решааш дар деҳа дар хоки бобоӣ мондаву шохаҳояш дар шаҳр сабз шуда ва ҳамзамон эҳсоси нигаронӣ дорад, ки миёни обу оташ монда ва имрӯз на ба шаҳрӣ буданаш бовар дораду на ба рустоӣ. Вале ҳар бор бо парастуе, ки пайғоми баҳор меорад, шоир боз ба рустои кӯдакияш бармегардад:

*Ташнаи меҳри канори модар*
*Ҳамчу бо хоҳаракам ҳарф занам бо чашма,*
*Ба сафедори сарафрохта гӯям, ки: Салом, эй додар!*
*Гарм оғӯш кашам момаи пири тутам,*
*Сар ба санги сари сахти бачагиям ниҳаму хоб равам.*

Хонанда аз ин пораи шеър дармеёбад, ки шоир дар айёми хуҷастаи кӯдакӣ ба ғуссаву ғамҳо бархӯрд карда, ки то ҳол аз ёдҳо нарафта вагарна намегуфт: «Сар ба санги сари

сахти бачагиям ниҳаму хоб равам...». Вале сарфи назар аз кулли ин дардҳои кӯдакӣ ӯ боз дилбаставу лабрези даврони зебои бачагист, дунболи шабпарае медавад, кулоҳашро дар хӯшаи Парвин меовезад:

*Ман, ки андохтам аз шавқ кулоҳам шоме,*
*Рафту дар хӯшаи Парвин овехт!*

Устод Аскар Ҳаким хонандаро лаҳзае ба қаламраве, ки «Осмонаш пури шабпар мешуд» ва тифлакон «тоқии худ»-ро ба само ҳаво медоданд, мебарад ва аз он даврони бебозгашт дар зеҳнҳо «Мани дусола паси панҷара ҳайрон будам, // Модарамро, ки сари дӯш сабук мебурданд» мемонад.

Чун айёми кӯдакӣ ба ҳамешагӣ меравад, зиндагии пур аз шӯру шар, дарду ҳасрат, комёбиву нокомӣ, барору нобарорӣ оғоз мегардад. Ва боз чун мутаваҷҷеҳи достон шудам, бештар эҳсоси зебопарастӣ маро шодоб кард ва мутмаин шудам, ки Сӯҳроби Сипеҳрӣ беҳуда нагуфта: «Шоирон ворири обу хиради рӯшаниянд!»

Аскар Ҳаким низ дар мадори шеър ошиқона ба сар мебарад, дунёро бо чашми дигар ва дарку маънои васеътар эҳсос карда, ба умқ фурӯтар меравад, ба гулу занбӯри асал ишқу муҳаббат ва шахсияти инсонӣ мебахшад:

*Дӯст дорам фаварони гули шафтолуро,*
*Ишқи занбӯри асалро ба арӯси гули себ,*
*Ки ба як бӯсаи ширин кунадаш обистан,*
*Ва ман обистани гулро ба қалам об диҳам.*
*То ки дар дафтари ман шохаи себ орад бор!*

Гуфтаанд: Шоир анҷоми корҳои бузург ва кӯчакро дар олам боис шуда, зеро рисолаташ барангехтани тахайюл аст, то бад-ин гуна чизҳои бузургро кӯчак ва кӯчакро бузург ҷилва диҳад. Ва воқеан дар ҳама давру замонҳо ашъори шоирон ба масоили иҷтимоъ бархӯрд мекард ва шоирон ҳамеша мекӯшиданд, ки ҷонҳоро ба нури маърифат рӯшанӣ

бубахшанд, зеро шеър василаест барои сохтани инсони комил ва барои он ки инсонҳо фикр карданро ёд бигиранд.

Дар ин қитъааш шоир эҳсоси нигаронӣ мекунад:

*Чашми бад дур,*
*Агар арбоби сиёсат як субҳ*
*Дар паи рафъи хумори ababӣ лаб на ба ҷом,*
*Лаб ба сарчашмаи дониш ниҳаду ҳушёрӣ…*

Ҷои дигар мегӯяд:

*Дили ман мехоҳад,*
*Бонги мурғони чаман шӯъла кашад дар гулшан,*
*Сахт ношодам агар шохаи гул*
*Хушк аз ғунчаи овоз шавад.*

Маънои бадеъе, ки дар пораи зайл омада, аз андешаву эҳсоси дақиқу хонданӣ фароҳам шуда ва шоир дар ҳамин арса ҳунари шоирӣ ва хаёлпардозии худро хело зебо қаламдод мекунад. Ӯ дар ин қитъа тавонистааст ба шохаи гулу ғунча забони гӯё эҳдо кунад.

Аслан достони «Санги ман – алмос» лабрези таманниёту ниёшҳои ширину шевои башарист. Ва манзури шоир танҳо ба мақсади нек расидан ва зиндагии осудаҳолонаи мардумист. Ӯ орзу дорад ба ҷое биравад, ки эҳтироми ҳамдигар бошад, инсонҳо ҳамдигарро дӯст доранд, шаҳре бошад, ки пур аз меҳрубониву вафодорӣ…

*Хоса, шаҳре, ки ба вақти дидор,*
*Рӯи ду дасти дароз*
*Гул кунад шохаи гулҳои гулобии «Салом»,*
*Ва касеро набувад санг дар зери бағал.*

Воқеан, устод Аскар Ҳаким дар достонаш, ба пиндори ман, ончунон бо шеър омехта шуда, ки кулли уқдаҳои дарунияшро берун кашида, эҳсоси рӯҳпайвандӣ ва

зебопарастиро дар дили хонанда бедор намуда ва муҳити зиндагонии имрӯзаашро бо дарду шодиҳояш бо масоили иҷтимоӣ пайванд зада:

*Лек гоҳе аҷаб аст,*
*Як кунад дил ба дами тафсонаш*
*Ё зи бедодии дардаш сӯзад,*
*То яке зумраи бекора саворанд дӯши инсоф*
*Ҳамчу бар пушти харе,*
*Харсаворон ҳама якбора шуда «Ҷип» савор.*
*Пои инсоф, ки ланг аст имрӯз,*
*Ланги инсоф нишинад бар «Ҷип»…*

Билохира, шоир хуб дарёфта, ки гавҳари аслии шеър ишқ аст, ишқе ки инсонро то ҳаққонияти зиндагӣ мебарад, ишқе ки инсонро комил карда, ӯро то ба осмонҳо мерасонад ва ба фариштагон наздик мекунад. Ба ин پораи шеър мутаваҷҷеҳ мешавам:

*Дили ман мехоҳад,*
*Чор ҳангоми табиат, ки замони ишқ аст,*
*Ҳама ошиқ бошем,*
*Ҳама дар кӯи муҳаббат мирем.*
*Ҳама дар шаҳри муҳаббат абадӣ зинда шавем!*

Чӣ таманнои хуҷистае!

***Соли 2001.***

*Муҳриддин Сабурӣ,*
*шоир, муҳаққиқ*

# ДАР ҚАЛАМРАВИ ШЕЪРИ НАВ

«Оё нависанда (шоир) садои асри худ мебошад ё оҷизона ба гузашта нигоҳ мекунад?» Ин суолест, ки мунаққид ва адабиётшиноси тавоно Зоя Усмонова пешорӯйи мо гузошта буд. Посух ба ин суол, албатта, барои дастандаркорони каломи бадеъ дар боздиди таҳаввулу таҷаммули шеъри ҳар давра сангинтар меуфтад. Ба ин маънӣ, ки дар хати пажӯҳиши як мунаққид, муҳаққиқ ва адабиётшинос чӣ осоре ҷо уфтодаву чӣ шоире қарор дорад. Агар шоире тавонову қудратманд аст, метавонад набзи куҳантарин мазомини вожаҳоро аз шеъри мутақаддимин ба даст бигирад ва онҳоро аз пӯсти худ берун бикашад ва бо ташбеҳоти тоза ба кор барад.

Мо ба ин боварем, ки шоири тавонои имрӯз соянишини devори баланди касе нест. Ҳамеша талош мекунад дар ҳар марҳилаи гузариши шеър садои асри худ бошад, на муқаллиде, ки оҷизона  ба гузашта нигарад. Ба ин маънӣ Аскар Ҳакимро дар манзумаи «Санги ман – алмос» дарёфтам, ки бешак бо нафаси тоза садо дармедиҳад.

То замоне ки Аскар Ҳаким дар эҷоди ин манзума дастёб гашт, марҳилаҳоеро пушти сар гузошта буд. Ӯ дар миёни шоирони тоҷик аз зумраи касонест, ки аз роҳи нақду баррасии ашъори ҳамзамонон ба гуфтани шеър пардохт. Ҳарчанд баъзе аз донишмандон ба ин назаранд, ки шеъри Аскар Ҳаким ҳамрангие ба шеъри Эрону Афғонистон дорад, аммо ӯ дар оғоз размандаи  ҳамон сангаре буд, ки шоирони дигари тоҷик буданд ва дар марҳилаҳои баъд тавонист бо диди тоза ба шеър назар афканад ва падидаҳои ҳунарии тозатареро аз қабили забону баён ва шеваи сурудан ба шеър биёрад. Албатта, ӯ, ки худ як пажӯҳишгар ва мунтақиди шеър буд, аз чигунагии шеъри дирӯзу имрӯз ба таври комил

огоҳӣ дошт ва барои гуфтани шеъри нав ҷиддитар талош намуд.

Мо агар ба шеъри солҳои 60-70 ва сонитар ба шеъри солҳои 80 назар афканем, дар ин раванд як забон ва услуби мушаххасеро мушоҳида менамоем, ки аз ашъори Мирзо Турсунзода шурӯъ гардида, дар наслҳои пасин густариши бештар меёбад. Ин ҳамон шеваи нигориши хуросонист, ки акнун бо забони зиндаи имрӯз омехта мешавад ва дар идома дар як самт, дар як хати амудӣ дар адабиёти муосири тоҷик ҳаракат мекунад. Бузургтарин хидмати Мирзо Турсунзода дар ин раванд пайванд додани шеъри муосир бо шеъри суннатӣ буд, ки пеш аз ҳама бо роҳи сабк (манзур сабки хуросонист) сурат гирифт.

Албатта, масъалаи ворид шудани каламоти соҳавӣ дар шеър, тасвири шоирона, диди тоза ба мавзӯъ, ки аз ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеър шинохта мешаванд, манзур нест, балки забон ва шеваи нигориши шеър аст, ки якнавохтии он эҳсос мегардад. Дар ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ ҳар шоире мақому манзалати худро дорад, ки баҳси алоҳида аст.

Шеъри зерини Аскар Ҳаким ҳам аз ҳамин даст аст. Аз лиҳози забон ва шеваи баён идомаи ҳамон ашъорест, ки дар солҳои 60-70 суруда мешуд ва то кунун дар ашъори бештари шоирон идома дорад:

*Асри бист,*
*Эй асри пуртӯфони ман,*
*Бигзарӣ тунд аз фарози Муштарӣ.*
*Ваҳ, мабодо дар шитоби хештан*
*Аз сари дунёю одам бигзарӣ!..*

Аммо ин шеваи нигориш дар «Санги ман алмос»-и шоир тағйир мехӯрад ва услуби нигориши мутафовитеро ба бор меорад. Дар шеъри мо тағйири услуби нигориш таҳқиқи бештареро тақозо мекунад ва дар ин рада ҳастанд шоироне, ки забони шеърро ба таври густурда аз шеъри пешин мутафовит кардаанд. Мо хуб медонем, ки дар авохири

солҳои 80-уми қарни бист ва баъд аз он дар шеъри тоҷик насими тозае аз шеъри форсӣ вазидааст, ки бешак ба ҳамон услуби нигориш ва забони он бастагӣ дорад. Масалан, забони шеъри Искандари Хатлонӣ ва Муҳаммадалии Аҷамӣ ва боз чанде дигар дар миёни ин насли шоирон фарқкунанда ба назар мерасад. Шеваи нигориш дар шеъри мо қабл аз ин бо дастбакор шудани Гулназар шурӯъ гардид ва дар ин роҳ шоирони зиёде тавфиқ ёфтанд, ки дар навъи шеъри сафед Доро Наҷот аз пешдастон аст. Аскар Ҳаким ҳам пеш аз он ки манзумаи «Санги ман-алмос»-ро гуфт, кӯшишу талошҳое дар нав кардани услуби нигориш ва забони шеър дошт, ки мо инро дар маҷмӯаҳои пешини ӯ мушоҳида мекунем.

Намуна:

*Ту маро ҳеҷ мапурс,*
*Чу бубинӣ ба таҳи шохаи анбуҳи дарахт,*
*Дур аз чашми чароғ,*
*Як нафар лаб ба лаб асту дигар ангушт ба лаб,*
*Як нафар дар бари ёру дигаре бо ғами ёр*
*Хилвате ёфта дар хилвати шаб.*
*Ту маро ҳеҷ мапурс.* ***(«Тарозуи офтоб», 1983)***

Бубинед, ин ҷо забони маъмулии шеър тағйир меёбад. Дар забони пешини шеър, калимаи «истода» дар идомаи мисраи «дур аз чашми чароғ» ҳамчун таъйидкунандаи феъл ба кор мерафт, вале ин ҷо сарфи назар мешавад ва «Дур аз чашми чароғ» бидуни хабар забони шеърро нав мекунад. Ва ҳамин мушаххасоти забонӣ дар манзараи умумии шеър ҳам эҳсос мешавад.

Дар пораи зерин аз шеъри дигари шоир мо тарзи то ҳадде дигаргунаи тасвирофаринииро мушоҳида менамоем, ки ба шеъри солҳои қаблӣ чандон монандӣ надорад:

*Ту маро мешунавӣ?*
*Саҳар ойӣ сари сарчашма ба об,*
*Нигарӣ ҳалқавари мавҷи маҳин,*

*Шунавӣ гӯшакии обу алаф,*
*Даме эҳсос кунӣ набзи замин,*
*Дар миёни ҳама ин муъҷизаи арзу само*
*Ту маро мешунавӣ?*

**(«Рӯзи умед», 1987)**

Хусусан таъбирҳои шоиронаи «гӯшакии обу алаф», «ҳалқавари мавҷи маҳин» махсуси шеъри имрӯзанд ва дар тарзи ифода таровати бештари забонӣ доранд.

Дар маҷмӯаи «Шаҳри меҳолуд», ки фарогири ашъори дар солҳои 1990-1993 эҷоднамудаи шоир аст, мо имконияти бештареро дар нав шудани шеъри Аскар Ҳаким мебинем, ки ағлаб тозагие дар забону баён ва корбасти ифодаҳои мутафовит аз шеъри пешинро доранд. Ҳамон гуна, ки «мурғакон ба рӯйи шохаҳо» дар шеъри «Баргпайванд»-и ин маҷмӯа «зангӯлаи субҳ» мешаванд:

*Ба рӯйи шохаҳоят мурғакон зангӯлаи субҳанд.*

Иборам «мурғакон зангӯлаи субҳанд», ки бозёфти тозаву шоирона аст, дар коргоҳи эҷодии шоир нигориши тозатареро касб мекунад ва аз воқеияти тасвир ба сурати ҳисомезии нарму мулоим ба сафҳаи хаёлоти рангин кӯч мебандад.

Аз ин маҷмӯа мехоҳем пораеро ба ихтиёратон гузорем, ки мутафовит аз шеъри пешин аст ва шумо бештар ба забону баёни он зеҳн монед ва баъд аз ин маҷмӯа ҳар маҷмӯаи дигари шоирро, ки мехонед, эҳсос хоҳед кард, ки дар шеърҳои баъдии ӯ як шеваи мушаххасе падид меояд ва услуби шоир дар сурудани шеъри нав аз шеъри дигарон фосила мегирад ва мо ин шеваи сароишро ба унвони услуби хосаи Аскар Ҳаким унвон мекунем, ки реша дар мушаххасоти баён ва тасовири дарунгароёнаи ашё дорад ва тобишҳое аз ҳикмату фалсафаро дар худ гунҷондааст:

*Бод мешӯрад,*
*Барф мепечад,*

*Дар замин мехобад анвои дарахти ҷангалу беша,*
*Ё нагун мегардад аз реша.*
*Дар забони буттаҳо лоҳавли ҷон аст,*
*Сахт бӯрон аст.*

Аз ин шеър қасд он нест, ки таркибу ибороти шоирона биҷӯем, бал ҳамон манзараи иҷтимоист, ки ба сурати шоирона тасвир мешавад ва ҳар ашёи он бозгӯи фалсафаи зиндагии инсонҳост, ки ба сурати рамз инъикос меёбад. Муҳимтар аз ҳама услуби баёни он аст, ки дар қатори чанд намунаи болозикр, заминаи мушаххасеро барои сурудани манзумаи «Санги ман-алмос» фароҳам меорад. Ҳамин шева ва тарзи баёнро бо зеботарин ибороти шоирона ва нигоҳи мутафовит ба мавзӯъ ва манзаранигорӣ дар шеъри «Пиндор», «Ду шодӣ», «Пурсиш», «Достак», «Ин кадомин боғ меояд?» ва ғайраи шоир ба таври густурдатар мушоҳида менамоем, ки дар миёни солҳои гуногун суруда шудаанд ва дар миёни аҳли завқ ҳаводорони зиёд доранд.

Шеъри «Ду шодӣ»-ро мехонем:

*Ду нафар*
*Раҳ ба як чашмаи равшан овард,*
*Як нафар*
*Акси худ дид дар он, бол заду шодӣ кард.*
*В-он дигар*
*Туф бар он чашмаи равшан андохт,*
*Низ болидаву шод,*
*Ки туфаш рост ба чашми тари он чашма фитод.*

Муҳимтарин вижагии ин шеър аз лиҳози дарунӣ таҷассуми ботини инсонҳост, ки ба зиндагӣ чӣ гуна муносибат мекунанд. Ин чашма ҳамон намоди ҳаёт аст, ки яке дар он худро мебинаду мешиносад ва дигаре аз он бебаҳра меравад. Ӯ касест, ки ба ҳастӣ эҳтиром намегузорад, яъне дили дарёӣ надорад. Хулосаи амиқи ин масъала дар

манзумаи «Санги ман-алмос» барои хонанда возеҳтар шарҳ меёбад:

*…Ва касеро, ки дили дарёист,*
*Туф ба дарё накунад.*
*Об дар мазҳаби мо*
*Равшанӣ буду сафо…*

Аммо манзури мо тарзи ифода ва забону баёни он аст, ки ба сурати кулл як манзаранигорие бо истифода аз унсурҳои наср дар шеърро дорост. Ба эътирофи пажӯҳишгарони соҳибназар, судҷӯйӣ аз имконоти наср дар тафовут бо шеъри классикӣ, албатта, агар бо риояи эъдидол сурат гирад, яке аз махсусиятҳои шеъри нав маҳсуб мешавад. Поягузори шеъри нави форсӣ Нимо Юшиҷ дар мақолае овардааст, ки яке аз ҳадафҳои ман дар навсозии шеър ворид намудани "табиияти наср" ба шеър аст. Ин равиш дар шеърҳои худи Нимо, Аҳмади Шомлу, Суҳроби Сипеҳрӣ, Фурӯғи Фаррухзод, Маҳдӣ Ахавони Солис, Қайсари Аминпур, Муҳаммадалии Баҳманӣ ва дигарон равшан дида мешавад. Ин хусусиятро дар «Санги ман-алмос»-и Аскар Ҳаким равшантар мушоҳида мекунем.

Манзумаи «Санги ман-алмос» ғайри он ки дар шеваи нигориш ва забону баён тозагиҳои чашмрас дорад, аз лиҳози мавзӯъ ва фарогирии ҷузъиёти муҳими зиндагии воқеии инсон омехта бо табиат, дорои бадеияти баланди ҳунарист. Ҳарчанд шоир дар сурудани ин манзума вазни дар манзумаи «Садои пои об»-и Суҳроби Сипеҳрӣ ба кор рафтаро интихоб мекунад, вале дарунмоя ва табиати он инъикоскунандаи мафҳуму мазмун ва манзараҳоест, ки бешак тоҷикияти онро ҳифз мекунад ва андешаи онҳоеро, ки манзумаи «Санги ман-алмос»-ро мушобеҳи «Садои пои об» медонанд, ботил мекунад. Албатта, дар ин вазн манзумаҳои зиёде манзур шудаанд, ки мо наметавонем онро махсуси эҷодиёти як нафар донем. Чун маҳбубияти Суҳроб дар манзумаи «Садои пои об» бештар аст, ағлаб ҳар манзумаи

иншошуда дар вазни онро мушобеҳ ба он медонанд, ки ин андеша ғалат аст:

*Кӯдаконе будем,*
*К-аз ҳавои дили худ*
*тоқии худро ба ҳаво дода ҳаво,*
*Медавидем, ки дар тоқиамон шабпаре дармонад.*
*Ман, ки андохтам аз шавқ кулоҳам боре,*
*Рафту дар хӯшаи Парвин овехт.*
*З-он шабам худ ба замину кулаҳ аз моҳ бувад болотар…*

Дар ин навишта ба сурати шоирона як кӯдаки шавқманди тоҷик тасвир мешавад, ки тоқиии худро ба осмон мепартояд ва умеди онро дорад, ки шабпарае дар тоқиааш дармемонад ва ӯ бешак аз ин кор шавқ мебарад.

Аскар Ҳаким дар ин манзума аз хаёлпардозӣ ва ҳисомезиҳои беҳудуд худдорӣ мекунад ва кӯшиш мекунад муҳимтарин ҷузъиёти зиндагиро бо оройву перояҳои шоирона тобиши фалсафӣ диҳад ва аз ҳар манзараи инъикосёфта ҳикматеро берун бикашад:

*Духтарам, к-аввали бурҷи моҳӣ ба ҷаҳон омадааст,*
*Рӯзе омад тозон,*
*(Он замон кӯдак буд)*
*Гуфт: Бобо, амакеро дидам дар кӯча,*
*Ба сараш лонаи кафтар мерафт*
*Ва ба оҳубара мегуфт сухан чун бо мо…*

Аз хондани ин пора равшан мегардад, ки ин марди бар сар лонаи паранда доштаву ҳамсуҳбати оҳу кист. Ҳар кас аз ҳадиси ишқи Маҷнун огоҳ аст, медонад, ки манзур чист. Аммо манзур фақат хотиррасон кардани қиссаи Маҷнун нест, балки шоир чизи дигаре мехоҳад бигӯяд. Ӯ мехоҳад барои хонанда ба сурати шоирона собит созад, ки инсону табиат бо ҳам пайванди мустақим доранд ва ин пайванд бо ҳузури як дарахти себ дар шеър таҷаллӣ мекунад, ки аз

шунидани ҳарфҳои минуии кӯдак шох меафшонад, меларзаду мешукуфад:

*Ногаҳон себи ҷавоне, ки ба зераш будам,*
*З-ин суханҳои шигифти кӯдак*
*Шох афшондаву ларзиду шукуфт…*

Боиси ин ҳама ларзиданҳову шукуфтанҳо фақат номи Маҷнуну қиссаи ошиқии ӯ нест, балки шоир мехоҳад аз бисоти ин мавҷудот пайванди ягонаеро миёни инсону табиату Худо бозгушоӣ кунад, ки ҳамон ишқи маҷозист. Ҳамон ишқе, ки дар рагҳои инсону табиат ҷараён дорад. Таъкиди ягонаи шоир маҳз бозгӯи он ишқ аст, ки дар зеҳни хонанда бо шевотарин мазомин ва тасвирҳои ноби шоирона фалсафаи пайванди инсонро бо олами мавҷудоту Худо бозгӯ мекунад:

*Зиҳӣ, он ишқи Худованди ҷаҳонҳои ҷаҳонсоз, зиҳӣ,*
*Ки саросар ба ҳама соҳати даҳр,*
*Ба ҳар оҳанги сабо,*
*Ларзаи барги дарахт,*
*Сари ҳар мавҷи равон,*
*Балки дар ҳар нафаси туғи биёбони ҳаҷир*
*Накҳати ишқи маҷозиву намозӣ ҷорист*
*Ва ба ҳар нахли шукуфта чамани орзуи Лайлоест*
*Ва ба ҳар пайки навозишгари бод*
*Мавҷи дарёе,*
*таби саҳрои дили Маҷнунест.*

Аз ин дидгоҳ манзумаи «Санги ман-алмос» саршор аз мазомини фалсафиву иҷтимоиву ҳикмат аст, ки дар ҳаҷми як мақола намешавад онро ба таври густурда баррасӣ кард. Донишмандони зиёде аз Тоҷикистону Русияву Эрону Афғонистон дар мавриди ин манзума андешаҳои худро баён доштаанд, аммо ҳанӯз барои назари тоза ироа кардан дар хусуси ҳунари нигорандагӣ ва дарунмояи он ҷой боқист, ки

мо онро ба вақти дигар мегузорем. Чун манзури мо шинохти сабку услуби нигориши Аскар Ҳаким дар иншои шеър буд, ба қадри тавон бо чанд мисоли кӯтоҳ онро барои хонандаи шеър бознигарӣ кардем. Ва умедворем, ки ин навишта нақши Аскар Ҳакимро дар таҳаввули минбаъдаи шеъри тоҷик дар қатори дигар шоиронамон барои аҳли назар равшантар мегардонад. Бо итминон гуфта метавонам, ки ин шеваи нигориш ва равиши услубиву забониро, ки бешак дар таҳаввули минбаъдаи шеъри мо нақш мегузорад, дар анвои мухталифи шеъри Аскар Ҳаким, бавижа дар ғазал мешавад ташхис дод.

*Ҳафиз Раҳмон,*
*адабиётшинос*

# ШЕЪРЕ ҲАМСОНИ НИЁИШ

Устод Аскар Ҳаким шоири номвар ва шеъраш дар ҳар маҳфиле бологузар аст. Шояд сабаби барори шеъри ӯ он бошад, ки шоири олим аст ва олими шоир. Саводи адабӣ ва ё донишмандии суханро бузургони пешин дар соҳаи шоирӣ чизи лозим ва ҳатмӣ эътироф кардаанд. Масалан, Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар ин маврид мегӯяд: «Маънии шоир олим бувад, яъне доно, ки маъонии дақиқиро идрок кунад ва маънии дақиқ он ки фикрати ӯ дар зери пардаи замири хаёл бозиҳои латиф намояд...»[32]

Ҳампешаи бузурги ӯ Расул Ҳамзатов навию тозагии шеъри Аскар Ҳакимро чунин шарҳ додааст: «Аскар Ҳаким шеърро ҳамсони ниёиш меофарад. Азбаски ҳар гуна ниёиш кори муқаддасест, ки рӯҳро мусаффову баландпарвоз мекунад, шеър ҳам ба ақидаи ӯ, ба тозагӣ ва фарозрафтанҳои рӯҳ бояд мададгор бошад. Бисёре аз навиштаҳои Аскар Ҳаким маҳз барои амалӣ гаштани ҳамин гуна талаботи олӣ хидмат мекунанд…» [33]

Дар тасвири шоир ҳар чизе аз олами муқаррарии ашё гӯиё зинда тасаввур мешаванд: кӯҳ, об, мавҷ, гул, бод, шабнам, ҳама чиз… Ӯ тавре мебинад, ки дигарон гӯё дар тамошояшон душворӣ мекашанд. Ҳикмати Антон Чехов ҳамин маъниро ёдрас мекунад: «Адиби ҳақиқӣ пайғамбарони қадимро мемонад: вай аз одамони муқаррарӣ жарфтар мебинаду дарк мекунад» [34]

---

[32] Шарифов Х. Шоир ва шеър /Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Адиб, 1998. – 218 с. – С. 104.

[33] Аскар Ҳаким. Санги ман – алмос. / Маҷмӯаи ашъор. – Душанбе: Адиб, 2006. – 332 с. – С. 105.

[34] В мире мудрых мыслей. / Сост.: С.Х. Карин. – М.: Знание, 1962. – 363 с. – С. 67.

Муҳаққиқи эронӣ Қазва бурди эҷодии Аскар Ҳакимро дар ғазал дидааст, ба эътибори он ки аз истеҳкоми лафзию маъноии хубе бархӯрдоранд. Аммо ба андешаи мо, Аскар Ҳаким дар шеъри нимоӣ ё шеъри нав муваффақтар аст, чунки майдоне фарохтар ва чаҳорчӯбае мувофиқтар барои ифодаи мазмунҳои фарогир дармеёбад. Дар ин навъи шеър гоҳо муфассалтар аз дигар ҳампешагон маънипардозӣ мекунад ва гоҳо чунон мухтасар, ки онро метавон хеле густарда баён кард, масалан, дар шеъри «Арӯсии хуршед», ки диалектикаи умри одамӣ ва зиндагиро дар мисоли як лаҳзае аз манзараи ғуруби хуршед ба тасвири хеле муассир кашидааст:

*Бегаҳ.*
*Шукуфта сад чамани лола дар уфуқ.*
*Хуршедро ба дил набувад хоҳиши сафар.*
*Гар шоҳи осмон наравад дар канори шом,*
*Оё шавад арӯси шаб обистани саҳар?* [35]

Шоир аз як лаҳзаи муқаррарии ҳаёти биологӣ – рафтани хуршед ва фаро расидани шаб қонуни фалсафии сабабу натиҷаро ба мазраи тафаккур меорад: дар олами ашё ҳар натиҷаро ибтидо сабабест. Аммо дар зеҳни шоир ин як қоидаи одии ҳастӣ тавассути нақши парвардаи хаёл манзараи зебоеро ба намоиш мегузорад: аз издивоҷи хуршеду арӯси шаб рӯзи нав тавлид мегардад. Ин ҷо яксон тасаввур кардани инсон ва табиат, ҷузъи таркибии табиат будани одамӣ эҳсос мешавад.

Шеъри «Ҳамоғӯш» низ аз зумраи силсилаашъори хурди шоир аст ва ҳикматаш ҳамин аст, ки дар олами ашё неку бад ва ҳусну қубҳ ҳамрадифанд ва бе дарки яке наметавон ба қадри дигаре расид. Кулли олам аз тақобулҳое, аз қабили неку бад, донишу ҷаҳолат, таассубу фарзонагӣ ва ғайраву ҳоказо иборат аст. Фаразан, бадӣ агар набошад, чӣ гуна

[35] Аскар Ҳаким. Санги ман – алмос. / Маҷмӯаи ашъор. – Душанбе: Адиб, 2006. – 332 с. – С. 136.

метавон ба қадри некӣ расид? Ҳамин талхии фироқ аст, ки лаззати висол арзише пайдо мекунад:

*Гул ҳамогӯш ба хоре рустаст,*
*Аҳд гӯё, ки ба ёре бастаст.*
*Гарчи хораш тани гул озорад,*
*Ҳар нафас ранҷи наваш бозорад.*
*Лек бар решаи он теша занӣ,*
*Ҳосил он аст, ки гулро биканӣ...* [36]

Ногузир будани рақобати гулу хор, мисли ҳабибу рақиб ва ё висолу фироқ ва ҳусну зишт ва шебу фарози зиндагонии одамӣ як маънии маъмулест, ки дар шеъри классикии мо собиқаи вофире дорад, масалан, дар ин байт:

*Ҳар ҷо, ки ҳабибест, ба паҳлуш рақибест,*
*Дар тарфи чаман як гули бехор набошад...*

Идеали эстетикии шоир одамият аст ва ҷусторҳо дар роҳи дарёфти он шоирро ба пурсишу посуххои беохир мебарад. Шеъри «Пурсиш» аз ҳамин навъ шеъри масалмонанди хурдҳаҷм аст, ҳамагӣ ҳашт мисраъ:

*Пурсише ҳаст маро,*
*ки чаро:*
*Гов агар хуб бувад ё набувад,*
*Гов хонанд варо.*
*Ва ҳамин сон ба масал,*
*Гӯсфанду бузу хар,*
*Гӯсфанду бузу хар бошаду*
*на чизи дигар.*
*Ва чаро Одам ҳайвон бувад,*
*ар зишт аст,*
*Ва агар нек, фаришта-ст?!* [37]

---

[36] Аскар Ҳаким. Ҳамон маҷмӯа, с.105.
[37] Аскар Ҳаким. Маҷмӯаи зикршуда, с. 91.

Одами баду зиштро ба ҳайвон нисбат медиҳанд в-агар нек бошад, мегӯянд фаришта аст. Ин тасаввур ҷанбаи асотирию фолклории маънавӣ дорад, бад-он маънӣ, ки агар инсон раҳи саодатро интихоб кунад, мисли фаришта накусиришт мешавад, агар хислатҳои фаҳшу аъмоли зишт дар вуҷуди ӯ пирӯзӣ ёбанд, аз ҳаявон камӣ нахоҳад дошт. Чун инсон тибқи ривоёти маълум, нимаҳайвону нимафаришта аст. Ин ба ихтиёри одам аст, ки кадом нимаеро фузунӣ мебахшад, кадом паллаи тарозу - бадӣ ва ё некиро пурбортар мегардонад. Аммо ҳадафи шоир, бегумон шарҳи ин маънои маъмул нест, балки тасдиқи он ҳақиқат аст, ки одам бояд одамият дошта бошад, зеро миёнаҷойи тиллоие миёни ҳаявону фариштагон барои инсон муқаррар аст - инсонвор зистан ва одамият доштан.

Умуман дар шеъри хурд Аскар Ҳаким дасти қавитаре дорад ва имкону тавони маъниофариниаш бештар зуҳур мекунад. Ӯ дар пораҳои хурди шеър имкони ҷо кардани лиризми боҳароратеро дорад, масалан, дар ин панҷ мисраъ:

*Гарчи дар кишвари мо*
*Ҳамчу дар Қутби шимол,*
*Нест шабҳои сафед.*
*Шаби ман бо ту сафед,*
*Рӯзи ман бе ту сиёҳ.*

Дар жанри суннатии рубоӣ низ Аскар Ҳаким тозагӯиҳо дорад, масалан, дар рубоии зер ҳасрати одамӣ аз сер нашудан аз наамоти дунёи фонӣ хеле содаву самимӣ ифода шудааст:

*Қадде, ки камон гашт, зи нав тир нашуд,*
*Шуд навъи башар пир, ҳавас пир нашуд.*
*З-он ризқи худодода, ки хӯрдем ба даҳр,*

*Дандон ҳама рехт, чашмамон сер нашуд...*[38]

Аксар рубоиҳое, ки дар маҷмӯаи "Санги ман – алмос"-и шоир гирд омадаанд, аз розу ниёзи одамӣ ва неку бади зиндагӣ чун хулосаи шоири донишманд садо медиҳанд. Инсони дасту дилаш пок ва озодаву вораста, агарчи шабзиндадор бошад ҳам, хотири осуда дорад, чун пасту баландашро ҳамвор кардааст:

*Дар поси шаб ар нахуфтае бисёр аст,*
*Бедор ҳамонест, ки дилбедор аст.*
*Гар пасту баланди хеш ҳамвор кунӣ*
*Дунё ҳама пас барои ту ҳамвор аст...* [39]

Одати шоирони тавоност, ки дар пасманзари инъикоси хӯю хислат ва рафтору кирдори баъзе аз ҳаявону намунаҳое аз олами наботот тинату ниҳоди одамиро ба ҳадаф мегиранд. Дар тасаввуру пиндорҳои асотирӣ, масалан, саг ҷонвари ниҳоят содиқу вафодор барои соҳибаш арзи ҳол мекунад, ба андозае, ки саги хонаро аз бонуи бевафо бартар медонанд. Дар насри бадеӣ дар ин мавзӯъ намунаҳое дилписанд аз осори Кафка ("Таҳқиқи як саг"), адиби номвари тоҷик Ф. Муҳаммадиев ("Ҷага") ва ғайра дорем. Дар шеъри пешини мо низ ин мавзӯъ фаровон корхӯрда шуда ва аксаран бо ҳушдори сабақ гирифтан аз меҳру вафои саг пешниҳод шудааст.

Аскар Ҳаким низ дар ин мавзӯи гӯиё ба ҳама маъмулу маълум шеъре дорад бо номи "Имони саг", ки унвони шеър дар як вақт ғояи шеърро ба тамому камол ифода мекунад. Дар шеър бархӯрди имони бақуввати саг ва беимониву хиёнати марде, ки бино ба пириву нотавонии саг онро маҳкуми марг мегардонад, тавир шудааст.

---

[38] Аскар Ҳаким. Ҳамон маҷмӯа, с. 223.
[39] Ҳамон ҷо, с. 207.

Агар ҷавҳари шеър андеша бошад, пас ин шеър андешае дорад, ки қобилияти такон додани мағзҳои хуфтаву карахтро дорад: зоҳиран, аз зумраи ҳайвонот, фаразан, гову аспу бузу гӯсфандро, ки нотавону пир ва ё касал шуданд, ба куштан медиҳанд, ки як амри табиист. Аммо нисбат ба саг ин навъ рафтор комилан мухолифи маънавияти одамист. Ба садоқат бо садоқат ва ба вафодорӣ бо вафодорӣ посух медиҳанд, ки айни эътидоли ахлоқ аст.

Дар шеъри мазкур акси ҳамин эътидоли ахлоқӣ мунъакис шудааст: сайёд саги пирашро, ки дигар барои шикор корношоям аст, бо дасти хеш мепаронад ва саг дар ҳоли хунчакон бовар намекунад, ки ин амали ваҳшиёнаи соҳибаш аст ва бо он андеша ҷон месупорад, ки тири соҳибаш шояд хато хӯрд ва аз қазо ба ӯ расид...

Ба қавли Иқбол “шеърро мақсуд агар одамгарӣ” бошад, пас ин яке аз беҳтарин ва муассиртарин шеърҳоест, ки касони ноодамро ба кӯи одамгарӣ ҳидоят мекунад. Шеъре, ки агар қолаби адабиашро сарфи назар мекарда бошем, трожедии якпардагиро мемонад, фоҷеаи фатароти фитрати одамӣ:

*Дошт сайёде саги тозии пир,*
*Нотавону хастаҷону гӯшагир.*
*Як сабад ҷойе гирифта хоб буд,*
*Қудрати сайдаш набуд, нотоб буд.*
*Кард шукри соҳибашро, ҳар чӣ дод,*
*Аз насиби худ ба юндӣ буд шод.*
*Соҳибаш гуфто, ки нодаркор ӯст,*
*Чун надорад хидмате, сарбор ӯст.*
*Кард фарёду бибурдаш сӯйи дашт,*
*Саг аз ин рафтори соҳиб шод гашт.*
*То тавонад охирин хидмат барад,*
*Назди соҳиб нони беминнат хӯрад.*
*Гӯшҳояш сих сӯи бонги тир,*
*Рост шуд омодаи дав - сайдгир,*
*То ки орад зуд сайди соҳибаш,*

*То ки бошад боз соҳиб толибаш.*
*Шуд баланд овози тиру он ҷаҳид,*
*Гуфт: « - Оваҳ, сайди сайёдам раҳид.*
*Тири соҳиб хӯрд дар ман аз хато,*
*Ӯ маро аз пой афканд аз қазо…»*
*Хунчакон омад ба пеши пойи ӯ,*
*То ба пойи ӯ бимолад чашму рӯ.*
*Дар ҳамин имони худ ҷон дод саг,*
*Соҳибаш бар марги ӯ овард шак.*
*Бори дигар тир зад бар синааш,*
*Тир зад бар дӯсти деринааш.*
*Монд дашту монд имону шаке,*
*Монд тиру монд инсону саге...* [40]

Аскар Ҳаким шеъре дорад бо унвони "Арзадошт", ки аз нигоҳи мазмун ва оҳанги баён онро манифест ё барномаи шоирии мавсуф метавон эътироф кард. Шоир дар ҳар маҳфиле намеғунҷад, чун иқрор аст, ки "саҳнаи эҷоди шоир саҳнаи дунёст". Ва поинтар мехонем:

*Эътиқоди ман бувад танҳо ҳунар,*
*К-он диҳад бар осмонҳои баландат болу пар...* [41]

Маҷмӯаҳои шоир ва билхоса ҳафтҷилдаи ӯ бо номи "Маҷмӯаи осор" гувоҳи он аст, ки эътиқоди Аскар Ҳаким ба ҳунари шеър воқеан самимиву воқеист. Ва ҳамин эътиқоди дар амал татбиқшудаву санҷида шеъри ӯро мондагор кардааст, ки ҳеҷ ҷойи шакку шубҳа надорад.

---

[40] Маҷмӯаи зикршуда, с. 68-69.
[41] Ҳамон ҷо, с.14.

***Бухориев Олим,***
***муҳаққиқ***

# ЛАҲЗАЕ БО ШЕЪР БУДАН

Таърихчаи ошноии нигорандаи ин сатрҳо бо шеъри «Висол»-и шоир ва муҳаққиқи шинохта Аскар Ҳаким як рӯйдоди ғайриодие буд, ки дар зеҳни ман таъсири амиқе ба ҷой гузошт. Иттифоқан, шоир рӯзе дар ҳошияи суҳбате шояд барои як назарсанҷии шоирона ҷиҳати дарёфти огоҳии бештар аз завқу салиқаи шеършиносии хонанди имрӯз матни шеъреро барои хондан ва роҷеъ ба мазмуну моҳияти он изҳори назар кардан ба мо пешниҳод кард. Содагӣ ва рӯзмаррагии забони калимаҳо дар зеҳни ба зарқу барқи калом одаткардаи мо таҳарруке ба вуҷуд наовард. Шоири дилогоҳ дар нигоҳи гунгу бешарари мо дурахши эҳсос, андеша ё отифаеро нахонд ва бо лабханди танзгунае лаҳзае сукут кард. Ин сукути пурасрор собиқаи деринаи ҳолати малолатбореро ба ёд меовард, ки Хоҷа Ҳофиз дар замони худ аз камбуди «оина»[42] (6, 415) (надоштани мухотаб, хонандаи огоҳе, ки ба дарку фаҳми шеъри ӯ бирасад) «оҳ» мекашид.

Мутаассифона, ҷараёни шиносоӣ, он гуна ки шоир интизор дошт, сурат нагирифт. Зеро тафоҳуми пурра ва ҳамаҷонибаи ҳунарманд ва ҳунарпазир дар робита ба дарки як падидаи ҳунарӣ (ҳар навъи осори адабӣ) замоне имконпазир мешавад, ки онҳо дар як фазои ошнову мусоиди фарҳангӣ ва сатҳи нисбатан мутаносиби зеҳнӣ қарор дошта бошанд. Амалӣ шудани ин амр муҳол ба назар мерасад, зеро шуури иҷтимоӣ дар раванди тағйиру таҳаввулоти тӯлонӣ дар ҳофизаи хеш маҷмӯи дастуру қонуну қолабу қоидаҳои зиёди илмиву ахлоқиро ҷамъ овардааст, ки ҳар кадоми онҳо: дидгоҳе, дине, мазҳабе, фирқае, вобаста ба хислату

[42] Ниг.: Ҳофиз арӯси табъи маро ҷилва орзуст, / Оинае надорам, аз он оҳ мекашам.

хусусиятҳои ғоявии худ зеҳни одатпарасти инсоро ҷалб мекунанд. Азбаски аксари инсонҳо қобилияту ҷуръати аз қолабу меъёрҳои расмӣ раҳиданро надоранд, ба ҳар гуна навъи одатпазирӣ ва вобасташавиҳои даркору нодаркор зуд моил мешаванд. Аммо ҳангоми фаъолияти эҷодӣ тафаккури ҳунарманд таҳти таъсири тахайюли халлоқ дар сатҳи дигари муносибату робитаҳо қарор мегирад ва дар интихобу риояти меъёрҳои назариву амалӣ ихтиёру озодиҳои бештар дорад. Ба таъбири дигар, тахайюли халлоқ ба ҳунарманд пару парвози дигар мебахшад. Ҳунарманд дар ин ҷаҳони шинохта, зебо ва пур аз ҳарорату ҳаракате, ки моликони зеҳни гунгу карахту одатпазир имкони бо он иртиботи мустақим доштанро аз даст додаанд, зиндагӣ мекунад ва дар заминаи имконоти фикрӣ ва маҳоратҳои касбии хеш тавассути падидаи ҳунарӣ дунёи ҷолибу зеботаре меофарад. Аз нигоҳи муҳаққиқони адабиёт, «Ҳунар он ҷо оғоз мешавад, ки мо аз ҷаҳони ошно ва маъмулӣ, ки бад-он одат кардаем, ҷудо шавем» (1, 38). Азбаски аксари хонандагон ба падидаи ҳунарӣ аз дидгоҳи маҳдуд ва ба меъёрҳои шинохти куҳна менигаранд, ҳар лаҳза ҳузури гарми зебоиҳои зиндагӣ (тулӯъ ва ғуруби хуршед, сарсабзӣ ва атромезии як дарахти пуршукуфа, нафаси гарми боди баҳорӣ ва ғайра)-ро эҳсос намекунанд. Ин маънӣ дар гуфтори В. Б. Шкловский чунин хулоса шудааст: «соҳилнишинон садои дарёро намешунаванд» (1, 38).

Шоирона зистан маънои лабрези отифа, саршори ишқу орзу будан ва ҳамеша муштоқи нав шудану нав диданро дорад. Қобили зикр аст, ки Мавлавии Балхӣ низ зиндагиро ҳамчун маҷрои рӯйдодҳои наву тоза пазируфтааст: «Ҳар замон нав мешавад дунёву мо / Бехабар аз нав шудан андар бақо» (4, 45)

Дар фароянди падидаи ҳунарӣ, яъне дар қаламрави шеър сарнавиштии шоир ва шеър ба ҳам мепайвандад. Шоири шинохта Нодири Нодирпур шеърро маҳсули заҳматҳои фаровони зеҳнӣ («ашку хун»)-и шоир медонад:

*Шумо ҳам, эй ҳаводорони шеъри ман,*
*Агар дар донаҳои нозуки лафзам*
*Ва ё дар хӯшаҳои равшани шеърам*
*Шаробу шаҳд мебинед, ғайри ашку хунам нест (3, 72)*

Инчунин, метавон гуфт, ки шеър танҳо маҳсули фаъолияти пурзаҳмати эҷодии шоир набуда, балки саҳнаи зуҳуроти гуногунҷанбаи ҳаёти ӯ низ ҳаст. Қаламрави шеър барои шоир ватан аст, зеро ӯ дар ин ҷаҳони офаридаи худ бо тамоми ангезаҳои ҳаётӣ (интизорӣ, нигаронӣ, умеду орзӯ, иштиёқи васлат ва дигар эҳсосу отифаҳо)-яш ба зиндагӣ идома мебахшад. Ҷаҳони офаридаи шоир, ки дар таносуб бо воқеиятҳои зиндагӣ эҷод мешавад, аз ҳарорату ҳаракату рӯшноӣ саршор аст. Калима дар ин ҷаҳон танҳо аз будани чизҳо ҳикоят намекунад, балки саҳнаи мавҷудияти падидаҳоро дар тамоми силсиламаротиби ҳастӣ бо шукӯҳу саршорӣ ба намоиш мегузорад. Чунончи дар шеъри «Висол» ҷанбаи намоишгарии калимаи «навбаҳорон» аз хусусияти иттилоърасонии он бештар аён мешавад. Барои намояндагони адабиёти куҳанбунёди тоҷик баҳор дар ҳар замон пурмаънотарин падидаи табиат ба шумор меравад. Чунки ангезаи «баҳорандешӣ», ки яке аз бунмояҳои меҳварии падидаҳои ҳунарии адабу фарҳанги мо ба шумор меравад ва дар тӯли ҳазорсолаҳо рӯйи оинаи осори адабӣ ба суратҳои гуногун таҷаллӣ меёбад, фарорасии баҳорро ба як ҷашни бошукӯҳи миллӣ (Ҷашни Наврӯз) табдил додааст. Бинобар ин, баҳор бо ҷилваҳои пурасрори худ аз оғӯши калимаи «навбаҳорон» сар мекашад. Шахси шоир (шахсияти ғиноӣ) дар ин базми ишқу суруру зебоӣ ошиқона, яъне бо дили муштоқу саршор аз ҳоҳиши дидор ҳузур пайдо мекунад:

*Навбаҳорон буд,*
*Рӯзи борон буд.*
*Ин дили муштоқро то соати дидор*

*Сабр андак буду ранҷи дуриат бисёр.*

Содагӣ ва самимияте, ки дар муколамаи персонажҳо (ошиқу маъшуқ)-и асар дида мешавад, забони шеърро бо забони гуфтугӯии замони шоир наздиктар кардааст. Ҷараёни шаклгирии муколама ва воситаҳое, ки дар пайрезии муносибатҳо мусоидат кардаанд, ба гунае рӯҳияи замон (озодӣ ва ихтиёроти бештар дар интихобу амалисохтани ишқу ормонҳо)-ро таҷассум менамояд.

*Дер шуд...*
*зангат задам,*
*гуфтам, к-интизорат ман,*
*Дар ҳамон ҷо, дар гузаргоҳи бари барзан.*
*Гуфтӣ: "– Охир, кӯча борон аст,*
*сармо мехӯрам, ё на?!*
*Беҳтараш... шояд... биёӣ ту... ба хона...*
*Як пиёла чой... қаҳва... "Шашмақом"...*
*" – Ооо, манат қурбон ...бубахшо ...ин мани хом... "*

Муждаи васлат дар вуҷуди ошиқ туғёни иштиқёро бармеангезад. Ошиқ аз фарти шавқ бар фарози абру борон пар мекушояд. Воқеан ишқ ҳамчун як неруи бунёдӣ, созанда ва фарогири фитрӣ, ки ба таври ошкору ниҳон дар фароянди фаъолиятҳои гуногунҷанбаи инсон таъсиргузор мебошад, ба зиндагии шахси ошиқ ангеза, моҳият ва ғоят мебахшад. Бинобар ин, ошиқ таҳти таъсири ин неруи саркаши табиӣ дар роҳи комёбӣ ва расидан ба васлати дилдор аз монеаҳои заминиву замонӣ ҳаросе надорад. Сабукбории шеваи рафтори ошиқон дар адабиёт собиқа дошта, дар каломи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ чунин баён шудааст:

*Ишқро понсад пар асту ҳар паре*
*Аз фарози арш то таҳтуссарӣ.*
*Зоҳиди ботарс метозад ба по,*
*Ошиқон парронтар аз барқу ҳаво* (4, 501).

Дар адабиёти ҷаҳонӣ шеваҳои гуногуни тасвиру тавсифи суннати ишқварзӣ ба ҳукми анъана даромадаанд. Аммо шеваи таҷрибаҳои ошиқонаи шоирони воқеъгаро дар ин росто аз суннатҳои адибони ормонгаро фарқ мекунад. Аксари шоирони ормонгаро, ба хусус шоирони ориф, барои расидан ба орзуву ормонҳои хеш дар олами тахайюлот танҳо ба хаёлпардозӣ машғул мешаванд. Шоири тавоно В. Маяковский зимни як баҳс бо Б. Пастернак масъалаи тафовути дидгоҳҳоро чунин баён мекунад: «Дар ҳақиқат, мо аз ҳамдигар фарқ дорем. Шумо дурахши баркро дар осмон дӯст медоред, вале ман онро дар дарзмоли баркӣ меписандам» (2, 31). Яъне шоири воқеъгаро бештар ба масъалаҳои рӯзмарраи иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар робита бо завқу салиқа ва кӯшишу талоши пай дар пайи хеш ишқу хостаҳояшро аз матни зиндагӣ интихоб мекунад ва баҳри амалӣ сохтани онҳо мекӯшад. Чунончи дар падидаи ҳунарии мавриди назар заминаҳои заминии таҷрибаҳои ошиқона ва вижагиҳои шеваи баёни шоир ҳамчун зуҳуроти воқеъгарона мушоҳида мешаванд:

*Пар кушудам...*
*зери болам обшорон буд,*
*Омадам саршори борон, дар кушодӣ зуд.*
*Чатрро назди тиреза боз кардам, то бихушкад.*

Ҳарорату шавқу шӯри саҳнаи висол, ки фазои шоду фараҳафзову рангинеро пеши назар ҷилвагар менамояд, дар ин падидаи ҳунарӣ хушбинона тасвир шудааст. Даъват ба хуш зистан ва аз зебоиҳои зиндагӣ лаззат бурдан бунмояи ҷовидонаи адабӣ ба шумор меравад. Устоди шоирон – Абӯабдулло Рӯдакӣ низ ба ин маънӣ ишора кардаанд:

*Шод зӣ бо сияҳчашмон, шод,*
*Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод.*
*З-омада шодмона бояд буд,*

*В-аз гузашта накард бояд ёд* (5, 30).

Бунмояи хушбинӣ таъсирбахшии шеърро меафзояд ва камбуди он зебоӣ ва ҷаззобияти асарро коҳиш медиҳад. Чунончи ин ҳолат дар шеъри Ҳушанги Ибтиҳоҷ (Соя) мушоҳида мешавад.

*Бистарам*
*садафи холии як танҳоист*
*Ва ту чун марворид*
*гардановези касони дигарӣ* (7).

Вале ин тасвири зебову ҷаззоб чун як нақши рангини дар қоби ташбеҳот мунҳасиршуда сарду беҳаракату ҳузнангез ба назар мерасад ва тамошояш яъсу навмедӣ ба бор меоварад.

Бинобар ин, дар падидаи ҳунарӣ саҳнаи зиндагӣ зебову лабрези шодиву нишот ва ба таъбири дигар, саршортар аз он чӣ ҳаст, бояд ҷилвагар шавад. Чунончи дар шеъри мавриди назар тасвири лаҳзаи висол бо ҳама содагии созу барги айшу нишот базми кайҳоние мемонад, ки тамоми хушиву зебоии ҳастиро дар худ ғунҷонидааст:

*Як пиёла чой... қаҳва... “Шашмақом”-у шоколад...*
*...Як замон дидам аён, аз зери рахти хоб,*
*Чатри худ дар тоб,*
*К-аз фарози гумбади нилии он,*
*Рангрезӣ мекунад рангинкамон*!

Ба ақидаи файласуфи олмонӣ Ф. Нитше, ҳадафи ҳунар танҳо аз инъикоси воқеятҳои зиндагӣ иборат нест, балки «зиндагиро шоистаи зист» (1, 18) кардан муҳимтарин вазифаҳои он ба шумор меравад. Зиндагие, ки берун аз мо дар муносибатҳои гуногунҷанбаи иҷтимоӣ ба шаклҳои мутафовит аёният ёфтааст, маҳсули эҳсос, афкору отифаҳои мо ба шумор меравад. Ба таъбири дигар, дар муносибатҳои

иҷтимоӣ моҳият ва муҳтавои инсон (ё ҷомеа) ошкор мегардад, ки ҷавҳарфурӯш аст ё пилавар. Тамоми рӯйдодҳои хушу нохуше, ки дар қаламрави ҳаёти иҷтимоӣ худро менамоёнанд, аз зеҳни тавоно ё нотавони инсон маҷро мегиранд. Метавон гуфт, амвоҷи эҳсос, андеша, ишқу отифа ва майлу хостаҳои ботинии инсон дар зиндагии рӯзмарраи он таҷаллӣ меёбанд. Пас, андешаи солим метавонад кафили зиндагии шоиста – муносибатҳои самимонаи иҷтимоӣ бошад. Падидаи ҳунарие, ки дар ҷаҳони худ муносибатҳои неку самимонаи инсонҳоро нишон медиҳад, дар тағйиру таҳаввули зеҳнии ҷомеа таъсир мегузорад ва ба ин восита зиндагиро шоистаи зист мегардонад.

Воқеан, дар оғӯши шеъри асил як лаҳзаи хушу дурахшон ва саршор аз арзишҳои зиндагии инсон шукуфо мешавад ва ин лаҳзаи шукуфон дар сарсабзии ҳаёти инсон асар мегузорад. Чӣ беҳтар аз ин, ки ҳаёти инсон аз лаҳзаҳои сарсабзу дурахшон иборат бошад. Ин матлаб дар каломи файласуфи олмонӣ М. Ҳайдегер чунин баён шудааст: «Шеър чизе ҷуз имтиёзи як лаҳза нест, ки ба саросари зиндагӣ маъно медиҳад» (1, 538).

**АДАБИЁТ**

1. Аҳмадӣ Б. Ҳақиқат ва зебоӣ.– Теҳрон: Нашри Марказ, 1387. – 600 с. [Бо алифбои арабиасос].
2. Михайлов Ал. "Я знаю силу слов..." (Традиции Маяковского – вчера и сегодня). – М.: Худож. лит., 1983. – 174 с.
3. Нодирпур. Н. Мурғи офтоб. -Душанбе: Адиб, 1995. -224 с.
4. Румӣ (Балхӣ) Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. – Теҳрон: Замон, 2001. – 730 с.
5. Рӯдакӣ А. Девон. Таҳия тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. – Олмотӣ, 2007. – 256 с.
6. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. -Душанбе: Ирфон. 1983. -672 с.
7. www.goodreads.com/topic/show.Манбаи интернетӣ.

***12.01.2021.***

## ШОИР – ЗАБОНИ МИЛЛАТ ВА АДОЛАТ

**(Мусоҳиба бо хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» Шаҳрияи Адҳамзод)**

**– Устод вақте достони хеле зебо, ғиноию фалсафии Шумо «Санги ман – алмос»-ро мехонам, тамоми ҳастиямро ҳиссиёти пуртаъсире фаро мегирад, ки далели комилан самимӣ будани он аст, ба вижа ҷое, ки аз модар ёд мекунад, он хаёлист ва ё заминаи ҳаётӣ дорад? Рӯзгори кӯдакии Шумо чӣ гуна буд?**

– Ман модарамро ёд надорам, зеро ҳангоми марги фоҷиавии ӯ, ки дар манзума ба он ишорат кардаам, ман каме бештар аз ду сол доштам. Маро модаркалони падариям, ки ман ӯро як умр модар мегуфтам, ба воя расондааст. Рӯҳаш шод бод, ӯ маро воқиан ба ҷойи модар будааст. Ман аз ӯ дар оғози манзумаи «Достони Нону Имон» дар боби «Суфраи модар» ёд кардаам.

**– Бисёр маъзурам, ки ноогоҳона ба захми Шумо даст расонидам. Вале агар гуфтаи Эрнест Ҳемингуэй, нависандаи бузурги амрикоиро ба инобат гирем, ки чунин аст: барои шоир шудан бачагии бадбахтона зарур аст, худи қисмат барои Шумо ҳамин гуна заминаро ҳозир карда буд.**

– Мутаассифона...

**– Мутаассифона, барои Шумо, вале хушбахтона барои Шеър.**

– Инашро ба доварии замон мегузорем. Вале маънии суханони Ҳемингуэй, ки Шумо ёд овардед, ба назари ман, дар он аст, ки тифли ятим ниҳоят ҳассос ва дардошно ба камол мерасад, ки бе ин сифатҳо шоири асил, махсусан, шоири лирик, ғиноӣ шудан имкон надорад.

**– Ибтидои фаъолияти эҷодии Шумо чӣ гуна сурат гирифтааст?**

– Ман тақрибан аз синфҳои шашум-ҳафтуми мактаби миёна ба шеърнависӣ шурӯъ кардам, аммо аз рӯйи он фаҳмише, ки имрӯз аз шеър дорам, онҳо арзише надоранд, ки аз онҳо ёд биёрам. Дар давраи донишҷӯиям ҳам чизакҳое менавиштам, ки дар матбуоти даврӣ чоп мешуданд. Баъди хатми донишгоҳ ва адои хидмати ҳарбӣ каме, ним сол, дар

Кумитаи телевизион ва радио муҳаррир шуда кор кардам, пасон ба Маскав рафта, ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии ба номи Ломоносов, ки яке аз муътабартарин марказҳои илм буд, дохил шудам. Ба ростӣ, дар аввал мақсадам аз дохил шудан ба аспирантура олим шудан набуд, мехостам се соли онро ба шеърнависӣ сарф кунам, дар ду-се моҳи аввал ҳамин тавр ҳам кардам, вале баъд кам-кам, ки бо ҳаёти аспирантӣ ошно шудам ва дидам, ки аз ман кори илмӣ талаб доранд, на шеър, ҷиддан ба омӯхтани илми адабиёт машғул шудам ва он маро хеле машғул дошту медорад. Бовар кунед, дар кори таҳқиқи адабиёт ҳам он кайфият ва ранҷи гуворое, ки дар эҷоди он ҳаст, камтар нест.

**– Маро бубахшед, саволи густохонае медиҳам, ҳарчанд ман шоирам ва қадру манзалати шеъри Шуморо хуб медонам, дар бораи манзумаатон «Санги ман – алмос» мақола ҳам навишта будам, ҳамчун шоир аз баргаштани Шумо ба шеър хурсандам, вале агар Шумо кайфият ва ранҷи эҷоди асари бадеӣ ва таҳқиқи онро баробар медониста ва шояд ба онҳо арзиши баробар ҳам қоил бошед, пас чаро боз ба шеър баргаштед?**

– Аввалан, иҷоза диҳед, чун мавридаш расид, барои он мақолаи бисёр самимӣ ва амиқатон, ки муҳимтарин сифати достон, сифати шахсӣ ва дар айни ҳол умумибашарӣ доштани мундариҷаи онро таъкид карда будед, изҳори сипос кунам.

Баъдан барои савол ҳеҷ ҷойи маъзарат нест, ман ҳам мешудам ҳамин гуна суоле мекардам. Вале масъала ин ҷост, ки ман на аз он рафтаам ва на ба ин омадаам, зеро ман ҳамеша бо ҳар ду будаам ва мебошам, фақат бо яке бештар машғул будааму бо дигаре камтар, агар аввалҳо бо таҳқиқ бештар шуғл доштам, ҳоло бо шеър.

Дар бораи арзиши эҷоди бадеъ ва таҳқиқи эҷоди бадеъ. Ба ин ду, ки яке осори бадеъ, яъне ҳунар ва дигаре илм аст ва, албатта, илме, ки ба таҳқиқи ҳунар машғул мешавад, аз хусусияти ҳунар ҳам набояд бебаҳра бошад, – арзиши баробар қоил шудан мумкин нест, зеро онҳо навъҳои

гуногуни фаъолияти зеҳнӣ ҳастанд, меъёри арзишашон аз якдигар на баланду паст, балки гуногун аст. Хонандаашон ҳам, осори бадеъ бештар барои доираи васеъи мардум, нақду таҳқиқи он бештар барои донишмандони адабиёт аст. Вале як чиз мусаллам аст, ки ҳар ду ҳам донишу истеъдод мехоҳад, ман асили онро дар назар дорам, вагарна сақаташ ҳоло дунёро пур кардааст.

Ба ёд оред, аз рӯйи маълумотҳо дар дарбори Султон Маҳмуд бештар аз чаҳорсад нафар шоир вуҷуд доштааст, оё метавонед, ки ҳамин қадар муҳаққиқи адабиётро ҳам номбар кунед. Дар тӯли ҳазор соли адабиётамон ҳам, бубинед, ки теъдоди шоир чи қадар ҳасту теъдоди муҳаққиқи шеър чи қадар. Албатта, дар ин маврид талаботи ҷомеаро ҳам аз назар набояд соқит кард, ки ба осори бадеъ бештар ниёз дорад, то ба илми он ки аз гуногунии доираи хонандагонашон бармеояд, вале ба ҳар ҳол, агар ин кор осон мешуд, олимони забардасти он ангуштшумор набуданд.

Акнун дар бораи боз ба шеър баргаштани ман. Маро пас аз хатми аспирантура ба идораи маҷаллаи «Садои Шарқ» ба кор даъват карданд. Муҳити Иттифоқи нависандагон ва нашриёҳои он асосан муҳити адабист, то илмӣ. Дӯстони ман, аз устод Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Гулназар то ҷавонтарҳо Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ ҳама шоир буданд. Маро махсусан, Бозор Собир, ки мудири шӯъбаи назми «Садои Шарқ» буд, ҳамеша ташвиқ мекард, ки ба ту ҳамин танқид чӣ даркор, шеърнависӣ аз дастат меояд, шеър навис ва бисёр вақт, агар ба маҷалла тарҷумаи шеъри шоирони халқҳои дигар даркор шавад, ба ман медод, ки тарҷума кунам. Тарҷумаи шеърҳое, ки бо тахаллуси Афсар чоп шудаанд, ба хоҳиши ӯ ва қалами ман тааллуқ доранд. Ба ғайр аз ин ниёзи ботинии худро наметавон ба инобат нагирифт, маълум мешавад, ки он ба шеър қавитар будааст.

**– Вобаста ба ин ду масъала – шоирӣ ва мунаққидӣ – мехоҳам суол кунам, ки ба Шумо ҳамчун шоир шинохта шудан осонтар буд ё ҳамчун мунаққид?**

– Вақте ки нахустин тақризи ҷиддии ман – «Нӯшбоди шоир» дар бораи маҷмӯаи ашъори Лоиқ соли 1971 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуд, ман дар Маскав аспирант будам ва аз Душанбе аз устод Муҳаммадҷон Шукуров, ки бо ҳам шахсан шинос ҳам набудем, мактуб гирифтам. Он кас пас аз мутолиаи он тақриз маро ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳо, ки мудири шӯъбаи адабиёти муосири он буданд, ба кор даъват мекарданд. Ин даъват он замон ба ҷавоне, ки ҳоло аспирантураро хатм накардааст, бахти бузурге буд, боз ба чунин муассисаи илмӣ ва аз ҷониби ҳамчунин устоде.

Ин ҷо боз як қиссаи дигарро нақл мекунам, бо ҳамин масъала равшан хоҳад шуд. Мақолаи дуюми ман оид ба достони Қутбӣ Киром «Қуллаҳои ноаён» буд, ки соли 1972 дар «Садои Шарқ» чоп шуд. Гулназар, Шоири халқии Тоҷикистон, дар мақолааш «... Ишқи туро ғазал кунам», ки оид ба асарҳои ман аст, мехоҳам аз ӯ ҳам барои ин мақолаи пурмуҳаббат изҳори сипос кунам, менависад: «Устод Қутбӣ Киром маро дар кӯча диду пурсид:

– Аскар Ҳаким кист?

Гуфтам: – Яке аз шарикдарсони ман аст, ки ҳоло дар Маскав мехонад.

Вай бо шӯру қиёми зотиаш афзуд:

– Воллоҳ, мақолааш аз достони ман хубтар аст!». Бешубҳа, дар ин ҷо муболиғаи қутбиёна вуҷуд дорад, вале бар зимн нигарем, пазируфта шудани мунаққид аст. Шинохтани Аскар Ҳаким ҳамчун шоир бошад, ба душворӣ мавоҷеҳ меомад, ки ин ҳам табиӣ буд, зеро он аллакай ба Аскар Ҳакими мунаққид одат гирифта буд, шоириашро қабул кардан фурсат ва тааммул мехост. Ман, ки қаблан ин чизро медонистам, ба он эътибори ҷиддӣ намедодам, ба замми он гумон намекардам, ашъоре, ки дар аввалҳо чоп мекунондам, дар он пояи баланде буданд, ки ҷомеаи адабӣ маро ҳамчун шоир бояд кафкӯбон пешвоз мегирифт. На. Ҳаргиз. Онҳо шояд аз баъзеҳо хубтар, аз баъзеҳо бадтар

буданд, вале муҳимаш ин буд, ки роҳ ба сӯйи такомул доштанд.

**– Асари таҳқиқотии Шумо дар бораи  анъана ва навовариҳо дар шеъри муосири тоҷик «Шеър ва замон» соли 1978 ба чоп расидааст, ки китоби нахустинатон буд, Шумо бошед аз соли 1976 узви Иттифоқи нависандагон ҳастед, чӣ, магар Шуморо бе китоб ба узвият қабул карда буданд?**

– Бале, ҳамин гуна истисно рух дода буд бо раъйи устод Мирзо Турсунзода. Соли 1974 устод Турсунзода бо пешниҳоди М. Қаноат ва У. Раҷаб маро ба ҷонишинии сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ», ки муътабартарин нашрияи адабӣ буд, ба кор даъват карданд, ки он ҳангом ин барои ҷавони 28-сола вазифаи хеле баланд ва масъул буд ва ман дар байни ҳайати бонуфузи ин маҷалла, аз ҷумла Убайд Раҷаб, Лоиқ Шералӣ, Юсуф Акобиров, Шамсӣ Собир аз ҳама ҷавон будам.

Баъди ду соли корам, дар яке аз ҷаласаҳои раёсати Иттифоқи нависандагон, ки масъалаи тайёрии маҷлиси садоратро баррасӣ мекардааст, устод Турсунзода пешниҳод мекунанд, ки Аскар Ҳаким ба узвияти садорат интихоб карда шавад. Аъзои раёсат ба ӯ мегӯянд, ки мо чӣ хел ӯро ба узвияти садорат интихоб мекунем, ки ӯ ҳоло узви Иттифоқи нависандагон нест. Устод дар ҳайрат шуда мегӯянд, ки аъзо несту ҷонишини сармуҳаррири маҷаллаи адабиамон? Ман гумон доштам, ки ӯ кайҳо аъзои Иттифоқи нависандагон бошад. Ҳуҷҷатҳояшро ба ҷаласаи ояндаи раёсат тайёр кунед, супориш медиҳанд устод. Баъди ҷаласа дар рӯйи ҳавлии Иттифоқ ман иттифоқан бо устод рӯ ба рӯ омадам ва он кас маро нигоҳ дошта, хандон-хандон ин қиссаро нақл карданд. Дар маҷлиси ояндаи раёсат ман ба узвият қабул шудам.

**– Оё ба ягон каси дигар ҳам ҳамин гуна истисно рух додааст?**

– Бале, ба як нафар – устод Лоиқ, ӯ ҳам вақти қабул шуданаш китоб надошт, вале шеърҳояш дар матбуот бисёр чоп мешуданд, мақолаҳои ман ҳам, истисно шояд барои ҳамин буд.

**– Дар дасти ман ҷилди якуми «Асарҳои мунтахаб»-и Аминҷон Шукӯҳист, ки бо сарсухани Шумо «Шохаи райҳон ва себҳои шукуфта» чоп шудааст. Ман онро аз китобхонаи Шумо гирифтам. Дар он чунин соядасти муаллиф ҳаст: «Ба донандаи набзи назм, дӯсти ҳамқалам, ғаввоси баҳри маънӣ, кошифи асрори шеър – Аскар Ҳакимов бо эҳтиром ва орзуи парвозҳои баланд дар фазои беҳудуди адабиёт.**

**Аз муаллиф.**

**Барои ба табъ расидани ин китоб хизмати Шумо бузург аст. Ташаккур!**

**Бо эҳтиром А. Шукӯҳӣ, феврали соли 1978».**

**–Вобаста ба ин соядаст мехоҳам аз Шумо суол кунам, ки сабаби ташаккури устод Шукӯҳӣ аз Шумо дар чист ва умуман Шумо бо Шукӯҳӣ чӣ гуна иртиботе доштед?**

– Ман баъди хатми аспирантура ба ҷойи кори аввалаам ба Кумитаи телевизион ва радио баргаштам, устод Шукӯҳӣ раиси Кумита буданд. Азбаски сахт масруфи кор буданд, аз ман хостанд, ки дар таҳияи дуҷилдаи мунтахаби асарҳояшон мадад кунам. Ман ҳангоми таҳия баъзе шеърҳояшонро ҷо-ҷо таҳрир кардам, махсусан, дубайтиву рубоиҳояшонро, ки аз маҷмӯаи «Чормағз» ба дуҷилда ворид мешуд, аслан таҳрири казоӣ ҳам набуд, вале устод онро бо сипосгузории бисёр ва самимона қабул карда гуфтанд: – То ҳол ба шеъри ман касе қалам назада буд, ту ин корро кардӣ ва бисёр хуб кардӣ. Ман касе нестам, ки ба эрод гӯш надиҳам, ман онро месанҷам ва агар дуруст бошад, бо ҷону дил қабул мекунам. Ман инро аз устод Турсунзода омӯхтаам. Ва гуфтанд, ки устод Турсунзода ба рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ», ки ман муҳаррираш будам, мақолае оварданд, ки ман онро хонда, ба як калимааш эрод гирифтам, устод гуфтанд, ки агар дар сари Шумо ҳамин гуна эрод пайдо шуда бошад, дар сари дигар кас ҳам пайдо шуданаш мумкин аст, биёед, дигар мекунем ва ин гуна муносибати устод ба эрод ба ман сабақи якумра шуд.

Ба фикрам, он сипосгузории бисёр боз аз он сабаб буд, ки ман ҳангоми донишҷӯиям ба наздашон шеърҳоямро

оварда маслиҳат мегирифтам ва устод диданд, ки ман дар як муддати кӯтоҳ тавонистаам оид ба шеър андешаи мустақили худро пайдо кунам, ба назокатҳои он сарфаҳм равам ва аз ин пешрафт он кас ҳамчун устод шодмонӣ ва сипосгузорӣ мекарданд.

**– Шуморо баъди ду сол ҳамчун котиби садорат муҳаррири рӯзномаи навташкили «Маданияти Тоҷикистон» таъйин карданд, ки ин вазифа аз вазифаи пештараатон ҳам масъулиятноктар буд, вале Шумо ҳамагӣ 34 сол доштед. Масалан, барои қиёс дар ин вазифа дар Ӯзбекистон нависандаи маъруфи солманд Асқад Мухтор, дар Туркманистон Қақалӣ Бердиев ва ҳамин гуна дар ҷумҳуриҳои дигар ҳам, ба қавле, адибони солманду пуртаҷриба кор мекарданд. Бо кӯшиши Шумо ин рӯзнома соли 1983 ба ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» табдил дода шуда, ҳаққи қаламаш аз аввала қариб се баробар зиёд шуд, ки барои мо, нависандагон, аҳамияти калон дошт. Баъдтар, соли 1987 замимаи он аввалин нашрияи форсиҳуруфи «Пайванд»-ро дар Тоҷикистон интишор додед. «Адабиёт ва санъат» маҳбубтарин ҳафтавори ҷумҳурӣ гашта, теъдоди нашри он дар солҳои навади асри бист, дар давраи муҳарририи Шумо аз сад ҳазор ҳам гузашт, ки ин гуна пешрафт дар таърихи матбуоти Тоҷикистон ягона буд. Оё ҳамаи ин бароятон мушкил набуд ва барои эҷодиёти худатон вақт мегузошт?**

– Оё коре бе мушкилӣ мешавад? Шояд барои он мани ҷавонро таъйин карда буданд, ки ҳамаи ин корҳоро иҷро кунам. Биёед, шарҳи душвориҳои пешомадаро ба ягон мавриди дигар вомегузорем, зеро бисёранду суҳбат тӯлонӣ хоҳад шуд, фақат якаш ин аст, ки шӯъбаи агитатсия ва пропагандаи Кумитаи Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон, ки тамоми матбуоти мамлакатро зери даст дошт, сад дар сад муқобил буд, ки рӯзномаи «Маданияти Тоҷикистон» ба «Адабиёт ва санъат» табдил дода шавад ва ин мавқеашро ба шӯъбаи дахлдори Кумитаи Марказии Партияи Коммунистии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ҳам изҳор карда буд. Ба мо лозим буд, ки худамон бо онҳо алоқа

барпо карда, зарурати ин корро фаҳмонем ва Кумитаи Марказии Партияи Коммунистии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ оид ба ин масъала қарори худро баровард. Дар замони Шӯравӣ ҳангоми зид будани шӯъбаи дахлдори Кумитаи Марказии ҳизби ҷумҳурӣ ин кор на фақат иҷронашаванда, балки тасаввурнопазир буд, вале ба ҳар ҳол ба ин муваффақ шудем. Ҳоло, шукри Худо, бо шарофати истиқлол ва фарҳангпарварии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ин гуна корҳо бе мушкилӣ ҳал мешавад.

Дар бораи вақти эҷод бошад, шояд аз сабаби камии вақт буд, ки ман он солҳо бештар ба рубоӣ рӯй овардам ва ба он дил бастам, ба қавле ҳар зиёнеро суде ҳаст.

**– Чун сухан сари сиёсати фарҳангии давлат расид, мехоҳам суол кунам, ки Шумо сиёсати фарҳангии давлату ҳукумати Тоҷикистонро имрӯз чӣ гуна мебинед?**

– Ман дар бораи сиёсати давлатӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва, аз ҷумла, фарҳангии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳуриамон Эмомалӣ Раҳмон ба амал бароварда мешавад, дар мақолаи махсусам «Ҷомеа, Президент, Парламент ва Қонун» андешаҳоямро муфассал баён карда будам, ки дар рӯзномаи Шумо – «Садои мардум» ҳам чоп шуда буд ва таъкид менамоям, ки он андешаҳои ман нисбат ба пешина густардатар ва қавитар шудааст. Ҳоло, ки Шумо дар бораи як ҷиҳати он суол кардед, мехоҳам бигӯям, сиёсати фарҳангии ҳар давлат барои мустаҳкам кардани пояҳои давлат равона карда мешавад, ки он танҳо ба воситаи парвариши инсони озод ва шарафманд ба даст меояд, зеро танҳо меҳнати инсони озод пурсамар буда, кишварро шукуфо хоҳад кард ва ин инсон, ки барои ҳифзи озодии худ мекӯшад, дар як вақт озодии давлатро низ ҳимоя намуда, пояҳои онро устувор месозад. Давлат танҳо бо инсони озоду шарафманд ободу устувор хоҳад буд, ки вазифаи асосии фарҳанг, ба хусус адабиёт, тарбияи ҳамин гуна инсон мебошад.

Дар ин самт сиёсати фарҳангии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои қабули қонунҳое, ки ба

ин мақсад мувофиқ бошад ва дар амалӣ сохтани онҳо бениҳоят арзишманд аст. Ба фикри ман, барои шакл гирифтани сиёсати хирадмандонаи фарҳангӣ таҷрибаи давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президент ва сифатҳои озодманишию адолатпарвариашон ҳамчун шахсият, ки аз табиати инсониашон бармеояд, омили асосӣ мебошад. Аҳамияти бузург додан ба омӯзиш ва рушду нумӯи фарҳанги миллӣ ба маънои фарохаш – таърих, анъана ва расму оинҳо, забони модарӣ, мусиқии классикӣ ва миллӣ, озодии сухан ва адабиёт, ки аз ҷумла, онҳоянд, маҳсули маҳз ҳамин таҷрибаи давлатдорӣ ва сифатҳои инсонии Президент мебошанд.

Ҳоло мавридаш аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба сабаби бори дигар ба мансаби олӣ – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданашон самимона муборакбод гӯем ва ба фаъолияташон, ки барои манфиати халқу мамлакат ва шукуфоии тоза ба тозаи онҳо амалӣ мешавад, авҷу барори беназир орзу намоем.

**– Ман ҳам самимона ба ин табрикот шарик ҳастам ва аз ҷониби худ оид ба сиёсати фарҳангии Президенти мамлакат ин нуктаро қайд карданӣ ҳастам, ки дар солҳои охир ба шарофати он обрӯю эътибори адабиёти тоҷик боло рафт, асарҳои адибони тоҷик на фақат дар ҷумҳуриямон бештар чоп мешаванд, балки дар кишварҳои гуногуни дунё ҳам ба нашр мерасанд. Аз ҷумла асарҳои Шумо ҳам. Бо номҳои «Баргпайванд» ва «Шаҳри меҳолуд» ду маҷмӯаи шеъри Шумо дар Амрико бо хатти форсӣ чоп шудааст. Ин чӣ тавр воқеъ шуд?**

– Моҳи марти соли 1993 ман дар Амрико, Нию-Йорк будам ва эрониёни муқими Амрико маро ба донишгоҳи Колумбиё, ки аз бузургтарин ва муътабартарин донишгоҳҳои дунёст, ба ҷашни Наврӯз даъват дода, хоҳиш карданд, ки дар он шеърхонӣ кунам. Аҳли толор, ки асосан аз устодону аҳли завқ иборат буданд, шеърхониро хеле хуш қабул карданд ва шояд аз он сабаб яке аз онҳо, ки ношир будааст, хоҳиш кард, ки маҷмӯаи ашъори маро чоп кунад. Хушбахтона, пеш аз сафар дӯстам Абдураҳмони Абдуманон,

ки савод ва хатти хуби форсӣ дорад (ба ӯ ҳам сипоси фаровон мегӯям), хеле шеърҳоямро ба ман дастнавис карда дода буд ва ман онҳоро пешниҳод кардам. Ҳабиби Бурҷиён ба он сарсухан навишт, рассоми машҳури ошурӣ Ҳоннибал-ал-Хос китобро оро дод. Китоб чоп шуд, баъд Ҳабиби Бурҷиён ба ман хабар дод, ки он ба феҳрасти китобхонаҳои донишгоҳҳои Амрико дохил шудааст, яъне китобхонаҳои донишгоҳҳо онро бояд дошта бошанд.

**– Мисли ин ки дар донишгоҳи Колумбиёи Нию-Йорк маркази муътабари эронишиносӣ мавҷуд аст?**

– Бале. Ба он донишманди маъруф Эҳсони Ёршотир роҳбарӣ мекард ва онҳо қомуси бисёрҷилдаи Эронро таҳия ва нашр мекарданд. Дар ин донишгоҳ устодони забардасти забону адаби форсӣ дарс мегӯянд. Онҳо як рӯз маҳфили махсуси суҳбату шеърхонии бандаро доир карданд, ки қариб се соат давом кард. Хеле маҳфили хотирмон ва омӯзандае буд барои ман. Вақте ба Лос-Анҷелес омадам, дар он ҷо конфронси Бунёди байналмилалии эроншиносӣ баргузор шуд, ки дар он шеър хондам ва ҳам суханронӣ кардам. Устод Нодири Нодирпур ҳам дар он конфронс иштирок дошт, бо ҳам ошно гаштем. Дар он ҷо Бунёди парвариш ва омӯзиш, ки Бурҳони Юсуф дабири он буд, маҷмӯаи дигари шеърҳоямро зуд, дар давоми як ҳафта бо номи «Шаҳри меҳолуд» интишор дод, ки дар маҳфилҳои шеърхониям дастовез дошта бошам. Дар он ҷо ман бо яке аз донишмандони бузурги забону адаби форсӣ Аҳмади Оҷудонӣ ошно шудам, ки китоби «Калила ва Димна»-ро аз нав ба форсӣ пироиш карда, дар он ягон вожаи ғайрифорсиро истифода накардааст. Тасаввур кунед, китобе, ки бештар аз сесад саҳфа бошад ва ягон вожаи ғайрифорсӣ, яъне ғайритоҷикӣ надошта бошад, ин маҳсули меҳнат ва тавоноии андак нест. Ман ин китобро ҳар бор бо лаззати беандоза мехонам.

**– Дар дасти ман ҳафтавори «Рӯзгори нав», ки онро эрониёни муқими Амрико нашр мекунанд ва он дар бораи маҳфили адабии Шумо, ки дар шаҳри Сан-Ҳузе баргузор**

**шудааст, дар мақолаи чаҳорсафҳагияш чунин навиштааст: «Вақте суханони дуктур Ҳаким ба поён расид, ҳамаи ҳозирин ба по хостанд ва барояш каф заданд ва бо ин ки форсии ӯ барои аҳли Эрон номаънус буд, аммо бисёр ширин суҳбат мекард. Ӯ омада буд, ки банди нофи порашударо муҷаддадан гиреҳ бизанад...». Шумо дар кадом шаҳрҳои Амрико маҳфилҳои адабӣ доштед, агар дар ҳама ҷо чунин самимона истиқбол карда буданд, сабабашро дар чӣ мебинед?**

– Ман дар шаҳрҳои Нию-Йорк, Вашингтон, Лос-Анҷелес, Сан-Ҳузе, Портланд, Вашингтон-Сиатлл, ки қариб аз ҷануб то шимоли Амрикоро дар бар мегирад, маҳфилҳои адабӣ доштам, ки асосан дар донишгоҳҳо ва марказу маҳфилҳои фарҳангӣ сурат мегирифт. Қариб дар ҳамаи ин шаҳрҳо шабакаҳои эронии телевизион ҳаст, ки дар онҳо ҳам суҳбату шеърхониҳо ташкил мекарданд. Таваҷҷуҳи амрикоиҳо ва самимияти эрониҳо шояд аз он сабаб буд, ки он солҳо (соли 1993 ва баъдтар) авзои сиёсию иҷтимоии Тоҷикистон хеле мураккаб ва доғ буд ва онҳо мехостанд ҳақиқати ҳолро аз забони шоир, ки ба қавле забони мардум ва адолат аст, бишнаванд ва ба замми ин эрониҳо махсусан, дар ҳар тоҷике як пораи ватани худро мебинанд ва аз он ки дар кишвари дигаре ҳам ба забони форсӣ суҳбат мекунанд ва бо он шеър ҳам мегӯянд, ба ваҷд меоянду ифтихор мекунанд ва ин табиист, ки боиси муносибати самимонаашон мешавад. Дар мавриди ман ҳам шояд ҳамин тавр буд ва ба ғайр аз ин он солҳо ман шояд аввалин шоири тоҷик будам, ки онҳо рӯ ба рӯяшон медиданд.

**– Бисёре аз шоиру нависандагони тоҷик дар Эрон буданд, ман, албатта, давраи баъд аз истиқлолро дар назар дорам. Шумову ман ҳам, Шумо муносибати эрониёнро ба шеъру адаби муосири тоҷик чӣ гуна мебинед?**

– Хеле муштоқона ва пурмуҳаббат мебинам. Дар муддати на чандон тӯлонӣ дар Эрон нашр шудани як силсила китобҳои назму насри муосири тоҷик, асарҳои таҳқиқотӣ, дар матбуоти даврӣ ба табъ расидани асарҳои муаллифони тоҷик, таҳия ва пахш шудани филм ва

барномаҳои телевизионӣ дар бораи адибони тоҷик, даъвати шоиру нависандагони мо ба маросимҳои давлатӣ ва дигар ибтикороти адабию фарҳангӣ далели бебаҳси ин мебошад. Дар ин самт фаъолияти Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон ва Ройзании фарҳангии он ҳам хеле пурмаҳсул ба назар меояд.

Ба замми ин, ба хотир оред, ба мардуми маънирасу сухандони Эрон шеър хондан чӣ кайфияти бузург дорад, вақте ҳис мекунӣ, ки ҳар сухани ту торҳои дили онҳоро ба ҷунбиш меорад ва пас аз ҳар байти мақбули ту садои аҳсанту мавҷи кафкӯбӣ баланд мешавад. Чунин хонандаю шунаванда доштан бахти бузургест. Савияи баланди шеър ҳам ба хонандаи соҳибзавқи он сахт вобаста аст.

**– То ин вақт хеле маҷмӯаҳои шеър ва китобҳои илмиятон ба табъ расидаанд ва табиист, ки онҳо аз ҷониби танқиди адабӣ нақд ҳам шуданд, ҳамчунонки Шумо ҳам асарҳои дигаронро нақд мекардед, акнун мехоҳам бипурсам, ки ба худи Шумо танқид маъқул аст ё таъриф?**

– Намедонам ба ин суоли Шумо ҷавоби ҷиддӣ диҳам ё шӯхиомез, вале ҳамин тавр ҳис мекунам, ки ба ман танқиди таърифдор маъқул аст, зеро агар танҳо танқид бошад ҳам, шояд дуруст набошад ва агар танҳо таъриф бошад ҳам, зеро, шукри Худо, ҳоло ақли ман тира нашуда, меъёрро мешиносад ва махсусан, агар таърифи зиёд бошад, дарзамон ҳис хоҳам кард, ки он зиёдаравист, яъне ба ман тааллуқ надорад ва аз он ҳеҷ ҷойи хурсандӣ нест. Масалан, дар солҳои ҳаштоди асри гузашта ман роҳбари ҳайати Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Олмони Федерол будам, яке аз вохӯриҳои мо дар калисо, баъд аз ибодати насрониҳо, баргузор шуд. Роҳбари калисо чун хабар ёфт, ки ман шоир ҳастам, хоҳиш кард, ки барои ҳозирин шеър хонам. Ман баҳона овардам, ки тарҷумаи олмониашро надорам, гуфт, ки зарур нест, ба забони модариатон хонед, мехоҳем лаҳну оҳанги забони тоҷикиро шунавем. Ман розӣ шудам ва гуфтам, ки пас аз хондани шеър аз рӯйи он ҳиссиёте, ки онҳо мушоҳида хоҳанд кард, ман аз онҳо хоҳам пурсид, ки дар

бораи чӣ шеър хондам ва онҳо ба ман таассуроташонро бояд бигӯянд. Шеъри «Ба ту имшаби баҳорон, ҳама сабзу гулафшонам»-ро хондам ва аз роҳиб ба суолам ҷавоб пурсидам. Ӯ гуфт: ба ман чунин вонамуд, ки шумо дуо мехондед, ибодат мекардед. Ман ду даст бардоштаму гуфтам, таслим ҳастам, ҳеҷ кас то ҳол маро ба ин дараҷа таъриф накардааст, зеро кадом шоир орзу надорад, ки шеъраш ба дараҷаи дуо ва ниёиш нарасад... ва то имрӯз наметавонам муайян кунам, ки он ҳақ аст ё зиёдаравӣ ва агар ҳақ аст аз овардани  он хиҷил ҳастам ва агар зиёдаравист, бояд бикӯшам, ки ба он бирасам.

**– Шумо воқеан ормони дили ҳар шоирро ба забон овардед ва ба Шумо барои ин суҳбат ташаккур изҳор мекунам ва биёед, ҳар ду ҳамроҳ орзу менамоем, ки шеъри ҳар шоир ба дараҷаи дуову ниёиш бирасад.**

– Эй кош, Худо ин бахтро бар ҳама бидиҳад ва дар қатори дигарон ба мо ҳам!

***Соли 2006.***

# ГАВҲАРИ ШЕЪР АЗАЛӢ ВА АБАДИСТ

## (Мусоҳиба бо хабарнигори рӯзномаи «Ҷумҳурият» Барнои Қодирдухт)

**– Шеъру шоир бори нахуст кай ҳамдигарро меёбанд? Шумо бори аввал кай эҳсос кардед, ки шеър бо Шумо пайванд мешавад? Ин эҳсос чӣ гуна буд?**

– Ин суолест, ки ба он ва шояд ба ҳамаи суолҳои ояндаи Шумо ҳам ҳар шоир аз рӯйи таҷрибаи эҷодии худ бояд ҷавоб гӯяд, ки ман ҳам ҳамин тавр хоҳам кард. Ман асосан худ ҳамеша дар пайи шеър мегаштам ва мегардам, ба ин ҳамаи давраи омӯзиши фанну ҳунари шеър дохил мешавад, то он ки шеъре мегӯйӣ дар камоли балоғату фасоҳат. Дар давраи камолот ҳам. Аз батни модар шоир таваллуд шудан сахт муболиғаест, бо эҳсосу идроки шоирона таваллуд шудан дуруст аст, ки онро ҳам бояд тарбият дод. Шоир ҳамеша дар ҷустуҷӯйи шеър аст ва вақте ки ӯ саропои вуҷуд ва оламашро бо шеър, масалан, ҳамчун Мавлоно, дақиқтараш, бо ишқ фаро мегирад, ки заррае барои чизи дигар ҷой намемонад, он вақт он ишқ дар сурати шеър шояд ба ҷустуҷӯйи вай меояд ва он ҳам на дар шакли тайёр, балки ҳамчун ҳавое, оҳанге, таассуроте, маъное, ки ба қолаби шеър бояд рехта шавад. Ва дар ҳамин ҳолат ҳам шоир ба ҷустуҷӯйи шеър рафтааст, зеро зеҳни ӯ нохудогоҳ дар ин ҷода кор кардааст, тамоми таҷрибаи пешинаи шоирии ӯ барои ин «омадан» замина муҳайё намудааст, агар ин тавр намешуд, он ба ҳар каси ношоир ва нотайёр омаданаш мумкин буд, ки то ҳол дар таърихи шеър як бор ҳам воқеъ нашудааст.

Бо худи ман ҳам чунин ҳолат рух медиҳад, ки аввал маро ҳолу ҳавое, таассуроте фаро мегирад, ё маъное дар зеҳнам мечархад, ки бояд шакли бадеии худро пайдо намояд ва водор месозад, ки қалам ба даст гирам, вале ҳангоме ки ба навиштан оғоз мекунам, сад бор аз баҳри шоирӣ мегузарам, зеро ба муқовимати сахти сухан рӯ ба рӯ меоям ва гумон

мекунам, ки ман ҳаргиз аз уҳдаи ин кор намебароям. Ва ҳар дафъа ҳамин тавр, вале ҳамин ки як ду мисраи мақбул аз байни он навиштаҳо рух менамояд, маро умед мебахшад, ки шояд аз уҳдаи ифодаи он чизе бароям, ки мехоҳам. Аммо азбаски аз рӯйи таҷриба медонам, ки ҳар қадар муқовимати сухан сахттар бошад, он қадар лафз тоза мешаваду маънӣ амиқтар меравад, ба он дудастатар мечаспам, ки бо ҳар роҳе бошад ба он ғолиб оям. Сухан, албатта, дар ин ҷо аз шеъри асилу олист, вагарна танҳо барои бо қофияҷанг сохтани мисраъҳо ҳеҷ муқовимату мушкил нест, ки ман он гуна шеърро қабул надорам. Шоири бузурги рус Владимир Маяковский бо ҳамаи он тавоноӣ ва қудрати бесобиқаи шоириаш дар як рӯз аз чаҳор мисраъ бештар навишта наметавонист, вале он чаҳор мисраъ чунон аст, ки ҷойи онро тамоми эҷодиёти як шоири қофиябозе наметавонад бигирад.

Эҳсоси шоирона дар ман тақрибан дар синфҳои 7-8 мактаби миёна, дар 12-13 солагиам пайдо шуда, маро водор мекард, ки қалам ба даст гираму ба ифодаи он бикӯшам, аммо то ифодаи воқеан шоиронаи он хеле роҳи тӯлоние дар пеш буд, зеро, мутаассифона, ман дар бачагӣ роҳнамое дар ин ҷода надоштам ва таълим ҳам дар мактаби миёна ба ин ҳеҷ мадад карда наметавонист. Аммо он ҳис маро талқин мекард, ки ин корро ҳатман бояд пайгирӣ кунам.

**– Ёди замони бачагӣ зуд-зуд Шуморо фаро мегирад ва он рӯзҳо чи таъсире дар Шумо гузоштаанд?**

– Не, ман аз замони бачагиам кам ёд меорам, шояд барои он ки фурсат надорам, ё шояд барои он ки як андоза ҳавои ҳузн дорад. Ман дар баъзе аз шеърҳоям, аз ҷумла, дар «Ҳасрат» ва дар аввали манзумаи «Санги ман—алмос» аз он ёд кардаам.

**– Кай шеър барои Шумо маънии зиндагӣ гардид?**

– Ҳарчанд ман аз бачагӣ ҳис мекардам, ки шеър бояд маънии зиндагиам бошад, аммо то хеле вақт худро батамом ба он бахшида натавонистам, зеро таҳсил дар донишгоҳ, баъд дар аспирантура, баъд машғулият ба илму танқид маро имкон намедоданд, ки ба он тамоми ҳастии худро бибахшам.

Вақте ки шеър маънии зиндагии ман шуд мегӯед, шеъри асил ва олӣ бояд дошта бошед, ки далели зиндагии пурмаънои шоиронаатон бошад. Ман, ки имрӯз бисёр навиштаҳои пешинаамро бо дасти худ батамом хат мезанам ва ё чунон таҳрир мекунам, ки баъзан баробари аз нав навиштан аст, наметавонам бигӯям, ки шеър аз фалон вақт маънои зиндагии ман гардид, зеро ин ҳарф барои ман чунин маъно дорад, ки ман маънои зиндагиамроончунонки мехостам, дар шеърам ифода карда тавонистам. Шояд ман ин ҳарфро оид ба китоби шеърҳоям «Санги ман – алмос», ки соли гузашта дар нашриёти «Адиб» чоп шуд, қисман гуфта тавонам, танҳо қисман ва ин чунин маъно ҳам дорад, ки агар дар бораи шеъри банда қазоват мекунед, аз рӯйи ҳамин китоб бояд бикунед.

**– Шеъри хуб моли истеъдод аст ё заҳмат?**

– Ҳар ду. Зеро истеъдоде нест, ки бе заҳмат комил шуда бошад ва заҳмате ҳам нест, ки бе истеъдод ба ҷое расида бошад. Ҳастанд онҳое, ки дар ҷавонӣ ё дар давраи аввали эҷодиёташон нисбат ба ҳамсолони худ хеле пеш буданд, вале барои такмили истеъдоду маҳорати худ, ки заҳмат накашиданд, на танҳо пеш нарафтанд, балки аз дигарон ақиб ҳам афтоданд, вале онҳое, ки омӯхтанд, заҳмати гаронро бар дӯш гирифтанд, истеъдодашонро ба камол расониданд, ба қуллаҳои баланд баромаданд. Мисоли гурӯҳи дуюм қариб дар эҷодиёти ҳар шоири қудратманди имрӯзаамон собит мешавад, ки ҳангоми муқоиса кардани маҷмӯаи аввалин бо маҷмӯаҳои баъдинаашон ба назар мерасад. Ҳамчунин маҷмӯаҳои аввалину баъдинаҳои онҳоеро ҳам, ки наомӯхтанду заҳмат накашиданд, муқоиса кунед, хоҳед дид, ки онҳо на танҳо пеш нарафтаанд, балки ақиб рафтаанд, зеро пеш нарафтан дар ҳоле, ки дигарон пеш мераванд, маънои ақиб рафтанро дорад.

Таҷрибаи ҷаҳонии шеър нишон медиҳад, ки шоирон аз ин ҷиҳат асосан ду навъ мешаванд, як навъ аз давраи аввали эҷодиёташон бакамолрасида ба назар меоянд ва роҳи ба камолот паймудаи онон бараллo намоён нест, навъи дигар

чунонанд, ки аз асаре бар асаре, аз даврае бар даврае роҳи такомули онон равшан ба мушоҳида меояд. Қариб ҳамаи шоироне, ки гениалӣ, соҳибдаҳо, соҳибнубӯғ шинохта шудаанд, ба навъи дуюм тааллуқ доранд ва ин як бори дигар собит менамояд, ки истеъдод танҳо дар натиҷаи заҳмати беандоза ба нубӯғ расиданаш мумкин аст. Ҳофизшиносон низ қайд кардаанд, ки Хоҷа то охири умр дар такмилу таҳрири ғазалҳояш заҳмат кашидааст, то ба ин дараҷаи эъҷоз расидааст.

**– Арзиши шеъри баландро аз рӯйи кадом меъёр метавон муайян кард? Чӣ муҳимтар аст?**

– Барои шинохти шеър дар илми адаби чандсадсолаи мо меъёрҳои бисёре муайян шудаанд, ҳамчун балоғат, фасоҳат, салосат, ки онро аз ҷиҳати мундариҷа ва шакл ба санҷиш мегиранд, аммо агар масъаларо иҷмолитар гирем, он ба маъною бофт, муҳтаво ва ҳунар, яъне чӣ гуфтан ва чӣ тавр гуфтан оид мешавад. Сари ин масъала баҳси бисёре ҳаст, ки кадоме аз инҳо муҳимтаранд, шаклгароён бар инанд, ки чӣ тавр гуфтан муҳимтар аст, маъногароён бар чӣ гуфтан. Вале ба ақидаи ман онҳое дар ҷодаи ҳақ ҳастанд, ки бар ҳар дуи инҳо арзиши баробар қоиланд. Як маънои ночизро ба сад пероя ҳам баста ба назди ман оред, ба ду пул намегирам, аммо агар бинам, ки як маънои олӣ дар либоси нодилфиреб омада бошад, дилам месӯзад, ки ҳайф. Як мисол аз таҷрибаи эҷодии худ меорам. Ҳангоми донишҷӯйи курси се ё чаҳори донишгоҳ буданам шеъре бо номи «Имони саг» навишта будам ва дар яке аз маҳфилҳои «Адибони ҷавон»-и донишгоҳ, ки бо иштироки Аминҷон Шукӯҳӣ доир шуда буд, ҳамроҳи шеърҳои дигарам ба муҳокима ҳам гузошта будам. Ман, ки маҷмӯаи шеърҳоямро хеле баъд, пас аз нашри китобҳои танқидиам ба чоп расонидам, аз байн фосилаи бисёре гузашт ва баъзе шеърҳои дар давраи аввал навиштаам гум шуданд ва ё шояд ҷое дар байни коғазҳоям бошанд, ки пайдо карда натавонистам, аз ҷумла, ҳамин шеърро ҳам, вале мазмунаш, ки дар ёдам буд, онро аз нав навиштам ва ҳоло яке аз шеърҳои писандидаи ман аст. Агар

он мухтавои хубе намедошт, дар ёди ман намемонд ва онро аз нав наменавиштам.

Меъёри муайян кардани шеър барои завқи салим, комил ва тарбиятёфта, ба назари ман, ягона ва доимист. Он ифроту тафрите, ки дар баъзе асрҳо дар шинохти шеър ба назар мерасанд, дар натиҷаи арзиши бештаре қоил шудан ба ин ё он навъи ҳунари он ба миён омада, дар давраҳои баъд аз эътибор афтодаанд, зеро меъёри асосӣ – гавҳарро камтар ба назари эътибор гирифтаанд. Бинобар ҳамин ҳам имрӯз барои мо ҳам шеъри Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳам шоири қарни бист, масалан, Аҳмади Шомлу (албатта, дар намунаҳои беҳтаринаш), ки дар бофту услуб ба ҳам ба куллӣ фарқ мекунанд, ҳар ду ҳам шеъри олиянд. Ин ҷо мақсад гавҳари шеър аст, на воситаҳои ёрирасони он мисли вазну қофия . Агар ҳамин тавр намешуд, шеъри классикии мо ҳатто дар намунаҳои олияш имрӯз барои мо арзише надошт, ҳол он ки ин тавр нест, яъне ҳамон гавҳари ягона, доимӣ, азалӣ амал мекунад ва то абад ҳам амал хоҳад кард, зеро амали ҳар чӣзи азалӣ абадист. Хуллас, гавҳар ва меъёри шинохти шеър азалӣ ва абадист. Як мисоли дигар, Ғазали ғазалҳои Сулаймон аз Китоби муқаддас аз кадом шеъри олии ин замон камтар аст, маъзарат мехоҳам, баръакс, кадом шеъри ин замон ба пояи самимият, тару тозагӣ ва шеърияти он шеъри ошиқона мерасад? Ва ё ба масалҳои ӯ. Ва боз ҳоло олимон таҳқиқ кардаанд, ки онҳо ба давраи аз он ҳам қадимтар, ба давраи мисриёни қадим, ба ҳазорсолаи дуюми то ҳазораи мо тааллуқ дошта, бо иштибоҳ ба номи Сулаймон нисбат дода шудаанд. Агар гавҳари шеър азалӣ ва абадӣ набошад, пас он чист, ки дар давоми чаҳор ҳазор сол як чизро дар назари мо ҳамчун шеъри асил зинда ва тару тоза нигоҳ медорад?

Агар завқи замон дар шинохти шеър бар муқобили гавҳари азалии шеър бошад, он зуд аз байн хоҳад рафт. Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ, ки моли асри ХУ1 аст, қиссае ҳаст, ки Восифӣ ва Мавлоно Қатилӣ, ки ҳар ду ҳам шоири соҳибзавқ буданд, пас аз мутолиаи «Шоҳнома»-и

безаволи Фирдавсӣ, ки аз шаст ҳазор байт иборат аст, танҳо шаш байтро ҳамчун шеъре, ки «маъонии хос» дорад, яъне ҳамчун шеъре, ки онро ба ҷуз Фирдавсӣ касе ба ин ҳуармандӣ гуфта наметавонист, ихтиёр мекунанд. Аммо меъёри шинохти «Шоҳнома» ба «маъонии хос» маҳдуд нашуда, чандин баробар бузургтар аст ва имрӯз касе мақсад намекунад, ки онро танҳо аз рӯйи ин меъёр арҷгузорӣ намояд. Ин иштибоҳ дар натиҷаи он сар зада буд, ки онҳо шеъри ҳамосиро, ки меъёру шинохти худро дорад, бо меъёру шинохти ашъори ғиноӣ ба арзёбӣ гирифтанд. Аммо дар он замон дигароне ҳам буданд, ба монанди Давлатшоҳи Самарқандӣ ва Атоуллоҳи Ҳусайнӣ, ки ба ин асари беназир баҳои сазовор додаанд. Шинохти шеър тарбияти ҳамаҷонибаи завқро тақозо дошта, истеъдоди нодирест, ки онро ҳатто аз гуфтани шеър боло гузоштаанд:

*Шеър гуфтан гарчи дур суфтан бувад,*
*Лек фаҳмидан беҳ аз гуфтан бувад.*

Яке аз устодони шеъри имрӯзаи форсӣ Шафеии Кадканӣ дар сарсухани яке аз китобҳояш меорад, ки дар ҷавонӣ ба бисёр ғазалҳои Ҳофиз мухаммас баста будам ва яке аз он ғазалҳо «Дар вафои ишқи ту машҳури хубонам чу шамъ» буд, ки ба назари ман олитарин ғазали Ҳофиз меомад. Рӯзе аз устодам Адиби Нишопурӣ пурсидам, ки ба назари Шумо беҳтарин шеъри Ҳофиз кадом аст? Дилам мехост, ки ҳамин ғазали дӯстдоштаи маро гӯяд, аммо ӯ «Ману инкори шароб, ин чӣ ҳикоят бошад?» гуфт, ба дил гуфтам, чӣ одами безавқе будааст. Аммо имрӯз, ки бар ин ду ғазал меандешам, мебинам, ки то чӣ андоза ҳақ ба ҷониби ӯст ва он вақт ман ба чӣ безавқӣ як ғазали каммояеро, ки агар дар девони Ҳофиз намебуд, эҳтироми ӯро болотар мебурд, ба шеърҳои дигари олии ӯ тарҷеҳ додаам.

Агар шеър меъёри ягона ва азалӣ намедошт, ки онро гавҳари шеър гуфтем, мо, масалан, ашъори ин ду шоир - Умари Хайём ва Уолт Уитменро, ки аз ҷиҳати услуб бар ҳам

замину осмон фарқ доранд, дар як вақт ҳамчун шеър пазируфта наметавонистем. Вале мо қоилем, ки эҷоди ин ҳар ду воқеан шеър аст, яъне гавҳари шеърро дарёфтаем.

**– Шумо шеъри тасвириро бештар меписандед ё эҳсосиро?**

– Ман ба шеър назари фарохе дорам, ки дар айни ҳол толиби амиқӣ ҳам ҳаст, яъне ман ҳар гуна шеърро, ки гавҳари шеърӣ дошта бошад, қабул дорам, хоҳ тасвирӣ бошад, хоҳ эҳсосӣ. Аммо биёед, бар худи суол амиқтар биандешем, ки он ҳам имрӯз яке аз масъалаҳои доғи мубоҳисавии шеър аст. Ашёи асосии шеър чист? Калима. Калима воситаи чист? Воситаи ифода аст, то тасвир, воситаи тасвир нақш асту ранг. Ҳарчанд шеър аз воситаҳои наққошӣ ва мусиқӣ истифода карда, ин се навъи ҳунарро ба ҳам меорад, аммо моҳияти асосии он, аввалан, дар ифодаи ҳиссиёт, маъною мазмун аст, ки дар ин кор аз тасвир ҳам истифода мекунад. Бинобар ин онҳое, ки аз шеър танҳо тасвир мехоҳанд, аз он чизеро тақозо доранд, ки махсуси навъи дигари ҳунар аст. Дар ин ҷо ҳам дурусташ хайрулумури авсатҳо, яъне ҳадди эътидол аст. Ҳазор сол аст, ки ҳар ду навъ шеър дар адабиёти мо ва забони мардум зиндааст. Ин ду мисол аз устод Рӯдакист, ки аввалӣ ҳеҷ тасвир надорад ва баъдӣ бештар дар асоси тасвир сохта шудааст.

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,*
*Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.*
*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.*

Ва баъдӣ:

*Биёр он май, ки пиндорӣ, равон ёқути ноб астӣ*
*Ва ё чун баркашида тег пеши офтоб астӣ!*
*Ба покӣ, гӯйӣ, андар ҷом монанди гулоб астӣ,*
*Ба хушӣ, гӯйӣ, андар дидаи бехоб хоб астӣ!*

Ва ҳар ду ҳам шеъри олист, аввалӣ ба эътибори маънои баланди инсонпарварӣ доштанаш ва дуюмӣ ҳам, ки майро ҳамчун воситаи барҳамзанандаи ғаму андӯҳи инсон бо тасвири зебо ва суханони пуртароват ситоиш мекунад. Мақсади ниҳоии ҳар ду ҳам ифодаи маъност.

**– Оё Шумо ҳамеша назди шеъри худ самимӣ ҳастед ё буданд лаҳзаҳое, ки бо ягон андеша аз баёни асли сухани худ худдорӣ карда бошед?**

– Шоир ҳам дар байни мардум зиндагӣ мекунад ва таассуроти неку бади хешро ҳам аз муносибат бо онҳо бармедорад ва табиист, ки дар ӯ ҳиссиёте ҳам ҳаст, ки то чӣ андоза раво будани гуфтани ин ё он таассуротро назорат мекунад. Хушбахтона ва ё бадбахтона дар ботини ман ҳам ҳамин гуна назоратчӣ ҳаст, аммо ин маънои онро надорад, ки агар ман асли сухани худро то охир нагуфта бошам, самимӣ набошам, не, ман то он ҷо, ки гуфтаам, самимӣ ҳастам, аммо дар бораи он чизе, ки худдорӣ карда нагуфтаам, қазоват намешавад кард, то нагӯям. Аммо чунин ба назар мерасад, ки ман ба худ барои гуфтани хеле чизҳо иҷозат додаам, ки ҳатто Фарзона барин шоири дар шеър хеле озодандеш оид ба ман чунин менависад, албатта, бо муҳаббат ва муболиғаомез «мехоҳам, дар мавриди шеър чун Шумо ба ҳеҷ кас наандешам ва ба худ андешам…» Шояд дақиқтараш он бошад, ки ман ба худ ҳам наандешидаам, агар ба худ меандешидам, худдорӣ мекардам. Албатта, ин «беандешагии» шоир маънои андешидан бар манфиати мардум ва беҳбуди ҷомеаро дар назар дорад. Кори шоир ҳалвофурӯшӣ нест.

**– Ҳар боре адабиёти классикиро мутолиа мекунед, чӣ андешаю хулосаҳои нав дар сари Шумо пайдо мешавад?**

– Агар манзури Шумо аз классикӣ адабиёти замони куҳан бошад, на фақат танҳо намунаҳои олияш, яъне классикааш, маро ҳангоми мутолиаи он ду навъ таассурот фаро мегирад. Аввалан, вақте ки намунаҳои нотакрори онро дар эҷодиёти Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳофиз, Камол, Бедил ва дигарон мехонам ба худ меболам,

ки инсон чӣ қудрате дорад, ки бо сухан ин гуна муъҷизаофарӣ мекунад, вале вақте ки дар девонҳо ғазалҳои бисёреро мехонам, ки такроранду кашфе дар маънию сухан надоранд, дилгир мешавам, ки ҳайфо, умри гиронмояро ба ин суханбофиҳо бохтаанд.

Ғазал, ки аз серистифодатарин анвои шеъри классикист, бо як навъ истиқлоли маъноии байтҳояш, ки имкони дар як ғазал аз ҳар маҳаллу фазо овардани суханро медиҳад, мутаассифона, бисёр вақт ба ҷойи баланду олӣ гуфтани он, баръакс ба пасту суст гуфтан ва суханбофӣ кардан сабаб шудааст, ки, албатта, гуноҳи шакл набуда, гуноҳи шоираш аст. Ғазали олӣ гуфтан кори содае нест, ки бисёриҳо имрӯз ҳам ҳамин тавр гумон доранду ноком мешаванд. Насруллоҳи Мардонӣ, дар Эрон, дар яке аз таҳия ва нашрҳои девони устоди бебаҳси ғазал Ҳофиз, ғазалҳои ӯро аз нигоҳи шахсияш ба шаш даста ҷудо ва чунин рутбагузорӣ мекунад: Олии 1, олии 2, хуби 1, хуби 2, мутавассити 1, мутавассити 2. Аз 678 ғазале, ки дар он нашр оварда шудааст, ӯ ба 24 ғазал олии 1 ва ба 45 ғазали дигар олии 2 рутба медиҳад. Албатта, дар баъзе мавридҳо бо ин назари шахсӣ мешавад баҳс кард, аммо ҳоло таъкиди он чиз муҳим аст, ки агар Ҳофиз бо он тавоноӣ ва ҳунармандӣ танҳо тақрибан дар даҳ дар сади ғазалҳояш ба нуқтаи олӣ расида бошад, пас пеш аз овораи ғазал шудан бояд як фикр карду имконияти худро чену баркаш. Бинобар ин, вақте ки ғазалҳои пасти шоирони гузаштаро мехонам, ки, мутаассифона, кам ҳам нестанд, бо Аҳмади Шомлу ҳамфикр мешавам, ки дар «Шеъре, ки зиндагист…» - и худ мегӯяд:

*Мавзӯи шеъри шоири пешин*
*Аз зиндагӣ набуд.*
*Дар осмони хушки хаёлаш ӯ*
*Ҷуз бо шаробу ёр намекард гуфтугӯ.*
*Ӯ дар хаёл буд шабу рӯз*
*Дар доми гиси музҳики маъшуқа пойбанд,*
*Ҳол он ки дигарон*

*Дасте ба ҷоми бодаву дасте ба зулфи ёр*
*Мастона дар замини Худо наъра мезаданд.*

**– Кадом давраҳои таърихӣ ва кадом шахсиятҳо бештар таваҷҷуҳи Шуморо ба худ ҷалб мекунанд?**

– Маро танҳо шахсиятҳои маънавӣ ба худ машғул медоранд ва давроне, ки онҳоро ба вуҷуд овардааст, аз ҷумла, шахсият ва даврони Зардушт, Будо, Суқрот, Афлотун, Арасту, Исои Масеҳ, Муҳаммад(с) ва дигар орифону файласуфони аҳди қадиму навин, ки зикри ҳамаи онҳо дар ин ҷо зарурат надорад.

**– Ба фикри Шумо ба шоир дастгирӣ лозим аст ё не?**

– Мададгор бошад, албатта, бад нест, ки инро пеш аз мо ҳам гуфтаанд:

*Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,*
*Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.*

Аммо ин ба шахсият, ба характери шоир бештар бастагӣ дорад. Онҳое, ки шахсияти тавоно доранд, бе дастгирӣ ҳам, бо душворӣ ва заҳмати бештар, албатта, ба қуллаи муродашон мерасанд. Шоири рус Ярослав Смеляков мегуфт, ки шоирони ҷавонро ҳамчун пишакҳое, ки ҳоло чашмашонро боз накардаанд, дар об ғарқ бояд кард. Манзураш бегумон ин буд, ки тавонояш ҳатман наҷот хоҳад ёфт, нотавонаш даркор нест.

**– Шумо қабл аз ҳама худро шоир меҳисобед ё мунаққид?**

– Ман дар яке аз маҳфилҳои эҷодиям ба ин суол чунин ҷавоб дода будам, ки ман дар байни шоирон беҳтарин мунаққид ва дар байни мунаққидон беҳтарин шоирам. Оё ҷавоби хубе нест? Дар ҳар ду ҳолат ҳам беҳтарин. Аммо Гулназар дар мақолааш оид ба эҷодиёти ман навиштааст, ки ин ҳарф, албатта, шӯхист ва «Аскар Ҳаким дар маҳфили шоирон ҳам на танҳо беҳтарин мунаққид аст». Аммо агар масъаларо ҷиддӣ гирем, ман ҳамеша аз навиштаҳои худ дар ҳар ду соҳа ҳам эҳсоси қаноатмандӣ надоштам ва надорам.

**– Барои шоири асил кадом сифатҳо муҳиманд?**

– Дардошноӣ, самимият, ҳақгӯйӣ, зебошиносӣ, албатта, бар замми соҳибистеъдодӣ.

**– Бурди шеъри нав дар чист?**

– Дар домани фарохи ифодаи таассурот ва ҳиссиёт, ки бешубҳа, домани истифодаи васеи калимотро ҳам муҳайё месозад. Тозагии услуб, суварнигории сухан ва нотакрории зарбу оҳанг. Шеъри нав, ки аз қолаби тайёри пешинаи вазну қофия худро озодтар мегирад ва ё тамоман сарфи назар мекунад, онро ҳар бор бо тақозои мазмуну услуб бояд ба танзим биёрад ва ҷойи онҳоро бо зарбу оҳанги мувофиқ ва сурату маънии тозаву барҷаста чунон пур намояд, ки он халоъ на танҳо эҳсос нашавад, балки аз шеъри суннатӣ ҳам пурбортар ва ҳамоҳанги мазмун садо дода, мушаххасӣ, нотакрории шакли онро таъмин намояд.

**– Назари Шумо ба шеъри ҷавонон?**

– Бисёр ҳам мусбат. Онҳо аз ҷавононе, ки панҷоҳ-шаст сол қабл аз ин ба адабиёт ворид мешуданд, чанд сару гардан болотаранд. Ҷавонони имрӯз қариб дар сатҳи устодон менависанд, зеро барои онҳо замина омода шуд. Албатта, мое, ки адабиёти оламшумули ҳазорсола дорем, наметавонем, бигӯем, ки панҷоҳ-шаст сол пеш аз ин замина набуд, зеро замина ҳамон шеъри классикист, вале таҷрибаи онро ба замони нав мувофиқ кунонидан набуд, ки ин кор дар садаи бист анҷом дода шуд ва ҷавонони имрӯз акнун аз он зина боло мераванд. Бубинед, агар ҳаминҳо, ба монанди Шаҳноза, Озар, Адиба, Офоқ, Нуралии Нурзод, Ховари Абулҳай, Салими Зарафшонфар, Сурӯш, Гулноз ва худи Шумо, Барнои Қодирдухт, ҳам ба зумраи ҷавонон дохил шаванд, чӣ шоирони олиҷанобе ҳастанд. Баъзеи инҳо нуқсҳое дар забону услуб, вазну қофия доранд, аммо онҳое ҳастанд, ки гавҳари шеърро дарёфтаанд, аммо, ба ном, шоирони баркамоле кам нестанд, ки як умр навиштанду ин гавҳарро нашинохтанд. Аммо аз ҳар насл мувофиқи замонаш талаб карда мешавад, аз ин ҷиҳат, ҷавонон хеле хубтар, пухтатар ва амиқтар бояд кор кунанд.

**– Шумо аз давраи ҷавонӣ вазифаҳои масъулиятноке бар дӯш доштед? Ин ба Шумо чӣ гуна муяссар мегардид?**

– Ман дар умри худ барои ба даст овардани ҳеҷ вазифае ташаббусе аз худ зоҳир накардаам ва ҳатто, зиёда аз ин, аз пеши худ ягон аризае нанавиштаам, ки маро ба фалон кор қабул кунед, маро ба ҳар вазифае, ки доштам, худи нависандагон пешниҳод ва интихоб кардаанд ва ман кор кардаам, корам хуб буд ё бад нависандагон медонанд. Шояд на он қадар бад кор мекардам, ки нависандагон маро се маротиба котиби Раёсати Иттифоқи нависандагон ва ду навбат раиси ин иттифоқ интихоб карданд, ки бештар аз бисту панҷ солро дар бар мегирифт. Ҳоло мавридаш аст, ки аз нависандагон самимона изҳори сипосгузорӣ кунам.

Ба ман зарур аст, ки дар ин ҷо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалии Раҳмон, ки аз ҳисоби квотаи худ маро узви Маҷлиси миллӣ таъйин ва ҳамчунин номзадиямро ба ҳайси муовини Раиси Маҷлиси миллӣ пешниҳод карданд, самимона изҳори ташаккур намоям ва ин ташаккури шахсии танҳо ман набуда, ташаккури аҳли адабу фарҳанги кишвар аст, зеро дар таърихи давлатдории тоҷикон ҳеҷ намояндаи адаб аз ҷониби Сардори Давлат ба ин мақоми баланди давлатдорӣ бардошта нашуда буд. Ин бори дигар фазилати фарҳангпарварии Сардори Давлати моро тасдиқ менамояд. Қарзи виҷдонии ман аст, ки ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва махсусан, ба Раиси Маҷлиси миллӣ Маҳмадсаид Убайдуллоев, ки панҷ сол бо ҳам кор кардем ва ман нигоҳи худро барои ба бисёр масъалаҳои муҳими замон аз мавқеи давлат ва давлатдор нигаристан бештар такмил додам, аз таҳти дил изҳори сипос намоям. Ин ҳам барои аҳли адаб мактаби бузург аст.

**– Мегӯянд, ки Шумо бе доштани китобе ба узвияти Иттифоқи нависандагон пазируфта шудаед? Ин воқеа чӣ гуна рух дод ва оё Шумо низ дар давраи раисиатон чунин иқдоме анҷом додаед?**

– Бале, ҳамин гуна истисно рух дода буд бо раъйи устод Мирзо Турсунзод. Вале ман худ ин гуна иқдоме карда натавонистам. Аммо пеш аз раисиям, Фарзонаро, ки шеърҳояшро дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуданду ман онҳоро хонда ба ваҷд омада будам, вале худашро он вақт шахсан намешинохтам, дар яке аз ҷаласаҳои раёсати

Иттифоқи нависандагон пешниҳод кардам, ки ба узвият қабул карда шавад, вале, мутаассифона, он пешниҳод ҷонибдорӣ наёфта буд.

**– Аз кадом устодон хотираҳои фаромӯшнопазире доред?**

– Ман, ки аз ҷавонӣ дар ҳалқа ё дар наздикии устодони адабиётамон кор кардаам, қариб аз ҳамаи онҳо, аз ҷумла, аз устодон М. Турсунзода, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, М. Миршакар, Б. Раҳимзода, А. Шукӯҳӣ хотираҳои мондагоре дорам.

**– Назари Шумо ба мафҳумҳои «дӯст» ва «душман».**

– Ман дӯстро тавсиф карда наметавонам ва душманро шинохта, зеро агар дӯст аст, ба ҷойи ман аст, худи ман аст, пас чӣ сон худро тавсиф кунам ва душманро, ки шинохта натавонам, пас чӣ сон назаре дошта бошам.

**– Дар бораи зиндагии оилавиатон чӣ гуфтан мехоҳед?**

– Ҳеҷ. Масале ҳаст, ки мегӯяд, дар бораи писарат танҳо бо шоҳ суҳбат намо, дар бораи завҷаат бо ҳеҷ кас. Ман аз ҷумлаи онҳоям, ки аз рӯйи ин масал амал мекунанд.

**– Шумо чӣ гуна издивоҷ кардаед?**

– Муқаррарӣ, мисли ҳама, аммо арӯсро худ интихоб кардаам.

**– Ишқ ва издивоҷ. Оё издивоҷ поёни ишқ аст?**

– Издивоҷ шукуфоии ишқ аст. Агар издивоҷ поёни ишқ аст, он ишқ набуда, бадбахтист.

**– Ишқи аввали худро дар ёд доред?**

– Кист он ки ишқи аввали худро ёд надошта бошад, ишқи дуюм, ки вуҷуд надорад.

**– Ҳоло машғули чӣ коре ҳастед ва чӣ рӯзгоре доред?**

– Дар зиндагии ман нав давроне расид, ки худро битавонам як каме бештар ба кори нависонавис бибахшам ва аз ин хушии бештаре барои ман несту нахоҳад буд, ҳарчанд ҳамчунонки дар болотар гуфтам, аввал ранҷ ва баъди навишта шудан хушӣ, ки ҳеҷ хушие бо он баробар намебошад.

***Соли 2007.***

## ИНСОН БОЯД ОЗОД БОШАД!

***(Суҳбати журналист Одили Нозир бо Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким)***

**Маҷмӯаи осори Шоири халқии Тоҷикистон ва мунаққиди шинохта Аскар Ҳаким дар 7 ҷилд аз чоп баромад. Ба ин муносибат суҳбате доштем бо устод, ки фишурдаи онро пешкаши шумо мегардонем…**

### Вазифаи адабиёт ва даромади китоб

**– Аскар Ҳаким, мо оҳиста-оҳиста ҷониби капитализм гом мезанем. Ба ҷамъияте, ки ба моддиёту молиёт бештар бартарӣ дода мешавад. Дар ин ҷомеа вазифаи адабиёт аз чӣ иборат аст?**

– Адабиёт аз навъе ҳунарҳое аст, ки рисолаташ ҷовидона аст. Яъне, вазифаи адабиёт ҳазор сол пеш чӣ гунае буд, баъди ҳазор сол ҳам ҳамон хоҳад монд. Ибни Сино ба ин маънӣ мегӯяд, ки шеъри порсӣ бисёр рангин аст ва барои ба ҳаракат овардани тахайюлоти инсон навишта мешавад. Аммо ғарбиён,– қазоват мекунад, ӯ − барои он шеър менавистанд, ки мардумро барои кардани коре таҳрик диҳанд. Ин қиёси Сино, ки дар ҳама маврид бисёр қотеъона ҳарф мезанад, хеле ҷолиб аст. Аммо бо гузашти замон, мебинем, ки ба замми он чизе, ки Сино дар мавриди адабиёти мо гуфтааст, адабиёт вазифаи дигар ҳам доштааст. Мулоҳиза кунед, ки «Шоҳнома» чист? «Шоҳнома» таърихи Ватани мо, расму оини мо, забону адаби мо ва тарзи зиндагии мост. Илова бар ин, дарси ватандориву мардонагист. Ё «Гулистон» ва «Бӯстон», ки барои тарбияи маънавии инсони комил дар дунё назир надорад. Яъне, адабиёт барои инсонтар кардани инсон, зеботар кардани ҷаҳони ботинии вай, барои шинохти зебоӣ, барои ба ҷомеа рӯнамо кардани муҳимтарин масъалаҳо хизмат мекунад. Ана ҳамин вазифаи охирин дар асрҳои XX ва XX1 муҳимтарин

ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, аз назари ман муҳтавову мундариҷаи адабиёт бисёр муҳим аст, ки мардумро ба куҷо ҳаракат медиҳад? Оё адабиёт метавонад инсонҳоро ба зиндагии шарофатмандона, озодона ва одилона ҳаракат диҳад?

**– Оё муҳтавои адабиёти мо инсонҳоро барои инсон будан таҳрик медиҳад?**

– Бале. Аммо кадом масъаларо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додани адабиёт ба замон вобаста аст. Як муқоисаи сатҳии адабиёти имрӯзу шӯравиро бикунед, хулосаи дақиқ мебарoред. Дар замони шӯравӣ мо асареро пайдо намекунем, ки дар бораи нуқсҳои иҷтимоӣ ё камбудии зиндагии мардум суҳбат карда бошад. Магар зиндагии мо дар он замон камбудӣ надошт? Агар надошт, пойдор мемонд. Аммо бубинед, баъди 70 сол завол ёфт. Яъне, нуқсҳое доштааст, ки бояд дар он замон ошкору бартараф мешуд. Аммо дар он замон ҳеҷ асаре бе имзои сонсур чоп намешуд.

**– Аммо он адабиёт, ки имрӯзҳо бештар мавриди интиқод қарор мегирад, халқӣ буд, ба мардум мерасид, нуфузу таъсиру эътибор дошт…**

– Ман ба ҳеҷ ваҷҳ бо гуфтани суханҳои боло дастовардҳои шӯравиро интиқод намекунам, зеро худам парвардаи он замон ҳастам. Дар мавриди ба гуфти шумо халқӣ, яъне таваҷҷуҳи мардум ба адабиёт бошад, ман ҳам фикр мекунам. Нуфузи адабиёт вобаста ба авзои сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа аст. Ҷомеаи мо чӣ гуна ҷомеа аст? Ҷомеаи ҷангзада, дар натиҷаи ҷанг харобшуда ва чандин сол аз тараққиёти пештарааш ақибуфтода. Яъне, бетаваҷҷуҳӣ ҷанбаи иҷтимоӣ дорад. Бо вуҷуди ин ман ба ояндаи адабиёт бадбин нестам. Бубинед, давлати шӯравӣ давлати ғоявӣ буд. Адабиёт, ки як қисми пуртаъсири фаъолияти идеологӣ ҳисоб мешавад, аз ҷониби давлат маблағгузорӣ ва назорат мешуд. Давлат ҳам аз ҳисоби адабиёт маблағ кор мекард. Ҳатто ҳисоботе буд, ки Иттиҳоди Шӯравӣ даромади аз ҳама

зиёдро аввал аз фурӯши ярок, дувум машрубот ва сеюм аз фурӯши китоб мегирифт. Баъдан, набояд фаромӯш кард, ки он солҳо воситаҳои дигари алоқа мавҷуд набуд, яъне адабиёт рақиб надошт. Имрӯз бошад, интернет мавқеи адабиётро танг кардааст. Адабиёт бояд аз рақибони худ истифода кунад, вагарна мавқеашро аз даст медиҳад. Аммо дар назди хонандаи боҳуш ҳеҷ яке аз он чизҳо ҷойи адабиётро гирифта наметавонад. Ҳатто кино ва театр, зеро адабиёт дар танҳоӣ офарида мешавад ва барои дарку фаҳмиши умқи он хонанда бо китоб бояд танҳо бошад.

**Нахонда, мегӯянд, адабиёт нест**

**– Дар бораи сонсур ишора кардед, мо ба озодӣ расидем. Ба андешаи шумо, адабиёти мо аз озодӣ истифода карда тавонист? Камбудиҳоро гуфт?**

– Ба назарам, ҳа! Албатта, барои муқоиса ва хулоса ҳанӯз барвақт аст. Зеро вақте адабиёти шӯравӣ мегӯем, 70 солро фаро мегирем, аммо вақте адабиёти истиқлол мегӯем, 25 сол. Қариб 10 соли аввали он ҳам ҷангу ноороми…

**– Аммо таҷриба нишон додааст, ки адабиёти ҷаҳонӣ дар заминаи вазъи нохуби иҷтимоӣ, ҷангу ҷидолу дарду ғам ба вуҷуд меояд.**

– Бале, аммо баъд аз гузашти замон таҳқиқ карда мешавад. Беҳтарин дастовардҳои адабиёт ҳам чунин аст. «Ҷанг ва сулҳ»-и Толстой баъди чанд соли ҷанг ба вуҷуд омад? Албатта, дар мавриди шеър, махсусан шеъри ғиноӣ ва кӯтоҳ ин тавр нест. Аммо достонҳои хамосӣ ҳам вақт талаб мекунад. Ҷанги Бузурги Ватанӣ кай буду «Сурӯши Сталинград»-и Муъмин Қаноат кай иншо шуд? Албатта, имрӯз дар матбуот ва байни одамон ҳарфе пайдо шудааст, ки адабиёти мо чизе надорад. Ин даъворо онҳое мекунанд, ки китоб намехонанд. Дар як озмуни телевизионӣ, ки «Килки сабз» ном дошт ману Ато Мирхоҷа аъзои ҳакамон будем. Зимни суҳбат Ато ҳар суоле, ки аз эҷодиёти адибон медод, шоиршавандагони ҷавон нахонда буданд, аммо даъво

мекарданд, ки шеъри мо шеър нест. Бубинед, вақте онҳое, ки эҷодкор шудан мехоҳанд, нахонда, ҳукм мекунанд, аз мардуми одӣ чӣ гила?

**– Шумо мушоҳида кардаед, ки аксари нависандаву шоирони калонсоламон низ китоб намехонанд?**

– Шояд. Аммо бо Евтушенко мувофиқам, ки мегӯяд: «Большой писатель это большой читатель». Касе мутолиа надорад, асари шоиста намеофарад. Устод Лоиқ аз ҳама бештар мехонд ва аз ҳама беҳтар менавишт.

**– Аз асри XX то имрӯз 5 шоири беҳтаринамонро номбар карда метавонед?**

– Якум – Лоҳутӣ, дувум – Турсунзода, сеюм – Қаноат, чорум – Лоиқ, панҷум – Фарзона.

**– 5 нависандаи бузургамонро чӣ?**

– Якум – устод Айнӣ, дуюм – Улуғзода, сеюм – Икромӣ, чаҳорум –Муҳаммадиев ва панҷум… ӯро ҷустуҷӯ дорам.

**– Адабиёти муосири Амрикои Лотиниро бо номи Маркес, адабиёти ҳозираи афғонҳоро бо номи Холид Ҳусейнӣ мешиносанд. Чеҳраи адабиёти муосири мо кист?**

– Айнӣ ва Улуғзода. Ҳар ду нависандаи ҷаҳонианд.

**– Чаро фақат аз дур мисол меоред?**

– Чаро шумо талаб мекунед, ки ман аз 20-30 соли охир мисол орам? Айниву Улуғзода он қадар дур нестанд. Дигар он, ки адабиёти Амрикои Лотинӣ ва Аврупо дар заминаи таҷрибаи насри чандинасра ба вуҷуд омадааст. Аммо насри реалистии мо аз устод Айнӣ оғоз мешавад ва ҳоло ҷавон аст.

**Шеър чӣ гуна меояд?**

**– Шумо ҳам шоир ва ҳам олиму мунаққид ҳастед ва асарҳои шоиста ҳам офаридаед. Паёми шумо ба ҷомеа чист? Аскар Ҳаким чӣ гуфтан мехоҳад?**

– Банда, намедонам хушбахтона ё бадбахтона, сириштаи иҷтимоӣ ҳастам. Бинобар ин, аксари навиштаҳои ман ба зиндагии иҷтимоии мардум дахл мекунад. Паёми ман ин аст, ки инсон бояд дар ҷомеае зиндагӣ кунад, ки озод

бошад, ҳарфашро гуфта тавонад, барои ҳарфаш касе ӯро таҳдид накунад. Зиндагии шарофатмандона ва сазовори инсонӣ дошта бошад. Дар ин ҳолат ӯ рисолати инсониашро ба ҷо оварда метавонад. Яъне, инсонтар кардани инсонҳо. Озодиро барои чӣ мехоҳем? Адолатро барои чӣ талаб мекунем? Барои ҳамин.

**– Шумо солҳои ҷавониатон ҳамчун мунаққиди навназар шинохта шудед, аммо пасон шеърҳоятон ҳам нашр шуд ва сазовори мукофотҳо ҳам гардид. Ин дусамтагӣ дар кори эҷодӣ аз куҷост?**

– Ин аз воқеияти зиндагии ман бармеояд. Ман аз бачагиам шеър мегуфтам, замони донишҷӯӣ ҳам. Пас аз хатми донишгоҳ як муддат кори журналистӣ кардам, аммо зуд ба дилам зад ва ба аспирантура ҳуҷҷат супоридам, то роҳат шеър нависам. Аммо вақте ба Маскав рафтам, аспирантҳоро ҳар ҳафта ҷамъ оварда, ҳисобот талаб мекарданд ва кори илмӣ мепурсиданд. Бинобар ин, ҷиддӣ ба омӯзиши адабиёт, ҳунар, фалсафа ва сиёсат машғул шудам. Ҳамин тавр, илм маро чунон ҷазб кард, ки 15-16 сол аз он уқёнус баромада натавонистам. Вақти дар аспирантура хонданам, як мақолаам дар «Садои Шарқ» чоп шуд ва муаллим Муҳаммадҷон Шакурӣ ба ман мактуб навишта, маро ба кор даъват карданд. Аммо пас аз бозгашт бо даъвати устод Турсунзода ба «Садои Шарқ» ба кор омадам. Муҳити маҷаллаи адабӣ ва Иттифоқи нависандагон аз нав ҳисси шоирии маро бедор кард ва сайқал дод. Дар ин давра ман шеърҳои зиёде тарҷума кардам. Дӯстонам талқин мекарданд, ки шеър нависам. Ҳатто Бозор Собир мегуфт, ки ҳамин нақд – кори дилгиркунандаро чӣ кор мекунӣ? Шеър навишта метавонӣ, шеър навис!

**– Магар шеър навишта тавонистан аст ё ягон эҳсоси дигар?**

– Ҳар ду, баъзеҳо мегӯянд, ки шеър меояду менависем. Ин сафсата аст. Шеър ба ҳамон одаме меояд, ки шабу рӯз дар бораи шеър фикр мекунад ва кор мекунад. Ҳарфи

Горкийи бузургро мехоҳам мисол оварам, ки мегӯяд: «Асари бадеӣ маҳсули як фоиз илҳом ва наваду нуҳ фоиз заҳмат аст.

**– Куллиёти 7-ҷилдаи шуморо, ки ҳар як ҷилд 400-500 сафҳа аст, менигараму ба ҳайрат меоям. Шумо ин ҳама сол дар вазифаҳои роҳбарӣ кор кардед, аммо чӣ гуна вақту ҳавсала пайдо карда, ин ҳама асар навиштед?**

– Ман аз 28-солагиам ба роҳбарӣ омадам. Муовини сардабир, котиби Иттифоқи нависандагон, сармуҳаррир, баъдан раиси Иттифоқи нависандагону муовини аввали Раиси Маҷлиси Олӣ ва ғайра. Аммо ин вазифаҳо ба фаъолияти ман таъсири мусбат расонид. Диду нигоҳ ва андешаи маро дигар ва таҷрибаи маро афзуд. Аммо ман дар кадом вазифае, ки будам, ҳар рӯз кори эҷодӣ мекардам. Ҳамеша аз соати 6 сари миз менишастам. Тартиби зиндагии ман чунин аст, ки ҳеҷ гоҳ аз кори эҷодӣ канор наҷустаам.

**Сонсур: ба Эрон ‒ манфиат, ба мо – зарар.**

**– Адабиёти моро бе муқоиса ба адабиёти Эрону Афғонистон таҳлил кардан мунсифона нест. Аз ин зовия агар назар андозем, адабиёти тоҷик дар кадом поя қарор дорад?**

– Ин масъала баҳсбарангез аст. Рушду нумӯи адабиёт ба вазъи иҷтимоии ҳар кишвар вобаста аст. Муқоиса кунед, ки Эрон чӣ қадар аҳолӣ дорад, Тоҷикистон чӣ қадар? Муҳит ва замони зиндагии мо ҳам муқоисанашаванда аст. Пас адабиёт низ набояд муқоиса шавад. Ба ғайр аз ин онҳо аз муҳити фарҳангиашон канда нашуданд. Адабиёти 1000-солаи мо барои аз 6-сола то 100-солаи он кишварҳо дастрас буд. Дар Тоҷикистон чӣ мехонданд? Китобҳоро сӯзониданд, девонҳо нест шуданд, аз хат маҳрум шудем... Ба шоирони асри ХХ-и мо офарин бояд гуфт, ки дар ҳамин муҳит ба ин дараҷаҳо расиданд. Ба замми ин сонсур, решаи адабиёти моро ба қавле теша мезад.

**– Аммо дар Эрони шоҳӣ ҳам сонсур ба ҳар навъ вуҷуд дошт ва имрӯз низ вуҷуд дорад. Яъне ин, наметавонад далели қафомондагии адабиёт бошад.**

– Дуруст, аммо вақте сонсур ба онҳо иҷоза намедод, онҳо ақоиди худро ба ҳар роҳу васила бо рамзу киноя ва маҷозу истиора мегуфтанд. Яъне, сонсур ба онҳо фоида овард, зеро санъатҳои бадеӣ афзуд. Аммо дар мо аз ин ҳам истифода намешуд, зеро мӯшикофона мекофтанд ва якдигарро ҳам мефурӯхтанд. Як мисол меорам. Устод Айнӣ бо устод Лоҳутӣ ҳамеша дар мукотибот буданд. Дар як мактуб Лоҳутӣ як ғазалашонро ба Айнӣ мефиристанд. Айнӣ ҳам эродҳои худро менависанд. Дар он ғазал чунин байт ҳаст:

*Арзандатар аз ишқ ба олам гуҳаре нест,*
*Покиза бидораш, ки ба ҳастӣ сабаб аст ин.*

Устод Айнӣ, бо вуҷуди бузург буданашон, пояи миллат буданашон то ба ҳадде аз сонсур ҳарос доштанд, ки ба Лоҳутӣ навиштаанд, ки устод Лоҳутӣ, марксизм мегӯяд, ки пайдо шудани ҳаёт аз табиат аст. Аммо шумо, ин ҷо ишқ мегӯед. Инро фикр кунед, ки зидди марксизм нашавад ва ба сӯфигарӣ шуморо муттаҳам накунанд. Акнун худатон қазоват кунед.

### Рисолаи докторӣ ва маҳфили «Ҳофизхонӣ»

**– Шумо 70-сола шудед. Бештар дар бораи чӣ меандешед?**

– Бештар аз ҳама дар бораи нақшаҳое, ки дорам. Намегӯям эҷод кардан, мегӯям навиштан. Махсусан, мехоҳам ба коре, ки муаллим Шакурӣ талқин мекарданд, ки ба нақд бештар машғул шавам, зеро имрӯз теъдоди мунаққидони асил хеле кам аст ва агар бо ангуштонам шуморам ҳам, зиёдӣ мекунад.

**– Устод, шумо солҳо пеш рисолаи номзадӣ ҳимоя карда будед, аммо дифои рисолаи докториатон ба таъхир афтод. Баҳром Сирус, вақте рисолаи докторӣ ҳимоя мекунад аз 80 гузашта будааст… Чаро шумо барои доктори илм шудан талош накардед?**

– Ин аз он сабаб аст, ки ман масруф будам ва онро муҳим намедонистам. Аммо вақте ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ба кор омадам, зарурати бозгашт ба ин мавзӯъ ба вуҷуд омад. Солҳои охир як таълифот навиштам, бо номи «Вижагиҳои анвоъи шеъри ғиноии тоҷикӣ. Дар мисоли шеъри ғиноии тоҷикии нимаи дуюми асри XX». Ин рисола, ки аз 530 саҳифа иборат аст, дар ҷилди 3-юми ин мунтахаб ворид шудааст ва ташаккули шеъри ғиноии тоҷикро дар мисоли ашъори дурахшонтарин симоҳои адабиётамон дар бар мегирад. Илова бар ин барои ҳимояи рисолаи докторӣ бояд 15 мақола дар маҷаллаҳои КОА-эътирофкарда чоп кард. Ман то имрӯз 16 мақола чоп кардам. Яъне, ҷиҳати эҷодӣ ба охир расид. Баъди ба анҷом расонидани корҳои техникӣ ва расмиёт ин кор ба охир мерасад. Пас аз ҳимоя мехоҳам дар ягон факултаи суханшиносӣ дарс бидиҳам, зеро мехоҳам, ки ҷавонон шеърро шинохта тавонанд.

**– Чанд сол пеш дар Китобхонаи миллӣ як маҳфили зебое доштед, бо номи «Ҳофизхонӣ». Чаро фаъолияти он қатъ шуд?**

– Ман онро қатъ накардам. Маҳфили «Ҳофизхонӣ» бо ташвиқи Носирҷон Салимӣ таъсис шуда буд ва хеле овозадор ҳам шуд. Баъди рафтани Салимӣ ба ин маҳфил таваҷҷуҳ нашуд ва ман ҳам, ки одати талош кардан надорам, талош накардам ва ин маҳфил қатъ шуд. Аммо тамошобинон ва онҳое, ки аз маҳфил огоҳанд, ҳамеша аз ман талаб мекунанд, ки онро идома бидиҳам. Ба наздикӣ, пас аз таъини раиси нав, кормандони китобхона ба ман муроҷиат карданд ва эҳтимол пас аз ҳимояи рисолаи докторӣ он маҳфилро аз нав роҳандозӣ кунем.

**– Устоди азиз, ташаккур барои суҳбати самимӣ.**

***Ҳафтаномаи “Тоҷикистон”, №52, 29 декабри 2017.***

# ШЕЪРҲО БАХШИДА БА АСКАР ҲАКИМ

***Шаҳноз***

## ПАЁМИ ШОИР

**Эҳдо ба устод Аскар Ҳаким**

Ай шаҳбози субҳи сухан, рӯй ба мо кун,
Моро зи тилисми шабаҳи шом раҳо кун.
Дил гашт асири сухани ойинаи ноз,
Бе ҳеҷ сухан қалби маро боз садо кун.
Ҳар субҳ намоям ба раҳаш панҷараҳо боз,
Ай бод, гар ин ҷо бизанад гом, сало кун!
Хуршед ба домони уфуқ хаста фурӯ шуд,
Пайдо-ш ба чашмони ману чашми Худо кун.
Ай омаданат нам-нами борони баҳорон,
Бар бодияҳо замзамаи ишқ ато кун.
Роҳест миёни ману ту, роҳи ду олам,
Бархез, давойи ҷараси қофилаҳо кун.
Бигзор, ки дар ҳаҷри ту як бор бигирям,
З-он пас ҳама зарроти маро сели фано кун.
Дар гӯш насими саҳарӣ гуфту чӣ хуш гуфт:
К-эй дӯст, дуое ба Малик-уш-шуаро кун!

***Кароматулло Олимов***

## БА ШОИРИ МУМТОЗИ ТОҶИК АСКАР ҲАКИМ

**(Ба ифтихори 60-солагии зодрӯзи муборак)**

Зистан ошиқона дар дунё
На муяссар шавад ба ҳар фарде.
Бояд эҳсосу шӯру валвалае,
Ҳиммати олию ҷавонмардӣ.
Шеър ҳам ҳосил аз гудози дил аст,
Ҳар қадар ишқ пухта, он улвист.

Шоир ар ошиқ аст, шеър расост,
Ошиқ ар шоир аст, ишқ қавист.

Ман туро шоире шинохтаам,
Ошиқи зиндагию ҳусни Ватан.
Ошиқе, ки зи ишқ моломол,
Шеър бар ишқи туст пироҳан.

Аз «Тарозуи офтоб» диҳад
Тӯшаи нур «Раҳнавард»-онро.
«Рӯзи уммед»-и сабз мебахшад,
«Баргпайванд»-и некмардонро.

«Санги алмос»-и туст пурҳикмат,
Рӯй овардаӣ ба сӯи Худо.
Розиям. Тоату ибодат кун,
Гесуи ёрро накарда раҳо.

Табъи болидаи ту ҳамчу чаман
Рангу бӯи муааттаре дорад.
Дар гулистони шеъри сабзи Ватан,
Тухми гулҳои меҳр мекорад.

Тарк кардӣ маликии шуаро,
Лоиқи тахти Бахт шуд Меҳмон.
Сӯи ту «...Боз мерасад хуршед»,
Мекашӣ боз бори «Шеъру замон».

Аскаре буда дар набарди адаб,
Гашта фармондеҳе ба истеъдод,
Ту ба шаст омадӣ ба шӯхиҳо,
Шӯхиҳои хушат муборак бод!

**Барои Аскар Ҳаким**

На аз таъриф мамнунӣ, *
На аз танқид маҳзунӣ, *
На чун Фарҳод дар кӯҳӣ,
На дар саҳро чу Маҷнунӣ.
Туӣ як шоири ошиқ,
Ки дорӣ реша дар эҷод,
Ба он гавҳорабахшӣ ту, *
Кунӣ қасри сухан бунёд.
Ки дар он ишқ биншинад
Ба курсии шаҳаншоҳӣ,
Вафо пирӯз гардад бар
Бадахдиҳою гумроҳӣ.
Чу базми ошиқон барпо
Шавад аз баҳри дилдорон,
Дар он шоир шавад соқӣ,
Ғазал дар вай шавад гардон.
Ғами дунё равад аз сар,
Набошад фикри симу зар,
Арӯси маънӣ ояд чун
Зи ҳиммат карда пур соғар.
Муборак бод бар он дил,
Ки шуд бар ишқ ӯ манзил,
Ҳакими шоир андар он
Бисозад одами комил.

*** Ишора ба байтҳои шоир аст.**

***Кароматулло Олимзода 3.12.2019***

*Ҳақназар Ғойиб*

## БА ДӮСТИ АЗИЗ, АСКАР ҲАКИМ

Ҳар ҷой, ки Аскар аст, Афсар ҳам ӯст,
Бо Аскару Афсараш сафдар ҳам ӯст.
Дар бешаи сабзи шеъри зебои Аҷам
Бабр асту паланг асту ғазанфар ҳам ӯст.

*Нукраи Суннатниё*

## ШОҲИ ИШҚ
**Ба устод Аскар Ҳаким**

Ту аскари роҳи ишқ ҳастӣ, бошӣ!
Сарбози сипоҳи ишқ ҳастӣ, бошӣ!
Дар рӯи замин намонад ар холи гуноҳ,
Ғарқе ба гуноҳи ишқ ҳастӣ, бошӣ!
Чашме набарад қарору ороми туро,
Мафтун ба нигоҳи ишқ ҳастӣ, бошӣ!
Аз ишқ ҳама ҷоҳу ҷалолат бошад,
Хуррам ба паноҳи ишқ ҳастӣ, бошӣ!
Даргоҳи карам зи ишқ обод турост,
Билло, ки ту шоҳи ишқ ҳастӣ, бошӣ!
Мебош, ки лоиқи номат бошӣ,
Сад сол зиӣ, соқу саломат бошӣ!

*Ашот Саггратян*

## БАРОИ АСКАР ҲАКИМ

Замоне ки замин буд бехабар аз коғазу аз хат,
Замоне ки халоиқ бехабар з-имлову иншо буд,
Ба худ маъво дар оташхонаҳо бигрифта рӯзу шаб,
Нигаҳдорандаи мероси мардум муғ ба дунё буд.

Миёни ҷону тан тавфиқ дидан орзушон буд,
Ва инро то кунун хоҳанд дар ин олами фонӣ.
Қарореро намедонанду дар часпу талошастанд
Барои иттифоқу иттиҳоди ҳар тану ҷоне.

Ва мебинанд инро дар рагу пай, печу тоби хун,
Ба ҳар як зодаи муғ рози ин гардиш бувад равшан.
Ибодатхонаро муғ карда маъво, бесабаб набвад,
К-ибодат медиҳад осудагӣ муғро ба ҷону тан.

Ибодат бахри ҳар як муғ бувад мероси аҷдодӣ,
Ибодат бахри ҳар як муғ бувад шуғли басо дилбанд.
Ибодат ҳар касеро мебарад то осмон боло,
Ибодат медиҳад ҳар обидеро бо Худо пайванд.

Вале ҳар он чӣ медонистӣ з-асрори азал Зардушт,
Муяссар гашта буд ӯро фақат бо ақлу идрокаш.
Бувад ӯ аввалин пайғамбар аз пайғамбарон моро,
Зиҳӣ бар гуфтаву кораш, равонии қудсии покаш.

Ту гӯӣ чашми Яздон буд худ ӯ, нури имон буд,
Мақом ин сон муяссар кай шавад бар зодаи одам.
Суханҳояш пур аз ҳикмат, «Авасто» – рӯди илҳомаш,
Зи нури ҳикматаш равшан бувад ҳар гӯшаи олам.

***Тарҷумаи Ҳикмат Раҳмат.***

***Озарахш***

Номаат аз ҳар ду сӯ номи худатро дошт:
Гуфтугӯи як мунаққид буд бо шоир,
Суҳбати Аскар Ҳакиме бо Ҳаким Аскар,
Дар ҷавоби моҷарое бесару охир.

Қиссат аз қиссаи соҳибкаломе буд,
Дар ҷаҳони ғайбату ҳангомаҳои пуч
Доштӣ исён вале бо эҳтироме хос
Пираҳан медӯхтӣ бар ҳарфҳои луч...

Мекашидӣ бо тарозуофтоби хеш,
Аз дили баҳри дамонат ганҷҳоеро
Мениҳодӣ санги худро ҳамчунон алмос,
Менамудӣ кори гавҳарсанҷҳоеро:

Эй азизон, мо агар аҳли адаб бошем,
Байнамон ин кинаву рашку танаффур чист?
Он, ки ин ҷо жожҳо по дар ҳаво хояд,
Мешиносад, аз қалам фарқи қаламфур чист?

Эй азизон! Мактаби Айнист ин мактаб!
Дарси Турсунзодаро боре ба ёд орем,
Дур не, аз сарнавишти Лоиқи ошиқ,
Чашмаи сарводаро боре ба ёд орем...

Эй азизон! Ман шуморо дӯст медорам,
Օнчуноне, ки қаламрову қаламкашро
Мешиносам! Мешиносам ҷумла бар ҷумла,
Ончуноне, ки аламрову аламкашро...

Номаат аз ҳар ду сӯ номи худатро дошт:
Гуфтугӯи як мунаққид буд бо шоир,
Суҳбати Аскар Ҳакиме бо Ҳаким Аскар,
Дар ҷавоби моҷарое бесару охир...

***Ғ. Ғиёсванд***

## «ЧӢ КУНАД БЕНАВО, ҲАМИН ДОРАД?»

*Охирин навиштаамро ба муносибати мусофирати донишманди арҷманд **ҷаноби дуктур Аскар Ҳаким** ба Пуртланди Амрико барои ёдбуд ба ҳузурашон тақдим медорам.*

### АСИРИ ДИЛ

Дило, як дам ту бар ман гӯш медор,
Ба умрам ҳар чӣ гуфтӣ, гӯш кардам.
Биё аз хоби ғафлат шав ту бедор,
Бубин, заҳре, ки додӣ нӯш кардам.
Ҳама дар зиндагӣ чун марди диндор
Итоат гурбаро чун муш кардам.
Шабонгоҳон асири фикру пиндор
Зи бехобӣ тане мадҳуш кардам.
Ба дасти худ дар ин дунёи табдор
Чароғи умри худ хомӯш кардам.
Агар сӯзам чу испанду сапедор,
Сазои ман, ки бар ту гӯш кардам.
Раҳо гаштам кунун з-ин зулми хунбор,
Ки тарки дину ақлу ҳуш кардам.

***Ванкувер – Вошингтон***
***17 оврели 1993.***

***Усмон Олим***

## БАРОИ УСТОД АСКАР ҲАКИМ

Роздонаш, ки ниёи ховар аст,
Хизрдонӣ пешаи Искандар аст.
Солҳо дилдодаи шеъри Аҷам
Мулки маъниро ҳакиму аскар аст.

*Мирзо Файзалӣ,*
*Шоири халқии Тоҷикистон.*

## БА АСКАР ҲАКИМ, ШОИРИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН

Ӯ на танҳо шоир асту олим аст,
Дилқавӣ, инсони зӯру солим аст.
Шеър – олӣ, лаҳн – ширин, хулқ – хуш,
Қитъае аз шеъриятро ҳоким аст.

Навқаламҳоро ҳамеша дастгир,
Маслиҳатгар, устоди беназир.
Аскари назм аст, бо сеҳри сухан
Қалбҳоро мекунад бар худ асир.

Пеши рӯ орам замони шӯру шанг,
Буд аҳли завқро аҳвол танг.
То ки монад Иттифоқи мо ба ҷо,
Ҷаҳдҳо бинмуд ин марди шанг.

Дар фани шеър устоди барҳақ аст,
Ҳарфи беҷо дар ҳақи ӯ лақ-лақ аст.
Саҳми ӯро дар нумӯи шеъри мо
Ҳар касе инкор созад, аҳмақ аст.

*Нурмуҳаммад Ниёзӣ,*
*Шоири халқии Тоҷикистон.*

Аскаре дар қаламрави шеър аст,
Бо қалам мекунад силаҳдорӣ.
Бо равонсӯзию сухансозӣ
Ӯ Ватан мекунад нигаҳдорӣ.

Гарчи бигзашт солҳои дароз,
Рутбаи ӯ намешавад дигар.

Рафт ӯ то ба Маҷлиси Олӣ,
Бозгашту дигар нашуд Аскар.

Хидмати аскари-ш беохир,
То ба сад солу то ба садҳо сол.
Низ ҳар шеъри ӯст як аскар,
Доимо банди касбу кори ҳалол.

Шоири Аскар, Аскари шоир
Аскар аст, аскари сухандон аст.
Суханаш кору кори ӯст сухан,
Аскар аст, аскари ватанбон аст.

* * *

Аскаре, ки то ба ҳафтод аст аскар, Аскар аст.
Аскаре, ки то ба ҳаштод аст аскар, Аскар аст.
Аскаре, ки то навад, то сад намегардад дигар,
Чун қалам афтода, н-афтодаст аскар, Аскар аст.
Ӯ чӣ дарёе, ки бо якчанд маҷро меравад,
То ба нақду шеър устод аст аскар, Аскар аст.
Баҳри тоҷик кӯчак аст, ӯро ҳазаҷ ҳасту рамал...
По ба укёнус бинҳодаст аскар, Аскар аст.
Ӯ дуои дигарон гӯяд, Расулашро дуост,
Некрою некбунёд аст аскар, Аскар аст.
Партизанвор аст рафтораш ба майдони сухан,
Қуфли сад махзан, ки бикшодаст аскар, Аскар аст.
Баргпайвандаш асоси боғҳои беназир,
Доди маъниро чунин додаст аскар, Аскар аст.
Ғусса мехоҳад миёнгираш кунад аз чор сӯ,
Муҳри ханда бар лаб озод аст аскар, Аскар аст.
Чашмаи Дарвозро бо рӯди Сир кардам қиёс,
Фарқи он нодида ҳам шод аст аскар, Аскар аст.
Мустаҷоб афтад дуои Нур дар рӯзи нишот,
Сангаш алмос аст, Фарҳод аст аскар, Аскар аст.

Зеби дафтар, зеби девон Аскар аст,
Дар балоғат, дар фасоҳат Аскар аст.
Дар “Шаҳодатнома”-аш гар Аскар аст,
Лек дар майдони шеър ӯ афсар аст.



**Икромнисохони Умар – модаркалони падарии Аскар Ҳаким.**




**Мирзоҳакими Мирзоолим – падари Аскар Ҳаким.**



**Мирзоохуни Мирзоолим – амаки Аскар Ҳаким.**



**Аскар Ҳаким – талабаи мактаб.**



**Аскар Ҳаким – талабаи мактаб.**





**Аскар Ҳаким – талабаи мактаб,** **Аскар Ҳаким – донишҷӯи донишгоҳ.**



**Аскар Ҳаким – узви маҳфили "Адибони ҷавон"-и донишгоҳ.**



**Аскар Ҳаким қасами ҳарбӣ ёд мекунад, Белоруссия.**



**Аскар Ҳаким – аспиранти Донишгоҳи давлатии Маскав.**



**Аскар Ҳаким бо Семен Липкин, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Иосиф Брагинский, Ҷалол Икромӣ ва Шавкат Ниёзӣ дар ИН, Маскав.**



**Аскар Ҳаким бо устод Мирзо Турсунзода ва гурӯҳи нависандагон дар ИН, Маскав.**



**Аскар Ҳаким**



**Аскар Ҳаким – арӯсӣ, Хуҷанд.**



**Аскар Ҳаким ҳангоми пешвози адибони Русия.**

***

*Гар лоиқи ин кӯҳиву тахти падарон*
*В-ин хоки дилогаҳеву соҳибназарон*
*Ё савту садои ҳафт гунбад бишунав,*
*Ё бонгу нидо зи ҳафт гунбад гузарон.*

***

*Айёми ҷавонӣ ҳавасе доштаме,*
*Садҳо ҳавасе ҳар нафасе доштаме.*
*Дар дастраси хоҳиши дил гӯям ҳол,*
*Кош он ҳаваси барабасе доштаме!*



**Аскар Ҳаким – барандаи маҳфили 50-солагии Аминҷон Шукӯҳӣ.**




**Аскар Ҳаким бо шумораи аввалини рӯзномаи "Маданияти Тоҷикистон", ки соли 1982 ба ҳафтавори "Адабиёт ва санъат" табдил шуд.**



**Аскар Ҳаким дар қабули шаҳрдори Штутгарти Олмон.**



**Аскар Ҳаким бо (аз чап ба рост) Алекс Ла Гума, нависандаи Африқои Ҷанубӣ, Анвар Олимҷонов, раиси ИН Қазоқистон.**



**Аскар Ҳаким бо хонавода дар кӯчаҳои Душанбе.**



**Аскар Ҳаким роҳбари ҳайат дар Рӯзҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар Ӯзбекистон. Шоири ӯзбек Рамз Бобоҷон, сароянда Шоиста Муллоҷонова, доирадаст Аъло Аъолоев.**



**Аскар Ҳаким бо устодон Боқӣ Раҳимзода ва Муҳаммадҷон Шакурӣ дар назди мақбараи Исмоили Сомонӣ, Бухоро.**



**Аскар Ҳаким бо Саттор Турсун ва  устодон Муъмин Қаноат, Расул Ҳамзатов, Давид Кугултинов ва Султон Сафаров дар Ленинград, ҳоло Петербург.**



**Аскар Ҳаким – сардабири ҳафтавори "Адабиёт ва санъат" ба ҳунарпешаи театр Ортиқи Қодир ҷоиза месупорад.**



**Аскар Ҳаким бо сафири ҶИА, нависанда Дастагири Панҷшерӣ, Муъмин Қаноат, Ибод Файзуллоев ва Шодон Ҳаниф.**




**Аскар Ҳаким меҳмони радиои "Би-Би-Си". Аз Аскар Ҳаким ба тарафи рост: Боқир Муин, Камол Айнӣ, Маҳмуди Киёнуш, Шавкат Ниёзӣ, Беҳрӯз.**



**Аскар Ҳаким – маҳфили шеър дар толори ба номи М. Турсунзода.**



**Аскар Ҳаким бо гурӯҳи нависандагон дар соҳили Баҳри Сиёҳ, Питсунда.**



**Аскар Ҳаким бо гурӯҳи нависандагон дар ИНТ.**



**Аскар Ҳаким бо устод Муъмин Қаноат.**



**Аскар Ҳаким бо устод Ҷўрабек Муродов ва Генрих Боровик, нависанда, Раиси Бунёди сулҳи ИҶШС.**



**Аскар Ҳаким – маҳфили шеър дар театри ш. Тюбингени Олмон.**



**Аскар Ҳаким бо устод Маъруфхоҷа Баҳодуров.**



**Аскар Ҳаким бо собиқ Президенти ҶТ Қаҳҳор Маҳкамов дар толори ИНТ.**



**Аскар Ҳаким бо устодон Муҳаммад Осимӣ ва шоири афғон Лоиқ Сулаймон.**



**Аскар Ҳаким бо нависандаи рус Михаил Алексеев ва адабиётшиноси тоҷик Абдураҳмони Абдуманнон.**




**Аскар Ҳаким бо профессор Турачи Атобакӣ, Баҳром ва Парвона Чамшед дар Амстердами Ҳуланд.**

***

*Фарқ аст миёни хирмани гандуму чав,*
*Ҳам тафриқа дар аспи чувоз асту бидав.*
*То он ки расӣ ба асли хешат, гуфтам,*
*Аз худ бадар о, нагуфтамат аз худ рав!*

***

*Дар дашту даман саманд мебояд буд,*
*Поят ки бувад, даванд мебояд буд.*
*То он ки расад ба тоқи гардун дастат,*
*Як зина зи худ баланд мебояд буд.*



**Аскар Ҳаким дар меҳмонии нависандаи ҷаҳоншумул устод Чингиз Айтматов дар Люксембург.**



**Аскар Ҳаким бо устод Нодир Нодирпур дар Лос-Анҷелеси ШМА.**



**Аскар Ҳаким баъди маҳфили шеъраш ба мухлисон соядаст менависад, Лос-Анҷелеси ШМА.**

Аскар Ҳаким дар "Бешаи палангон".



Аскар Ҳаким дар "Бешаи палангон".



**Аскар Ҳаким дар "Бешаи палангон"пазандагӣ мекунад.**



**Аскар Ҳаким бо духтарчаи хурдиаш – Парисо.**



**Аскар Ҳаким бо нависандагони рус дар Пекини Чин.**



**Аскар Ҳаким устод Расул Ҳамзатовро дар фурудгоҳи Душанбе пешвоз мегирад.**



**Аскар Ҳаким бо академик Ӯлмас Мирсаидов.**



**Аскар Ҳаким бо завҷааш Марҳамат Олимӣ.**



**Аскар Ҳаким бо Сергей Михалков, раиси ифтихории Созмони байналмилалии иттифоқҳои нависандагон, Маскав.**



**Аскар Ҳаким бо нависанда Темур Пӯлодов, раиси СБИН, Маскав.**

*****

*Бадмеҳр самост ё ки хушмеҳр самост,*
*Бо он сари афрохта зери пари мост.*
*Давлат фақат аз болу пари худ ҷӯем,*
*Мо ҷинси уқобем, чӣ парвои Ҳумост.*

*****

*Боло, ки ман аз чуну чаро хоҳам рафт,*
*Бар авҷи Сурайё  зи Саро хоҳам рафт.*
*То азми висоли осмонҳоям ҳаст,*
*Рӯ- рӯйи қади хеш фаро хоҳам рафт.*

*****

*Кунад дониш тавоно одаминро,*
*Диҳад пирӯзиву қудрат каминро.*
*Фишанги Архимед ар сохтастӣ,*
*Ба як ангушт бардорӣ Заминро.*



**Аскар Ҳаким дар Маскав.**



**Аскар Ҳаким бо Маҳмадсаид Убайдуллоев, Раиси Маҷлиси миллии МО ҶТ ва шоири рус Станислав Золотсев, Душанбе.**



**Аскар Ҳаким − шеърхонӣ дар Теҳрон, Эрон.**




**Аскар Ҳаким бо Қаҳрамон Сулаймонӣ, ройзани фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон.**



**Аскар Ҳаким бо Гулафзо Савриддинова, Қоҳир Расулзода, Турсунбой Раҳматов ва Усмонқул Шокиров дар маросим ҷашнӣ, Душанбе.**



**Аскар Ҳаким  бо Фирӯза Турсунзода ва Гулмаҳмадов дар ҷашни 90-солагии устод М. Турсунзода, Қаротоғ.**

***

*Ҳар кас, ки сухан сохт, ватан иншо кард,*
*Ҳуббулватане ба ҷону тан иншо кард.*
*Бар хома набуд саҳл иншои сухан,*
*Сарро ба буриш доду сухан иншо кард.*

***

*Чун синаи арш аст пур аз рози баланд,*
*То гӯши баландаш расад овози баланд.*
*Бо боли замингир ба гардун нарасӣ,*
*Парвози баланд хоҳад оғози баланд.*

***

*Ба рӯйи субҳдам шоми ҳиҷоб аст,*
*Ҳиҷоб аз субҳ бардорӣ савоб аст.*
*Сано бодо ба равшанкори фардо,*
*Ки шаб ҳам дар талоши офтоб аст.*

**Аскар Ҳаким дар ҷашни Наврӯз.**




**Аскар Ҳаким дар ҷашни Наврӯз.**



**Аскар Ҳаким дар Баҳри тоҷик.**



**Аскар Ҳаким  дар буркаи эҳдоии устод Расул Ҳамзатов.**




**Аскар Ҳаким дар минбари Иҷлосияи парламентии кишварҳои Осиё, Манила, Филиппин.**



**Аскар Ҳаким бо ордени "Зафар"-и давлати Филиппин сарфароз шуд.**



**Аскар Ҳаким бо академик Акбар Турсон.**



**Аскар Ҳаким дар раёсати Маҷлиси миллии МО ҶТ.**




**Аскакр Ҳаким дар раёсати Форуми байнипарламентии кишварҳои муштаркулманофеъ, бо Раиси Думаи Далатии Россия Геннадий Селезнев, Раиси Шӯрои Федератсияи Россия Сергей Миронов, Санкт-Петербург.**



**Аскар Ҳаким бо Афзалшоҳи Шодӣ, маҳфили шеър дар театри Лоҳутӣ.**



**Аскар Ҳаким баъди маҳфили шеър дар театри Лоҳутӣ.**



**Аскар Ҳаким – бо шоирони Афғонистон Гулнур Баҳман, Партав Нодирӣ ва шоири тоҷик Рустам Аҷамӣ, Кобул.**



**Аскар Ҳаким – диклама дар маҳфили шеър.**



**Аскар Ҳаким – суҳбат дар маҳфили адабӣ.**



**Аскар Ҳаким бо мухлиси шеъраш Мизроб Кабиров, Раиси Дастгоҳи МНМО ҶТ.**



**Аскар Ҳаким бо профессор Орифи Навшоҳӣ, донишманди покистонӣ ва гурӯҳи олимону нависандагон, Хуҷанд.**



**Аскар Ҳаким бо духтараш Рухшона.**



**Аскар Ҳаким дар симпозиюми  илмӣ.**

**Аскар Ҳаким бо дутараш Парисо.**



**Аскар Ҳаким бо дутараш Парисо.**



**Аскар Ҳаким дар саҳни Иттифоқи нависандагон.**



**Аскар Ҳаким шеърхонии наберагон дар маҳфили шеър.**



**Аскар Ҳаким бо духтаронаш Парвин ва Таҳмина дар Тоҷмаҳали ш. Аграи Ҳиндустон.**



**Аскар Ҳаким бо шоирон Фарзона ва Нурмуҳаммад Ниёзӣ.**

***

*Эй дил, ду ҷаҳон кам аз музофоти ту аст,*
*Дар арзу само нақши мулоқоти ту аст.*
*Дар олами шоирӣ мукофот маҷӯй,*
*Шеъре, ки бигӯйӣ ту, мукофоти ту аст.*

***

*Фарёди дили маро кӣ фарёдрас аст,*
*Фарёди дил аст ин,  на садои ҷарас аст.*
*Мо табл набошем, ки моро кӯбӣ,*
*Мо тори рубобем, ки як захма бас аст.*

***

*Баландазмӣ насозад то раҳоят,*
*Сафар бояд ба сӯйи бениҳоят.*
*Бигир аз бениҳоят тӯшаи роҳ,*
*Ки бар мақсад расӣ рӯзе ниҳоят.*



**Аскар Ҳаким дар ҷаласаи Иттифоқи нависандагон.**



**Аскар Ҳаким бо гурӯҳи адибон дар зиёрати мақбараи Туғрали Аҳрорӣ, ноҳияи Айнӣ.**



**Аскар Ҳаким бо Нурмуҳаммад Ниёзӣ ва ҳамдеҳотиён.**



**Аскар Ҳаким бо гурӯҳи адибон дар назди мақбараи Камоли Хуҷандӣ, Хуҷанд.**



**Аскар Ҳаким дар маҳфили шеъри яке аз мактабҳои ш. Душанбе.**



**Аскар Ҳаким – бо Президенти Академияи илмҳои ҶТ Фарҳод Раҳимӣ, сардабири ҳафтавори "Тоҷикистон" Шариф Ҳамдампур, маҳфили адабӣ.**

***

*Дил бошаду азми мард, майдон ҳама ҷост,*
*Гар азми ту нест сард, майдон ҳама ҷост.*
*Шамшерат агар занг набаста ба ниём,*
*Дорӣ ҳаваси набард, майдон ҳама ҷост.*

***

*Тоҷики куҳан, ҳазор дастон дорӣ,*
*Чизе, ки намеравад зи даст, он дорӣ.*
*Кас бошад агар ба пушти сар ҳар касро,*
*Ту пушти сарат Рустами Дастон дорӣ.*

***

*Хушо, ҳар зода гар озода гардад,*
*На ҳар саҷда пайи саҷҷода гардад.*
*Чунонат ҳомили ҳақ гашт бояд,*
*Ки худ ҳақ дар вуҷудат зода гардад.*



**Аскар Ҳаким дар даромадгоҳи Иттифоқи нависандагон.**




**Аскар Ҳаким – даъватномаи маҳфили шеър.**

***

*Аз мӯру малах то малакам бояд рафт,*
*В-аз авҷи фалак то самакам бояд рафт.*
*Чун нест маро фазои дил зери фалак,*
*Боло зи фазои фалакам бояд рафт.*

***

*Бар нуҳ фалаки ҷаҳон сутун бояд буд,*
*Дар ҳар нафас аз хеш фузун бояд буд.*
*Хоҳад дами вопас рухи ту зард кунад,*
*Монанди ғуруб лолагун бояд буд.*

1 

**Аскар Ҳаким бо шоира Шаҳрия дар роҳи Зидеҳ.**

***

*Афсӯси касе, ки пурхато мегардад,*
*Аз ҳикмати куҳсор ҷудо мегардад.*
*Оҳиста сухан гӯй, ки дар қуллаи кӯҳ*
*Ҳарфе сабаби тармафуро мегардад.*

***

*Олам нашиносӣ, ки шиносӣ хату ҳарф,*
*Сахт аст зи бас тамизи ҳар зишту шигарф.*
*Дар барфи зимистон, ки нахонад булбул,*
*Булбул бувад он зоғ, ки хонад дар барф.*



**Чизе диққати Аскар Ҳакимро  ҷалб кардааст.**



**Аскар Ҳаким бо намояндагони ҳайати Тоҷикистон дар Самарқанд, дар пояи ҳайкали Навоӣ.**



**Аскар Ҳаким дар ҷаласаи адабӣ.**



**Аскар Ҳаким дар сари дастархони хонавода.**

*****

*Аз миллату аз забони худ ёд кунед,*
*Арвоҳи гузаштагони худ шод кунед.*
*То ҳарф занад ба тоҷикӣ тифли шумо,*
*Дунёи варо тоҷикӣ бунёд кунед.*

*****

*Рафтам зи маҷол, то расидам ба камол,*
*Посух, ки биҷустам ба саду анд суол.*
*Ман ошиқи хуршеди саҳархез шудам,*
*Шуд хоб ҳаром, то хурам нони ҳалол.*



**Аскар Ҳаким – нигоҳе ба дуродур.**



**Аскар Ҳаким бо дӯстон дар гузаргоҳи Ойбеки Ӯзбекистон бо Тоҷикистон.**

*****

*Ҳар ҷой, ки аскарест, афсар ҳам ҳаст,*
*Бар ҳар сафи бешикаст сафдар ҳам ҳаст.*
*Навмед машав зи хори девори баланд,*
*Ҳар ҷой, ки девор бувад, дар ҳам ҳаст.*

*****

*Ҳайф аст, агар ба ҷустани фол афтам,*
*Аз хеш бимонам, пайи абдол афтам.*
*Гар даври фалак хирмани худ бардорад,*
*На донаи хурдам, ки зи ғирбол афтам.*



**Аскар Ҳаким – бо устод Темур Зулфиқоров дар Осорхонаи устод Садриддин Айнӣ.**



**Аскар Ҳаким бо хонавода.**



**Аскар Ҳаким дар Регистони Самарқанд.**



**Аскар Ҳаким дар назди мизи кории устод Айнӣ, Осорхона, Самарқанд.**

***

*Аз ҳар чӣ сабук ё ки гаронтар сухан аст,*
*То он ки варо кор ба ҷон асту тан аст.*
*То зинда манам, бори тамоми олам*
*Бар рӯйи чаҳор пояи мизи ман аст.*

***

*Сармояи умрам дили огоҳи ман аст,*
*Огаҳдилиам ҷалолу ҳам ҷоҳи ман аст.*
*Дунболаравии раҳи ман осон нест,*
*Роҳе, ки барад ба осмон, роҳи ман аст.*




**Аскар Ҳаким бо гурӯҳи нависандагон дар роҳи Роғун.**

***

*Раҳ сохтаву раҳбарӣ омӯхтаем,*
*Сар бохтаву сарварӣ омӯхтаем.*
*Ойинаи мо шикаст агар сандонро*
*На дилшиканӣ, дилбарӣ омӯхтаем.*

***

*Мо бо дили хештан, ки маҳфил дорем,*
*Дар синаи дилшинос манзил дорем.*
*Як зумра бифахранд ба сад молу манол,*
*Мо боиси ифтихор як дил дорем.*



Меҳмонӣ дар хонаи Камол Айнӣ, бо Ричард Фрай ва дигарон



Бо Қутбӣ Киром ва шоири афғон Борик Шафеӣ

0



Бо гурӯҳи адибони тоҷик



Бо ҳайати кормандони маҷаллаи
“Садои шарқ”



Бо профессор Османова
Зоя Григорьевна



Дар Деҳлӣ, бо духтаронаш Парвин,
Таҳмина ва профессори Донишгоҳи Деҳлӣ
Алӣ Акбар Шоҳ



Дар Ҳуланд, бо профессори Донишгоҳи Утрехт Тӯраҷи Атобакӣ



Бо меҳмонони олмонӣ, дар қалъаи Ҳисор



Дар маросими дафни устод
Мирзо Турсунзода



Дар меҳмонии нависандаи олмонӣ
Райнер Вохеле, Штутгарт



**Бо ноширони китобаш дар Лос-Анҷелос, ИМА**



**Роҳбари ҳайати Тоҷикистон дар Шведсия, Стокголм, бо сафири ИҶШС Борис Панкин**



Бо устод Сотим Улуғзода дар Кӯлоб



Бо корманди масъули Созмони
Милали Муттаҳид, хонум
Маъсумаи Турфа



Бо профессор аз Фаронса,
Масъуди Миршоҳӣ



Қабули сафири Амрико дар Иттифоқи нависандагон



Дар даштҳои Муғулистон



Бо Бозор Собир



Бо Аҳмадҷони Раҳматзод



Дар Деҳлӣ, бо духтаронаш Парвин, Таҳмина ва профессори Донишгоҳи Деҳлӣ Алӣ Акбар Шоҳ



Ҳамроҳи актёрони театри Олмон, Тюбинген



Дар Истамбул, Туркия бо шоири ӯзбек Абдулло Орифов

# Мулоҳизаҳои адибону адабиётшиносон доир ба шеъри Аскар Ҳаким



**Дар бораи шеъри Аскар Ҳаким мешавад, ҳамчун дар бораи воқеияти асили забони русӣ ҳам сухан гуфт, зеро он аз ҷониби устодони сухан Владимир Солоухин, Яков Козловский, Станислав Золотсев, ки асосан классикаи шеъри муосири халқҳои бародарро тарҷума мекарданд, ба забони русӣ баргардон шудааст.**

*Расул Ҳамзатов,*
*адиби машҳури ҷаҳонӣ*



**Маркази сиқли шеъри Аскар Ҳаким инсон аст. Инсоне, ки ҷавҳари инсонии хешро дар халлоқият ва ишқ ба зиндагӣ боз меҷӯяд.**

*Алӣ Асғари Шеърдӯст*
*донишманди эронӣ*



**Аскар Ҳаким достоне шаффофу булӯрин, тозаву тар ҳамчунон Уолт Уитмен эҷод кардааст. Сухани Аскар Ҳаким, сухани тару тоза дар шеъри тоҷик мебошад.**

*Темур Зулфиқоров, адиби русзабони тоҷик*



**Ман ин асарро (манзур "Санги ман-алмос") ҳамчун як падидаи мутлақо нав пазируфтам.**

*Станислав Золотсев, шоири маъруфи рус,*
*тарҷумони "Санги ман-алмос"*



**Дурахши Аскар Ҳаким дар ғазалҳои ӯст...**

*Алиризои Қазва,*
*шоир ва муҳаққиқи эронӣ*



**...Шумо (Аскар Ҳаким) худро ҳамеша ба боғҳои таҷриба мекашед ва хушо, ки решапайванду баргпайванду муғчапайванди Шумо бо Шеър бегазанд аст.**

*Шоираи халқии Тоҷикистон Фарзона*



**... Вақте ки шоир "хонаи ман хонаи дунёст" мегӯяд, бовар кунед, ки ӯ бо ғаму шодии шумо зинда аст, шеъраш ҳам бо ғаму шодии шумо нафас мекашад.**

*Гулназар, Шоири халқии Тоҷикистон*



**Ӯ ҳамчун шахси соҳибистеъдод дар шеър ҳамеша дар ҷустуҷӯи навист.**

*Темур Пӯлодов,*

*Нависандаи халқии Ӯзбекистон*



Меҳмонӣ дар хонаи Камол Айнӣ, бо Ричард Фрай ва дигарон

## М У Н Д А Р И Ҷ А

*Фарҳод Раҳимӣ.* Паҳлуҳои як истеъдод .........................
*Расул Ҳамзатов*. Мисраъҳои пурилҳоми шоир. ...........
*Абдуҷаббор Раҳмонзода.* Назаре ба шеър ва андешаи Аскар Ҳаким................
*Мӯсо Диноршоев.* Бозтоби фалсафа дар шеъри Аскар Ҳаким ……………………………………………………........
*Боймурод Шарифзода.* Ҳафт ҷилди илму эҳсос..............
*Матлубаи Мирзоюнус.* Аскар Ҳаким ва масъалаҳои таҳқиқи шеъри муосири тоҷикӣ ……….......................…
*Абдуннабӣ Сатторзода*. Суханронӣ дар маъракаи рӯнамои «Маҷмӯаи осор»-и Аскар Ҳаким .........
*Абдушукури Абдусаттор.* Назари тоза ба шеъри ғиноии тоҷикӣ .................
*Аҳмад Абдуллоев.* Ҷӯяндаи роҳу тариқаи навин ……
*Тоҷибой Келдиёров.* Шеър – чун махсусият ………
*Ҷумъақул Ҳамроев.* Аскар Ҳаким ………………………
*Умар Сафар.* Дар қаламрави шеъри ҷодуйӣ ...................
*Атахон Сайфуллоев.* Ҷои ҷону ҷои дил ………………
*Неъматҷон Файзуллоев, Носир Салимов.* Рӯ ба ҷовидон …
*Абдураҳмон Абдуманнонов*. Сухан аз шеъру шеърият
*Абдухолиқ Набиев (Набавӣ)*. Уфуқҳои шеъри инсон …
Баррасии достони «Санги ман – алмос» дар Шӯрои СБИН ……………………..
*Дуктур Алиризо Қазва.* Аскар Ҳаким – ғазалсарои мутафовит …………………..
*А. Гордон.* Почва новаторства или книга о творцах создающих красоту . . . . . .
*Муҷиби Меҳрдод.* Аскар Ҳаким – шоири сохторгаро
*Гулназар.* «...Ишқи туро ғазал кунам» ……….
*Сергей Сухоян.* «Нури сулҳ аст ба ҳар ҳарфи салом...» (Андешаҳо
дар бораи достони «Санги ман – алмос»-и Аскар Ҳаким) ……………

*Дуктур Алиасғари Шеърдӯст.* Муқаддимаи ношир …..
*Дуктур Алиасғари Шеърдӯст.* Назарею гузаре бар «Замини сабзи боварҳо» ……………………………………
*Субҳони Аъзамзод.* Ғаризаи таҳқиқ ва диди моҳиятҷӯй дар накд ………………..
*Дуктур Шамсулҳақи Ориёнфар.* Сароишгаре бо забони фохир ва баёни меъёр……………………………………
*Юрий Бобоев.* «Одаме месоз аз худ ҳар даме» ………
*Салимшо Ҳалимшо.* Дафтари дониши андӯхта шӯям дар об ………………………………………………….…
*Абдусалом Самадов.* Аскар Ҳаким: «Шоир зи азал зодаи дард аст...» ...............
*Бахтиёр Муртазоев.* Мевае аз шохаи шеъри баланд …
*Меҳриддин Ғиёсӣ.* Шоире бо сурудаҳои аҳуроӣ .........
*Саидумрон Саидов.* Шеър дар пояи хирад ва маънӣ …
*Усмон Назир.* Ҷонам ҳузур кард …………………….
*Муҳаммадалии Аҷамӣ.* Нигоҳе кӯтоҳ бар қомати баланди шеър……………. . . .
*Ҷамолиддин Саидзода.* Жарфтар аз дарё ва фаротар аз арш . ……………………………………………………
*Мардон Неъматзода.* Сеҳри сухан ……………
*Сайидалии Сайид.* Шеъре баландтар аз Каҳкашон ……
*Фарзона.* Нома ба устод Аскар Ҳаким………
*Неъмати Оташ.* Соҳибсухани некӯхисол ………………
*Адиба Хуҷандӣ.* Сухане аз як ғазал ............................
*Дуктур Сайид Алӣ Мӯсавии Гарморӯдӣ.* «Хезад аз ҳанҷараи фохта оҳанги булӯрини саҳар» …………
*Парда Ҳабиб.* Шеъре, ки ҳамзамони мост ……………
*Шаҳрияи Адҳамзод.* Дар шаҳри муҳаббат абадӣ зинда шавем! …………………
*Муҳриддин Сабурӣ.* Дар қаламрави шеъри нав .....
*Ҳафиз Раҳмон.* Шеъре ҳамсони ниёиш.............
*Бухориев Олим.* Лаҳзае бо шеър будан ……….
*Шаҳрияи Адҳамзод.* Шоир – забони миллат ва адолат .
*Барнои Қодирдухт.* Гавҳари шеър азалӣ ва абадист......
*Одили Нозир.* Инсон бояд озод бошад! ....................

**Шеърҳо бахшида ба Аскар Ҳаким**

*Шаҳноз.* Паёми шоир ……………………………………
*Кароматулло Олимов.* Ба шоири мумтози тоҷик Аскар Ҳаким, Барои
Аскар Ҳаким. . …….......................................…... . . .
*Ҳақназар Ғойиб.* Ба дӯсти азиз Аскар Ҳаким ……
*Нуқраи Суннатниё.* Шоҳи ишқ ………………………………
*Ашот Сагратян.* Барои Аскар Ҳаким ………………..
*Озарахш.* Номаат аз ҳар ду сӯ номи худатро дошт ………
*Ғ. Ғиёсванд.* Асири дил ……………………….
*Усмон Олим.* Барои устод Аскар Ҳаким …………
*Мирзо Файзалӣ.* Ба Аскар Ҳаким, Шоири халқии Тоҷикистон …….…………… .
*Нурмуҳаммад Ниёзӣ.* Аскаре дар қаламрави шеър аст
Аскаре, ки то ба ҳафтод аст аскар, Аскар аст